Редукции и образность употребления слова обусловливает именно игровой характер. Как это доказать? Проследим, уменьшается или увеличивается количество признаков денотата, взятого в качестве основы метафоры, если рассматривать метафоризацию слова не в статике, как результат процесса, а в динамике, как процесс, то можно констатировать движение от максимума признаков к их минимуму. Недостаточно тонкой и точной является следовательно, формулировка вопроса (уменьшается, или увеличивается количество признаков предмета, взятого в качестве основы метафоры?). От степени типичности значении зависит количество признаков. Сначала увеличивается набор признаков, а затем, если слово входит в лексический фонд языка, начинает уменьшаться, ослабевать. Стандартизация значений сопровождается угасанием образности, превращением слова-представления в слово понятие. Абстрактные существительные зверство, свинство, восходящие к словам первоначально образным по своей семантике, являются дополнительным аргументом в пользу того, что в словах зверь, свинья игровая редукция признаков сменилась на стоящей, реальной редукцией.

Утрата образности, недолговечность образности видимо, объясняются известной трудностью сохранить мнимую редукцию признаков, не превратить ее в редукцию реальную, полную, абсолютную.

Говорят о злом человеке - зверь, собака, о хитреце — лиса, о задире — петух, тогда в сознаний говорящего далеко не всегда возникают полнокровные образы данных реалий. Амортизацию образов вызывает употребительность переносных значений. Правда, с примерами «слабообразных» переносных значений приходится быть осторожным. Во-первых, переносные значения по сравнению с прямыми представляют собой в большей степени процессы, нежели факты, а уникальность каждого слова, несовпадение отметок на «шкале процесса» затрудняет классификацию переносных значений по степени образности. Во-вторых, наше восприятие, в том числе восприятие исследователя языка, остается во многих своих чертах достаточно субъективным, чтобы однозначно решить вопрос: произошло ли в том или ином слове угасание образа?

Сменилась ли «игра» всех признаков денотата «работой» одного-двух ключевых признаков?

Игровой, фиктивный характер редукции наглядно проявляется в одной, довольно интересной синтаксической модели, выражающей сравнение через отрицание: Не ребенок, а горе (не А, а В). Ср.: (Об аккордеоне)... не инструмент — сказка. (И.Шулькина); Не старшина — саратовские страдания. (Ю. Бондарев); Набегались за это утро. Не инженеры, а кенгуру какие-то, честное слово. (М.Анчаров).

Дополнительным аргументом игровой редукции признаков как основы образного употребления может служить возникновение новых, временных синонимических отношений между словами в их окказиональных и узуальных оценочных значениях. Условия синтаксической однородности поддерживают эту синонимию: Хватит мне всего! И денег, и женщин, и развлечений, и комфорта! Это

все шелуха, целлофан. (В. Орлов); Думают — он все может. А он несчастнее ее — раб, кукла, тень. (И. Эренбург); Дом шестнадцатый этажный — модерн, сказка, компот из свежих вишен, как выражается он. (И. Шулькина).

С неумением редуцировать может быть связана трудность создания метафоры, который «зачеркиваеть» определенное множество существенных для предмета признаков. В то же время излишнее зачеркивание может служить средством создания комического, например: Коля очень любил спать и относился к этому делу, можно сказать, профессионально. Называл он это занятие «сидеть на спине». (И. Грекова).

Мнимая, игровая редукция признаков, разумеется, не объясняет всего механизма возникновения образности, она раскрывает один из этапов этого процесса. Понятие величины, меры, степени образности связано с изучением механизма возникновения образности. Но это и самостоятельная проблема. Как уже было сказано, степень образности обрат но пропорциональна степени распространенности значения. Однако существует и другой аспект данной проблемы: усиливается ли образность в условиях однородного ряда, «однородной неоднородности»? Обратимся к примерам: А тут не человек — бык, танк прет впереди тебя! Без передышки, без роздыху. (Ф. Абрамов); ... сотни юношей-матросов прошли передо мной. ... ни в ком я не понял сути. Сплошная тайна. Сплошная закрытость. Сейф. Туманность Андромеды. Черная дыра. Черный ящик. (В. Коне цкий).

Усиление выразительности, экспрессии при однородном словоупотреблении в первом предложении и в параллельных парцеллированных конструкциях во втором — налицо. Налицо и усиление оценочности. Что же касается образности, то два, три, четыре сменяющих друг друга образа оказываются тем порогом, барьером, дозой на единицу текста, после которой дальнейший каскад сравнений работает уже вхолостую, образность оборачивается безобразностью, обычной понятностью. Извлеченный из слов сравнений семантический корень (признак) нейтрализует дальнейшие образы. Ослабление образности особенно заметно в тех случаях, когда извлеченный признак является оценочным по своей функции. Если оценка и образность в рамках одного слова, одного сравнения усиливают друг друга, то в многочленных однородных рядах оценочная функция подчас заглушает образность некоторых слов. Степень образности как лингвистическая проблема должна изучаться в единстве двух названных аспектов. Известно, что контекст реализует одно какое-либо значение слова, но по отношению к макроконтексту это положение едва ли является непреложным. При определенных условиях макроконтекст освещает парадигму значений, отражая одно значение слова в другом. Ср.:— У нас вы преподаватель математики,— сказал завуч.— И, кроме того, вы классный руководитель.— Увы, руководитель я далеко не классный... (М. Анчаров); Я все более понимала, что детский сад — это не учреждение, это сад... (Е. Богат).

Итак, при исследовании механизма возникновения образа в слове следует учитывать как игровую редукцию признаков в значении слов, так и изменение (усиление, ослабление) образности в условиях контекста.

В заключение остановимся на том, как соотносится категория образности с категорией эстетического, художественного в языке. На первый взгляд, эти отношения вписываются в оппозицию «средство — цель, прием — результат». Художественную значимость может приобрести, как известно, любой элемент языка, будь то слово, синтаксическая модель, фразеологизм, морфема и даже звук, как, например, в следующем отрывке: Мы постояли, посмотрели на него дом через низкую ограду, сквозь этот еще редкий сад, узорчатый на чистом закатном небе... Лиза, Лаврецкий, Лемм... И мне страстно захотелось любви (И. Бунин).

Приведем пример «извлечения» образности из «обычного» слова:

Общая работа накапливается в душе одного человека (В. Шкловский).

Однако парадоксальность отношений образности и художественности заключается в том, что образность — это не просто один из бесконечного числа приемов создания художественности; это такой прием, такое средство, которое с равным основанием трактуется и как результат, цель словоупотребления. «Эстетическая языковая информация обладает большим потенциалом внушаемости: она воздействует на поведение человека посредством апелляции к эмоциональной сфере психики и через нее к сознанию, вооружая человека особым видением всего окружающего»[3: 23].

В этом плане показателен следующий пример:

- Где-то я прочитала,— невпопад произнесла Сандра,— что человек глуп, потому что тянется к звездному небу, забыв, что сама земля есть звезда. (И. Ефремов).

Эстетическую функцию выполняют и прямые, и переносные значения слов, причем нередко эстетический эффект текста возникает на основе синтезированного, развернутого образа. Например: Казалось, будто деревья вскинули знамена: алые, пурпурные, позлащенные, зеленые — и вот-вот двинутся на Красную площадь, как праздничные колонны. (И.Сельвинский).

Следует также учесть, что «оценки эстетических качеств языковых средств подвижны: они подвержены историческим изменениям, а в синхронном срезе эстетические оценки соотносятся с

нормами разных типов языка, его стилей, жанров, форм... и индивидуальными представлениями об этих нормах...»[4, с.22].

Видимо, проблему взаимоотношений категории образности с категорией эстетического, художественного в языке предстоит решать вкупе с проблемой жанров, видов литературы и, следовательно, с проблемой жанрообразующих средств художественной речи.

Перечень вопросов, рассмотренных в статье, едва ли можно считать исчерпанным, тем более что речь идет о таком сложном лингвистическом феномене, каким является образность в семантике слова. Так, остается неясным, как взаимодействуют понятие и представление в слове? Можно ли вести речь о критериях определения образности? Возможна ли вторичная образность, порождаемая не прямым, а производным значением слова? Как соотносятся образность и художественная символика? В каких теоретических понятиях оптимально раскрывается сущность образного значения, сущность образности?

Решение этих вопросов приблизит к пониманию диалектики слова —диалектики универсального и уникального.

ЛИТЕРАТУРА

1. Азимов Э.Г. Информационно-коммуникационные технологии в преподавании русского языка как иностранного: Методическое пособие для преподавателей русского языка как иностранного. / Э.Г. Азимов - М.: Русский язык. Курсы, 2012.-7 с.
2. Выготский Л.С. Развитие высших форм внимания в детском возрасте. // Избранные психологические исследования. / Л.С. Выготский - М., 1956. – 417с.
3. Каримова И.Х. Актуальные вопросы обучения русскому языку в условиях поликультурной и многоязычной среды в Республике Таджикистан //Актуальные вопросы обучения русскому и английскому языкам в условиях поликультурной и многоязычной среды: Материалы международной конференции (Душанбе, 27-28 февраля 2014 г.). -Душанбе, 2014. - С. 3-6.
4. Киселева Л.А. Вопросы теории речевого воздействия. / Л.А. Киселева Л., 1978. – 24с.
5. Львов М.Р. Словарь антонимов русского языка. / М.Р. Львов – М., 1985.
6. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова – М., 1999.
7. Маджидов Х. Самостоятельная работа студентов (методическое пособие на тадж. яз.). / Х. Маджидов, Р.Р.Мирзоев и др. Душанбе, «Эр-граф», 2009. - 70 с.
8. Организация и планирование самостоятельной работы студентов на ФФК / Сб. науч. тр. М., 1991.
9. Скворцов Л.И. Словоупотребление // Культура русской речи:
10. Энциклопедический словарь-справочник / под ред. Л.Ю. Иванова и др. –М., 2007.
11. Скляревская Г.Н. Введение // Толковый словарь русского языка начала XXI века. Актуальная лексика / под ред. / Г.Н. Скляревской. – М., 2008.
12. Словарь синонимов русского языка / под ред. А.П. Евгеньевой. – Л., 1970- 1971.
13. Словарь сочетаемости слов русского языка / под ред. П.Н. Денисова, В.В. Морковкина. М., 2002.
14. Умарова Б.Х., Хусанова Т.К. Методическое пособие по русскому языку (для самостоятельной работы студентов при кредитной системе обучения). / Б.Х. Умарова, Т.К. Хусанова - Душанбе, Эр-Граф, 2010. - 127с.
15. Шарипов Д. Дидактические основы формирования навыков самостоятельной работы студентов в процессе обучения. Автореф.докт.пед.наук. / Д. Шарипов -Душанбе, 1997. - 50 с.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ОБРАЗНОГО СЛОВОУПОТРЕБЛЕНИЯ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье рассматривается образное словоупотребление в русском языке как речевая и языковая категория. Причины образного переосмысления слова основываются на многих аспектах. Автор их сгруппировал таким образом: гносеологический, психологический, прагматический, собственно языковой аспект.

По мнению автора в гносеологическом плане предпосылки образности кроются в способности языка отражать отношения сходства между предметами. При исследовании причин образного употребления - гносеологический аспект перекликается с аспектом психологическим.

В психологическом плане предпосылки образности лежат в ассоциативном характере мышления. Метафора может возникнуть на основе признаков, самому предмету подчас и несвойственных, но приписываемых ему по ассоциации с другими предметами.

Прагматическая мотивация образности заключается в стремлении говорящего повысить воздействие речи на адресата. Не случайно образный компонент значений часто бывает, связан с оценочным компонентом.

Собственно языковые предпосылки образного словоупотребления заложены в природе языкового знака. Прямое значение слова тоже может стать источником образности, особенно в художественном тексте при умелом соположении слов.

Автор уверен, что проблема образности касается лексического материала, «сырья» для создания образных значений. Механизм возникновения образности связан, как принято считать, с усилением одних признаков и ослаблением других.

В целом категория образности соотносится с категорией эстетического, художественного в языке. Перечень вопросов, рассмотренных в статье, едва ли можно считать исчерпанным, тем более

что речь идет о таком сложном лингвистическом феномене, каким является образность в семантике слова.

Ключевые слова: *образность, категория, аспект, способность, язык, метафоричность, признак, уровень, основа, предпосылки, связь.*

SOME FEATURES OF FIGURATIVE WORD USE IN RUSSIAN

This article examines the problem of figurative word use in the Russian language as a speech and linguistic category. The reasons for figurative rethinking of the word are based on many aspects. The author grouped them in the following way: epistemological, psychological, pragmatic, linguistic aspect itself.

According to the author, in the epistemological terms, the premises of imagery lie in the ability of language to reflect the relationship of similarity between objects. When studying the reasons for figurative use, the epistemological aspect echoes the psychological aspect.

Psychologically, the premises of imagery lie in the associative nature of thinking. A metaphor can arise on the basis of features that are sometimes unusual for the object itself, but attributed to it by association with other objects. The pragmatic motivation of imagery is the desire of the speaker to increase the impact of speech on the addressee. It is no coincidence that the figurative component of meanings is often associated with an evaluative component.

The actual linguistic prerequisites for figurative use of words are inherent in the nature of the linguistic sign. The direct meaning of a word can also become a source of imagery, especially in a literary text with a skillful juxtaposition of words.

The author is sure that the problem of figurativeness concerns lexical material, «raw materials» for creating figurative meanings. The mechanism of the emergence of imagery is associated, as is commonly believed, with the strengthening of some features and the weakening of others.

In general, the category of imagery corresponds to the category of aesthetic, artistic in language. The list of issues considered in the article can hardly be considered exhausted, especially since we are talking about such a complex linguistic phenomenon as imagery in the semantics of a word.

Key words: *imagery, category, aspect, ability, language, metaphor, sign, level, basis, prerequisites, connection.*

Сведения об авторе:

Нурова Н.Н. *– ассистентка общеуниверситетской кафедры русского языка Кулябского государственного университета им. А. Рудаки. Адрес: 735360, РТ, г. Куляб, ул.С.Сафарова-16. Тел.: (+992) 987999410*

About the author:

Nurova N.N. *- Assistant at the University Department of the Russian Language of the Kulyab State University named after A. Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov str.-16.Tel.: (+992) 987999410*

ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ХУСУСИЯТҲОИ СОХТОРӢ, МАЪНОӢ ВА ГРАММАТИКИИ ОСОРИ ҶАЛОЛИДДИНӢ РӮМӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Назриев М.Ш.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Истилоҳ дар таркиби луғавии ҳар як забон мавқеи муҳимеро ишғол намуда,дорои як қатор вижагиҳои фарқкунандаи функсионалӣ, генетикӣ - таркибӣ,луғавӣ - маъноӣ,морфологӣ,вожасозӣ ва услубӣ - номинативӣ мебошад. Яке аз аломатҳои хоси истилоҳот ин ташкили сохти он ба шумор меравад. Маҳз,дар натиҷаи пешрафти илму техника ҳар як соҳаи муайяни ҷамъиятӣ соҳибии захираи истилоҳоти худ гардид [1, с.455].

Ҳар як истилоҳ як унсури забон аст, ки моҳияти хоси илмӣ дошта, бо аломатҳои махсуси худ аз калимаҳо ба куллӣ фарқ мекунад.

Рочеъ ба ин масъала донишмандон фикру андешаҳои худро ба таври зайл баён кардаанд. Чунончи: «Дар истилоҳ ҳамеша алоқаҳои табиии забоншиносӣ туфайли мафҳумҳои истилоҳотӣ ва алоқаҳои байни истилоҳӣ ифода меёбанд».Истилоҳот худ системаи махсуси маъноии калима ва иборараро дар бар гирифта, як мафҳуми аниқи системаи муайянро ифода мекунад. Дар тафовут аз калима маънои истилоҳ бояд амиқу муайян бошад, зеро истилоҳ на ҳамчун ифодакунандаи ин ё он маъност, балки дорои як маънои муайяни асоснок аст. Яъне истилоҳ, на фақат вазифаи номинативии худро адо мекунад, инчунин маънои муайянро низ ифода менамояд. Ба ифодаи дигар, истилоҳ барои номгӯи мафҳумҳои муайяни илмӣ истифода гардида, ҷараён ва мафҳумеро, ки дар соҳаи забон ба амал меояд, номбар карда, ҳамчунин маънои онҳоро ифода мекунад. Аз ин сабаб, истилоҳот ифодакунандаи мафҳумҳои

мушаххаси илмӣ «воситаи муайяни мантиқӣ» буда, ба як ҷузъи назарияи илмии соҳаи муайян мубаддал мегардад. Он танҳо ба забони илмӣ тааллуқ дошта, ҳамчун воситаи мубодилаи касбӣ хизмат мекунад. Ин ҷо бояд қайд намуд, ки дар бештари мавридҳо ҳангоми сохтан ва тартиб додани истилоҳот набояд аз вожаҳои серистеъмол истифода бурд. Бояд таъкид кард, ки ба сифати истилоҳ истифодаи аз ҳад зиёди вожаҳои серистеъмол ба маънои аслиашон ғалати маҳз хоҳад буд. Ин корбурд ҳамон вақт қобили қабул хоҳад буд, ки агар вожаҳои серистеъмол ба маънои истилоҳоти махсус барои ифодаи мафҳуми муайяни илмӣ хизмат намоянд. Хусусияти асосии истилоҳ дар он зоҳир мегардад, ки он бо мафҳумҳои лексикӣ-семантикӣ, монанди полисемия, синонимҳо, омонимҳо ва ғайра чӣ гуна алоқамандӣ дорад [1, с.450 - 452].

Дар бораи истилоҳоту ифодаҳои ирфонии ашъори Мавлоно баъзе қайду ишораҳо мавҷуданд ва. Ба андешаи онҳо «Фарогири ҳама паҳлӯҳои маъноӣ, сохтору таркиб, хусусиятҳои грамматикию услубии ин қисмати луғати ашъори Мавлоно шуда наметавонанд ва бешак, бисёр хусусиятҳои ба маънию мафҳум, хусусиятҳои истифодаи ифодаҳои ирфонӣ, маҳорати шоир дар корбурди онҳо, мақоми Мавлоно дар тавсеаю инкишофи ин воҳидҳои забонӣ ва бисёр масъалаҳои ба онҳо алоқаманд ҳанӯз норавшан боқӣ мондаанд [1, с.448].

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ чун шахси мутамаддину мутафаккир, олиму адиби забардаст шуҳрати олам аст. Аз ин рӯ, ӯ на фақат маҳбуби зодгоҳи худ-Вахшонзамин ё ҷойи истиқомати баъдинааш-Балх ё макони камолоту билохира мадфани ин инсони шаҳир - Рум, балки чун шахсият, мутафаккир ва тарғибгари адлу инсофу покию сафвати ботинии инсон дар ҷаҳон маълуму машҳур ва маҳбубу муътабар гаштааст [10, с.72].

Мавлоно мубаллиғи на фақат кулли муслимин, балки намояндагони ҷамеи адён буда, намояндагони ҳама равияҳои динию мазҳабиро эътироф ва эҳтиром менамуд. Андешаи Аҳмади Афлокӣ дар ин бора, ки дар асари Х.М. Зиёев «Мавлавӣ» зикр гаштааст, гувоҳи возеҳи ин гуфтаҳост: Дар ҷанозаи Мавлавӣ яке аз масеҳиён гуфтааст: «Агар шумоён мусулмонон Мавлоноро ба мисли ҳазрати Муҳаммади худ медонед, мо ҳам ӯро Мусои вақти худ ва Исои замон медонем» [2, с.196].

Мавлоно дар ташаккулу рушду нумӯи улуми дунявӣ мавқеи босазое дорад. «Баъзе ақидаҳои Румӣ роҷеъ ба қувваи ҷозибаи олам диққатҷалбкунанда аст, ки ин қонунро баъдҳо физики англис И. Нютон (1643-1727) расмӣ намуд» [2, с.25].

Ҷалолуддини Балхӣ дар тасаввуф мактаби хосаи худро бунёд намуд, ки бо ҷанбаҳои ахлоқӣ, инсонпарварию инсонгароӣ ва тарғиби ваҳдати инсоният, сафвату поквичдонии шахсият дар таърихи тамаддуни башарӣ беҳамтост [2, с.59].

Мавлоно хусусан бо «Маснавии маънавӣ», ки «онро метавон зубда ва ҳосили ҷомеи таҷрибаи ирфони дунёи ислом дар тамоми курун маҳсуб кард» аламбардори маърифати дунёст.Мавлоно дар ин шоҳасари беназир ҳама афкори таърихию фалсафӣ, ахлоқию маънавӣ ва мазҳабию тарбиятии хешро дар қолаби назм басо ҷолибу ҷаззоб ва шевою дилпазир қаламдод намудааст. «Маснавии маънавӣ» асари ҷовидонаю мондагор ва пурасрору серхаридорест ва дар радифи шоҳкориҳои эҷодии олам қарор дорад. Шиблии Нуъмонӣ «Маснавии маънавӣ»-ро ҳамрадифи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ ва девони Ҳофизи Шерозӣ мешуморад [1, с.455].

Роҷеъ ба «Маснавии маънавӣ»-и баландмазмуни ӯ ва инъикосгари шӯру ғалаёни ботинии солики ҳақиқат будани он Зарринкӯб чунин иброз медорад: «Маснавии маънавӣ», ки дар воқеъ, ҳосили тамоми маорифи таҷоруби суфияи исломӣ аст, танҳо аз ҳайси кайфият наздики ду баробари «Комедияи илоҳӣ»-и Данте ё ба андозаи маҷмӯи ду манзумаи «Иллиада ва Одиссея»-и юнонӣ аст, аммо аз ҳайси кайфият чунон авҷу азамати рӯҳонии беназиреро ироа мекунад, ки дар тамоми қуллаҳои бузурги шеъри инсонӣ ҷилва ва шукӯҳи дастраснопазиру хиракунанда дорад» [3, с.397].

Истилоҳоти динӣ асосан ҷараёни тасаввуф аз ҷихати назарию амалӣ ба таърих, адабиёт, фалсафа, исломи расмӣ ва дигар афкори илмӣ, сиёсию иҷтимоии ҷомеа робитаи зич дорад, аз ин рӯ дар таҳлилу таҳқиқи луғати хоси орифона, вожа ва истилоҳҳои динӣ ҳам ба эътибор гирифтани ин робитаҳо ногузир аст. Ин табиист, зеро «ҳар чиз, ки ба таъйину таҳқиқи мафҳуми истилоҳ, таҳаввулу такомули он дар забон алоқаманд аст, илми забоншиносиро ба соҳаҳои дигари илму маърифат, ба таърихи модиву маънавии инсоният пайванд медиҳад» [1, с.356].

Ҳамин тавр,дар асарҳои исломшиносон А.Б. Климович (1962), А. Мете (1973), Р. Мавлютов, Р. Маҷидов (1980), А. Ахмедов (1982), А. Массе (1984), М. Муттаҳарӣ (1999), А.Д. Кныш (2004), Хадрат Хаджи Мухаммад Фарук (2008) ва бисёр дигарон оид ба ҷараёни тасаввуф, муносибати он ба исломи расмӣ, истилоҳҳои динӣ ва баъзе намояндагони машҳури он, аз ҷумла Мавлонои Румӣ маълумот дода шудааст.

Гурӯҳи дигар луғати ифодакунандаи масоили назариву амалӣ ва фалсафии тасаввуфро ташкил медиҳанд,ки онҳоро метавон чунин дастбандӣ кард:

1. Вожаи **«ҳамроз»** ифодагари солики дигарест, ки шунидани нияти ботинии солик ба ӯ муяссар мегардад:

В-агар ту бо маӣ ҳамхирқаиву ҳамрозӣ,

Бигӯ, ки сурати он шаҳхи хирқапӯш чӣ буд? [ДК-1, 4, с. 684].

Вожаи «ҳамроз» дар забони англисӣ ба маънои сир намеояд балки ба маънои sincere-содик, самимӣ, софдил меояд.

Истилоҳи арабии «сир» («асрор» шакли ҷамъ) ҳаммаънои вожаи «роз»-и тоҷикӣ буда, вале муродифи арбии он бештар истифода шудааст:

З-он рӯз мову ёрон дар роҳ, аҳд кардем,
Пинҳон кунем сирро, пеш афканем сарро [ДК-1, 8, с. 488].
Сир пинҳон аст андар сад ғилоф,
Зоҳираш бо пӯсту ботин бар хилоф [М., 7, с. 730].

Вожаи «сир» бештар дар таркиби ибораҳои изофӣ омада, мансубияташро бо ашёи дигар муайян мекунад. Истифодаи истилоҳ- ибораҳои *«сирри дил-secret of heart»,«сирри хулосаи ризо», «сирри Худо-the secret of God»,«сирри аршу сад курсӣ»,«сирри рӯҳ mystery of soil»,«сирри ёр - secret of companion»* аз ин қабиланд:

Ман дӯш дидам сирри дил андар ҷамоли дигаре,
Сангиндиле, лаълинлабе, имонфазое, кофаре, [ДК-3, 6, с. 220].

Шакли ҷамъи «сир –secret » - «асрор-mystery» ҳам васеъ истифода шудааст. ва ғ.

К-он нотиқи рӯҳуламин бикшояд он асрорро. [ДК-1, 4, с. 39].

Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман,
Аз даруни ман наҷуст асрори ман.
Сирри ман аз нолаи ман дур нест,
Лек чашму гӯшро он нур нест. [М., 7, с. 16].

Гурӯҳи роз – secret, **secrecy**. нашудааст, бо вожаи «роз-secret» ифода мегардад. Ин истилоҳ назар ба «Маснавӣ» дар ғазалиёти шоир бештар ба кор рафтааст:

Агар фақириро нагуфта роз мешунавӣ,
Бигу, ки сурати он шаҳхи хирқапӯш чӣ буд? [ДК-1, 7, с. 484].

Асрор низ таъинот дорад, ки бо ибора- истилоҳоти ё ба таври дигар ибораҳои изофӣ*«асрори Худо - the mystery of God»* (ДК- 1, 2, с. 47), *«асрори кибриё - the great mystery»* (ДК-1,2, с. 160), *«асрори кирдигор - the secret of the Creator»* (ДК-3, 4, с. 105) «асрори Иброҳим - the secret of Abraham» (М.,5, с. 35), «олами асрор - the world of mystery» (ДК-1, 2, с. 49), ва ғайраҳо ифода ёфтаанд:

Ай ёри мо, дилдори мо, ай олами асрори мо,
Ай Юсуфи дидори мо, ай равнақи бозори мо. [ДК-1, 8, с. 49].
Андар о, асрори Иброҳим бин,
К-ӯ дар оташ ёфт сарву ёсамин. [М., 7, с. 35].

2. Вожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои умумии басирату ғайбату ҳузур ва зоҳиру ботин гурӯҳи дигари луғавӣ-маъноиро ташкил медиҳанд. Ин истилоҳот ба масъалаи фаҳмиши моҳияти сифату сурати ашё иртибот доранд ва дар навбати худ онҳоро ба зергурӯҳҳои дигар тасниф намудан мумкин аст:

а) Истилоҳоте, ки нишондиҳандаи айнияти ашё мебошанд: «айн» (ДК- 2, 206, с. 353), «аён» (ДК-2, 2, с. 502; М., 5, с. 33), «ошкор» (ДК-2, 2, с. 107), «ошкоро» (М.,5, с. 19),

Мусалам аст,ки вожаи «айн» номи ҳарфи бисту якуми алифбои арабиасос мебошад. Дар ҳисоби абҷад «айн» ба ададди 70 баробар аст. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар сохтани ибора ва ҷумла ба маънои дар айни замон - at the moment,ҳамзамон - at the same time,дар айни ҳол - at the present time,дар ҳамин вақт - at the same time,ҳоло - now.

Аз айн ба ғайб роҳ дорем,
Зеро ҳамроҳи пайки динем[ДК-2, 9, с. 353].

Калимаҳои аён ва ошкор дар «Девони Кабир»ҷойгоҳи махсуси худро доранд ва дар бархе аз мисраъҳои шеърӣ Мавлави онҳоро ба таври зайл корбаст намудааст:

З-ин шамъҳои сарнагун, з-ин пардаҳои нилгун,
Халқе ачиб ояд бурун, то ғайбҳо гардад аён [ДК-2, 9, с. 354].

Синоними калимаи аён вожаи ошкор мебошад,ки дар осори Мавлавӣ дар чанд маврид истифода гардидааст. Барои тақвияти андешаҳои худ метавон ҳамчун намуна аз чантои он истифода намуд:

Ҷумла харобот хароби туанд,
*Ҷумлаи асрор зи туст **ошкор.** [ДК-2, 9, с. 354].*

Хулоса, ҳамин тавр пас аз барасии осори Ҷалолуддини Румӣ маълум гардид,ки ӯ дар осори худ калимаву истилоҳоти зиёдеро бакор бурда аст, қисмати луғати тасаввуфи алоқоманд мебошад.

Дар бораи истилоҳоту ифодаҳои ирфонии ашъори Мавлоно баъзе қайду ишораҳо мавҷуданд ва. Ба андешаи онҳо «Фарогири ҳама паҳлӯҳои маъноӣ, сохтору таркиб, хусусиятҳои грамматикию услубии ин қисмати луғати ашъори Мавлоно шуда наметавонанд ва бешак, бисёр хусусиятҳои ба маънию мафҳум, хусусиятҳои истифодаи ифодаҳои ирфонӣ, маҳорати шоир дар корбурди онҳо, мақоми Мавлоно дар тавсеаю инкишофи ин воҳидҳои забонӣ ва бисёр масъалаҳои ба онҳо алоқаманд ҳанӯз норавшан боқӣ мондаанд.

АДАБИЁТ

1. Вазинпур Н. Офтоби маънавӣ. Чиҳил достон аз «Маснавӣ»-и Ҷалолиддин Муҳаммади Мавлавӣ (Шарҳи луғат, истилоҳоти ирфонӣ, тафсири абёт ва нақду баррасии достонҳо) / Н. Вазинпур. - Теҳрон: Амири Кабир, 1368. - 455 с.
2. Зиёев Х. М. Мавлоно / Х.М. Зиёев. - Душанбе: Дониш, 2007. - 196 с.
3. Зарринкӯб Абулҳасан. Ҷустучӯдар тасаввуфи Эрон / А. Зарринкӯб. - Душанбе: Ирфон, 1992.-397 с.
4. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. - Девони Кабир. Ҷ.I. - Душанбе: Дониш, 2007. - 688 с.
5. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. - Девони Кабир. Ҷ.II. - Душанбе: Дониш, 2007. -718 с.
6. Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ. - Девони Кабир. Ҷ.III. - Душанбе: Дониш, 2008.-772с
7. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавии маънавӣ (Дар асоси матни Р. Никольсон ва муқобила ба нусхаҳои дигар) Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ, Мавлоно. - Теҳрон: Нашри замон, 2001.-730 с.
8. Ҷалолуддини Румӣ. Девони кабир. Ҷ- I. Душанбе: Адиб, 1992. - 448 с.
9. Ҷалолуддини Румӣ. Девони кабир. Ҷ- II, Душанбе: Адиб, 1993. - 464 с.
10. Ҳалимов С. Таърихи забони адабии тоҷик (асри Х) С.Ҳалимов. Душанбе.1979.-96 с.
11. Ҳодизода Р. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик / Р. Ҳодизода. - Душанбе: Адиб,1999.-188 с.

СОПОСТАВИТЕЛЬНАЯ АНАЛИЗ СЕМАНТИЧЕСКО-СТРУКТУРНАЯ И ГРАММАТИЧЕСКАЯ ОСОБЕННОСТИ ПРОИЗВЕДЕНИЯ ДЖАЛОЛИДДИНА РУМИ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящена исследованию семантических, структурных и грамматических особенностей произведения Джалолиддина Руми в сопоставительном плане английского языка. Обучение и исследование суфийски слов и термины являються важным и требуются особого исследовании.

В этой статье автор рассматривает семантических, структурных и грамматических особенностей суфийских терминов из суфийского словаря Джалолиддини Руми «Девони Кабир».

Выяснилось, что на базе многочисленных примеров, извлеченных из словаря Джалолиддина Руми «Девони Кабир» проводится анализ круга употребления указанных суфийских терминов в сравнении в современном английском языке.

Ключевые слова: *суфийский словарь, термин, язык, искренний, настоящая время, таджикиский язык, английский язык, семантический, структурный и грамматическая особенность.*

THE COMPARTIVE ANALYSES OF SEMANTIC-STRUCTURAL AND GRAMMATICAL PECULIARITIES OF JALOLIDDIN RUMI'S WORK IN ENGLISH LANGUAGE

The article deals with the comparative analyses of semantic-structural and grammatical peculiarities of Jaloliddin Rumi's work in English language.

Learning and researching the words and terms of Sufism are more important and requires main research.

The author shows semantic, structural and grammatical peculiarities of Sufism terms from the Sufism dictionary of «Devoni Kebir» of Jaloliddin Rumi. And also author compared many words and terms or terminologies of Sufism in English using from Sufism dictionary of «Devoni Kebir» of Jaloliddin Rumi.

Key words: *the Sufism dictionary, term or terminology, language, mystery, at the moment, Tajik language, English language, semantic, structural and grammatical peculiarities.*

Сведения об автора:

Назриев Мустафо Шералиевич *– ассистент кафедры английского языка, Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Тел: (+992) 936110111, Email- Nmustafo.1991@gmail.com*

About an author:

Nazriev Mustafo Sheralievich *– assistant of English chair, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini. Phone: (+992) 936110111, Email- Nmustafo.1991@gmail.com*

ИФОДАИ ПЕШОЯНДИИ СОҲИБИЯТ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФРАНСАВӢ

Шоев М.Ҷ., Одинаев А.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Алоқамандии қавӣ ва муносибати грамматикии забони тоҷикӣ бо забони франсавӣ дар омӯзиш ва муқоисаи воситаҳои грамматикӣ, аз ҷумла пешояндҳо равшан инъикос меёбад. Пешояндҳо дар забони тоҷикӣ мавқеи хос дошта, як қисмати калони таркиби луғавии онро ташкил медиҳанд [1, с. 374]. Мавҷудияти пешояндҳо дар забон зарур буда, бидуни онҳо дар аксар маврид сохтани иборотуҷумлаҳо ғайриимкон аст. Инчунин аҳамияти пешояндҳо дар ифодаи муносибатҳои гуногун ва тобишоти маъноӣ равшан зоҳир мегардад. Дар забони франсавӣ пешояндҳо яке аз воситаҳои маъмули ифода кардани соҳибият ба ҳисоб мераванд. Пешояндҳо дар забони тоҷикӣ ба ду гурӯҳи калон (пешояндҳои аслӣ ва

номии таркибӣ) тақсим мешаванд, ки ин ҳолат дар забони франсавӣ низ мушоҳида мешавад. Масалан, пешояндҳои аслӣ дар ин ду забони тадқиқшаванда чунин шакл доранд: *ба*-**à**, *бо*-**avec**, *барои*-**pour,** *то*-**jusqu'à** *аз*-**de**, *дар*-**dans**,*бе*-**sans** ва ғ.

Муодили пешояндҳои номии таркибии тоҷикӣ дар забони франсавӣ бошад, чунин манзараро инъикос менамоянд:

аз барои - pour**, аз пеши, дар назди, дар ҳузури, ба назди-**devant**, аз пушти, аз паси -** derrière**, дар зери -** sous**, дар болои (рӯи) –** sur**, дар паҳлӯи, дар наздикии -** près de**,** à côté de**, дар охири (поёни) -** au bout de, **дар боло –** en haut**, дар кунҷи –** au coin de**, ба самти (тарафи) -** à la direction de**, дар поён –** en bas, **то охири (поёни, кунҷи) –** jusqu'au bout de**, то даромадгоҳи –** jusqu'à l'entrée de**, то пушти (қафои) -** jusqu'à derrière.

Аз мисолҳои боло чунин бар меояд, ки пешояндҳои аслӣ дар забони франсавӣ муодили пешояндҳои номии таркибии тоҷикӣ шуда метавонанд: мисол, pour-**аз барои, ба хотири, бинобар он ки,** devant-**дар пеши**, **аз пеши, дар назди, дар ҳузури, ба назди,** derrière-**аз пушти, аз паси,** sous-**дар зери, дар поёни,** sur-**дар болои, дар рӯи, дар бораи, бахшида ба, роҷеъ ба, оид ба** ва ғ.

Қайди ин нуқта низ зарур аст, ки бо вуҷуди аз маънои луғавӣ маҳрум будани пешояндҳо, онҳо барои ифодаи маъноҳои грамматикӣ фаъол ва серистеъмоланд. Ин ҳолатро мо дар ҳар ду забони бо ҳам хеш бараъло мушоҳида менамоем. Масалан дар забони тоҷикӣ барои ифодаи маънои макон пешоянди аслии **дар (**дар хона, дар саҳро, дар шаҳр, дар ҳаво, дар осмон ва дар киштӣ**),** барои ифодаи тобиши замон пешоянди **аз (аз пагоҳ, аз сари саҳар, аз соли гузашта, аз тобистон,** ва ғ.) ва ҳамин тавр, барои тобиши тарзи амал пешоянди аслии **бо (бо ифтихор, бо саъй, бо завқ, бо шавқ, бо таҳаммул** ва ғ.) истифода мешаванд. Айнан ҳамин гуна роҳ ва усули ифодаи тобишоти маъноӣ тавассути пешояндҳо дар забони франсавӣ ба назар мерасад: масалан бо пешояндҳои аслӣ,

dans-дар (**dans la maison**-дар хона, **dans la ville**-дар шаҳр, **dans le ciel** ё ин ки **au ciel**-дар осмон, **dans le bateau**-дар киштӣ, **dans la mer**-дар баҳр, **dans le Midi** - дар Ҷануб),

de, dès-аз (dès demain - аз пагоҳ сар карда, dès le matin - аз субҳ, de l'an dernier, de l'année passée, de l'année dernière - аз соли гузашта, de l'été - аз фасли тобистон, du ciel - аз осмон, l'eau du ciel (la pluie)-аз осмон об (борон), dès lors-аз он замон, de bois-аз чӯб ё чӯбин, de bronze-аз биринҷ ё биринҷӣ ва ғ.)

Avec-бо (**avec fierté**-бо ифтихор ва ё ифтихормандона, **avec zèle, avec application, avec assiduité**-бо саъй, **à la passion**-бо завқ, завқмандона **avec intérêt**-бо шавқ, шавқмандона, **avec patience**-бо таҳаммул, бо сабр, сабур ва ғайраҳо монанди инҳо.

Чи тавре ки дар боло қайд гардид, дар забони тоҷикӣ як пешоянд метавонад бо мақсади ифодаи чандин тобишоти маъноӣ кор фармуда шавад. Масалан, пешоянди аслии **аз** барои ифодаи тобишҳои маъноии замон, макон, соҳибият ва ғ. корбаст мегардад. Ин ҳолатро бо муодилҳои пешоянди мазкур дар забони франсавӣ низ мушоҳида карда метавонем. Мисол, барои ифодаи тобишҳои замон (**de 9 heures à 10 heures** - аз соати нуҳ то соати 10), барои тобиши макон (**de Douchanbé à Paris -** аз Душанбе то Порис) барои тобиши соҳибият (C'est la maison **de** Michel - Ин хона **аз** Мишел аст), сарчашмаи амал (Les étudiants parlent **de** la peinture française - Донишҷӯён **дар бораи** санъати рассомии Фаронса суҳбат (гап мезананд) мекунанд ва ғ. Пешояндҳои франсавии **-de** ва **-à** аз зумраи серистеъмолтарин пешояндҳо дониста шуда, ҳар ду муодили тоҷикии пешоянди **-аз** мебошанд.

Аз мисолҳои фавқ бармеояд, ки дар забони франсавӣ пешояндҳои аслии **à** ва **de** дар ҷумла ба вазифаи пешояндҳои мухталиф омада метавонанд**:**

1.Пешоянди **à**/аз ба вазифаи пешоянди **dans** (дар):

J'étudie **à** l'Université Paris IX. [ʒe-ty-´di -a-ly-ni-vɛr-si-´te pa-ri ´nœ]

Ман **дар** Донишгоҳи Порис IX таҳсил мекунам.

2. à/аз ҳаммаънои пешоянди **avec (**бо**):**

Michel parle **à sa mère.** [Mi-´ʃɛl par-la sa ´mɛːr]

Мишел **бо** модараш гап мезанад.

à (аз) бо тобиши маъноии соҳибият**:**

- Шумо одами беадаб будаед, азизам. Ба талаби пул омадаед… **аз ман**-а, **аз мушкетдор**-а! **[II.1.105.]**

-Vous êtes un maraud, mon cher; vous venez me demander de l'argent, **à moi**! **à un mousquetaire! [II.2. 151.]**

3. à (аз) дар забони франсавӣ тобиши маъноии пешоянди тоҷикии **то** (муродифи дигараш jusqu'à мебошад)-ро медиҳад:

L'avion vole quatre heures de Douchanbé **à** Moscou.

Ҳавопаймо аз Душанбе **то** Маскав чаҳор соат парвоз мекунад.

4. à (аз) ҳаммаънои пешоянди дигари франсавии **pour (ба, барои ва ба хотири):**

J'achète des cadeaux **à** ma mère pour son anniversaire.

Ман **ба** модарам туҳфа барои зодрӯзаш мехарам.

Аз чанд нуктаи дар боло ба иброз расида, чунин бармеояд, ки вазифаи пешояндҳо чӣ тавре ки дар забони тоҷикӣ доманадор аст, дар забони франсавӣ низ дорои ҳамин гуна аломатанд. Дар ифодаи

тобиши соҳибият, мансубият, дорой, молик будан ба чизе ва ё хусусияту аломате дар баробари дигар восита ва категорияҳои грамматикӣ монанди пасванд (**-манд**/андешаманд-penseur, шукуҳманд-glorieux(euse), давлат**манд**-gens à l'aise, **-нок**/саводнок-instruit(e), -гин/шармгин-honteux(euse), -**дор**/номдор-célèbre**)** ва пешвандҳо, (**-бе**/бебок-vaillant, босабр-tolerant(e)**,** бесабр-intolerant(e)**,** беибо, бешарм, беҳаё-éhonté, бесавод-illettré, **-бо/бо**карам-gentilhomme, боҷуръат-courageux, босавод-lettré, ботамкин-restreint, босабр-patient, бовиқор-digne -но/нотарс-courageux, ноком-malchanceux, -пур/пуршафқат-gentil(le), пурдон-fort instruit), сергап-un bavard, камкор - un fainéant ва калимаҳои мураккаб (шонавасеъ-aux larges épaules, борикмиён-avec une taille fine, гардандароз-orgueilleux, комёб-chanceux(euse), соҳибмулк-propriétaire, соҳибақл-intelligent ва ғ.) муодили франсавии пешояндҳои тоҷикӣ серистеъмоланд.

Мисол,

-Ин се нафар **фарзандони одамони давлатманд** буда, дар дарс ҳам бо ҳам шарик буданд [II.8.142.].

-Tous trois étaient **fils de gens à l'aise** et étudiaient ensemble... **[II.9.174.].**

ё дар ҷои дигар,

-Дар ҳақиқат ҳам Мулло Авез хеле **пурдон** буда, дарсро ҳам ба ман аз ду домуллои дигарам беҳтар ва осонтар мефаҳмонд **[II.8.144.]**.

-…le mollah Avez de Khodjent, qui était **fort instruit** en cette matière et expliquait bien mieux que mes autres maîtres **[II.9.176.].**

-Ба саломатии шумо, (ба саломатиатон) ҷаноби **бокарам**! Исми шарифи шумо чист, иҷозат диҳед бипурсам ман ҳам**? [II.1. 105.**].

–A la vôtre, **mon gentilhomme**: comment vous nommez-vous, à votre tour, s'il vous plait**? [II.2.151.]**

- Устохоҷа ҳарчанд **ҳунарманд** бошад ва аз кори касон кам фориғ шавад ҳам, рӯзгораш аз рӯзгори мо беҳтар набуд, бо вуҷуди ин ба Абдуллохоҷа ва Тӯтапошшо ёриро дареғ намедошт [**II.8. 29**.].
- Malgré **son talent de menuisier**, Ousto-hodja ne vivait pas mieux que nous, ce qui ne l'empêchait pas d'aider de tout son cœur la princesse Touta et le vieux Abdoul-hodja **[II.9.41.].**
- Худи Авезхоҷа бошад, одами **сергапи камкор** буд **[II.8.46].**
- Avez-hodja était **un bavard** et **fainéant [II.9. 64**].

Дар мисоли охир вожаи –**ҳунарманд** дар забони франсавӣ ба воситаи чаҳор калима баргардон шудааст: **-son talent de menuisier-**«дорои истеъдоди дурудгариаш». Ҷумлаи мазкур далеле аз фасоҳат ва ғановатмандии забони тоҷикӣ мебошад.

Чун мавзӯи баҳси мо категорияи соҳибият дар забонҳои тоҷикӣ ва фрасавӣ аст, месазад, ки ин масъаларо мушаххасан дар мисоли мавқеи пешояндҳои тоҷикӣ бо муодили франсавиашон мавриди шарҳи муфассал қарор бидиҳем.

Пешоянди аз

Пешоянди **аз** тобишҳои замонӣ, маконӣ, таъинот, сарчашмаи амал ва соҳибиятро дорад. Барои ифодаи соҳибият истеъмол ёфтани пешоянди – **аз** дар «Грамматикаи забони тоҷикӣ» мухтасаран дар ду шакл оварда шудааст: 1) бо ҷонишини шахсӣ; 2) бо ҷонишини шартии – он **[I. 2. 184]**. Ин маълумоти ноқис дар нашрҳои баъдинаи китоби мазкур боз ҳам ноқистар ва ҳатто бо ихтисори маълумоти нашри аввал баррасӣ шудааст **[I.4, 380]**.

Дар хусуси муодили пешоянди **аз** дар забони франсавӣ дар боло ишорае рафт, вале ин ҷо шарҳи муфассали ин масъала зарур аст, чунки тарзҳои мухталифи маънои соҳибият тавассути муодилоти пешоянди –**аз** дар забони франсавӣ хеле зиёданд.

Пешоянди **аз** дар мавридҳои зерин метавонанд ба соҳиби чизе будани шахс далолат кунад:

1. Бо ҳамаи ҷонишинҳои шахсӣ:

аз (они) ман, аз ту, аз вай (ӯ), аз (они) мо, аз шумо ва аз онҳо

Дар забони франсавӣ ду тарзи ифодаи маънои соҳибият бо ҷонишинҳо яке тавассути ҷонишинҳои шахсӣ (мустақил) дар ҳамбастагӣ бо пешоянди **à** ва дигаре бо соҳибҷонишинҳои энклитикӣ маъмул аст. Ҷонишинҳои шахсии (наздифеълӣ) **je-ман, tu-ту, il-он/elle-она, вай, ӯ** дар шумораи танҳо ва **nous-мо, vous-шумо, ils-онҳо** (барои исмҳои ҷинси мардона) ва **ells-онҳо** (барои исмҳои ҷинси занона) барои шумораи ҷамъ, дар забони франсавӣ барои ифодаи соҳибият корбаст намешаванд.

Дар забони мазкур шакли дигари ин ҷонишинҳо мавҷуд аст, ки онҳоро ҷонишинҳои шахсии мустақил (ва ё зададор ҳам мегӯянд) меноманд. Фарқияташон аз ҷонишинҳои шахсии наздифеълӣ дар он аст, ки дар ҷумла мустақилона (яъне бефеъл) истеъмол меёбанд:

Moi-ман, toi-ту, lui-вай/ӯ, elle-вай/ӯ, nous-мо, vous-шумо, eux-онҳо(ҷин. мард.) ва elles-онҳо(ҷин. зан.).

Qui parle français? – **Moi**.

Кӣ ба франсавӣ гап мезанад? –**Ман**.

Ҳамин ҷумла бо ҷонишини наздифеълӣ:

Qui parle français? Кӣ ба франсавӣ гап мезанад?

- **Je** parle français. –**Ман** ба франсавӣ гап мезанам.

аз ман/**à moi** аз мо/**à nous**

аз ту/**à toi** аз шумо/**à vous**

аз вай (ӯ)/**à lui, à elle** аз онҳо/**à eux, à elles**

A qui est cette maison? [A kjɛ sɛt mɛ-´zõ] C'est **à moi [sɛ-ta-´mwa].**

Ин хона **аз они кист**? Ин (хона) **аз они ман** аст.

Ифодаи соҳибият бо ҷонишинҳои соҳибӣ - *les pronoms possessifs* дар забони франсавӣ ва муодили онҳо дар забони тоҷикӣ

Дар забони франсавӣ воситаи дигари маъмули грамматикии ифодаи соҳибият, ин ҷонишинҳои соҳибӣ (**les pronoms possessifs**) мебошанд, ки дар ҷумла исмро иваз намуда, соҳибияташро муаррифӣ мекунанд. Ҷонишинҳои мазкур ба хотири ба такрор наомадани калимаҳо истифода бурда мешаванд **[I.6.38].** Маҳз аз ҳамин ҷиҳат ҷонишинҳои соҳибӣ аз сифатҳои соҳибӣ (**adjectifs possessifs)** фарқ мекунанд.

Ҷинси мардона-masculin		**Ҷинси занона-féminin**	
шумораи танҳо-singulier	**шумораи ҷамъ-pluriel**	**шумораи танҳо-singulier**	**шумораи ҷамъ-pluriel**
le mien	les miens	la mienne	les miennes
le tien	les tiens	la tienne	les tiennes
le sien	les siens	la sienne	les siennes
le leur	les leurs	la leur	les leurs
le nôtre	les nôtres	la nôtre	les nôtres
le vôtre	les vôtres	la vôtre	les vôtres

-Regarde cet ordinateur; c'est **le mien.**

-Ба ин компутар нигар, ин **компутар аз ман** аст.

Дар ҷумлаи мазкур ҷонишини **le mien** исми компутарро, ки аллакай рочеъ ба он сухан рафтааст, ба хотири батакрор наомаданаш иваз намуда ҳамзамон ба кӣ (**ман**) мансубият доштани онро ифода мекунад. Ба ибораи дигар –**le mien** ин ҷо ба маънои «компутари ман» омадааст.

-Nous possédons chacun une maison, mais **la mienne** est plus grande que **la tienne.**

-Ҳар яки мо **хона дорем**, аммо **хонаи ман** аз **хонаи ту** дида, калонтар аст. Агар ҷумлаи мазкурро бо нигоҳдошти қолаби франсавиаш баргардон кунем чунин ҳолатро мушоҳида мекунем:

-Ҳар яки мо **хона дорем**, аммо **аз ман** нисбат ба **аз они ту** калонтар мебошад.

-Агар **душмани шумо** дар айни замон **душмани ман** ҳам бошад, ман барои ҳар дуямон ниқор мегирам, вассалом **[II.1.96.].**

- … si **votre homme** est **le mien**, je ferai d'un coup deux vengeances, voilà tout **[II.2. 138.].**

Ҷонишинҳои соҳибӣ дар забони франсавӣ гуногуншакл ва дорои тобишҳои васеъи маъноӣ буда, муносибатҳои зиёди грамматикӣ, махсусан соҳибиятро ифода мекунанд.

Аз ҷумла, онҳо категорияҳои грамматикии ҷинс (**le masculin et le féminin**-ҷинси мардона ва занона), шумора (**le singulier et le pluriel**- шумораи танҳо ва ҷамъ), шахс (шахси 1 **je-nous,** шахси 2 **tu-vous** ва шахси 3 **il/elle - ils/elles**), ифода карда, дар шакли ҷамъ (ҷинси мардона), муносибати хешутаборӣ (падару модар, наздикон ва дӯстон) ва ғайраро баён мекунанд.

Мисол,

Moi et **les miens** avons déménagé le mois dernier.

Ман ва **волидайнам** моҳи гузашта бурёкӯбон кардем.

Дар ин ҷумла ҷонишини соҳибии **les miens** дар шумораи ҷамъ, ҷинси мардона омада, ҳаммаънои вожаҳои **волидайнам**, **падару модарам** мебошад.

Дар забони франсавӣ ҷонишинҳои соҳибӣ чун дигар ҷонишинҳо ишора ба ин ё он ашё карда, ҳамзамон исмеро, ки ҳамин ашёро ифода мекунад иваз менамоянд**.**

Дар баробари ифода намудани муносибатҳои гуногуни грамматикӣ, фарқияти асосии ҷонишинҳои мазкур аз дигар ҷонишинҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо мансубияти як ашёро ба ин ё он шахс (ба шахсони 1, 2 ва ё 3 дар шумораи танҳо ва ҷамъ) ва инчунин ба ашёи дигар (танҳо ба ҷонишини шахси сеюми шумораҳои танҳо ва ҷамъ) инъикос мекунанд **[I.8.127.].**

Ҳамин тавр, василаи мақолаи нотамоми хеш кӯшиш намудем то андозае дар омӯзиш ва муқоисаи воситаҳои грамматикӣ, аз ҷумла пешояндҳо ҳамчун воситаи ифодаи соҳибият дар забонҳои тадқиқшаванда рӯшанӣ андозем ва ҳамзамон алоқамандии қавӣ доштани муносибатҳои грамматикии забони тоҷикро бо забони франсавӣ возеҳ инъикос намоем. Пешояндҳо дар ҳамагуна забонҳои дунё, аз ҷумла тоҷикӣ ва франсавӣ низ яке аз воситаҳои маъмули ифода кардани соҳибият ба ҳисоб мераванд.

Хулоса, масъалаи категорияи мансубият дар забонҳои таҳқиқшаванда, аз ҷумла тоҷикиву франсавӣ доманадор аст, вале бо овардани баъзе аз паҳлӯҳои он қаноат намуда, масоилеро, ки имконияти ифшои ақида қарор надоштанд, ба ояндаи наздик мавқуф мегузорем.

АДАБИЁТ

1. Бухоризода А.Л. Функции местоименных суффиксов в современном таджикском литературном языке. (АКД). – Сталинобод, 1954. - 16 с.
2. Гулзода Наврӯз. Ифодаи соҳибият дар забони тоҷикӣ. Монография. – Душанбе: Деваштич, 2009. - 212 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис қ. 2 (китоби дарсӣ барои студентони факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ). – Душанбе, 1984. - 325 с.
4. Илия Л.И. Синтаксис современного французского языка. - М.: Изд.во лит. на ин. яз., 1962. - 384 с.
5. Meillet Antoine. Введение в сравнительную грамматику индо-европейских языков. 1911. - 274 стр.; 1914. - 290 стр.
6. Monique Callamand. Grammaire vivante du français. CLE international, nouvelle édition, 1989. - 252 p.
7. Маликов Г. Ба воситаи бандакҷонишинҳои соҳибӣ ифода ёфтани объект. Маҷмӯаи илмии институти ба номи Т.Г. Шевченко, серияи филологӣ, ч. 2. – Сталинобод, 1955. С. 97.
8. Нехендзи Б.Д., Благовещенский В.В. Грамматика современного французского языка. Морфология. Из.во: Высшая школа, М:. 1964. - 344 с.
9. Сиёев Б. Таърихи ҷонишинҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1972. - 235 с.
10. Щерба Л.В. Фонетика французского языка. Издательство литератур иностранных языках. – М., 1957. - 312 с.
11. Александр Дюма. Се Мушкетдор. Аз русӣ тарҷумаи Ҷумъабой Азизқулов. Душанбе: Маориф, 1984.-664 с.
12. Alexandre Dumas. Les Trois Mousquetaires. Cercle du Bibliophile. Suisse, 1964. - 463 p.
13. Садриддин Айнӣ. Марги судхӯр. – Душанбе: Адиб, 2010. - 220 с.
14. Sadriddin Aïni. La Mort de l'usurier. Traduit du tadjik et du russe par S. Borodine et V. Voinot. Les éditeurs français réunis. - Paris, 1957. - 317 p.

ВЫРАЖЕНИЕ ПРИТЯЖАТЕЛЬНОСТИ ЧЕРЕЗ ПРЕФИКСЫ НА ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

*В данной статье обсуждается выражение притяжательности на таджикском и французском языках с помощью префиксов. Автор проводит свое исследование на основе сравнительного анализа, сопоставляет исходные и именные таджикские префиксы с их французскими эквивалентами и доказывает, что исходные префиксы во французском языке могут быть эквивалентами составных таджикских префиксов. Автор также попытался доказать не только функцию выражения притяжательности с помощью префиксов, но и другие функции префиксов в обоих языках. Еще одним важным моментом статьи является то, что отличительные особенности выражения притяжательности во французском языке обозначаются притяжательными местоимениями (**les pronoms possessifs**). Таким образом, автор доказывает, что во французском языке притяжательные местоимения отличаются от прилагательных местоимений.*

Ключевые слова: *префиксы, притяжательность, принадлежность, выражение, французский язык, прилагательные местоимения, притяжательные местоимения.*

EXPREжSSING POSSESSIVENESS THROUGH PREFIXES IN TAJIK AND FRENCH

This article discusses the expression of possessiveness in Tajik and French using prefixes. The author conducts his research on the basis of a comparative analysis, compares the original and nominal Tajik prefixes with their French equivalents and proves that the original prefixes in French can be equivalents of compound Tajik prefixes. The author also tried to prove not only the function of expressing possessiveness using prefixes, but also other functions of prefixes in both languages. Another important point of the article is that the distinctive features of the expression of possessiveness in French are indicated by possessive pronouns (les pronoms possessifs). Thus, the author proves that in French, possessive pronouns are different from adjectives.

Key words: *prefixes, possessiveness, belonging, expression, French, language, adjectives, pronouns, possessive pronouns.*

Сведение об авторах:

Шоев Махмадшариф Джангиевич *- старший преподаватель кафедры французского языка Таджикого государственного педагогического университета имни Садриддина Айни.*

Одинаев Алихон Амрохонович *- старший преподаватель кафедры стилистика и теорияи перевода иностранных языков (немецкого и французского) Таджикого государственного педагогического университета имни Садриддина Айни.*

About the coauthors:

Odinaev Alikhon Amrokhonovich *- senior lecturer of the Departement of stylistic and theory of translation of foreign languages (Germany and French) of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

Shoev Mahmadsharif Dzhangievich *- senior lecturer of the French language department of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

ТАҲЛИЛИ СОХТОРИИ ИСТИЛОҲОТИ БИСЁРҶУЗЪАИ МАНСУБИ «САЙЁҲӢ» - И ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Сафаров А.Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Таҳқиқу таҳлили истилоҳоти соҳаҳои мухталифи ҷомеа метавонад ба муаммоҳои номакшуфи корбурди вожагон то андозаи кӯмак расонад, зеро бархурди тамаддунҳо, раванди ҷаҳонишавӣ ва рӯ овардани аҳли илм ба эҷоди истилоҳоти нав бешак аз он гувоҳӣ медиҳад. Луғоту истилоҳоти ин ё он соҳа умри тӯлонӣ надошта, бо гузашти солҳову қарнҳо метавонанд аз байн раванд ва ҷойи онҳоро воҳидҳои нав соҳиб гарданд, ки ин падидаро ҳар як забон дар раванди мавҷудияти худ паси сар кардааст.стилоҳ ва истилоҳофаринӣ мисли вожаву вожасозӣ дар таркиби луғавии ҳар як забон ҷойгоҳи густурдаеро ба худ касба намуда, дорои як қатор вижагиҳои фаркқунандаи корбурдӣ аст.

Калима ва истилоҳоти соҳаи сайёҳӣ як ҷузъи мустақили таърихиву фарҳангии ҳар як миллат буда, баёнгари даврaҳои мухталифи рушду инкишофи забон ба шумор мераванд. Истилоҳоти сайёҳӣ яке аз қисматҳои муҳим ва воситаи тавоноии рушду такомули ҳар як забон маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, аз он қолабҳои сермаҳсуле, ки ба воситаи онҳо истилоҳибораҳо сохта шуда, дар таркиби низоми истилоҳоти соҳаи «туризми»-и забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ роиҷанд, дар зер ёдовар хоҳем шуд. Дар раванди таҳлилу муқоисаи ҷузъи қолабҳо мо зарур мешуморем, ки шакли ихтисораи онҳоро дар забонҳои фавқуззикр ишора намоем.

Қисми асосӣ - Ҳамаи истилоҳибораҳои бисёрҷузъаи ҷамъовардаи худро вобаста ба миқдори ҷузъҳояшон мо ба истилоҳоти дуҷузъа, сеҷузъа, чорҷузъа ва ғ. гурӯҳбандӣ намудем, ки роҷеъ ба ҳар яки онҳо дар зер таваққуф хоҳем намуд.

Истилоҳибораҳои забони тоҷикӣ

Истилоҳибораҳои дуҷузъа. Дар ин намуди ибораистилоҳ ҷузъи дуюм ба ҷузъи якум тобеъ буда, ба якдигар тавассути алоқаи вобастагӣ, ки аломати он бандаки изофии «-и» ба шумор меравад, пайваст мешаванд. Асосан ду ҳиссаи мустақили нутқ дар ин навъи истилоҳ иштирок мекунанд, ки яке исм ва дигар сифат аст. Истилоҳибораҳои ин гурӯҳро метавон чунин қолаббандӣ намуд:

Noun + Noun. Дар ин нави ибораҳо ҳам ҷузъи меҳварӣ ва ҳам ҷузъи тобеъ исм буда, бо якдигар ба воситаи алоқа изофӣ пайваст шудаан, ки дар забоншиносӣ чун ибористилоҳои исмӣ маъмуланд: осоишгоҳи Шоҳамбарӣ – Shohambari sanitarium; макони истироҳат – recreation center; сайру сайёҳат Хушбахтона, бинобар тараққӣ ёфтани теникаву технология сайру саёҳат кардан ба гӯшаву канори дунё саҳл гардидааст <Fortunately, with the advance of technology , travelling become easy over the world; сайёҳати табиат< Ин як вақти олиҷаноб барои сайёҳати табиат аст - рӯзона ҳанӯз ба қадри кофӣ гарм аст, мавсими магасҳои озурдакунанда ба охир мерасад ва шом ба таври гуворо сард аст [Азия плюс, 27.09. 2021]. This is a great time for nature tourism - the daytime is still warm enough, the annoying mosquito season is over, and the evening is pleasantly cool (Это прекрасное время для природного туризма — днем еще достаточно тепло, сезон надоедливых комаров прошёл, а вечером приятная прохлада).

Noun+Adjective. Дар ин қолаб ҷузъи меҳварӣ исм буда, ҷузъи тобеъ сифат аст. Ҷузъҳои ибораистилоҳ ба воситаи алоқаи наҳвии изофӣ яке ба дигаре пайваст шудаанд: сафари чартерӣ – charter trip, бори дастӣ - hand luggage, раводиди сайёҳӣ – tourist visa, харитаи сайёҳӣ – tour/tourist map; ширкатҳои сайёҳӣ – travel agencies <Таъсис ёфтани ширкатҳои сайёҳӣ ва бунёд шудани инфрасохтор дар ин соҳа мушкилоти сафари сайёҳонро сабук намуд – The establishment of travel agencies and the construction of infrastructure in the area have made easy the problem of tourists (Создание туристических агенствах и строительство инфраструктуры в этом районе облегчили проблему туристических поездок); сафари сайёҳӣ – tour/tourist trip; базаи сайёҳӣ – tourist base.

Мо инҷо зарур мешуморем, ки роҷеъ ба шарҳи луғавии бархе аз истилоҳибораҳои сермаҳсули забони тоҷикӣ, ба воситаи қолаби зикршуда сохта шудаанд, таваққуф намеоем:

Сайёҳати алтернативӣ – як намуди сайёҳие мебошад ки ҳадафи он кам кардани таъсири манфии фароғат ба муҳити зист ва муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар пешбурди муносибатҳои гуногун ба туризм ба шумор меравад;

Сайёҳати корвонӣ – ин навъи сайёҳии нақлиётие мебошад, ки дар он ба сифати таҷҳизоти пайвастшаванда мошини худгарди васлшуда ба автомобили каппадори боркаш истифода мешавад;

Саёҳати фарҳангӣ – як навъи сайёҳие мебошад, ки бо иштирок дар чорабиниҳои мисли мусобиқаҳои бузурги байналмилалии варзишӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ, идҳои милливу қавмӣ, инчунин чорабиниҳои вобаста ба ҷашнҳо алоқаманд аст.

Истилоҳибораҳои сеҷузъа. Ин навъи истилоҳотро се ҷузъ ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, онро истилоҳибораҳои сеҷузъа меноманд. Миқдори ин намуди истилоҳибораҳо дар соҳаи «сайёҳӣ»-и забони тоҷикӣ он қадар зиёд нестанд ва мо аз серистеъмолтарини онҳо дар зер ёдовар мешавем, ба монанди:

Noun+ Noun +Adjective. Дар ин навъи ибораистилоҳҳо се ҷузъ, яъне исм, исм ва сифат ба якдигар ба воситаи бандаки изофӣ пайваст шудаанд, ки ҷузъи сеюм ба ҷузъҳои ду.му якум тобеъ аст: таъмингари хизматрасонии сайёҳӣ – supplier of tourist service, директори ширкати сайёҳӣ – manager travel agency; саҳми бахши сайёҳӣ < Мақомоти Тоҷикистон қасд доранд то соли 2030 саҳми бахши сайёҳиро дар иқтисоди ин кишварро панҷ баробар афзоиш диҳанд «[Азия плюс, 2.08. 2021] -The Tajik authorities plan to increase the share of the tourism sector in the republic's economy fivefold by 2030 (Власти Таджикистана планируют до 2030 года увеличить долю туристического сектора в экономике республики в пять раз); стратегия рушди сайёҳӣ< Самтҳои афзалиятноки Стратегияи рушди сайёҳӣ то соли 2030 инҳоянд: туризми экологӣ, солимгардонӣ, сайёҳӣ, сайёҳии таърихию фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ ва шикор [www.asiaplustj.info/news/tajikistan, 02.08.2021] - The priorities in the Strategy for the Development of Tourism until 2030 indicate: ecological tourism, medical and health tourism, walking, historical and cultural tourism, mountaineering and hunting. (В качестве приоритетов в Стратегии развития туризма до 2030 года указываются: экологический туризм, лечебно-оздоровительный, прогулочный, историко-культурный туризм, альпинизм и охота);

Noun+preposition+Noun. Яке аз воситаҳои алоқаи наҳвӣ дар забони тоҷикӣ ин алоқаи пешояндӣ ба шумор рафта, тавассути он якчанд ибористилоҳот сохта шудаанд. Вазифаи пешояндҳо дар ин навъи ибораистилоҳот пайваст кардани ҷузъҳои ибора аст: сайр бо роҳбалад – tour accompanied by a guide, сайр ба кӯҳсор – a tour to the mountain, сайр ба боғ – a tour to the garder; ариза барои равидид - application for visa, сайр барои харид – tour for purchase.

Noun+ Adjective + Adjective. Дар ин навъи истилоҳибораҳо ҷузъи асосӣ исм буда, ҷузъҳои тобеъ сифатҳо ба шумор мераванд. Миқдори ин гуна ибористилоҳот дар забони тоҷикӣ хеле маҳдуд аст: харақоти сайёҳии беруна – expenditure for external tourism (расходы на выездной туризм); иншооти нави сайёҳӣ <Қарор буд, ки то охири соли 2021 даҳҳо иншооти нави сайёҳӣ: меҳмонхонаҳо ва истироҳатгоҳҳо, лагерҳо, хобгоҳҳо, мотелҳо ва дигар инфрасохторҳо, аз ҷумла канори роҳ кушода шаванд [Азия плюс, 28.09. 2021] - It was planned to open a dozen new tourist facilities by the end of 2021: hotels and resorts, camp sites, hostels, motels and other infrastructure, including roadside (Намечалось открыть до конца 2021 года десяток новых туристических объектов: гостиниц и санаториев, турбаз, хостелов, мотелей и прочей инфраструктуры, в том числе придорожной); рӯзи байналмилалии сайёҳӣ<Имрӯз дар тамоми ҷаҳон Рӯзи байналмилалии сайёҳӣ ҷашн гирифта мешавад [Азия плюс, 27.09. 2021]- Today the whole world celebrates International Tourism Day (Сегодня весь мир отмечает Международный день туризма).

Истилоҳибораҳои чорҷузъа. Теъдоди ин намуди истилоҳибора дар ҳарду забонҳо ҳам хеле маҳдуданд, аммо бо вуҷуди ин ҳам, мо дар раванди таҳқиқи истилоҳоти соҳаи «гурзим»-изабонҳои муқоисашаванда бо онҳо дучор гардидем, мисли:

Noun+ Adjective +preposition+Noun. Дар созмони ин навъи истилоҳибораҳо ба ғайр ҳиссаҳои номии нутқ, боз ҳиссаи номустақили нутқ, яъне пешоянд иштирок менамояд, ки ҷузъҳои якуму дуюм ба ҷузъи чорум ба алоқаи пешояндӣ пайваст шудаанд: сайёҳати серӯза ба кӯҳсор - a three-day trip to the mountain (трёхдневная экскурсия в горы); сайёҳати дурӯза ба баҳр - a two-day trip to the sea (трёхдневная экскурсия в море); рушди сайёҳӣ дар деҳот< Мақомот дар чаҳорчӯби нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2019-2021 ба рушди сайёҳӣ дар деҳот таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд, то ҳамзамон сатҳи бекорӣ коҳиш ёбад [Азия плюс, 28.09. 2021] – The authorities, within the framework of the action plan in 2019-2021, placed special emphasis on the development of tourism in rural areas in order to simultaneously reduce the unemployment rate (Власти в рамках плана-мероприятий в 2019-2021 годы делали особый акцент на развитие туризма в сельской местности, чтобы попутно сократить уровень безработицы).

Истилоҳибораҳои панҷҷузъа. Дар забони тоҷикӣ истилоҳибораҳое мушоҳида мешаванд, ки аз панҷ ҷузъ иборатанд. Ҳамаи ҷузъҳо дар дохили ин намуди ибораистилоҳҳои вазифаи мушаххаси худро иҷро мекунанд. Асосан ҷузъҳои он ба воситаи пешояндҳо ба якдигар пайваст мешванд:

Noun+Adjective+preposition+Noun+Adjective. Дар қолаби мазкур пешоянд вазифаи алоқаи наҳвиро иҷро намуда, ҷузъҳоро ба ҳамдигар алоқаманд намудааст: пардохти иловагӣ барои ҷойи якнафара additional payment for single room (доплата за одноместное размещение).

Ҳамин тариқ, аз таҳлили истилоҳоти таркибии соҳаи «сайёхи»-и забони тоҷикӣ ҳувайдо мегардад, ки тавассути воситаҳои гуногуни наҳвӣ (изофӣ, ҳамроҳӣ, вобастагӣ, пешояндӣ) сохтани истилоҳибора дар ҳоли ҳозир яке аз роҳҳои сермаҳсули истилоҳсозӣ дар забони фавқ маҳсуб меёбад. Аз он қолибҳое, ки зикрашон рафт, истилоҳибораҳои дучузъа дар муқоиса ба дигар қолабҳои истилоҳсоз сермаҳсуланд. Миқдори зиёди истилоҳибораҳои дучузъа ба воситаи қолабҳои «Adj +N» ва «N+N» сохта шудаанд, ки аз ду ҷузъ иборат буда, яке аз он истилоҳи меҳварӣ ба шумор рафта, ҷузъи дуюм ҷузъи якумро шарҳу эзоҳ медиҳад ва ҳамзамон маънои истилоҳии истилоҳи меҳвариро муайян мекунад. Силсилаи истилоҳибораҳое, ки ба воситаи истилоҳи меҳварии «сайёхи» сохта шудаанд, мисоли возеҳи қолаби «Adj +N» шуда метавонанд.

Як нуқта ба ёдоварист, ки дар забони тоҷикӣ истилоҳоти меҳварие мушоҳида мешаванд, ки фарогири ҷузъҳои гуногун буда, ба сифати истилоҳ ё истилоҳибораҳои «сайёҳӣ» истеъмол мешаванд. Яке аз он истилоҳҳои меҳвари вожаи умумистеъмолии «иқтидор» буда, ба воситаи қолиби «исм + исм» аз он якчанд истилоҳибора сохта мешавад: иқтидори меҳмонхона – hotel capacity, яъне шумораи умумии ҷойҳои доимӣ, ки барои ҷойгиркунии меҳмононон дар меҳмонхона пешбинӣ шудааст; иқтидори ҳуҷра – number capacity, шумораи умумии меҳмононе, ки метавонанд дар ҳуҷра ҷойгир карда шаванд.

Истилоҳибораҳои забони англисӣ. Дар ин қисмат мо диду назари худро роҷеъ истилоҳибораҳои бахши «сайёҳӣ»-и забони англисӣ баён хоҳем намуд. Истилоҳибораҳои забони англисиро низ амсоли забони тоҷикӣ метавон ба истсилоҳоти дуҷузъа, сеҷузъа, чорҷузъа ва ғ. тасниф намуд.

Истилоҳибораҳои дуҷузъа. Ҷузъҳои ин навъи ибораистилоҳотро асосан исму сифат ва ё сифату исм ташкил намуда, ҷузъи дуюм чун меҳвари асоси ҷузъи якумро шарҳу эзоҳ медиҳад. Истилоҳибораҳои ингурӯҳро метавон чунин қолаббандӣ намуд:

Noun+ Noun. Дар созмони ин навъи истилоҳибораҳо ду вожаи мустақил ба якдигар тавассути алоқаи тобеъ пайваст шуда, ҷузъи дуюм ҷузъи якумро шарҳу эзоҳ медиҳад ва дар низоми наҳв ба сифати истилоҳибора истеъмол мешаванд: hall porter – маъмур, мудир, hospitality industry – мувозибати меҳмоннавозӣ; conference room – маҷлисгоҳ, shoulder season – ниммавсими, tourist season – мавсими саёҳӣ, tourism center - маркази сайёҳӣ.

Аз шарҳу тавзеҳи истилоҳобраҳое, ки ба воситаи қолаби ишорашуда сохта шудаанд, аён гардид, аломати истилоҳотии онҳо танҳо аз маънии луғавии он ва ё истеъмоли он дохили ҷумла ё матн зоҳир мешава. Агар ба шарҳи луғавии истилоҳибораи hall porter таваҷҷӯҳ намоем, зуд пай мебарем, ки он танҳо дар соҳаи туризм бо маънои «a concierge or a person who carries guests» luggage in a hotel – шахсе, ки боғоҷи меҳмононро ба меҳмонхона мебарад» фаррох истеъмол мегардад.

Adjective +Noun. Қолиби мазкур яке аз маъмултарин ва сермаҳсултарини қолаби ибораистилоҳсози забони англисӣ маҳсуб ёфта, қисми зиёди ибораистилоҳоти соҳаи сайёҳӣ тавассути он сохта шудааст. Дар созмони қолаби мазкур ду ҳиссаи мустақили нутқ – исм ва сифат иштирок намуда, сифат ҷузъи меҳварӣ ва исм ҷузъи ёвар баромад мекунад, яъне ин навъ истилоҳибораҳо дар асоси алоқаи тобеъ сохта шудаанд: tourist agency - бюрои сайёҳӣ; tourist visa - раводиди сайёҳӣ; adjoining rooms – ҳуҷраҳои ҳамшафат, independent hotels – меҳмонхонаҳои мустақил<Дар меҳмонхонаҳои мустақил ба сайёҳон меҳмоннавозии гарм нишон медиҳанд, ки онҳо зебогӣ ва осоишро эҳсос мекунанд - <Independent hotels show warm hospitality tourists that they feel beauty and tranquility> (Независимые отели демонстрируют туристам теплое гостеприимство, которое они ощущают в красоте и спокойствии); warm hospitality – меҳмоннавозии гарм (тёплое гостеприемство)<His visit had been approved by the Government of Morocco, and he expressed thanks to that Government and to the people of the Territory for its warm hospitality – Сафари ӯ аз ҷониби ҳукумати Марока тасдиқ гардид ва ӯ дар аснои сафар ба ин ҳукумат ва ба мардуми ин минтақа барои меҳмоннавозии гармашон изҳори сипос намуд (Его поездка состоялась с одобрения марокканского правительства, и он выражает признательность правительству Марокко и населению территории за проявленное ими тёплое гостеприимство).

Истилоҳибораҳои сеҷузъа. Чӣ тавре аз номаш ҳувайдост, ин намуди истилоҳибораҳ аз сеҷузъ иборат буда, яке ба дигар тавассути ин ё он алоқаи наҳвӣ пайваст мешаванд ва теъдодашон он қадар беш нест. Қолабҳои маъмули истилоҳибороти сеҷузъае, ки дар созмони истилоҳибораҳои «сайёҳӣ»-и забони англисӣ нақши меҳварӣ доранд, инҳо ба шумор мераванд:

Noun + Noun + Noun. Дар созмони қолаби мазкур танҳ як ҳиссаи нутқ, яъне исм иштирок менамояд ва ҷузъҳои истилоҳибора ба якдигар тавассути тартиби калима алоқаманд шудаанд: room status board (of tourists) – ҳолати ҳаққи пардохти манзил (-и сайёҳон), business travel department – шӯъбаи сафар корӣ, шӯъбаи саёҳатҳои тиҷоратӣ, passenger facility charge – маблағи хизматрасонии мусофирон, country house hotel – меҳмонхонаи берун аз шаҳр.

Noun +Adjective +Noun. Ин навъи истилоҳибораҳо низ яке ба дигаре тобеъ буда, тавассути тартиби калима сохта мешаванд: tourism generating areas - минтақаҳои созмондиҳандаи сайёҳӣ, group inclusive tour – сафари гурӯҳии фарогир, horse riding tour – сафар ба воситаи асп; domestic independent tour - сафари ихтиёрӣ дар дохили кишвар.

Adjective+ Noun + Noun. Як гурӯҳи истилоҳибораҳои соҳаи «сайёҳӣ»-и забони англисиро истилоҳибораҳои сифати ташкил мекунанд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки сифат низ ҳамвора бо исм дар созмони истилоҳибора нақши калидӣ дорад. Ҷузъи ин ибораҳо тавассути тартиби калима ба якдигар пайваст мешаванд, ба монанди: supplementary tourist accommodation - ҷойҳои иловагӣ барои сайёҳон (дополнительные места для туристов), daily room rate - нархи ҳуҷраи ҳаррӯза (суточная стоимость номера).

Noun+ preposition + Noun. Пешояндҳо низ дар қатори пайвандакҳо дар созмони алоқаи наҳвӣ нақш доранд. Он истилоҳибораҳое, ки дар зер зикрашон хоҳем намуда ба воситаи алоқаи пешояндӣ сохта шудаанд, мисли: arrival without notice (of tourists) – вуруд бидуни огоҳӣ (сайёҳон), length of stay (of tourists) – иқомати давомнок (-и сайёҳон), demand for tourism – талабот ба туризм, date of departure - санаи сафар.

Истилоҳибораҳои чорҷузъа. Ин навъи истилоҳибораҳо аз чор ҷузъ иборат буда, яке ба дигар тавассути ин ё он алоқаи намуди наҳвӣ, яъне алоқаи пешояндиву пайвандакӣ ва тартиби калима ба якдигар пайваст мешаванд. Истилоҳибороти чорҷузъае асосан бо қолабҳои зерин сохта мешаванд:

Noun+ Noun+ Noun+ Noun. Дар созмони қолаби мазкур танҳо исмҳо иштирок намуданд, ки ҳар яке вазифаҳои мустақили худро ба сомон мерасонанд. Ҷузъи якуми ин истилоҳибораҳо аз пешоянду исм таркиб ёфта, чун исми мураккаб баромад менамоянд, ба монанди: off-airport car rental firm - ширкати иҷорадиҳандаи мошинҳои берун аз фурудгоҳ, on- airport car rental firm - ширкати иҷорадиҳандаи мошинҳои дохили фурудгоҳ.

N + conj + N + N. Нақши пайвандкҳо дар созмони истилоҳибораҳои чорҷузъаи забони англисӣ бағоят калон аст, зеро онҳо ба алоқаманд намудани ҷузъҳои истилоҳибора қодиранд, чунончӣ: hotel and catering industry (for tourists) – мувозибати меҳмонхона ва хизматрасонии тарабхона (барои сайёҳон), food and beverage facilities (for tourists) - муассисахои истеҳсолкунандаи хурокворӣ ва нушокӣ (барои сайёҳон).

Хулоса Ҳамин тариқ, аз гурӯҳбандии истилоҳоти таркибии забони англисӣ маълум гардид, дар созмони истилоҳибораҳои соҳаи «сайёхи»-и забони мазкур истилоҳибораҳои дуҷузъа нақши калидӣ дошта, сермаҳсултарини онҳо қолаби N + N ба шумор меравад.

Яке аз омилҳои серистеъмолии қолаби мазкур дар он зоҳир мегарддад, ки ин намуди ибораҳо ба воситаи алоқаи наҳвӣ бунёд ёфта, дар онҳо ақолаи байни ҷузъҳо тавассути ҷойгиршавии вожагони сода бидуни иштироки алоқаи дигар сурат мегирад. Илова бар ин, имконияти корбурди ибораҳои исмии дуҷузъаи забони англисии муосир ин қобилияти калимасозӣ ва ё иборасозии исм дар қиёс бо дигар ҳиссаҳои нутқба шумор меравад.

Исм яке аз ҷузҳои ҷудонашавандаи ҳамаи истилоҳибораҳои соҳаи «сайёҳӣ»-и забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аст ва чунин иштироки фаъолонаи исм аз соҳиб будани будан хусусияти сермаъноии он дарак медиҳад. Аз таҳлилу баррасии маҷмӯйи истилоҳоти «сайёҳӣ»-и забонҳои таҳқиқшуда метавон ба хулоса омад, ки низоми истилоҳоти соҳаи мазкур дар забони тоҷикӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ дар марҳилаи ташаккул қарор дошта, аз ҳисоби ибораҳо ва вожагони мураккаб рушд ёфта истодааст.

АДАБИЁТ

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика. Морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 352 с.
2. Диловаров Р.Д. Асосҳои туризм. / Р.Д. Диловаров, Ҷ.Н. Ёров, Н.Н. Сайфуллоев – Душанбе: ДМТ, 2013. – 244 с.
3. Лотте Д.С. Основы построения научно-технической терминологии / Д.С. Лотте // Вопросы теории и методики. – М.: Изд-во АН СССР, 1961. – 160 с.
4. Мирзоев, А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ. / А. Мирзоев – Душанбе: Деваштич», 2002. – 308 с.
5. Рустамов Ш.Р. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. / Ш.Р. Рустамов - Душанбе: Дониш, 1971. – 77 с. с.12.
6. Саймиддинов Д. Вожашиносии форсии миёна. / Д. Саймиддинов – Душанбе: Пайванд,2003. - 310 с.
7. Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи сайёҳии (туристии) Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д.Ш. Сангинов. - Душанбе: «Эр-граф», 2012. - 540 с.
8. Қосимова М.Н. Чор унсур: маъниофарини, калимасозӣ: дар асоси маводи“Маснавии Маънави. / М.Н. Қосимова – Д.: Деваштич, 2007. – 266 с.

СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ ПОЛИКОМПОНЕНТНЫХ ТЕРМИНОВ, ОТНОСЯЩИХСЯ К «ТУРИЗМУ» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Настоящая статья посвящается с структурный анализ поликомпонентных терминов, относящихся к «туризму» в таджикском и английском языках. Все поликомпонетные термины исследуемых языках разделяются на двухкомпонентые, трёькомпонентные, четырехкомпонентные и пятикомпонентные. Если в таджикском языке двухкомпонентные термины типа Noun+Adjective занимает особую месту, то в английском языке его заменяет Adjective +Noun. Роль предлоги и союзы очень велико в образования поликомпонентных терминов сравниваемых языках.

Одним из продуктивных средствах образования двухкомпонентных терминов таджикского языка является изафетный связь, т.е. компоненты соединяются друг с дргом при помощи изафетной окончание –и. Большинство таджкиских терминосочетаний образуются при помощи указзаному средству, и они обычно называюстя именные словосочоетания. В английском языке вместо изафетный связь используется подчинительный связь, т.е. второй компонент подчиняется первому компоненту.

Ключевые слова: *структура, анализ, структурный анализ, термин, терминология, язык, таджикский язык, английский язык, туризм, компонент, поликомпонетные термины, связь, изафетный связь, словосочетание.*

STRUCTURAL ANALYSIS OF POLYCOMPONENT TERMS RELATED TO «TOURISM» IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article is devoted to a structural analysis of polycomponent terms related to «tourism» in Tajik and English language.

All polycomponent terms in the studied languages are divided into two-component, three-component, four-component and five-component. If two-component terms, like Noun+Adjective occupy a special place in the Tajik language, then in English it is replaced by Adjective +Noun.

The role of prepositions and conjunctions is very great in the formation of polycomponent terms in the compared languages. One of the productive means of the formation of two-component terms of the Tajik language is the izaphet connection, i.e. the components are connected to each other with the help of the isaphetic ending -и. Most of the Tajik term combinations are formed by indicated means, and they are usually called nominal phrases. In English, instead of an isaphetic bond, a subordinate bond is used, i.e. the second component is subordinate to the first component.

Keywords: *structure, analysis, structural analysis, term, terminology, language, Tajik language, English language, tourism, component, multicomponent terms, communication, isafet communication, word combination.*

Сведение об автора:

Сафаров Аскарджон Шарифович *- соискатель кафедры языкознания и сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университеа имени С. Айни, тел.: (+992) 985792227; E-mail: safarov88@mail.ru*

About the author:

Safarov Askarjon Shariforvich *- a researcher in the Department of Linguistics and Comparative Typology of Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, tel.: (+992) 985792227; E-mail: safarov88@mail.ru*

МАҚОМИ ВОМВОЖАҲОИ АРАБӢ ДАР СОЗМОНЁБИИ ВОЖАҲОИ СОХТА ДАР «ХАМСА»-И ХОҶУИ КИРМОНӢ

Дадохуджаева П. И.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

«Хамса»-и Хоҷуи Кирмониро (1280-1352) ба ҳайси яке аз сарчашмаҳои ноби забони тоҷикӣ бояд шинохт, ки дар забоншиносии мо, чӣ ҳавзаи Моваруннаҳр ва чӣ ҳавзаҳои берун аз он камтар ба таҳқиқи вежагиҳои забонӣ мувоҷеҳ шудааст. Албатта масоили бисёре аз забони «Хамса»-ро метавон ба баррасӣ кашид, вале дар навиштаи ҳозир кӯшиш мешавад, то мухтасаран роҷеъ ба мақоми калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ташаккули калимаҳои сохтаи он таваққуф гардад. Калимаҳои сохтаи «Хамса», ки тавассути иқтибосоти арабӣ созмон ёфтаанд, ба якчанд гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки дар зайл ба тариқи мухтасар баррасӣ хоҳанд шуд:

Бо пешванд ва калимаҳои арабиасл сохташавии исм.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ чаҳор роҳи калимасозӣ мавҷуд аст: морфологӣ, морфологӣ-синтаксисӣ, луғавӣ-синтаксисӣ, луғавӣ-семантикӣ. Калимасозии морфологӣ дар исм равиши сермаҳсултарин буда, бештар бо воситаи вандҳо сурат мегирад (5, 12).

Пеш аз он ки роҷеъ ба калимаҳои сохта ва мураккаби забони осори Хоҷу сухан ронем, мехоҳем ин нуктаро таъкид созем, ки калимаҳои нави пайдошуда сирф калимаҳои форсии тоҷикӣ мебошанд, зеро мансубияти ҳар як калимаи нав ба ин ё он забон аз рӯи қолаби калимасозӣ муайян карда мешавад. Бо ибораи дигар гӯем, калимаи аслӣ ё арабӣ ё умуман иқтибосӣ будани асоси калимасоз аҳамият надорад. Ин калимаҳо дар аксари маврид аз таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ гирифта шуда, бо қолабҳои дар забони форсии тоҷикӣ маъмул сохта мешаванд. Гузашта аз ин, калимаҳои нав ҳам аз нуктаи назари овоӣ, ҳам семантикии худ, мансубият ба ҳиссаҳои нутқ, қобилияти иборасозӣ ва иҷрои вазифаи синтаксисии худ дар ҷумла аз асоси калимасоз ба куллӣ фарқ мекунад. «Калимаҳои арабӣ» гуфтани мо бо мақсади равшантар кардани қабатҳои лексикии таркиби луғавии забони асрҳои XIII-XIV, то як андоза муайян кардани замон, макон ва сабаби вуруди ин калимаҳо ба таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ, дараҷаи ҳазмшавии вожагони иқтибосӣ ба тавассути нишон додани нақши онҳо дар калимасозӣ ва ҳамчунин равшан кардани саҳми шоиру нависандагон, чун Хоҷу, дар ғанӣ гардонидани забони арабии замонашон ва тавсеаи имкониятҳои забони форсии тоҷикӣ дар сатҳҳои гуногуни забон мебошад.

Бо воситаи вандҳо сохташавии калимаҳо низ ба вазифа ва мавқеи онҳо дар муносибат бо асоси калимаҳои сохта (пешвандҳо пеш аз асос- *ҳам* + *роҳ*; пасвандҳо пас асос- *дониш* + *гоҳ*; миёнвандҳо дар миёни ду асос - *сар* + *о* + сар) вобаста аст. Нақши пешванд дар калимасозии исм калон мебошад. *Ҳам-* дар забоншиносии тоҷикӣ ҳамчун пешванди исмсоз дорои вижагиҳои зерин аст: фақат исмсоз будан, ифодакунандаи ҳамроҳӣ, шарикӣ, муносибати дутарафаи шахс ва ашё, аз асосҳои феълӣ исми шахс сохтан (3, 119; 5, 152, 153). Пешванди *ҳам-* дар «Хамса» бо калимаҳои иқтибосии арабии «инон», «нафас», «суҳбат», «сабақ» ва «қарин» омада, калимаҳои нав сохтааст.

Ҳам- + *инон* – «лаҷом, ҷилав, асфор» (11, 548): Сити ту бо боди сабо *ҳаминон*, / Килки ту бо мурғи саҳар ҳамзабон (7, 39). Дар байти мазкур калимаи «инон» бо пешванди *ҳам-* пайваста, калимаи сохтаи нав – исми шахс сохтааст, ки он бо вожаҳои «ҳамсамт» ва «ҳамроҳ» наздикмаъност.

Ҳам- + нафас – «дами бо роҳи даҳону бинӣ ба дарун кашида ва боз баровардашавандаи инсон ё ҳайвон» (11, 900): Бӯи гулу боди саҳар *ҳамнафас*, / Мурғ бароварда хурӯши ҷарас (7, 45). Дар байти мазкур пайванди пешванди *ҳам-* ва вожаи иқтибосии арабии «нафас» – калимаи сохтаи «ҳамнафас» маънои тозае ҳосил кардааст, ки он «парокандан» аст, яъне «бӯи гулро парокандани боди саҳар».

Ҳам- + суҳбат – «мусоҳиба, гуфтугӯ, гуфтугузор» (12, 282): Хоки ту *ҳамсуҳбати* оташ набуд, / Лавҳи вуҷуди ту мунаққаш набуд (7, 137). Дар байти мазкур калимаи сохтаи «ҳамсуҳбат» ба маънои «омезиш» ба кор рафтааст, на «касе, ки бо каси дигар гуфтугӯ мекунад».

Ҳам- + сабақ – «дарс, як миқдори китоб, ки дар муддати як дарс хонда шавад» (12, 183): Муътакифи саҳни гулистон шуда, / *Ҳамсабақи* булбули хушхон шуда (7, 139). Дар ин ҷо калимаи сохтаи «ҳамсабақ» ба маънои «ҳамовоз» омадааст.

Ҳам- + қарин – «1. наздик; дӯсти қарин дӯсти наздик. 2. ҳамнишин, ҳамсӯҳбат, ҳамдаму ҳамнафас. 3. кит. мисл, монанд, ҳамто; баробар» (11, 669): Дилаш ҳамдилу сояаш ҳамнишин, / Ғамаш ҳамраҳу ғуссааш *ҳамқарин* (7, 517). Чунончи аз маъноҳои калимаи иқтибосии арабӣ – сифати «қарин» бармеояд, он бо маънои сеюмаш бо пешванди *ҳам-* пайваст шуда, калимаи сохта – исми «ҳамқарин»-ро ба маънои «ҳаммонанд», «ҳаммисл» сохтааст. Дар ашъори шоирони ҳамасри Хоҷу – Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ низ аз ҳисоби калимаи арабиасл ва пешванди «*ҳам-*» сохташавии калима ба мушоҳида мерасад. Агар дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ аз 17 калимаи бо пешванди «*ҳам-*» пайваст шудаву вожаи сохта бавуҷудоварда ҳамагӣ 6 вожа арабиасл (дарс, суҳбат, манзил, қирон, нафас, инон) бошад (6, 24) бошад, дар ашъори Камоли Хуҷандӣ аз 20 калима 5 калима арабиасл (инон, нафас, сафар, коса, суҳбат) мебошад (13, 644-646).

Чи тавре аз муқоисаи шумори калимаҳои содаи арабиасле, ки бо пешванди «*ҳам-*» омадаву дар ташаккулёбии калимаҳои сохта ширкат кардаанд, маълум мешавад, дар ҳақиқат забони шеъри ин се шоир аз лиҳози вуруди иқтибосоти арабӣ ва пайвастшавии онҳо бо пешванди «*ҳам-*» яксон аст.

Бо пасвандҳо ва калимаҳои арабиасл сохташавии исм.

Калимасозии исм тавассути пасвандҳо роҳи сермаҳсултарини калимасозии морфологӣ ба шумор меравад. Таснифоти пасвандҳо аз рӯи он ки бо реша чи хел пайваст шуда, чӣ маъноро ифода мекунанд, сурат мегиранд. Онҳо исмҳои ифодакунандаи шахс, ифодакунандаи предметҳо, исмҳои макон ва маънӣ месозанд (10, 138). Пасвандҳо аз рӯи дараҷаи истеъмол дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул мешаванд.

Пасванди -ӣ (-гӣ) дар калимасозии исм сермаҳсултарин пасванд буда, вазифаҳои зерин дорад: аз исм сохтани исми нави ифодагари таъйинот ва нисбату мансубият (5, 145), аз сифатҳои содда, сохта ва мураккаб сохтани исми ифодакунандаи машғулият, синну сол ва муносибатҳои гуногун (5, 146, 151), аз асоси замони гузаштаи феъл сохтани исм (4, 153). Ин пасванд дар сохтани калимаҳои сохта бо иқтибосоти арабӣ дар «Хамса» низ сермаҳсул аст. Он дар сохтани калимаҳои зиёде, аз чумла мастурӣ (7, 201, 627, 687, 688), сабӯҳӣ (7, 45, 83, 100, 127, 195, 261 ва ғ.), ошиқӣ (7, 260, 389, 405, 620, 630, 632, 658, 688), ғуломӣ (7, 228, 645, 763, 842), мусалмонӣ (7, 102, 157, 199), кофарӣ (7, 199), султонӣ (7, 228, 289, 305, 587, 589, 605, 696, 723, 736, 747, 841, 855), таррорӣ (7, 287, 446, 469, 470, 773), азалӣ (7, 83, 200, 203, 258), абадӣ (7, 83), сабурӣ (7, 341, 401, 406, 477, 623, 654), ғарибӣ (7, 560, 721), оқилӣ (7, 243), шайдоӣ (7, 143, 160, 284, 507, 610, 619, 665, 682), фузулӣ (7, 826), уқулӣ (7, 826), муршидӣ (7, 136, 166, 842), самовӣ (7, 842), фалакӣ(7, 242), малакӣ (7, 242), амонӣ (7, 50, 161, 243, 264, 274, 720, 760), қудсӣ (7, 265, 293, 585, 764, 840, 854) ширкат кардааст, ки дар поён намунаи чанде аз ин калимаҳои сохта бо таҳлил оварда мешавад.

Мастур (пинҳон) + *ӣ* = *мастурӣ* (пинҳонӣ, махфӣ): Ба дастурӣ ба даст оварда шаҳро, / Ба *мастурӣ* ба поён бурда раҳро (7, 627).

Ғулом (асир; иродатманд; хизматгузор) + *ӣ* = *ғуломӣ* (асирӣ; иродатмандӣ; хизматгузорӣ): Хабар дорӣ, ки Фаррухрӯзи Шомӣ, / Ки шоҳонаш кунанд аз ҷон *ғуломӣ* (7, 763).

Мусалмон (пайрави дини ислом) + *ӣ* = *мусалмонӣ* (диндорӣ, иҷрои умури шариати ислом): Рӯҳ дар кеши Ӯст қурбонӣ, / Куфр дар дини Ӯ *мусалмонӣ* (7, 157).

Сабур (сабркунанда, босабр) + *ӣ* = *сабурӣ* (сабр кардан, босабрӣ, тоқатпазирӣ): Маро аз турунҷи ту дурӣ беҳ аст, / Зи себат диламро *сабурӣ* беҳ аст (7, 401).

Пасванди *-гӣ* варианти пасванди *-ӣ* буда, аксар исмҳои абстракти бо он сохташуда ҳолату машғулиятро ифода мекунад (4, 153). Дар «Хамса» ин пасванд бо ягон калимаи арабиасл омада, калимаи сохтаи нав насохтааст. Ҳамчунин пасванди *-а* низ ҳарчанд дар забони форсии тоҷикӣ пасванди сермаҳсул бошад ҳам, дар «Хамса» бо калимаҳои арабиасл омада, калимаи сохтае насохтааст.

Пасванди сермаҳсули *-гарӣ* барои сохтани исмҳои маънӣ хидмат карда, хосияти доимӣ ва давомнокию такроршавии амалу ҳолатро ифода карда (5, 147), мансуби нутқи гуфтугӯӣ буда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик фаровон истифода мешавад. Вай аз пасванди *-ӣ // гӣ* фарқ дошта бошад ҳам, хусусияти ҳамвазифагӣ дорад (2, 116). Дар «Хамса» ин пасванд фақат бо калимаҳои арабии «сурат» (7, 123, 322, 749, 761, 799) ва «коса» (7, 169) омада, калимаҳои сохтаи нав сохтааст:

Сурат (расм, наққош) + *гарӣ* = *суратгарӣ* (рассомӣ, наққошӣ): Каъба, ки шуд хонаи *суратгарӣ*, / Буткада бошад, чу накӯ бингарӣ (7, 123).

Коса (зарф барои хӯрдани обу таом) + *гарӣ* = *косагарӣ* (косасозӣ): То ба кай хуни хум ба коса х(в)арӣ, / Чӣ барӣ оби рух ба *косагарӣ* (7, 169).

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ як гурӯҳ пасвандҳое ҳастанд, ки барои сохтани исмҳои макон хизмат мекунанд, мисли: *-гоҳ // гаҳ, -зор, -истон, -сор* ва *-дон*.

Пасванди *-гоҳ // гаҳ* калимаи аслан мустақилмаъно буда, имрӯз аксаран ҳамчун ифодакунандаи макон танҳо дар таркиби калима омада, мисли вожаи «ҷой» (ҷо) маконро ба таври умумӣ нишон медиҳад ва аз исмҳои конкрету абстракт, аз сифату феъл исмҳои сохта месозад (5, 147-149). Дар «Хамса» ин пасванд сермаҳсул буда, аз ҷумла дар сохтани калимаҳои сохтаи «сиёсатгаҳ» (7, 78), «ибодатгаҳ» (7, 104), «тамошогаҳ» (7, 111), «ҷилвагаҳ» (7, 111, 118, 152, 293, 482), «хилватгаҳ» (7, 117, 204, 326, 338, 377, 573, 583), «манзилгаҳ» (7, 149, 349, 353, 354, 366, 407, 549), «мавҷгаҳ» (7, 196), «нахҷиргаҳ» (7, 363, 371, 377, 561), «арзгаҳ» (7, 438), «нузҳатгаҳ» (7, 297, 439), «ҷавлонгаҳ» (7, 164, 491), «навбатгаҳ» (7, 617), «меодгаҳ» (7, 667), «саҷдагоҳ» (7, 79, 132, 239, 575), «қадамгоҳ (7, 711), назаргоҳ (7, 48, 534), ки ҳама арабиасланд, ширкат кардааст. Дар поён таҳлили алоҳидаи намунае аз онҳо оварда мешавад:

Сиёсат (танбеҳ, ҷазо, ҳукумат) + *гаҳ*= *сиёсатгаҳ* (ҷойи ҷазодиҳӣ, макони иҷрои ҳукми қатл): Дор зи хунаш шуда уннобгун, / Хоки *сиёсатгаҳи* ӯ ғарқи хун (7, 78).

Ибодат (парастиш, бандагии Худо) + *гаҳ*= *ибодатгаҳ* (ҷои ибодат, масҷид): Мӯбади оташкадаи ҳафтшоҳ, Пири *ибодатгаҳи* шаш хонақоҳ (4, 104).

Ҷилва (ошкорсозӣ, зоҳирнамоӣ, намоишдиҳӣ) + *гаҳ*= ҷилвагаҳ (ҷойи ошкорсозӣ, макони зоҳирнамоӣ ва намоишдиҳӣ): Базми парӣ *ҷилвагаҳи* аҳриман, / Байти муқаддас ватани барҳаман (7, 111).

Мавҷ (ҷунбишу чинхӯрдагии сатҳи об) + *гаҳ* = *мавҷгаҳ* (киноя аз дунёи фонӣ): Рахт аз ин *мавҷгаҳ* бурун андоз, / Хона бар раҳгузори сел масоз (7, 196).

Меод (ҷойи ваъда, ваъдагоҳ) + *гаҳ* = *меодгаҳ* (ваъдагоҳ, ҷойи ваъдашуда барои иҷрои коре): Чу шаб шуд, Меҳрубон омад ба парвоз, / Нишеман кард дар *меодгаҳ* боз (7, 667). Чунонки маълум мешавад, бидуни пасванди *-гаҳ* низ калимаи иқтибосии «меод» худ «ваъдагоҳ»-ро мефаҳмонад. Аммо шоир ба хотири пур кардани холигоҳи вазнӣ, яъне як ҳиҷои дароз (–) ин пасвандро барзиёдӣ пайванд додааст.

Агар дар ин ҷо мо *гаҳ // гоҳ*-ро на ҳамчун пасванд, чунонки дар болотар гуфта шуд, ҳамчун калимаи мустақил, на ба маънои «макону ҷой», балки ба маънои «замон, вақт» гирем, бояд калимаҳои мазкур набояд сохта, балки калимаҳои мураккаб бошанд, аммо аз он ки чунин қоида дар дастуру китобҳои забоншиносии мо вуҷуд надорад, мо, ба занни ба яқин наздик, замонсоз будани пасванди *-гоҳ // гоҳ*-ро ба қайд гирем.

Пасванди *-дон* сермаҳсул ба шумор рафта (2, 113; 40, 151), ғайр аз исмҳое, ки асосашон зарф аст, инчунин исмҳои конкрети макон низ месозад. Ин пасванд фақат бо калимаҳои арабии «ғолия» (7, 152), «ҷуръа» (7, 168), «нуқл» (7, 427), «шамъ» (7, 437), «қалам» (7, 551) омада, дар сохтани калимаҳои сохта ширкат кардааст:

Ғолия (хушбӯй ва атриёт) + *дон* = *ғолиядон* (зарфе, ки дар он хушбӯй ва атриёт мегиранд): Гашта ба доси маҳи нав хӯшачин, / Рехта аз *ғолиядон* мушки Чин (7, 152).

Ҷуръа (як ошомиданӣ об, қатра, чакра) + *дон* = ҷуръадон (маҷозан ғарб, ҷойи нишастани Офтоб): Сабзазори фалак пур аз гул шуд, / *Ҷуръадони* уфуқ пур аз мул шуд (7, 168). Албатта, «ҷуръадон» ба танҳои худ маънои «ҷойи ғуруби Хуршед»-ро ифода карда наметавонад. Он дар таркиби ибораи шоиронаи «ҷуръадони уфуқ» ба ҳамин маъно омадааст.

Қалам (найи тарошида, ки бо он хат нависанд, хома, килк) + *дон* = *қаламдон* (зарфе, ки дар он қаламро гиранд): Зи нӯки қалам икди гавҳар кушод, / Пас он гаҳ қалам дар *қаламдон* ниҳод (7, 551).

То ин ҷо дараҷаи сохташавии калимаҳои сохтаро бо пасвандҳои дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ сермаҳсул ва иқтибосоти арабӣ ҳатталмақдур муайян кардем, аз ин баъд, бо пасвандҳои каммаҳсул баррасӣ хоҳем кард.

Дар «Забони адабии ҳозираи тоҷикӣ» пасвандҳои *-гар, - гор, -ор* ҳамчун пасванди каммаҳсул ба қайд гирифта шудаанд (4, 139-150). Аммо, Шарофиддин Рустамов дар исмсозӣ фаъолона иштирок кардани онро таъкид кардааст (9, 38). Мутолиаи «Хамса» собит месозад, ки пасванди мазкур дар калимасозӣ аз ҳисоби калимаҳои иқтибосии арабӣ нисбатан каммаҳсул мебошад. Он аз калимаҳои арабии «ҷилва» (7, 276, 277, 456, 545, 663, 782, 804), «сурат» (7, 720), «коса» (7, 147-148), «кимиё» (7, 173) калимаҳо сохтааст:

Ҷилва (ошкорсозӣ, зоҳирнамоӣ, намоишдиҳӣ) + *гар* = *ҷилвагар* (ошкору намоён, зоҳир): Зи пешаш *ҷилвагар* товуси иқбол, / Ба гардун дарфиканда бонги халхол (7, 276).

Сурат (нақш, расм) + *гар* = *суратгар* (наққош, рассом, мусаввир): Ба лаб *суратгари* рӯи замин шуд, / Ба маънӣ ранги наққошони Чин шуд (7, 720). Ин калимаи сохта ҳамчун яке аз истилоҳоти илми наққошӣ ба ҳисоб меравад, ки муродифи комилан арабиасли он «наққош» аст Истилоҳоти иқтибосии марбут ба соҳаи наққошӣ низ дар асари мавриди назар кам нестанд. Доктор М.Обидӣ аз мақоми хос доштани

вожаҳои ифодагари соҳаи наққошӣ дар осори Хоҷу, хусусан дар қасоиду ғазалиёташ иттилоъ дода, шоирро наққоши Кирмонӣ гуфтааст (8, 33-34).

Коса (зарфи обу таомхӯрӣ) + *гар* = *косагар* (созандаи коса; маҷозан сифати ҳолгардонии фалак, ки бо мурури замон ашё ва мавҷудотро аз як ҳол ба ҳоли дигар мегардонад, масалан одамро ба хок ва хокро ба дасти одам косаву кӯза): Қурсафурӯши фалаки *косагар* / Субҳ ба як қурс, ки додаш, ки х(в)ар (7, 147-148).

Пасванди - *гор* аз пасвандҳои каммаҳсул буда, тавассути он аз исму асосҳои феъл исмҳои ифодакунандаи шахс сохта мешавад. Дар «Хамса» низ каммаҳсул будани он ба мушоҳида мерасад. Он фақат бо калимаи арабии «талаб» (7, 476, 493, 614, 741) пайваста, дар сохтани калимаи сохтаи «талабгор» ширкат кардааст:

Талаб (хоҳиш) + *гор* = *талабгор* (хоҳишманд, ҳаводор): Дигар ин, к-аз он сон *талабгори* туст, / Бурид аз ту меҳр, ар ҳаводори туст (7, 476).

Пасванди *-истон* бо исмҳои моддӣ омада, исми сохта месозад. Ин пасванд (дар назм инчунин *-стон* низ меояд) ҳам мисли пасванди *-зор* бо исм омада, макон ва фаровонии предметро мефаҳмонад. Ин пасванд дар «Хамса» бо ягон калимаи арабиасл дар сохтани калимаҳои сохта ширкат накардааст. Пасванди бемаҳсули *-бон* бошад, ҳамагӣ як маротиба дар «Хамса» дар калимасозӣ бо калимаи иқтибосии арабӣ ширкат кардааст: *Нахҷир* (бузи кӯҳӣ, оҳу) + *бон* = *нахҷирбон* (касе, ки оҳуро бо мақсади шикор дар камин бониста меистад, шикорчӣ): Ҳамоно, асири шубонон бувад / Ва ё сайди *нахҷирбонон* бувад (7, 522).

Таҳқиқу таҳлили исмҳои сохтаи абёти шоҳиди боло собит месозад, ки калимаҳои иқтибосии арабии матни «Хамса» ба қонуниятҳои дохилии забони форсии тоҷикӣ мутобиқ шуда, дар калимасозии исм, хусусан исмҳои сохта чун калимаҳои аслӣ бо аксари пешванду пасвандҳои исмсоз вориди калимасозӣ шудаанд.

Бо пешвандҳо ва вожаҳои арабиасл сохташавии сифат.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, ба истиснои *то-*, ки дар мавриди пешванд будани он олимон ду ақида доранд, шаш пешванди сифатсоз мавҷуд аст: *бо-, ба-, бар-, бе-, но-, дар-*. Дараҷаи истеъмоли онҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ як хел нест.

Пешвандҳои *ба-, бо-* сермаҳсул буда, аз исм сифати аслӣ месозанд, ки мазмунан ба ягон хосият ё аломат соҳиб будани предметро мефаҳмонад (5, 198). Аммо аз ин ду пешванд, чунончи мутолиаи пурраи «Хамса» нишон дод, пешванди *ба-* дар сохтани сифатҳои сохтаи ҷузъи асосиашон арабиасл ширкат накардааст. Бо пешванди *бо-* ҳамагӣ ду сифати сохта бо калимаҳои арабиасли «тамиз» ва «хабар» ба қайд гирифта шуд:

Бо + *тамиз* (ақлу ҳуш) = *ботамиз* (ҳушманду боақл): Агар *ботамизам*, в-ар аҳли хирад, / Чу умрам намонад, кӣ номам барад?! (7, 358).

Бо + *хабар* (огоҳӣ, дарак, маълумот; чизе, ки барои огоҳии мардум гуфта мешавад) = *бохабар* (огоҳ, хабардор): Бехабару *бохабар* аз ҳар чӣ ҳаст, / Сӯхтаву сохта бо ҳар кӣ ҳаст (7, 56).

Пешванди *бе-* дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ сермаҳсул буда, аз исмҳо сифати аслӣ месозад, ки ба аломати дар асос номбаршуда молик набуданро мефаҳмонад (5, 198). Ин пешванд нисбат ба пешванди *бо-* дар «Хамса» бештар бо калимаҳои иқтибосии арабӣ, аз ҷумла «адл» (7, 117), «базл» (7, 117), «виқор» (7, 174), «қарор» (7, 836), «қут» (7, 665), «нур» (7, 777), «нутқ» (7, 212), «такаллум» (7, 213), «самар» (7, 247), «суфра» (7, 247), «ҳикоят» (7, 679), «ҳисоб» (7, 497), «ҳосил» (7, 169), «ҳур» (7, 777) омада, сифатҳои сохтаро ба вуҷуд овардааст. Дар поён намунае аз ин калимаҳо мавриди таҳлил қарор дода мешавад:

Бе + *виқор* (шукӯҳ, азамату бузургворӣ) =*бевиқор* (хоксор, фурӯтан): Хоки роҳам, зи ман канор магир, / Тарки ин хоки *бевиқор* магир (7, 174).

Бе + *базл* (бахшиш, ато, саховату карам) = *бебазл* (тангдаст, мумсик, лаим) ва *бе* + *адл* (дод, инсоф)= *беадл* (беинсоф, ситамкор, золим): Раҳрави *бебазл*, зи роҳаш бирон, / Хусрави *беадл*, ба шоҳаш махон (7, 117). Сифати аввалӣ ба «роҳрав – солик» ва сифати дувумиро шоир ба «шоҳ» дода, таъкид мекунад, ки бояд равандаи роҳи Ҳақ саховату карам дошта бошад ва подшоҳ инсофу дод.

Бе + *суфра* (хон, дастархон) = *бесуфра* (бедастархон; киноя аз мумсику меҳмоннонавоз) ва *бе* + *самар* (мева, бор, ҳосил) = *бесамар* (бемева, беҳосил): Кохи *бесуфра* хоки роҳ арзад, / Шаҷари *бесамар* гиёҳ арзад (7, 247).

Бе + *ҳур* (зани зебои биҳиштӣ) = *беҳур* (холӣ аз зани зебои биҳиштӣ) ва *бе* + *нур* (равшанӣ) = *бенур* (хира, камнур): Ин ҳама равзаҳои *беҳур* аст / В-он ҳама чашмҳои *бенур* аст (7, 246). Дар «Хамса» ҷуфтистеъмолшавӣ ва қофиясозии калимаҳои арабиасл дар ҳамроҳӣ бо пешвандҳо, аз ҷумла пешванди *бе-* низ ба мушоҳида мерасад.

Пешванди *но-* дар калимасозии сифат дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ нисбат ба дигар пешванд сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифати аслӣ месозад, ки акси маънои асос молик набудани мавсуфро ба он ифода мекунад ва ё ҳолати предметро мефаҳмонад (2, 144). Ин пешванд бо калимаи иқтибосии «маҳрам» (7, 630) омада, аз исм сифат сохтааст: *Но* + *маҳрам* (хеш, ақрабо, касе, ки бо ӯ

издивоқ ҳаром аст; ҳамроз, роздор) = *номаҳрам* (бегона, беэътимод; маҷозан эҳромнабаста): Бирав, боз ову тарки ин қадам гир, / Машав *номаҳраму* роҳи ҳарам гир (7, 630). Калимаи «номаҳрам» тибқи нишондоди фарҳангнигор Ҳасани Амид сифат аст (1, 2375). Аммо бояд қайд кард, ки дар байти мазкур, агар сифат будани онро ба инобат гирем, пас он ба ҳодисаи субстантиватсия (исмшавии ҳиссаҳои дигари нутқ) дучор шудааст, зеро он ба саволи исм (чӣ?) ҷавоб мешавад.

Пешванди *бар-* дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ каммаҳсул буда, ин каммаҳсулӣ дар «Хамса» низ ба назар мерасад. Пешванди мазкур фақат як маротиба бо калимаи «қарор» омада, сифат сохтааст: *Бар* + *қарор* (оромишу сукун, тамкин) = барқарор (ором, осуда): На роҳе падиду на раҳбар ба даст, На дил *барқарору* на дилбар ба даст (7, 368).

Вожагони иқтибосии арабии матни «Хамса», чунончи аз муҳтавои маводи таҳлилшуда бармеояд, бештар бо пешванди сермаҳсули «бе-» дар калимасозии исм ширкат карда, бештар исмҳои сохта ба вуҷуд овардаанд. Ҳамчунин маълум мегардад, ки Хоҷу низ мисли шоирони ҳамзамонаш иқтибосоти арабиро мисли калимаҳои забони форсии тоҷикӣ дар калимасозии исм ба кор гирифта, бо аксари пешвандҳои исмсоз калимаҳои сохта офаридааст.

Бо пасвандҳо ва калимаҳои арабиасл сохташавии сифат.

Тибқи нишондоди забоншиносон пасвандҳои сифатсоз аз рӯи калимасозӣ ва дараҷаи истеъмол се хел мешаванд: а) *сермаҳсул*: -ӣ, -гӣ, -она, -гона, -нок; б) *каммаҳсул*: -онӣ, - ак, -гун, -ин, -гин; в) *бемаҳсул*: -осо, -ваш, -фом (5, 184-185).

Аз миёни пасвандҳои сермаҳсул дар «Хамса» фақат пасванди *-нок* фаъол аст, дигар пасвандҳо дар калимасозии сифат бо иқтибосоти арабӣ умуман дучор намешаванд. Пасванди *-нок* бо исмҳо омада, сифати аслие месозад, ки ба аломати асосии калима соҳиб буданро мефаҳмонад (4, 194). Ин пасванд бо калимаҳои арабии «ғам» (7, 29), «ҳатар» (7, 66), «шағаб» (7, 276), «тараб» (7, 613) омада, дар созмонёбии сифатҳои сохта ширкат кардааст:

Ғам (андӯҳ, ғусса) + *нок* = *ғамнок* (андӯҳгин, маҳзун, ношод): Ҷуръаи ҷон бар гили намнок рехт, / Ҷони фараҳ бар дили *ғамнок* рехт (7, 29)

Шағаб (ошӯбу ғавғо, ғазабу шӯр) + нок= шағабнок (пурошӯб, пуршӯру ғазабнок): Даромад шоҳ чун шери *шағабнок*, / Ба дасташ найзае чун мори Заҳҳок (7, 276).

Тараб (хурсандӣ, шодӣ) + *нок* = тарабнок (хурсанд, шод, хандон, пуртабассум): Ҳар он к-ӯ бинад он рӯи *тарабнок*, / Агар хокаш нагардад, бар сараш хок! (7, 613).

Аз байни пасвандҳои каммаҳсул пасвандҳои *-ин*, *-гин* ва *-гун* дар «Хамса» корбурд доранд.

Бо пасванди *-ин* ҳамагӣ як калимаи арабиасл якҷоя сифати сохта сохтаанд: *Анбар* (моддаи сиёҳранги хушбӯй) + *ин* = *анбарин* (хушбӯй, атрнок): Барошуфта з-он сунбули *анбарин*, / Бунафшафурӯшони бозори Чин (7, 548).

Пасванди *-вор* дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» (нашри 1982) ҳамчун гунаи тахфифшудаи пасванди исмсози *-вора* омада, «хусусияти таъинотӣ» доштанаш таъкид шудааст (5, 140). Ин пасванд дар «Хамса» ҳамагӣ як маротиба бо калимаи арабии «субҳ» омада, сифат сохтааст:

Субҳ (саҳар, пагоҳ, сапеда) + *вор* = *субҳвор* (мисли субҳ, субҳмонанд): Саҳаргаҳ даме хуш баро *субҳвор*, / Ба сарчашмаи меҳр ғусле барор (7, 575).

Аз байни пасвандҳои дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ бемаҳсул пасвандҳои *-фом* ва *-ваш* дар «Хамса» бо калимаҳои арабиасл омада, дар калимасозии сифат ширкат кардаанд. Пасванди бемаҳсули *-фом* бо калимаи «ёқут» пайваста, сифат сохтааст:

Ёқут (санги қиматбаҳо, ки ранги сурху зарду кабуд мешавад) + *фом* = *ёқутфом* (майи дар ранг монанди ёқути сурх, ёқутранг): Дода ба хуршедпарастони бом, / Дар қадаҳи зар майи *ёқутфом* (7, 28).

Пасванди *-ваш* нисбат ба пасванди *-фом* дар «Хамса» маҳсулноктар буда, бо се калимаи арабиасл – «мафраш», «суъбон», «ҳур», «Хизр», «ҳуққа» якҷоя дар сохтани панҷ сифати сохта иштирок кардааст:

Мафраш (чизи густарданӣ ҳамчун палос, шол, намад ва ғайра) + *ваш* = *мафрашваш* (палосмонанд; маҷозан нарму мулоим): Боргоҳи ту хоки *мафрашваш*, / Боргири ту боди мафрашкаш (7, 175).

Суъбон (мори бузург, аждаҳо) + *ваш* = *суъбонваш* (аждаҳомонанд): Ба чочи чарх қурбонкаш даромад, / Хурӯш аз чархи *суъбонваш* даромад (7, 746).

Ҳур (зани зебои биҳиштӣ) + *ваш* = *ҳурваш* (ҳурмонанд, мисли ҳур зебо) ва *нур* (равшанӣ) + *ваш* = *нурваш* (нурмонанд, мисли нур, дурахшон): Паривор девафкани *ҳурваш*, / Мунаввардили нории *нурваш* (7, 542).

Хизр (сабз, сабза, сабзазор) + *ваш* = хизрваш (хизрмонанд, сабзқадам; сабзпаём, хушхабар – киноя аз сифати Суруш): Даромад ногаҳон аз байти маъмур, / Суруши *хизрваш* дар қуббаи нур (7, 840).

Ҳуққа (қуттии кӯчаки ҷавоҳироту заролот) + *ваш* = *ҳуққаваш* (монанди ҳуққа, ҳуққамонанд): Дар садафи *ҳуққаваши* чанбарӣ, / Ҳамчу ту набвад гуҳаре гавҳарӣ (7, 61).

Вомвожагони арабии матни мавриди таҳқиқ бо ҳамроҳии пешванду пасвандҳои сифатсоз дар ташаккулёбии сифатҳои сохта фаъолона ширкат карда, дараҷаи истеъмоли вандҳои сифатсозро дар поёни садаи XIII ва нимаи аввали асри XIV бозгӯ мекунанд.

Ба калимасозӣ, хусусан бо истифода аз вомвожаҳои арабӣ ба офаридани калимаҳои сохта таваҷҷуҳи хос доштани муаллифи «Хамса»-ро дар мисоли сифатҳои сохтаи «ҳурваш» ва «нурваш» (7, 542) ва «беҳур» ва «бенур» (7, 246) метавон ба исбот расонд. Шоир ба вомвожаҳои мазкур ҳам пешванд ва ҳам пасванд ворид карда, вожаи нав сохтааст.

Хулоса, мавқеи вомвожаҳои арабӣ дар созмони вожагони сохтаи тоҷикии «Хамса»-и Хоҷуи Кирмонӣ бисёр бузург аст ва ин нукта бори дигар дол бар он шуда метавонад, ки забони адабии мо дар шаклгирии худ бисёр аз вожагони арабиасос вом бардошта, вале нуктаи дигари қобили қайд ин ҳам ҳаст, ки онҳоро ба таври точикикунонӣ ҳамчун ҷузъҳои забонии худ ҳазм кардааст.

АДАБИЁТ

1. Амид, Ҳасан. Фарҳанги форсии Амид. Иборат аз аз 3 ҷилд. Ҷ.3. (айн-ё). –Теҳрон: Амири Кабир, 1381. –С.1689-2539.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн]: Фонетика ва морфология.Ҷ.1./ Муҳаррирони масъул Ш. Рустамов ва Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1985.–352 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн]: Ибора ва синтаксиси ҷумлаи сода.Ҷ.2./ Муҳаррирони масъул Ш. Рустамов ва Р. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1986.–372 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн]: Лексикология, фонетика ва морфология. Барои студентони факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Зери таҳрири профессор Б. Ниёзмуҳаммадов.– Душанбе: Ирфон, 1973.– 463 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн]: Лексикология. Фонетика. Морфология. Қисми 1. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ / Муҳаррири махсус: Ш.Рустамов.– Душанбе: Маориф, 1982.– 462 с.
6. Калонова Махина Джумабоевна. Структурно – семантический анализ словообразования именных частей речи (имя существительное и имя прилагательное) в поэзии Хафиза Ширази [Текст]: Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук (спец.10.02.22] / Махина Джумабоевна Калонова.– Душанбе, 2017.– 175 с.
7. Кирмонӣ, Хоҷу. Хамса [Матн]: Таҳия ва тавзеҳи Баҳром Раҳматов, Оқилбой Оқилов ва Шоира Олимова / Хоҷуи Кирмонӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2017.–880 с.
8. Обидӣ, Маҳмуд. Хоҷуи Кирмонӣ дар осораш // Гавҳари гӯё (Маҷаллаи илмӣ-пажӯҳишӣ). Давраи 1. Шумораи 2: Тобистони соли 1386. –С. 31-46.
9. Рустамов Шарофиддин. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик [Матн] / Шарофиддин Рустамов.–Душанбе: Дониш, 1972.–77 с.
10. Рустамов Шарофиддин. Исм [Матн]: Категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ) / Шарофиддин Рустамов.–Душанбе: Дониш, 1981.–220 с.
11. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ.I. А-Н. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 950 с.
12. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ. II. О - Я. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – 945 с.
13. Шоҳаҳмад (Суруш), Абдуҷаббор. Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Абдуҷаббор Шоҳаҳмад (Суруш).–Хуҷанд, 2015.–732 с.

МЕСТО АРАБСКИХ ЗАИМСВОВАННЫХ СЛОВ В ОБРАЗОВАНИИ ПРОИЗВОДНЫХ СЛОВ В «ХАМСЕ» (ПЯТЕРИЦА) ХОДЖУИ КИРМАНИ

В сататье рассматривается место и роль арабских заимсвованных слов в образовании производных слов в «Хамсе» Ходжуи Кирмани. В результате анализа материалов «Хамса» Ходжуи Кирмани автором данной статьи выялены следующие способы образования производных слов: образования существительных с префиксами и исконных арабских слов, образования существительных с суффиксами и исконных арабских слов, образования прилагательных с префиксами и исконных арабских слов и образования прилагательных с суффиксами и исконных арабских слов.

Вместе с тем, в статье определены некоторые продуктивные и непродуктивные аффиксы таджикского языка, которые широко участвуют в образовании производных слов в «Хамсе» Ходжуи Кирмани. Данная статья предназначена для преподавателей, аспирантов и студентов филологических факультетов.

Ключевые слова: *современный таджикский литературный язык, суффикс, арабское слово, прилагательное, существительное, таджикско-персидский язык, место обещания, таджикский язык*

THE PLACE OF ARABIC LOAN WORDS IN THE FORMATION OF DERIVATIVE WORDS IN «KHAMSA» (FIVE TREASURES) OF KHODZHUI KIRMANI

The article explores the place and role of Arabic borrowed words in the formation of derivative words in «Khamsa» written by Khodzhui Kirmani. As a result of the analysis of the materials of «Khamsa» written by Khodzhui Kirmani, the author of this article identified the following ways of forming derivative words: the formation of nouns with prefixes and native Arabic words, the formation of nouns with suffixes and native Arabic words, the formation of adjectives with prefixes and native Arabic words and the formation of adjectives with suffixes and native Arabic words.

At the same time, some productive and unproductive affixes of the Tajik language are identified in the article, which are widely used in the formation of derivative words in «Khamsa» written by Khodzhui Kirmani. This article is intended for teachers, graduate students and students of philological faculties.

Keywords: *modern Tajik literary language, suffix, Arabic word, adjective, noun, Tajik-Persian language, place of promise, Tajik language*

Сведения об автора:

Дадохуджаева Парвинахон Икромовна *– соискатель кафедра грамматики арабского языка Худжандского государственного университета имени Б. Гафурова.* ***Тел.:*** *(+992) 92 796 00 00. Email: parvinakhon92@gmail.com*

About the author:

Dadokhujaeva Parvinakhon Ikromovna *– applicant of the Department of Arabic Grammar of Khujand State University named after B. Gafurov. Tel.: (+992) 92 796 00 00. E-mail: parvinakhon92@gmail.com*

ТИМСОЛҲОИ ЗООМОРФӢ ДАР ФРАЗЕОЛОГИЗМҲОИ ЗАБОНИ ВАХОНӢ

Гадомамадова Ш.А.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Ибораи фразеологӣ бо исми ҳайвонот дар ҳамаи забонҳои дунё ҳамчун ифодакунандаи хосияту хусусияти рамзии инсон истифода мешаванд ва дар гуфтор мақоми бузургро ишғол мекунанд. Омӯзиши ибораҳои фразеологии забони вахонӣ нишон дод, ки корбаст шудани фразеологизмҳо бо исми ҳайвонот ин исботи назари дар боло зикршуда аст. Зиёд будани чунин ибораҳои фразеологӣ, боиси пуробуранг гаштани нутқ шуда, инсон марказии онҳо дар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад.

Дар ибораҳои фразелогии забони вахони зоомарфҳо бештар ба назар мерасанд. Истиораи зооморфӣ ин ба маънои маҷозӣ истифода шудани ибораҳои фразеологие мебошад, ки дар он ба инсон хислатҳои ҳайвон нисбат дода шуда, рафтору кирдори инсон ба рафтори ҳайвон монанд карда мешавад. Чунин истиора дар забони вахонӣ яке аз ифодаҳои марказии ҳиссиёт гардида, дар гуфтор ба таври фаъол истифода мешаванд.

В.П. Тимофеев в своей статье «Поэтические словосочетания " в качестве необычного сочетания, созданного Ольгой Берггольц, приводит сочетание *«румяное вино»*. Восходит оно к Батюшкову: *Румяное вино, янтарный мед Гимета* /I84/. Повторил это сочетание А.С. Пушкин: *Стакана три…. румяных вин налейте вы полней* /Пушкин, I95/. У А. Мойкова находим *«вина румянить»*/89/. Бог виноделия Вакх наделяется эпитетом *«румяный «: Пусть в их шумный круг войдут : и Вакх румяный, украшенный венком певцу возвратил* /Жуковский, I29/; *Тот домик помните ль, друзья, Где наша верная семья/Оставя скуку за порогом, соединилась в шумный круг, И без чинов с румяным богом Делила радостный досуг?* /Баратынский, 223*/; Киприда, Феб и Вакх румяный играли нашею судьбой* /Пушкин,III,I96/; *Но с Вакхом румяным обрел я былое: он прежнюю радость певцу возвратил* / Коншин, 356/. В последнем примере существительное *Вакх* равнозначно словам *«напиток, вино».* В этом же значении употребляется и слово «дар», отмеченное у Хомякова и употребленное в сочетании с прилагательным «румяный»: *Я презрел Вакха дар румяный* /67/.

С середины XIX века сфера употребления прилагательного «румяный " расширяется и соответственно изменяется его сочетаемость. Увеличивается ряд отвлеченных существительных, не обладающих цветовым признаком, с которыми сочетается прилагательное «румяный». Значение подобных словосочетаний делается довольно условным, отвлеченным. Можно лишь предполагать те значения, которые вкладывает автор в эти сочетания. Нередко только широкий контекст помогает определить их значения.

Итак, она звалась Татьяной. Ни красотой сестры/ Своей, ни свежестью ее румяной /Не привлекла б она очей/ Пушкин, 47/. Словосочетание *«румяная свежесть»* символизирует здоровый, цветущий вид человека с румянцем на щеках; далее Пушкин уточняет характеристику: *«Татьяны бледные красы»* /64/.

В употреблении Баратынского «*Выдь, дохни нам упоеньем, современница зари всех румяным появленьем /«Оживи и озари»* /19/, (посвятившего эти строки Авроре Шерываль), прилагательное «румяный» вносит добавочный психологический момент, связанный с чем-то чистым, светлым, прекрасным. Употребление этого прилагательного создает положительную экспрессию, скорее создает эмоциональный фон, чем зрительный.

Всегда он с улыбкой веселой, Жизнь любит и юность румяну/Лермонтов,94/ «*юность румяная*» символизирует здоровье, красоту.

«Я знал ее малюткою кудрявой /Голубоглазой девочкой, она, Казалась вся из резвости лукавой./И скромности румяной сложена» /Фет, III/.Очевидно, в этом примере значение прилагательного приближается к значению *«девичий, невинный, чистый, непорочный»*.

Глубоко эмоциональная лирика Фета дает нам великолепные образцы красочных, глубоких по смыслу сочетаний, в том числе и сочетаний с прилагательным «румяный»:

Кто ж меня втайне пугает обманом: «Сердцем, как прежде, ты чист ли и молод? Что, если там, в этом мире румяном, Снова охватит сумра и холод?»/ 332/

В блеске, в румяном разливе огня ,Ты потонула, ушла от меня» /478/.

Или у Тютчева /об утре/: *Вдруг животрепетным сияньем, Коснувшись персей молодых, Румяным, громким восклицаньем Раскрыло шелк ресниц твоих!* /87/.

В этих случаях, как справедливо замечает Г.О. Винокур, «поэт не столько именует предметы внешнего мира, сколько дает понять свое отношение к ним. Слово становится до дна субъективным, теряет точные очертания своих смысловых границ [3].

Итак, в поэзии XVIII-XIX вв, сфера употребления прилагательного «румяный» расширяется. Соответственно расширяется и его сочетаемость, что ведет к семантическим сдвигам в слове: оно обогащается новыми значениями или оттенками значений. Особенно разнообразится смысловая нюансировка значений. Например, «румяный день» воспринимается то, как счастливый, радостный, то, как безоблачный, светлый.

Зафиксированы следующие значения прилагательного «румяный» в поэтических произведениях указанного периода: I. цветовое значение /алый, красный/ 2. как признак молодости, красоты, здоровья; 3. детский; 4. созревший; 5. отличающийся разнообразием красок; 6. счастливое время; 7. алый от лучей солнца или какого-либо источника света;8. яркий, блестяще-розовый; 9. невинный, непорочный; 10. светлый, безоблачный; 11. беззаботный, беспечный; 12. о выпеченном изделии; 13. как живой /румяный труп/.

Мы говорим о тех глубоко индивидуальных, субъективных значениях, которые раскрываются на фоне всего контекста, а не в пределах словосочетаний.

«Толковый словарь» В. Даля 1882 года издания уже дает некоторые значения: I. яркий, но нежный приятный алый цвет; 2.расцвеченный багряными оттенками; 3. живой алый цвет; 4. краснобокое или с краснушною /яблоко/.

По сравнению с показаниями словарей более раннего периода, «Толковый словарь» Даля пополнился тремя новыми значениями /1,2,4/.

Л.В. Щерба говорил, что в художественном произведении слова получают дополнительные «приращения смысла». Иногда эти «приращения смысла» из индивидуально-авторских становятся фактом общеязыкового употребления. Это произошло с сочетаниями «румяная роза», «румяная заря», «румяный восход», «румяное яблоко», которые, появившись в произведениях Ломоносова, Державина, повторялись от стихотворения к стихотворению, от поэта к поэту и стали общеупотребительными, что подтверждается словарем «живого великорусского языка» В. Даля.

В современных толковых словарях число значений прилагательного «румяный» неодинаково.

В «Толковом словаре русского языка» под ред. Д.Н. Ушакова отмечается всего 2 значения *прилагательного «румяный»: I. покрытый румянцем; 2. алый, красный.*

В «Словаре русского языка» С.И. Ожегова приводятся эти же значения и добавляется как переносное третье: о печеном, с поверхностью коричневатого оттенка /разг/.

«Словарь современного русского литературного языка» в 17-ти тт. оказался полнее. Отмечаются следующие значения:

I. Покрытый румянцем, с румянцем на щеках. Переносное. С красным, алым пятном, с красным боком;

2. Красный, розовый. Лерен. Алый, розовый от лучей восходящего или заходящего солнца.

3. Красноватый, розовато-коричневый. 0 цвете выпекаемых и жареных изделий /румяный крендель, румяный гусь/ [13].

Время определило выбор наиболее жизнестойких сочетаний, они закрепились в языке, стали общеупотребительными, Большая же часть значений и оттенков значений, отмеченных в поэтических произведениях XVIII-XIX вв., осталась принадлежностью поэтического стиля. Но хочется вспомнить слова литературного критика, публициста, журналиста А.Г. Горнфельда, сказанные им почти 70 лет назад: «Влияние литературного слова не в том, что оно непременно остается; оно сказано было однажды, быть может, останется однажды сказанным. Но воздействие его, несомненно: оно выразило новое ощущение, оно выразило новую мысль, и эта новая форма нового настроения не пройдет бесследно. Привьется слово поэта или не привьется, это дело не только его силы, его выразительности,

его удачности; здесь могут действовать еще десятки привходящих условий; но остается впечатление, им произведенное, и, так или иначе, скажется» [5].

ЛИТЕРАТУРА

1. Аверьянова А.П. Рукописный лексикон первой половины 18в. / Издательство Ленинградского университета. / А.П. Аверьянова - Л.,1964. – 406с.
2. Аксаков К.С. Сочинения, т.3. / К.С. Аксаков М., 1980. – 127с.
3. Блок Г.П. «К характеристике источников «Словаря русского языка XVIII века»/художественная литература первой половины века / Г.П. Блок //Сб. «Материалы и исследования…», - 78с.
4. Винокур Г.О. Наследство XVIII века в стихотворном языке А.С. Пушкина. / Г.О. Винокур Избранные работы по русскому языку. М., 1959. – 338с.
5. Горнфельд А.Г. Новые словечки и старые слова: Речь на съезде преподавателей русского языка и словесности. / А.Г. Горнфельд - Петербург: «Колос», 1922.
6. Грановская Л.М. Прилагательные, обозначающие цвет в русском языке XVIII-XX. / Л.М. Грановская Автореферат канд. диссертации. М., 1964.
7. Державин Г.Р. Оды / сост. Вступ.ст. и примеч. С.С. Аверинцева.Л., 1985. Далее цитируется преимущество — это издание.
8. Евгеньева А.П. О некоторых поэтических особенностях устного эпоса XVIII-XX. / А.П. Евгеньева - М.,1968, с.155-189.
9. Кульпина В.Г. Лингвистика цвета: термины цвета в польском и русском языках / фак. Иностр.Яз.Мгу им.М.В.Ломоносова. / В.Г. Кульпина М.: Моск. лицей,2001. - .470с.
10. Сорокин Ю.С. О «Словаре русского языка XVIII века». Сб. «Материалы и исследования по лексике русского языка XVIII в.». / Ю.С. Сорокин М.,1965. – 36с.
11. Словарь церковнославянского и русского языка. / Изд. Вторым отделением Императорской Академии. М.,1847.
12. Словарь древнего славянского языка, составленный по Остромирову Евангелию Ф. Миклошичу, А.Х. Востокову, Я.И. Бередникову И.С. Кочетову [А.В.Старчевский]. – С.-Петербург: типография А.С. Суворина, 1899. С.946.
13. Словарь современного русского литературного языка: В 17т / Под ред.В.И.Чернышова. – М., Л.,:Изд-во АН СССР, 1948-1965.
14. Срезневский И.И. Материалы для словаря древнерусского языка / И.И. Срезневский /Академия наук. В трёх томах. М., 1912.
15. Щерба Л.В. Опыт общей теории лексикографии. Сб. Языковая система и речевая деятельность», М.,1974. - С.282-285.

АКТУАЛИЗАЦИЯ КОЛОРОНИМОВ В РУССКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ XVIII-XIX вв.

В работе рассматривается актуализация колоронимов в русской литературе XVIII – XIX вв. Данное исследование посвящено выявлению функций цветообозначений в художественных текстах. Работа выполнялась на материале поэтических произведений Г.Р. Державина, В.А. Жуковского, К.Н. Батюшкова, А.С. Хомякова, А.Д. Кантемира, М.В. Ломоносова, А.П. Сумарокова, Н.М. Карамзина, И.И. Дмитриева, Е.А. Баратынского, П.А. Вяземского, Н.М. Языкова, А.А. Дельвига, Д.В. Веневитинова, В.К. Кюхельбекера, А.С. Пушкина, М.Ю. Лермонтова, Я.П. Полонского, Л.Н. Майкова, В.Щ. Щербины, А.С. Хомякова, Ф.И. Тютчева, А.А. Фета и др. поэтов XVIII – XIXвв.

Цель работы исследовать функции цветообозначений в художественном тексте. Уже с конца 18 века молодая русская литература была вовлечена в мировое предромантическое, а потом романтическое движение. Именно в 20-х годах 19 века новое миропонимание, наблюдается, что вокруг романтизма стоят насущнейшие проблемы: проблема культурного самоопределения России, проблема развития русской культуры и русской общественности.

В последнее время у языковедов наблюдается повышенный интерес к творческому аспекту употребления языка. Рисуя словом поэт, писатель вызывает у читателей восприятие цвета, производит на них эстетические переживания, при этом думает о взаиморасположении героев и предметов, фоне и т.д. Интерес к словам, которые обозначают цвет, не проходит уже много лет. Использование в текстах цветонаименований – это одно из важных средств создания художественной образности.

В данной работе исследовали функционирование колоризмов в каждом отобранном тексте и определили насколько соответствует употребление колоризмов в художественном творчестве русских писателей XVIII-XIX.

Ключевые слова: *колоронимы, русская литература, качественные прилагательные, восприятие цвета, поэтический жанр, экспрессивность речи.*

ACTUALIZATION OF COLORONYMS IN RUSSIAN LITERATURE OF THE XVIII-XIX TH CENTURIES

The paper examines the actualization of coloronyms in Russian literature of the 18th - 19th centuries. This study is devoted to identify the functions of color designations in literary texts. The study was carried out on the basis of the poetic works of G.R. Derzhavin, V.A. Zhukovsky, K.N. Batyushkov, A.S. Khomyakov, A.D. Kantemira,

M.V. Lomonosov, A.P. Sumarokova, N.M. Karamzin, I.I. Dmitrieva, E.A. Baratynsky, P.A. Vyazemsky, N.M. Yazykov, A.A. Delvig, D.V. Venevitinov, V.K. Kuchelbecker, A.S. Pushkin, M. Yu. Lermontov, Ya.P. Polonsky, L.N. Maikova, V. Sh. Shcherbina, A.S. Khomyakov, F.I. Tyutchev, A.A. Fet and other poets of the 18th - 19th centuries.

The purpose of the work is to investigate the functions of color designations in a literary text. Already from the end of the 18th century, young Russian literature was involved in the world pre-romantic, and then romantic movement. It was in the 20s of the 19th century that a new understanding of the world was realized theoretically, it was discovered that the most pressing problems are around romanticism: The problem of the cultural self-determination of Russia, the problem of the development of Russian culture and the Russian public on the basis of folk and at the same time European ones.

Recently, linguists have shown an increased interest in the creative aspect of language use. Drawing a poet with the word, the writer evokes the perception of color in the readers, produces aesthetic experiences on them, while thinking about the mutual arrangement of heroes and objects, the background, etc. Interest in words that denote color has not gone away for many years. The use of color names in texts is one of the important means of creating artistic imagery.

In this work, we investigated the functioning of colorisms in each selected text and determined how consistent the use of colorisms in the artistic work of Russian writers of the XVIII-XIX. The formation of the Russian literary language began in the 18th century.

Keywords: *coloronyms, Russian literature, high-quality adjectives, color perception, poetic genre, expressiveness of speech.*

Сведения об автора:

Акбарова Виолетта Аминовна *- старший преподаватель кафедры «Лингвистика» Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе, тел. (+992) 909930804, E – mail: akbarova.violetta@mail.ru*

About the author:

Akbarova Violetta Aminovna *- Senior lecturer of the «Linguistics» department Branch of M.V. Lomonosov Moscow State University in Dushanbe, Tel. (+992) 909930804, E-mail: akbarova.violetta@mail.ru*

ВИЖАГИҲОИ ИСТИЛОҲОТИ ҶАМЪИЯТӢ-СИЁСИИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ВА УСУЛҲОИ ТАРҶУМАИ ОНҲО БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Файзова З.Ҳ.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав

Баъд аз сохибистиклол гаштани Тоҷикистон аён аст, ки нақши истилооти иҷтимоӣ - сиёсии забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ ба маротиб афзудааст. Инак садҳо асноди сиёсӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии давлатӣ ба ин забон тахия шуда, руз то руз зарурати тарҷумаи матнҳои мухталиф ва осори илмӣ аз забонҳри гуногуни дунё ва вобаста ба он баргардонидан ва ё сохтану пардохтани калимаву истилооти нав пеш омада истодааст.

Аз чониби дигар мебинем, ки фишор сари риштаи истилоҳоти ичтимоиву сиёсӣ дар рӯзгори мо хам камтар нашуда хамарӯза бисер калима ва мафхумҳои нав ба нав ба забони мо ворид мешаванд.

Объектҳои таҳлили ин мақола ҷанбаҳои назариявию амалии махсусиятҳои луғавӣ-грамматикӣ ва услубии истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ва забоншиносии муқоисавӣ мавриди таҳқиқ гирифта шудааст. Пеш аз ҳама, гуфтан лозим аст, ки истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ бештар дар матнҳои расмии коргузорӣ мавриди истифода қарор доранд.

Дар ин хусус забоншинос Н.М. Шанский чунин қайд мекунад: «Истилоҳ – ин калимаҳое мебошанд, ки доираи истеъмолашон маҳдудро аз руи истеъмолашон дар ин ё он гурух, ки тақассумкунандаи ҳудуд ё гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ мебошад, ҷудо мекунанд» [7, с.114].

Яке аз хусусиятҳои асосии услубии истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ин ифодаи саҳеҳу дақиқ ва возеҳу равшан мавод ба шумор меравад, ки бештар дар матнҳои расмӣ - коргузорӣ, дар навиштаҷотҳои иҷтимоию сиёсӣ, дар матбуот (рӯзнома ва маҷаллаҳо), гуфтори шифоҳии арбобони сиёсию давлатӣ, илму адаб дар назди омма истифода мешавад.

Муҳақиқ Н.Н. Амосова роҷеъ ба ин масъала чунин нуқтаи назар мекунанд: «Фонди луғавии забони англисӣ на танҳо аз ҳисоби забонҳои халқҳое, ки дар Аврупо сукунат доштаанд, ғановат ёфт, балки бисёре аз забонҳои ғайриаврупоӣ низ барои забони англисӣ иқтибосоти зиёде пешкаш карданд. Аз аввалин чунин забонҳои ғайриаврупоӣ забони арабӣ буд. Ба ақидаи У. Тейлор дар забони англисӣ наздики ҳазор калимаи иқтибосӣ аз забони арабӣ ва чанд ҳазор калимае, ки аз решаи иқтибосоти арабӣ баромадаанд, вуҷуд дорад [Амосова, 42].

Боз хам вожагузинону истилохсозон ва мутарҷимону муаллимон мисли огози садаи XX ва баъди он ба мушкилоти сохтану ёфтани калимах,ои муносиб барои баёни мафхум ва истилохрти нави пешомада ру ба ру хдстанд. Ба ин муносибат ин шохаи хамеша дар холи инкишофу такмили забони давлатӣ бояд тавоноии баёни хадди акал истилохрти ичтимоиву сиёсии мавриди ниёзи давраро хосил намояд ва онхо бояд якрангу яксон ва санчидаву собит мукаррар гарданд[Назарзода С.].

Rайд намудан бамаврид аст, мавқеи истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар маводи рӯзномаҳои англисӣ ва амрикоӣ, ҳатто дар матнҳои дорои мавзӯи ҷиддӣ назаррасанд. Дар забони матбуоти англис истифодаи унсурҳои гуфтугӯйӣ хос аст ва истилоҳоти ҷамъиятӣ - сиёсӣ услуби гуфтугӯи дар саҳифаи рӯзномаҳои англисӣ мушоҳида мешаванд.

Мо дар мақолаи мазкур баъзе мушоҳидаи худро доир ба хусусиятҳои сохториву маъноии истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсии забони англисӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ баён мекунем:

Мо дар ин мақола хусусиятҳои истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ забони англисӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳоро ба таври зерин дида мебароем.

➢ *What is the meaning of the North Korean Foreign Ministry's strange statement on Thursday that it now had «**nukes**»? - Ба ҳар ҳол чӣ вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии халқӣ-демократии Кореяро водор намуд, ки рӯзи панҷшанбе **силоҳи ҳастаӣ** доштани кишвараширо эълон кунад?*

Истилоҳи ҷамъиятӣ-сиёсии ***nuke*** (силоҳи ҳастаӣ) - хоси услуби гуфтугӯи буда, дар фарҳангҳои тафсири чунин маънидод шудааст: *verb-smth. to attack a place with nuclear weapons.*

Synonyms: Verb *- annihilate, cream, decimate, demolish, desolate, destroy, devastate, do in, extinguish, pull down, pulverize, raze, rub out, ruin, shatter, smash, tear down, total, vaporize, waste, wrack, wreck*

Antonyms: Verb *- build, construct, erect, put up, raise, rear, set up [1044].*

Мутарҷим онро бо ибораи умумиистеъмоли махсусияти ҷамъиятӣ-сиёсидошта, яъне **силоҳи ҳастаӣ** *(намудҳои силоҳи ҳастаӣ, лавозимоти ҷангӣ, кулоҳаки мушакӣ, бомба ва минаҳои мушакӣ)* тарҷума намудааст. Чунин таркибу вожаҳои махсусияти услуби гуфтугӯидошта, ба хонандаи англис як амри маъмулӣ гашта, барои ӯ ҳолати махсуси чашмрас ва ба вуҷудорандаи тасаввуроти хавфангез ва ё шухиомез маҳсуб намешаванд.

Баъзан ҳангоми тарҷумаи таркибу вожаҳои махсусияти услуби гуфтугӯидошта, обуранги услубии матни асл коста гардида барои хонандаи тоҷик низ чунин матн ғалат ва бениҳоят авомона, мардумӣ менамояд. Бинобар ин дар чунин мавридҳо ба хотири тарҷумаи комил ва умуман ба хонанда расонидани иттилооти қобили қабул аз хусусиятҳои жанрии чунин мавод худдорӣ намудан беҳтар аст.

➢ *He says his job as a Moscow **gumshoe** is right out of the movie… - Ӯ мегӯяд, ки кори ӯ ба ҳайси **муфаттиши хусусӣ** дар Москва ба мисли киност…*

Дар матни мазкур бо ибораи умумиистеъмоли махсусияти ҷамъиятӣ-сиёсидошта, ***gum-shoe*** *омадааст, ки дар фарҳангҳои тафсирии англисӣ чунин маънидод шудааст:* - (old-fashioned) *detective a person employed by sb to find out information about sb\sth.*

Synonyms: *Noun - detective, dick, hawk Shaw, investigator, operative, private detective, private eye, private investigator, shamus [slang], Sherlock, sleuth, sleuthhound* [692].

Вожаи умумиистеъмоли махсусияти ҷамъиятӣ-сиёсидошта, ***gum-shoe*** махсусияти услуби гуфтугӯйии дошта, ба маънои **ҷосус, гумошта, полис** мавриди истифода қарор дорад. Бояд қайд намуд ки, калима ва таркибу ибораҳои махсусияти услуби гуфтугӯйидошта дар забони матбуоти тоҷик камтар мушоҳида мешаванд, тарҷумон онро бо ибораи мӯътадилмаънои *муфаттиши хусусӣ* ё детективи хусусӣ ифода намудааст.

Дар забони матнҳои иттилоотӣ-таҳлилии ВАО-и англисӣ калимаҳои ифодакунандаи унвони ходими сиёсии хусусияти ҷамъиятӣ-сиёсидошта, маъмуланд:

➢ *Chancellor Angela Merkel and the nation's biggest businesses have been mounting a vocal campaign to get migrants into jobs as a way of quickly integrating them into German society (INYT, Thur., Sept., 2015, p.1).~ Садри аъзам Ангела Меркел ва миллати корчаллони Олмон ба кор ҷалб кардани муҳоҷиронро ҳамчун роҳи осони мутобиқ шавии онҳо ба ҷомеаи Олмон шуморида, барои он чорабинии пурсарусадоеро ба роҳ мондаанд.*

Вожаи **Chancellor** - хоси истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ буда, аз калимаи лотинии cancellarius сарчашма гирифта, дар фарҳангҳои энсиклопедию тафсирии забони англисӣ чунин маънидод шудааст: ***Chancellor*** *(Latin: cancellarius).*

- a title of various official positions in the governments of many nations - унвони вазифахои гуногуни расмӣ дар хукуматхои бисьёр мамлакатхо;

- the original chancellors were the cancellarii of Roman courts of justice - ushers, who sat at the canceller or lattice work screens of basilica or law court, which separated the judge and counsel from the audience - канцлерҳо аслан канцлерҳои судҳои адлияи Рум - иҷрочиёни судӣ буданд, ки дар паси экранҳои бекоркунанда ё манъшудаи базилика ё суд, ки судя ва адвокатро аз тамошобин ҷудо мекарданд;

- *the word is now used in the titles of many various officers in various settings (government, education, religion)* - *ин вожа ҳоло дар унвонҳои зиёди афсарони соҳаҳои гуногун (ҳукумат, маориф, дин ва ғ.).*

Мутарҷим онро бо ибораи **Садри аъзам** ифода намудааст, ки аз ду калимаи арабиасоси **sadr** - *сардор* ва **asem** – *аз ҳама калон* таркиб ёфта, дар луғатномаҳои тафсирии забони тоҷикӣ, чунин нишон дода шудааст: *болонишин раис, сардор, пешво, вазир, сарвазир; олитарин унвони илмӣ дар Бухоро* [ФТЗТ. 193].

Инчунин, агар насаби ходими сиёсӣ беунвон ва ё вазифаи ишғолнамудааш зикршуда бошад, пеш аз он ҳамеша ихтисораи Mr. (Mister) ё Mrs. (Mistress) гузошта мешавад. Чунончи:

- *Ms. Merkel and many German companies say change is possible* (INYT, Thur., Sept., 2015, p.20).~ *Хонум Меркел ва бесёре аз ташкилотҳои Олмон иброз медоранд, ки тағйири авзоъ имконпазир аст*.

Ҳамаи унвонҳо дар забони англисӣ ба истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ марбут буда, хусусияти расмӣ касб кардаанд ва эҳтироми хосаи муаллифи мақоларо нисбат ба шахси мавсуф ифода намекунанд.

Аз ин рӯ ҳангоми тарҷума ба истиснои матнҳои махсуси расмӣ ин унвонҳо сарфи назар шуда, Mr. ва Mrs. - *ҷаноб* ва *хонум* тарҷума мешаванд, на *мистер* ва *миссис*. Шакли охирӣ барои нигоҳ доштани обуранги миллӣ танҳо дар вақти тарҷумаи асарҳои бадеӣ истифода мегардад.

Истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ ба услуби рӯзномагорӣ хос буда, ба мисли истилоҳоти илмӣ-техникӣ доираи истеъмоли махсус доранд. Бо вуҷуди ин дар истифодаи онҳо каме фарқият мушоҳида мегардид. Истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ бештар дар мақолаҳои фарогири соҳаи сиёсию иҷтимоӣ корбастгардида, вобаста ба консепсияҳои идеологӣ шарҳу маънидод мешаванд.

Дар маводҳои иттилоотии рӯзномаҳо истилоҳоти сермаъно, истилоҳоти синонимӣ, истилоҳоти ихтисоршуда ва унвонҳо бештар ба назар мерасанд. Истилоҳи state дар истилоҳгузинии сиёсии ИМА маънои ҳам **давлат** ва ҳам **иёлатро** ифода мекунад:

- *Both the state and Federal authority are bent on establishing a police state*.

Дар ҳолати аввал истилоҳи **state** бо муайянкунандаи **федералӣ** баробармаъно буда, на ҳукумати тамоми кишвар, балки ҳукумати иёлатҳоро ифода мекунад. Дар ҳолати дуввум **state** ба маънои давлат истифода шудааст.

Истилоҳи **Congressman** ба маънои васеи аъзои конгресси Амрико ва ё ба маънои маҳдудтари– аъзои палатаи намояндагон (конгресси ИМА истифода мешавад: *Last year a number of American Senators and Congressmen visited Russia*. Дар баробари маънои маҳдуди Congressman муродифион Representative низ истеъмол мегардад.

Дар забони англисӣ номи низомномаҳои ташкилотҳои гуногун бо калимаҳои Regulations, Rule Constitution, Statutes ва ё Charter ифода меёбад. Истилоҳоти маъруф дар матн бештар дар шакли ихтисор шуда меоянд:

- Youth also virtually excluded from Congress, the average age of member of the Senate being 56 years and of the **House** 51 years.

Дар мисоли мазкур шакли ихтисоршудаи **House** ба ҷойи истилоҳи пурраи **House of Representatives** корбаст гардидааст.

Бештари истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсие, ки дар забони тоҷикӣ маъмул гаштаанд, аз забонҳои юнонӣ, лотинӣ, арабӣ, англисӣ ва русӣ ба забони мо иқтибос шудаанд. Муҳаққиқони риштаи забоншиносӣ ва пажуҳишгаронро водор мекунад, ки ин иқтибосотро чи аз лиҳози этимологӣ, сохторӣ, сарфу наҳвӣ ва лугавию маъноӣ ҳаматарафа пайгирӣ намоянд.

Аз таҳлилу баррасии мавзӯъ ба чунин хулосаҳо омадем:

Аз таҳлили истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсӣ бармеояд, ки онҳо асосан ба калимаву ибораҳои истилоҳии ба қисмҳо ҷудошаванда гурӯҳбандӣ карда шуда, ба ҳайси ибораҳои истилоҳии озод ва вобаста номбар мешаванд.

Мувофиқи назарияи тарҷума барои баргардонидани истилоҳоти ҷамъиятӣ-сиёсии матни асл бояд, ба қадри имкон аз воситаҳои образноки забони тарҷумашаванда муодилҳои ва вариантҳои муносиби онҳо интихоб шавад.

Райд намудан лозим аст, ки барои гурез аз ин мушкилот баъзе муаллифон, ба чои ибтикору офариниши луғату истилоҳоти зарурӣ бештар ба баргардонидан ё тарҷумаи таҳтуллафзии вожагони навомад, ки он танхо як усули истилоҳсозист ва ё мутобиқи донишу завқи худ ба истилоҳсозӣ пардохта ва ё истилоҳоти нодуруст месозанд. Чунин истилоҳсозон, ба фикри мо ё ба анъанаҳои истилоҳофаринии забони тоҷикӣ дар гузашта ошноии кофӣ надоранд ва ё василаи кор ва манобеву маводди лозим ҳануз фароҳам нашудааст.

АДАБИЁТ

1. Амосова Н.Н. Лексикология английского языка. / Н.Н. Амосова - Учпедгиз, 1955. - 376 с.
2. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка: учеб. пособие / – 2-е изд., перераб. / И.В. Арнольд - М.: Флинта: Наука, 2012. - 376 с.
3. Коршунов С.И. Как работать над терминологией. / С.И. Коршунов - М.: Наука, 1968. – 76 с.

4. Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. - Душанбе: Дониш, 2008. – 334 с.
5. Мамадназаров А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. / А. Мамадназаров–Душанбе: Эр-граф. 2015.–1080 с.
6. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ- сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи XX. / С. Назарзода – Душанбе: Дониш, 2004. –302 с.
7. Шанский Н.М. Лексикология современного русского языка: Учеб. пособие для пед. ин-тов по спец. «Рус. яз. и лит.». - Изд. 2-е, испр. / Н.М. Шанский - М.: Просвещение, 1972. - 328 с.
8. Шарофов Н. Калимаҳои руссию интернационалӣ дар забони адабии тоҷик. / Н. Шарофов – Душанбе: Дониш, 1972. –169с.
9. Jack Pilny. Roy Olton: Dictionary of International Relations. Tehran: Saroi Adolat. - 621 p.
10. New Webster's Dictionary of the English Language. College Edition. USA. Fifth Print, 1989. – 1856 p.

ОСОБЕННОСТИ АНГЛИЙСКИХ СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ И ИХ МЕТОДЫ ПЕРЕВОДА НА ТАДЖИКСКИЙ

Данная статья посвящена одной из важнейших тем общественно-политической терминологии английского языка и методам их перевода на таджикский язык. Создание необходимого словаря и терминологии - это скорее вопрос обращения или транслитерации новых слов, что является лишь одним из методов терминологии.

Данная статья подготовлена на необходимом уровне, что свидетельствует о том, что автор умело использовал научную литературу и социально-политическую терминологию обоих языков.

В заключение исследователи показывают, как новые социально-политические термины формировались и развивались в таджикском и английском языках, и проблема в том, что некоторые авторы вместо того, чтобы инициировать и создавать необходимую лексику и терминологию, обращаются к переводу или транслитерации новых слов.

Ключевые слова: *социально-политические термины, словарный запас, устный перевод, уравнения и варианты, журналистский стиль.*

FEATURES OF ENGLISH SOCIO-POLITICAL TERMS AND THEIR METHODS OF TRANSLATION INTO TAJIK

This article is devoted to one of the most important topics of the socio-political terminology of the English language and the methods of their translation into the Tajik language. Creation of the necessary vocabulary and terminology is rather a matter of handling or transliterating new words, which is just one of the methods of terminology.

This article has been prepared to the required level, which shows that the author has skillfully used the scientific literature and socio-political terms of both languages. In conclusion, researchers show, how new socio-political terms in the Tajik and English languages were formed and developed.

In conclusion, the researchers show how new socio-political terms were formed and developed in the Tajik and English languages, and the problem is that some authors, instead of initiating and creating the necessary vocabulary and terminology, turn to translation or transliteration of new words.

Keywords: *socio-political terms, vocabulary, interpretation, equations and options, journalistic style.*

Сведение об автора:

Файзова Зухал Хотамовна *- ассистент кафедры практического курса английского языка факультета Английского языка, Бохтарский государственного университета имени Н. Хусрав. Тел.: (+992) 550109910. E-mail:- faizovazuhal@gmail.ru.*

About the author:

Fayzova Zukhal Hotamovna *- assistant of the Department of English of the Faculty of English Languages, Bokhtar State University name N. Khusrav Tel: (+992) 550109910. E-mail: - faizovazuhal@gmail.ru.*

МУРОДИФОТИ ИБОРАҲОИ СИФАТӢ, ҶОНИШИНӢ ВА ШУМОРАВӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ «ЧОР ДАРВЕШ»)

Иброимова Г.Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Таҳқиқи масоили гуногуни марбут ба забоншиносии осори адибони даврaҳои гуногуни забонамон аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Махсусан, таҳқиқи наҳвии осори даврaи классикӣ барои нишон додани роҳи таърихии инкишофи унсурҳои наҳвӣ, махсусан, ибораю ҷумла, воситаҳои алоқа дар онҳо ва ғайра аҳамияти калони илмӣ дорад. Дар баробари ин, баррасии муродифоти гурӯҳҳои луғавӣ-грамматикӣ дар ташаккули ибораҳо мубрам буда, таҳқиқи онҳо дар яке аз асарҳои маъруф - «Чор дарвеш» мубрам арзёбӣ мегардад.

Яке аз шоҳасарҳои адабиёти классикӣ, ки бо содагиву равонӣ ва ҷаззобу дилчасп будани забонаш диққати хонандагонро ҷалб менамояд, ҳамин асар мебошад, ки дар охирҳои асри XVIII ва аввалҳои асри

XIX аз тарафи кадом як муаллифи номаълум ба қалам омадааст. Бунёди ин асарро афсонаҳои қадимии Ҳиндустон ташкил медиҳад, ки дар он аҳволи пештараи Шарқи мустамлика инъикос ёфтааст. Ба қавли устод Айнӣ, «…ин китоб як хазинаи пурқимати забони адабии классикии сода аст, ки ҷавонон метавонанд, ба қадри ҳиммат ва хоҳиши худ аз ин хазина ҳиссаҳо бардоранд. [4, с.2009:9]

Дар ин мақола масъалаи муродифшавии ибораҳои сифатӣ, ҷонишинӣ ва шусоравӣ дар асари мазур мавриди омӯзиш қарор мегирад, ки ба тариқи зер аст:

а) Муродифоти ибораҳои сифатӣ. Чи тавре ки маълум аст, таҳқиқоти махсусе, ки ба ибораҳои сифатии забони ҳозираи тоҷик бахшида шудааст, рисолаи забоншинос М. Акрамов «Ибораҳои сифатии забони ҳозираи тоҷик» [1977] мебошад. Аз таҳқиқоти муҳаққиқ маълум мешавад, ки сифат хусусияти тобеъшавӣ дошта, ҳамеша ба исм ва ё феъле тобеъ шуда меояд. «Аз ин нуқтаи назар ибораҳои сифатӣ дар дохили ибораҳо сурат меёбанд» [1, с.1977:21].

Дар «Чор дарвеш» дар баробари дигар навъҳои ибора ибораҳои сифатӣ ҳам дучор меоянд. «Дар ибораҳои сифатӣ ҷузъи асосӣ сифат буда, ҳиссаҳои дигари нутқ ба воситаи алоқаҳои вобастагӣ, ҳамроҳӣ ва мураккаб ба сифат тобеъ шуда меоянд. Ҳаминро бояд қайд кард, ки ибораи сифатӣ дар дохили ибораи исмӣ ва ё феълӣ ташаккул меёбад, яъне сифат, исм ё шаклҳои тасрифнашавандаи феълро шарҳу эзоҳ медиҳад ва дар айни ҳол калимаҳои дигарро ба худ тобеъ мекунад» [3, с.2011:11].

Масалан, «***қад ба сони сарв хиромон»***. Дар ин ибора аввал сифати **«хиромон»** бар эзоҳи исми қад /***чӣ гуна қад? хиромон /*** омада, дар айни замон бар эзоҳи худ ҳоли монандӣ / ***ба сони сарв*** / гирифтааст / ***ба сони чӣ хиромон? ба сони сарв хиромон***. Чунин ибораҳо муносибати монандиро ифода мекунанд: Нозанине бо рӯйи чун моҳ ва мӯе чун мушк сиёҳ, қад ба сони сарв хиромон, ҷони ҷаҳон ва ҷаҳони ҷон (18-20). Ибораи ***ба сони сарв хиромон*** дар қолаби алоқаи вобастагии пасояндӣ низ ифода меёбад. Ба ин муродифоти грамматикии пешояндҳо бо пасояндҳо мусоидат менамояд: ***сарв барин хиромон*** // ***чун сарв хиромон***. Дар ин мисол, ҳамчунин, ибораи ***мӯе чун мушк сиёҳ*** ибораи сифатист, ки мазмуни онро ҳам дар қолаби алоқаи пасояндӣ ифода кардан имконпазир аст: ***мӯйи мушк барин сиёҳ // мӯйи ба сони /монанди/ мушк сиёҳ***. Инҳоро вариант гуфтан мумкин аст.

Дар мисоли зерин низ ибораи ***монанди рӯз равшан*** ва музайян бо алоқаи пешояндӣ шакл гирифта, муносибати монандиро ифода кардааст:

Ҳавливу хона аз шуълаи шамъу чароғу қандил монанди рӯз равшан ва музайян буд (32). Маънои ин ибораро ҳам дар қолаби чун рӯз равшан ва музайян // рӯз барин равшан ва музайян ифода кардан мумкин аст.

Ибораи сифатӣ ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ низ сохта мешавад. Дар ин гуна ибораҳо ҷузъи тобеъ пеш аз ҷузъи асосӣ ҷой мегирад. Ба сифати ҷузъи тобеъ дар ин гуна ибораҳо зарф ва исм меояд. Ибораҳои мазкур муносибатҳои замониву маконӣ, миқдору дараҷа ва монандиро ифода мекунанд: **либоси хеле гаронбаҳо**: Дар бараш **либоси хеле гаронбаҳо**, нимтоҷи пурзинатро дар гӯшаи сарбанд гузошта, хиромон ва доманкашон даррасид (35); **соати хеле некӯ**: …баъд аз чор ҳазору нуҳсаду навад сол рӯзи нек ва соати хеле некӯ мерасад (175).

Мазмуни ибораҳои **либоси хеле гаронбаҳо, соати хеле** некӯро, ки бо алоқаи тобеии ҳамроҳӣ шакл гирифтаанд, дар қолаби ибораи изофии исмӣ ***гаронбаҳотарин либос, некӯтарин соат*** ва ё ифодаҳои ***либосе, ки гаронбаҳост, соате, ки некӯст***… ифода кардан мумкин аст. Дар мавриди таъвизи аввал зарфи хеле фурӯгузор гардида, онро пасванди дараҷасози сифат (-тарин) иваз намудааст. Ҳосилаи дуюм ноқис буда, ба назар як қисми ҷумлаи мураккаби тобеъро бо пайрави муайянкунанда меоварад.

Ибораи ***фаршу палосҳои бисёр аъло*** низ ба мисли ибораи боло таъвиз мегардад***: аълотарин фаршу палосҳо // фаршу палосҳое, ки бисёр аълоянд:*** Ба даруни хона даромада дидам, ки **фаршу палосҳои бисёр аъло** паҳн карда шуда… буданд (32).

Дар ҳосилаи аввал зарфи бисёр ихтисор шуда, тобиши маънои дараҷаи олӣ бо пасванди **-тарин** ифода ёфт. Ҳосилаи дуюм ҷумлаи мураккаби нопурраро мемонад, ки ба мавҷудияти хабар эҳтиёҷ дорад.

Дар як гурӯҳи ибораҳои сифатӣ, ки дар қолаби вобастагии пешояндӣ шакл гирифтаанд, ҷойи ҷузъҳо тағйир ёфта, вариантҳои наҳвӣ ба вуҷуд меоянд. Вариантҳои ибораҳои мазкур тафовути шакливу сохтории казоӣ надоранд. Ҷузъи тобеи онҳоро исм, ҷонишин ва сифати феълӣ ташкил медиҳанд. Чунончи**: аз ҳама ҷо бохабар – бохабар аз ҳама ҷо, аз шавқи ваъдаи дидор масту саршор – масту саршор аз шавқи ваъдаи дидор, аз ин воқеаҳо бехабар – бехабар аз ин воқеаҳо, аз оянда бехабар – бехабар аз оянда, пири пур аз макр ва тазвир (51) – пири пурмакру тазвир // пурмакру тазвир пир** ва ғ.:

Навозандагони хушсимо ва хушнавоз ба ҷойи худ нишаста, соқиёни маъқул ба по истода, пешхизматони хушлибос аз ҳама ҷо бохабар ва ҳушёр (33); – Эй пири пур аз макр ва тазвир, ин турфа санам кист, ному насабаш чист? (51); Ман аз шавқи ваъдаи дидор масту саршор мунтазири он зебонигор шуда нигарон будам (70). Мо аз ин воқеаҳо бехабар, чун ба дарвоза расидем, Беҳзодхон фарёд карда, дарвозабонро бедор кард ва гуфт (80). Аз оянда бехабар, ман хушҳол шуда асп меронадам (81).

Ҳамин тавр, ибораҳои сифатӣ дар муқоиса бо ибораҳои исмӣ имконоти муродифшавии нисбатан камтар доранд. Дар ташаккули ин гуна ибораҳо алоқаи изофӣ, ҳамроҳӣ ва пешояндӣ истифода мешаванд.

б) Муродифоти ибораҳои шуморагӣ. Дар ибораи шуморагӣ ҷузъи асосӣ шумора буда, калимаҳои дигар бар эзоҳи он омадаанд ва аз шумора ба он калимаҳо савол гузоштан мумкин аст. Аслан шумора хусусияти тобеъшавандагӣ дорад ва ба миқдору тартиби предмет далолат мекунад. бинобар ин ибораҳоии шуморагӣ дар миқдоран камтаранд. Ибораи шуморагӣ алоқаҳои изофӣ, ҳамроҳӣ (ҳафт шабонарӯз – 101; ду нафар одам – 104) ва вобастагӣ сохта мешавад. Дар «Чор дарвеш» мо ҳамагӣ ду мисол ёфтем, ки яке бо алоқаи ҳамроҳӣ ва дигаре бо алоқаи тобеии вобастагии пешояндӣ сохта шудааст.

Ибораи ***ду нафар аҳли Аҷам*** (101, 109) бо алоқаи ҳамроҳӣ сохта шудааст: Дар ҳамин ***дам ду нафар аҳли Аҷамро*** дидам, ки мастона, хандону шукуфон меоянд (101). Ибораи мазкур чунин имконоти муродифшавӣ дорад: ***ду нафар аз аҳли Аҷам // ду нафар аҷамӣ // ду аҷамӣ***. Ҳосилаи аввал дар қолаби ибораи вобастагии пешояндӣ, дуюму сеюм дар қолаби алоқаи ҳамроҳӣ шакл гирифтаанд. Ҳамаи ҳосилаҳо аз нигоҳи тарзи баён равон мебошанд. Ҳосилаи аввал хоси нутқи адабӣ буда, дуюму сеюм ба забони адабии гуфтугӯйӣ мансубанд. Онҳо нисбатан серистеъмоланд.

Дар «Чор дарвеш» ибораи ***ду нафар аҷамӣ*** ҳам вомехӯрад: Гуфтанд, ки ду ***нафар аҷамиро*** барои он ки дуздӣ ва хуни ноҳақ кардаанд, ҷазо медиҳанд (109). Дар қолаби ду аҷамӣ дар ин асар мо ибораи ***ду бародар***ро вохӯрдем: Бинобар он ба ҳаяҷон омадам ва пеш рафта дидам, ки ду бародари худамро ба хории тамом пову сари шикаста, дасти баста ва тани хаста ба рӯйи замин мекашанд (109). Маълум мешавад, ки дар замони эҷоди асар ин қолаб ниҳоят маъмул будааст. Ҳосилаҳои мавриди назар дар забони муосири тоҷикӣ низ қолабҳои маъмул ба ҳисоб мераванд.

Дар забони тоҷикӣ нумеративҳо бо шумора ва предмети шумурдашаванда меоянд, аммо дар ибораи чанд нафар аҳли Аҷам он бо ҷонишини номуайянӣ ва исм омадааст: Иттифоқо, дар он шаҳр чанд нафар аҳли Аҷам буданд, ки ҳама обрӯю эътибор доштанд (109). Ҳосилаҳои ин ибора низ ба мисли ду нафар аҳли Аҷам ба вуҷуд меоянд: ***чанд нафар аз аҳли Аҷам // чанд нафар аҷамӣ // чанд аҷамӣ***. Чунин ибораҳо имрӯз низ истифода мешаванд. Дар мисоли мазкур ибораи мавриди назар бо ҷонишини таъйинии ҳама муродиф шудааст, ки аз ҳаммаъноии сатҳҳои гуногуни забон – наҳв ва луғатшиносӣ дарак медиҳад.

Тарзи табиии сохта шудани ибораҳои шуморагӣ алоқаи вобастагӣ мебошад. Ҳамчун ҷузъи асосӣ ҳамаи хелҳои шумора ва ба сифати ҷузъи тобеъ исм, ҷонишин ва шумораи аслӣ меояд. Дар ин гуна ибораҳо пешояндҳои аслии **аз, ба** ва **дар** ҳамчун воситаи алоқа истифода мешаванд. Дар мисолҳои дар ихтиёрдоштаи мо **пешоянди аз** кор фармуда шудааст: Чун вақти сафар мерасад, сад шутур пур аз қумош, сад шутур пур аз ҷавоҳир ва сад шутур пур аз тилло ва нуқра бор карда мулозимони хоҷа ба роҳ медароянд (93); Дар сари пули он як гурӯҳ аз сипоҳиён нишаста буданд (80).

Маънои ибораҳои мазкурро дар қолаби ибораҳои изофӣ баён кардан мумкин аст: ***сад шутур пур аз қумош // сад шутури пуркумош // қумошдор***. Ҷузъи тобеи ибора пуркумош ва қумошдор ба шарофати воситаҳои калимасоз муродиф шудаанд, ки домони имконоти фикрро васеъ менамоянд ва имкони интихоби воҳидҳои дилхоҳи забонро медиҳанд. Ибораи як гурӯҳ аз сипоҳиён дар шакли ***гурӯҳи сипоҳиён // сипоҳиён*** таъвиз мегардад. Дар ин мисол ҳодисаи эҷоз ба назар мерасад.

Чи тавре ки мушоҳида кардем, ҳарчанд ибораҳои шуморагӣ миқдоран каманд, аммо дар чанд тариқа баён кардани матлаб хизмат мекунанд.

в) Муродифоти ибораҳои ҷонишинӣ. Асоси ибораҳои ҷонишиниро ҷонишин ташкил медиҳад ва калимаҳои дигар бар эзоҳи он меоянд. Ҷузъи тобеъ исм, сифат, худи ҷонишин, сифати феълӣ ва зарф мебошанд. Ин ҳиссаҳои нутқ ба воситаи алоқаҳои изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ ба ҷонишин тобеъ мегарданд. Ба вазифаи ҷузъи асосӣ бештар ҷонишинҳои предметӣ меоянд. Ҷонишинҳои предметии шахсӣ, таъинӣ, номуайянӣ, саволӣ, манфӣ ба тавассути бандаки изофӣ калимаҳои дигарро ба худ тобеъ мекунанд. Дар ихтиёри мо танҳо як ибораи ҷонишиние ҳаст, ки мазмунаш дар қолабҳои гуногуни ибора ифода меёбад: **…ин ҳама молу мулки ту ба душман мегузарад (11) // ҳамаи ин молу мулки ту ба душман мегузарад.**

Ибораи ин ҳама (молу мулки ту) дар қолаби алоқаи ҳамроҳӣ шакл гирифта, ҷузъи асосӣ (ҳама) ва тобеи он (ин) ҷонишин мебошанд. Мазмуни онро бо ибораи изофӣ ҳам баён кардан имконпазир аст. Умуман, ибораҳои ҷонишинӣ дар муродифшавӣ бемаҳсул мебошанд, ки мо аз асар ин нав ибораҳоро кам вохӯрдем.

Ҳамин тариқ, ибораҳои сифатӣ, шуморавӣ ва ҷонишиниро, ки дар асар хусусияти кам муродифшавиро донанд, чудо намуда ба риштаи таҳлил кашидем. Маълум гардид, ки нисбати ибораҳои шуморавӣ ва ҷонишинӣ ибораҳои сифатӣ хусусияти муродифшавиашон дар асар зиёдтар аст.

АДАБИЁТ

1. Акрамов, М. Ибораҳои сифатии забони адабии ҳозираи тоҷик / Акрамов М. – Душанбе: Дониш, 1977. – 165 с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. – Душанбе: Дониш, 1986. – Ҷ.2. – 368 с.

3. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе, 2010. – 231 с.
4. Камолиддинов, Б. Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языке (синонимия субстантивных словосочетаний и простых предложений) / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 285 с.
5. Норматов М. Наҳви забони тоҷикӣ. / М. Норматов. – Душанбе, 2011. – 289 с.
6. Чор дарвеш. – Душанбе: Адиб, 2009. – 208 с.

ПРИЛАГАТЕЛЬНЫЕ КАЧЕСТВЕННЫХ, ЗАМЕЩАЮЩИХ И КОЛИЧЕСТВЕННЫХ ТЕРМИНОВ (НА МАТЕРИАЛЕ «ЧЕТЫРЕ НИЩИХ»)

В статье рассматриваются синонимы качественных, числовых и замещающих словосочетаний в одном из шедевров легендарной прозы классической литературы «Четыре нищих». Из изучения и анализа видно, что в «Четырех бедняках» слова качественный, количественный и замещающий носят характер синонимов. В статье автор показывает различные способы и средства сочетания качественных, количественных и замещающих словосочетаний с другими паттернами. Усвоение словосочетаний зависит от использования грамматических средств общения, поэтому важно постоянно анализировать и изучать значение усвоения качественных, числовых и замещающих словосочетаний в смысле грамматических функций префиксов.

Следует отметить, что мы выделили качественные, количественные и замещающие словосочетания, менее синонимичные в работе, и проанализировали их. Оказалось, что качественные словосочетания имеют в работе больше синонимов, чем числовые и словосочетания-заменители.

Ключевые слова: *синтаксические синонимы, средства связи, местоимения, прилагательные, числовые выражения, местоимения, синонимы, синонимы.*

ADJECTIVES OF QUALITATIVE, SUBSTITUTE AND QUANTITATIVE TERMS (BY THE MATERIAL OF «FOUR POOR»)

The article deals with synonyms of qualitative, numerical and substitutive phrases in one of the masterpieces of the legendary prose of classical literature «The Four Beggars». From the study and analysis it can be seen that in the «Four Poor Men» the words qualitative, quantitative and substitutive are synonymous. In the article, the author shows various ways and means of combining qualitative, quantitative and substitutive phrases with other patterns. Assimilation of phrases depends on the use of grammatical means of communication, therefore it is important to constantly analyze and study the significance of assimilation of qualitative, numerical and substitutive phrases in the sense of the grammatical functions of prefixes.

It should be noted that we identified qualitative, quantitative and substitutive phrases that are less synonymous in the work, and analyzed them. It turned out that qualitative phrases have more synonyms in the work than numerical and substitute phrases.

Keywords: *syntactic synonyms, means of communication, pronouns, adjectives, numerical expressions, pronouns, synonyms, synonyms.*

Сведения об автора:

Иброимова Гуландом Наимовна *- старший преподаватель кафедры таджикского языка.Таджикского государственного педагогического университета имени С. Ибрагимова. Айни Тел: 988949503*

About the author:

Ibroimova Gulandom Naimovna *- Senior Lecturer of the Tajik language department of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ibragimova. Ayni Tel: 988949503*

ТАСНИФОТИ СОХТОРӢ ВА ФУНКСИОНАЛИИ МЕТАФОРАҲО ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Арипова М.Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Таснифоти сохтории метафораҳо ба хусусиятҳои сохтори берунаи онҳо такя мекунад. Таснифоти метафораҳо аз рӯи доштан ё надоштани калимаи такягоҳӣ маълуму маъруф аст[1]. Ёдовар мешавем, ки сохтори берунаи метафора низ мавҷуд аст, ки бо ду элемент нишон дода шудааст. Ҷузъи якум калима-параметр – ҷузъи истиорашавандаи ибора мебошад, яъне калима дар маънои маҷозиаш. Ҷузъи дуюм ин калима-санад (калимаи такягоҳӣ, калидкалимаи семантикӣ, микроконтекс) – қисмати истиоракунандаи ибора мебошад. Ҳамин тавр, сохтори берунаи метафора ду ҷузъеро дар бар мегирад, ки ибораҳои махсусро месозанд ва дар забоншиносӣ сохторҳои аналитикӣ (лексикӣ-аналитикӣ), пайвастагиҳои параметрӣ ва бинармҳои истиоравӣ[2] номида мешаванд.

[1] Таснифоти мазкур бештар дар асарҳои Ю.И. Левин оварда шудааст.
[2] Дар асарҳои В.Н. Телия ва Н.С. Басилия чунин номгузориҳо оварда шудаанд.

Чи тавре, ки ба мо маълум аст, аз рӯи дараҷаи паҳншавӣ контекстҳо ба контекстҳои ҳадди ақал ва контекстҳои хурди лингвистӣ ҷудо крада мешаванд, ки ба таври дигар оддӣ ва васеъ муаррифӣ шуда, баъзан тамоми асари бадеиро фаро мегиранд. Дар чунин ҳолат метафора сарлавҳаи матн мешавад ва метафораи печидатарро нишон медиҳад, ки нақшаи ифодакуниашро як қатор лексемаҳои аз рӯи мавзуъ наздик амалӣ мегардонанд.

Метафораҳои забони англисиро аз ҷиҳати сохтор дида мебароем. Масалан дар мисоли зерин муаллиф кӯшиш кардааст, то ба шуълаи оташ ҳолати шинокунӣ диҳад, бо умеди он, ки онро дар амал бинад:

O never say that I was false of heart

Though absence seemed my *flame* to qualify [2, с.146].

Дар ин ҷо калимаи *flame* - шуъла тарҷума мешавад. Он ба маънои маҷозиаш истифода шуда, муҳаббатро ифода мекунад ва ба ҷӯшу хурӯши он ишора карда истодааст. Чунин метафорае, ки бо як талъат ифода мешавад **оддӣ** номида мешавад. Метафораи оддӣ яккалимагӣ буданаш шарт нест, масалан: the eye of heaven – чашми осмон. Печидагии метафора усули услубиеро ифода мекунад, ки дар асоси мураккабгардонии ифодаи метафора аз ҳисоби паҳнкунии аломат асос ёфтааст.

Метафора – мувофиқи ифодаи суханпардозонаи М. Блэк – «ин қуллаи дар қолаб ғарқшуда» мебошад [11, с.25]. Вобаста ба дараҷаи густурдашавии аломат метафораи оддӣ ва кушода ё васеъ ҷудо мешавад. Дар метафораи оддӣ аломат – соҳиби образ бо як калима ифода шудааст. Масалан, дар шеъри шоири амрикоӣ Карл Сендберг «Туман» – «Fog» ба симои туман аломатҳои гурба дода шудаанд, ки ба таври пинҳонӣ наздик мешавад, ором менишинад ва ҳаракатро давом медиҳад. Метафораи кушод ё васеъ аз якчанд калимаҳои ба таври истиоравӣ истифодашуда иборат мебошад, ки аз як қатор метафораҳои ба якдигар алоқаманди якдигарро комилкунанда образи ягона месозанд. Масалан:

The fog comes on little cat feet
It sits looking
Over harbor and city
On silent haunches
And then moves on [10, с.272].

Чунин метафораҳо ба метафораҳои кушода тааллуқ доранд, ки дар онҳо тамоми банд ё порчаи шеър метафора шудаанд.

Дар адабиёти бадеӣ мо зуд-зуд ба метафораҳои кушод ё ниҳонӣ рӯ ба рӯ мешавем. Метафораҳои кушодаро бештар бо мақсади зиндагардонии метафораҳои аллакай куҳнашуда ва куҳнашудаистода истифода мебаранд. Чунин метафораҳо ҳам фасоҳатро бештар мегардонанд ва ҳам ба асар равшани ву муассирият мебахшанд.

Ба метафора хусусияти эстетикии бедор кардани аксуламали хонанда ба симои нав, оғози нав хос аст. Масалан:

My comrade, treasure, and strength and happiness,
I feel in love, and sough and found you too.
Your earlier parents swans loved you, I guess
But I gave half my soul to fasion you.
My rushlight you – on moonless night and lost,
My precious one, while I live we shall not part.
O blooming work of the plume, which I love most,
I'll never exchange you for Washington dollars art.
My chief – the peoples honour, the oath the swear,
You are the trusty weapon of steel I hold,
Because my fire will spread as the page turns here,
Which tells of the epoch of tanks and soldiers bold [12, с.58].

Чунин метафораи кушода аз дигар метафораҳо бо он фарқ мекунад, ки ҳатто тамоми эҷодиёт метафора маҳсуб меёбад.

Дар объект қариб доимо метавон нишонаро пайдо кард, лоақал нишонаи ҷузъиеро, ки ба нишонаҳои объекти дигари аз аввала фарқдошта монандӣ дорад. Метафорае, ки ба муболиға асос ёфтааст, **метафораи муболиғавӣ** номида мешавад, масалан:

All days are nights to see till I see thee
And nights bright days when dreams do show thee me [2, с.147].

Рӯзҳоро ба шабҳои тор монанд, кардани шоир ҳангоме, ки маҳбубаашро намебинад, муболиғаи шоиронае маҳсуб меёбад, ки чӣ гуна аз ҷудоӣ андуҳгин будани ӯро нишон медиҳад.

Нисбат ба қиёс метафора муассирияти бештарро дорост, зеро дар он ба қисмҳо ҷудокунии мантиқӣ бартараф карда шудааст. Шаклҳои метафора ва қиёс баргарданда ё такроршаванда мебошанд. Ҳаракати маъноӣ миёни метафора ва қиёс одатан якҷониба мебошад – аз қиёси бевосита ба ифодаи ниҳонии он. Истифодашавии қиёс тақшимшавии ё алоҳидагии ашё ва образро қайд карда, ба ин васила ба

барқароршавии метафораи хӯрдашуда мусоидат менамояд. Метафораи хӯрдашуда ё судашуда – калима ё маънои калимае, ки аз аввал бо роҳи маҷозияти монографӣ пайдо шудааст.

Метафораҳое, ки мафҳумҳои аз ҷиҳати мантиқӣ номувофиқро якҷоя мекунанд **метафораҳои шикастаи** мухолиф ё метафораҳои омехта (англ. broken metaphor) номида мешаванд, масалан: «The King put the ship of state on it's feet», ки тарҷумааш чунин маъно дорад: шоҳ киштии мамлакатро ба зону шинонд.

Ҳангоми тарҷумаи метафора ба забони дигар муаммои бештарро тарҷумаи метафораҳои хӯрдашуда ба миён меорад, зеро онҳо бештар танҳо ба ҳамон забон хос буда, хусусияти маданӣ доранд. Аломатҳои як ашё аз рӯи монандӣ ба ашёи дигар дода мешаванд. Ин монандӣ ба принсипҳои зерин асос ёфтааст: моддигардонӣ – иродаи матин, абстрактнамоӣ – хушбахтӣ, муваффақият омад, зиндакунӣ – офтоб баромад.

Дар метафораи муқоисавӣ ҳамон як алоқа ба таври гуногун баён мешавад. Чунин метафора метафораи баста ё пайваста, ё ин ки метафора – қиёс номида мешавад, масалан: оинаи об, об мисли оина аст, оби оинагун, оинаи обӣ, оинагун будан [4, с.145]. Дар метафораҳои баста калима-параметр ва калимаи такягоҳӣ мавҷуд аст. Масалан: «It was a dry and golden October» - моҳи октябр хушк ва заррин буд [10, с.161]. Дар ин мисол калимаи «заррин» калима-параметр ва калимаи «октябр» калимаи такягоҳӣ мебошад.

Вобаста аз шакли грамматикии калимаи такягоҳӣ дар забон метафораҳои генетивӣ низ мавҷуданд. Масалан: «Another world opened» - Олами дигар кушода шуд [10, с.119]. Дар адабиёти бадеӣ **метафораҳои** бо ном **сифатӣ** хеле зиёд вомехӯранд. Қиёсҳо дар якҷоягӣ бо хабарҳои маънои гуногундошта озод мебошанд: «Once light lemon even gold [10, с.64], чунин метафораро ба метафораи сифатӣ мансуб донистан мумкин аст.

Чунин метафораи сифатии мураккаб, ки дар он қувваи бе мислу монанд ва зебоии нотакрори раъду барқӣ баҳорӣ тасвир мешавад, дар мисоли зерин оварда шудааст: «On the steppe the white sheet-lightning played all the time while blinding the night with its light flame» - дар дашт чароғаки сафед шабро бо шуълаи сафедаш кӯр карда, бозӣ карда меистод [10, с.117]. Дар ин мисол як калима бо калимаи дигар шарҳ дода мешавад ва ба объекти метафора хосияти нав – шуълаи сафед дода шудааст, ки ин диққати хонандаро ба худ ҷалб менамояд. Чунин метафораҳоро ба гуруҳи метафораҳои мураккаб дохил намудан мумкин аст.

Ҳар як забони муосире, ки тараққиёташ дар дараҷаи баланд аст, дорои воситаҳои кофӣ барои ифода намудани шакл ва мазмуни ифодаҳои забони дигари бо он дар як сатҳ қарордошта мебошад. Дар адабиёти бадеии муосири англисӣ феълҳо дар сохтани метафораҳо фаъолона иштирок менамоянд. Вобаста ба мансубияти калима-параметрҳо ба ҳиссаҳои нутқ чунин метафораҳо **метафораҳои феълӣ** номида мешаванд. инро дар мисоли зерни нишон додан мумкин аст:

Cold nights and whistling winter bares the home
And spitefully plays and beats and makes them moan
Hides happy spring far far away somewhere [12,c. 43].

Чӣ тавре, ки мебинем ин метафораҳои феълӣ бо ҳаракатҳои хоси инсонро ба табиат нисбат додан, гӯё табиатро зинда мекунаад.

Намуди дигари метафора мавҷуд аст, ки метафора-муаммо ё симфора номида мешавад. Метафора-муаммо ё симфора бештар дар масалҳо вомехуранд, ки дар онҳо калимаи такягоҳи нақши пайбариро бозанда мавҷуд набуда, аммо контексти васеъ дорад, ки ба маънои калима-параметр луқма мепартояд.

Олами дохилии инсон бо ёрии чунин қобилиятҳо ба монанди тасаввурот, таассурот, хотира ва хаёлпарастӣ дониста мешавад. Амалан ҳам олами беруна ва ҳам олами дохилии инсон ва дарки онҳо дар забон инъикос ёфта бо ёрии воситаҳои забонӣ ифода мешаванд. Инсон талош мекунад, то оламро дарк кунад, тимсолҳо ва алоқаҳои онро боз намояд ва ҳама чиро бо тасаввуротҳои нав фасеҳона таҷассум кунад. Қиёс ҳамчун возеҳнамоии монандӣ ва фарқият воситаи идроки одамони қадим ба шумор мерафт. Қиёси забони хеле пеш аз метафора пайдо шудааст. Дар аввал шуури инсон хусусияти ашё ё зуҳуротро дар нишонаҳои ашёи дигар шарҳ медод ва баъдан ба он номи ашё ё зуҳуротро менависонд, яъне метафора месохт. Қиёси фасеҳ таърихан баъд аз метафора пайдо шудааст, зеро дар он тақсимшавии шуур аллакай аз ҷиҳати сохтори грамматикӣ ташаккул ёфта буд, сохтори грамматикӣ бошад, танҳо ба тартиб даровардани баанҷомрасии ягон ҷараёни психологӣ қодир асту халос.

Хусусияти функсионалии метафора се вазифаи асосӣ дорад. Якум – **номгузории ашё**е, ки то ҳол номгузорӣ нашудааст. Метафораи дар ин вазифа истифодашаванда танҳо дар лаҳзаи номгузорӣ мавҷуд аст; бо амалӣ намудани ин вазифа он шакли дохилиашро аз даст медиҳад ва «хомӯш мешавад» [5, с.46]. Чунин метафора **номӣ** (таснифкунанда, ғайрифасеҳ) номида шуда, дар раванди истилоҳнигорӣ дар зерзабонҳои гуногуни илму техника ба таври васеъ истифода бурда мешавад: радифи Замин, муқла (себаки чашм). Метафораи номӣ бо тафсири фасеҳ вале хеле дақиқи М. Блэк истифода мешавад, «то сӯрохии дар луғат бударо дарбеҳ кунад (to remedy a gap)» [11, с.33].

Забонро баъзан ба маҷмӯаи метафораҳои кайҳо фаромӯшшуда ва мурдарафта монанд мекунанд ва ин тасодуфӣ нест: шумораи зиёди калимаҳои аз ҷиҳати этимологӣ мушкил таҳлилшаванда дар ҳақиат

метафораҳои кӯҳнае мебошанд, ки алоқаи худро бо забон кайҳо гум кардаанд. Сарчашмаи асосии метафораҳои мурдаи «хомӯшшуда» дар забон маҳз метафораи номинативӣ мебошад. Масалан: «The whole wide world with our will we shall attain» [12, с.57]. Дар ин ҷо ибораи англисии «whole wide world» ба маънои «тамоми олам» омадааст.

Одамон аз қадимулайём ба ранги сурх диққати махсус зоҳир менамуданд. Дар равоншиносӣ ва тиб ранги сурх ҳамчун баёнгари фаъол будан, гармидиҳанда ва қувват тавсиф мешуд. Масалан:

And while the world already is sound sleeping,

The mountain tops with red rays are aglow[3] *[12, с.93].*

Хусусияти дуюми функсионалии метафора хусусияти идрокии он мебошад. Дар ин вазъият метафора ҳамчун қолаби назариявӣ барои пешгӯинамоии хусусиятҳои объекти ҳоло донистанашуда ва дохилнамоии он ба ягон синф хизмат мекунад. Бо амалӣ намудани ин вазифа низ метафора шакли дохилиашро аз даст медиҳад. Чунин метафора **метафораи когнитивӣ** номида мешавад. Дар илмҳои дақиқ истилоҳи метафора ба сифати «фарзия» оид ба табиати баъзе объектҳои тавассути қиёс бо дигар объектҳои омӯхташуда таҳқиқшаванда истифода мешавад. Ба ақидаи Н. Гудмен «метафора аз танҳо воситаи оддии ороиши сухан будан дур аст; он бо омехтанамоии меъёрҳои куҳнаи «табиӣ» бо меъёрҳои нав дар ташаккули дониш фаъолона ширкат варзида, ба мо имконият медиҳад, то далелҳои навро ба даст орем» [9, с.194]. Ҷумлаи зеринро ба унвони мисол меорем: The great crowd roared and swayed …[10, с.104]. Чунин метафораҳо ба объектҳои соҳаи мазкур хусусиятҳоеро медиҳанд, ки пештар онҳо чунин хосиятҳоро надоштанд ва ҳамин тавр раванди таҳқиқоти илмиро ба муҳокимаи ин хусусиятҳо равона менамоянд.

Ба метафора хусусияти муайянкунии «худӣ» тавассути «бегона», шахсӣ тавассути умумӣ ва хилофи қоида будан тавассути меъёр хос мебошад. Метафора тавассути нишонаҳои барои қабила хос буда, шахсиятро тавсиф менамояд ва симои шахсиятро месозад. Фарқият миёни ифодаи бевосита ва истиоравӣ на дар соҳаи дохилии механизмҳо, балкӣ дар соҳаи истифодашавии он мебошад. Аз ҳамин сабаб равандҳои дар ҷараёни сохтан ва қабулкунии метафора ишнтироккунанда табиати прагматикӣ доранд. Ба амал баровардани таъсири прагматикӣ ба қабулкунандаи маълумот қисмати муҳимтарини ҳама гуна муоширатро ташкил медиҳад, аз ҷумла муошираты байнизабонӣ. «Прагматика аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънояш кор, амалиёт мебошад. Он як равиши семиотика аст, ки муносибати миёни системаи аломатҳо ва истифодабарандагони онро меоӯзад» [7, с.396]. Прагматика яке аз нақшаҳо ё ҷанбаҳои тадқиқоти забон аст, ки воҳидҳои онро ҷудо карда муносибатҳои онҳоро ба шахсони истифодабарандаи ин аломатҳои забонӣ таҳқиқ менамояд [4, с.150].

В.Н. Телия чунин қайд мекунад: «Метафора на танҳо дар ҷое ба кор меравад, ки барои дақиқ баён кардани баъзе мазмунҳо дигар воситаҳо мавҷуд нестанд, балкӣ дар ҷое низ ба кор меравад, ки он ҷо барои ифодаи ҷанбаи прагматикӣ зарурат пайдо шудааст» [8, с.28]. Ҳангоми метафорагардонӣ аломати прагматикӣ боз ҳам табиитар мегардад. Прагматика вазъияти экстралингвистиеро меомӯзад, ки интихоби воситаҳои забониро муайян мекунад. Ҳангоми интихоби метафора қуввaҳои прагматикӣ ба амал бароварда мешаванд: агоҳ будани гӯянда аз вазъияти кор, муошираткунандагон ва нақши ҷамъиятии онҳо.

Метафора муносибатҳоро миёни ашёҳо ва зуҳурот месозад, бунёд мекунад ва бао ин васила ба дарки олам мусоидат менамояд. Мувофиқи сарчашмаи худ метафораи когнитивӣ ба қобилиятҳои инсон: пайдокунӣ ва сохтани монандӣ миёни одамони гуногун ва гуруҳи ашёҳо ҷавоб медиҳад [3, с.5]. Метафораи когнитивӣ мувофиқи таърифи В.В. Петров истифода мешавад, то ки бо роҳи овардани маълумоти иловагӣ аз вазъияти маъмултару маълумтар ҳаҷми маънои соҳаи кам фаҳмидашаванда зиёд карда шавад. Метафораи когнитивӣ раванди идрокнамоиест, ки мафҳумҳои навро ифода намуда ташаккул медиҳад, ки бидуни онҳо гирифтани дониши нав имконнопазир мебошад, масалан қиёснамоии ҳиссиётҳои инсон бо оташ ва соҳаи иқтисодиёт ва сиёсат бо бозиҳо.

Барои тасвири ҳолати дохилии инсон дар ашъорҳо чунин метафораҳо бештар вомехӯранд. Дар мисраҳои зерин эҳсосоти самимии шоир бо шарофати метафора боз ҳам қавитар баён шудаанд:

Again I felt and long I could not stay here

Burning and yearning with poetry aflame [12, с.87].

Чуноне, ки мебинм дар ин ҷо «*poetry aflame*»[4] ва дар он сӯхтан ба сифати метафораи когнитивӣ омадааст. Ба таври умумитар метафораро ҳамчун баёнкунии як ашё тавассути дигараш низ дида баромадан мумкин аст ва аз ин ҷиҳат он яке аз воситаҳои нишон додани дониш дар шакли забонӣ мебошад. Яке аз намудҳои метафораи когнитивӣ **метафораи решагӣ** ба шумор меравад [6, с.39-40], ки дар асоси консепсия ё назарияи илмӣ мавҷуд буда, аз як қатор метафораҳои номӣ – истилоҳҳои рӯи субъекти ёридиҳандаашон якхеларо медиҳад. Тасвири чунин метафорагардониҳо дар адабиёти бадеӣ томияти лингвистикиро ифода мекунад; дар ин масир, мо муҳаққиқонро бозёфтҳои шавқовари зиёде интизоранд. Вазифаи сеюми метафора «тасвири фасеҳи воқеият ва ашёҳои муқаррарӣ, қайд кардани

[3] Тарҷумаи таҳтуллафзӣ: Замоне, ки тамоми олам ба хоби сахт фурӯ рафта буд, қуллаи кӯҳҳо бо нурҳои сурх медурахшиданд.

[4] Оташи шоирона

фардияти онҳо мебошад. Дар ин ҳол объект ду номро мегирад: бевосита (аввал) ва фасеҳ (дуюм), ки ба биниши дучандкардашудаи олам даъват менамояд. Бештар онҳо ташбеҳкардашуда ба чароғи сеҳрнок, нури равшанӣ мебошанд, ки ашёро аз ҷиҳати ғайричашмдошт равшан менамоянд: шабнамҳои алмосӣ, тилло мӯй...» [5, с.47].

Метафораи фасеҳ ба маънои дуҷонибаи ҳатмӣ асос ёфтааст. Метафораи фасеҳ ё хушобуранг ҳамчун усули услубӣ (маҷоз) баръакси нутқи гуфтугӯӣ бештар маҳз ба нутқи бадеӣ мансубият дорад. Ин далелро ҳатто Арасту низ қайд кардааст: «...Арифрад ҳунарпешаҳои нақшҳои ҳаҷвиро барои истифодабарии ифодаҳое, ки ҳеҷ кас дар гуфтугӯ истифода намебарад, масхара кард. Аммо ҳамаи ифодаҳои ба ин монанд маҳз барои дар нутқи оддӣ истифода нашуданашон мавҷуданд, вале ӯ инро намедонист. Ҳар як усулҳои ишорашудаи ифодаҳоро истифода бурдан хеле муҳим аст, инчунин мисли калимаҳои мураккаб ва ҳошияҳо дар метафораҳо моҳирона будан хеле муҳимтар мебошад. Танҳо инро аз дигар кас тақлид карда гирифтан номумкин аст; ин нишонаи истеъдод аст, зеро эҷод кардани метафораҳои хуб маънии дарёфтани монандиро дорад» [1, с.5-117].

Соҳаи асосии фаъолият намудани метафораи фасеҳу хушобуранг нутқи бадеӣ – гунаи функсионалии забони адабӣ, ки таъиноти асосиаш тасвири бадеии балоғӣ-ахлоқӣ мебошад ва дарккуни воқеият маҳсуб меёбад. Бинобар бартарӣ доштани метафораи фасеҳ онро бештар метафораи бадеӣ ё балоғӣ ва ин чунин метафораи услубӣ меноманд. Яке аз намудҳои метафораи бадеӣ метафораи шоирона маҳсуб меёбад (5, 55). Барои матни манзум ду маротиба зиёд шудани маънои ҳамон як воқеият хос буда, дар он калимаи бевосита ва истиоравӣ мавҷуд аст, масалан:

Of greater use to my times I cannot be,
For early I have started to winter, grow cold of late [12, с.127].
Мисоли дигари истифодаи метафора дар матни манзум:
On wide open pages of heavens blue I gaze,
But nowhere their my tiny star can I find.
And know that when you one day lie pale and dead,
So our forebears say that star will fade from sight [12, с.17].

Дар ин метафора муаллиф анҷоми зиндагиро ба ғуруби офтоб монанд кардааст, яъне бо ғуруб ситора ғайб мезанад, мемирад.

Дар мисоли зерин боз як метафораи англисӣ ба маънои марг оварда шудааст: We all going old, going the same way home (тарҷумаи таҳтуллафзӣ: Мо ҳама пир мешавем ва бо ҳамон як роҳ ба хона меравем) [10, с.67].

Ҳамин тавр мисолҳои мазкур онро нишон медиҳанд, ки дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҳисоби номгузории истиоравӣ гуруҳҳои метафораҳои синонимӣ бисёр мебошанд. Маҳз метафораҳои синонимӣ бо маънои марг хеле паҳнгашта мебошанд. Дар мисоли зерин низ метафораҳои дорои маънои марг оварда шудаанд:

My rushing you – on moonless nights not lost,
My precious one, while I live we shall not part [10, с.58].

Истифодаи метафора натанҳо ба нутқҳои бадеиву шоирона балкӣ барои нутқи гуфтугуӣ низ хос аст. Аммо агар дар нутқҳои бадеӣ ва рӯзноманигорӣ метафораҳои фасеҳ бештар истифода шаванд, ки барои фаҳмидани маънои онҳо вақти зиёд ва хоҳиш лозим аст, дар нутқи гуфтугуӣ бошад барои нутқи гуфтугуӣ метафораҳои мурда ва хӯрдашуда хос мебошанд, ки ба стандарт табил ёфтаанд, яъне ба ҳама фаҳмо мебошанд. Чунин метафораҳо муассирияти худро бештар нигоҳ медоранд. Масалан: даҳонро инҷ кардан – хандидан, шақ-шақ кардан – ягон хабари нохушро расонидан, хар – одами беақл, хирс – одами танбал.

Метафораҳое, ки дучанбагии маъноияшонро нигоҳ доштаанд метафораҳои фасеҳ номида мешаванд. Метафораҳое, ки дучанбагии маънои худро гум кардаанд метафораҳои хӯрдашуда ё мурда номида мешаванд. Метафораҳои фасеҳ ҳамеша нотакрор мебошанд. Мисли паррандаи аҷибу ғариб, ки тағйири муҳити зист барояш марговар мебошад, метафораҳои фасеҳ низ танҳо дар матне зиндагӣ мекунанд, ки дар он таваллуд шудаанд. Дар матни дигар истифодабарӣ ё ба матни дигар кӯчонидани он ба марги метафора оварда мерасонад. Метафораи номинативиро метавон ба киштӣ монанд кард; барои он матн ҷоест, ки он «сохта шудааст» ва дер ё зуд ба «баҳри» матнҳои дигар равона карда мешавад [5, с.48]. Ҳангоми такрор шудан метафораи фасеҳу балиғ хомӯш мешавад, хӯрда мешавад.

Метафораҳои фасеҳу хушобуранг барои нутқи илмӣ хос нестанд, гарчанде ки дар матнҳои махсуси услубашон илмӣ, ки ба рӯзноманигорӣ наздиканд ва инчунин дар нутқи шифоҳии касбӣ баъзан вомехӯранд.

Метафораи фасеҳ барои услуби коргузорӣ тамоман хос нест. Дар матнҳои услубашон коргузорӣ ибораҳои истиоравиро вохӯрдан мумкин аст, аммо хеле кам. Ин гуна метафораҳо одатан дар он намуди ҳуҷҷатҳое вомехӯранд, ки дар онҳо ҳисботҳои корӣ бо ҷузъҳои рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунанд, масалан: дар лоиҳаи қарорҳо, баъзе намуди ҳисоботҳо, парвандаҳо ва маълумотномаҳо. Аммо шумораи чунин ибораҳо нисбатан кам аст ва фасоҳаташон коста шудааст. Ғайр аз ин бештари онҳо хусусияти

истилоҳотӣ доранд. Ҳангоми алоқаи контекстуалӣ бо луғати табиии забон, луғати махсус бо мурури замон ба детерминологизатсия дучор мешаванд ва дар асоси онҳо баъзан метафораҳои фасеҳ сохта мешаванд.

Метафораи рӯзномавӣ бештар дар асоси луғати махсус сохта мешавад, ки ин боз як хусусияти хоси ин намуди метафораҳо мебошад. Тавассути васоити ахбори омма ва такрори чандмаротиба бештари истилоҳҳои оммафаҳми имрӯза ба захираи табии луғавии забон дохил шудаанд: истилоҳҳои тиббӣ, варзишӣ, сохтмонӣ, молиявӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқшиносӣ, сиёсӣ, театрӣ, техникӣ, ҳарбӣ, мусиқавӣ ва ғайра. Ин гуруҳҳои истилоҳотии номбаршуда то як андоза соҳаҳои шавқмандбудаи моро, ки дар васоити ахбори омма нишон дода шудаанд, инъикос менамоянд.

Аз ин ҷо чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки таснифи функсионалии метафора дар номгузории ашёҳо ва ҳодисаву зуҳуротҳое буда, ки то ҳол номгузорӣ нашудаанд: радифи Замин ва ғайра. Метафораҳое, ки ин вазифаро иҷро мекунанд метафораҳои номинативӣ номида мешаванд. Онҳо шакли дохилиашонро зуд аз даст медиҳанд ва «хомӯш мешаванд». вазифаи дуюми муҳими метафораҳо вазифаи ороишии онҳо мебошад, яъне ороиши матн. Метафораҳое, ки дар ин вазифа истифода мешаванд барои обуранг бахшидан ба нутқ ва ороиши он хизмат намуда, бештар дар адабиёти бадеӣ истифода мешаванд. Чунин метафораҳо метафораҳои фасеҳ номида мешаванд. Онҳо шакли дохилиашонро то дарвақт нигоҳ медоранд.

Ҳамин тавр, таснифи метафораҳоро метавон дар мувофиқат бо хусусиятҳои маъноӣ ва сохтории онҳо ва инчунин мувофиқати вазифаи он дар забон амалӣ намуд.

АДАБИЁТ

1. Аристотель. Об искусстве поэзии. М.: Гослитиздат, 1957. С. 109-110.
2. Арнольд И.В. Стилистика современного английского языка. / И.В. Арнольд Л.: Просвещение, Ленинград, 1981. – 295с.
3. Арутюнова Н.Д. Образ, метафора символ в контексте жизни и культуры. / Н.Д. Арутюнова // Метафора в языке текста / Отв. ред. В.Н. Телия. – М.: Наука, 1988. -176с.
4. Москвин. В.П. Русская метафора (семантическая, структурная, функциональная классификация). / В.П. Москвин // Уч. Пособ. – Волгоград: Перемена, 1997. -91с.
5. Никитина С.Е. Семантический анализ языка и науки: на материале лингвистики. / С.Е. Никитина М., 1987. - С. 39-40.
6. Словарь иностранных слов. -16-е изд. – М. Рус.яз., 1987. -606с.
7. Телия В.Н. Метафора как проявление антропоцентризма в естественном языке // Язык и логические теории. / В.Н. Телия –М., 1987. –С. 186-192.
8. Теория метафоры: Сб. Пер с англ., фр., нем., исп., польск. яз. / Общ. ред. Н.Д. Арутюновой и М.А. Журинской. –М.: Прогресс, 1990. -512с.
9. Aitmatov Ch. Selected stories / Translated by Glagoleva Fianna. / Ch. Aitmatov –Boston; Moskow: Inter. Center, 2000. -350p
10. Black M. Models and Metaphors // Studies in language and philology. / M. Black –NY.: Ithaka, 1962. –P. 25-47.
11. Osmonov A. Waves of the lake / Translated by May W. – Bishkek. 1995. -148c.

СТРУКТУРНО-ФУНКЦИОНАЛЬНАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ МЕТАФОР НА АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Современный период лингвистического развития характеризуется возрастающим интересом к изучению языковых единиц. Английский язык обладает богатым словарным запасом, который имеет широкий спектр возможностей для подробного описания чувств, явлений и объектов окружающего нас мира, выражения потребностей и целей, подтверждения и признания и т. д. В современной лингвистике изучение лексической системы, проблемы лексико-семантической коммуникации слов имеют особое значение, а одной из важнейших проблем лингвистики является изучение метафор и их перевод на другие языки, в том числе таджикский.

Изучение метафор проводят не только специалисты в области семантики и речи, лингвистики и литературы, но также философы, психологи, социологи и специалисты других смежных наук. Хотя метафора широко используется в художественной литературе, наука обязана проводить семантический, структурный, лексический, функциональный и систематический анализ способов и средств ее перевода на другой язык.

***Ключевые слова**: метафора, структура, классификация, гибкая метафора, лингвистика, функциональная классификация.*

STRUCTURAL AND FUNCTIONAL CLASSIFICATION OF METAPHORS IN ENGLISH

The modern period of linguistic development is characterized by an increasing interest in the study of linguistic units. The English language has a rich vocabulary, which has a wide range of possibilities for a detailed description of feelings, phenomena and objects of the world around us, expression of needs and goals, confirmation and recognition, etc. In modern linguistics, the study of the lexical system, problems of lexical and

semantic communication of words are of particular importance, and one of the most important problems of linguistics is the study of metaphors and their translation into other languages, including Tajik.

The study of metaphors is carried out not only by specialists in the field of semantics and speech, linguistics and literature, but also by philosophers, psychologists, sociologists and specialists of other related sciences. Although the metaphor is widely used in fiction, science is obliged to carry out a semantic, structural, lexical, functional and systematic analysis of the ways and means of its translation into another language.

***Key words**: metaphor, structure, classification, flexible metaphor, linguistics, functional classification.*

Сведения об авторе:

***Арипова Мусавара Хафизуллоевна –** кандидат филологических наук, старший преподаватель ГОУ Худжандского Государственного Университета **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Ходжсенд, ул. С. Хофиз 244. E-mail: musavara.aripova@mail.ru Тел.: (+992) 928587071*

About the author:

***Aripova Musavara Khafizulloevna –** Candidate Philological Sceinces, Senior Lecturer of the State Educational Institution of Khujand State University S. Khofiz 244. E-mail: musavara.aripova@mail.ru Tel: (+992) 928587071*

КАТЕГОРИЯ СОБИРАТЕЛЬНОСТИ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ: СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АСПЕКТ

Махмудова С.С.

Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибни Сино

В современной лингвистике категория собирательности представляет собой понятийную категорию, которая выражает некоторое множество как целостная и нечленимая совокупность предметов [Ярцева 1990: 234].

Большинство лингвистов рассматривает категорию собирательности как совмещающую не только единичное понятие, но и общее. Данное утверждение заключается в том, что категория собирательности сближается как с грамматической категорией числа, так и с лексической категорией «множества» [Реформатский 1987: 45].

Следует заметить, что включение вещественных имен в категорию собирательности в лингвистике является дискуссионным. Общеизвестно, что вещественные имена, употребляясь в форме Singularia Tantum, обозначают различные злаки, продукты питания, химические элементы, строительные материалы.

Например, в таджикском языке:

Дасти завол то абад аз баҳри чун ту ер,
*Да бехи ин дарахт нахоҳад задан **табар*** [ФЗТ. 2. 292];
*Ҳатабро агар **теша** бар пай занад,*
Дарахти барӯмандро кай зананд;
*Нохӯрда тароше зи сари **тешаи** хичрон,*
Хиште ба сари турбати Фарҳод наебанд [ФЗТ. 2. 361].

В немецком языке:

Sie können einen Salambo Speer in der Hand setzen, streckte sie Naravas. Dann fesselten sie die Finger der Bräutigame mit einem Rindleder-Gürtel und streuten sie auf die Köpfe des Getreides, das um sie herum fiel und wieder wie ein Hagel von Schlägen prallte. (Flaubert. Gustave. Salambo) – *Можно положить Salambo копье в руку, она протянула Naravas. Затем связали пальцы женихов ремнем из воловьей кожи и посыпали им на головы зерно, которое упало вокруг них и снова подпрыгнуло, как град ударов.*

Sollte ich die Körner zurückweisen?: Das Zittern ergriff den bläulichen Kreis; – ich blickte den Mann ohne Kopf scharf an; er stand da – in derselben Stellung: regungslos wie früher. (Flaubert. Gustave. Salambo) – *Не брать **зерен**? – дрожь охватила синеватый круг, – я пристально взглянул на человека без головы. Он стоял – в той же позе, неподвижно, как прежде.*

Auf den Schultern befestigte sie ihr ein viereckiges Purpurtuch, dessen Saum von Sandasterkörnern beschwert war. Über all diese Kleider hing sie einen schwarzen Mantel mit langer Schleppe. (Flaubert. Gustave. Salambo) – *К плечу она прикрепила пурпуровый четырехугольник, отягощенный снизу **зернами** сандастра, и на все эти одежды накинула черный плащ с длинным шлейфом.*

Согласно точке зрения А.Н. Гвоздева данная категория слов относится к собирательным именам [Гвоздев 1987: 45]. Однако, многие лингвисты, придерживаясь позиции В.В. Виноградова, включают данную группу слов к вещественным существительным [Виноградов 1986: 234].

Анализ фактического материала позволяет констатировать, что собирательным существительным в таджикском языке характерно отсутствие формы Pluralia Tantum, не сочетаются с количественными числительными, так как они не поддаются счету. Собирательные имена в таджикском языке сочетаются с лексическими единицами *бисъер – много; кам – мало; фаровон – огромное количество.*

«Бизан кӯси рӯину шайпуру ной,
Ба кашмиру Кобул ***фаровон*** *мапой!»*
«Деҳқон ба дар ояду ***фаровон*** *нигардшон,*
Теғе бикашад тезу гулӯ боз бурадшон»
«Зи лашкар ҳама кишвар омад ба ҷӯш,
Зи гетӣ баромад саросар хурӯш»; (ФЗТ. 2. 415).

В немецком языке собирательные имена – это слова, имеющие форму Singularia Tantum при обозначении нескольких существ и веществ как единое целое [Дубенец 2002: 97].

Среди германистов существует точка зрения, согласно которой собирательные имена могут иметь форму Pluralia Tantum [Дубенец 2002: 18].

Сравнительный анализ позволяет утверждать, что собирательные имена в таджикском языке характеризуются отсутствием формы множественного числа, что не находит отражение в немецком языке. В немецком языке собирательные имена могут употребляться не только в форме Pluralia Tantum, в определенных контекстах сами являются именами во множественном числе.

Таджикский и немецкий языки характеризуются различной морфологической структурой. Это может быть и корень слова *пул – деньги; мардум – люди; инсоният – человечество; Die Jugend; Der Kram*, а также лексические единицы с суффиксами собирательности: *одамӣ – человечество; Das Bekriecht; Die Aristokratie.*

Например, в таджикском языке:

Аз ***пули*** *хасис ситора наздиктар аст. –*
Звезды на небе ближе, чем деньги скупого.
Судхӯр аз ***пули*** *худ нон шаканад, гар ба масал:*
Шиша сандон шиканад, атола дандон шиканад –
Ростовщик тогда за свои деньги лепешку надломит, то есть угостит кого-либо, когда стекло сломает наковальню, а похлебка – зубы.

Ich habe zwei große Sammlungen: «Eskimos» (wegen der Muster nannten die Jugendlichen sie «Dr. House» und «Bollywood». (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). *У меня есть две большие коллекции: «Эскимос» (из-за узоров молодежь назвала их «Доктор Хаус») и еще «Болливуд».*

Als das Abendessen vorbei war und die Diener sich wieder zurückzogen, nahm Ekbert Walter an die Hand und sagte: »Freund, eines Tages musst du meiner Frau erlauben, dir die Geschichte ihrer Jugend zu erzählen, was seltsam genug ist. (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). *– Когда ужин был закончен, и слуги снова удалились, Экберт взял за руку Уолтера и сказал: »Друг, однажды вы должны позволить моей жене рассказать вам историю ее юности, что достаточно странно.*

Bis zu diesem Zeitpunkt lebte er dort im unbeschwerten Alter seiner ersten Jugend, auf einer Straße, die als Kind unendlich scheint und auf der die Jahre langsam und schwerelos vergehen, so dass niemand bemerkt, dass es vorbei ist. (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). *– До этого момента он жил там в беззаботном возрасте первой юности, на дороге, которая в детстве кажется бесконечной и по которой годы проходят медленно и невесомо, так что никто не замечает ее прохождения.*

Es war nicht nur ihre Homogenität, die wie ein grauer Ring um sie herum lag – es war auch die Freudlosigkeit einer Jugend, die ohne besondere Hoffnungen und Zukunft war. (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). *– Это была не одна ее безродность, которая лежала вокруг нее, как серое кольцо.*

Die feudale Aristokratie ist nicht die einzige Klasse, die von der Bourgeoisie gestürzt ist, deren Lebensbedingungen in der modernen bürgerlichen Gesellschaft sich verschlechterten und erloschen sind. (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). *– Феодальная аристократия – не единственный ниспровергнутый буржуазией класс, условия жизни которого в современном буржуазном обществе ухудшались и отмирали.*

Следует заметить, что метафорические и метонимические переносы также служат образованию имен собирательных: *ҳама мардум – весь народ.*

В немецком языке для образования имен собирательных широко употребляются различные аффиксы. Собирательные аффиксы, используемые для образования производных слов, выступают как словообразовательное средство или формант.

Слов рассматривается в языке как производное, если существует соотносительная производящая основа. В немецком языке следующие имена собирательные: Sammelname, Kollektive, Kollektivem обладают рядом словообразовательных средств с семантикой собирательности. Во многих работах по грамматике выделяют такие аффиксы с собирательной семантикой как:

Die Aktei
Das Bürgertum
Die Rittershaft

***Das** mittelalterliche Pfahl**bürgertum** und **der** kleine Bauernstand waren die Vorläufer der modernen Bourgeoisie.* (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). – *Средневековое сословие горожан и сословие мелких крестьян были предшественниками современной буржуазии.*

В немецком языке встречаются также заимствованные суффиксы с семантикой собирательности:

Die Archivalien, Die Mitic, Die Symbolik:

Auf der anderen Seite kann man den Instinkt - die Abneigung gegen Dekadente, den Spott, den Schrecken vor ihrer Symbolik - von ihr nicht nachvollziehen: So etwas ist fast ihr Beweis. (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). – *С другой стороны, от нее нельзя отделить инстинктивного отвращения к décadents, насмешки, даже ужаса, вызываемого их символикой: это является почти ее доказательством.*

*Wir haben ja erfahren, derselben **Symbolik** bedienen sich Mythen und Märchen, das Volk in seinen Sprüchen und Liedern, der gemeine Sprachgebrauch und die dichterische Phantasie.* (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). – *Ведь мы узнали, что такая же символика используется в мифах и сказках, в народных поговорках и песнях, в общепринятом словоупотреблении и поэтической фантазии.*

*Eine zweite ebenso zugängliche Stelle ist in der Traum**symbolik** gegeben.* (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). – *Вторым таким же доступным моментом является символика сновидений.*

Следует заметить, что в немецком языке словообразовательные суффиксы не обладают экспрессивным оттенком. Исключением является слово – *Die Journaille – желтая пресса*.

В немецком языке вслед за М.Д. Степановой, многие лингвисты используют термин «полуаффиксы» [Степанова 2007:23]. Полуаффиксы, будучи словообразовательным элементом, являются промежуточным звеном между самостоятельной лексической единицей и аффиксом, которая сочетается с разными производными основами. Например, Die Filmwelt, Das Schuhwerk, Der Trödelkram, Das Bettzeug.

*Natürlich passen sie ganz gut zur allgemeinen Gestalt einer alten Stadt, aber das russische **Schuhwerk** kann die Anmut der deutschen Kultur nicht aushalten. Конечно, они хорошо вписываются в общий вид старинного города, но русская обувь не выдерживает прелестей немецкой культуры.*

*Er versorgte die Garde mit kürzeren Schwertern und festeren Schuhen, beschränkte die Anzahl der Junas und das Gepäck. In der Molo-Kirche wurden dreihundert römische Kopien aufbewahrt. Er nahm sie trotz der Einwände des Obersten Priesters. (*Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). – *Он снабдил гвардейцев более короткими мечами и более прочной обувью, ограничил количество парней и багаж. В храме Моло хранилось триста римских копий. Он взял ее, несмотря на возражения верховного жреца..*

Dann begann Charlie an Schuhen zu arbeiten. Seine Stiefel und Ellis Schuhe hat er mit Nägeln geschlagen, damit sie nicht über Steine und Eis gleiten, und in sein Holzbein einen dicken Nagel mit der Spitze nach unten gesteckt. (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). – *Затем он принялся за обувь, свой сапог и башмаки Элли он подбил шипами, чтобы они не скользили на скалах и на льду, а в деревяшку вбил крепкий гвоздь острием вниз.*

В немецком языке семантику собирательности выражает также префикс – ge

Gebälk
Gepäck

*Die Söldner, deren **Gepäck** verloren gegangen war, besaßen kaum noch für zwei Tage Vorrat und die übrigen Truppen überhaupt keinen, da sie auf eine von den Dörfern des Südens versprochene Zufuhr gerechnet hatten.* (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). – *У наемников, поклажа которых пропала, пищи было не более чем на два дня; у других совсем ничего не было, так как они ждали обоза, обещанного южными деревнями.*

*Die Soldaten warfen hurtig Lanzen, Schilde und Bandoliere ab und wuschen sich unter lautem Geschrei, schöpften die Helme voll Wasser oder tranken, platt auf dem Bauche liegend, inmitten der Maultiere, denen das **Gepäck** vom Rücken glitt.*(Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). – *Солдаты быстро бросили наземь щиты, копья, сняли пояса. Они мылись с криками, набирали воду в шлемы, а некоторые, лежа на животе, пили вместе с вьючными животными, которых освободили от поклажи.*

*In den Hütten schlugen die Restlichen ein. Elefanten, Rinder und Pferde verfolgten mitten in der Hektik, zerstörten Menschen, militärische Ausrüstung und gerettetes **Gepäck v**or den Flammen.* (Мангеймский корпус немецкого языка, 2015). – *Раздавались вопли людей, оставшихся в хижинах; слоны, быки и лошади метались среди толпы, давя ее вместе с поклажей и провиантом, который вытаскивали из пламени.*

Таким образом, если в немецком языке семантика собирательности выражается посредством суффиксов, полуаффиксов и префиксов, то в таджикском языке продуктивным способом словообразования является аффиксация.

В результате проведенного исследования можно заключить, что в системе разноструктурных языков есть определенные словообразовательные элементы, придающие словам собирательную семантику.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ганина Н.А., Германистика в Баку: опыт и перспективы // Вестник Московского университета. Сер. 9, Филология. - 2011. - N 4. - С. 254-260.
2. Добродомов И.Г., Гарниза // Русский язык в школе. — 2009. — N 10. — С. 80-83.
3. Дубенец, Э.М. Лексикология современного английского языка: лекции и семинары. — М.: Глосса-Пресс, 2002. — 92 с.
4. Ермолаева Л.С., Очерки по сопоставительной грамматике германских языков. / Л.С. Ермолаева — М. : Высшая школа, 1987. — 128 с.
5. Калинина Л.В., Существительные конкретные, абстрактные, вещественные, собирательные: трудности лексико-грамматической характеристики / Л.В. Калинина // Русский язык в школе. - 2008. — N 9. - С. 38-43.
6. Конявская С.В., О сущности феномена собирательных существительных: синхрония и диахрония / С.В Конявская // Древняя Русь. Вопросы медиевистики. - 2005. - N 3. - С. 43-44.
7. Лексическая и грамматическая семантика романских и германских языков: Романо-германская филология : межвуз. сб.. — Кишинев : Штиинца, 1989. - 159 с.
8. Реформатский, А.А. Число и грамматика // Лингвистика и поэтика. / А.А. Реформатский -М., 1987.-С.76-67.
9. Степанова М.Д. Словообразование современного немецкого языка. / М.Д. Степанова - М.: URSS, 2007. - 344 с.
10. Шапкина О.Н. Феномен «собирательности» в польской языковой картине мира / О.Н. Шапкина // Язык и межкультурная коммуникация. 2008. - N 3. - С. 194-20.
11. Ярцева В.Н. Собирательности категория // Лингвистический энциклопедический словарь. / В.Н. Ярцева - М.: Советская энциклопедия, 1990. - 685 с.

КАТЕГОРИЯ СОБИРАТЕЛЬНОСТИ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ: СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АСПЕКТ

Статья посвящена сопоставительному исследованию собирательных имён существительных в таджикском и немецком языках. Рассматриваются вопросы сходства и различия категории собирательности в разных языках, вопросы номинации, морфологическая структура собирательных имён, выделяются словообразовательные элементы с собирательным значением в двух языках.

Ключевые слова: *категория собирательности, собирательные имена существительные таджикского и немецкого языков, производное слово, метонимия, словообразование.*

CATEGORY OF COLLECTION IN TAJIK AND GERMAN LANGUAGES: A COMPARATIVE ASPECT

The article is devoted to a comparative study of collective noun names in Tajik and German. Issues of similarity and differences in the category of gathering in different languages, questions of nomination, morphological structure of collective names are considered, word-forming elements with collective meaning in two languages are distinguished.

Keywords: *gathering category, collective names nouns of Tajik and German languages, derived word, metonymy, word formation.*

Сведение об авторе:

Махмудова Сайёра Сафаровна, *преподаватель кафедры иностранных языков ГОУ «Таджикского Государственного Медицинского Университета им. Абуали ибни Сино»,* ***E.mail:*** *s.mahmudova.82@mail.ru тел (+992) 915985953*

About the author:

Mahmudova Sayora Safarovna *- teacher of foreign department of SEI Avicenna Tajik State Medical University. E.mail: s.mahmudova.82@mail.ru Phone: (+992) 915985953*

ШАРҲИ МУХТАСАРИ МАФҲУМИ ИСТИЛОҲ ВА ИСТИЛОҲШИНОСӢ ДАР ФАРҲАНГҲОИ СОҲАИ ЗАБОНШИНОСӢ

Нурова З.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Истилоҳ муодили тоҷикии калимаи лотиниасоси термин (terminus ҳад, сарҳад) буда, фарогири таърифҳои сершуморе мебошад, ки бештари онҳо аз забони русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд, ба монанди:

1. Термин калимаест, ки мафҳумҳои муайяни ягон соҳа (фан, техника, санъат, тип) ва ғайраро ифода мекунад.

2. Истилоҳ калима ё ибораест, ки мафҳуми ҷараёнҳои илмӣ, предмет санад, техника ва ғайраро бо таври аниқ ифода мекунад.

Калимае, ки ба воситаи он номи мафҳум ифода карда мешавад истилоҳ ном дорад. Истилоҳ ва истилоҳсозӣ амсоли дигар бахшҳои забоншиносӣ таърихи тулони дошта, ҳампояи даврaҳои аввали

пайдоиши забон аст. Ҳар вақте инсоният барои ифодаи мафҳумҳо ва ашёҳои хос калима ва ё ибораи махсусе истифода карда бошад, ҳамон лаҳза ба масъалаи истилоҳ ва истилоофаринӣ рӯ ба рӯ шудан зарур меояд. Ин гурӯҳи вожагон аз ҳамон замоне, ки одам қодир шуд ҷойгоҳи худро дар олами ҳастӣ бишносад ва ба номгузории ашёи вохӯрдааш шурӯъ кунад, пайдо шуд. Бахусус, баъд аз пайдоиши хат ва тавоно гаштани башар ба навиштану хондан, имконияти сабт ва ёдмон кардани вожагону истилоҳоти аввалияро бамаротиб афзоиш дод. Истилоҳот ва истилоҳсозӣ пайваста бо забону миллат дар рушду такомул аст. Пешрафту таназзули фарҳангии миллатро метавон аз рӯи таркиби истилоҳот ва тарзи истифодаи онҳо дар ҷомеа муайян намуд.

Истилоҳофаринӣ бошад дар забонҳои муосири муқтадири илми (англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, русӣ, арабӣ) ва ғайраҳо раванди номгузорӣ кардани мафҳумҳои нави илмиро ҳамвора бо рушди соҳаҳои гуногуни илм пайваст намуд.

Як воситаи асосии ба вуҷуд овардани истилоҳоти милли тарҷума кардани муодилҳои истилоҳоти забонҳои илмӣ мебошад. Ҳамин тариқ дар забони муосири тоҷикӣ истилоҳофаринӣ гуфта фароянди (протсес)-и созиш ва пазириши муодилҳои тоҷикии истилоҳоти илмиро тариқи тарҷума истифода аз истилоҳоти забонҳои муосири илмӣ бо донистани асосҳои ин ё он илми муосир ва қоидаҳои калимасозию иборабандии забони тоҷикӣ фароянди истилоҳсозӣ, истилоҳгузинӣ ва истилоҳпазириро дар бар мегирад.

Истилоҳгузинӣ гуфта фароянди интихоби муодилҳои мақбули тоҷикии истилоҳоти забонҳои муқтадири илмиро дар заминаи захираи луғавии забони адабии миллӣ меноманд.

Истилоҳпазирӣ гуфта фароянди пазириши истилоҳоти забонҳои муқтадири илмиро дар мавриди мавҷуд набудани муодилашон дар захираи луғавии забони адабӣ меноманд.

Истилоҳоти тоза бо дигаргуниҳои куллии замон, бо суръатафзоии рушди фарҳангӣ, сиёсӣ, пайдо шудани шаклҳои нави идорӣ ва тараққиёти илму техника ташаккул ёфта, бо хостҳову ниёзҳои замони муосири тоҷик мебошад. Ҳар як шохаи илми забоншиносӣ истилоҳоти махсуси худро дорад.

Дар назди худ мақсад гузоштем, ки барои дуруст ва амиқ аз худ намудани маънои мафҳумҳои «истилоҳ», «истилоҳот» ва «истилоҳшиносӣ» ба фарҳангҳои истилоҳоти забоншиносӣ рӯ оварем ва дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши ин сарчашмаҳои илмӣ хулосабарорӣ намоем. Инак бо истифода аз ин фарҳангҳо шарҳи мафҳумҳои дар боло гӯшзадшударо ба шумо пешниҳод менамоем: Дар забони адабии ҳозираи тоҷик, ҷилди якум вожаи «термин» чунин шарҳ дода шудааст: «Термин (аз калимаи terminus гирифта шуда маънояш – ҳад, ҳудуд), калима ё ибораест, ки мафҳуми муайяни ягон соҳаи илм, техника, маданият ва ё истеҳолотро ифода менамояд. … Термин дар соҳаи худ фақат як маънои муайянро ифода менамояд. Якмаъноӣ (моносемия) хусусияти асосии термин мебошад. Хусусияти сермаъноӣ (полисемия) барои терминҳо хос нест…» Таърифи «терминология» бошад чунин омадааст: (термин ва logos-и юнонӣ – таълимот дар бораи терминҳо) аз маҷмӯи терминҳо иборат аст.

Термин дар соҳаи худ фақат як маънои муайянро ифода менамояд. Якмаъноӣ (моносемия) хусусияти асосии термин мебошад [3, с.56].

Дар «Энсиклопедияи Калони Советӣ» вожаи «истилоҳ» чунин шарҳ дода шудааст. *«Истилоҳ (термин лотинии давраи баъдӣ) terminus» термин, аз лотинии terminus – хурд, марз:*

1) вожа ва ё вожагоне, ки барои баёни дақиқи мафҳум ва таносуби он бо мафҳуми дигар дар ҳудуди соҳаи махсус мансуб гардидааст. [2, с.473-474]. Таърифи истилоҳ дар «Энсиклопедияи Советии Тоҷик» чунин оварда шудааст: *«Истилоҳ (арабӣ – сулҳ кардан, оштӣ кардан), термин – калима ё ибора, ки предмет, мафҳуму ҷараёнҳои илм, санъат, техника ва ғайраро ба таври аниқ ифода мекунад. Истилоҳ аз калимаҳои маъмулӣ бо мафҳуми махсус, якмаъноӣ ва муайянии худуди маъноии худ фарқ мекунад» [8, с.51].*

Дар луғати «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», ҷилди 2 «истиллоҳ» чунин таъриф шудааст: *«Истиллоҳ а. калима иборае, ки дар ҳавзаи амалкардаи ягон соҳаи илму фан маънои мушаххасро ифода мекунад».*

«Истилоҳот» бошад: 1. ҷ. истилоҳ; 2) маҷмӯи истилоҳҳои хоси ягон соҳаи илму фан: истиллоҳоти забоншиносӣ, истиллоҳоти фалсафа;

«Истиллоҳшиносӣ» бошад соҳаи забоншиносӣ оид ба таҳқиқу омӯзиши истиллоҳ шарҳ дода шудааст. [6, с.561]

Истилоҳоти илмӣ яке аз бахшҳои мубрам ва воситаҳои тавонои рушду такомули забон ба ҳисоб меравад. Ба ибораи дигар, яке аз роҳҳои бою ғанӣ гардонидани захираи луғавии забон маҳз истилоҳсозӣ мебошад. Аз қонуниятҳои умумии рушди забон чунин бармеояд, ки дар баробари рушди ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти инсон ба монанди илм, техника, ҳунар, санъат, адабиёт ва ғайра, ба захираи луғавии забон калимаву истилоҳоти нав ворид мегарданд. Пас метавон гуфт, ки истилоҳсозӣ яке аз воситаҳои пурзӯртар сохтани қоидаҳои калимасозӣ ва иборасозии забон маҳсуб меёбад.

Дар Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ (муаллифон Бобомуродов Ш., Мухторова З.) ин вожа чунин шарҳ дода шудааст: *«Истилоҳ (ар.). калима ё ибораест, ки мафҳумҳои ба илм, техника ё санъат вобастаро ифода мекунад. Тафовути истилоҳ аз калимаҳои умумиистеъмолӣ, ки маъмулан сермаъно*

мешаванд ин аст, ки он чун қоида марбути як маъност ва хусусияти эҳсосотию экспрессивӣ надорад. Истилоҳ маъмулан шомили ин ё он соҳаи мушаххас аст; истилоҳоти адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, математика, физика, таърих. Гурӯҳи муайяни истилоҳҳо мансуби чанд соҳа буда метавонанд. Масалан, вожаи реша дар соҳаҳои забоншиносӣ (решаи калима, калимаҳои ҳамреша), математика (решаи квадратӣ), рустанишиносӣ (решаи дарахт), тиб (решаи дандон) истифода мешавад. Аммо бештарини истилоҳҳо хусусияти маҳдуд - маънои ба ихтисос махсус доранд: истилоҳҳои аффриката, праклитика, калима, ибора, ҷумла, исм, сифат, мубтадо, ҳол танҳо дар соҳаи забоншиносӣ истифода мешаванд. Истилоҳоти алло-эмпикӣ: истилоҳоти ҳамаи қабатҳои забон: алло (аллофон, алломорф, аллолексика, аллограф), эм (фонема, морфема, графема, лексема, семема). Термин муродифи истилоҳ аст (аз terminus-и лотинӣ - ҳад, ҳудуд). Калимаҳое мавҷуданд, ки танҳо дар маънои ҷудогонаи соҳавии худ истилоҳанд ва дар маънои дигарашон амсоли калимаҳои маъмулу муқаррарии забон истеъмол мешаванд. Масалан: *Зарф - 1. Ҳар чизе, ки дар он чизҳои дигарро ҷо медиҳанд. 2. Фосилаи вақту замон. 3. Истилоҳоти грамматикӣ; Мафҳум - 1. Фаҳмо, равшан. 2. Донисташуда. 3. Маъно, мазмун. 4. Истилоҳи соҳаи мантиқ ва фалсафа. [1, с.118]*

Дар фарҳанги «Луғати терминҳои забоншиносӣ» (мураттибон Ҳусейнов Х., Шукурова К.) вожаи «термин» чунин таъриф дода шудааст:

«Истилоҳ (лот. Terminus – ҳад, ҳудуд, сарҳад, аломати ҳудудӣ). *Калима ё ибораест, ки мафҳуми ба илм, техника ё санъат вобастаро аниқу муайян ифода мекунад.* Фарқи термин аз калимаҳои умумиистеъмолӣ, ки одатан сермаъно мешаванд дар он аст, ки вай чун қоида, ба як маъно маҳдуд мебошад. Хусусияти экспрессивӣ - эмоционалӣ надорад. Термин асосан, ба таркиби як терминология дохил мешавад (суффикс, префикс, пуркунандаи бевосита ...). Агар доираи амалиёташ васеъ гардад, мумкин аст, ба якчанд терминология низ дахлдор шавад (ассимиляция - дар забоншиносӣ дар биология ва этнология) Агар доираи амалиёти терминҳо васеъ шавад, мумкин аст, ки онҳо хусусияти аввалаи худро суст, ниҳоят гум кунанд. Баъзе терминҳои соҳаи адабиётшиносӣ ва санъатшиносӣ ҳоло чунин хусусият пайдо кардаанд: *портрет, услуб, дуэт, образ, сюжет* ва амсоли инҳо. Чунин хусусиятро баъзе терминҳои забоншиносӣ ҳам доро гардидаанд: Шумо сарчумла шаведу ман ҷумлаи пайрави шумо (журн. «Хорпуштак»). Аммо бисёр терминҳо дар ифодаи аввалаи худ, хусусияти маҳдуд - маънои ба ихтисос махсус доранд (аффриката, проклитика, агонтицизм, силлогизм ва ғ. Терминология. Маҷмӯи терминҳое, ки ба як соҳаи илм, дониш, саноат, фаъолияти ҷамъиятӣ хос мебошанд: Терминологияи грамматикӣ, терминологияи байналхалқӣ, терминологияи саноатӣ – техникӣ ва ғ.» [7, с.185-186].

Муаллифони китоби таълимии «Лексикаи забони адабии тоҷик» (Муҳаммадиев М, Талбакова Ҳ., Нурмаҳмадов Ю.) вежаи «истилоҳ» -ро чунин маънидод намудаанд: *«Истилоҳ ё термин (аз лотинии terminus – ҳад ҳудуд) калима ё ибораест, ки мафҳуми ба илм, истеҳсолот, санъат ва соҳаҳои дигари ҳаёт мансуб бударо бо маънои ягона ифода менамояд»* [4, с.124]. Ин муаллифон ҳамчунин хусусияти *«тамоил ба сӯи якмаъногӣ»-и* истилоҳро таъкид кардаанд.

Муаллифи «Муқаддимаи забоншиносӣ» Норматов М. истилоҳро чунин шарҳ додааст: *«Терминҳо калимаҳои махсус буда, дорои як маъноанд ва бо ин хусусияти худ аз калимаҳои оддии муқаррарӣ ва махсусан полиссемия фарқ мекунанд»* Истилоҳ ба монанди калимаҳои оддии сермаъно ба матн эҳтиёҷ надорад. Вай на танҳо дар доираи забон, балки дар доираи соҳаи худ бояд як маъноро ифода кунад, зеро сермаъноӣ камбудӣ ва норасоии термин аст [5, с.48].

Аз ин манбаъҳои таҳқиқшуда бармеояд, ки истилоҳ калима ва ё вожае мебошад, ки мансуб ба ин ё он фанни мазкур ва ё ин ки як илму техникаи муйян мебошад.

Хулоса, ҳамин тариқ, аз шарҳу тавзеҳи мафҳуми «истилоҳ» аён гардид, ки воҳиди мазкур дар баробари калима вазифаи мушаххасеро дар забон иҷро мекардааст. Аниқтараш, истилоҳ - ин калимаест, ки дар соҳаи муайяни илму техника корбурд мегардад. Як нуқтаро бояд тазаккур дод, то ҳол байни забоншиносон роҷеъ ба таърифи мушаххаси истилоҳот ва корбурди он назару андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Гузашта аз ин, масъалаи ба истилоҳ мансуб будани падидаҳои муродифот, ҳамгунаги ва сермаъноиву тазоди то ҳол ҳалли худро дар луғатшиносӣ наёфтааст.

АДАБИЁТ

1. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ. / Ш. Бобомуродов, З. Мухторова Душанбе, 2013.- 118с.
2. Большая советская Энциклопедия. Изд. З.Т.25. 1981.-С.473-474
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. (Лексикология, фонетика ва морфология). Қисми 1. – Душанбе: Инфон, 1973. - с. 56
4. Муҳаммадиев М. Лексикаи забони адабии тоҷик». / М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова, Ю. Нурмаҳмадов Душанбе, 1997.-124с.
5. Норматов М. Муқаддимаи забоншиносӣ. / М. Норматов - Душанбе: Маориф, 1995-48с.
6. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. ҷилди 2. Душанбе, 2008. с 561)
7. Ҳ. Ҳусейнов Луғати терминҳои забоншиносӣ. / Ҳ.Ҳусейнов, К. Шукурова Нашриёти Маориф. Душанбе, 1983.-С.185-186
8. Энсиклопедияи Советии Тоҷик ҷ.3.-51с.

КРАТКИЙ ОБЗОР ТЕРМИНА И ТЕРМИНОЛОГИИ В ЛИНГВИСТИКЕ СЛОВАРЬ

В этой статье дается краткий обзор концепции терминологии и терминологии в лингвистических словарь. Следует отметить, что в своей статье автор изучил все доступные источники на материалах отечественных и зарубежных лингвистов. Понятие термина является наиболее сложным и сложным в лингвистике и отличается от других языковых явлений. Кроме того, термин или термин - это термин, используемый в определенной области науки. Терминологии считают, что термин - это не двусмысленное явление, а целое понятие. Следует отметить, что проблема так называемых явлений однородности, однородности и неоднозначности до сих пор не решена в лексикографии мира.

Место, где выражено имя элемента, называется термином. Срок и прекращение другой лингвистической истории, и первые периоды появления языка. Каждый раз, когда человечество использовало специальное слово или фразу всякий раз, когда вы использовали типичные концепции и предметы, срок прекращения и задач. Эта группа слов обнаружила в одно и то же время, когда Адам смог получить свое место во вселенной и начать встречаться с ним. В частности, было много возможностей для записи и записи на возможность записи и напоминать нам о возможности и первоначальных словах и условиях. События и прекращение языка находятся в развитии языка и нации. Прогресс и культурное развитие нации могут быть определены в соответствии с их условиями и как они используют их в обществе.

Следует отметить, что научные условия являются одним из важнейших секторов и мощных средств разработки и улучшения языка. Следует отметить, что один из способов обогащения словарного ресурса языка предназначен. Преодоление законов о развитии языка импортируется в разработку новых аспектов человеческой деятельности, такой как наука, техника и так далее на язык.

***Ключевые слова**: термин, словарь, терминология, понятие, фраза, анализ, структура, грамматика, употребление, явление, наука, лексикография, семантика, поле, предложение, составное предложение, английский, таджикский, сложный, составная структура, проблема, лингвистика, культура, история, определение, ученые, жаргон, притча, математические формулы, предмет.*

A BRIEF OVERVIEW OF TERM AND TERMINOLOGY IN LINGUISTICS DICTIONARY

This article deals with a brief overview of the concepts of terminology and terminology in the linguistic vocabulary. It should be noted that in his article the author studied all available sources on the materials of domestic and foreign linguists. The concept of the term is the most complex and complex in linguistics and differs from other linguistic phenomena. Also, a term or term is a term used in a specific field of science. Terminologies believe that a term is not an ambiguous phenomenon, but a whole concept. It should be noted that the problem of the so-called phenomena of homogeneity, homogeneity and ambiguity has not yet been resolved in the lexicography of the world.

The place where the name of the element is expressed is called the term. Term and termination of another linguistic history and the first periods of language appearance. Every time, humanity used a special word or phrase whenever you used typical concepts and objects, deadline for termination and tasks. This group of words discovered at the same time when Adam was able to get his place in the universe and start meeting him. In particular, there were many opportunities for recording and writing to write and remind us of opportunities and initial words and conditions. Events and termination of the language are in the development of language and nation. Progress and cultural development of the nation can be determined in accordance with their terms and how they use them in society.

It should be noted that scientific conditions are one of the most important sectors and powerful means of developing and improving the language. It should be noted that one of the ways to enrich the dictionary resource of the language is intended. Overcoming the language development laws is imported into the development of new aspects of human activity, such as science, technique, and so on to the language.

***Keywords**: termin, vocabulary, terminology, concept, phrase, analysis, structure, grammar, use, phenomenon, science, lexicography, semantics, field, use, sentence, compound sentence, English, Tajik, complex, compound structure, problem , dictionary, linguistics, culture, history, definition, scientists, jargon, parable, mathematical formulas, subject.*

Сведения об автора:

***Нурова Зведамо** - старший преподаватель кафедры стилистики и теории перевода языков романо-германского факультета Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни (+992) 918694285.*

About the author:

***Nurova Zvedamo**, a senior teacher in the department of the stylistic and theory of translation of the languages Roman and Germany Faculty Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, (+992) 918694285.*

РОҲҲОИ ИФОДАИ ЗАРФИ ЗАМОН ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ (ДАР АСОСИ МАВОДИ«ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ)

Саидова Н.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ

Зарфи яке аз ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ маҳсуб ёфта, аломати амал, ашё ва аломати аломатро ифода мекунад. Хусусиятҳои сохториву маъноии зарф дар забони тоҷикӣ нахустин маротиба аз тарафи забоншинос С. Ализода дар асараш «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ» мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Мавсуф дар асари мазкур роҷеъ ба хелҳои зарф таваҷҷӯҳ намуда, қайд мекунад, ки «ҳамаи он калимаҳое, ки аслан зарфанд, зарфи мухтасс ва калимаҳоеро, ки гоҳе зуруф ва гоҳе сифат истеъмол мешаванд, зарфи муштараканд» [1, 98-101]. Б андешаи забоншинос И. Исмоилов «В.С. Расторгуева [12] ва Р.Л. Немёнова [10] баъзе роҳҳои калимасозии зарф ва ба вазифаи синтаксисии зарф кор фармуда шудани исму сифатҳоро қайд кардаанд [8].

Ҳамин тариқ, роҷеъ ба хусусиятҳои луғавӣ ва сарфӣ, хелҳо ва калимасозии зарф [4], тавофути зарф аз исму сифат ба воситаи вандҳо, вазифаи наҳвии зарф [11], ба воситаи павсвандҳои мухталиф сохта шудани зарфҳо ва тобишҳои маъноиву услубӣ касб намудани онҳо дар асооси маводи асари бадеӣ [6] забоншиносону донишамандони тоҷик назару андешаҳое судманде баён кардаанд.

Бархе аз муҳаққиқони забони англисӣ ба сифати ҳиссаи мустақили нутқ истеъмол гаридани он андешаҳои мухталиф баён намудаанд. Масалан, Г. Гундт зарфро чун гурӯҳи ҳиссача, ки ба он ҳамаи ҳиссаҳои номустақили нутқ мансубанд, мешуморад [5], О Есперсен бошад зарфро ба гурӯҳи умумии ҳиссача мансуб медонад [7], Б. Стрэнг зарфро чун асоси адъюнкти феъл муайян мекунад [13].

Таҳқиқу омӯзиши зарф аз мадди назари англисшиносони рус: А.И. Смирнитский, Б.И. Илиш, Б.Я. Плоткин, А.С. Бархударов, Р.Л. Ковнер ва дигарон низ дур намондааст. Мавсуф зарфро дар низоми ҳиссаҳои мустақили нутқ баррасӣ мекунанд.

Аз гуфтаҳои зикршуда аён гардид, ки зарф дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар таркиби ҳиссаҳои мустақили нутқ таҳқиқ мегардад. Дар ду даҳсолаи охир таваҷҷӯҳи забоншиносони тоҷик ба таҳқиқу омӯзиши ҷанбаҳои типологии зарф низ зиёд гашта, натиҷаи он таълифу тадвини як зумра мақолоту рисолаҳои илмӣ аст. Масалан, Н. Ахмедова [3] дар рисолаи хеш вижагиҳои маъноиву дастурии зарфи забонҳои тоҷикиву англисиро аз нигоҳи муқоисаву муқобала ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Мавсуф хусусиятҳои фарқкунандаи зарфҳои забонҳои фавқуззикро ба таври умум аз нигоҳу сохтору маънӣ таҳлил кардааст. Дар таркиби ибора ё як ҷузъи истеъмол гардидани зарф дар риштаи муқоисаи аз тарафи Ҳ. Маҳмадалиева [9] мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор ёфтааст.

Гузашта аз ин, дар дастурҳои то ин замон таълифёфтаи тоҷикиву русӣ таърифу тавсифи зарф ва вижагиҳои корбурди он ба таври густурда зикр шудаанд, аммо роҳҳои ифодаи зарфҳо дар асоси осори мансури тарҷумашуда ба таври алоҳида аз нигоҳи муқоиса то ҳол мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтаанд.

Аз ин рӯ, мо зарур мешуморем, ки фикру андешаҳои худро роҷеъ ба роҳҳои ифодаи зарфи замони забонҳои тоҷикиву англисӣ бар мабнои асари тарҷумашудаи «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ баён намоем.

Дар ҳарду забон ҳам зарфи замон вақту замони ба вуқуъ омадани амалу ҳолатро нишон медиҳад. Калимаҳои зерин ба сифати зарфи замон дар ҷумлаҳои тоҷикӣ ва англисӣ омада метавонанд: *пеш– before, доим (о)– always, ҳоло– now, гоҳо– sometimes, дер– late, аллакай – already, зуд– often, ҳамеша – always, ҳозир – now, рӯзона–daily, шабона – nightly, барвақт – early, беист, имрӯз – today дирӯз – yesterday.*

Зарфҳои замон дар ҳарду забон вобаста ба маънои луғавиашои тобишҳои гуно-гунро ифода мекунанд. Зарфҳои *рӯзона, шабона, имрӯз, дирӯз. имшаб* ба вақту замони мушаххаси ба вуқӯъ омадани амалдалолатмекунанд: «Боғе, ки **дирӯз** бо навдаю гулҳои тару тоза дилро шод карда буд, **имрӯз** ғамгину бепарво мисли хонаи мотамдор буд» [1, с.21] – Thegarden which **yesterday** had gladdened the heart with its fresh shoots and blossoms was **today** sad and listless, like that of a house in mourning [14, 18]; Шумо **имрӯз** ба кори падарам рафта аз кори худатон мондед ва ҳол он ки чархи дар даст доштаатонро **зудтар** тамом кардан даркор мегуфтен [1, с.36-37]; **Today** you went to help out my father instead of seeing to your own affairs; whereas you’ve **always** said that the wheel in hand has to be finished **first**.»’[13, 21]**;** Чун **имшаб** амир ба наздикии мадрасаи Мири Араб манзил кардааст, дар ҳуҷраи ин мадраса ҳам оши палав пухта шудааст ва ҳол он, ки дар як қисми ин ҳуҷраҳо касоне истиқомат доштаанд, ки дар як зимистон як бор ҳам бошад, оши палав пухтан ба онҳо муяссар намешудааст [132] - **Tonight** the Emir had stopped at a house near the Mir-I Arab madrasa, and,pilau had been cooked in all the one hundred and forty –three cells of this madrasa, despite the fact that many of the people who lived in these cells had not been able afford pilau even once during the whole winter [13, с.87]. Аз мисолҳои овардашуда аён гардид, ки мавқеи зарф дар ҷумлаҳи забонҳои таҳқиқшаванда усутувор буда, аз нигоҳи маънӣ низ якранганд. Агар ба сохтори сарфии зарфҳои

зикршуда назар афканем, зарфҳои замони тоҷикӣ сода буда, муодили англисии онҳо дар шакли мураккаб вомехӯранд.

Дар ҳарду забон ҳам зарфҳои замоне мавҷуданд, ки асосан бар эзоҳи феъл меояд. Аз ин рӯ, ин гурӯҳ зарфҳо барои шарҳи сифат, сифати феълӣ ва масдар истеъмол мегарданд: «Бас кунед, эшон амак, тавба кардааст, **минбаъд** аз гуфту фармони шумо намебарояд,— гуфт» [1, с.**77**] - Stop it, uncle, he has repented, he will not follow your orders **anymore** [13, с.86]. Акаам қавл дод, ки **минбаъд** ба хонаи қозиҳо наравад [1, с.181] - My brother promised not to go to the judge's house **anymore** [1, с.197].

Лозим ба ёдоварист, ки як гурҳҳи зарфҳои замони забонҳои муқоисашванда тобишл лаҳзагӣ дошта, дар як муддати кӯтоҳ ба вуқӯъ омадани амалро мефаҳмонанд. Ба ин гурӯҳ зарфҳои *фаврӣ (фавран), филфавр, дарҳол, ҳамоно, даррав* дохил мешаванд:Агар яке аз онҳо барои коре аз он ҷо хеста равад, **фавран** аз вай шикоят сар мешуд ва ҳол он ки дар вақти будани ӯ ӯро бисьёр эҳтиром мекарданд [1, с.190] - If one of them got up for work, he would be **immediately** complained about, even though he was highly respected during his stay[13, с.223]**;** Мо **фавран** он ҳавлиро фурӯхта ба Соктаре рафта оши сол додем ва рузи дигар тӯйчае тартиб дода, додаронро хатна кардем [1, с.241] - We **immediately** sold the house and went to Soktare to have dinner, and the next day we arranged a wedding and circumcised the brothers[13, с.256].

Доираи истеъмоли бархе аз зарфҳои замони дар забонҳои тоҷикиву англисӣ маҳдуд буда, онҳо бештар дар забони зинда мушоҳида мегарданд. Зарфҳои *даррав, асло, сонӣ* ба ҳамин гурӯҳ мансубанд: Ман **даррав** устоҳои дурудгарро ғун карда аз байни онҳо 10 нафар ҳунармандтаринашонро ба кори пул, дарғот ва тахтаварғсозӣ мондам, ки он корҳо ҳам баробари рудковӣ пеш рафтанд [1, с.92] – I**immediately** recruited blacksmiths and hired 10 of them as blacksmiths, carpenters and planners, which went hand in hand with mining [13, с.93**]**. **Асло** калонгариро намедонист, аз калону хурд забони хуши худро дареғ намедонист[1, с.70] - There wasn't an **once** of deceit or arrogance in him; he addressed young and old, great and small, with the same unassuming good humor, and treated all as his equal[13, с.77].Аз мисолҳои фавқ мушаххас гардид, ки зарфҳои зикршудаи забони тоҷикӣ аз нигоҳи сотор сода буда, дар забони англисӣ сохтаанд, яъне ба реша ҳамроҳ гардиадани паванди зафсозӣ англисии -lyаз он гувоҳӣ медиҳад. Илова бар ин, яке аз хусусиятҳои фаркунандаи зарфҳо ин ҷойгиршавиашон дар таркиби ҷумла аст. Агар дар забони тоҷикӣ дар аввали ҷумла ояд, ин ҳолат дар забони англиси то андозае тавофут дорад ва зарф метавонад ҳам дар аввал ва ҳам дар охири ҷумла ояд.

Дар ҳарду забон зарфҳое мавҷуданд, ки иҷрои амалро дар замони ооянdаифода мекунанд. Зарфҳои доим (-о), якумр, ҳамеша, минбаъд, мудом, гоҳ-гоҳ, пеш-пеш, зуд-зуд ба ин гурӯҳ дохил мешаванд:Ту **минбаъд** ба пеши Султонпошшо нарав ва ба ҳикояҳои ӯ гӯш наандоз ва агар дар хусуси деву парӣ гап занад, гапи ӯро бовар накун [1, с.63]. – Бас кунед, эшонамак, тавба кардааст, **минбаъд** аз гуфту фармони шумо намебарояд, – гуфт [1, 77] - ««That's enough, Uncle, the lad is sorry, he won't disobey you in future [13, с.39].Дар ин вақт Лутфулло-Гӯппон пайдо шуд ва баъд аз қадаре кори ҷӯйбандии онҳоро тамошо карда истодан, ба Абдушукурхоҷа гуфт…..[1, с.78] - at this juncture Lutfullo Guppon appeared, and **after** watching their attemps at damming the stream for a while, he said to Abdushukur Khoja [13, с.25].

Ҳамин тавр, аз баррасиву таҳлили зарфи замони забонҳои фавқуззикр муайян гардид, дар ҳарду забон ҳам ин намуди заарф бо хусусиятҳои сохториву маъноӣ ва дараҷаи истеъмол он қадар тавофут надорад. Он зарфҳои замоне, ки дар забони тоҷикӣ зиркашон рафт, дар забони англисӣ низ бо ҳамон маънӣ истеъмол мегарданд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Ёддоштҳо. / С.Айнӣ – Душанбе: Ирфон, 1956. -
2. Ализода С. Сарфванаҳвизабоничоникӣ. / С. Ализода Самарқанд, 1926. – С. 98-101.
3. Ахмедова Н. Семантико-грамматическая характеристика наречия в таджикском и английском языках (сопоставительный анализ). / Н. Ахмедова – Душанбе, 2011. – 170 с.
4. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китобидарсӣбароимактабҳоиолӣ, қ.1, фонетика ва морфология. – Душанбе, 1956
5. Гундт Г. Наричие в английском языке. – С. 220.
6. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил. / Р.Ғаффоров –Душанбе, 1966. – С. 148-152
7. Есперсен О. Философия языка. –С. 87.
8. Исмоилов И. Зарф дар забониадабииҳозираиточик. / И. Исмоилов –Душанбе, 1975. – С.4
9. Маҳмадалиева Ҳ. Адъективное словосочетание в таджикском и английском языках. / Ҳ. Маҳмадалиева - Душанбе: РТСУ, 2014. – 140 с.
10. Немёнова Р.Л. Краткий очерк грамматика таджикского языка (приложение к краткому таджикско-русскому словарю).– М. -1955. – С.75
11. Ниёзмуҳаммадов Б. Чандсухан дар бораиисм, сифатвазарф («Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик»). / Б. Ниёзмуҳаммадов – Душанбе, 1965.
12. Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматика таджикского языка (приложение к таджикско-русскому словарю), / В.С. Расторгуева - М. -1954. – С. 43
13. Стренг В. Наречия в современном английском языке. / В. Стренг – Москва, 1965. – 236 с.
14. Aini S. The sands of Oxus. Boyhood Reminiscences of Sadriddin Aini. Translated from Tajik Persian with an introduction and notes by John R. Perry and Rachel Lehr. USA. California: Nazda Publishers, 1988. – 277 pp.

СПОСОБЫ ВЫРАЖЕНИЯ НАРЕЧИЯ ВРЕМЕНИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ (НА ОСНОВЕ МАТЕРИАЛЕ «ВСМПОМИНАНИЯ (ЁДДОШТҲО)» САДРИДДИНА АЙНИ

Данная статья посвящается способу выражения наречий времени в таджикском и английском языках на основе материала «Вспоминания» Садриддина Айни. По сравнению с другими частями речи наречие занимает определённое место в указанном произведении. У учёных и грамматистов до сей пор не существует единой точки зрения относительно наречий как самостоятельной части речи. Большинство из них полагают, что наречие относится к знаменательным частям речи, а некоторые из них указывают, что наречия относится к несамостоятельным частям речи или к группе частиц. В обоих языках наречия времени обозначают время выполнения действий и состояний. В процессе анализа и сравнения нами было использовано те предложения, в состав которых прослеживался следующие наречие: пеш– before, доим (о)– always, ҳоло– now, гоҳо– sometimes, дер– late, аллакай – already, зуд– often, ҳамеша – always, ҳозир – now, рӯзона–daily, шабона – nightly, барвақт – early, беист, имрӯз – today дирӯз – yesterday.

Таким образом, стало известно, что наречия в сравниваемых языках по морфологической структуре и по семантической группе разделяется аналогично, то есть и в таджикском и в английском языках они выполняют одну и ту же функцию.

Ключевые слова: *язык, таджикский и английский языки, части речи, самостоятельные и несамостоятельные части речи, наречие, наречие времени, частицы, функция, морфологическая структура, семантическая группа.*

WAYS OF EXPRESSING THE SPOTTING OF TIME IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES (BASED ON THE MATERIAL «MEMORIES (ЁДДОШТҲО)» SADRIDDIN AINI

This article is dedicated to the way of expressing of the adverbs of the time in the Tajik and English languages based on the material of «Memories» of Sadriddin Aini. Compared to other parts of speech, the adverb occupies a certain place in the specified work. Scientists and grammarians still do not have a single point of view regarding the adverbs as an independent part of speech. Most of them believe that the adverb belongs to the notional parts of speech, and some of them indicate that the adverbs belong to the non-independent parts of speech or to a group of particles. In both languages, adverbs of time denote the time of execution of actions and states. In the process of analysis and comparison, we used those sentences in which the following adverb was observed: пеш– before, доим (о) – always, ҳоло– now, гоҳо– sometimes, дер– late, аллакай – already, зуд– often, ҳамеша – always, ҳозир – now, рӯзона–daily, шабона – nightly, барвақт – early, беист, имрӯз – today дирӯз – yesterday.

Thus, it became known that adverbs in the compared languages are divided in the same way in terms of morphological structure and semantic group, that is, they perform the same function in Tajik and English.

Keywords*: language, Tajik and English, parts of speech, independent and non-independent parts of speech, adverb, adverb of time, particles, function, morphological structure, semantic group.*

Сведение об автора:

Саидова Нилуфар Абдулмаджидовна *- старший преподователь кафедры языкознания и сопоставительной типологии Кулябского государственного университета имени А. Рудаки. Тел: (+992)988436383. E-mail: Nilufar_Saidova_2020@mail.ru*

About the author:

Saidova Nilufar Abdulmajidovich *- Senior Teacher in the Department of Linguistics and Comparative Typology. of the Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki.tel: (+992)988436383. E-mail: Nilufar_Saidova_2020@mail.ru*

МАФҲУМИ МЕҲМОННАВОЗӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Маматмуратова Н.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

«Меҳмоннавозӣ», «меҳмон қабул кардан» яке аз мафҳумҳои асосии фарҳангу расму оини ҷомеъа мебошад. Калимаи «**hospitality**» (меҳмоннавозӣ) дар забони англисӣ аз калимаи фаронсавӣ «**hospice**» гирифта шуда маъноияш ғарибхона мебошад. Меҳмоннавозӣ дар маҷмуъ маънои пазирои аз меҳмон ва хушмуомила будан бо меҳмонро дорад.

Луғатномаи Деххудо маълумоти муфассалеро доир ба таҳаввули маъноӣ ва доираи истеъмоли ин вожа овардааст [4, с.1320]. Вожаи «меҳмондор» дар забони тоҷикӣ калимаи сохтааст, ки мафҳумҳоеро

ифода мекунанд, ки ба меҳмоннавозию меҳмонӣ иртибот доранд: меҳмонхона, меҳмонбача, меҳмонӣ, меҳмонкада.

Меҳмондор чун муродифи калимаи сермеҳмон истеъмол мегардад, решаи он калимаи; меҳмон ки номи дигари меҳмонӣ аз он сохта шудааст. Решаи ин вожа ба сифати як ҷузъи калимасоз дар вожаи дигари мутародиф–меҳмонпарварӣ, ки калимаи ғайришаффофи аслӣ мебошад, ба кор рафтааст: Бо иловаи пасванди –ӣ ба ин калима (меҳмонпарварӣ (низ номи умумии шуғли мазкур сохта шудааст) [6, с.160].

Тараддуде, ки барои меҳмон гирифта мешавад, бояд майлу хоҳиши соҳибхона ҳис карда шавад. Дар ин маврид Гай Каваски дуруст қайд намудааст. «Ширкати хуб аз хостаҳои мизоҷаш пеш аз ӯ хабардор мешавад» [2, с.220]. Яъне аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки бояд сифати хуби хизматрасониро нишон дод, барои мисол агар тарабхона хизмати мизоҷро ба ҷо оварда натавонад, он мизоҷ дигар ба он тарабхона намеравад. Аз ин ҷост, ки яке аз масъалаҳои муҳими меҳмоннавозӣ ин ҳурмату эҳтироми ва хостаҳои меҳмонро ба ҷо овардан аст. Халқи тоҷик яке аз халқиятҳои инсондӯст, раҳмдил, таҳаммулгаро ва меҳмоннавоз дар миёни халқҳои дигар шуҳратманд гардидааст. Ин хислат дар расму оини мо аз қадимулайём вуҷуд дошт ва бо тариқи анъана то ба имрӯз давом дорад. Меҳмону меҳмоннавозӣ иззату икроми зиёдеро талаб мекунад, бинобар ин мо бояд нисбат ба меҳмон лутфу карами беандозаро раво бинем. Иззату эҳтироми меҳмон ин шарти асосии меҳмоннавозӣ мебошад. Ҷунон чи шоири бузургвор мефармояд.

Эй бародар меҳмонро нек дор,
Ҳаст меҳмон аз атои Кирдигор.
Меҳмон рузӣ зи худ меоварад,
Пас, гунохи мизбонро мебарад.

Гарчанде доираи меҳмону меҳмоннавозӣ васеъ аст, мо дар мақола кушиш кардем ба як қисмати он такя карда, таҳлил намуда мафҳуми меҳмоннавозиро ҳамчун мавзуъи тадқиқот ба се қисм ҷудо кард:

-аввалан, ин муносибати хуб доштан бо меҳмон, иззату икроми ӯро ба ҷо овардан аст;

-дувумин сатҳи хизматрасони аст, то меҳмон тавонад худро дар он муҳит бароҳат ҳис кунад;

-савуми барои пайвандиро бештар мустаҳкам ва меҳмонро хушнуд гардонидан на танҳо аз хона балки аз тарабхона, меҳмонхона ва ҷойҳои дилхушкуни низ метавон истифода кард.

Беҳтарин хислатҳои меҳмоннавозӣ ин чеҳраи кушоди соҳибхона аст. Ҷабини кушодаи мизбон сабаби кушоиши иштиҳои меҳмон аст. Ҷиҳати дигаре, ки меҳмон аз ташрифи худ хурсанд шуда, лаззати маънавию руҳӣ мебарад, ин хушзабонӣ нарму суханони аҳли хонаи меҳмондор аст. Тарзи меҳмону меҳмондори дар ҳар як миллат гуногун мебошад. Масалан, дар халқи тоҷик то меҳмонро меҳмондорӣ накунанд ӯро ба ҷое рафтан наемонад. Барои мо тоҷикон ҳеҷ аҳамияте надорад меҳонро даъват кардаем ё нохонда аст, чунки дар урфият гуфтаанд, «Меҳмони нохонда аз ҷониби Худо аст». Аммо барои мардуми Аврупо баракси ин гуфтаҳо аст, онҳо танҳо бо даъват ба меҳмонӣ мераванд ё аз рафтанашон ба соҳибхона хабар мерасонанд ва агар меҳмон рафтан хоҳанд соҳибхона истодани ӯро исрор намекунад. Расму оин ва фарҳангу тамаддун яке аз хислатҳое мебошад, ки аз ба насл гузашта бо тарақи кардани замона рушд мекунанд. Яке аз ин хислатҳо дар Британиёи Кабир ин як пиёла чой дар соати панҷ «Five oclock» мебошад. Дар ин маврид Ҷ. Оруэлл чунин гуфтааст: «Чой ба яке аз расму тамаддунҳои Англия, Ирландия, Австрия ва Зеландияи Нав табдил ёфтааст, зеро як роҳи сари як сурфа омадани ёру дустон ва оила аст, ва мавзуъҳои гуногунро мавриди баҳс қарор медиҳанд!» [5, с.120] Ногуфта намонад, ки англисҳо яке аз дусдорони чой дар дунё ба ҳисоб мераванд.

Бояд қайд намуд, ки дар фарҳангу расму оинҳо усули хизмату пешвоз гирифтан аз меҳмон гуногун мебошад. Ба гуфтаҳои А.К. Байбурина ва А.Л. Топоркова «хизмат расондан ба меҳмон ва пешвоз гирифтан аз мизбон вобастагӣ дорад, ва ҳамчунин тарзи меҳмонпазирои низ гуногун мешавад вобаста ба он ки меҳмон ба соҳибхона ки мешавад, бегона, шахси соҳибмақом, ҳамсоя, дӯст ё хешу табор аст» [1, с.113]. Дар замонҳои қадим «меҳмон» ва «ношинос, бегона» як маъно доштанд, чунки то шахсияти шахсро муайян намекарданд ӯро дудила қабул мекарданд, сабаби асли дар он буд, мушахас набуд, ки он шахс дӯст аст ё душман. Ҳатто ҳолатҳое низ мешуд, ки аҳли қабилаи бегонаро бидуни дӯзди кардан ё ҷазо додан бе гуноҳ ба қатл мерасонданд. Мувофиқи анъанаи тоҷикон қабули меҳмон бо чунин зайл сурат мегирад. Ассалому алайкум! (hello) Хуш омадед!(wellcome) Марҳамат дароед! (please, come in) Аз боло гузаред! (go to the place of honor) аҳолпурсӣ кардан аз меҳмон (ask a guesst), дуо хондан (to pray), дасти меҳмонро шустан (wash the guest’s hands) ва ғ. Дар вақти пазируфтани меҳмон дастархонро қаблан ё баъди омадани он ҳар чи зудтар кушодан лозим аст, меҳмонро зиёд мунтазир кардан хуб нест, зиёфат бошад аз шӯрбо (soup), хомшӯрбо (soup), хӯроки дуюм (main course) (палав (pilaf), мантӯ (mantu), гӯштбирён (meatballs) ва ғ.), газакҳо (snacks) ва ширинию (sweets) мева (fruits) иборат мебошад. Дар забони англисӣ бошад, пазирои аз меҳмон чунин аст: Hello! (салом) How do you do, my dear? ё How are you? (саломатият чӣ тавр аст, ҷонам) I am afraid you have had a tedious ride? (бовари дорам, ки дар роҳ хаста шудаи) To conduct to own chair (меҳмонро то назди курсиаш гусел кардан), welcome (хуш омадед), glad to see you (аз дидоратон шдам) ва ғ. [7, с.66]

Зиндагии инсонӣ борҳо исбот кардааст, ки бо дигар шудани авзои таърихӣ, рӯй овардан ба сарнавишти шахсиятҳои фарҳангӣ, на ин ки коста намегардад, балки таваҷҷуҳ ба рӯзгору осор ва саҳифаи зиндагии эшон батадриҷ меафзояд. Арзишҳои меҳмону меҳмондорӣ низ, бо сабаби омилҳои дар боло зикршуда моҳиятан тағйир меёбанд, аммо вазифаҳои муҳимму аслии он: таъмини бақои насли одамӣ ва иҷтимоикунонии афроди иҷтимоӣ моҳиятан устувор мемонанд» [3, с.165].

Бо пешрафти замона на танҳо илму техналогия ранги дигар гирифт балки мафҳуми меҳмоннавозиро низ ба таври назаррас тайғир дод. Дар асоси идеяҳои он стандартӣ ва фоидаовар шудааст. Меҳмоннавозӣ махсусан дар соҳаи меҳмонхона хуб ба назар мерасад. Дар баробари нав шудани мафҳумҳои тамаддунии меҳмоннавозӣ анъанаҳои миллӣ ҳифз карда мешавад [8, с.852]. Ногуфта намонад, меҳмоннавозии муосир бартариҳои худро дорад, масалан пештар соҳибхона бояд барои қабули меҳмон тайёр мебуд, ҳар лаҳза омадани меҳмон имкон дошт, аммо имрӯз хешу табор ё дустон бо даъват ё соҳибхонаро хабар карда мераванд. Ин расму русум қариб дар тамоми халқиятҳои дунё ба чашм мерасад яъне ба таври уневерсали шудаст. Дар Иёлоти Мутаҳидаи Амрико бошад, вақте ки меҳмонро даъват мекунанд байни худ шарт мегузоранд, ки меҳмон чи меорад. Дар меҳмоннавози муосир ҷанбаи асоси бояд сӯҳбати самими дошт, на хурдану нушидан. Дар ин маврид И. Остапович чунин мегӯяд: «меҳмонро бо самимият қабул карда як пиёла қаҳва басанда аст.» [9]

Бештар хусусиятҳои миллӣ дар кишварҳое боқӣ мондааст, ки анъанаҳои худро ҳамчун арзиши бебаҳо ҳифз кардаанд. Аз ин рӯ химатгузории меҳмонхонаҳои муосир дар фаъолияти худ таҷрибаҳои гуногуни иҷтимоию фарҳангиро бо меҳмонон ба кор истифода мебаранд аз ҷумла одобу аҳлоқ ва муомила кардан бо мизоҷ ва коргарони меҳмонхона яке аз нақшаҳои асоси ба шумор меравад. Ҷанбаи асосии чунин кор ин намоиши дӯстӣ, хушмуомилагӣ, ғамхорӣ самими ва ҳамаи он чизе, ки ба соҳаи меҳмоннавозӣ шомил мешавад. Аммо қисми бештари корхонаҳои аз консепсияҳои ба исилоҳ меҳмонавозии аврупоӣ саррчашма мегирад.

Аз ин рӯ барои фаҳмидани чунин тафовутҳо бояд ҳатман омода буд ва дар ҳар ҳолате, ки набошад аз беҳтарин расму ойин ва қоидаҳои меҳмондорию меҳмоннавозии миллию байналмилалӣ пайгирӣ намуд.

АДАБИЁТ

1. Байбурин А.К. У истоков этикета: Этнографические очерки. / А.К. Байбурин, А.Л. Топорков -Л.: Наука. Ленинградское отделение, 1990. -С.113.
2. Гай Каваски. Как очарыровать людей. Искуство влиять на умы и поступки / Каваски Гай. -США: Юнайтед Литрес, 2012. 220 с.
3. Гафуров Б. Таджики. Древнейшая деревняя и средневековая история /Б. Гафуров. Ч. 1-2, -М.: Наука 1972. –С. 165.
4. Деххудо. Луғатнома. ҷ.15. Моддаи ҳарфи чим. с.1320
5. Дж. Оруэлл. В защиту английской кухни / Оруэлл Дж. Лондон.-Оксфорд, 1945. 120 с.
6. Раҳимов Д. Касбу ҳунарҳои анъанавии тоҷикон / Муҳаррирон Қ. Бӯрив, Сайфиддинов Б; Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот / Д. Раҳимов – Душанбе: Адабиёти бачагона. 2014. - 160 с.
7. Туризм, гостеприимство, сервис: Словарь-справочник / Под ред. Л.П. Воронковой. – М.: Аспект-Пресс, 2002. – С. 66.
8. Уокер Дж.Р. Управление гостеприимством. Вводный курс: учебник для студентов вузов / Дж.Уокер; пер. с анг. В.Н. – М.: ЮНИТИ-ДАТА, 2006. – С. 852.
9. Остапович И. Понаехало гостей. URL:http://gazeta.aif.ru/_/online/belorus/228/bel08_01

КОНЦЕПТ ГОСТЕПРИИМСТВО В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье обсуждается концепция гостеприимства на таджикском и английском языках. Определённые культурные отличия можно увидеть даже в оттенках понятия гостеприимства, которые доминируют в той или иной национальной традиции. Гостеприимство с древних времён является одной из самых ценных традиций и не утратило своего значений. Хотя в настоящее время приём гостеприимства приобрёл новую окраску, но национальные особенности воспринимаются как древние.

Ключевые слова: *Гость, гостеприимство, культура, традиция, древность, приём гостеприимства, услуга, служить.*

CONCEPT HOSPITALITY INTO ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article discusses the concept of hospitality in Tajik and English languages. Certain cultural differences can be seen even in the shades of the concept of hospitality that dominate a particular national tradition. Since ancient times, hospitality has been one of the most valuable traditions and has not lost its significance. Although at present the reception of hospitality has acquired a new color, but national characteristics are perceived as ancient.

Keywords: *Guest, hospitality, culture, tradition, ancient times, reception of hospitality, service, serve.*

Сведения об автора:

Мамматмуратова Нилуфар *– Таджикский государственный педагогический университет, соискатель кафедры языкознания и сопоставительная типология.* ***Адрес:*** *734003, Республика*

Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. Тел: (+992) 987600123. Email: nilufarmamatmuratova91 @gmail.com

About the author:

Mamatmuratova Nilufar *– Tajik State pedagogical University, postgraduate in the Chair of linguistic and comparative typology. Address Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 121, 734003. Email: nilufarmamatmuratova91 @gmail.com Phone: (+992) 987600123*

ВИЖАГИҲОИ КОРБАСТИ ВОЖАҲОИ МАРБУТИ «ОБУ ҲАВО - WEATHER, ФАСЛҲОИ СОЛ - SEASONS» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Сайдалиев К.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Забон бо фаъолияти ҷамъиятии инсон бевосита алоқаманд аст, бинобар ин таркиби луғавии он доимо дар тағйирёбӣ буда, мунтазам бою ғанӣ гардида меистад. Ҳамаи ин тафовутҳо бештари вақт дар натиҷаи истифода намудани усулҳои гуногуни калимасозӣ рух медиҳанд.

Ҳангоми рушди ҷомеаи муосир раванди муошират одамони гуногун зиёдтар мегардад. Омӯхтани забонҳои хориҷӣ воситаи асосии осон намудани муошират байни одамон хидмат менамояд. Дар мавқеи мазкур омӯзиши муқоисавии забонҳо ҷойи асосиро ишғол мекунад. Дар кишвари мо доир ба Забоншиносии муқоисавӣ аҳамияти ҳам хеле муҳим дода мешавад. Хусусан, вақтҳои охир омӯзиши муқоисавии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аҳамияти рӯзмарра касб карда истодааст.

Барои тафсири маъноӣ, забонӣ, фарҳангӣ ва лексикографии исмҳои англисӣ ҳамчун порчаҳои тасвири забони англисии ҷаҳон чунин як мавзӯи мавҷудият ба монанди *«обу ҳаво, фаслҳои сол»* таваҷҷӯҳи хоса намуд. Дар меҳвари диққати мо гурӯҳи денотативӣ-идеографии исмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо маънои «обу ҳаво - weather», «фаслҳои сол - seasons» ба худ ҷалб кардааст. Ҳадафи мо аз он иборат аст, ки вижагиҳои корбасти вожаҳои соҳаи *«обу ҳаво - weather», «фаслҳои сол - seasons»* дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар луғатнигории ҳарду забон чӣ гуна ифода ёфтаанд, дар зер ба таври музайянан баён хоҳем дошт. Дар ин мақолаи кучак мо аз се фарҳанги тафсирии забонҳои матраҳшаванда истифода намудем, ки дар онҳо исмҳои ба маънои «обу ҳаво - weather», «фаслҳои сол - seasons» шарҳу ташреҳ ёфтаанд.

Маврид ба зикр аст, ки мафҳуми «***борон***» дар фарҳанги тафсирии забонҳои тоҷикӣ-русӣ чунин тавзеҳ ёфтааст: қатраҳои об, ки аз абр фурӯ мерезанд; *борони майда, борони найсон, борони аввали баҳор, борони ғам. Аз борон гурехта, ба новдон дучор гардидан аз як азобу уқубат ё балову нохушӣ раҳоӣ ёфта, ба дигари бадтар* аз он гирифтор шудан.

Бояд ишора намуд, ки мафҳуми вожаи ***«борон – rain»*** дар фарҳанги забони тоҷикӣ хело ҳам ба таври фарох ва возеҳу равшан шарҳу тавзеҳ ёфтааст: *а) боридан - to rain, фурӯ рехтан – drain off, фуруд омадан - to arrive, (дар бораи борон - about the rain, барф - snow ва жола - hail).*

Рӯ туруш карда чу абре, ки биборид жола,
Гарчи дар нафс, ҷафое ва вафое бирасад.

(Шамси Табрезӣ)

2. *рехтан - pouring, рехта шудан - poured.*

Амир Наср сухан мегуфт ва об аз чашми ӯ меборид ва пушаймони мехӯрд бар он чӣ рафта буд. («Таърихи Наршахӣ») [2, с.204].

Борон باران – қатраҳои об, ки аз абр мерезад.

Ҷаҳонро чу борон ба боистагӣ,
Равонро чу дониш ба шоистагӣ.

(Абулқосим Фирдавсӣ)

Борон, ки дар латофати табъаш хилоф нест,
Дар боғ лола рӯяду дар шуразор хас.

(Саъди Шерозӣ)

2. киноя аз афзунӣ, бисёрӣ ва фаровонӣ.
Наафтода дар дасти душман асир,
Ба гирдаш наборида борони тир.
(Саъди Шерозӣ)

б) *боронӣ - raincoat, либоси намногузари махсус - special waterproof clothing.*

Монанди касе, ки рӯзи борон,
Боронӣ пӯшад аз каванда... (Лабибӣ) [2, с.205].

Барф برف – резаи порчаҳои оби яхбаста, ки аз осмон меояд.

Дар ин барфу сармо ду чиз аст лоиқ:
Шароби мураввақ, рафиқи мувофиқ.

(Адиб Собири Тирмизӣ)

а) *барфи андӯҳ - sad snow, сафедии мӯй барф дар сар - whiteness of snow hair on the head, киноя аз сафедии мӯй – whiteness of hair*. [2, с.152].

Маро барф борид бар парри зоғ,
Намояд чу булбул тамошои боғ.

(Саъди Шерозӣ)

б) *барфоб - snowy, оби барф - snowy water, оби ниҳоят сард - extremely cold water*.

Ба барфоб раҳмат макун бар хасис,
Чу кардӣ, мукофот бар ях навис.
(Саъди Шерозӣ)

в) *барфрез - snowfall, барфрезанда - snowfall,, барфбор - snowfall,, резандаи барф - snowfall, борандаи барф - snowfall (чунончи шамол, абр - e.g. wind, cloud).*

Бунафша накарда сари ғунча тез,
Чу абри баҳор осмон барфрез.

(Низоми Ганҷавӣ)

г) *барфреза - snowflakes, зарраи барф - snowflakes, донаҳои барф – snowflakes.*

Дар барфреза гӯшаи ҳар кӯҳпорае,
Тегест гӯиё, ки ба гавҳар мунаққаш аст.

(Анварӣ) [2, с.152].

Метавон таззакур дод, ки дар фарҳанги тафсирии забони адабии ҳозираи тоҷик мафҳуми жола бо тамоми нозукиҳояш ва бо ибораву байтҳои мавзун ба ҳамин минвол маънидод гардидааст. Вожаи мазкур дар забони тоҷикӣ серистифода аст, нисбат ба забони форсӣ-дарӣ, зеро ин мафҳум ва ё мавҳумро дар ин забонҳои ба мо хеш ба гунаҳои ***ҷола, дӯл, тагарг*** мавриди мустаъмал қарор медиҳанд. Дар зер мо якчанд мафҳуми вожаи жоларо бо ибораву калима ва ё байт барои содаву фаҳмо будани он ба хонандаи мутолиакунанда бо тавзеҳоти комил баён медорем.

Жола - hail. - қатраҳои борон, ки аз асари сардии ҳаво ба яхча мубаддал мегардад, тагарг, дӯл ва ҷола.

Чун жола ба сардӣ андарун мавсуф,
Чун ғура ба хомӣ андарун маҳкам.

(Мунҷик)

2) шабнам - dew.

Жола бар лола фуруд омада ҳангоми саҳар,
Рост чун ораси гулбӯи аррақкардаи ёр.

(Саъдии Шерозӣ)

3) маҷ. ашк - tear, оби дида - seen water

Гули шанбалидаш пур аз жола гашт,
Забону равонаш пур аз нола гашт.

(Фирдавсӣ) [2, с.422].

Жолаи наргис сиришк, ашк, оби чашм, аз наргис ёсуманро жола кардан, ҷорӣ кардани ашки чашм ба рӯй.

4) маҷ. *арақи рӯй - sweat on the face*.

Лола ба шамшод баромехтанд,
Жола ба гулнор даровехтанд.

(Манучеҳрӣ)

5) амаде, ки аз чубҳо сохта шуда ба зери он машкҳои пурбод мебанданд ва аз дарёҳои чуқур мегузаранд, ҷола.

Жоласон, ҷоламонанд, 2. мисли шабнам, соф ва барроқ.

Ман лолагун лолаи жоласон,
Гули мушкбӯ жолаи лоламон.

(Хоҷу) [2;423].

Дар фарҳанги фавқуззикр мафҳуми *«мавсим - season»* хело ҳам ба таври васеъ ва фарох корбаст гардидааст. *Мавсим, вақт, замон, муддати муайяни сол, яке аз чор фасли сол, фасл.* Дар забони муосири англисӣ бошад ин мафҳумро бо муодили калимаи season – мавсими сол ба истифодаи омм қарор медиҳанд. бояд ишора намуд, ки ин вожа дар забони англисӣ хело ҳам серистеъмол буда, яке аз вожаҳои калидии ин забон ба шумор меравад.

б) мавсими гул, фасли баҳор.

Бигзашт мавсими гул, шуд нолаҳои булбул,
То кай шароби мастӣ, ё айюҳассукоро!

(Махфӣ) [2, с.615].

Ба ҳамин минвол, бояд гуфт, ки аз таҳлили омории фарҳанги мазкур маълум гардид, ки шумораи зиёди ин вожаҳои фавқ ба забонҳои тоҷикиву арабӣ ва форсӣ марбутанд, зеро дар гузашта ашъори

шуарои форсу тоҷик бо вожагони забони арабӣ тавлид мешуданд ва ҳоло ҳам он калимаҳову таъбирҳо дар ҳамон тарзи кӯҳнаи худ ба забони мо бокӣ мондаанд.

Луғати аввалине, ки доир ба вожаҳои метеорологии ба нашр расидаанд, «Луғати семантикии русӣ. Луғати мазкур аз рӯи таркибҳои калимаву маъноҳо бо таҳрири умумии Н.Ю. Шведова. «Луғати семантикии русӣ - як навъи принсипан нави тавсифи системаи лексикии забони русӣ дар жанри уғати семантикӣ мебошад, ки дар он системаи лексикаи англисӣ дар маҷмӯаҳои бисёрмарҳалаи доманадор асоснок ва хулосабарор пешниҳод шудааст. Луғати забони адабии хозираи тоҷик ҳамчун системаи аз ҷиҳати таърихӣ ташаккулёфта вуҷуд дорад, ки тамоми аломатҳои табиати зинда ва мурдаро дорад. Он як қатор зерсистемаҳоро муттаҳид мекунад, ки умуман дар системаи забон мавҷуд буда, ба қонунҳои он итоат мекунанд. Ин зерсистемаҳо дар сохтори дарахти лексики умуман бо муносибатҳои насли алоқаманд буда, бо дараҷаҳои гуногуни кушодагии бахшҳои худ хос мебошанд. Луғати фавқуззикр татбиқи консепсияи луғатест, ки аз ҷониби Н.Ю. Шведова ҳамчун системае, ки худи забон офаридааст ва пайваста аз ҷониби он нав карда мешавад, мураттаб гардидааст. [8;12].

Воҳиди ибтидоии тавсиф дар луғат маънои воҳидест, ки ба як маҷмӯи як синфи муайяни луғавӣ дохил мешавад. Чунин маъноҳо аз рӯи ҳиссаҳои нутқ ва минбаъд — аз рӯи синфҳои луғавӣ-семантикии калимаҳо ва қисмҳои алоҳидаи онҳо гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Фарҳанг умуман қариб ки зиёда аз 300 ҳазор воҳиди луғавӣ - маънои калимаҳо ва воҳидҳои фразеологиро дарбар мегирад. Ҳар як ҷилди луғат асари мукаммали алоҳида буда, онро ҳамчун тадқиқоти мустақили луғатнигорӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

Маҷмӯи луғавӣ ва зергурӯҳҳои дар луғат овардашуда на танҳо калимаҳое мебошанд, ки бо шабоҳати маъно муттаҳид шудаанд, аммо бо тамоми шарҳу тавзеҳоташон дарҷ ёфтаанд. Мо метавонем бигӯем, ки онҳо ба мо тасвири муайяни ҷаҳон аз як порчаро ташкил медиҳанд ё аниқтараш пешниҳод мекунанд, мусаввар гаштаанд. Ба далели мавҷудияти чунин «*тасвирҳои ҳаётӣ*»-и ҷудогона дар луғат сохтори зерин баръало мушоҳида мешавад:

1.Системаи луғавӣ ҳамчун тасвири забонии ҷаҳон.

2. Зери маҷмӯи синфҳои луғавӣ ҳамчун ифодаи воқеии майдони муайяни ҳастӣ.

3. Музайн намудани муродифот ҳамчун муносибати семантикии калимаҳои ба ҳам алоқаманд.

Чунин «*қисматҳои ҳаёт*», ки дар доираи қавму авлод пешниҳод карда мешаванд, ба хонандаи луғат соҳаҳои гуногуни ҳаёти моддию маънавии инсониятро алоҳида нишон медиҳанд, ки дар ин бобат бо баёни фасоҳатан дар қомуси мазкур матраҳ шудааст.

Инак, аксарияти исмҳои дорои маънои хос қисматеро дар бар мегиранд, ки вожаҳоеро тавсиф мекунанд, ки дар маънои худ ба вожаҳое, ки «зинда» меноманд, мухолифанд. Дар ин ҷо бобҳои асосӣ инҳоянд:

1. Калимаҳое, ки ба шаклу воқеиятҳои табиӣ дахл доранд.

2. Калимаҳое, ки маҳсули фаъолияти иқтисодӣ, техникӣ, ҷамъиятии инсонро меноманд.

3. Калимаҳое, ки маънои хос доранд, ки чунин мафҳум надоранд.

Боби аввали луғати фавқ аз шаш марҳилаи тақсимот иборат аст. Қадами аввал аз се маҷмӯи субъективӣ иборат аст: «Таъиноти умумӣ», «фазо», «замин, сохтори он. Шаклҳои табиӣ». Пас аз он тақсимоти зинаҳои поиншаванда - аз ду то шаш [8, с.563-630].

Гурӯҳи тематикии «ҳаво ва фаслҳои сол» дар зергурӯҳ нишон дода шудааст. Минтақаҳои сатҳи *замин, релефи он; обанборҳо, дарёҳо, дарёҳо; ях, массаи барф; ҷангалҳо;* макони зисти ҳайвонот дар 5 гурӯҳи исмҳо пайдарпай шарҳ ёфтаанд:

1. Номи умумии минтақа, *гирду атроф - environment: табиат nature. 2. Релеф - Relief: теппаҳо - hills, кӯҳҳо - mountains, водиҳо - valleys, пастиҳо дар замин - lowlands: туманҳои барф - snow fogs, лахтаҳои обшуда - melted clots, ҷӯйборҳо - trays. 3. Майдонҳои обӣ - Water areas, обанборҳо - reservoirs, заминҳои наздиҳавлигӣ - household lands: резиш - drains, дарё - rivers, 4. Реактивҳо - Reagents, мавҷҳо - waves; ях - ice, барф - snow; тарма - avalanche; фаввораҳо - fountains: а) Рутубат - Moisture, реактҳои об - water reagents: дорупошӣ - spray, намӣ - moisture, тарки - drop, ях - ice, кӯл - lake. б) ях - ice, барф - snow, хока - powder, барф - snow, яхбанд - ice, лой - mud. Тарма - Avalanches, ярч - landslides, фаввораҳо - fountains, тарма - avalanches, сел – mudflows, pouring.* Дар зербанди «рангҳо, сангҳо. Вожаи санг дар луғати мазкур бо маънои «обу ҳаво» ба гурӯҳҳо ҷудо карда шудааст: 1. *Сангҳо, булур (ях).*

2. ***хок - soil,, замин - earth, лой - mud, тахта - wood.*** Дар ҷилди сеюми луғати семантикии забони адабии русӣ вожаҳои дорои маънои «ҳаво», «фасл» низ ба таркиби луғавии «Шаклҳо ва хусусиятҳои асосии воқеият ва падидаҳои воқеият» ва таркиби луғавии «Ҳолатҳо ва хосиятҳои физикӣ» дохил карда шудаанд. Дар бораи мавҷудоти зинда, организмҳо, фаъолияти ҳаётии онҳо низ. Ҳолати табиат, муҳити зист». Таркиби луғавии «Шаклҳо ва хусусиятҳои асосии воқеият ва падидаҳои воқеият» бо се маҷмӯаи ибтидоӣ ифода ёфтааст:

1) «Вақт; рафти он, даврaҳо ва лаҳзаҳои рафти он»;

2) «Кино: таснифоти асосии он; ченаки фазо, андозаи он;

3) «Ҳаракат, тағйири ҷойгиршавӣ дар фазо». Маҷмӯи аввали «вақт» исмҳои зеринро дар бар мегирад, ки маънояш «ҳаво», «фаслҳои сол» аст:

1. Вақт, хусусиятҳои асосии он: замон, давомнокӣ;

2. Усулҳо, системаҳои ҳисобкунии вақт: тақвим;

3. *Қисмҳо, давраҳои ҳисобкунии вақт: сана, вақт*. 4. Воҳиди ченкунии вақт, ҳисобкунии фосилаҳои вақт: *сол - year, нимсола – half-year, моҳ -month, ҳафта - week, даҳсола - decade, рӯз - day*. 5. Воҳидҳои вақт, истилоҳоти ҳисобшуда, ки бо муносибати онҳо ба ҳамдигар тавсиф мешаванд, пайдарпайҳо: *январ - January, феврал - February, март - march, апрел – april, май - may, июн - june, июл - july, август - august, сентябр - september, октябр - october, ноябр - november, декабр - december*. 6. қисматҳо, даврaҳои вобаста ба баъзе ҳолатҳо, *ҳодиса - event,, фаъолият - activity: дирӯз - yesterday, фардо - tomorrow, имрӯз - today, мобайн - middle, интиҳо - end, ибтидо - beginning, ғайримавсим - off-season, давра - period, фасл - season*. 7. Фосилаи вақт, ки бо пуррагӣ ё нопурра хос аст: *рухсатии меҳнатӣ, таътилҳо*. 8. Қисмҳо, даврaҳои вақт, ки бо ҳолати табиат, *муҳити зист, бо нури офтоб ва моҳ* алоқаманданд. Фаслҳо: *шом - evening, рӯз - day, шаб - night, нисфирӯзӣ - noon, нисфи шаб - midnight, барвақт early, саҳар - morning, тулӯи офтоб - sunrise, субҳ morning, сабоҳ - morning, моҳи нав - new moon, моҳи пурра - full moon, баробаршавӣ - equinox, баҳор spring, зимистон - winter, тобистон - summer, тирамоҳ - autumn, барфи сахт - heavy snow, зимистони аввал - first winter, пешгӯӣ - forecast, пеш аз зимистон - before winter, обшавӣ - melting, хунукӣ - cooling*. [8, с.44-62]. Дар маҷмӯъ, маҷмӯи лексикӣ 38 исмҳои гурӯҳи мавзӯӣ, ки барои мақолаи мо интихоб шудаанд, дохил карда шуданд.

Хулоса, бидуни таҳқиқу пажӯҳиши мероси бостонии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ таъйини вижагиҳои вожасозиву вожагузинӣ имконнопазир аст ва мақолаи мазкур нахустин омӯзиш дар бобати мафҳуми калимаҳои метеорологии дар забоншиносӣ ба шумор меравад. Аз ин хотир, маҳз тавассути омӯзиши ҳамаҷонибаи калимаҳои соҳаи мазкур дар мавриди хусусиятҳои луғавии ин забонҳо метавон маълумоти амиқе фароҳам овард. Бояд зикр намуд, ки тавассути чунин роҳи пажӯҳиш бисёр масъалаҳои забоншиносии муқобалавӣ ва таърихии забонҳои тоҷикию англисӣ, ҳамчун забонҳои ҳиндуаврупоӣ ошкор хоҳад гардид.

АДАБИЁТ

1. Фарҳанги забони суғдӣ /Муал. Б. Қариб. - Теҳрон, 1995. - С.8.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ. - М: Сов. Энцик., 1969. - Ҷ. 1. - 952 с.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ. (Аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Ҷ.I-II. - М.: Сов. Энциклопедия, 1969. - 951+952 с.
4. Crawford C. Linguistic Theory of Translation. Oxford, 1965. -369p.
5. Crystal, D.A. A dictionary of linguistics and phonetics. -Oxford: Blackwell, 2008. 6thend. -529 pp.
6. Crystal, D.A. The Cambridge encyclopedia of language. -Cambridge: CUP, 1997, 2nd edn. - 480 pp.
7. Firth J.R. The technique of Semantics. London, 1960.
8. Русский семантический словарь. Толковый словарь, систематизированный по классам слов и значений. / Под общей ред. Н.Ю. Шведовой. – 1-й том. РАН Ин-т рус.яз.; - 2002.
9. Яньчун Лю. Метеорологическая лексика в русском и китайском языках: системный аспект / Лю Яньчунь // Вестник Башкирского ун-та. - Уфа, 2011. - Вып. 4, Т. 16. - С. 1290-1295.
10. Яньчунь Лю. Метеорологическая лексика и фразеология в русском и китайском языках: лингвокультурологический аспект: автореф. дис. канд. филол. наук / Лю Яньчунь; Башкирский гос. ун-т. - Уфа, 2012.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СЛОВ К «ОБУ ҲАВО - ПОГОДА, ФАСЛҲОИ СОЛ – ВРЕМЕНА ГОДА» НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматриваются особенности использования слов «обу ҳаво - погода, фаслҳои сол – времена года» в таджикском и английском языках. В своей статье автор исследует актуальные проблемы рассматриваемых языков. Предмет метеорологии - один из самых обширных и занимает особое место в лингвистике. Невозможно изучить древнее наследие таджикского и английского языков, определить особенности лексикографии, и данная статья является первым исследованием понятия «метеорологические слова» в лингвистике. Более того, именно благодаря всестороннему изучению слов в этой области можно получить подробную информацию о лексических особенностях этих языков. Следует отметить, что такое исследование раскроет многие вопросы конфронтационной и исторической лингвистики таджикского и английского языков, а также индоевропейских языков.

Ключевые слова: *слово, погода, времена года, метеорология, язык, лингвистика, сравнительный, таджикский, английский, исследование, словообразование, характеристика, строительство, вечер, день, ночь, полдень, полночь, рано, утро, восход солнца, утро, утро, новое. луна, полнолуние, равноденствие, весна, зима, лето, осень, сильный снегопад, существительное, сосуд, качество, глагол, состав, сравнительно-историческое языкознание, анализ.*

FEATURES OF THE USAGE WORDS TO THE «ОБУ ҲАВО - WEATHER, ФАСЛҲОИ СОЛ - SEASONS» IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article deals with the peculiarities of usage the words обу ҳаво - weather, фаслҳои сол - seasons» in Tajik and English languages. In his article, the author examines the relevant issues in the languages in question. The subject of meteorology is one of the most extensive and has a special place in linguistics. It is impossible to study the ancient heritage of the Tajik and English languages, to determine the features of lexicography, and this article is the first study of the concept of meteorological words in linguistics. Moreover, it is through a comprehensive study of words in this field that in-depth information on the lexical features of these languages can be obtained. It should be noted that such a study will reveal many issues of confrontational and historical linguistics of the Tajik and English languages, as well as Indo-European languages.

Keywords: *word, weather, seasons, meteorology, language, linguistics, comparative, Tajik, English, research, word formation, feature, construction, evening, day, night, noon, midnight, early, morning, sunrise, morning , morning, new moon, full moon, equinox, spring, winter, summer, autumn, heavy snow, noun, vessel, quality, verb, composition, comparative-historical linguistics, analysis.*

Сведение об автора:

Сайдалиев Комрон Абдувалиевич *- ассистент кафедры стилистикии и теории перевода факультета английского языка Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 000906869 E-mail: komron.book@ mail.ru*

About the author:

Saydaliev Komron Abduvalievich *– an assistant of the Department of Stylistics and Theory of Translation, Faculty of English, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) .000906869, E-mail: komron.book@ mail.ru*

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ИСМИИ МАҶОЗӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Аслонова Г.Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

Фразеология дар забон яке аз соҳаҳои бузургу гуногуншакл аст ва таҳқиқи ҳар як аз ҷанбаҳои он, бешубҳа, қобили таваҷҷуҳи алоҳида мебошад. Фразеология ба мисли ҳар як соҳаи илм масоили баҳсангезе дорад, ки имрӯз ҳам мубраманд ва ҳалли худро интизоранд. Таҳқиқи муқоисавии ҳодисаҳои забон дар соҳаи фразеология ва луғатшиносӣ (лексикология) барои забоншиносони муосир ба сабаби аҳаммияти кашфи хусусиятҳои умумӣ ва хос дар сатҳҳои забонии фразеология ва лексикологияи якчанд забон қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ошкор сохтани ҳудудҳои ба ҳамдигар наздик омадани забонҳои гуногун барои нишон додани ҷиҳатҳои умумияти фарҳангӣ, таърихӣ ва психологияи халқҳо имконият фароҳам меоварад. Таҳқиқи пайвандҳо байни забонҳои алоҳида ва гурӯҳи забонҳо барои таъйини хешовандии байни онҳо, муайян намудани дараҷаи аз ҳам дур будани онҳо ва барқарорсозии нисбии пайдарҳамии рӯйдоду ҳодисаҳои умумии ин забонҳо кӯмак мерасонад. Дар ин бобат таҳқиқи соҳаи фразеология, махсусан, воҳидҳои фразеологӣ қобили таваҷҷуҳ аст, чунки дар онҳо хусусиятҳои умдаи маишат ва фарҳанги ҳар як халқ зоҳир мешавад. Маърифати таркиби фразеологии забон имконият фароҳам меоварад, ки психология (руҳия), маънавиёт, кайфияти зеҳнии миллати соҳиби забон амиқан дарк карда шавад. Имрӯз дар шароити рушди забонҳои миллӣ ва ҳамгироии пурвусъат, ғанӣ ва наздик шудани тамаддунҳо масъалаи зарурати таъйини ҳодисаҳои забон дар заминаи таҳлили типологӣ-муқоисавӣ аҳамияти бештаре касб менамояд.

Беш аз сад сол аст, ки донишмандони гуногун ба омӯзиши фразеология машғуланд ва дар рушди ин соҳа саҳми арзанда доранд. Бо вуҷуди ин, бисёр масъалаҳои муҳимми фразеология то имрӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Масалан, то имрӯз якчанд нуқтаи назар оид ба ҳаҷми фразеология, типологияи маъноӣ, навъҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ ва ғайра мавҷуданд.

Яке аз масъалаҳои луғатшиносии муосир омӯзиши муқоисавии хусусиятҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ, таҳлили фразеологизмҳои маҷозиву киноявӣ ва муболиғавиву эвфемитикӣ боқӣ мемонад.

Маҷоз яке аз роҳҳои ғанӣ гардидани фразеологизмҳои ҳар як забон, аз ҷумла, забонҳои тоҷикиву англисӣ ба шумор меравад. Воҳидҳои фразеологии маҷозӣ ба навъҳои гуногуни монандӣ, воқеӣ ва ё тасаввуршаванда асос ёфтаанд ва шахсро ифода менамоянд. «Бо вуҷуди ин, умуман аксари воҳидҳои фразеологӣ, аз он ҷумла воҳидҳои фразеологии маҷозӣ, – менависад Кунин, – хусусияти антропосентрӣ доранд, яъне ба инсон ва ё он чизе, ки ба ӯ марбут аст, алоқаманд» [5, с.244]. Ин қабил ибораҳо, одатан, хусусияти таъйини арзиш (баҳогузорӣ) доранд. Баҳо метавонад манфӣ ва ё мусбат бошанд. Вале ибораҳои бе тақозои арзиш низ мавҷуданд.

Дар воҳиҳои фразеологии маҷозӣ ҳар гуна воситаҳои маҷозии забон, ифода метавонанд:

А) тавсифи манфии ашхос

Монандии рафтор: *шери жаён* – шахси бағазабомада; *шири хомхӯрда* - шахси бетафриба; монандии ҳолат: *каждуми зери бӯриё* – душмани хавфноки махфӣ.

Монандии ҳолат: *broken reeds* (айнан: қамиши шикаста) – «шахси нобоварinок»; монандии синну сол: *babies and suckling* (айнан: кӯдакон) – «навкор, ашхоси тамоман бетафриба»; монандии рафтор: *a dog in the manger* (айнан: саг дар рӯйи беда) – «на ба ман ба ту»; монандии ҳолат: *a round peg in a square hole* (айнан: мехи гирд ба девори чаҳоркунча) – «шахсе, ки дар кор ба вазифааш мувофи нест»; *a shake in the grass* (айнан: мор дар буттазор) – «мори пинҳони хавфнок»; монандии ранг: *pea-soup fog* (айнан: нахӯдмонанд; тумани шӯрбомонанд) – «тумани зарди Лондон» ва ғайра: Poor little snipe – square *peg round hole* – whever he might be and all those other peds – thousands upon thousands, that would never fit in [8;288]. – Содалавҳи бадбахт, ҳеч ҷойи худро дар зиндагӣ намеёбад. Ва ба ин монандҳо ҳазори андар ҳазоранд!

Воҳидҳои фразеологии исмии маҷозӣ ба маънои манфӣ нисбат ба маънои мусбат доштаҳо зиёдтаранд. Баъзе аз онҳо танҳо ба зан, мард ва кӯдакон муносибат доранд: *fine lady* (айнан: хонуми зебо) – «хонумча, зане, ки аз худ ашрофро метарошад»; *a lounge lizard* (айнан: калтакалоси базӯр-базӯр роҳраванда) – «бекорхӯҷа, бекоргарде, ки ҷустори шиносоӣ бо занони сарватманд аст, алфонс»; *Peck's Bad Boy* (айнан: бачаи ганда Пека) – «содалавҳи бекор»; *a weak sister* (айнан: хоҳари муштипар) – «заиф, зан».

Б) тавсифи мусбати ашхос

Монандии неру: *пушту паноҳ* - нафари такягоҳ, пуштибон; монандии амал: *обу оташдида* – шахси тафрибанок; монандии ҳолат: *гули сари сабад* – азизи махфилу маъракаҳо.

Ана ҳаминҳо буданд *гули сари сабад*и маҷлисҳои Шарифҷон-махдум, ки ман аз сӯҳбати онҳо бӯи хушеро мешамидам.[4, с.26]

Баъзе аз воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ танҳо ба ҷинси зан тааллуқ доранд: *моҳи шаби чордаҳ* - зан ё духтари зебо ; *кабки хиромон* – ёре, ки бо нозу таманно қадам мезанад ; *моҳи мунир* – моҳсимо.

Монандии неру: *a tower of strength* (айнан: бурҷи неру) – «такягоҳи боваринок, инсоне, ки ба ӯ чун ба девори сангин метавон такя кард»; монандии қадру эътибор: *a big gun* (айнан: камони бузург) – «шахси муътабар; каллакунда».

Шуморае аз воҳидҳои фразеологии забони англисӣ маҷозӣ ба занҳо ва ё мардон дахл доранд: *the fair sex* (айнан: ҷинси латиф) – «занон»; *girl Friday* (айнан: духтар – Ҷумъа) – «ёвар, дасти рост, корманди муътаманд (духтар – котиба)»; *a golden girl* (айнан: духтари тиллоӣ) – «духтаре, ки ҳама ӯро мешиносанд»; *a golden boy* (айнан. писари тиллоӣ) – «писаре, ки ҳама ӯро мешиносанд»; *the lord of creation* (айнан. ҷаноби офариниш) – «тоҷи офариниш, мард»; *man Friday* (букв. мард- Ҷумъа) – « ёвар, дасти рост, корманди муътаманд »:

Even before they were acquainted he had admired Osborne in secret. How he was his valet, his dog, his *Man Friday* [9, с.145]. – Пеш аз шинос шуданашон ӯ алакай пинҳонӣ Осборнро дӯст медошт. Акнун ӯ саги даргоҳ, хидматгори ҳалқабагӯши ӯ шуда буд.

В) адами (мавҷуд набуданӣ) баҳодиҳӣ

Монандии ҳолат: *офтоби сари кӯҳ* – шахси куҳансол

Монандии рутбавӣ: *back-room boys* (айнан: бачаҳои лабораторияи махфӣ) – «ходимони илмии лабораторияҳои махфӣ».

Адами баҳодиҳӣ дар фразеологизмҳои ифодакунандаи инсон, метавонанд исми ашхосро дар бар гиранд: *John Hancock* – «имзои бо дасти худ гузошташуда» [Ҷ. Ҳенкок – давлатмарди амрикоӣ], ки дар Эъломияи истиқлолият номаш дар сатри якум омадааст; *Tommy Atkins* – «Томми Аткинс» (лақаби аскари амрикоӣ); *John Bull* – «Ҷон Бул» (лақаби истеҳзоомези англисҳо):

By some, he called… a through-bred Englishman, by some, «a genuine *John Bull*» [8, с.145]… – Баъзеҳо ӯро британиёии асил, дигарон «Ҷон Бул» меномиданд.

Г) тавсифи манфии падидаҳои дигар

Монандии ҳиссиёт: *дарди сар*– чизе, ки боиси ташвиш кашидан аст; монандии ҳолат: *зинда дар гӯр* - дар ҳолати вазнин будан;

– Усто Барот! Шумо дар кучо? – гӯён овоз дод.– Ман дар ин ҷо бо бачагон *зинда дар гӯр* шуда нишастаам, - гуфта ҷавоб дод касе...[3, с.41]

Монандии ҳисси маззаву таъм: *a bitter pill to swallow* – (ҳабби талх) – «паст задане, ки ба он тоқат бояд кард»; *gall and wormwood* (айнан: талхак, явшони талх) – «ягон чизи бад, ба дил зананда»; *a stab in the back* (айнан: зарба аз пушт) – «зарба аз пушт, ҳуҷуми номардона, хиёнаткорона»; *the last straw* (айнан: хаси охирин) – «қатраи охирин, ки аз он косаи об пур мешавад».

I have summoned you have to witness it, because I know it will be *gall and wormwood* to you! [8, с.362] – Ман шуморо дониста даъват кардам, ки нигаристан ба кори кардаи худатон чизи баде хоҳад буд.

Д) тавсифи мусбати падидаҳо

Монандии арзиш: *ганҷи ороста*– суханварӣ, фасоҳатнокӣ, суханпардозӣ; монандии намуд: *барги сабз* - тӯҳфа, бахшиши оддӣ.

- «*Барги сабз*»- и аз Чорҷӯй овардаатон бад нест, - гуфт Миризом ба Мулло Раҳмат ва баъд аз қадаре хомӯш мондан илова кард: - бештарини бойҳо дузданд [4, с.97].

Монандии амалиёт: *a break in the clouds* (айнан: пароканда шудани абрҳо) – «нури умед»; *the breath of one's nostrils* (айнан: нафаси бинии касе) – «ҳаётан зарур, он чизе, ки барои инсон чун боду ҳаво зарур аст»;

Е) адами (мавҷуд набудани) баҳодиҳӣ

Монандии вақт: *намози шом* -вақти фурӯ рафтани офтоб; монандии шумора: *мӯру малах* - бисёр, хеле зиёд, бешумор.

Дар ёбон одамон монанди *мӯру малах* дар ҳаракат буданд [3, с.38] .

Монандии ҳаракат: *duck and drakes* (айнан: мурғобиҳо ва пашшаҳо) – (як навъ бозӣ, партофтани сангчаҳои паҳн дар рӯйи об); *fox and hounds* – «рӯбоҳ ва сагҳо» (як навъ бозӣ, як кас мегурезад, дигарон ӯро боздоштанӣ мешаванд).

Баъзе воҳидҳои фразеологӣ метавонанд ба шахс ва ё ғайришахс дахл дошта бошанд, масалан: *a dead duck* (айнан: мурғобии мурда, бечон) – «1) шахси по бар лаби гӯр; 2) мавзӯъ, матлабе, ки дигар арзише надорад»; *a feather in smb's cap* (айнан: қалам дар кулоҳи касе) – «мояи ифтихор» ва ғайра:

This fellow is ambitious, and no doubt believes that closing the Carringbush tote shop will be *a feather in his cap* [9, с.318].– Ӯ худпараст аст ва андеша дорад, ки баста шудани муассисаҳои бозии қимор дар Керрибуш боиси шуҳрораш мегардад.

Фразеологизмҳои дар боло овардашуда тавсифҳои мусбату манфиро дар бар мегиранд ва ё бетавсиф мебошанд. Тавсифҳои мусбату манфӣ дар ибораҳо бо шакли зоҳириву дохилӣ бо образнокии мусбату манфии дар ин воҳидҳо ифодаёфта ва бо маъниҳои ҳарф ба ҳарфи ҷузъҳояшон асосёфта алоқаманданд. Ҳатто маънии фразеологизмҳои *пушту паноҳ, нафаси охирин, дарди сар a shake in the grass, a stab in the back, a break in the cloud* ва ғайраро надониста, оид ба тавсифҳое, ки онҳо ифода мекунанд, муҳокимаронӣ метавон кард.

Аксар воҳидҳои фразеологии маҷозӣ хусусияти эвфематикӣ доранд, аз ин рӯ, ин ё он мафҳумҳои ифода мекардаи онҳо ба таври пӯшида, номустақим, дар шакли нармгуфторӣ зоҳир мешаванд. Ин гуна ибораҳо, махсусан, дар байни ибораҳои ифодакунандаи марг ва шайтон бисёранд.

Марг: *the great* (ва ё *the last*) *enemy* (айнан: душмани бузург (ва ё охирин) – «марг»; *the last great change* (айнан: тағйироти бузурги охирин) – «хоби абадӣ»; *one's* (ва ё *the*) *last sleep* (айнан: хоби охирини касе); *the neverending sleep* (айнан: хоби беохир, тамомнашаванда) – «хоби абадӣ»; *a leap in dark* (айнан: ҷаҳиш ба торикӣ) – «ҷаҳиш ба гумномӣ, бедаракӣ»; *the Evil One* (айнан: бад) – «неруи бадӣ»; *the father of lies* (айнан: падари дурӯғ) – «шайтон»; *the prince of darkness* (айнан: шаҳзодаи торикӣ) – «султони зулмот»; *the evil* (ва ё *the wicked*) *Spirit* - «неруи бадӣ».

Ба ҷойи *tuberculosis* метавон гуфт *the white scouge* – «офати сафед». Дуздони кисабурро шӯхиомез *the light fingered gentry* (айнан: ашхоси дасташон нопок) – «мутахассисони кисаи дигарон», аскарони кирояро – *soldiers line* (айнан: аскарони корашон бобарор) мегӯянд. Дар аксар мавридҳо маҷоз хусусияти муболиғаомез мегирад. Масалан, *a bull in a china* – «фил дар дӯкони шишагар».

Аксаран монандӣ ба хосиятҳои гуногуни ашё, ҳайвонот, ҳашарот ва ғайра, ки чун аломати асосии онҳо мавриди назар қарор мегирад, асос меёбад. Масалан, *мурғи беболу пар*, *мурғи паришкаста*– шахсе, ки қувва ё имконият надорад.

Хосияти бераҳм будан: *a hard* ё *tough nut crack* (айнан: чормағзи шикастанаш мушкил) – «шахси неруманд, ба дандони ҳар кас мувофиқ набудагӣ»; ишора ба фаро расидани умр: *a nail in one's coffin* (айнан: мехи тобути ким-кӣ) – «он чизе, ки маргро наздик меоварад, боиси марг мешавад, фаро расидани умри касе»; он чизе, ки оғоз ва интиҳоро ифода мекунад: *the alpha and omega of smth* – (айнан: алфа ва омегаи (номи ҳарфҳои алифбои юнонӣ) ягон чиз) – «оғоз ва анҷом»; *a red rag to a bull* «чун латтаи сурх барои барзагов» (яъне, он чизе, ки ба қаҳру ғазаб меорад); *a thron in one's flesh* (айнан: хоре дар бадани касе) – «манбаи ҳамаи нохушиҳо, асабоният», «гули чашм»; *a bee in one's bonnet* (айнан: занбӯри дар кулоҳи касе нишаста) – «аҷоибот, андешаи дилгиркунанда, девонагӣ» *a rope of sand* (айнан: – оббанд аз рег) – «устувории фиребо, фиреби назар»; *a storm in tea-cup* – «тӯфон дар пиёлаи об». Ҳамаи ин ибораҳо ба ҳолату вазъияти ғайривоқеӣ асос ёфтаанд. Хусусияти маҷозӣ дар ин навъ ибораҳо дар натиҷаи тақдиди маънои калимаҳои дохили онҳо ва асосёфта бар тасаввуроти марбут ба образи ғайривоқеӣ, пайдо шудааст:

That also was a gentleman's paper, but it had *a bee in its bonnet*. Bees in its bonnets were respectable things, but personally Soames did not care for them [8, с.76]. – Ин газетае буд лоиқ ба ҷентлмен, вале баъзе аҷоибот дошт. Аҷоибот, – албатта чизи муътабарест, – вале, ӯ аслан, ин чизҳоро дӯст намедошт.

Ҳангоми муқоисаи воҳидҳои фразеологии исмии маҷозии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ маълум шуд, ки бештари ибораҳои забонҳои муқоисашаванда барои ифодаи хусусиятҳои ва рафтору кирдори мусбиву манфии инсон истифода шуда, камтарини онҳо барои баёни ҳодисаҳои табиат ва ё дигар падидаҳо нигаронида шудаанд. Дар муқоиса ба забони тоҷикӣ фразеологизмҳо забони англисӣ дорои шумораи зиёди ибораҳои маҷозӣ бо исми одамон мебошанд.

Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологии исмӣ навъи паҳншудатарини фразеологизмҳои забонҳои муқоисашаванда мебошанд. Дар нисбати фразеологизмҳо, ба таври умумӣ, гуфтан мумкин аст, ки дар муқоиса бо калимаҳо фарқашон таъйин гардид. Аз ҳама муҳим он аст, ки вазифаи аввалиндараҷаи фразеологизм баҳо додан ба воқеият аст, калима вазифаи ном бурданро дорад. Дар муқоисаи воҳидҳои фразеологии исмӣ бо ибораи озод мо ба хулоса омадем, ки аз ҷиҳати сохтори синтаксисӣ воҳидҳои фразеологии исмӣ воҳиди пурра аст, ибораи ба ҷузъҳо ҷудонашавандаи дорои таркиби луғавии доимист, танҳо вазифаи як аъзои ҷумларо иҷро менамояд; нуктаҳои мазкурро дар бораи ибораи озод наметавон гуфт.

ЛИТЕРАТУРА

1. Амосова Н.Н. Основы английской фразеологии. / Н.Н. Амосова - Л.: Изд-во ЛГУ, 1963. - 208с.
2. Арнольд И.В. Лексикология современного английского языка. / И.В. Арнольд - М.: Высш.шк., 1986. -295с.
3. Айнӣ С. Куллиёт.“Ёддоштҳо». Ҷилди 6 / С. Айнӣ – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962.- 408с.
4. Айнӣ С. Куллиёт.“Ёддоштҳо». Ҷилди 7 / С. Айнӣ – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962.- 642с.
5. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка. / А.В. Кунин - М.: Высш. шк., 1986.- 335с.
6. Кунин А.В. Англо-русский фразеологический словарь. / А.В. Кунин - М.: Русский язык, 1984.- 942с.
7. Самокрутово Л.В., Мирсалимов П.К. Русско – таджикский тематический фразеологический словарь. / Л.В. Самокрутово, П.К. Мирсалимов - Душанбе: Маориф, 1990.- 48с.
8. Galsworthy J. In Chancery – M., 1997.-376с.
9. Maugham S. The moon and sixpence»- M., 1999.- 516с

МЕТАФОРИЧЕСКИЕ СУБСТАНТИВНЫЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье рассматривается именные фразеологические единицы таджикского и английского языков с метафорическими переносами. Множество субстантивные фразеологические единицы сопоставительных языков несут метафорический характер, тем самим дается отрицательная или положительная оценка лицам или природным явлениям принимая во внимания сходство свойств предметов и поведений других существ.

Автором было классифицировано метафорические субстантивные фразеологизмы таджикского и английского языков.

***Ключевы слова**: метафора, фразеологическая единица, сходство, положительная оценка, отрицательная оценка, лицо, явление, понятие, особенность, выражение, оборот.*

METAPHORIC NOUN PHRASEOLOGICAL UNITS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

Noun phrases with metaphoric transference of Tajik and English languages are reviewed in this article. A great number of noun phrases of comparative languages carry metaphoric features. Thereby are given positive or negative estimation to person or other phenomenon, taking into account similarities of objects» peculiarities and behaviors of other creatures.

The author classified metaphoric noun phrases of Tajik and English languages.

***Key words:** metaphor, phrase, similarity, positive estimation, negative estimation, person, phenomena, notion, peculiarity, expression, turn.*

Сведение об автора:

***Аслонова Гулрухсор Наимджоновна** - соискатель кафедры языкознания и сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, тел.: (+992) 918620570*

About the author:

***Aslonova Gulrukhsor Naimjonovna** - the researcher in the Department of Linguistics and Comparative Typology, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini tel.: (+992) 918620570*

ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАДҚИҚИ ИСТИЛОҲОТИ КИТОБДОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Робияи А.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Барои таҳлилӣ батафсил ва дуруст намудани назарияи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва фароҳам овардани тасаввуротҳое, ки онҳо осонфаҳми масъалаи маскур ҳастанд, зарурати баррасии қисмати назариявӣ ва маҳз масъалаи умумии ба истилоҳот дохилшуда низ ба миён меояд. Истилоҳот ва инчунин системаи он ҳамон вақте тавлид мешаванд, ки ин ё он соҳаи илм, сиёсат

иқтисодӣ, маърифат ё фаъолият ба қадри кофи ташаккул ёфта назарияи худро ба даст оварда муносибатҳои байни онҳоро дарк намуда, ҳамаи мафҳумҳои асосии худро пайдо мекунад.

Дар баъзе мавридҳо бошад ибораистилоҳоти сохташуда, вожаҳо инчунин истилоҳҳои аз забонҳои дигари дунё иқтибосшуда барои байён намудани назарияи тавсифкунандаи соҳаи маскур истифода мешаванд. Бояд зикр намуд, ки истилоҳотшиносӣ соҳаи нав аст. Аввалин назария истилоҳотшиноси дар заминаи илми забоншиносӣ дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX дар тадқиқоти забоншиносони рус мушоҳида мешуд. Забоншиносони рус дар мулоҳизаҳои илмиашон зикр менамуданд, ки истилоҳ бо хусусиятҳои ба худ хос аз морфемаҳои забонӣ фарқ мекунанд, ва ба луғат мустақилона ворид шудааст. Д.С. Лотте дар яке аз мақолаҳояш «Вазифаҳои навбатии истилоҳоти техникӣ» аввалин назарияҳои худро оид ба сохтори истилоҳот зикр намудааст. Дар илми забоншиносӣ барои муайян намудани истилоҳот назарияҳо гуногун мавҷуд аст. Як гуруҳи забоншиносон бар он ақидаанд, ки таркиби истилоҳ мунтазам аст. Забоншиноси рус А.А. Реформатский таркиби исттилоҳро ҳамчун ҳаммаъно будан, «аз мавқеъ берун» ба модалӣ ва экпрессӣ, хусусияти байналхалқӣ, мантиқӣ ва системанокӣ доро будани онро муайян кардааст. Баъдан дар тадқиқотҳои минбаъдаи худи забоншинос ва забоншиносонӣ дигар маълум гардид, ки ҳамаи ин хусусиятҳоро танҳо якчанд истилоҳот доро мебошаду халос. Ҷонибдорони назария функсионалӣ андеша доранд, ки истилоҳ ҳамчун калимаи махсус шубҳанок аст. Муайян шудааст, ки типии воҳиди лексикӣ аст, на типии махсуси воҳиди лексикӣ.

Асоси назариявии истилоҳшиносӣ забони тоҷикӣ дар тадқиқоти олимони ватанӣ Я.И. Калонтаров, М.Ш. Шукуров, Ш.Р. Рустамов, М.Н.Қосимова, Т.Қодир, Турсунов.А, Лившиц.В.А, Капранов.В.А, Бердиев. Т, Камолиддинов.Б, Абдуллоев. Н.Ш, Камолов. А, С. Назарзода, С. Султонов, Ҷоматов. С ва дигарон мавриди корбаст қарор гирифтааст.

Оид ба асосҳои назариявии истилоҳшиноси дар тадқиқоти библиографони машҳури англис Дж. Ричардсон, Кеннез Кетзна, Колин Ҷонсон, М. Ҷон, Р.Н. Чопра, М.Л. Клак, ва дигарон мавриди корбаст қарор гирифтааст.

Дар тадқиқоти соҳаи китобдорӣ ва библиографӣ оид ба истилоҳоти китобдорӣ олимон ва библиографони собиқ шуравӣ О.Ф. Акимушкин, А.З. Валидова, А.Г. Қосимова, Б.Н. Лунин, Э.А. Охундҷонова, А.И. Кормилитсин, З.М. Шевченко, В.Н. Банк, А.Г. Биснек, К.Ф. Шафриновский, Н.М. Зелдович, А. Язбердиев, А. Язиев, олимони тоҷик Р. Шарафов, А.Ҳ.Раҳимов, С.Р. Муҳиддинов, С.И.сулаймонӣ, З.Шораҳматов, Ш.К. Тошев, Б.С. Холов, Ф. Ёров, Қ.Ғ.Авғонов, С.Ғуломшоев ва дигарон оид ба истилоҳоти китобдорӣ фикру ақидаҳои худро байён намудаанд: масалан Сафар Сулайноми чунин қайд менамоянд «Истилоҳоти илми китобдорӣ махсусан китобсозӣ ва китобшиносӣ ҳазор сол боз дар фарҳангу тамаддуни забони форсию тоҷикӣ арзи вуҷуд доштааст. Аммо ин истилоҳот ва истифодаи бештару беҳтари он дар китобдории навини имрӯз чашмрас мебошад» [9, с.38].

Дар ҷои дигар И. Ҷураев барои байёни истилоҳоти китобдорӣ чунин андеша рондааст: «Истилоҳоти улуми китобдорӣ ба ҷиҳати наздикӣ ба бархе аз риштаҳои улуми инсонӣ кашидани як хат байни онҳо мумкин нест» [7,4].

Нахустин назарияҳои мансуб ба истилоҳ дар илми забоншиносӣ дар ибтидои қарни XX ба вуҷуд омадаанд. Масалан, Гринаф ва Киттриҷ ба хулосае омадаанд, ки истилоҳҳо монанди формулаҳои риёзӣ мебошанд, яъне онҳо ҳамчун истилоҳ танҳо бо мақсади ифода намудани мафҳумҳои хос миёни одамон корбаст мешаванд. Аз ин ре зарурат нест, ки онҳо умуман, ба таркиби луғавии забон дохил карда шаванд. Э. Жилбер низ истилоҳотро ба формулаҳои риёзиву кимиёвӣ мушобеҳ медонад . Т. Сейвори истилоҳотро ба калимаҳои мутадовил муқобил мегузорад. Ж. Вандриес, Логан Смит ва дигарон истилоҳро ба жаргон ташбеҳ медиҳанд. Забоншиноси олмонӣ А. Ширмер истилоҳотро бо вожагони ҳирфаӣ муқобил мегузорад. Донишмандон Х. Эггербехт истилоҳро мафҳум ва Ларс Гурмунд ба олоти илмӣ шабеҳ мешуморанд. Зимнан Ларс Гурмунд истилоҳро олати истифодаи илм дониста, ҳамзамон тазаккур медиҳад, ки худи таркиби низоми истилоҳоти ҳар илми ҷудогона ҷавобгӯи ниёзҳои сохтори дохилии ҳамин илм аст [8, с.78-79].

Яке аз забоншиносони англис О. Найбеккен оид ба истилоҳ чунин нуқтаи назарро пешниҳод намудааст. Ӯ истилоҳотро ба чаҳор хусусият тақсимбанди кардааст.

1) Ифодаи дақиқ ва қатъӣ (precise restrained descriptiveness).
2) Самтдорандагӣ дар соҳаи худ ва соҳаҳои дигари вобаста (orientation in its own relate areas)
3) *Худвижагӣ (specificity)*
4) *Мутобиқат ба меъёрҳои забони (lingvistic correctness) [8, с.79]*

Дар обекти тадқиқоти мо саволҳои зиёде барои баён намудани назарияи истилоҳот ба миён меояд, мисли муайян кардани истилоҳот, системаи истилоҳот, аломатҳои истилоҳот ва тамоми он хусусиятҳое, ки ба масъалаи назарияи истилоҳот бахшида шудааст дар доираи як соҳаи илм таҳқиқ карда мешавад. Оид ба истилоҳ аз ҷониби забоншиносон ва олимони рус ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. В.В. Виноградов менависад, ки «дар сохтану муаяйн кардани истилоҳ ду ҷиҳат ду нуқтаи назар аст: сохториву забонӣ ва мафҳумӣ, маъноӣ, ки сабаби рушти системи мафҳумҳои ин ё он илм, ин ё он соҳа ё шуғлу пешаанд. Ин ҳар ду ҷиҳат ба ҳам алоқаманд буда, илова бар ин вобастагии таърихӣ, анъанаҳои

фарҳангиву таърихи дорад. Н.П. Кузкин дар бораи чаҳор назарияи асосии зерин истилоҳ изҳор ақида мекунад:

а) истилоҳ- калимаест ба вазифаи дефинитив;

б) истилоҳ- калимаест дар вазифаи номи мафҳум;

в) истилоҳ- калимаест барои ифодаи мафҳуми тахассусӣ;

г) истилоҳ- калимаест барои ифодаи мафҳуми махсус [8, с.80-81].

Бояд қайд кард, ки бештари истилоҳшиносон ва забоншиносон эътироф намудаанд, ки дар истилоҳ маънои луғавӣ мавҷуд аст. Истилоҳ ин пеш аз ҳама воҳиди луғавӣ, яъне калима ё ибораи хос аст. Аломатҳои асосии истилоҳ ин алоқамандии истилоҳот бо мафҳумҳои муайян ва низомбандии истилоҳот метавон иборат донист.

Бояд зикр кард ки оид мафҳуми истилоҳот забоншиносон таърифгунаҳоеро пешниҳод намудаанд, ки ин таърифҳо ба ҳамдигар бешабоҳат нестанд. Аз ҷумла таърифи истилоҳ дар китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» (1973) чунин омадааст: «Термин (аз terminus-ӣ лотинӣ-ҳад, ҳудуд) калима ё ибораест, ки мафҳуми ягон соҳаи илм , техника, маданият ва ё истеҳсолотро ифода мекунад. Якмаънои хусусияти асосии термин мебошад. Хусусияти сермаънои барои термин хос нест. Дар китоби «Лексикаи забони адабии тоҷик» бо андак дигаргуни ҳамин маънои истилоҳро байён кардаанд: «Истилоҳ ва ё термин (аз terminus-ӣ лотинӣ-ҳад, ҳудуд) калима ё ибораест, ки мафҳуми ба илм, истеҳсолот, санъат, ва соҳаи дигари ҳайёт мансуб бударо бо маънои ягона ифода мекунад [2, с.86-89]. Муаллифони ин асар низ якмаъноиро хоси истилоҳот донистааст. Истилоҳшиноси дигари тоҷик Мардон Муҳаммадиев қайд менамояд, ки дар истилоҳот метавон сермаъноиро мушоҳида намуд. Аммо то кунун ақидаи ин истилоҳшиносро касе тарафдори накардааст.

Ҳамин тариқ истилоҳ ҳамчун як бахши хусусии забоншиносӣ пайдо шуда дар пешрафт, ташаккул ва рушди он ҳиссаи забоншиносони рус фаронсавӣ, олмонӣ ва махсусан заҳми забоншиносони рус бениҳояд назарас аст. Дар рушди асосҳои назариявии истилоҳ нақши забоншиносони рус ба мисли Лотте С.Н, Балин. Б. Н, Бенвинис.Э, Реформатский А. А, Винокур, Шелов. С.Н, ва дигарон бисёр бузург аст. Бисёре аз забоншиносони тоҷик ва забоншиносонӣ рус ва англис дар асарҳояшон таҳлили хосиятҳо ва хусусиятҳои асосии истилоҳотро мавриди баҳс карор додаанд.

Дар таъйину таҳқиқи мафҳуми истилоҳ забоншиносони давраи шӯравӣ В.В. Виноградов, Н.Ф. Яковлев, Г.О. Винокур, Н.П. Кузкин, А.А. Реформатский забоншиносони тоҷик Д. Саймиддинов, Д. Хоҷаев, М.Х. Султон, С. Назарзода, Н. Шаропов, П. Нуров С., Ҷоматов ва дигарон дар асарҳояшон фикру андешаҳои худро баён намудаанд

Бояд қайд кард, ки саволҳои зиёди истилоҳот дар илми муоссир ҳанӯз баҳсбарангезанд. Дар чунин масъалаҳо назарҳои гуногун аз қабили таносуби консептуалии истилоҳот, таърифи он, абстрактӣ, моносемизм, набудани ифода ва рангӣ, эҳсосӣ, бетарафии стилистикӣ, мантиқӣ, систематикӣ ва ва ғайраҳо.

Доир ба заминаҳои назариявии истилоҳот дар забоншиносии тоҷик метавон нақши бузурги С. Назарзода, М.Н. Қосимова, Бердиева. Ш, Бобомуродов. Ш. Ҷоматов С ном бурд.

Бояд зикр намуд ки истилоҳоти тоҷик як қатор мушкилотҳоро дорост, ки бояд ҳаллу фасл карда шаванд. Онҳо пеш аз ҳама масоили ба низом даровардани муттаҳидсозии стандартизатсияи терминологияи илмӣ мебошад. Дар рисолаи маскур мо тасмим гирифтем махсус ба таҳлили ин мушкилот рӯ орем. Танзими истилоҳоти илмӣ кори якҷояи мутахассисони соҳаҳои мухталифи илмҳои дақиқ, тибби ва техникӣ, тарҷумонҳо, ва муаллифони китобҳои дарсӣ дар асоси илмҳои истилоҳшиносон ва забоншиносон, ки барои аз байн бурдани истилоҳои нодуруст ва қабеҳ аз нуқтаи назари забоншиносӣ, илмӣ ва эҷодӣ истилоҳоти ягона ва мантиқиву саҳеҳ офаридан лозим меояд.

Барои муқаррар намудани қоидаҳои муайяни сохтмони истилоҳҳои илмӣ принсипҳо ва меъёрҳои истилоҳоти байналмиллалӣ ба муттаҳидсозии дохилии ҳамдигарии истилоҳшиносии миллии илмӣ пардохтан лозим аст. Стандартикунонии истилоҳоти илмӣ ватанӣ кори муштаракии мутахасисон нисбат ба муқарар кардани танҳо як истилоҳот барои ҳар як кансепсия дар соҳаи мушаххас ва дар ҳуҷатҳои махсус (масалан дар луғатҳои дузабона) дахл дорад. Барои ташаккул додани истилоҳоти илмӣ ватанӣ бояд пеш аз ҳама бо истифодаи принсипҳои ташаккули истилоҳотшиносии кишварҳои хориҷ махсусан Рассия дар таҳия ва такмили истилоҳоти миллии илмӣ рӯ овард.

Ба ақидаи истилоҳшиноси улуми китобдорӣ С. Сулаймонӣ нақши забони меъёр (стандарт) дар истилоҳсозии китобдорӣ назаррас шуморидааст. Ба забони меъёр шомил мешавад: нақши муттаҳидкунанда (эътибордиҳанда), нақши марҷаъ (тақлидӣ), инчунин ворид сохтани истилоҳоти хориҷӣ аз тариқи тарҷума барои сохтани истилоҳоти илми киобдорӣ васеъ истифода мешаванд.

Рушди ҳар як соҳаи ҷудогонаи илм фарҳангу санъат, махсусан соҳаи китобдорӣ ки мавзӯъи тадқиқоти мо мебошад бешак қабатҳои алоҳидаи луғатҳо ва вожаҳои махсусро ташкил мекунанд, ки аз соҳаҳои дигар мустақил нестанд ин соҳа дар худ падидаҳои универсалиро доро мебошад ки шояд дар дигар соҳаҳои илм ва фарҳангу санъат аз онҳо васеъ истифода намоянд. «Аллакай дар замони муосир илм ба сохтани истилоҳот қасдан шуреъ намуд, ва ба ғайр аз он аксари соҳаҳои илм ба истифодаи

вожаҳои миллӣ гузаштанд ва маҳс ҳамин ба пайдоиши мушкилотҳои нав дар истилоҳот расонд [Лейчик, 2006]. Аз замони пайдоиши илм вожаҳо ва луғати истилоҳот як заминаи муҳим барои тадқиқи илмҳо будааст. Аммо пешрафти босуръати илм ва технология талаб менамояд ки доир ба ҳар соҳаи алоҳидаи илм тадқиқоти истилоҳотро ба роҳ монда шавад. Дар айни замон назарияи умумии истилоҳот назарияи таълимро таъмин мекунад, ва низомҳои системавӣ ва мураттабиро эҷод менамояд.

Калимаҳое, ки онҳо хос барои як соҳаи муайяни илмӣ ҳастанд ва барои истифода намудани мафҳумҳои гуногуни илмӣ, ки таърифи мушаххас доранд, истилоҳ номида мешавад. Соҳаи лексикалогияи умуми, ки истилоҳҳот, фаъолият, ва хусусиятҳои истилоҳотро тадқиқ мекунад, назарияи истилоҳот номида мешавад.

Ба низомдарории истилоҳоти миллӣ ба наздики пайдо шуд ва солҳои тӯлони соли эҷод ва ташаккулёбии он барои аксарияти кишварҳо гардид. Забони лотинӣ он замон забони илмҳои аврупо буд ва барои сохтани истилоҳоти милли шохаҳои алоҳидаи илм бояд бебозгашт рушд намояд. Имрӯзҳо назарияи умумии истилоҳот назарияи раванди рушди босуръат, фаъолият, ташаккул ва танзими истилоҳот ва системаҳои истилоҳиро таҳия карда истодааст. Барои муайян кардан ва ҳалли масъалаҳои забоншиносии истилоҳот, барои сохтани қисматҳои истилоҳи, мундарича, сохтмон, таҳлил ва тарҷумаи асарҳои илмӣ мусоидат мекунад. Дар илми муоссир ба ҷузъ аз мушкилотҳои номуайян ва нофаҳно будани истилоҳот дар соҳаҳои мушаххас дар як забони милли, мушкилтарин мушкилии дар истилоҳот ин номувофиқии семантикаи истилоҳот дар забонҳои гуногун вуҷуд дорад. Винокур, ки истилоҳро аз нуқтаи назари функсия барраси мекунад чунин кайд кардааст. «Он метавонд ҳар калима бошад». Истилоҳот калимаи махсус нест, балки калима дар як вазифаи махсус, вазифаи номгузорӣ, консепсияи махсус ё падидаи махсус мебошад Винокур [1939: 40].

Дар масъалаи маскур олимон ва забоншиносони назарияҳои худро ба таврҳои мухталиф байён кардаанд. Бояд қайд кард, ки намояндагони равиши функсионали дар мавзеъи хусусиятҳои функсионалии истилоҳот чунин нуқтаи назарро пешниҳод намудаанд. Масалан дар навиштаҳои Б.Н. Головина, В.Г. Гака, Т.М. Пянкова «истилоҳот аз калимаҳои умуми бо хусусиятҳои маънои, семантикӣ, сохторӣ фарқ мекунанд» [16, с.19].

Воқеан ҳам рушти назария ва амалияи проблемаҳои истилоҳот дар солҳои сиюми асри XX ба назар мерасид аз ин сабаб олимони риштаҳои гуногун ақида ва назарияи худро оиди ин маъзӯъ пешниҳод намудаанд. Истилоҳот худ ба худ ба вуҷуд намеоянд балки дар натиҷаи инкишофи илму техника, иқтисодиву иҷтимоӣ инкишоф меёбанд.

АДАБИЁТ

1. Джамотов, С. Становление и развитие лингвистического терминогогии таджикского и английского языков / С. Джамотов – Душанбе-2017 - 412.с.
2. Тоҳирова, Қ. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. (материалҳо). / Қ. Тоҳирова – Душанбе: Дониш, 1967. – 80 с.
3. Абдусалом. М. Фарҳаанги англисӣ- тоҷикӣ. / М. Абдусалом Душанбе 2007 - 1079 с.
4. The world encyclopedia dictionary. Volume 1. From A-K. – Chicago. 1964. – 1088 p.
5. Шарофиддин Рустамов. Исм/ Дониш. Душанбе-1981-215.с.
6. . Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Д.: Дониш,1985. – 473 с.
7. И.Чураев. Луғати русӣ-тоҷикии китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ. Душанбе Ирфон 2012, 278с.
8. Мирзо Ҳасан Султон. Мушкилоти забони илм ва истилоҳот. Душанбе. Дониш- 2015-323.с.
9. Сафар С. Фаслномаи китоб/ дафтари аввал ва дувум. – Душанбе, 2011. – 68с.
10. V. John. The English-Russian Dictionary of Library and Information Terminology. Англо-русский словарь по библиотечной и информационной деятельности / Санкт-Петербург: Профессия -2005. 266.с.
11. Э.Р. Сукиасян. В.В. Зверевич. Англо-русский словарь по библиотечной и информационной деятельности / Санкт-Петербург: Профессия -2013. - 224.с.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИЗУЧЕНИЯ БИБЛИОТЕЧНОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ НА ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье обсуждается теоретические основы изучения библиотечной терминологии в английского и таджикского языков. Целью данной статьи является изучение специфики теоретические основы на двух языках. Многие таджикские и английские примеры также были изучены по этой теме. Следует отметить, что не было проведено сравнительного исследования сравнительного анализа теоретические основы на таджикском и английском языках, поэтому я решил провести исследование по этой теме.

В этой статье мы стремимся исследовать английские теоретические основы на таджикском и английском языках и показать их лексические и грамматические особенности с точки зрения лексикологии, морфологии, фонетики, правописания, стиля выражения и культуры речи.

Кроме того, цель реализации этих намерений состоит в том, чтобы придерживаться основных лингвистических методов исследования, которые соответствуют целям, задачам и специфике

исследовательского материала. В данной статье использованы другие научно-исследовательские ресурсы из научной литературы Таджикского национального университета и Кулябского государственного университета.

Ключевые слова: *основа, структура, форма, способ, теоритические основы, словообразовательный заимствования слов, исследование, проблема терминологии, способ, функция, исследование лингвистика, аффиксы, библиограф.*

THEORETICAL BASIS OF STUDYING LIBRARY TERMINOLOGY IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article discusses the theoretical foundations of the study of library terminology in the English and Tajik languages. The purpose of this article is to study the specifics of the theoretical foundations in two languages. Many Tajik and English examples have also been studied on this topic. It should be noted that there has been no comparative study of comparative analysis of theoretical foundations in Tajik and English, so I decided to conduct a study on this topic.

In this article, we strive to explore the English theoretical foundations in Tajik and English and show their lexical and grammatical features in terms of lexicology, morphology, phonetics, spelling, style of expression and culture of speech.

In addition, the purpose of implementing these intentions is to adhere to the basic linguistic research methods that correspond to the goals, objectives and specifics of the research material. This article uses other research resources from the scientific literature of the Tajik National University and Kulyab State University.

Keywords: *basis, structure, form, method, theoretical foundations, derivational borrowing of words, research, problem of terminology, method, function, research linguistics, affixes, bibliographer.*

Сведения об автора:

Робияи Абдусамад *– доктор PhD кафедры иностранных языков Кулябского Государственного Университета имени Абуабдуллох Рудаки. Адрес: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафаров16. Тел: (+992)985598159*

About the author:

Robiyai Abdusamad *– Doctor PhD of the chair of foreign languages of Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob town, st. S. Safarov 16. Phone: (+992) 985598159*

ШАРҲУ ТАВЗЕҲИ БАРХЕ АЗ ИСТИЛОҲОТИ МАНСУБИ «МАОРИФ» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳамроев Қ.М.

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав

Истилоҳу истилошиносӣ кай боз таваҷҷӯҳи забоншинсонро ба худ ҷалб карда бошад ҳам то ҳол дар байни олимон роҷеъ ба дарки амиқи ин мафҳум баҳсу мунозираҳои илмӣ давом дорад.

Маориф як соҳаи муҳими ҷомеа ба шумор рафта, олимону забоншиносонро зарур аст, ки вожагони соҳавиро аз луғоти умуимистеъмол ҷудо намуда, пешкаши дастандаркорон намоянд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки фикру андешаҳои худро роҷеъ ба бархе аз истилоҳоти калидии бахши «маориф» баён намоем.

Агар ба асли баромади вожаи «маориф» назар афканем, он арабиасос буда, ба маънии маъруф, машҳур ва маъмул дарҷ ёфтааст. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ, қисми 1, истилоҳи мазкур бо ду маънӣ омадааст: «Маориф 1. маърифат – education; маориф 2. Маъруф Ду рӯз ҷумлаи маориф ба хидмати Асмаӣ оянд. (Авфӣ Б.); а) маориф ва машоҳир маъруфан ва машҳуран одамони бузург,саромадони давр; Маош. 1 зиндагонӣ, умргузаронӣ, рӯзгузаронӣ. Маош кардан, зиндагӣ кардан, умр гузаронидан, ҳаёт ба сар бурдан. Воситаҳои зиндагӣ, ҳамчун хӯрок, нӯшиданӣ, пушок ва ғ. [2, с.639].

Тазаккур бояд дод, ки истилоҳи фавқ ба маъниҳои бағоят васеъ ва фарох тавсиф шудааст. Истилоҳи мазкур бештар дар соҳаи иқтисодиёт корбаст мегардад, вале ин мафҳум дар соҳаи маориф ҳам ба маврид мустаъмал мегардад. Вожаи «маош» воситаи асосии умр гузаронидан буда, яке аз мафҳумҳои калидии ҳаёти инсоният аст. Муодили англисии он *education* буда бо маънии «маориф, таҳсилот, таълим, тарбия» роиҷ аст. Аз худи вожаи англисии *education* метавон якчанд истилоҳибора сохт, ба монанди: all-round education – таҳсилоти гуногун, vocational education – маълумоти касбӣ-техникӣ, higher education – маълумоти олӣ [1, с.251].

Истилоҳибораи *таълиму тарбия* дар ҳарду забон ҳам яке аз истилоҳоти меҳварии соҳаи мактабу маориф ба шумор рафта, тамоми умури ҷомеа аз он ба таври фарох ва бамавқеъ истифода менамоянд. Агар ба шарҳу тавзеҳи истилоҳи «таълим» назар афканем, он ба маънои «ба касе чизеро омӯхтан, ёд

додан» меояд: <Соат ба соат ба ҳарамсарои худ медаромаданд, ҳамоно ки таълими тартиби зиёфат мекарданд (Садри Зиё).

Ҳувайдост, ки аломати истилоҳии вожаи асосан дар дохили ҷумла ва ё матн зоҳир мешавад:

Дар адаби дарси муаллим нигоҳ,

То нашавӣ таблаки таълимгоҳ (А.Ҷомӣ).

Як ҷузъи истилоҳибораи *таълиму тарбия* вожаи *тарбия* буда, дар сарчашмаҳои забоншиносӣ бо маъниҳои зерин ба назар меояд: «1.Парвариш, таълим, омӯхтан, адаб омӯхтан, тарбияти ашъор, парвариши дарахтон. 2. Навозиш, меҳрубонӣ, нигоҳбонӣ, ҳимоя»<Тарбият яксон аст ва лекин истеъдод мухталиф. (Саъдии Шерозӣ). Тарбиятгар –он ки парвариш мекунад, тарбиякунанда, мураббӣ» [3, 329]. Дар забони англисӣ истилоҳи мазкур бо муодилҳои «tutor, educator» маъмул аст [1, с.839].

Истилоҳи дигаре, ки дар ташаккули як қатор истилоҳу ибораистилоҳоти соҳаи «маориф» ҷойгоҳи хоса дорад, и вожаи «мактаб» ба шумор меравад. Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ вожаи мазкур чунин шарҳу тавзеҳ ёфтааст: «Макотиб.1.мактаб. Макотиб .2.мактуб. Мактаб- ҷои омӯзиши бачагон, дабистон [1, с.626]. Гунаи форсии он дабистон буда, дар нутқи гуфтугӯйӣ чун дабистон-дабиристон, мактаб, мактабхона истеъмол мегардад. Муодили англисии он school бо чор маънӣ ба кор меравад:1) мактаб; 2) таълим, тадрис;3) таълим дар мактаб; 4) бинои мактаб. .[1, с.694].

Лозим ба ёдоварист, ки истилоҳоти мураккаби забонҳои таҳқиқшаванда асосан аз рӯйи қолабҳои муайян сохта мешаванд, ки ин қолабҳо ба кадом ҳиссаи нутқ мансуб будани ҷузъҳои вожаи мураккабро бозгӯ мекунад. Дар сохтани истилоҳоти мураккаби мансуби «дарс», ки мавсуф як ҷузъи меҳварии истилоҳоти соҳаи «маориф» ба шумор меравад, нақши ҳиссаиҳои номии нутқ, яъне исму сифат бағоят бузург аст. Ҳамин тавр, он вожагони мураккабе, ки дар раванди таҳлили сарчашмаҳо ҷамъ гардиданд, ба таври зайл қолаббандӣ намудем:

Noun + Noun. Чун аз номи қолиб ҳувайдост дар созмони он танҳо як ҳиссаи номӣ, яъне исм иштирок менамояд, ки дар алоҳидагӣ ҳар як ҷузъи вожаи мураккаб фарогири як қатор маъниҳои ба худ хос аст: schoolboy – талаба; schoolgirl – толиба, school-leaver- хатмкунанда, schoolman – омӯзгор; schoolmaster – сарвари мактаб, schoolmate-ҳамсинф; schoolfellow – ҳамсинф; schoolroom - синфхона, schoolteacher – омӯзгори мактаб, педагог; schooltime – 1) соатҳои дарс, 2) солҳои таҳсил, солҳои мактабхонӣ, school year –соли хониш [1, с.694].

Як қисми зиёди истилоҳоти соҳаи «маориф»-и забонҳои тоҷикиву англисиро истилоҳоти таркибӣ ё истилоҳибораҳо ташкил медиҳаанд, ки ба воситаи ин ё он алоқаҳои наҳвӣ сохта мешаванд. Агар ба сохтори ин навъи истилоҳибораҳо таваҷҷӯҳ намоем, аксарияти онҳо дуҷузъа ва ё сеҷузъа буда, на ҳамаи ҷузъҳои он вазифаҳои якрангро иҷро мекунанд. Ҳамин тариқ, дар зер ба маъмултарин истилоҳибораҳои забонҳои фавқуззикр ишора мекунем, ки аз рӯйи қолаби зерин сохта шудаанд:

Adjective + Noun. Дар созмони қолиби мазкур ду ҳиссаи номии нутқ, яъне сифат ва исм иштирок намуда, яке ба дигаре тобеъ буда, ба воситаи алоқаи тобеъ ба ҳам пайваст шудаанд. Миқдори он истилоҳоте, ки тавассути қолаби мазкур сохта шудаанд дар ҳарду забон ҳам бешанд, аммо мо аз маъмултарини онҳо ёдовар мешавем: secondary school – мактаби миёна, higher school – мактаби олӣ, elementary school – мактаби таҳсилоти умумӣ; primary school – мактаби таҳсилоти умумӣ [3, с.694].

Созмони қолабе, ки зикраш рафт, дар забони тоҷикӣ он қадар роиҷ нест, зеро қисми зиёди истилоҳоти таркибии забони тоҷикӣ ба воситаи қолиби Noun +Adjective сохта шудаанд, истилоҳоти зерин тасдиқи баёни гуфтаҳои мост: маълумоти ибтидоӣ – primary education; маълумоти миёна – secondary education, маълумоти олӣ – high education. Яке аз вижагиҳои фарқкунандаи ибораистилоҳоти мазкур аз муодили англисии худ дар он аст, ки ҷузъҳои ин навъи истилоҳибораҳо ба якдигар ба воситаи алоқаи изофӣ пайваст шудаанд ва дар нутқи гуфтор ва навиштор ба сифати ибораҳои исмӣ маъмуланд.

Аз таҳлилу муқоисаи истилоҳу истилоҳибораҳои зикршуда ба мушоҳида расид, ки истилоҳи фавқуззикр «school» дар забони англисии муосир сермаҳсуб буда, он дар забони адабии тоҷикӣ муодилҳои вижаи худро доро мебошад.

Яке аз истилоҳҳое, ки бо истилоҳҳои «таълиму тарбия» ҳамбастагиву вобастагӣ дорад, ин истилоҳи «дониш» ба шумор меравад. Истилоҳи мазкур бо маъниҳои «1) маърифатҷӯ, илм, фарҳангҳ; 2) ақл хирад, фаҳм, идрок; 3) донишу фарҳанг, илму маърифат; маҷ нуқтаснҷӣ дар шеър [2, с.388]. донишандухта –донишманд, бисёт доно [2, с.388].

Гузашта аз ин, истилоҳоти мураккабе, ки дар таркиби худ вожаи «дониш»-ро доранд, инҳо ба шумор мераванд: донишбаҳр – донишвар, донишманд, олим, оқил, доно [2, с.389]; донишварӣ –илмомӯзӣ, донишмандӣ, доноӣ [2, с.389]; донишкада –ҷои касби дониш маҳали дониш [2, с.389]; донишмазӣ – илмомӯзӣ, донишандӯзӣ [1, с.389]; донишманд –олим, ориф, соҳиби маърифат, ҳаким, хирадманд [1, с.389]; донишпараст –илмдӯсд, хирадманд [2, с.389]; донишқарин –донишдӯст, донишвар доно – донишманд, оқил, хирадманд (муқобили доно) [2, с.389]. Аммо муодили англисии он гоҳ дар шакли сохтаву мураккаб ва гоҳ дар қолаби истилоҳибора сохта мешавад: know-all –ҳамадон; knowing – дониш; knowingly – бошуурона; knowledge – дониш; branches of knowledge – шохаҳои илм [1, с.436]; knowledgeable – хуб воқифбуда 2) умуми. Аз таҳлилу баррасии истилоҳи мазкур ошкор гардид, ки

доираи истеъмоли он дар ҳарду забон ҳам якранг буда, дар дараҷаи корбурди унсурҳои калимасоз андаке тавофут ба назар мерасад. Бошад, бо ду се вожаву ибора дарҷ ёфтааст. Истилоҳи мазкур дар «фарҳанги забони тоҷикӣ»-и хело ҳам ба таври густурда ва фарох шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Хулоса, ҳаминро бояд ишора намуд, ки дараҷаи истеъмолу корбурди истилоҳҳои марбути «маориф» дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яксон набуда, бештари он дар таркиби луғавии забони атабии тоҷикӣ ручуъ намудааст. Бо гузашти замон ва рушди илму техника таркиби луғавии забон ҳамеша дар таҳаввул буда, аз ҳисоби қоидаҳои калимасозии худи забон ва иқтибосшавӣ аз забонҳои бегона бою ғанӣ мегардад.

АДАБИЁТ

1. Мюллер, В.К. Новый англо-русский словарь. / В.К. Мюллер -М: рус. Яз.Медина; Дрофа, 2008. - 945.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.1., А-О. – М.: Энциклопедияи советии тоҷик, 1969. – 952 с.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷ.2., П-Я. – М.: Энциклопедияи советии тоҷик, 1969. – 953 с.
4. Gardiner, A. The theory of speech and language / A. Gardiner. – Oxford 1932. –p. 320.
5. Groot, A.W. de. Structural linguistic and syntax / A.W. de Groot. – Servire - den hag, 1949, № 5, 1, p. 3.
6. Gardiner, A. The theory of speech and language [Text] / A. Gardiner. - Oxford: Clarendon Press, 1951.-348 p.
7. Leiper, M.A. A new English Grammar. N.Y. 1923, p. 223
8. Leipzig, H. Einleitung in die Geschichte der lateinischen Syntax. Historische Grammatik der lateinischenSprache, Bd. 3, 1. 1903. – P. 1-87
9. Lennie, W. The principles of English Grammar, the 99 –th ed. Edinburgh – London, 1905, p. 181

ИНТЕРПРЕТАЦИЯ НЕКТОРЫЕ ТЕРМИНЫ, ОТНОСЯЩИЕСЯ К 0 fv«ОБРАЗОВАНИЮ» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящается интерпретацию некоторых терминов, относящихся к «образованию» в таджикском и английском языках. Термины и терминосочетание отрасли «образования» наряду с терминами других сферы общество занимают особое место в лексическом составе исследуемых языках. Большинствах терминов указанной сферы по морфологическому составу остоятся к сложными и составными или термины-словосочетания. Уровень наличия того или иного словообразовательного элемента, который принимают участия в образования производных терминов в сравниваемых языках отличаются. В другом случае роль синтаксических средствах связи в образования составных терминов тоже неодинаково. Если значительное количество составных терминов таджикского языка создадутся при помощи изафетных связи, то в английском языке его заменяет подчинительный связь, т.е. примыкание или согласование.

***Ключевые слова**: язык, таджикский, английский, интерпретация, образования, структура, структурный анализ, термин, терминология, терминосочетания, образования, образовательной терминологии, синтаксис, синтаксические средство, простые термины, производные термины, сложные термины, составные термины, изафетный связь, подчинительный связь, примыкание, согласование, сравнения.*

INTERPRETATION OF SOME TERMS RELATED TO «EDUCATION» IN TAJIK AND ENGLISH

This article is dedicated to the interpretation of some terms related to «education» in Tajik and English languages. The terms and the term-combination of the branch of «education», along with the terms of other spheres of society, occupy a special place in the lexical composition of the studied languages. Most of the terms of the specified sphere by morphological composition refer to complex and composite terms or word combinations. The level of presence of one or another word-forming element that takes part in the formation of derivative terms differ in the compared languages. In another case, the role of syntactic bond means in the formation of compound terms is also different. If a significant number of compound terms of the Tajik language are built up by the help of isaphetic connections, then in English it is replaced by a subordinate connection, i.e. adjacency or agreement.

***Keywords:** language, Tajik, English, interpretation, education, structure, structural analysis, term, terminology, term combinations, education, educational terminology, syntax, syntactic means, simple terms, derived terms, complex terms, compound terms, isaphetic connection, subordinate connection, adjacency, agreement, comparisons.*

Сведения об автора:

***Хамроев Курбоназар Махмарасулович** - докторант Ph.D кафедры теория и типология английского языка Бохтарского государственного университета имени Н. Хусрав, тел.: (+992) 931105252; E-mail: hamrozoda91@mail.ru*

About the author:

***Hamroev Qurbonazar Mahmarasulovich** - Ph.D Student in the Department of Theory and Typology of English Language of Bokhtar State University named after N. Khusrav, тел.: (+992) 93110 5252; E-mail: hamrozoda91@mail.ru*

ТАЪСИРИ ШУУРИ ДАСТАҶАМЪОНАИ ЗАБОНӢ БА ТАШАККУЛЁБИИ КОНСЕПТҲОИ МАХСУСИ МИЛЛӢ ДАР ТАСВИРИ ЗАБОНИИ ҶАҲОН

Хушматов Н.Р.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Инсон – мавҷудоти ҷисмонӣ аст ва дорои органҳои эҳсосие мебошад, ки бо ёрии онҳо олами атрофро қабул мекунад: ӯ мебинад, мешунавад, ламс мекунад, бӯйҳоро фарқ мекунад. Инсон, ки бо тафаккури тозаву озод аз иттилоот таваллуд шудааст, ҳамон чизеро мебинаду ба хотир мегирад, ки дар гирду атрофи ӯ қарор дорад. Ӯ ҳамчун обчинак маълумотро дар бораи олами атроф ҷаббида мегирад. Тадриҷан дар «вараҳи як вақтҳо сафед»-и шуури ӯ образи ҷаҳон ва ё тибқи муайянсозии файласуфон, тасвири ҷаҳон, яъне маҷмӯи тасаввурот оид ба воқеияти атроф, ҷаҳонбинии инсон ташаккул меёбад. М. Хайдеггер масъалаи ташаккулёбии тасвири ҷаҳонро бо ҷаҳонбинӣ вобаста кардааст, азбаски агар «ҷаҳон ба тасвир мубаддал шавад, мавқеи инсон ҳамчун ҷаҳонбинӣ қабул карда мешавад» [10, с.228]. Мувофиқи ақидаи Хайдеггер, тасвири ҷаҳон ин акси «мавҷудот» аст, ҷаҳонбинӣ бошад, муносибати инсонро ба «мавҷудот» инъикос месозад.

Инсон мавҷудоти иҷтимоӣ мебошад, ӯ дар ҷамъияти ба худ монандҳо зиндагӣ мекунад, арзишҳои маънавӣ ва моддӣ меофарад ва аз онҳо истифода мебарад, натиҷаҳои меҳнати ақлониву ҷисмонии худро бо дигар аъзои ҷамъият мубодила мекунад. Ҳамчун намояндаи ин ё он фарҳанг, инсон, дар раванди дарк кардан ва аз ҷиҳати эҳсосӣ баҳо додани ҳодисаҳо ҳатман муқаррароти асосии фарҳанги худро тасаввур мекунад, ки аз мавқеи онҳо дар тӯли тамоми зиндагонии худ (ғайр аз он ҳолатҳое, ки инсон ҷойи зисти худро иваз карда, дар ҷомеаи дигари фарҳангӣ маскун мешавад ва ба ин восита низоми дидгоҳи худро ба ҷаҳон иваз мекунад ва ба меъёрҳои нав мутобиқ мегардад) ба ҷаҳон нигоҳ мекунад. Ҳамин тавр тасвири фарҳангии ҷаҳон ташаккул меёбад.

Ва ниҳоят, инсон шахсияти забонӣ аст. Ҳар як инсон аз кӯдакӣ ба забони муайяни барои ӯ модарӣ ҳарф мезанад ва ба ин тариқ, ҳамаи чизҳоеро, ки дар он нигоҳ дошта мешавад, дар худ ҳазм менамояд. Бо ёрии ин забон омӯзиши ҷаҳон, доим васеъ кардани марзҳои дарккунии худ амалӣ мешавад, вале дар айни замон, шахсият бо он мафҳумҳое, ки дар забони модариаш инъикос карда мешаванд, маҳдуд мешавад. Забоншинос Радченко забони модариашро «асоси мавҷудияти ҳар гуна ҷамъияти халқӣ» меномад ва онро бо риштаи вобастакунандаи насли гузаштаю ояндаи одамон муқоиса мекунад [2, с.111]. Тибқи нуқтаи назари ин олим, инсон дар шароити забони модариаш тавлид меёбад ва ба камол мерасад ва бо он тасаввуроти мустаҳкамгардидаи ҷаҳонро қабул мекунад. Ӯ забонро дастоварди фарҳангии халқ номида, онро бо дигар дастовардҳо – ҳуқуқ, урфу одатҳо, анъанаҳо ва ғайра муқоиса мекунад. Ҳар як инсон дар алоҳидагӣ ҳамчун намояндаи ҷомеаи фарҳангӣ ҳомили забон мебошад, аммо дар баробари ин ӯ ба раванди ташаккулёбии забон таъсири ҳалкунанда намерасонад. Ҳамин тариқ, донистани мафҳумҳо ва ҳодисаҳое, ки дар забон инъикос карда намешаванд, фардӣ мебошанд, онҳо дар сатҳи маълумоти эмпирикии дар рафти фаъолияти амалии фард ё гурӯҳ гирифташуда боқӣ мемонанд ва ба наслҳои оянда интиқол дода намешаванд. Тасвири забонии ҷаҳон, ки дар асоси забони алоҳида ташаккул ёфта, ҳодисаҳои воқеиятро дар бар мегирад ва дар забон инъикоси худро меёбад, «биниши махсуси миллии тамоми мавҷудот дар таркиби луғавии забони ба он мувофиқаткунанда аст ва дар ин ҷо ба калимаи биниш мафҳумҳои: дарккунии мантиқӣ, эҳсоскунӣ ва баҳодиҳӣ ва ба мафҳуми мавҷудот – на танҳо ҷаҳони воқеии моддӣ, балки инчунин ҳамаи мафҳумҳои аз тарафи инсон тафаккуршаванда дохил мешаванд» [9, с.140].

Дар олам аз 2000 то 5000 забонҳои миллӣ ва ҳамон қадар тасвири забонии ҷаҳон вуҷуд дорад, ҳар яки онҳо маҷмӯи тасаввуроти халқ -ҳомили забон дар бораи ҷаҳон мебошад. Тасвири забонии ҷаҳон равандҳои мураккаби шуури этникиро дар раванди дарккунии ҳастии инсон оид ба ҷаҳон инъикос мекунад. Ба ташаккулёбии низоми мураккаби фарҳангӣ муносибатҳои иҷтимоӣ дохил мешаванд, ки дар тасвири забонии ҷаҳон инъикос меёбанд, таъсири калонро сохти тафаккури миллат, мантиқи миллии қабул кардани воқеияти атроф ва баҳодиҳии ахлоқии он мерасонад.

Хусусияти махсуси тасвири забонии ҷаҳон моро ба масъалаи ҳамдигарфаҳмии намояндагони умумиятҳои гуногуни фарҳангиву забонӣ наздик мекунад. Тибқи таърифи забоншинос Гачев, интиҳои муайяни фаҳмиш вуҷуд дорад, ки гузаштан аз он барои одамон дар бисёр ҳолатҳо аз имкон берун аст, азбаски дар паси калимаҳои ба назар якхела, формулаҳои нутқ маънои гуногун ниҳон аст. [5, с.224]. Муҳаққиқони муосирро масъалаи имкониятҳои муқоиса кардани тасвири забонии ҷаҳон, имкониятҳои фаҳмидан, дарк кардани ҷаҳонбинии дигар, ки шароити бегона дар таҳти таъсири омилҳои ғайр ташаккул ёфтааст, азият медиҳад. Масалан, забоншинос Вежбитская низ масъалаи мубодилаи забонҳо ва фарҳангҳоро ба миён гузошта, онро бо масъалаи заминаи мафҳумии шуури инсон, ба ном «ваҳдати психологии инсоният» тавъам мешуморад. Нуқтаҳои назар оид ба масъалаи мазкур дар забоншиносии муосир якранг нестанд: бархе бар он ақида мебошанд, ки категорияҳои универсалие вуҷуд доранд, ки онҳо дар фарҳангҳои забонии гуногун коннотатсияҳо пайдо мекунанд. Дигарон чунин мепиндоранд, ки

ҳар як халқ категорияҳо, консептҳои худии дар ягон ҷой такрорнашавандаеро меофарад, ки ин ба ташаккулёбии шуури махсус, фазои консептии низоми дидгоҳи махсус ба ҷаҳон оварда мерасонад. Муаллифони сеюм тарафдори мавқеи фосилавие ҳастанд, ки на мавҷудияти категорияҳои универсалӣ, на махсусро инкор намекунанд. А. Вежбитская дар ин бобат чунин менигорад: «Дар баробари миқдори калони мафҳумҳое, ки барои фарҳанги мазкур дорои хусусиятҳои махсус ҳастанд, инчунин баъзе мафҳумҳои бунёдие вуҷуд доранд, ки бояд дар ҳамаи забонҳои ҷаҳон ба луғатшавӣ дучор гарданд … Низомҳои забонӣ ва фарҳангӣ бисёр вақт аз ҳамдигар фарқ мекунанд, вале умумиятҳои маъноиву луғавие вуҷуд доранд, ки ба заминаи умумии мафҳумҳо, ки забон, тафаккур ва фарҳанг ба он асос меёбанд, ишорат мекунанд…» [3, с.321-322]. Забоншиноси шинохта Апресян низ тарафдори ин нуқтаи назар буда менависад, ки “ тарзи мафҳумсозии ба забон хосбудаи воқеият … қисман универсалӣ ва қисман миллӣ аст, аз ин сабаб ҳомилони забонҳои гуногун ҷаҳонро камтар ба таври гуногун, тавассути дидгоҳи забонҳои худ дида метавонанд « [1, с.39].

Мухтасоти тасвири забонии ҷаҳон дар он аст, ки он аз доираи универсалият берун баромада, унсури «низоми ягонаи мафҳумӣ» нест; он аз ҷузъиёт иборат аст ва аз хусусиятҳои чандинасраи инкишофи фарҳангӣ ва таърихии миллат бармеояд. Ин ҷузъиёт садди роҳи дарк кардани фарҳанги дигар мешавад. Аз ин хотир, дар когнитивистикаи рус ба зарурати фарқ кардани мафҳуми «идрокшавии» тасвири бегонаи забонии ҷаҳон ва «воридшавӣ» ба он мавқеи хосса дорад. Муҳаққиқони ин масъала таъкид мекунанд, ки раванди «вуруд» ба фаҳмиши бегонаи нофаҳмо ҳатман «мутобиққуниро» ба стандартҳои худ ва ҷустучӯи эквивалентҳоро дар тасвири худии забонии ҷаҳон тақозо менамояд, аз ин хотир дар бораи идрокшаванда будани тасвири забонии ҷаҳон сухан рондан одилона мебошад. Дар баробари ин раванди дарккунӣ ташаккул ёфтани шахсияти дуюми забониро талаб мекунад.

Асоси тасвири забонии ҷаҳонро муҳити ҷуғрофии зисти халқ ташкил медиҳад, зеро маҳз вай барои қабули эҳсосии олам ҳамчун замина хизмат мекунад, ба рушдёбии ҳаматарафаи инсон ва қисмати таърихии ӯ таъсир мерасонад. Аз як тараф, ҳамаи халқҳои Замин дар як ҷаҳон зиндагонӣ мекунанд, аммо аз тарафи дигар, ҷаҳон гуногунсурат аст, ва инсон танҳо ҳамон қисми онро тасаввур мекунад, ки бо он сарукор дорад ва қабул мекунад. Маҳз ҳамин қисми ба инсон дар эҳсосоташ додашуда дар забон пурратар равшан мегардад, қисми дигари пинҳонбуда дар забони начандон равшан инъикос меёбад, зеро барои халқ чандон муҳим нест. Чунин тафриқагузорӣ сабаби пайдошавии лакунаҳо, яъне холигии баъзе мафҳуму маъноҳои забон мегардад. «Образи миллии ҷаҳон ғолибияти табиати миллӣ дар фарҳанг мебошад… Забонҳои табиии миллӣ ҳамчун овози табиати маҳаллӣ дар инсон фаҳмида мешаванд. Овозҳои забон бо макони шунавоии табиӣ, ки дар кӯҳ нисбат ба дашту бешазор ба таври дигар садо медиҳад, алоқаи мустақим доранд. Ба мисли он ки бадани намояндагони нажоду халқҳои гуногун ба табиати маҳаллӣ мутобиқ аст, ҳамин тавр овоз ҳам, ки бадани забон аз он таркиб меёбад, бо сохтори Табиати миллӣ ҳамовоз аст» [5, с.431]. Тасвири забонии ҷаҳон ҳамеша хусусияти субъективӣ дорад, он дар раванди қабул, дарккунӣ ва фаҳмиши ҷаҳон дар марҳилаи тафаккури ибтидоӣ, сода ва тоилмии халқияти мушаххас ташаккул меёбад. Кӯдакони наслҳои гуногун, ки ба ҷомеаҳои забонии гуногун мансубанд, дар аввал ҷаҳонро тавассути тафаккури махсуси забонии миллаташон аз нуқтаи назари забони худ идрок мекунанд, ки ин ба ташаккулёбии тасаввуроти бугуни сода дар бораи ҷаҳон, ки ба ҳомилони забони мушаххас хос аст, оварда мерасонад. Тасвири забонии ҷаҳон тасаввуроти бугуни ҷаҳонро инъикос мекунад, ки ҳам донишҳои ибтидоӣ дар бораи ҷаҳон, ҳам дарккунии мантиқӣ, аз ҷумла донишҳои аз мавқеи мантиқ нофаҳмо, ғалатҳо ва хурофотро дар бар мегирад. Тасвири забонии ҷаҳон иваз мегардад, инкишоф меёбад, аз раванди таҳаввулот таҳти таъсири чунин омилҳо, ба монанди шароити ивазшавандаи зиндагонӣ, пайдоиши воқеияти нав мегузарад. Ҳамаи ин омилҳо раванди луғатшавиро аз сар гузаронда, ба манзараи забонии ҷаҳон дохил карда мешаванд. Вале раванди мазкур ҳаргиз яклаҳзавӣ нест, чунки барои тағйирёбӣ шароити зиндагонӣ солҳои зиёд лозиманд.

Муҳаққиқ Корнилов бар он ақида аст, ки ҷаҳони воқеӣ, ки ба инсон тавассути эҳсосҳояш дода шудааст, аз чор ҷузъи шуури забонӣ: сенсориву ресептивӣ, мантиқию мафҳумӣ, эҳсосиву баҳодиҳанда ва арзишиву ахлоқӣ гузашта, ба шикастан оид мегардад [9, 165]; дар баробари ин ҷаҳони мазкур тибқи таърифи Р. Ҷакендофф ба воқеияти инъикосшаванда табдил меёбад, ки, дар навбати худ, наметавонад аз шуури забонӣ вобаста набошад. Схемаи «гузарондан» тавассути тафаккури ҳодисаҳои олами атроф чунин аст: инсон воқеияти мазкурро бо ёрии узвҳои эҳсос тасаввур мекунад (мебинад, мешунавад, ҳис мекунад). Баъдан инсон воқеиятро ба таври мантиқӣ тафаккур карда, ба он номи муайяни луғавӣ медиҳад ва онро бо объектҳои дигари воқеият муқоиса карда, ба гурӯҳи муайяни объектҳои дорои сифатҳои ҳаммонанд нисбат медиҳад. Дар интиҳо объект аз ҷиҳати эҳсосӣ арзёбӣ гардида, дорои баҳои амиқтари арзишӣ мегардад. Дар марҳилаи боз ҳам пешрафтаи ташаккулёбии шуури этникӣ, вақте ки консептҳои асосӣ аллакай ташаккул ёфтаанд, ҷузъҳои дар боло зикршудаи шуур «арсенали тайёри матритсаҳои шахсии мафҳумиро» барои аз нав ташаккул додани иттилоотии воридшаванда истифода мебаранд. Дар зинаи барвақтии ташаккулёбии шуури миллӣ, ҳангоме ки лексикони забон ташаккул дода мешавад, нақши асосиро дар ташаккулёбии консептҳо дастгоҳи мантиқиву мафҳумии шуур мебозад, ки он баъди анҷом ёфтани раванди ибтидоии мафҳумсозии ҷаҳон аҳамияти дуюмдараҷаро касб мекунад.

Минбаъд иттилооти воридшаванда аллакай дар доираи ташаккул ёфтани консепту категорияҳои дастачамъона тафаккур карда мешавад. Ҳамин тариқ, консептҳои барои шуури этникӣ бештар муҳим аз раванди луғатшавӣ гузашта, соҳиби ном дар забон мегарданд. Ба мавҷудияти ду забони на ҳамеша мувофиқаткунанда, вале дар таъсири мутақобила қарордошта – забони фикрронӣ ва забони вербалӣ дар шуури инсон олими машҳур Виготский ишорат кардааст [4]. Ин фикри олимро пайравӣ карда, дигар когнитологи шинохта Жинкин гипотезаро дар шуури инсон мавҷуд будани коди ғайривербалии универсалии ашёӣ пешниҳод кардааст, ки бо ёрии он инсон иттилоотро тафаккур мекунад ва коркард месозад [7, с.26-38]. Коди универсалии ашёӣ тибқи нуқтаиназари муҳаққиқ маҷмӯи «пайҳои» воқеият дар шуур аст. Бо ёрии коди мазкур тафаккуркунии шахсӣ ва ташаккулёбии дохилии нутқ амалӣ мегардад, ки он баъдтар ба нутқи калимавӣ табдил меёбад. Дар баробари ин дар раванди гузаштан ба забони вербалӣ андешаи шахсӣ коста мегардад, зеро ба инсон «мутобиқ намудани» фикри худ ба воситаҳои забон, ғунҷондани он ба чорчӯбаи меъёрҳои забонӣ, вокабуляри он лозим меояд. Аз ин хотир дар зиндагонии ҳамарӯза мо баъзан барои ифода кардани фикри худ азият кашида, калимаҳои даркориро ба зудӣ намеёбем, ки аз ин чунин ифодаҳо ба монанди «Чӣ хел гӯям …», «Намедонам, чӣ тавр дуруст ифода кунам…», «Ман начандон аниқ иброз кардам», «Ман инро дар назар надоштам…» ва ғ. шаҳодат медиҳанд. Муҳаққиқон Горелов ва Седов дар китоби худ «Основы психолингвистики» (Асосҳои забоншиносии равонӣ) менависанд, ки «фикр дар ҳудуди имкониятҳои коди универсалию ашёӣ қарор дошта, дар рафти калимасозии худ ба табдил ёфтан, бо маъноҳои наве, ки дар худ воҳидҳои забони мушаххаси миллӣ доранд, ғанӣ гардидан қодир аст» [6, 75]. Инро фикр дар бораи он, ки фикри баёншуда ба худи ҳамон фикр дар шуури инсон эквивалентӣ мебошад, тасдиқ мекунад. Ҳар як забони мушаххаси этникӣ дар афкор пайи ногусастании худро мемонад, маънои ибтидоиро танг ё васеъ мегардонад. Бо ин кор вай фарқияти баъзе консептҳои дар забонҳои ҷаҳон бударо маънидод мекунад. Вале на ҳамаи муҳаққиқон бо идеяи он, ки дар олам миқдори зиёди тасвирҳои забонии ҷаҳон вуҷуд дорад, розӣ шуда метавонанд, чунки нуқтаҳои назари халқҳои гуногун ба ҷаҳон мувофиқ нестанд; моҳиятан мавҷуд будани худи тасвири забонии ҷаҳон ба зери шубҳа гузошта мешавад. Колшанский чунин менависад, ки «Забон… ягон тасвири ҷаҳонро намеофарад» [8, с.33]. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки ягонагии ҷаҳон бояд … инчунин маънои ягонагии «ифодашавии» онро дошта бошад, аммо тасвири миллии ҷаҳон … ин ҷаҳони ягонаро вайрон мекунад, чунки ҳар як халқ ин ҷаҳонро танҳо тавассути забони худ дида метавонад … Аммо ин феномен дар таърихи инсоният ба қайд гирифта нашудааст ва исботи мантиқии ин сухан фаҳмиши ҳамдигарии халқҳо ва таҷрибаи ягонаи инсоният оид ба аз худкунии ҷаҳони ягона мебошад « [8, с.76].

АДАБИЁТ

1. Апресян Ю.Д. Избранные труды: монография. Т. 1. Лексическая семантика. / Ю.Д. Апресян. - Москва: Школа «Языки русской культуры», 1995.
2. Вайсгербер Г. Родной язык и формирование духа: пер. с нем. 2-е изд., испр. и доп. / Г. Вайсгербер. - М.: Едиториал УРСС, 204. – 232с.
3. Вежбицкая А. Сопоставление культур через посредство лексики и прагматики / А. Вежбицкая – М., 1971. С. 20—21.
4. Выготский Л.С. Психология искусства. / Л.С. Выготский. - Москва: Современный гуманитарный университет, 2001
5. Гачев Г.Д. Национальные образы мира. Общие вопросы (Русский. Болгарский. Киргизский. Грузинский. Армянский) / Г.Д. Гачев. - М.: Советский писатель, 1988. - 448 с.
6. Горелов И.Н., Седов К.Ф. Основы психолингвистики. / И.Н. Горелов, К.Ф. Седов. - М.: Изд-во «Лабиринт», 1997. - 224 с.
7. Жинкин Н.И. О кодовых переходах во внутренней речи // Вопросы языкознания. — 1964. — № 6. — С. 26—38.
8. Колшанский Г.В. Объективная картина мира в познании и языке. / Г.В. Колшанский - М.: Наука, 1990. — 108 с.
9. Корнилов О.А. Языковые картины мира как производные национальных менталитетов / О.А. Корнилов. – М.: 2003. – 349 с.
10. Хайдеггер Р. Онтологическая проблематика языка в современной западной философии. Ч. 1 / Р. Хайдеггер. - М., 1975. -212с.

ВЛИЯНИЕ КОЛЛЕКТИВНОГО ЯЗЫКОВОГО СОЗНАНИЯ НА ФОРМИРОВАНИЕ ОСОБЫХ НАЦИОНАЛЬНЫХ КОНЦЕПЦИЙ В ЯЗЫКОВОЙ КАРТИНЕ МИРА

Статья посвящена анализу влияния коллективного языкового сознания на формирование особых национальных концепций в лингвистическом описании мира и национальных особенностей категории «Вежливость» в лингвистическом мышлении таджикского и английского языков.

Слова, выражающие национальные понятия, широко используются в различных словарях представляемых языков, а также в художественном дискурсе. Изучаются особенности лингвистического описания мира и проблема взаимопонимания представителей разных культурных и языковых сообществ, выявляются его основные черты. были выявлены недопонимания, заблуждения и суеверия. Также было показано, что каждый конкретный этнический язык в мышлении имеет свою непрерывность, сужая или расширяя первоначальное значение.

Ключевые слова: *концепция; одобь; этимология; языковая культура; сознание; лингвистическое описание мира; культурные и языковые общности.*

INFLUENCE OF COLLECTIVE LANGUAGE CONSCIOUSNESS ON FORMATION OF SPECIAL NATIONAL CONCEPTS IN THE LANGUAGE PICTURE OF THE WORLD

The article is devoted to the analysis of the influence of collective language consciousness on the formation of special national concepts in the linguistic description of the world and national peculiarities of the category «Politeness» in the linguistic thinking of the Tajik and English languages.

Words expressing national concepts are widely used in various dictionaries of the languages represented, as well as in artistic discourse. The peculiarities of linguistic description of the world and the problem of mutual understanding between representatives of different cultural and linguistic communities are studied, its main features are identified. misunderstandings, misconceptions and superstitions are revealed. It was also shown that each particular ethnic language in thinking has its own continuity, narrowing or expanding its original meaning.

***Keywords**: concept; politeness; etymology; language culture; consciousness; linguistic description of the world; cultural and linguistic communities.*

Сведения об автора:

***Хушматов Намоз Рахмонович** – соискатель кафедры лингвистика и сопоставительная типологии, Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни; E-mail: namoz@mail.ru*

About the author:

***Khushmatov Namoz Rahmonovich** – applicant of the Department of linguistics and comparative typology, Tajik state pedagogical University named after Sadriddin Aini E-mail: namoz@mail.ru*

УДК: 811.222. +811.111

СЕМАНТИЧЕСКИЙ ДИАПАЗОН ПРЕДТЕРМИНОВ ЭКОНОМИЧЕСКОГО ДИСКУРСА ТАДЖИКСКОГО, АНГЛИЙСКОГО И РУССКОГО ЯЗЫКОВ

Сабирова С.Г.

Филиал Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе

В терминологических исследованиях выделяется ряд требований, которым должен соответствовать термин. В число желательных и фактически несоблюдаемых на данный период требований можно отнести однозначность, точность и краткость. Термины которые представляют собой основной пласт имеют связь с определенным научным понятием, дефиниция отражает системную принадлежность. Критический анализ семантических особенностей доказывает факт организационной сложности экономического дискурса, а также наличия сущностных признаков терминологических языковых единиц. Особое место в терминологическом составе экономического дискурса сопоставляемых языков занимают предтермины, мотивированные терминологические словосочетания с развернутой, реальной семантикой и поликомпонентной структурой. Предтермины позволяют с высокой степенью точности выражать понятия сфер экономики, в структурном плане опорными элементами чаще всего являются существительные. Опорный термин отражает терминологическую принадлежность с учётом специфических системных связей в той или иной экономической терминосистеме.

Предтермин представляет собой поликомпонентное терминологическое сочетание, будучи специальной лексемой предтермин называет новое сформировавшиеся понятие, но не отвечает требованиям, предъявляемым к термину, например, краткость и экспрессивная нейтральность. В ходе анализа лингвистических аспектов теории термина Сложенкина Ю.В. считает, что это единицы «естественного языка, которые не преодолели «порог терминологичности» [11, с. 15]. Предтермин актуализируется как описательный оборот в виде многокомпонентного номинативного словосочетания, репрезентирующее наименование понятия особенностью которого является точность описания его терминологической сущности. В структурную композицию предтермина входят союзы и предлоги. По структурно-грамматическим параметрам предтермин это 1) описательный оборот; 2) сочинительное словосочетание; 3) сочетание состоящее из причастного или деепричастного оборота [3, с. 44 - 45]. Такого рода терминологические словосочетания обозначают сложившиеся понятия, отличаются временным характером, «неустойчивостью формы», невыполнением требования краткости, нормативности и общепринятости [5, с. 16]. Иногда в предтерминах отсутствует нейтральность. В том случае, если предтермин закрепляется в специальной лексике, приобретая устойчивый характер, он становится квазитермином [2].

1) описательный оборот:

андозаи ҳадди аскари кредит барои як қарзгир – maximum loan to one borrower - максимальный размер кредита на одного заемщика;

бозорҳои дохилии қоғазҳои қиматнок - domestic securities market – внутренние рынки ценных бумаг;

идораи агрессивии бонкӣ – agressive bank management – агрессивное банковское управление;

карздории дебиторӣ барои амвол ва хизматрасонӣ – account receivables for good and services – дебиторская задолженность за товары и услуги;

коэффитсиенти бо фоида пӯшонидани харочоти пардохти фоизҳо – times-interest-earned ratio – коэффициент покрытия прибылью расходов на выплату процентов;

маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ - gross domestic product – валовой внутренний продукт;

муайянкунии маъмурии меъёрҳои фоизи – administrative fixing of interest rates – административное установление процентных ставок;

саҳмияи дорои ҳукуқи якчанд овоз – multiple voting share – акция с правом нескольких голосов;

сиёсати пулию кредитӣ ва асъори дохилӣ – domestic monetary policy - внутренняя денежно-кредитая и валютная политика;

тафтиши иҷораномаи молиётии андозсупоранда – audit of the taxpayer´s lease of agreement - проверка договора об аренде налогоплательщика;

таҳқиқи сармояи саҳомӣ – reconciliation of net worth - выверка акционерного капитала;

ӯҳдадориҳои дорои меъёри фоизии собит – fixed-rates liabilities – обязательства с фиксированной процентной ставкой;

ҳадди акалии даромади ғайримолиётӣ – not taxable minimum of income – не облагаемый налогом минимум дохода;

ҳисобгирии худкори амалиёт бо амонатҳои дархостӣ – demand deposit accounting – автоматизированный учёт операций с депозитами до востребования;

ҷараёни умумии амалиёти пул – gross operating cash flow - валовой опреационный денежный поток [6,7,8,9,10].

2) сочинительное словосочетание:

иқтисодиет ва сиёсат – economy and policy - экономика и политика;

даромад ва харочот – income and expenditure – доходы и расходы;

яклухт ва чакана – whalesale and retail - оптом и в розницу;

содирот ва воридот – export and import – экспорт и импорт, вывоз и ввоз;

илтихоб ва рукуд - boom-and-bust – бум с последующей депрессией;

cash-and-carry – продажа за наличный расчет без доставки;

барот ва қарз - bills and credits – вексель и аккредитив;

қарз ва амонат - loan and deposits – кредиты и депозиты;

суръат ва таъҳир - lead and lags – ускорение или задержка платежей для защиты валютного риска или получения прибыли;

фоида ва зиён - loss and gain – прибыли и убытки;

харид ва фуруш - purchaser and sale – купля продажа;

adjustable-rate and variable-rate – регулируемая и переменная ставка;

харидан ва нигоҳ доштан - buy-and-hold - покупать и держать;

фоиз ва андозҳо - interest and taxes - проценты и налоги;

сохибҳои вомбаргҳо ва саҳмияҳо - bondholders and stockholders - держатели облигаций и акций;

таҳвил ва тартиби ҳисоб - delivery and settlement procedures - поставка и процедура расчетов;

нақдина ва ҳамарзишҳои он - cash and equivalents - наличность и ее эквиваленты;

харҷ ва даромад - costs and benefits - издержки и доходы;

намоя ва опсион - index and option - индексов и опционов;

тачдид ва инкишоф - reconstruction and development - реконструкции и развития;

ғаллат ва ихтисорот - errors and omissions - ошибки и пропуски;

сахмоягузорӣ пеш ва баъд аз паҳнкуни - pre and post investment - инвестиции, до и после первичного размещения;

ҷадвали марҳила ва адад - point and figure chart - график пунктов и цифр;

фурӯш ва иҷораи баргашт - sale and lease-back продажа и обратная аренда

амонатгузорӣ ва кредити замонатӣ - savings and loan - сберегательные вклады и ипотечные займы;

созишномаи байни ду давлат, доир ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгири аз саркашӣ аз пардохти андоз ба даромад - convention between two states for the avoidance of double taxation and the prevention of fiscal evasion with respect to taxes and income – соглашение между двумя государствами об избежание двойного налогообложения и недопущения уклонения от уплаты налогов на доход [6,7,8,9,10].

3) сочетания, состоящие из причастного оборота:

активы, не приносящие дохода – nonearning assets – дороиҳои бедаромад (тенденция к употреблению кальки с дополнением компонентов в русском языке);

активы, взвешенные по риску – risk weighed assets – дороиҳои аз рӯи риск андозашуда;

процент, выплачиваемый на средний (минимальный) остаток банковского счета – interest paid on

average (or minimum balance) - фоизе, ки барои бақияи миёнаи суратҳисоби бонкӣ пардохта мешавад;

спрос, чувствительный к банковским ставкам – interest – sensitive –purchase - талаботи ба меъёрҳои бонкӣ ҳассос;

ценные бумаги, купленные по соглашениям об обратной продаже – securities purchased under agreement to resell – коғазҳои қиматноке, ки тибқи созишномаи фуруши баргашт харида шудаанд;

ценные бумаги, обеспеченные ипотекой – mortgage-backed securities – когазҳои қиматноке бо замонат таъмингардида;

финансовые рынки стран с развивающейся экономикой - бозорҳои молиявии кишварҳои рӯ ба тараққӣ - emerging markets (развивающиеся рынки);

суммарные расходы, включающие явные и неявные затраты - all-in cost – харочоти умумӣ, аз ҷумла айён ва ноайён;

частные лица, предоставляющие венчурный капитал – angels – шахсони воқеи, ки сармояи венчуриро пешкаш мекунанд;

модели, устанавливающие цены на опционы, исключающие арбитраж -arbitrage-free option-pricing models – моделҳои нархгузории опсиони, ғайри арбитражӣ;

чеки, ожидающие клиринга - availability float – чеки, ки интизори клиринг ҳаст;

расходы, растущие с увеличением размера инвестиций в текущие активы - cartying costs – афзуншавии хароҷотхо, бо афзоиши хаҷми сармоягузорӣ ба дороихои чорӣ; (текущие расходы);

контракты, предусматривающие наличный расчет - cash settlement contracts - бастани қарордод, бо таъминоти пули нақд;

дисконтная ставка, уравнивающая входящие и исходящие потоки капитала, инвестированного партнерами с ограниченной ответственностью - cost of limited partner capital – меъёри таҳфиф, ки гардиши воридоти ва содиротии сармояро, аз ҷониби шарикони бо масъулияти маҳдуд сармоягузоришуда баробар мекунад; (стоимость капитала партнера с ограниченной ответственностью);

ценные бумаги, являющиеся долговым свидетельством - debt securities - коғазхои қиматноки карзӣ;

доходы, превышающие норму, установленные моделью определения цены активов - excess returns, abnormal returns –аз ҷониби модел даромадҳои изофии муқарраршуда, барои муайянкардани нархгузорӣ (доходы сверх нормы);

ценные бумаги, имеющиеся на рынке для купли-продажи – floating supply - коғазҳои қиматнок дар бозор дастрас барои хариду фуруш;

портфель инвестиций, составляющие которого приобретены за счет заемных средств – портфели сармоягузориҳо, ки ҷӯзҳои он бо маблағҳои қарзи ба даст оварда шудаанд - leveraged investment portfolio;

акции, находящиеся в руках руководства компании/ограниченного числа лиц – саҳмияҳои дар ихтиери роҳбарият буда/ шумораи шахсони маҳдуд- management/closely held shares;

аналитические показатели, характеризующие акции – нишондиҳандаҳои тахлилӣ, ки тавсифкунандаҳои сахмияҳо ҳастанд - multiples - (множители);

акции в обращении, принадлежащие инвесторам – саҳмияҳое, ки дар ихтиери сармоягузорон ҳастанд - outstanding shares;

ценные бумаги подлежащие погашению по условиям соглашения об эмиссии - қоғазҳои қиматнок, ки тибки шартҳои созишномаи интишори бояд бозпардохт карда шаванд - redeemable - (подлежащие погашению);

ценные бумаги, подлежащие возмещению, возврату по условиям соглашения об эмиссии - қоғазҳои қиматнок, ки тибқи шартҳои созишномаи интишори бояд ҷуброн карда шаванд - refundable (подлежащие возмещению) [6,7,8,9,10].

Опираясь на структурные отношения между компонентами предтерминов, которые актуализируются как сложные терминосочетания, практический материал был классифицирован на терминологические описательные обороты, сочинительные сочетания и сочетания с причастным и деепричастным оборотом. Многословные сочетания имеют в своём структуре составе союзы, предлоги или единицы, варьирующиеся в отношении содержания и формы. Среди предтерминов преобладают описательные конструкции и сочетания с причастным или деепричастным оборотом. В терминологических описательных оборотах наблюдается тенденция к употребления калькирования в частности в таджикском экономическом дискурсе с постпозицией и препозицией некоторых компонентов согласно правилам заимствующего языка. В английском языке наблюдается структурная трансформация терминосочетания из многокомпонентного в двухкомпонентное как следствие продуктивного использования в профессионально-коммуникативном пространстве, и переход в другой тип специальных лексем как квазитермин. В целях языковой экономии в сопоставляемых языках многокомпонентный термин используется как аббревиатура вместо прототипа. Терминологические сочетания содержащие причастный и деепричастный оборот предполагают контекстуальную

зависимость, более того в результате калькирования, с целью достижения точности прослеживается тенденция использования дополнительных компонентов в таджикском и русском языках. Незначительное количество терминов подвержены коннотативному сдвигу в результате метонимического переноса. Проанализировав практический материал можно констатировать, что предтермины отражают научный тип мышления, являются знаками фиксации результатов научной деятельности мышления, а также средством познания объективной экономической действительности. В когнитивно-дискурсивном аспекте предтермины фрагментарно отражают реализацию специалистами сферы экономики профессиональных компетенций в знании, умении и владении специальной лексикой и практикой ведения экономических операций.

Квазитермин описательное наименование понятий, не соответствующие лексическим требованиям, образуется от предтермина в результате фиксации в лексикографических источниках и продуктивного функционирования в профессионально-коммуникативном пространстве. По мнению Даньковой Т.Н. «квазитермины это устойчивые составные терминологические наименования» [4, с.29].

Например:

қоғазҳои қиматноки тавакалӣ – aggressive valuable papers - агрессивные ценные бумаги;

меъёрҳои фоизии маъмурӣ - administrative interest rates – административные процентные ставки;

тачаммӯи маблағҳои пулӣ – accumulation of money resources - аккумуляция денежных средств;

лағви қоғазҳои қиматнок - canselation of securities – аннулирование ценной бумаги;

тавозуни гардиши сармоя ва қарз – balance of movement of capitals and credits - баланс движения капиталов и кредитов;

тавозуни маблағхои гардон - balance of turnaround means – баланс оборотных средств;

ҳисобу китоби ғайринақдӣ –clearing settlements – безналичные расчёты;

вомбарги бемуҳлати давлатӣ – irredeemable bond - бессрочная государственная облигация;

буҷети машғулияти пурра - budget of complete employment – бюджет полной занятости;

қарзи дохилии давлатӣ – internal state duty - внутренний государственный долг [6,7,8,9,10].

Представленные поликомпонентные сочетания перешли порог терминологичности трансформировались в квазитермины, закрепились в терминосистемах экономического дискурса и приобрели устойчивый характер. В сущности, квазитермины являются структурной разновидностью термина с четкими синтагматическими связями и атрибутивными отношениями. В экономическом дискурсе сопоставляемых языков поликомпонентность терминологических сочетаний широко распространённое словообразовательное явление. Мы считаем поликомонентность существенным фактором, позволяющий с высокой степенью точности выражать понятия отраслевых терминосистем, отраслевые терминосистемы имеют полевую организацию, каждая терминоситема устроена по ядерно-периферийному принципу. Ядерными элементами квазитермина являются существительные, представляющие собой опорные идентификаторы, дифференцирующие одну терминосистему экономики от другой. Опорный идентификатор отраслевой терминосистемы является стержневым термином, который формирует квазитермины.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / М.: Советская энциклопедия, 1966. 607 с.
2. Гринёв С.В. Введение в терминоведение. — М.: Московский Лицей, 1993. -309 с.
3. Гринев-Гриневич С.В. Терминоведение: учебное пособие для студентов высших учебных заведений. М.: Академия, 2008. 304 с.
4. Данькова Т.Н. Русская терминология растениеводства: история становления и современное состояние, автореф. дисс. на соиск. уч. степени доктора филолог. наук: спец. 10.02.01 «русский язык» / Татьяна Николаевна Данькова. – М., 2010. – 39 с.
5. Морозова Л.А. Терминознание: основы и методы / Л.А. Морозова. – М.: Прометей, 2004. – 143 с.
6. Ойахмадов М., Рахимов Ш., Разхматова Г. Современные международные банковские термины: русский – английский - таджикский Душанбе 1999 645 с.
7. Пиров Т., Хончонов А., Султон М. Х. Финансово-банковский словарь - Душанбе Эр – граф, 2008. 572 с.
8. Раджабов С.Х., Талбаков И.Н., Гулов С.Г., Саидмурадов Л.Х., Аъзамов К., Расулова Г., Шералиева Д. Глоссарий экономической, финансовой и бюджетной терминологии в законодательстве Республики Таджикистан. - Душанбе НАМО, 2014. 190 с.
9. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцевой Е.Б. Современный экономический словарь 6-е изд.М.: ИНФРА-М, 2017. – 743 С.
10. Рахимов О.Н., Зиёев С.С., Сохибназаров Г., Х. Фарҳанги истилоҳоти назарияи иктисодӣ (тарҷума ва тафсир). - Душанбе Эр – граф, 2014. 272 сах.

11. Сложеникина Ю.В. Основы терминологии: Лингвистические аспекты теории термина / Ю.В. Сложеникина. – М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2013. – 120 с.

СЕМАНТИЧЕСКИЙ ДИАПАЗОН ПРЕДТЕРМИНОВ ЭКОНОМИЧЕСКОГО ДИСКУРСА ТАДЖИКСКОГО, АНГЛИЙСКОГО И РУССКОГО ЯЗЫКОВ

В данной статье предпринята попытка анализа и описания семантического диапазона предтерминов экономического дискурса таджикского, английского и русского языков. Критический анализ семантических особенностей доказывает факт организационной сложности экономического дискурса, а также наличия сущностных признаков терминологических языковых единиц. Особое место в терминологическом составе экономического дискурса сопоставляемых языков занимают предтермины, мотивированные терминологические словосочетания с развернутой, реальной семантикой и поликомпонентной структурой. Предтермины позволяют с высокой степенью точности выражать понятия сфер экономики, в структурном плане опорными элементами чаще всего являются существительные. Предтермин актуализируется как описательный оборот в виде многокомпонентного номинативного словосочетания, репрезентирующее наименование понятия особенностью которого является точность описания его терминологической сущности. В когнитивно-дискурсивном аспекте предтермины фрагментарно отражают реализацию специалистами сферы экономики профессиональных компетенций в знании, умении и владении специальной лексикой и практикой ведения экономических операций. В статье проанализированы квазитермины. В экономическом дискурсе сопоставляемых языков поликомпонентность терминологических сочетаний широко распространённое словообразовательное явление. Ядерными элементами квазитермина являются существительные, представляющие собой опорные идентификаторы, дифференцирующие одну терминосистему экономики от другой. Опорный идентификатор отраслевой терминосистемы является стержневым термином, который формирует квазитермины.

Ключевые слова: экономический дискурс, предтермин, квазитермин, краткость, системная принадлежность, научное понятие, точность, системность, структура, семантика, терминосочетание, трансформация, сегмент, профессиональная коммуникация, атрибутивные отношения.

SEMANTIC RANGE OF PRE-TERMS OF TAJIK, ENGLISH AND RUSSIAN ECONOMIC DISCOURSE

This article attempts to analyze and describe the semantic range of pre-terms of economic discourse in the Tajik, English and Russian languages. A critical analysis of the semantic features proves the fact of the organizational complexity of economic discourse, as well as the presence of essential features of terminological linguistic units. A special place in the terminological composition of the economic discourse of the compared languages is occupied by pre-terms, motivated terminological phrases with an expanded, real semantics and a multicomponent structure. Preterms allow expressing the concepts of economic spheres with a high degree of accuracy; structurally, nouns are most often the supporting elements. The pre-term is actualized as a descriptive turnover in the form of a multicomponent nominative phrase, representing the name of the concept, a feature of which is the accuracy of describing its terminological essence. In the cognitive-discursive aspect, the pre-terms fragmentarily reflect the implementation of professional competencies by specialists in the sphere of economics in knowledge, ability and possession of special vocabulary and the practice of conducting economic transactions. The article analyzes quasi-terms. In the economic discourse of the languages being compared, the polycomponent of terminological combinations is a widespread word-formation phenomenon. The core elements of a quasi-term are nouns, which are reference identifiers that differentiate one term system of the economy from another. The industry terminology reference identifier is the pivotal term that forms quasi-terms.

Key words: *economic discourse, pre-term, quasi-term, brevity, system affiliation, scientific concept, accuracy, consistency, structure, semantics, term combination, transformation, segment, professional communication, attributive relations.*

Сведения об авторе:

Сабирова Сановбар Ганиевна*, кандидат филологических наук, Филиал МГУ имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе, и. о. доцента кафедры «Лингвистика». Тел.: 935823202; E-mail: ssanovbar@mail.ru*

About the author:

Sabirova Sanovbar Ganievna *- Lomonosov Moscow State University in Dushanbe PhD (Philology Science), assistant professor of Linguistics Department.* ***Address:*** *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Bohtar 35/1. E-mail: ssanovbar@mail.ru*

УДК 81.44

НАЗАРИ АҲЛИ ТАҲҚИҚ РОҶЕЪ БА ТАҲВИЛҲОИ ТАРҶУМА

Мақсудов У. О.
Маркази илмии Хуҷанди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

«... Ман ғоя, сохтор, мазмун ва мундариҷаро ҳифз кардам ... Ман ниёз ба тарҷумаи таҳтуллафзӣ надорам, балки танҳо мазмуну мӯҳтаво ва таъсиру иқтидори вожаҳои алоҳидаро дар тарҷума такрор кардам ва гумон доштам, ки хонанда муодилнокиро на аз рӯи натиҷа, балки нуфузи он талаб мекунад».
Ситсерон

Таҳқиқи таҳвилҳои тарҷума аз ҷониби Л.С. Бархударов, В.Т. Гак, О.Каде, В.Н. Комиссаров, Л.К. Латишев, Я.И. Ретскер ва А.Швейтсер таҳқиқу баррасӣ ёфта, навъҳои таҳвили тарҷума (минбаъд ТТ)-ро гурӯҳбандӣ шудаанд.

Новобаста аз фаровонии адабиёти соҳавӣ дар байни олимону муҳаққиқон таърифи ягонаи ТТ ба назар намерасад. Аксари таърифот моҳияти аслии ТТ-ро ба таври васеъ тавзеҳ надодаанд. Масалан, дар осори илмии В.Н.Комиссаров, Я.И.Ретскер ва Г.М.Стрелковский мафҳуми «таҳвили тарҷума» бидуни таъриф истифода шудааст.

Корбурди усулҳои тарҷумаро олимони соҳа ба ду навъ ҷудо намудаанд. Масалан, дар пайравӣ ба таълимоти Отто Каде, Л.К. Латишев усулҳои тарҷумаро ба ду гурӯҳ тақсим кардааст: а) иваз/табдил; б) тағйир/таҳвил [26, 95]. Ин таснифот имкон медиҳад, ки ҳар навъи тарҷумае, ки ба гурӯҳи «табдил ё ивази тарҷума» ворид намешавад, таҳвил ё тағйири тарҷума номида шавад.

Маҳз чунин муносибат боиси омӯзиш ва таҳлили мо қарор гирифт.

Интиқол бо роҳи ҷойивазкунӣ чун нишонаи муодилнокии сохтор ва мундариҷаи асл ва тарҷума маҳсуб мегардад.

Истифодаи ТТ ба ҳеҷ ваҷҳ раванди механикӣ набуда, балки маҳорати эҷодӣ талаб мекунад. Ин усули тарҷума ҷиҳати ҳалли масъалаҳои муодилнокии матни асл ва тарҷума исфтифода мешавад. Аз ин рӯ, таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои корбурди ТТ дар назария ва амалияи тарҷума амри таъҷилист.

Мафҳуми «таҳвил» (трансформация) ба туфайли таҳқиқоти Н.Хомский васеъ муаррифӣ шудааст. Маънои луғавии таҳвил - дар раванди тарҷума тағйир додани забон, мавзӯъ ва шеваи баён буда, бо мақсади тарҷумаи муодилнок татбиқ мешавад [29, 195].

Истилоҳи «таҳвили тарҷума» аз ҷониби Бархударов (1975), Комиссаров (1973, 1990, 2000), Швейтсер (1973), Гак (1975, 1978, 1988), Латишев (1981, 1983, 1986, 2001), Львовская (1985), Миняр-Белоручев (1980, 1996), Ретскер (1974) ва дигарон васеъ истифода шуда, аммо дар таълимоти эшон таърифи ягонаи ТТ ба чашм намерасад.

Масалан, Л.С. Бархударов ба хулосае расидааст, ки ТТ - тағйироти бешумор ва сифатан гуногун буда, бо вуҷуди ихтилофи низомҳои сохторӣ ва маъноии ду забон, тарҷума бояд муодилнок анҷом ёбад [5, 190].

А.Д. Швейтсер навиштааст, ки истилоҳи «таҳвил» дар тарҷума бештар ба маънои маҷозӣ истифода мешавад. Ҳамзамон, мавсуф таъкид намудааст, ки сухан на фақат дар мавриди робитаи луғавии ифодаҳои аслӣ ва ниҳоӣ меравад, балки доир ба ивази шеваи баён низ ҳаст ...» [33, 118].

Бояд тазаккур дод, ки Р.К. Миняр-Белоручев тарҷумаро интиқоли маълумот ба сӯи хонанда шуморида, таъкид намудааст, ки «иттилоъ метавонад ба хонанда таъсири эстетикӣ расонад» [28, 4], он гоҳ ӯ моҳияти таҳвилро дар тағйири унсурҳои сохторӣ ва маъноӣ дарк мекунад [28, 201].

В.Н. Комиссаров қайд кардааст, ки ТТ - тағйироте мебошад, ки корбурди он мазмун ва мӯҳтавои воҳидҳои аслро дар тарҷума мунъакис мекунад. Агар ТТ бо воҳидҳои луғавии нақши мундариҷа ва ифода якҷоя ояд, пас он хусусияти сохторӣ ва маъноӣ пайдо намуда, сохтор ва мундариҷаи воҳидҳои аслро тағйир медиҳад» 22, 172].

Аз таърифҳои олимон маълум мегардад, ки мафҳуми «таҳвили тарҷума» бо тарзҳои гуногун тавзеҳ ёфтааст. Аммо аксари муҳаққиқон, аз ҷумла Л. Бархударов, В.Н. Комиссаров ва дигарон мафҳуми «таҳвили тарҷума»-ро ба ҳайси робитаҳои матни асл ва тарҷума арзёбӣ намуда, тафовути байнизабонӣ ва ҳадафи матни аслиро ҷиҳати муодилнокӣ бо матни тарҷума таҳқиқ кардаанд.

Дар мавриди таснифоти ТТ олимон фарзияву намунаҳои хешро пешниҳод намудаанд. Масалан, таснифоти таҳвилҳои тарҷумаи В.Н. Комисаров ва Л. Бархударов ба таври зерин мебошад:

Ҷадвали 1.1

В.Н. Комиссаров	Л.С. Бархударов
1. Транскрипсия	
2. Транслитератсия	
3. Калка	
4. Ҷойивазкунии луғавӣ-маъноӣ:	1. Ҷойивазкунии лексикӣ:
Мушаххасгардонӣ (конкретизация)	Мушаххасгардонӣ (конкретизация)

Умумигардонӣ (генерализация)	Умумигардонӣ (генерализация)
Тағйири тадричӣ (модуляция)	Ҷойивазкунии натиҷа бо сабаб ё баръакс
5. Таҳвилҳои грамматикӣ: таҳвили синтаксикӣ: ташбеҳи синтаксисӣ; (тарҷумаи таҳтуллафзӣ) ҷойивазкунии грамматикӣ	

Мувофиқи таснифоти В.Н. Комиссаров ва Л. Бархударов метавон ба натиҷае расид, ки низомҳо гуногун мебошанд. Зеро, В.Н. Комиссаров ТТ-ро ба навъҳои луғавӣ, грамматикӣ ва луғавӣ-грамматикӣ ҷудо намуда [22], Л. Бархударов бештар ивазкунӣ, илова, ҳазф ва тағйирдиҳиро роҳандозӣ намудааст [5].

Таҳвили модулятсия ё инкишофи маъноӣ, ҳангоми тарҷумаи калима истифода шуда, ифодагари рушди мантиқии маънои калима ва ҷойивазкунӣ мебошад.

Ҳамзамон, дар раванди тарҷума бештар таҳвили грамматикӣ истифода шуда, аз ҷумла ҷойивазкунии морфологӣ аз маъмултарин усул ба ҳисоб меравад.

Ҳини корбурди таҳвили грамматикӣ сохтори маъно тағйир ёфта, маҷмӯи семаҳое, ки маънои онро ташкил медиҳанд, бетағйир боқӣ мемонанд. Сабаби асосии он, аллоформӣ будани сохторҳои грамматикии забони асл ва тарҷума мебошад. Моҳияти чунин падидаҳои луғавӣ дар таҳлили синтаксисӣ бештар зоҳир шуда, бештар ҳангоми қиёс ва муқобалаи омилҳои функсионалӣ равшан мегардад [13, 121].

Ивазкунии грамматикӣ. Ҳангоми корбурди ин усул, воҳиди грамматикии матни асл дар тарҷума маънои нави грамматикӣ касб мекунад. Таҳвилҳои синтаксисӣ дар дохили ҷумла бештар бо гуногуншаклӣ мунъакис мегарданд.

Муқоисаи таҳвилҳои тарҷума

Ҷадвали 1.2.

В.Н. Комиссаров	**Л.С. Бархударов**
- ҷойивазкунии сохтори калима	Ҷойивазкунии сохтори калима
- ҷойивазкунии ҳиссаҳои нутқ	Ҷойивазкунии ҳиссаҳои нутқ
- ҷойивазкунии аъзоҳои ҷумла	Ҷойивазкунии аъзоҳои ҷумла
- ҷойивазкунии навъи ҷумла: ба ҷумлаҳои алоҳида ҷудо кардан; якҷоя сохтани ҷумлаҳо.	Ҷойивазкунии синтаксикӣ дар ҷумлаҳои мураккаб (муттаҳид ва ҷудо кардани ҷумлаҳо)
6. Таҳвили луғавӣ-грамматикӣ: тарҷумаи тазодӣ (антономический перевод)	Тарҷумаи тазодӣ
Тавсифӣ (экспликация)	
Ҷуброни мазмун (компенсация)	Ҷуброни мазмун (компенсация)
7. Усулҳои техникии тарҷума: - ҷойиваз кардан; - ҳазф кардан; - илова кардан.	2. тағйири ҷойи калимаҳо; 3. илова кардан; 4. ҳазф кардан.

Я.И. Ретскер таснифи ТТ-ро чунин пешниҳод намудааст: [30, 38-90]:

Ҷадвали 1.2.

Таҳвилҳои луғавӣ:	**Таҳвилҳои грамматикӣ**
- тафриқаи маъно	- тағйири сохтори ҷумла
- мушаххасгардонии маъно	- тағйири тартиби калимаҳо
- умумигардонии маъно	- ивази ҳиссаҳои нутқ ва аъзоҳои ҷумла
- такомули мазмун	- илова кардан (калима ё ибора)
- тағйири кулл	- ҳазф кардан (калима ё ибора)
- ҷуброни мазмун	
- илова кардан (калима ё ибора)	

Дар таҳияи типологияи ТТ ва рушди он олими рус Латишев Л.К. саҳми арзанда гузошта, таъкид намудааст, ки таҳвил - усули тарҷума буда, ҳадафаш мувофиқати сохтор ва мундариҷаи матнҳои асл ва тарҷума мебошад [26, 14].

Дар баробари ин, бояд тазаккур дод, ки Латишев Л.К. на фақат ба масъалаи вижагиҳои ТТ дахолат намудааст, балки бори нахуст мафҳуми «таҳвили омехта»-ро ҷорӣ карда, ҳамзамон аз таҳвилҳои луғавӣ-синтаксисӣ, синтаксисӣ-морфологӣ ёдовар шудааст [25, 135]. Ба назари мо, таснифи Латишев Л.К. бештар ҳамаҷониба мебошад.

Таснифоти ТТ олимони дигар:

Ҷадвали 1.3.

Фитерман А.М. ва Левитская Т.Р.	**А.Д. Швейтсер**
Таҳвилҳои грамматикӣ: - ҷойивазкунӣ;	Таҳвилҳои сатҳи унсури валентнокии маъноӣ: - иваз кардани воситаҳои морфологӣ бо воҳидҳои

- ҳазф кардан; - иваз кардан (ҷумлаҳо).	синтаксикӣ ва фразеологӣ.
Таҳвилҳои услубӣ: - иваз кардани муродифот; - тарҷумаи тавсифӣ; - ҷуброни мазмун.	Таҳвилҳои прагматикӣ: - мазмунсозӣ; - ивази ин ё он воситаҳои услубӣ; - ивази реалияҳо; - тарҷумаи тавсифӣ.
Таҳвилҳои луғавӣ: - иваз кардан (калима ё ибора); - илова вардан (калима ё ибора); - мушаххасгардонӣ; - умумигардонӣ; - ҳазф кардан (калима ё ибора).	Таҳвилҳои нисбӣ: - мушаххасгардонӣ (таҳвили гопонимикӣ); - умумигардонӣ (таҳвили гиперонимикӣ); - ивази реалияҳо (таҳвили интергопонимикӣ); - тарҷума бо роҳи ифодаи маҷозии дубора (таҳвили маҷози мурсал); - таҳвили киноявӣ; - ивази як маҷоз бо дигар; - ивази як маҷоз бо муқобили он; - таҳвили конверсивӣ.
А.Б. Шевнин	
Таҳвили луғавӣ: - мазмунсозӣ; - тарҷумаи муқобил; - конкретизатсия; - ивази натиҷа бо сабаб; - умумигардонӣ.	
Таҳвили грамматикӣ; - ҳазф кардан (калима ё ибора); - ҷойивазкунӣ (калима ё ибора); - илова кардан (калима ё ибора); - транспозитсия.	Таҳвилҳои услубӣ: - мӯҷазбаёнӣ; - эллипсис; - ваҳдати маъно; - ҳазфи унсурҳои изофагӣ; - ихтисоршавии луғавӣ; - тафсилбаёнӣ;
Латишев Л.К.	**Шетенкин В.Е.**
Таҳвилҳои луғавӣ: - ивази лексемаҳо бо муродифоти фаннӣ	Таҳвилҳои луғавӣ: - конкретизатсия; - тарҷумаи муқобил; - амплификатсия; - умумигардонӣ; - мувофиқати маъно; - мутобиқгардонӣ; - ҷуброни мазмун; - тарҷумаи тавсифӣ (экспликатсия)
Таҳвилҳои услубӣ: - таҳвили тобишҳои услубии калима	Таҳвилҳои услубӣ: - модулятсия
Таҳвилҳои морфологӣ: - тағйири як ҳиссаи нутқ бо дигар ё ивази он бо чандин ҳиссаҳо	Таҳвилҳои грамматикӣ: - ҷойивазкунӣ; - ҳазф кардан (калима ё ибора); - иваз кардан (калима ё ибора); - илова кардан (калима ё ибора).
Таҳвили синтаксисӣ: - таҳвили синтаксисии калима, ибора ё ҷумлаҳо; - тағйири ҷумлаи пайрав; - тағйири алоқаи синтаксисӣ; - ивази ҷумла бо ибора ва ҷойивазкунии аъзоҳои пайрав дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва пайваст.	
Таҳвилҳои маъноӣ ё такомули мазмун	
Таҳвили омехта: - таҳвили конверсивӣ; - тарҷумаи муқобил.	

Ҳангоми набуди муодил, таҳлили муқоисавии ду забон ҷиҳати ошкори муодилҳои нав, мусоидат мекунад. Албатта дар чунин ҳолатҳо тарҷума тибқи муодилҳои байнизабонӣ ғайриимкон аст.

Ҳамзамон, мувофиқи таълимоти муҳаққиқони рус, дар баъзе ҳолот бидуни дахолати тарҷумон матни тарҷума бо асл баробар намегардад. Дар ин мавриd, чунин нобаробарии тарҷумаро метавон бо усулҳои ТТ ислоҳ намуд. Аз ин рӯ, омӯзиши интиқоли луғатҳои бемуодил дар партави таълимоти олимони

хоричӣ, амри саривақтӣ аст. Л.К. Латишев ибора ва луғатҳои номбурдаро таҳвили назарфиреб номидааст [25, 187-188].

ТТ - як навъи усули мураккаби тарҷума ба ҳисоб рафта, дар сурати нобаробарии муодилҳои байнизабонӣ, ифодаи сохтору мундариҷа ва дарёфти муодилҳои байнизабонӣ бо мақсади таъсири коммуникативӣ ва лингвоэтникӣ расонидан, истифода мешаванд.

Таҳвили синтаксисӣ ҳангоми тарҷума ба тағйироти сохтор ва мундариҷа алоқаманд набуда, вазифаи синтаксисии калима ва ибораҳоро тағйир медиҳад ва ибораҳои ба ҳам муодилро бо аъзоҳои мухталифи ҷумла муаррифӣ мекунад.

Таҳвилҳои синтаксисӣ ва морфологӣ бештар якҷоя истифода мешаванд.

Дар раванди тарҷума ин тағйироти синтаксисӣ-морфологӣ бештар якҷоя ба чашм мерасанд. Зеро, ивази сохти категориявии аъзои ҷумлаи асл, омили тағйирёбии вазифаи синтаксисии он мегардад.

Чунин вижагиҳои луғавию маъноӣ тарҷумонро водор месозанд, ки ӯ усулҳои таҳвили тарҷумаро истифода намояд. Зеро, вазифаи он ифодаи дубораи сохтор ва мундариҷаи асл буда, тавассути воҳидҳои системаи луғавии забони тарҷума маънидод мегардад.

Усули умумигардонӣ (генерализация) - иваз намудани воҳидҳои забони асл буда, бо вожаи мазмунан умумӣ маънидод мешавад. Корбурди усули номбурда дар ҳолатҳои набуди мафҳумҳои шабеҳ ва муодил ба амал меояд.

Усули мушаххасгардонӣ (конкретизатсия) бештар бар акси усули умумигардонӣ истифода мешавад. Ҳадафи он, ивази калимаи маънояш васеъ бо вожаи маънояш маҳдуд аст.

Албатта дар раванди тарҷума сабки забони асл низ нақши муҳим бозида, сифати тарҷума аз он вобаста аст. Моҳияти таҳвили услубӣ аз ивази тобиши услубӣ, обуранги услубӣ ва унсурҳои мувофиқи матни тарҷума иборат аст.

А.Д. Швейтсер таъкид мекунад, ки истилоҳи «антоним» ду маъноро ифода мекунад: а) калимаҳое, ки аз лиҳози маъно дорои нишонаи сифат буда, мувофиқи мазмун ба ҳам муқобил гузошта мешаванд (чунин мафҳум бештар дар истилоҳи «тарҷумаи муқобил» таҷассум мегардад); б) калимаҳое, ки чун амалиёт ба ҳам муқобил гузошта шудаанд (яъне тарҷумаи конверсивӣ) [33, 140].

Таҳвили конверсивӣ ибораи аслро тағйир дода, дар натиҷа ибораи нав ҳосил мекунад, ки он муодили асл аст. Ҳангоми корбурди таҳвили конверсивӣ бештар амалҳои бисёрҷониба ба ҳам муқобил гузошта мешаванд.

Бо ёрии таҳвили конверсивӣ ибораи асл тағйир ёфта, дар натиҷа ибораи нав ҳосил мегардад ва муодили асл мешавад. Ҳангоми корбурди таҳвили конверсивӣ бештар амалҳои гуногун ба ҳам муқобил гузошта мешаванд.

Баъзан, бо сабабҳои гуногун тарҷумон ичборан аз усули тарҷумаи маҷозӣ даст кашида, бо санъатҳои тасвирӣ (бидуни санъатҳои бадеӣ), кушоду равшан баён мекунад.

Тарҷумаи тазодӣ дар ҳоле рӯй медиҳад, ки ҷумлаи ҳикоягӣ бо инкорӣ ё баръакс иваз мегардад. Яъне, воҳиди асл дар матни тарҷума бо воҳиди муқобил иваз мешавад. Ҳамчунин, дар корбурди тарҷумаи тазодӣ, воҳиди асл на танҳо бо воҳиди муқобилмаънои матни тарҷума, балки бо калима ва таркибҳои дигари зидмаъно низ иваз мегардад [23, 165].

Дар канори ин, А.И. Горохова усулҳои дигарро тавзеҳ медиҳад, ки мутаассифона дар ҳолатҳои лозимӣ истифодаи маҳдуд доранд. Масалан, яке аз чунин усулҳои тарҷума - методи импликатсия буда, он аз таҳвилҳои маҷозӣ ва фразеологӣ иборат аст.

Импликатсия аз вожаи лотинии «implico - зич мепайвандам» гирифта шуда, ба ақидаи А.Д. Швейтсер «ғоя дар бораи дарки унсурҳои маъноӣ» ё «ифодаи норавшани нуткӣ» мебошад [32, 271].

Дар таҳвили маҷозӣ санъати маҷоз истифода шуда, ивази як маҷоз бо дигарро реметафоризатсия ё ифодаи кушоду равшани маънои маҷозиро деметафоризатсия меноманд [33, 136-137].

Таҳвили фразеологӣ - истифодаи ибора ё воҳидҳои фразеологӣ ва вайроншавии таркиби ибораҳои рехта (дефразеологизация) мебошад [33, 137]. Ибораҳои рехтаи англисӣ аз тоҷикӣ бо он фарқ мекунанд, ки бештар бо забони адабӣ-бадеӣ маънидод шуда, ҳамзамон ибораҳои рехтаи тоҷикӣ бештар бо шеваи гуфтугӯӣ ифода меёбанд.

Ибораҳои фразеологӣ, зоҳиран дар нутқи гуфтугӯӣ омада, бинобар ин ҳангоми тарҷума истифодаи таҳвили фразеологӣ на он қадар қобили қабул аст. Ҳифзи сохтор ва таркиби воҳидҳои фразеологӣ ҳангоми тарҷума на ҳамеша кори саҳл аст.

Тарҷумаи бадеӣ - интиқоли мундариҷаи асари бадеӣ буда, вазифаи он ба хонанда таъсири эстетикӣ бахшидан аст. Онро бештар аз нуқтаи назари адабиётшиносӣ ва забоншиносӣ арзёбӣ мекунанд. Аз лиҳози забоншиносӣ, бештар таркибҳо синтаксисӣ, калима, ибора ва ҷумлаҳоро меомӯзанд.

Мафҳумҳои мутобиқатнокӣ ва муодилнокӣ аз омилҳои муҳими тарҷумашиносӣ ба ҳисоб рафта, таваҷҷӯҳи муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷиро ба худ ҷалб намудааст. Вожаи «мутобиқатнокӣ» шабоҳати мутлақи мундариҷаи асл бо тарҷума буда, муодилнокӣ - баробарии воҳидҳои луғавии ду забон мебошад.

Тарҷумаи осори манзум низ як навъи фаъолиятест, ки дар он бештар корбурди тарҷумаи озод ба назар расида, дар такя ба мӯҳтавои асл сурат мегирад.

Ҳангоми тарҷумаи шеър, тарҷумон низ бояд шоирона нақш бозида, ғояҳои аслии шоирро бидуни коҳиш интиқол дода, аз ҷумла вазн, қофия, радиф ва сабки шоиронаро аз рӯи имкон нигаҳ дорад.

Модом ки сохтори грамматикӣ, луғавӣ ва унсурҳои луғавии забонҳо гуногун аст, бинобар ин ҷиҳати найл ба натиҷаи мувофиқ, ТТ-ро ҷиҳати интиқоли мутлақи прагматикии матни асл аз рӯи меъёрҳои забони тарҷума, роҳандозӣ мекунанд.

Тибқи иттилои муҳаққиқони соҳа навъҳои таҳвили луғавӣ-маъноӣ (модулятсия, мушаххасгардонӣ, умумигардонӣ, эҷоз, вусъати луғавӣ ва услубӣ), таҳвили грамматикӣ (ҷойивазкунӣ, ба ҷумлаҳои хурд ҷудо намудани ҷумлаҳои мураккаб ё баръакс, омезиши ҷумлаҳо), таҳвили луғавӣ-грамматикӣ (тарҷумаи муқобил, тавсифӣ (экспликатсия), таҳвили конверсивӣ), импликатсия, таҳвили маҷозӣ ва фразеологӣ, мавриди истифода қарор мегирад.

Дар раванди тарҷумаи матнҳои бадеӣ интиқоли вижагиҳои бадеӣ-эстетикӣ ва услубӣ амри муҳим аст. Ҳадафи асосии ҳар гуна асари бадеӣ доштани нуфузи эстетикӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ мебошад. Чунин вижагии эстетикӣ услуби бадеиро аз дигар навъҳои муошират нутқӣ фарқ мекунад.

Фарқи тарҷумаи бадеӣ аз дигар тарҷумаҳо дар он зоҳир мегардад, ки он дорои вижагиҳои бадеӣ мебошад. Ба таъбири дигар, тарҷумаи бадеӣ як навъи фаъолияти эҷодӣ буда, ҳадафаш ба хонанда таъсири бадеӣ ва эстетикӣ расонидан аст. Азбаски тарҷумаи бадеӣ бештар дар ҳоли тағйирёбӣ аст, аз нигоҳи вижагиҳои бадеӣ нопурра буда, аз мундариҷаи асл дур мебошад. Ин ду омил бештар дар таълимоти забоншиносон ва адабиётшиносон инъикос гаштааст.

Тибқи таълимоти Фёдоров (2002), Найда (1991), Тейбер (1969), Ретскер (1974) тарҷума омили луғавии сохтори нусхаи аслро дубора эҷод мекунад.

Дар ҳолате, ки таркиби синтаксисии асл дар тарҷума бо ҳамон унсурҳои забонӣ интиқол ёбад, пас онро бо роҳи калка ва бидуни корбурди санъатҳои бадеӣ метавон ифода намуд.

Аммо мувофиқати воситаҳои синтаксисии забонҳои асл ва тарҷума кам ба назар мерасад. Зеро, ҳангоми корбурди калка ин ё он меъёрҳои синтаксисӣ коҳиш меёбанд. Дар чунин ҳолатҳо байни сохтор ва мундариҷа нобаробарӣ ба назар расида, аммо тарзи ифодаи он барои хонандаи тарҷума муғлақ мегардад.

Тарҷумаи таҳтуллафзии дақиқ на ҳамеша таъсири эстетикии матни аслро такрор мекунад, аз ин рӯ усули калка бештар бо тарҷумаи бадеӣ муқобил аст.

Гачечиладзе (1980) ва Чуковский (1964) тарҷумаи бадеиро як навъ санъати калимасозӣ номида, бештар аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзёбӣ намудаанд.

Бинобар ин, ба андешаи Комиссаров, Гачечиладзе, Брус, Бархударов, Швейтсер, Ретскер, Латишев ва дигарон тарҷумаи дақиқ метавонад дар муқоиса бо нусхаи асл дорои тағйироти шартӣ ва муҳим бошад, зеро ҳадафаш интиқоли яксони сохтор ва мундариҷа буда, аммо айнияти тарҷума аз ҳаҷми тағйирот вобаста аст ва маҳз чунин омил тарҷумаи мувофиқро тақозо мекунад.

Тарҷумаи мувофиқ ва муодилнок ду навъи ифода ба ҳисоб рафта, ҳадафи аслии онҳо таъсири шабеҳи бадеӣ-эстетикии матни асл мебошад.

Тарҷумаи мутобиқ усулест, ки вазифаҳои прагматикии рисолати тарҷумонро дар сатҳи босифати муодилнок бидуни коҳиши меъёр ва муқаррарот (узус)-и забони тарҷума, ҳамзамон риояи талаботи жанрӣ ва услубии матнҳои муқоисашаванда ва меъёрҳои тарҷумаи амалиро таъмин мекунад [51].

Муодилнокии байнизабонӣ яке аз мафҳумҳои асосӣ ва мураккаби назарияи тарҷума мебошад. Маҳз дараҷаи баробарии матнҳои асл ва тарҷума имкон медиҳад, ки ҳамоҳангии онро муҳокима намоем. Масъалаи муодилнокии матни асл ва тарҷума ҳанӯз дар замонҳои пеш рӯи кор омадааст.

Дар илми тарҷумашиносӣ ҳоло таърифи возеҳи муодилнокӣ ба назар намерасад. Профессори ДДМ ба номи М.В.Ломоносов О.С. Ахманова таъкид мекунад, ки воҳиди нутқие, ки аз рӯи вазифа бо воҳиди дигар мувофиқ омада, вазифаи забониро ба мисли дигар воҳиди нутқӣ иҷро мекунад, муодилнокӣ меноманд [2, 127].

Олими булғорӣ А.В. Попович дар бобати таърифи тарҷумаи муодил қайд мекунад, ки муодилнокии услубӣ ва пурмӯҳтавоии он дар баробаразишии функсионалии унсурҳои асл ва тарҷума зоҳир мегардад [29, 197]. Ё худ В.Н. Комиссаров чунин меҳисобад, ки муодилнокӣ - ягонагии мазмуни асл ва тарҷума мебошад [22, 251].

Дар ин хусус, мафҳуми мундариҷа ба маънои васеъ истифода шуда, омили функсионалии он аз эътибор холӣ мегардад. Дар байни тамоми таърифҳо мафҳуми муодилнокии динамикӣ (функсионалӣ)-и Найда мавриди таваҷҷӯҳ мебошад, ки мувофиқи ин таъриф, ду матн аз лиҳози аксуламали хонандагон муқоиса мешавад [40, 19-32].

Нависанда ва адабиётшиноси англис В.Вулф таъкид мекунад, ки шояд хонандаи англис забон ва адабиёти русро надонад, бинобар ин, маҷбур аст, ки ба рисолати тарҷумон эътимод намояд. Ҳамзамон, ба қавли Ҷорҷ Оруэл, барои англисҳое, ки завқи ҳиссӣ-эстетикӣ надоранд, дарки мазмун ва мӯҳтавои тарҷума ғайриимкон аст [41, 180-189].

Ҳангоми омӯзиш ва таҳлили тарҷумаи мутобиқ бояд ду паҳлӯ ба эътибор гирифта шавад: шабоҳати матнҳо ва таъсири эстетикии онҳо ба хонанда. Дараҷаи таъсири матни тарҷума аз нуфузи нусхаи асл чандон вобаста нест. Масалан, дар баъзе тарҷумаҳо нақши муайянро омилҳои матнӣ (контекст) бозида, ба тафаккури хонанда таъсири монанди назарфиребро эҷод мекунанд ва ҳатто баъзан омилҳое ба миён меоянд, ки ба туфайли онҳо матни тарҷума дар доираи як фарҳанг ба матни асл наздик мешавад. Дар натиҷа, матни тарҷума мӯҳтавои аслии худро гум карда, аз асолати ибтидоӣ дур мегардад [16, 3].

Дар тарҷумаи бадеӣ нусхаи асл ба гурӯҳи муайяни жанри бадеӣ дохил шуда, интиқоли шеър, песа, суруду тарона, осори ҳаҷвӣ, асари бадеӣ ва ғайра аз зергурӯҳҳои он (жанр) мебошанд.

Таснифоти таҳвилҳои тарҷумаи Г.М. Стрелковский аз панҷ омил иборат аст:

1. ҳангоми нобаробарии ҳаҷми мафҳумҳо дар забонҳои муқоисашаванда;
2. ҳангоми риояи меъёрҳои забон ва тарҷума;
3.ҳангоми нобаробарии воҳидҳои забони тарҷума бо меъёрҳои забони асл;
4. ҳангоми риояи меъёрҳои услубии забони тарҷума;
5. ҳангоми мавҷудияти узус, мувофиқи қоидаҳои муқаррари забонӣ ё истифодаи калимаҳои маъмулӣ [31, 223].

Л.К. Латишев се навъи ТТ-ро муқаррар намудааст:

1. таҳвилҳое, ки ҳангоми нобаробарии системаҳои забонӣ корбаст мешаванд;
2. таҳвилҳое, ки ҳангоми зарурати риояи меъёрҳои забонӣ истифода мешаванд;
3. таҳвилҳое, ки бо мақсади таъсири равонӣ бахшидан ва мутобиқати жанрӣ мавриди истифода қарор мегиранд [25, 188-189, 207].

Раванди ТТ, ба ақидаи Ш. Балли ва Л. Тенер аз се унсур иборат аст: транспонент (сохтори асл), транспозитор (восита барои ҷойивазкунӣ) ва транспозит (натиҷаи ҷойивазкунӣ).

Транспонент ва транспозит метавонанд ба ҳар гуна гурӯҳи функсионалӣ мансуб бошанд. Панҷ усули транспозитор дар тарҷума истифода мешавад:

- тағйироти сатҳӣ бидуни тағйири сохти калима;
- тағйири категорияи морфологии калима;
- истифодаи калимаҳои ёвар;
- истифодаи воҳидҳои мазмунан наздик;
- роҳҳои тағйири решаи калима (суплетивизм) [12, 184].

Мувофиқи андешаи Петрашевская усулҳои номбурда дар раванди тарҷума ба вазифаи транспозит истифода шуда, дар ҳолати тағйир ёфтан, боиси интиқоли коммуникативии аломатҳои луғавии забони асл ва тарҷума мегарданд.

Дар забоншиносӣ усулҳои асосии таҳвили луғавӣ аз мушаххасгардонӣ (конкретизация), умумигардонӣ, ҳазфкунӣ, илова ва ҷуброни маънӣ, тарҷумаи муқобил, такомули мантиқии мафҳумҳо [30, 125].

Дар забоншиносӣ усулҳои асосии таҳвили луғавӣ аз мушаххасгардонӣ (конкретизация), умумигардонӣ, ҳазфкунӣ, илова ва ҷуброни маънӣ, тарҷумаи тазодӣ, такомули мантиқии мафҳумҳо [28, 157].

Мувофиқи ақидаи Я.И. Ретскер падидаи тафриқаи (дифференциация) мазмуни аломат ба ҳаммаъноӣ (синонимия)-и воҳидҳои забонӣ асос ёфтааст.

Синонимия як навъи зуҳури асимметрияи мазмуни воҳидҳои луғавӣ буда, ба интиқоли унсурҳои маъноии матни асл ва тарҷума мусоидат мекунад.

Омилҳои ташаккули муродифот дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ комилан фарқ мекунанд. Масалан, дар забони англисӣ синонимҳо дар натиҷаи иқтибоси вожаҳои олмонӣ, фаронсавӣ, лотинӣ ва юнонӣ пайдо шуда, аммо дар забони тоҷикӣ бештар аз забонҳои арабӣ, туркӣ, ӯзбекӣ, русӣ, ҳиндӣ ва ғ. иқтибос шудаанд.

Синонимияи луғавӣ (Балли, 1995; Апресян, 1995) ҳамаҷониба омӯхта шуда, аммо зуҳуроти он дар бахшҳои дигари забоншиносӣ кам таҳқиқ шудааст.

Дар раванди омӯзиши муродифоти луғавӣ муқоисаи тағйироти услубии матни асл ва тарҷума ҳоизи аҳамият буда, ҳамзамон бахшҳои фонетикӣ, луғавӣ, синтаксисӣ ва морфологӣ, ки аз лиҳози маънои грамматикӣ фарқ доранд, муқоиса мешаванд.

Дар баъзе ҳолатҳо синонимия ба сифати ҷудокунандаи сохтори грамматикӣ зоҳир шуда, ҳангоми интихоби муодилҳо истифода мешавад [18, 152].

Синонимияи грамматикӣ аз ҷиҳати сохтор ва вазифа падидаи хосаи асимметрияи аломатҳои луғавӣ мебошад. Омӯзиши муродифоти грамматикӣ яке аз бахшҳои забоншиносии муосир ба шумор рафта, ҷиҳати ошкори муносибати унсурҳои алоҳидаи системаи як забон мусоидат мекунад ва дар раванди тарҷума дар унсурҳои системаи забони дигар инъикос мегардад. Дар ин бора В.Н. Ярсева таъкид намудааст, ки синонимия ҷиҳати ошкори вижагиҳои муродифоти грамматикӣ, маънои умумии имлоӣ ва сохтории онҳо зарур буда, зеро онҳо ба бахшҳои гуногуни грамматика мансуб нестанд. Аз ин рӯ, онҳо бештар ба бахши морфология ва синтаксис дохил мешаванд [35, 34-37].

Воҳидҳои луғавиро метавон ба сифати сохторҳои синтаксисӣ истифода намуда, як қатор синонимҳоро ба ҳайси ибораҳои шабеҳ муайян кард.

Мувофиқи таълимоти Я.И. Ретскер ва Р.К. Миняр-Белоручев таҳвилҳои луғавиро умумигардонии мазмун низ меноманд. Зеро, дар ин росто мафҳуми ҷузъ бо кулл иваз шуда, мазмуни дақиқ бо умумӣ бадал мешавад [1, 4-8].

Мувофиқи андешаи Я.И. Ретскер таҳвили луғавии воҳидҳои забониро дар илми тарҷумашиносӣ «усули инкишофи маъно» мегӯянд.

Таҳвилҳои луғавӣ, ки бо истифода аз антонимҳо ба сифати «тарҷумаи муқобил» муаррифӣ шуда, мувофиқи Я.И. Ретскер ва Р.К. Миняр-Белоручев ба гурӯҳи алоҳидаи таҳвили воҳидҳои луғавӣ дохил мешаванд.

Тибқи таълимоти Я.И. Ретскер усули тағйири кулл нисбат ба ифодаи мундариҷаи воҳидҳои луғавӣ, як навъи усули инкишофи мазмун буда, дар муқоиса бо тарҷумаи муқобил, истиқлолияти бештар дорад ва робитаҳои мантиқии воҳидҳои асл ва тарҷумаро ошкор мекунад [30, 53].

Усули ҷуброни мазмун ҷиҳати такмили холигоҳ истифода шуда, дар натиҷаи интиқоли луғатҳои бемуодил, онҳоро мазмунан тавзеҳ медиҳад.

Мувофиқи таҳқиқоти Р.К. Миняр-Белоручев усули ҷуброни мазмун ҳангоми тағйири тобишҳои луғавӣ-маъноӣ сурат мегирад.

Усулҳои таҳвили луғавӣ бо мақсади мутобиқсозии воҳидҳои асл ва тарҷума истифода мешаванд.

Услубии тарҷума дорои тобишҳои маъноӣ буда, воҳидҳои он ба сифати ифодакунанда (денотативӣ - маънои нуҳуфта ё алоҳидаи мантиқӣ) ва ифодашаванда ишора мешаванд [18, 59]. Яъне, услуби тарҷума дорои як қатор вижагиҳо буда, аз сохтори мундариҷа ва ифодаи воҳидҳои асл ва тарҷума вобаста аст.

Вижагиҳои услубии интиқоли осори бадеӣ дар асарҳои Ш.Балли (1961), М.П. Брандес (1988), В.В. Виноградов (1981), В.С. Виноградов (1997), М.М.Болдирев, И.А. Волнина (1988), Т.Б. Дудина (1989), М.М. Зинде, С.А. Фридрих (1989), М.А. Новикова (1981), Н.Ф. Пелегина (1980), Т.В. Шатков (1979), Г.Дарт (1970), А. Малбланк (1981), М. Кресот (1974), С. Улман (1957, 1964) ва дигарон ба таври густурда инъикос гаштааст.

Масалан, Ш. Балли дар ин бора таъкид намудааст, ки услуби асари бадеиро наметавон ба наҳви сабкшиносӣ қабул кард. Зеро, он як ҷузъи забоншиносӣ буда, ба сифати фанни алоҳида пазируфта шудааст. Ҳамзамон, омӯзиши фанни сабкшиносӣ аз доираи илми забоншиносӣ берун омада, бештар ба адабиётшиносӣ алоқаманд аст [4, 326]. Сабкшноси фаронсавӣ Р. Гиро тарҷумаи осори бадеиро мавзӯи баҳси таҳлили сабкҳои бадеӣ меҳисобад [38, 68].

Услуби матн - навъи таълифи мураккаб буда, дар натиҷаи интихоби нақши мундариҷа ва ифодаи воҳидҳо ҳосил мегардад [18, 109].

Услуб дар ҳолатҳои гуногун ба хонанда таъсири аксиологӣ мерасонад [2, 67].

Омезиши услубҳо дар осори адабӣ яке аз роҳҳои татбиқи ҳадафи коммуникативии муаллиф ба ҳисоб меравад [27, 111]. Системаи услубҳои асари бадеӣ фазои функсионалӣ ва услубиро ташкил медиҳад.

Омилҳои интиқоли услуби нусхаи асл ба муносибати диалектикии категорияҳои гуногун асос ёфтааст.

Тарҷума вазифаи эҷоди дубора ва татбиқиро фаро мегирад. Вазифаи эҷоди дубора бо ифодаи такрории воҳидҳои луғавӣ алоқаманд буда, аммо вазифаи татбиқӣ бо таъсирнокии асолати ибтидоӣ робита дорад.

Услуби асар аз робитаҳои мутақобилаи се гурӯҳ иборат аст: мундариҷа ё ифодаи мӯҳтаво ва таъсири он ба хонанда. Ин гурӯҳ таркиби воҳидҳои мушаххаси забониро дар матни асл муқаррар намуда, тарҷумаи муодили онро тақозо мекунад.

Таҳвилҳои услубӣ тағйиротеро дар бар мегиранд, ки ҷиҳати мувофиқати вижагиҳои коммуникативӣ-функсионалӣ ва бадеӣ-эстетикии матнҳои асл ва тарҷума равона шудаанд.

Таҳвилҳои услубӣ аз навъҳои зерин иборатанд:

- тағйири тобишҳои услубӣ, яъне тағйири ифодаҳои услубӣ, ивази калимаҳои гуфтугӯӣ бо калимаҳои китобӣ;

- ифодаи маъно - коҳиши санъатҳои бадеӣ ва тобишҳои услубӣ, баёни ибораҳои тавсифӣ-эҳсосӣ бо услуби сода, ҷойивазкуниҳои функсионалӣ, ҷуброни услуб, ҳамоҳангсозии тавсифӣ-услубӣ, ҷойивазкуниҳои функсионалӣ ва ғ.;

- ифодаи маҷозӣ ё фразеологӣ - ивази калимаҳои сода бо воҳидҳои маҷозӣ-тавсифӣ;

- ислоҳи услуб - тақсимоти тобишҳои маъноӣ бо унсурҳои воҳиди тарҷума;

- ҷойивазкунии мувофиқ - тағйири санъатҳои бадеӣ бо мақсади таъсири эстетикӣ, истифодаи ташбеҳот, ифодаи ташбеҳи эстетикӣ, таркибҳои нави тарҷума ва ибораҳои тасодуфӣ [17, 30-31].

Навъҳои номбаршудаи таҳвилҳои луғавӣ, грамматикӣ ва услубӣ ба шакли унсурҳои тарҷума ба ҳисоб рафта, ҷиҳати мутобиқати нусхаи асл ва тарҷума истифода мешаванд.

Хулоса, ҳар усуле, ки дар он амалиёти ҷойивазкунӣ ба назар намерасад, онро ТТ меноманд. Аммо дар тарҷумаи амалӣ усулҳои ҷойивазкунӣ ва таҳвилҳо ҳамеша якдигарро такмил дода, ба ҳамдигар алоқаманданд [26, 123].

Муҳаққиқон Ж.-П. Вине ва Ж. Дарбелне тарҷумаҳои татбиқии бавосита ва бевоситаро ҷудо намуда, онҳоро алоҳида таъриф додаанд. Онҳо усулҳои транскрипсия ва калкаро бевосита номида, ҳамзамон ҷойивазкунӣ (ҳиссаҳои нутқ бидуни тағйири маънои гуфтор), модулятсия (тағйири хабар), муодилнокӣ (тавсифи баробари мазмун ва мундариҷа) ва мутобиқсозӣ (тағйири ҳолатҳо бо муодилнокии ибтидоӣ)-ро тарҷумаи бавосита унвон додаанд.

Тарҷумаи мустақим - истифодаи сохтор ва воҳидҳои муодил буда, аммо тарҷумаи ғайримустақим корбурди намудҳои гуногуни ТТ мебошад.

Дар раванди тарҷума, усулҳои зикршуда дар ҳамбастагӣ истифода шуда, ҳамеша ҳамдигарро такмил медиҳанд. Маҳз чунин муносибати мутақобилаи онҳо боиси тарҷумаи муодилнок мегардад.

Ба андешаи Р.К.Миняр-Белоручев, тарҷума раванди интиқоли маълумоти мушаххас буда, ҳангоми зарурат метавонад ба хонанда таъсири эстетикӣ расонад [28, 4].

Ҳамзамон, В.Н. Комиссаров мефармояд, ки ТТ - навъи тағйироте мебошад, ки тавассути он интиқоли воҳиди асл имконпазир аст. Илова бар ин, мавсуф мегӯяд, ки «азбаски ТТ бо воҳидҳои сохтор ва мундариҷа сарукор дорад, мафҳуми онҳоро касб намуда, мундариҷаи воҳидҳои аслиро тағйир медиҳад» [22, 172].

Воқеан, воҳидҳои нусхаи асл бетағйир боқӣ монда, танҳо тарҷумон воҳидҳои муодили коммуникативиро дар забони тарҷума ҷустучӯ мекунад. Ҳамзамон, дар байни воҳидҳои асл ва тарҷума робитаҳои машаххас пайдо шуда, воҳидҳои тарҷума гӯё бо роҳи назарфиребӣ мӯҳтавои воҳидҳои аслро ифода мекунанд [21, 38].

Аксари олимон навъҳои мухталифи тағйиротро дар раванди тарҷума ҷудо намудаанд. Ҳамзамон, онҳо усулҳои ТТ-ро ба таври гуногун табақабандӣ намуда, масалан, В.Н. Комиссаров [22, 172-186] таҳвилҳои луғавӣ, грамматикӣ ва лексикӣ-грамматикӣ, В.Г.Гак [12, 139-148] таҳвилҳои сифатӣ ва миқдорӣ, Л.С. Бархударов [5, 191-231] ҷойивазкунӣ, иловакунӣ, ҳазфкунӣ ва ивазкунӣ, аммо таснифи П. Нюмарк [39, 81-93] дар асоси таъйини мустақими таҳвилот бидуни тақсимот сурат гирифтааст.

Усулҳои мушаххасгардонӣ ва умумигардонӣ дар таснифоти В.Н.Комиссаров, Л.С.Бархударов ва В.Г.Гак бештар ба чашм расида, аммо В.Г. Гак усулҳои номбурдаро дар асоси ҷойивазкунӣ (гипероним бо гипоним ё баръакс) ҷудо мекунад.

Усуле, ки В.Н. Комиссаров ва П. Нюмарк модулятсия номидаанд, Л.С. Бархударов ба сифати ивази натиҷа ва сабаб қабул намудааст.

П. Нюмарк ҷойивазкунӣ ё транспозитсияро дар муқоиса бо таснифоти В.Н. Комиссаров, Л.С. Бархударов ва В.Г.Гак ба ҳайси ҷойивазкуниҳои грамматикӣ пазируфтааст.

Дар таҳқиқоти В.Г.Гак таҳвилҳое, ки бо тағйирёбии грамматика алоқаманданд, ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо мешаванд.

Усули ҷуброни мазмун дар типологияи аксари муҳаққиқон ба назар расида, аммо дар таснифи В.Г. Гак нисбатан мустасно номида шудааст, зеро ӯ ҳодисаи ивази як калимаро бо калимаи дигар, усули такмил меномад.

Усулҳои илова ва ҳазфкунӣ дар таснифи Л.С.Бархударов навъи асосӣ ба шумор рафта, дар типологияи В.Г.Гак ба наҳви зергурӯҳи таҳвилҳои миқдорӣ ва дар таснифи П. Нюмарк усули умумигардонӣ ва мушаххасгардонӣ қабул шудааст. Ба илова, В.Н.Комиссаров усулҳои мазкурро берун аз доираи ТТ ҳисобида, онҳоро ба сифати усулҳои техникӣ ба монанди типологияи Л.С.Бархударов пешниҳод намудааст.

Дар тарҷумаи амалӣ, таҳвилҳои номбурда бамаротиб истифода шуда, дар ҳолатҳои гуногун бо ҳам алоқаманд мебошанд. Албатта, таҳлил ва баррасии навъҳои таҳвили тарҷума фарогири доираи васеи он набуда, балки ба таври мӯҷаз сурат гирифтааст. Камбудии ҳар навъ таснифот дар он зоҳир мегардад, ки муаллифони он доир ба вижагиҳои он пурра ва возеҳ маълумот надодаанд.

ПАЙНАВИШТ

1. Амината Т. Перевод художественного текста в контексте преподавания русского языка как иностранного: Автореф. дис. ... д-ра филол. наук. -М.: Институт русского языка им. А. С. Пушкина, 1988. - 21 с.
2. Ахманова О.С. Словарь лингвистических терминов / О.С. Ахманова. - М.: Советская энциклопедия, 1966. - 608 с.
3. Ахметжанов Р.Н. Коммуникативно-грамматический подход к синтаксической синонимии / Р.Н. Ахметжанов // Проблемы перевода текстов разных типов. - М.: Наука, 1986. - 157 с.
4. Балли Ш. Общая лингвистика и вопросы французского языка / Ш. Балли. - М.: Иностранная литература, 1955. - 416 с.
5. Бархударов Л.С. Язык и перевод / Л.С. Бархударов. - М.: Международные отношения, 1975. - 240 с.
6. Брагина А.А. Функции синонимов в современном русском языке / А.А. Брагина: Автореф. дис. ... д-ра филол. наук. -М.: МГУ, 1979. - 24 с.
7. Бразговская Е.В. Лингвостилистические аспекты художественного перевода / Е.В. Бразговская: Автореф. дис. ... канд. филол. наук. - С.-Петербург: СпбГУ, 2000. - 23 с.

8. Гак В.Г. Межъязыковая асимметрия и прогнозирование переводческих трансформаций / В.Г. Гак // Теория перевода и научные основы подготовки переводчиков. Матер.Всесоюзной науч.конф., 4.1, М., МГПИИЯ им. М.Тореза, 1975. - С. 24-26.
9. Гак В.Г. Межъязыковое сопоставление и преподавание иностранного языка / В.Г. Гак // Иностранные языки в школе. -1979. - № 3. - с. 21 - 39.
10. Гак, В.Г. О современной французской неологии / В.Г. Гак // Новые слова и словари новых слов. - Л., 1978. - С. 37-52.
11. Гак В.Г. Типология контекстуальных языковых преобразований при переводе / В.Г. Гак //Текст и перевод. - М.: Наука, 1988. - С. 63-75.
12. Гак В.Г. Языковые преобразования / В.Г. Гак - М.: Шк. «Яз. рус. культуры», 1998. - 763 с.
13. Гальперин И.Р. Информативность единиц языка / И.Р. Гальперин. - М.: Высшая школа, 1974. - 173 с.
14. Гачечиладзе, Г.Р. Введение в теорию художественного перевода [Текст] / Г.Р. Гачечиладзе. - Тбилиси: Изд-во Тбилисского ун-та, 1970. - 285 с.
15. Гачечиладзе, Г.Р. Художественный перевод и литературные взаимосвязи [Текст] / Г.Р. Гачечиладзе. - М.: Сов. писатель, 1980. - 256 с.
16. Горбачевский, А.А. Оригинал и его отражение в тексте перевода [Текст]: монография / А.А. Горбачевский. - Челябинск, 2001. - 202 с.
17. Дзенс Н.И. Программы по дисциплинам переводческого цикла / Н.И. Дзенс. - Белгород: БелГУ, 2001. - 120 с.
18. Долинин К.А. Стилистика французского языка / К.А. Долинин. -М.: Просвещение, 1987. -303 с.
19. Карабанова О.О. Переводческие трансформации как понятие и явление / О.О. Карабанова: Автореф. дис. ... канд. филол. наук. -М.: МГУ, 2000. - 17 с.
20. Комиссаров В.Н. К вопросу о сопоставительном изучении переводов В.Н. Комиссаров // Тетради переводчика. Вып. 7. - М.: Международные отношения, 1970. - С. 46-49.
21. Комиссаров В.Н. Лингвистика перевода / В.Н. Комиссаров. - М.: Межд. отн., 1980. -165 с.
22. Комиссаров В.Н. Теория перевода (лингвистические аспекты) / В.Н. Комиссаров. - М.: Высшая школа, 1990. - 253 с.
23. Комиссаров В.Н. Современное переводоведение / В.Н. Комиссаров. - М.: ЭТС, 2002. - 424с.
24. Костюшкина Г.М., Запасова М.И. Концептуальный аспект грамматической синонимии (на материале французского языка) / Г.М. Костюшкина, М.И. Запасова // Филологические науки. -1996. №3. -С. 80-89.
25. Латышев Л.К. О переводческих трансформациях / Л.К. Латышев // Методика и лингвистика. - М.: Наука, 1981. - С.127-138.
26. Латышев Л.К. Перевод; проблемы теории, практики и методики преподавания / Л.К. Латышев. - М.: Просвещение, 1988. - 160 с.
27. Леонтьева Т.И. Конвергенция стилей в художественном произведении и рациональные методы их перевода / Т.И. Леонтьева // Вопросы теории и практики перевода: СБ. матлов Всероссийского семинара. -Пенза: ПГПИ, Приволжский Дом знаний, 2002. - СП 1-112.
28. Миньяр-Белоручев Р.К. Теория и методы перевода / Р.К. Миньяр-Белоручев - М.: Московский лицей, 1996.-208 с.
29. Попович, А.В. Проблемы художественного перевода [Текст] / А.В. Попович. - М.: Высшая школа, 1980. - 199 с.
30. Рецкер Я.И. Теория перевода и переводческая практика. -М.: Международные отношения, 1974. - 216 с.
31. Стрелковский Г.М. Теория и практика военного перевода (немецкий язык) / Г.М. Стрелковский. - М.: Воениздат, 1979. - 272 с.
32. Швейцер А.Д. Перевод и лингвистика / А.Д. Швейцер. - М.; Воениздат, 1973. - 278 с.
33. Швейцер А.Д. Теория перевода: статус, проблемы, аспекты / А.Д. Швейцер. - М: Наука, 1988. - 214 с.
34. Шендельс Е.М. Многозначность и синонимия в грамматике / Е.М. Шендельс. -М.: Наука, 1970. - 208 с.
35. Ярцева В. Н. Взаимоотношение грамматики и лексики в системе языка / В.Н. Ярцева // Исследования по общей теории грамматики. - М.: Международные отношения, 1968. - С.34-37.
36. Ярцева В.Н. Большой энциклопедический словарь - Языкознание / В.Н. Ярцева. 1998. - 488 с.
37. Gak V.G. Pour un calcul logique des equivalents de traduction / V.G. Gak *II* META. -1992. - Vol. 37. - №1. - P.139-148.
38. Guiraud R. Essais de stylistique / R. Guiraud. - Paris: Klincksieck, 1969. - 254 p.
39. Newmark P. A Textbook of translation / P. Newmark. - London: Prentice Hall International (UK) Ltd., 1988. - 292 p.
40. Nida, E.A. Theories of Translation [Text] / A. Nida. IITTR, V. IV. - 1991. - № 1.1st. Semester. - P. 19-32.
41. Orwell, G. The Lion and the Unicorn [Text] *I* G. Orwell *II* Literature in the Modern World. Critical Essays and Documents. Edited by Dennis Walder at the Open University. Oxford University Press. - 1990. - P. 180-183.
42. Vinay J-P., Darbelnet I. Stylistique comparee du francais et de anglais. -Paris: Didier, 1958. - 331 p.

Фарҳангу манобеъ:

43. Айнӣ С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм) / С. Айнӣ. Иборат аз як китоб. Душанбе. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. - 680 с.
44. Куллиёти фолклори тоҷик. Зарбулмасалҳо. Ҷилди 4 / Б. Тилавов, Ф.Муродов, Қ.Ҳисомов. - Душанбе: Дониш, 1986. - 240 с.
45. Муҳаммадраҳим Карим. «Ширин» (қисса). / К.Муҳаммадраҳим, Ҷ. Қуддус. - Душанбе: Адиб, 2006. - 176 сах.
46. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони тоҷикӣ. Ҷ.1.2. / мурат. М. Фозилов. – Душанбе: Нашр. дав. Тоҷикистон, 1963, 1964. – 952 с., - 803 с.
47. Хайём, У. Наврӯзнома / У.Хайём. - Душанбе: Адиб, 2012. - 352 с.
48. Эрнст, Хемингуей. Мӯйсафед ва баҳр. Повест / Эрнст Хемингуей. Бо иқдоми сафорати Амрико дар Тоҷикистон. Тарҷумаи Муҳаммадсалим Азизмуродов. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 168 с.
49. Aini, S. Pages from My Own Story: Memoirs / S. Aini // Translated by George H. Hanna. - Moscow: Foreign Languages Publishing House, 1958. - 125 p.
50. The Sands of Oxus: Boyhood Reminiscences of Sadriddin Aini by Sadriddin Ayni. Translated from Tajik Persian with an introduction and notes by John R. Perry and Rachel Lehr. Costa Mesa, California: Mazda Publishers. - 1998. +ix-275 pp.

Адабиёти электрон:

51. Паршин, А. Теория и практика перевода [Электронный ресурс]. - http://poliglotus.narod.ru/book.03.html.

ВЗГЛЯД ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ О ПЕРЕВОДЧЕСКИХ ТРАНСФОРМАЦИЯХ

Изучение различных переводов перевода проводится очень редко при условии, что это связано со статистическим анализом. Поэтому, сравнивая ИТ и ПТ, мы постарались выделить несколько факторов использования переводческих трансформаций в процессе отдельных видов перевода.

В статье обсуждаются взгляды ученых и исследователей в этой области, а также о переводческих трансформаций, и основная цель написания этой статьи - это, прежде всего, экскурсия по историческому изучению переводческих трансформаций и их видов.

Переводческая трансформация используется для того, чтобы в процессе перевода грамматические, лексические, элементы и языковые единицы исходного и переводного текста не совпадают.

Изучение, анализ и определение видов переводческой трансформации, и сравнение классификаций переводческих трансформаций ученых в области перевода.

Автор считает, что в практическом переводе редко встречаются переводческие трансформаций, упомянутые в чистом виде. Они более тесно связаны в разных ситуациях. Конечно, рассмотренные выше классификации переводческих трансформаций являются условными и не охватывают все методы перевода. Недостатком любой классификации является то, что ее авторы не предоставляют полной и четкой информации о специфике переводческой трансформации.

Одним из основных элементов художественного перевода является то, что он имеет эстетический эффект и привлекает читателя к воспитанию. Дословный перевод не всегда повторяет эстетический эффект и оригинальность художественного текста, так как полностью соблюдает языковых норм. Следовательно, эквивалентный перевод должен быть авторитетным произведением, таким как оригинал, чтобы читатели оригинального произведения и перевода испытывали одинаковые чувства.

Ключевые слова: *переводческие трансформации, виды, взгляды, Л.С. Бархударов, Л.К. Латышев, В.Н. Комиссаров, художественный перевод*

RESEARCHERS «VIEW ON THE TRANSLATION TRANSFORMATIONS

The study of various translations of translation is carried out very rarely, provided that it is associated with statistical analysis. Therefore, comparing ST and TT, we tried to highlight several factors in the use of translation transformations in the process of certain types of translation.

The article discusses the views of scientists and researchers in this area, as well as about translation transformations, and the main purpose of this article is, first of all, a tour of the historical study of translation transformations and their types.

Translation transformation is used to ensure that the grammatical, lexical, elements and linguistic units of the source and translated text do not coincide in the translation process.

Study, analysis and definition of types of translation transformation, and comparison of the classifications of translation transformations of scientists in the field of translation.

The author believes that translation transformations mentioned in their pure form are rarely found in practical translation. They are more closely related in different situations. Of course, the classifications of translation transformations discussed above are conditional and do not cover all translation methods. The disadvantage of any classification is that its authors do not provide complete and clear information about the specifics of translation transformation.

One of the main elements of literary translation is that it has an aesthetic effect and attracts the reader to education. Literal translation does not always repeat the aesthetic effect and originality of the literary text, since it fully complies with linguistic norms. Therefore, the equivalent translation must be an authoritative work, such as the original, so that the readers of the original work and the translation have the same feelings.

Key words: *translation transformations, types, views, L.S. Barkhudarov, L.K. Latyshev, V.N. Komissarov, literary translation.*

Сведения об авторе:

Максудов Умед Олимович *– кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков, Политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М. Осими. Адрес: 735700, Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, 20-й квартал, дом 6. E-mail: olimi.umed@mail.ru, Телефон: 928855550.*

About the author:

Maksudov Umed Olimovich *- Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after Academician M. Osimi, candidate of pedagogical science, senior teacher of the department of foreign languages. Address: Tajikistan, 735700, Sughd region, Khujand City, 20th district, Building 6. E-mail: olimi.umed@mail.ru, Phone: 928855550.*

ЛУТФАЛИБЕК ОЗАРИ БЕГДИЛӢ ВА ТАЗКИРАИ «ОТАШКАДА» -И Ӯ

Элбоев В.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонба номи С.Айнӣ

Осори зиёди мондагори хаттиву шифоҳӣ, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ офарида шудааст, дар мисоли худ беназир буда, ин осори ноб дар тӯли ҳазорсолаҳо дар таҳкими ахлоқи ҷомеа саҳми назаррас гузоштааст. Намунаҳои зиёди осори манзуму мансури форсии тоҷикӣ ба забонҳои мухталифи олам тарҷума ва нашр гардидаанд, ки ба хонандагон завқи бадеӣ ва эстетикӣ мебахшанд, аммо намунаҳои бисёри дигар дар ганҷинаҳои бузурги олам мунтазир ба таҳия, таҳқиқ ва нашр кардан ҳастанд. Як нуктаи муҳим дар ин росто он аст, ки ҳамин осори бузурги адабӣ ва илмӣ ҳар чи зиёдтар ва зудтар дастраси хонандагон карда шавад, нусхаҳои гуногуни номатбуъ дастрас гардида, таҳия ва чоп карда шаванд. Ҳамин нуктаҳоро ҳамвора Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар вохӯрӣ ва мулоқотҳояшон бо зиёиён ва донишмандон таъкид мекунанд, ки: «Осори зиёди адабӣ ва илмии ниёгони мо дар соҳаҳои мухталифи улум мунтазири муҳаққиқони варзида ҳастанд, ки ниёз ба таҳқиқ ва нашр доранд» [2, 20.04, 2014] .

Нусхаҳои зиёди осори илмӣ ва бадеии ниёгони мо, ки ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабиву туркӣ нигошта шудаанд, дар китобхонаҳои шахсиву донишгоҳӣ ва ганҷинаҳои дурдасти олам нигоҳдорӣ мешаванд ва имрӯзҳо яке аз вазифаҳои ниҳодҳои илмии мамлакатамон аз он иборат аст, ки ин нусхаҳои нодирро пайдо карда, ба расмулхатти кириллии тоҷикӣ таҳия ва чоп намоянд. Ҳарчанд аз таълифи осори илмии гузаштагони мо чанд садсола гузашта бошад ҳам, «ҳоло афкори илмии баёнкардаи эшон дар соҳаи улуми табиӣ, фалсафа, адабиётшиносӣ ва ғайра меъёр ва ченаки санҷишҳои илмӣ ба ҳисоб меравад [4, с.23].

Истиқлолияти давлатӣ пешорӯи донишмандони ватанӣ вазифаву масъулиятҳои зиёдро гузоштааст, ки бо истифода аз фурсати мувофиқ ва имкониятҳои дастрасӣ ба ганҷинаҳо ва китобхонаҳои олам тавассути шабакаҳои иттилоотии байналмилалӣ осори ғановатманди ниёгонро дастрас намуда, баҳри таҳия ва нашри онҳо ҳиммат гуморанд.

Дар таърихи адабу фарҳанги мо тазкиранигорӣ таърихи тӯлонӣ дорад, ки ба забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ тазкираҳои зиёд эҷод шудаанд ва ин асарҳо на танҳо баёнгари аҳволу осори широну нависандагон, балки бозгӯйкунандаи «ташаккулу таҳаввули улуми адабии каломи бадеъ, арӯз, қофия, нақди адабӣ, равандҳои адабӣ, таъсирпазирии адабиёт, ташаккули анвои мухталифи адабӣ, мактабҳои адабиётшиносӣ, вазъи таърихии марказҳои адабӣ, нақши сулолаҳои таърихӣ дар густариши улуми адабӣ ва ғайра маводи фаровон медиҳанд» [5, с.23].

Аз ҷумлаи тазкираҳои боарзиш, ки дар омӯзиши таърихи адабиёти форсии тоҷикии асри XVIII ҷойгоҳ ва мақоми арзанда дорад, ин «Оташкада»-и Лутфалибек Озари Бегдилӣ (1134-1195 ҳ.қ.) мебошад.

Лутфалибек Озари Бегдилӣ дар бистуми рабеъуссонии соли 1134 дар шаҳри Исфаҳон ба дунё омада, дар соли 1195 чашм аз ҷаҳон фурӯ бастааст. Шарҳи ҳолаш дар аксари тазкираҳои баъд аз вай ба назар мерасад, ки ҳама баргирифта аз навиштаҳои худи ӯст, ки дар «Оташкада» омадааст. Лутфалибеки Озар 61 сол умр дидааст. Даврони кӯдакии Озар ба давраи ҳуҷуми Маҳмуди ғалиҷоии афғон ба шаҳри Исфаҳон баробар омадааст, ки ба ночор хонаводаи эшон Исфаҳонро тарк карда, ба шаҳри Қум ҳиҷрат карда, чаҳордаҳ сол он ҷо муқим будаанд. Баъд аз ба сари қудрат расидани Нодиршоҳ хонаводаи Озар муддате дар Шероз, Ироқи Араб ва Ироқи Аҷам зистаанд ва боз ба Исфаҳон баргаштаанд, ки ин нуктаҳо дар муқаддимаи тазкираи «Оташкада» бо қалами худи Лутфалибек Озари Бегдилӣ навишта шудаанд.

Лутфалибек Озари Бегдилӣ дар синни ҷавонӣ ба навиштани шеър рағбат доштааст, ки дар муқаддимаи тазкира худаш чунин ишора кардааст: «Ва дар сина (ғафлат) ба кисвати фақр мулаббас гашта, дар арзи ин муддат ба хидмати ҷамъе аз афозили уламову урафо ва аозими шуарову зурафо расида, ба қадри истеъдод аз файзи суҳбати ҳар як баҳраманд ва ба сабаби вазни фитрӣ ва шавқи ҷибиллӣ моил ба гуфтани шеър низ буда ва бештари қавоиди назмро аз ягонаи офоқ Мир Саййидалии Муштоқ истифода карда ва баъд аз ҳафт ҳазор байт хаёлоти фотирро тадвин карда буд, ки дар наҳбу тороҷи Исфаҳон мафқуд гашт. Муддате низ аз ин раҳгузар тӯтии нотиқа лол ва булбули табъам шикастабол буд, то боз ба такаллуфи аҳбоб гоҳе ба ороиши гулшани хаёл мепардохт» [3, с.454].

Аз ин гуфтаи Озар маълум мегардад, ки «қавоиди назмро» аз шоири машҳури замонаш «ягонаи офоқ» Мир Саййидалии Муштоқ омӯхтааст ва ашъори эҷодкардааш, ки «ҳафт ҳазор байт хаёлоти фотирро тадвин карда буд», яъне аз ҳафт ҳазор байт иборат будааст, дар тороҷи шаҳри Исфаҳон нобуд гардидааст. Феълан «Девони ашъор»-и Лутфалибек Озари Бегдилӣ дар дастрасии мо қарор надорад ва аз

миёни осораш мунтахаби маснавии «Юсуфу Зулайхо» тавассути ҳамин тазкираи боарзиш ба мо расидааст.

Тазкираи «Оташкада»-ро Лутфалибек Озари Бегдилӣ байни солҳои 1760-1779 таълиф кардааст, ки дар ин бобат ишорате дар «Оташкада» омадааст: «Ило ал-он, ки як ҳазору яксаду ҳаштоди ҳичрист… ва дар ин вақт, ки як ҳазору яксаду ҳафтоду нуҳи ҳичрист…

Зи ҳичрат хомаам чун дар кашиш буд,

Ҳазору яксаду ҳафтоду шаш буд»., яъне дар ин солҳо машғули таҳияи тазкираи «Оташкада» будааст [3, с.942].

Озар дар радифи тазкиранигорӣ дар эҷоди шеър дасти тавоно дошта, иродатманди Ҷомию Низомист ва ин иродаташро дар ашъори зер чунин баён мекунад:

Низомиро чу дидам поя боло,
Ба дуккон рехта арзанда коло.
Зи кабки худ надидам он пару бол,
Ки он шаҳбозро афтад ба дунбол.
Ба Ҷомӣ ишқам охир ҳамзабон кард,
Ба ҳам моро ба ҷоме меҳрубон кард.
Боз дар ҷои дигар мегӯяд:
Агарчи мастиям аз ҷоми Ҷомист,
Вале гӯшам ба овози Низомист [3, с.154].

Озар илова бар Ҷомию Низомӣ, ки аз устодони сухани ноби форсии тоҷикиянд, бар шоирони дигар, аз ҷумла бар Сабоҳии Кошонӣ, Камолиддини Исфаҳонӣ, Урфии Шерозӣ ва дигарон тавоҷҷуҳ ва назари хос дорад, ки борҳо дар лобалои ашъораш ба ин устодони сухан ишораҳо дорад.

«Оташкада» тазкираи умумии интиқодӣ буда, дар он аз рӯзгору осори 850 шоир, ки дар замонҳои мухталиф зиндагиву эҷод кардаанд, маводи фаровон оварда шудааст. Лутфалибек Озари Бегдилӣ дар баробари овардани маводи зарурӣ аз рӯзгору осори шоирон матолиби таърихиеро вобаста ба марҳилаҳои густариши адабиёти форсии тоҷикӣ низ овардааст. Мақсади асосии худро мусаннифи тазкира аз ҷамъ овардани ашъори хуби шоирони гузашта ва муосири худ донистааст.

Чун унвони тазкира «Оташкада» аст ва ба оташ робита дорад, муаллиф номи бобу фаслҳои онро **шуъла, мичмара, ахгар, шарора, шуоъ, партав** ва ғайра унвонгузорӣ кардааст.

Тазкира аз **ду мичмара**: мичмараи аввал – шоирони мутақаддим ва мичмараи дувум – шоирони муосири муаллиф созмон ёфтааст. Инчунин, муаллиф тазкираро ба **се ахгар** тақсимбандӣ кардааст, ки аз қарори зайланд:

1.Ахгари аввал – шоирони Эрон, ки аз **панҷ шарора** ва **ду шуоъ** фароҳам омадааст. Дар ин ахгар (қисмат), дар **шарораи аввал** ном ва намунаи осори шоирони Озарбойҷон, **шарораи дуввум** Билоди Хуросон, **шарораи севум** Билоди дорулмарзи Табаристон ва Астароботу Ҷурҷон, **шарораи чаҳорум**, **шуоъи аввал** – Билоди Ироқи Араб, **шуоъи дувум** – Билоди Ироқи Аҷам ва **шарораи панҷум** – Билоди Форс гирдоварӣ шудаанд [3, с.21].

2.Ахгари дувум – шоирони Тӯронзамин, ки аз **се шарора** мураттаб гардидааст. Дар ин ахгар, дар **шарораи аввал** ном ва намунаи осори - шоирони Балх, дар **шарораи дувум** - шоирони Хоразм ва навоҳии он ва дар **шарори севум** – шоирони Моваруннаҳр ва тавобеъи он оварда шудаанд.

3.Ахгари севум – шоирони Ҳиндустон, ки аз **се шарора** фароҳам омадааст. Дар ин ахгар, дар **шарораи аввал** ном ва намунаи осори - шоирони Дакан, дар **шарораи дувум** – шоирони Деҳлӣ ва дар **шарораи севум** - шоирони Кашмир оварда шудаанд.

Тазкираи «Оташкада» инчунин аз як **шуъла,** ки дар он ашъори шоҳон ва шоҳзодагону амирон оварда шудааст ва як **фурӯғ,** ки дар ҳолот ва мақолоти забони ҳар кишвар аст ва дар ин фурӯғ зикри шоираҳо низ омадааст, маводи ҷолиб дорад. Ҳамчунин, мичмараи дувуми тазкираи «Оташкада» ба **ду партав** тақсимбандӣ шудааст:

1. **Партави аввал**: Дар ин партав мусанниф аз рӯзгору осори шоирони муосири худ ҳамроҳ бо таърихчаи арзандае аз ҳамлаи афғонҳо ба Эрон ва салтанати Нодиршоҳи Афшору Каримхони Занд мавод овардааст.

2. **Партави дувум**: Дар ин партав аз рӯзгори Лутфалибек Озари Бегдилӣ (1134-1195 ҳ.к.)**,** гулчине аз ашъор ва мунтахабе аз маснавии «Юсуфу Зулайхо»-яш ҷой дода шудаанд.

Маводи тазкираи «Оташкада» аз рӯи ноҳияҳои ҷуғрофӣ низ фаслбандӣ шудааст ва мусанниф тавонистааст роҷеъ ба марказҳои адабӣ ва нақши ин марказҳо дар густариши адабиёти форсии тоҷикӣ маълумоти зиёд диҳад. Озари Бегдилӣ дар таълифи тазкирааш аз манбаъҳои зиёд истифода кардааст, ки аз ҷумла тазкираи «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Тақиуддини Кошонӣ муҳимтарини онҳо мебошад. Як хусусияти муҳими тазкираи «Оташкада» он аст, ки дар баробари тазкираи умумӣ будан, хусусияти интиқодӣ дорад, яъне Озар ба ашъори шоирон аз нуқтаи назари нақди адабӣ нигаристааст. «Оташкада» аз ҷиҳати сохт, муҳтаво, мавод ва нуқтаи назари танқидии муаллиф аз дигар тазкираҳои қабл аз он иншогашта фарқ дорад.

Дар тазкираи «Оташкада» ному намунаҳои осори табақаҳои гуногуни ҷомеа, саромадони шеъру шоирӣ дар адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, шоирони маснависаро, қасидасаро, қитъагӯй, таърихнигор ва ғайра зикр гардида, ҷойгоҳ, мақом ва пояи сухани ҳар яки онҳо дар раванди адабиёт таъкид гардидааст. Муаллифи тазкира дар интихоби шоирон ва баррасии ашъори онҳо хеле сахтгирӣ кардааст. Барои мисол, дар муқаддимаи тазкира Лутфалибек Озар чунин гуфтааст: «Иттифоқан, рӯзе дар авоили замони таълифи ин нусха яке аз мавзунони аср, ки табъаш чун таъмаш хом буд, гуфт: «Чӣ будӣ, ки аз хаёлоти ман ҳам ҳусни ин китоб афзудӣ»? – Гуфтам: «Азизам, бипазир, ки ин китоб «Оташкада» аст. Чун хор дар вай резам, сӯзад ва чун гул дар вай афшонам, аз роиҳаи гулобаш димоғ барафрӯзад». Чун ин узр шунид, аз таманнои худ забон даркашид…» [3, с.118].

Озар дар бораи Мирзотоҳири Ваҳид мегӯяд: «Навад ҳазор байт аз эшон ба назар расидаву ба иллати маносиби девонӣ таҳсини бисёр дар ҳар шеър аз шуарои замон шунид. Ба заъми фақир, агар хавфи мансаб набуд, аз ҳеч кас таҳсин намешунуд» [3, с.218].

Ё дар мавриди шоири ҳамзамонаш бо номи Наҷоти Абдулъол чунин сахтгӯй кардааст: «Шеъри бисёре гуфта, ки қобили ҳеч тазкира нест, латифаҳои бемаза мавзун карда» [3, с.308]. Чунин афкори танқидии Озар дар тазкира хеле зиёд аст.

Аз ин мисол ба хубӣ ба назар мерасад, ки муаллифи «Оташкада» дар интихоби намунаҳо аз осори шоирон ниҳоят сахтгир ва назари интиқодӣ доштааст.

Аз миёни қисматҳои мухталифи тазкираи «Оташкада» **миҷмараи дувуми** он аҳамияти бештареро молик аст, чунки дар партави аввали он маводе омадааст, ки худи муаллиф бо шоирони ҳамасраш бевосита вохӯрдааст ва аз ҷараёни эҷодиёташон огоҳӣ доштааст ва дар партави дувум маълумоти фаровон аз рӯзгору осори худаш овардааст, ки барои минбаъд омӯхтани рӯзгору осори Лутфалибек Озар, ки дар баробари тазкиранигор будан, шоири хуб ҳам аст, маводи зарурии илмӣ медиҳад.

Нимаи дувуми тазкира баъд аз муқаддима бо шарҳи ҳоли шоирони Кошон, хосса Адҳам бо намунаи осораш шурӯъ мешавад. Ҳамин тавр, шоирони Ҳамадон, Язд, Форс, Абаркӯҳ, Шероз, Козарун…, минтақаи Туронзамин, шаҳрҳои Балх, Хоразм, Урганҷ, Исфаранг, Ахсикат, Бухоро, Бадахшон, Тирмиз, Ҳисори Шодмон, Хуҷанд, Самарқанд, Фархор… ва минтақаи Ҳиндустон, шаҳрҳои Дакан, Деҳлӣ, Саҳранд, Кобул, Лоҳур, Кашмир ба тартиб оварда шудаанд. Дар тазкира тартиби овардани номҳои шоирон ва аҳволи онҳо бо чунин шева иҷро гардидааст: дар тартиби номҳо муаллиф асосан тахаллус ва агар тахаллуси адабӣ надошта бошанд, номашонро овардааст.

Лутфалибек Озар дар нигоштани «Оташкада» суннати тазкиранигории форсии тоҷикиро риоя кардааст ва мисли тазкираҳои дигар асарашро бо ҳамду наът оғоз бахшида, баъд аз ҳамду наът аз моҳияти тазкиранигорӣ ва баҳрабардорӣ аз шеъру шоирӣ сухан гуфтааст. Озар дар тазкираи худ барои муайян кардан ҳунари шеъргӯии шоирон ҳамчун намуна байт, рубоӣ, қитъа, ғазал, қасида, параҳо аз маснавиҳояшонро овардааст. Аз шоироне, ки ҳунари хуби шоирӣ доштаанд, намунаҳои зиёд ва аз шоироне, ки ба шеърашон аз назари интиқод нигаристааст ва дар ҳунари шоирӣ мақоми шоиста надоштаанд, намунаҳои кам овардааст.

Тазкираи «Оташкада»-и Лутфалибек Озари Бегдилӣ нусхаҳои хаттии зиёд дорад, ки дар китобхонаҳои Ҳиндустон, Эрон, Туркия ва дигар минтақаҳо нигоҳдорӣ мешаванд. Аз ин нусхаҳои хаттӣ то кунун «Оташкада» се маротиба дар Ҳиндустон чоп шудааст:

1. «Оташкада»-и Озар. Чопи Ҳинд, 1249 қ.
2. «Оташкада»-и Озар. Чопи Бомбай, 1277 қ.
3. «Оташкада»-и Озар. Чопи Бомбай, 1299 қ.

Инчунин, дар Ҷумҳурии Исломии Эрон низ «Оташкада» борҳо ба чоп расидааст:

1. Чопи аксии нусхаи хаттӣ (факсимиле)-и «Оташкада» бо муқаддима ва феҳристи доктор Саййидҷаъфари Шаҳидӣ дар Теҳрон соли 1328 ҳ.ба анҷом расидааст.

2.Чопи нимаи аввали «Оташкада» аз ҷониби доктор Саййидҳасани Содоти Носирӣ дар се ҷилд, аз тарафи Интишороти «Амири Кабир», дар байни солҳои 1337-1341анҷом пазируфтааст.

3. «Оташкада»-и Озар (нимаи дувум). Таълифи Лутфалибек Озари Бегдилӣ. Ба тасҳеҳи Мирҳошими Муҳаддис. Муассисаи интишороти «Амири Кабир». -Теҳрон, 1378 ҳ.

Хулоса, тазкираи «Оташкада»-и Озар дар миёни дигар тазкираҳои адабиёти форсии тоҷикӣ мақом ва ҷойгоҳи шоиста дорад. Маводу мадраке, ки дар ин тазкира оварда шудааст, «хусусияти интиқодӣ дорад ва барои минбаъд омӯхтани рӯзгору осори шоирон, ҷанбаҳои назарии нақди адабӣ ва равандҳои адабиёт маълумоти хуби илмӣ медиҳад [1, 108]. Дар тазкираи «Оташкада» -и Лутфалибеки Озар афкору андешаҳои зиқимати илмӣ нуҳуфтаанд, ки дар таҳқиқи масъалаҳои муҳими адабиётшиносии тоҷик аҳамияти назарӣ ва амалӣ доранд, аз ин рӯ, зарур аст, ки диққати пажӯҳишгарон ба ин сарчашмаи муҳими илмӣ ҷалб гардад.

АДАБИЁТ

1. .Аҳмад Гулчини Маонӣ. Таърихи тазкираҳои форсӣ.-Теҳрон, 1368.-680 с.
2. Эмомалӣ Раҳмон /Ҷумҳурият.-20 марти соли 2014.
3. Лутфалибек Озари Бекдилӣ. Оташкада. Тасҳеҳ ва таҳқиқи Мирҳошими Муҳаддис.-Нимаи дувум.-Теҳрон: Амири Кабир, 1378.-1200 с.

4. Саҳобиддин Сиддиқов. Садри Зиё ва тазкираҳои ӯ. Ройзании фарҳангии сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон.-Душанбе, 2010. -200 с.
5. Тақиуддини Кошӣ. Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор (дастхат, нусхаи шахсӣ, бидуни соли нашр).

ЛУТФАЛИБЕК ОЗАР БЕГДИЛИ И ЕГО ТАЗКИРА «ОТАШКАДА» (ХРАМ ОГНЕПОКЛОННИКОВ)

Тазкира (антология) является одним из ценнейших источников для изучения истории персидско-таджикской литературы, жизнь и творчество поэтов, писателей, литераторов, литературных школ, развития различных жанров и литературных течений. В истории персидско-таджикской литературы написаны много разных тазкире (антологии) в разных периодах. Лутфалибек Озар Бегдили в ХУ111 веке составил свой тазкире под названием «Оташкада», в котором наряду обыкновенных значениях имеет и большое критические значение. Эта тазкира в истории нашей литературе является одним из ценнейших источниках для изучения различных областей литературы.

Ключевые слова: *Лутфалибек Озар Бегдилӣ, «Оташкада» (Храм огнепоклонников), антология, тема, источник, персидско-таджикской литературы, поэт, литературных школ, жанры, критические значение, экземпляр, библиотека.*

LUTFALIBEK OZAR BEGDILI AND ITS TAZKIR «OTASHKADA» (TEMPLE OF FIRE-WORSHIPERS)

Tazkira (anthology) is one of the most valuable sources for studying the history of Persian-Tajik literature, the life and work of poets, writers, writers, literary schools, the development of various genres and literary movements. In the history of Persian-Tajik literature, many different tazkires (anthologies) have been written in different periods. Lutfalibek Ozar Begdili in the 16th century composed his own tazkira called «Otashkada», in which, along with ordinary meanings, it also has great critical importance. This tazkira in the history of our literature is one of the most valuable sources for the study of various fields of literature.

Key words: *Lutfalibek Ozar Begdili, «Otashkada» (Temple of Fire Worshipers), anthology, theme, source, Persian-Tajik literature, poet, literary schools, genres, critical value, copy, library.*

Сведение об автора:

Элбоев Вафо Джуракулович *- доктор филологических наук, профессор кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 987600143. E-mail: Vafo_1965@mail.ru*

About the author:

Elboyev Vafo Juraqulovich *- Doctor of Philosophy, Professor in the Department of Theory and History of Literature, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 987600143. E-mail: Vafo_1965@mail.ru*

ОБРАЗИ ҲОТАМ ДАР «РИСОЛАИ ҲОТАМИЯ»- ҲУСАЙН ВОИЗИ КОШИФӢ

Восиева Р.Қ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

«Ҳотам» зери ин ном шахсияте таҷассум меёбад, ки ба ҳамагон бо хайру саховатмандӣ, ҷуду карам машҳуру маъруф аст. Номи пурраи ӯ Абдуллоҳ ибни Саъд ибни ал-Ҳашраҷ ибни Амр-ул- Қайс ибни Ҷарвал ибни ал-Ғафс мебошад. Ҳотам яке аз шахсиятҳои таърихӣ буда дар садаи шаши мелодӣ дар қабилаи бани Тай ба дунё омадааст. Ҳотам на фақат марди кариму саховатпеша, балки ӯ инчунин шоир низ будааст. Шеъри ӯ саросар баёнгари шахсияташ буд, яъне ӯ паҳлавон, човандоз, ҳамеша пирӯз будааст (1, с.). Дар мақолаи мазкур кӯшиш менамоем, ки образи Ҳотамро дар «Рисолаи Ҳотамия»- Ҳусайн Воизи Кошифӣ баррасӣ намоем.

«Рисолаи Ҳотамия», ки онро Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо дархости Султон Ҳусайни Бойқаро таълиф карда буд, аз лиҳози ҳадафи таълиф бо ду рисолаи дигари ӯ «Футувватномаи Султонӣ» ва «Ахлоқи мӯҳсинӣ» иртиботе дорад. Дар «Рисолаи Ҳотамия» Ҳусайн Воиз «ба такрор сари муҳимтарин аркони ойини ҷавонмардӣ - саховат ва шуҷоат таваққуф дорад» (3, с. 490] ва ин ду сифати ҳамидаи ойини ҷавонмардиро дар мисоли рӯзгор ва феълу атвори симои маъруфи адабиёти Арабу- Аҷам- Ҳотами Той баррасӣ менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки сабаби таълифи «Рисолаи Ҳотамия» дархости султон Ҳусайни Бойқаро ва ҳадафи он ҷамъоварии ахбору қиссас ва ривоёту ҳикоёт дар бораи Ҳотам аз оғози ба дунё омадани ӯ то вафоти вай будааст. «Рисолаи Ҳотамия» ҳаҷман хурд буда, ҳамагӣ аз 28 саҳифа иборат аст. Ягонагӣ ва устувории сохтории рисоларо тартиби замонии баёни матолиб (аз замони вилодати Ҳотам то замони ӯ) ва дар бораи як шахс- Ҳотами Той будани тамоми ахбору ривоёт ва ҳикоёти он таъмин намудааст. Сабки

нигориши рисола- насри мусаҷҷаи омехта бо назм буда, муаллиф зимни баёни матолиби он барои тасдиқ ва тақвияти матлаб пораҳои алоҳидаи манзум иқтибос намудааст.

Ҳусайн Воиз Кошифӣ баъд аз зикри фазоили саховату эҳсон ва олиҳиммативу ҷавонмардӣ ва таъйини сабабу ҳадафи таълиф, ки вазифаи муқаддимаи рисоларо адо менамояд, матлаби асосиро бо баёни аслу насаби Ҳотами Той чунин оғоз мекунад: «Ровиёни боҳируддироя ва мухбирони содиқурривоя ва донандагони ансобу шиносандагони қабоили аъроб муттафиқанд бар он, ки араб аз насли Қаҳтон аст ё аз салби Аднон, аммо аъроби диёри Яман ҳама авлоди Қаҳтонанд ва аз билоди Яман ва Санъо ва Ҳазрамавту Адан ва Тағору ғайри он имораткарда ва падидовардаи ӯст. Ва Қаҳтон писари Ҳуди пайғамбар аст, ки ӯро ба суриёни Обид гуфтандӣ ва ӯ ба се восита ба Нӯҳи пайғамбар мерасад. Ва Қаҳтон писаре дошт Яъруб ном. Аввал кассе, ки ба забони арабӣ сухан гуфт, ӯ буд ва дар билоди Яман нишастӣ ва ӯро писаре буд Яшҷуб ном ва Яшҷуб ба забони суриёнӣ хунрез бошад. Аз ӯ писаре бизод, Зайд ном ниҳоданд ва баъд аз он ки бузург шуда, пайваста ба сабо иштиғол намудӣ, «Яъне асир гирифтӣ ва ғорат кардӣ) ва бад- ин сабаб ӯро Сабо лақаб кардан ва Саборо се писаре буд: Куҳлон, Вамар ва Ҳумайр. Ва Куҳлонро Худой фарзанде дод ва ӯро Удад ном ниҳод. (Ва Удад баландовозро гӯянд». Ва ӯро писаре буд, Ҷулҳам ном, ҳамвора сафар кардӣ ва манозилу мароҳил тай фармудӣ ӯро Тай лақаб доданд ва падари қабилае шуд аз аъроби Яман. Ва дар нисбат ба вай Тойӣ гӯянд ва Ҳотам аз фарзандони ӯст…» [2, с. 294].

Ахбори мазкури Ҳусайн Воиз ҳам аз авлоди Тай ибни Удад будан ва ба Қаҳтон ибни Яъруб аз Яман расидани насаби Ҳотами Тойро тасдиқ мекунад ва бо ахбори сарчашмаҳои арабӣ, ки насаби Ҳотамро Ибни Удад ибни Зайд ибни Яшҷуб ибни Яъруб ибни Қаҳтон зикр карданд, мувофиқат дорад.

Чунин ба назар менамояд, ки ҳадафи Ҳусайн Воиз дар «Рисолаи Ҳотамия» барқарор кардани шахсияти таърихӣ ва бозсозии зиндагиномаи муфассали Ҳотами Той набуда, ӯ мехостааст, дар бораи Ҳотам, ҷузъиёти зиндагии ӯ ва ривоёти марбут ба вай мухтасар таваққуф намуда, ӯро чун намунаи беҳтарини футувват ва мурувват ва саховату ҷавонмардӣ муаррифӣ намояд. Аз ин хотир, ҳарчанд ки «ровиёни боҳируддироя ва мухбирони содиқурривоя» будани сарчашмаҳои ахбору ривоёти «Рисолаи Ҳотамия» таъкид карда мешавад, вале на ҳама вақт ба масдари ахбори худ истинод менамояд. Яке аз ин масодир китобе бо номи «Риёз- ул- алсина ва- л- афвоҳ», дигаре «Ҷавоҳир –ул- аморат ва аносир- ул- вазорат» ва сеюми «Бӯстон»- и Саъдист. Аз сарчашмаҳои мӯътабаре чун «Китоб- ул- ағонӣ»- и Абулфараҷи Исфаҳонӣ», «аш- Шеър ва- ш- шуаро»- и Ибни Қутайба, «Таърих- ур- русул ва- л- мулук»- и Муҳаммад Ҷарири Табарӣ, «Комил- ут- таърих»- и Ибни Асир ва амсоли онҳо истиноде ба назар намерасад. Ҳамчунин дар бораи модари Ҳотам ҳамсари ӯ ва фарзандонаш маълумоте, ки Ҳусайн Воиз меорад, бо маъхазҳои таърихӣ мувофиқат надорад. Чунончи ба қавли Ҳусайн Воиз «Ҳотамро аз Мовия ду писар омад. Бузургтарро Молик ном кард ва хурдтарро Адий» [2, с. 298]. Вале дар маъхазҳои арабӣ соҳиби ду писар ва як духтар бо номи Саффона доштани Ҳотам ва дар ҷуду сахо ҷонишини ӯ будани духтараш тасдиқ карда шудааст. Аз ин ҷо метавон гуфт, ки ҳадафи Ҳусайн Воиз аз таълифи «Рисолаи Ҳотамия» воқеан на бозсозии таърихи рӯзгор ва аъмоли Ҳотами Той, балки дар шахси оммавӣ муаррифӣ кардани лаҳзаҳои муҳиме аз овони кӯдакӣ, ҷавонӣ ва поени умри Ҳотами Той ва фароҳам овардани ахбору ривоёти марбут ба ӯ будааст, ки ба таври мухтасар Ҳотамро чун мазҳари саховату меҳмоннавозӣ ва олиҳиммативу ҷавонмардӣ нишон дода тавонанд.

Шояд аз ин ҷост, ки баъди маълумоти хеле кӯтоҳ дар бораи аслу насаби Ҳотам Ҳусайн Воиз ба баёни матлаби муҳими рисолаи худ- зуҳур ёфтани осори саховати Ҳотам аз айёми ширхории ӯ мегузарад ва баъди зикри нақли модари ӯ дар бораи дар тифлӣ бо ҳузури тифли бегона аз пистони модар шир нахӯрдани ӯ чунин хулоса мекунад, ки «Ва Ҳотам дар кӯдакӣ бе акрону акфои худ таом нахӯрда ва ҳаргиз танҳо бар сарми хон нанишаста ва соилонро ба дасти худ бе муовинати ғайре чизе додӣ ва дар исъофи муроди мӯҳтоҷон ба он миқдор, ки мақдур будӣ, саъй намудӣ. Аҳли басорат симои бузургӣ дар башараи ӯ мушоҳида менамуд ва арбоби басират дар саҳафоти аҳволи ӯ муголиа мефармуд[2, с. 300].

Ҳамин тавр, муаллифи «Рисолаи Ҳотамия» тибқи тартиби замонӣ ва пайванди мантиқӣ воқеоти издивоҷи Ҳотам бо Мовия бинти Афраз ва аз ин издивоҷ ба дунё омадани фарзандони ӯро бо ахбору ривоёти марбут ба онҳо нақл мекунад.

Дар тасвири Ҳусайн Воиз «чандон ки Ҳотам бузургтар мешуд, сити саховату овозаи ҷавонмардии ӯ бештар мегашт, то вилояти Шом фурӯ гирифт ва ба мамлакати Рум расид…» [2, с. 301]. Барои тасдиқи ин гуфтаҳои худ Ҳусайн Воиз сипас силсилаи ҳикояву ривоёт меорад, ки дар маъхазҳои гуногун сабт шудаанд. Аз ҷумлаи чунин ҳикоятҳо ҳикояти расидани овозаи саховати Ҳотам ба подшоҳи Рум ва барои санҷиши ин овоза барои талаби асби дӯстдоштаи Ҳотам омадани намояндагони подшоҳ, аз рӯи рашку ҳасад барои қатли Ҳотам ҷавонеро фиристодани подшоҳи Яман оварда мешавад, ки дар «Ахлоқи мӯҳсинӣ» ҳам дар боби «Дар саховату эҳсон» айни ҳамин ду ҳикоят мавҷуд аст. Ҳусайн Воиз дар «Ахлоқи мӯҳсинӣ» ба маъхази ду ҳикояти мазкур, ишора накардааст, вале дар «Рисолаи Ҳотамия» сароҳан таъкид мекунад, ки «Ин ҳикоят аз «Бӯстон»- и Шайх Муслиҳиддин Саъдӣ нақл ифтод ва ҳикояти дигар ҳам дар «Бӯстон» оварда» [2, с. 303].

Пас аз ду ҳикояти мазкур Ҳусайн Воиз се ҳикояти дигар дар бораи олиҳиммати Ҳотам нақл мекунад, ки аз рӯи мазмун ва мӯҳтаво ба ҳам шабоҳат доранд ва чун варианти якдигар ба назар мерасанд. Дар ҳикояти аввал ҳангоме, ки ҳотам ҳамроҳи ғуломони худ савори асбони тозӣ мусобиқаи аспдавонӣ баргузор карда буд, дарвеше дар ин майдон ҳузур доштани Ҳотамро шунида, ба умеде, ки «ғуборе суми аспи Ҳотам, ки марди соҳибдавлат аст, бар сари ӯ нишинад ва шояд, ки аз деви идбору накбат ва ғӯли бадбахтию шиддат бозраҳад» [2, с. 308]. Дарвеш бар сари роҳи Ҳотам менишинад ва Ҳотам баъди шунидани арзи ӯ аспи бо зину лаҷоми бо зару зевар ороста, ҷомаи дар бар дошта ва тамоми аспону ғуломонеро, ки ҳамроҳи вай буданд, ба дарвеш бахшида, худ пиёдаву бараҳна рӯ ба манзили худ мениҳад.

Дар ҳикояти дигар нақл мешавад, ки рӯзе ба назди Ҳотам бодиянишине гуруснаву лоғарбадан омада хоҳиш мекунад, ки анбони ӯро аз орд пур созад, то аёли ӯ аз гуруснагӣ раҳоӣ ёбанд. Ҳотам анбони марди бодиянишинро ба ҷои орд пур аз зари сурх мекунад, вале марди лоғари аз гуруснагӣ бемадоршуда анбони пур аз зарро бардошта наметавонад ва ба Ҳотам мегӯяд: «Ман марде бағоят хурдам ва атои ту бисёр бузург аст. Атои ту магар чорпои ту бардорад» [2, с. 309]. Ҳотам аз суханони аъробӣ хандида мефармояд, то ки ба вай шутуре диҳанд ва ҷомаи нав пӯшонанд.

Анҷоми ҳикояти мазкур чунин аст, ки баъди рафтани аъробӣ яке аз муқаррабони Ҳотам эътироз мекунад, хоҳиши аъробӣ як анбон орд буд, зарурат набуд, ки анбони ӯ пур аз зар карда шавад. Ҳотам дар ҷавоб мегӯяд, ки: «Ӯ фарохури қисмати худ хост ва ман муносиби ҳиммати худ додам» [2, с. 310].

Ҳусайн Воиз баъди ҳикояти мазкур варианти сеюми онро аз «Бӯстон»- и Саъдӣ меорад, ки дар он пирамарде аз Ҳотам даҳ дирамсанг фонид (навъе аз ширинӣ- В.Р.) талаб мекунад ва Ҳотам ба ҷои он як халта (тунг) шакар медиҳад. Вақте ки зани Ҳотам эътироз мекунад, ки чаро ба пирамард хеле иёд аз талаби вай ширинӣ дода шуд, Ҳотам мегӯяд, ки:

Гар ӯ дархури ҳоҷати хеш хост,

Ҷавонмардии Ҳотами Тай куҷост? » [2, с. 310].

Пас аз ҳикоёти мазкур Ҳусайн Воиз барои тасдиқи он ки «Ҳотам бо вуҷуди сифати саховат аз дақоиқи ҳикмат низ баҳраманд буд ва фавоиди ҳикамиёти ӯ дар давовини араб ва таворихи эшон мусаббат аст» [2, с. 310].

намунаҳо аз суханони ҳакимонаи Ҳотами Тойӣ меорад, ки мазмуни аксари онҳо иртибот бо тарғиби некиву инсондӯстӣ, саховату эҳсон, ҷавонмардиву олиҳиммативӣ ва дастгирии муҳтоҷон ва заифону бечорагон дорад. Аз ҷумла, ҳикмати зайл, ки аз номи Ҳотам нақл шудааст: «Миннат аторо ботил гардонад. Чи саховат он аст, ки боре аз реши дили дарвеш бардорад. Чун кассе бори фақр аз гардани бечорае бардорад ва бори миннат, ки ҳазор бор гаронтар аст, бар гардани вай ниҳад, ҳар ойина ҷуди ӯ соирҳо ҳеҷ фоида надиҳад, балки чунон бошад, ки гоҳе бардорад ва гоҳе ба ҷои ӯ боз орад…» [2, с. 313].

Дар «Рисолаи Ҳотамия» инчунин ду варианти ҳикояе омадааст, ки дар онҳо Ҳотам ба саволи оё каримтар аз худ касеро дидааст, ҷавоб медиҳад. Ҳикояти аввал, ки маъхази он «Ҷавомеъ- ул- ҳикоёт»- и Муҳаммад Авфӣ буда, Ҳусайн Воиз ҳам нақл кардааст, дар бораи меҳмонии Ҳотам дар хаймаи пиразан ва писари ӯ ва бузғолаи (гӯсфанди) ягонаи худро барои меҳмон забҳ кардан ва ба ивази ин подоше қабул накардани онҳост. Варианти дуюми ҳикояти мазкурро Ҳусайн Воиз бо истинод аз «Гулистон»- и Саъдӣ меорад. Дар ин ҳикоят Ҳотам бузургҳимматтар аз худ хоркашеро меҳисобад, ки нони меҳнати худро аз хони эҳсони Ҳотам беҳтар меҳисобад ва мегӯяд:

Ҳар ки нон аз амали хеш хӯрад,

Миннати Ҳотами Тойӣ набарад [2, с. 313].

Варианти сеюми ҳикояти мазкур, ки дар «Рисолаи Ҳотамия» сабт нашуда, Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Баҳористон» овардааст, дар бораи меҳмонии Ҳотам дар хонаи ҷавоне ятим аст, ки тамоми даҳ сар гӯсфанди худро барои меҳмон забҳ мекунад. Ҳотам баъди огоҳ шудан аз асли воқеа ба ивази даҳ гӯсфанди мизбон сесад шутур ва панҷсад гӯсфанд медиҳад, вале он ҷавонро аз худ олиҳимматтар меҳисобад, зеро ӯ тамоми дороии худро, ки даҳ сар гӯсфанд буд, бе ҳеҷ андешае сарфи меҳмон кард, дар ҳоле, ки Ҳотам ба ивази он ҳиссаи андаке аз дороии худро сарф намуд.

Дар «Рисолаи Ҳотамия» инчунин ҳикояте оварда шудааст, ки сарчашмаи арабӣ дошта, ба қавли худи Ҳусайн маъхази он «Зилол- ус- сафо фи сирати- л- Мустафо» будааст. Мазмуни ҳикояти мазкур ишора ба баландии мурувват ва ҷавонмардии Ҳотам мекунад, ки назири он тасаввурнопазир аст. Дар ҳикояти мазкур сухан аз он меравад, ки рӯзе Ҳотам пиёдаву танҳо дар саҳро мерафт. Дар роҳ бо гурӯҳе аз мардони қабилаи Аъодӣ дучор меоянд, ки ҳамроҳашон асиреро дар банд гирифта мебурданд. Асир Ҳотамро шинохта, аз ӯ илтиҷо мекунад, ки ӯро аз асорат раҳо намояд. Вале Ҳотам дар он ҳол чизе аз молу нақдина бо худ надошт, ки ин асирро аз банд халос намояд. Оқибат илоҷе наёфта, банд аз дасту пои асир мекушояд ва худро ба асорат месупорад ва то вақте ки вакилони ӯ хабар ёфта, бо маблағе зиёд аз мардуми қабилаи Аъодӣ боз мехаранд, дар банд боқӣ мемонад [2, с. 310].

Бо риояи ҳамон тартиби замонӣ Ҳусайн Воиз пас аз овардани ҳикоёти марбут ба давраи авҷи шӯҳрати Ҳотам дар саховату ҷавонмардӣ аз таърихи вафоти Ҳотам ёд мекунад ва дар як сол бо вафоти подшоҳи одил- Хусрави Анушервон иттифоқ афтодани онро чунин зикр менамояд: «Ва Ҳотам дар соли

ҳаштум аз валодати ҳазрати рисолатпаноҳ сафари охират пеш гирифт ва аҷабтар он ки вафоти шоҳ Анушервон, ки дар адл бар салотини собиқ фоиқ ва дар майдони сабқат гӯйи насфат аз подшоҳони мозӣ даррабуд… дар ҳамон сол иттифоқ афтод. Ва ин ду кас, ки дар замони худ ба адлу карам саромади аҳли олам буданд, ба иттифоқи якдигар аз хиттаи фано ба сарои бақо реҳлат намуданд ва овозаи адолату дабдабаи саховат дар арсаи олам ёдгор гузоштанд» [2, с. 316].

Ҳамин тавр, аз сохтору мазмуни «Рисолаи Ҳотамия»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ маълум мегардад, ки ин асар нахустин асари мансури ба Ҳотами Той таалуқдошта ва маҷмӯаи ҳикоёту ривоёт ва ахбори марбут ба рӯзгору аъмоли вай дар адабиёти форс-тоҷик маҳсуб мегардад. Ҳарчанд ки худи Ҳусайн Воиз дар офариниши ҳикоёти марбут ба Ҳотам ибтикоре надорад, вале хидмати ӯ дар он аст, ки маҷмӯи онҳоро аз маъхазҳои адабӣ- таърихии арабиву форсӣ ва осори назму насри ахлоқӣ ва ирфонӣ, ки то замони ӯ вуҷуд доштанд, то ҳадди дастрасӣ доштан ба онҳо ҷамъоварӣ намуда, мувофиқи тартиби замонӣ ва пайванди мантиқии воқеот паи ҳам гузоштааст. Дар рисолаи Ҳусайн Воиз симои комили саховатанду ҷавонмарде ба вуҷуд омадааст,ки саховат ва муруввати ӯ пас аз марг ҳам қатъ намегардад ва ӯ зоирони қабри худро ҳам аз олиҳимматӣ ва меҳмоннавозии худ маҳрум намесозад. Офаринандагони ин ҳикоёт андешаву ормонҳои худро дар бораи саховату олиҳимматӣ ва муруввату ҷавонмардӣ, ки дар ҳама замонҳо, аз ҷумла, дар замони зиндагии Ҳусайн Воиз аз беҳтарин сифатҳои инсонӣ ва мояи саодату некномӣ дар дунёву охират дониста мешуд, дар симои як қаҳрамон - Ҳотами Той ифода намудаанд.

АДАБИЁТ

1. Ёҳаққӣ, Муҳаммадҷаъфар. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ.-/ Муҳаммадҷаъфари Ёҳаққӣ.- Душанбе: Бухоро, 2014.-748 с.
2. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи муҳсинӣ. Рисолаи «Ҳотамия» / Ҳусайн Воизи Кошифӣ : таҳиякунанда ва муаллифи пешгуфтору шарҳдиҳандаи луғот Қурбон Восеъ. – Душнбе: Адиб, 1991. – 320 с.
3. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Калила ва Димна: Ҳикояҳо (Барои наврасон ва ҷавонон) / Ҳусайн Воизи Кошифӣ : танзим ва таҳрири Расул Ҳодизода. – Душнбе: Адиб, 1989. – 304 с.
4. Салимов, Ю. Ёдгори умр /Ю. Салимов. Ҷ.1.-Душанбе: Нури маърифат, 2003. -557 с.
5. Саргузашти Ҳотам. /Тайёркунандаи матн Ҷ. Азизқулов ва С Давронов.- Душанбе, 1967.- 281 с.
6. Ҳотамнома. Ривояти аввали «Ҳафт сайри Ҳотам» Ба кӯшиши Ҳусайн Исмоилӣ –Теҳрон: Муин, 1386.- 407с.
7. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.3.- Душанбе, 2004.

ОБРАЗ ХОТАМА В «РИСОЛАИ ХОТАМИЯ» («ТРАКТАТ О ХОТАМЕ») ХУСАЙН ВОИЗА КОШИФИ

«Хотам» под этим именем воплощается личность, которая известна всем своим добром и великодушием, богатством и щедростью. В данной статье рассматривается образ Хотама в «Рисолаи Хотамия» (Трактат о Хотаме) Хусайн Воиза Кошифи. Эту книгу Хусайн Воиз написал по просьбе султана Хусайна Бойкаро. «Трактат о Хотаме» состоит из 28 страниц. Хусайн Ваиз собрав все сведения, рассказы и легенды из арабских и персидских литературно-исторических источников, поэтических и прозаических нравственно-суфийских произведений, которые существовали до его времени, разместил их в хронологическом порядке. В данном трактате Хусайном Ваизом был воссоздан собирательный образ благородного и щедрого человека. Щедрость и великодушие Хатама не прекращаются и после его смерти. Создатели этих рассказов в облике одного героя отобразили свои идеалы о щедрости и благородстве, которые во все времена, в том числе, и в период жизни Хусайна Ваиза считались лучшими человеческими качествами, приносящими счастье и доброе имя.

Ключевые слова: *Хотам, Трактат о Хотаме, великодушие, рыцарь, сведения, личность, исследование, рассказы, легенды, время, источники.*

THE IMAGE OF HOTAM IN «RISOLAI HOTAMIYA» («TREATISE ON HOTAM») OF HUSAYN VOIZI KOSHIFI

A person known for all his kindness and generosity, wealth and munificence is embodied under the name of «Hotam». This article is dealt with image of Hotam in «Risolai Hotamiya» (A Treatise on Hotam) Husayn Voizi Koshifi. Husayn Voiz wrote this book by the request of Sulton Husayn Boiqaro. «The «Treatise on Hotam» is not great, it consists of 28 pages. Husayn Voiz collected all the information, stories and legends from Arabic and Persian literary and historical sources, poetic and prose moral Sufi works that existed before his time, placed them in chronological order.

In this treatise, Husayn Voiz was recreated as a collective image of a noble and generous man. The generosity and munificence of Hotam do not stop even after his death. The creators of these stories in the guise of one hero reflected their ideals of generosity and nobility, which at all times, including during the life of Husayn Voiz, were considered the best human qualities that bring happiness and a good name.

Keywords: *Hotam, Treatise on Hotam, generosity, knight, information, personality, research, stories, legends, time, sources.*

Сведение об автора:

Восиева Рухшона Курбановна *- доктор филологических наук, профессор, декан факультета таджикской филологии Таджикского государственного педагогичекого университета им С. Айни, тел.: (+992) 981066534; E-mail: v.rukhshona@mail.ru*

About the author:

Vosieva Ruksshona Qurbonovna *- Doctor of Philological Sciences, Professor, Dean of Tajik Philology Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, tel.: (+992) 981066534; E-mail: v.rukhshona@mail.ru*

САҲМИ ХОЛИҚ МИРЗОЗОДА ДАР ШИНОХТИ ШАХСИЯТ, ОСОР ВА АФКОРИ АҲМАДИ ДОНИШ

Муллоев А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Зиндагинома ва афкори адабию илмии Аҳмад ибн-ан- Носир ас- Сиддиқӣ- ал- Ҳанафӣ ал-Бухоройӣ, машҳур ба Аҳмад Маҳдуми Дониш (1827-1897) ҳамчун нависанда, шоир, донишманд, маорифпарвар, таърихнавис, мунаққид, хаттоту китоборо, наққош ва ходими намоёни ҷамъиятӣ ҳанӯз дар даврони зиндагиаш диққати ҳамзамонон ва аҳли илму адаб ва рӯшанфикронро ба худ ҷалб намуда, мутаассир гардонида ба бедориву худшиносӣ ва инқилоби фикрии мардум мусоидат намуда буд.

Аҳмади Дониш аз симохои намоёнтарини илму фарҳанги қарни XIX дар аморати Бухоро маҳсуб меёфт. Табиист, ки осори пуразриши Аҳмади Дониш, аз қабили «Наводир- ул- вақоеъ», «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун», «Номус-ул-аъзам» («Меъёр-ут-тадайюн»), «Рисола фи аъмол- ил- кура», «Зич», «Рисолаи хат ва хаттотӣ», «Манозир –ул-кавокиб», «Таъодули хамсаи мутаҳҳайира», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» ва ғайра ба афкори иҷтимоию сиёсӣ, илмӣ ва адабию эстетикӣ таъсири муҳим гузоштааст.

Нахустин муҳаққиқе, ки муҳити таърихию илмӣ, адабӣ ва фарҳангии замони Аҳмади Донишро таҳқиқ намуда, ба мероси гаронмояи аллома Аҳмади Дониш аз наздик шинос шуд, устод Садриддин Айнӣ буд. Вай дар асарҳои таърихию адабиаш «Намунаи адабиёти тоҷик», «Таърихи амирони манғити Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва махсусан дар «Ёддоштҳо» жарфназарона ба муҳимияти мерос ва омӯзишу таҳқиқи шахсияту осори ин нобиға, ба таъкиди худи ӯ «доҳии модарзод» ва «ситораи фурӯзон дар осмони тираи Бухоро» бо ихлос ва садоқатмандӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Минбаъд дар омӯзиши афкори таърихию фалсафӣ, иҷтимоӣ ва бадеии Аҳмади Дониш адибон ва муҳаққиқони тоҷик назари таҳлилию танқидӣ ва ислоҳталабии ӯ дар навиштаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ Э.Е. Бертелс, С. Айнӣ, Б. Ғафуров, И.С. Брагинский, И. Бечка, Ян Рипка, А. Баҳовуддинов, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, С. Улуғзода, З. Рачабов, Н.Маъсумӣ, И. Мӯминов. М. Динаршоев, Ғ. Ашуров ва дигарон аз дидгоҳи таърихию фалсафӣ, ҷомеашиносӣ ва адабӣ, шинохти шахсият ва симои вай саҳми арзанда гузоштаанд.

Ҳамчунин, таъкид бояд намуд, ки баъд аз С. Айнӣ, ба таъкиди адабиётшинос Валӣ Самад «дуввумин муҳаққиқ, ки ба таҳқиқи осору афкори Аҳмади Дониш иқдом намудааст, мулоҳизаҳои С. Айниро давом ва инкишоф додааст, Х. Мирзозода мебошад» (1, 109-118)

Ёдовар бояд шуд, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик дар бораи ин масъала муҳаққиқ А. Худойдодов дар рисолаи «Холиқ Мирзозода ва адбиётшиносии тоҷик дар асри ХХ» андешаҳои судманд баён намудааст (2, 132-153)

Х. Мирзозода ҳанӯз аз давраи донишҷӯиаш дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд (1930-1935) ба зиндагиномаи Аҳмади Дониш ва эҷодиёти ӯ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, шиносоӣ пайдо намуда буд. Ин шиносоӣ пас аз сафари таҳсилии ӯ ба шаҳри Санкт-Петербург тақвият ёфта, дар натиҷа мақолаи аввалинаш бо номи «Аҳмад Маҳдуми Дониш мулаҷҷаб бо «Аҳмади Калла» (3, 29-31) эҷод мешавад. Дар мақолаи мазкур «ба таври хеле соддаву зариф» хусусияти эҷодиёти Аҳмади Дониш ва сабаби бо чунин лақаб мушарраф гаштани ӯро равшан месозад, ки минбаъд замина барои шинохти Аҳмади Дониш ва осору афкори вай мегардад. Баъд аз ин маводи обзорӣ ва иҷмолиро дар бораи Аҳмади Дониш ва эҷодиёти ӯ дар барномаву херестоматия ва китобҳои дарсӣ дарҷ менамояд.

Мавзӯи меҳварии афкори Аҳмади Дониш ислоҳоти иҷтимоии ҷомеа буд ва таҳқиқи фаннии он пас аз солҳои панҷоҳум ба миён омада, андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ, тафриқаандозии динию мазҳабӣ, ки дар осори гаронмояи Аҳмади Дониш баён шудаанд, то ин давр дар шакли муқоисавию татбиқӣ ва таҳлилии бунёдӣ омӯхта нашуда буд. Масъалаи мураккабе, ки диққати аҳли илму адабро дар ин солҳо ба худ ҷалб намуд, ин омӯхтани осори адабӣ, шахсият, акидаву ҷаҳонбинӣ ва дар ҳамин асос шинохти шахсият ва офаридани симои Аҳмади Дониш буд. Ба ин мақсад, бо раҳнамоии устод Айнӣ , нахустин очерки илмию адабии Сотим Улуғзода «Аҳмади Дониш» ба вуҷуд омад. [4, с.229-232].

Дар натиҷа бо тавсияи устод С. Айнӣ бо кӯшиши пажӯҳишгарони тоҷик А. Мирзоев, Х. Мирзозода ва Р. Ҳодизода дар донишшиносӣ иқдоми тоза гузошта шуд ва осору афкори Аҳмади Дониш мавриди арзёбӣ, таҳлил ва таҳқиқи густурда қарор гирифта, нашри илмӣ-интиқодии осори аллома «Рисола ё мухтасаре аз таърихи хонадони манғития», «Наводир-ул-вақоеъ», ва «Номус-ул-аъзам» («Меъёр –ут-тадаюн») манзури ҷомеа шуданд. Ин осори ӯ асосан дар заминаи нусхаҳои қаламии аз рӯи нусхаҳои котибон рӯнавису таҳия шуда анҷом ёфта, матни илмии интиқодии онҳо дар заминаи дастхати худи Аҳмад Махдуми Дониш ҳанӯз рӯи кор наомада буд . Дар ин замон академик Абдулғанӣ Мирзоев аз мактаби устод Айнӣ ва ховаршиносии Аврупо ва Россия сабақи эҷодӣ гирифта, барои пешрафти илму фарҳанги тоҷик саҳми назаррас гузошт. Дар ин даврон дар пайравии Айнӣ ба таҳқиқи адабиёти асрҳои ХУ1-Х1Х тоҷик пардохта, як қатор тадқиқоти судманд ва пуразриш анҷом дод (5, 6, 7, 8,9, 10). Таҳлил ва баррасии корҳои А. Мирзоев ва Р. Ҳодизода кори алоҳида мебошад, ки аз шарҳу тафсири он худдорӣ намудем.

Солҳои шастум дар тадқиқи осор ва офаридани симои Дониш дар адабиёти тоҷик марҳилаи нав оғоз шуд. Ба олами маънавию мақоми иҷтимоии ин мутафаккири бузург диққати махсус додан барои тадқиқи амиқи хислатҳои шахсияти иқтидорманд ва ҷиҳатҳои муҳими ҳаёти маънавии як давраи муайяни таърихӣ заминаҳои мувофиқ фароҳам овард. Махсусан, донишшиносӣ мавқеи намоёнро ишғол намуд. Таҳқиқоти Х. Мирзозода дар бораи Аҳмади Дониш аз нашри китоби «Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои ХУ1-Х1Х ва ибтидои сри ХХ), соли 1950 шурӯъ мешавад, ки он ҳам ноқис буда, барои донишҷӯён ва муҳассилини он солҳо пешниҳод мегардад. Маводи мазкур аз маълумот дар бораи зиндагинома, айёми таҳсил дар хона ва назди қориён, мероси адабӣ, хизмат дар дарбори амирони манғит, ду сафари аввалаш ба Россия ва вохӯриҳо бо намояндагони гуногун ва қабул нагардидани пешниҳоду таклифҳояш аз ҷониби амир Музаффар, дурӣ ҷустан аз хизмати дарбор, ҳамнишинӣ бо дӯстону ҳаммаслакон ва рӯшанфикрону озодандешон ва амсоли инҳо иборат мебошад. Андешаҳои муҳаққиқ ҷиҳати муҳити замон, давраи муайяни таърихӣ, расму ойини давлатдорӣ, афкори иҷтимоӣ, ислоҳотхоҳӣ, маорифпарварӣ, ҷадидӣ ба таври алоҳида баён наёфта, сатҳӣ ифода гардидааст, аммо биниши вайро дар хусуси нобасомонӣ ва бенизомии ҷамоати Бухоро, усули идораи давлатдорӣ, мансабдорони ҷоҳилу нодон, ислоҳоти дин, инкишофи маданият, касбу ҳунар, забону фарҳанг, тартиботи давлатдорӣ, омӯхтани маданият ва густариши робитаҳо бо Россия ва амсоли инҳо судманд мебошад.

Бояд хотирнишон сохт, ки то ин замон осори аллома Аҳмад Махдуми Дониш ба аҳли ҷомеа дастрас ва шинос набуд ва дар шакли баргузида таҳия ва нашр нашуда буд. Дар баробари ин, ташаккул ва таҳаввули адабиёти тоҷикии нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои ХХ бештар ба фаъолият, нерӯи эҷодӣ ва рисолати адабию эҷодии Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ вобастагӣ дошта, ба таври комилу саҳеҳ мавриди таҳқиқ ва баррасии дақиқ қарор нагирифт буд ва шинохти шахсияту осори мутафаккир ва маорифпарвари бузурги халқи тоҷик Аҳмади Дониш нигарони таҳлил ва тадқиқи илмиву бадеӣ буд.

Дар ин замина таҳқиққоти дақиқ ва ҷиддии Х. Мирзозода дар бораи Аҳмади Дониш афкори адабию илмии ӯ баъд аз солҳои шастуми асри ХХ бо эҷоди мақолаи «Аҳмади Дониш ва пайравони вай» [11] минбаъд ривоҷ меёбад. Тавре ки адабиётшинос А. Худойдодов таъкид менамояд, Х. Мирзозода «ҳангоми тадқиқу баррасии масъалаҳои эҷодиёти Аҳмади Дониш ва пайравони вай адабиёти нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои сри ХХ-и тоҷик ба ду поя: аввалан, адабиёти тоҷик аз нимаи дуюми асри Х1Х то соли 1905, дуввумин солҳои 1905-1917 тақсим менамояд [2, с.135] ва дар ин замина ду майлон: майлони халқӣ ва майлони динӣ-феодалиро бо намояндагонашон муайян месозад.

Х. Мирзозода дар натиҷаи омӯзиши пайваста ва мушаххас ба ақидаҳои умумӣ ва сатҳии қаблан баённамудааш бо диди тоза ва таҳлилӣ муносибат намуда, асарҳои Аҳмади Дониш , махсусан «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола дар назми тамаддун ва таовун “ , “ Манозир-ул-кавокиб» ва «Номус-ул-аъзам»- ро аз нуқтаи назари таҳқиқӣ - муқоисавӣ ба масъалаҳои маърифатнокию маорифпарварӣ, бедории фикрии рӯшанфикрон ва зиёиён, ақидаҳои ислоҳотпарварию озодандешӣ, норасоиҳои низоми идоравии аморати Бухоро, таассуботи динӣ, тарғиби ҳаёт ва маданияти рус, ҷаҳонбинии Аҳмади Дониш, содагии забон ва рушди маданияту маориф , ободию осоиши мамлакат дақиқ андешаронӣ намудааст. Андешаву мулоҳизаҳои муҳаққиқ дар бораи Аҳмади Дониш ва ақидаҳои ӯ минбаъд дар мақолаҳои «Адабиёти тоҷик дар нимаи асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ “ , «Баъзе мулоҳизаҳо дар бораи ғояҳои асосии адабиёти тоинқилобии тоҷик», «Адабиёти ҷадидаи демократӣ», «Аҳмади Дониш ва маорифпарварони ибтидои асри ХХ», «Муносибати Аҳмади Дониш ва баъзе маорифпарварони ибтидои асри ХХ», «Маорифпарварони тоҷик дар бораи омӯхтани забони русӣ» ва амсоли инҳо ба ҷойгоҳ, мақом, ҷаҳонбинӣ ва афкори адабию илмии Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ ҷолиб ва судманд буда, ҷиҳати шинохти шахсият ва осори Аҳмади Дониш минбаъд мусоидат намудаанд .

Махсусан, ба масъалаҳои муносибати баъзе ақидаҳои Аҳмади Дониш ва маорифпарварони ибтидои асри ХХ, таъсири маданияти рус ба бедории фикрии онҳо, ҳаракати ҷадидӣ, ғояҳои пешқадами замон, муқоисаву таҳлили намунаҳои эҷодиёти пайравони Аҳмади Дониш ва намояндагони адабиёти маорифпарварии охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ, аз қабили Тошхоҷаи Асирӣ , Абдулқодирхоҷаи

Савдо , Мирзо Сироҷи Ҳаким , Садриддин Айнӣ , Сиддиқии Ачзӣ, Абдурауфи Фитрат ва дигарон жарфназарона муносибат намуда, бо мушоҳидаҳои таҳлилӣ омилҳои муҳими ташаккули афкори адабиву илмии Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ ва пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии аморати Бухороро муаяйн кардааст , ба баъзе ақидаҳои маорифпарварони ибтидои асри ХХ ва муҳаққиқон назари танқидӣ баён намудааст.

Х. Мирзозода дар заминаи шинохти шахсият ва таҳлили қиёсии осори Аҳмади Дониш, таъсири ақида ва чаҳонбинии ӯ ба рӯшанфикрон, ҷадидан ва маорифпарварони асри ХХ, замон ва муҳити таърихиро равшан сохта, ба масъалаҳои бенизомию харобии мамлакат, хурофотпарастиву ҷаҳолат, таассуботи диндорон ва танқиди онҳо, қашшоқиву бенавоии мардум, беоқибатии давлатдории хонадони манғития ва дар баробари ин ислоҳи низоми идораи давлатдорӣ, ҳамкорӣ ва муносибати дӯстона бо Россия, омӯзиши забони русӣ, обу обёрӣ, оила ва занон, мактаб ва мадрасаҳо ва амсоли инҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст. Ҳамзамон, нуқтаи назари сатҳӣ ва номукаммали И.С. Брагинский, З. Раҷабов ва С. Табаровро дар хусуси ҳаракати ҷадидӣ ва маорифпарварӣ дар алоқамандӣ ва моҳияти пешқадами онҳоро таъкид намуда, диду нигоҳи тоза ва сарчашмаҳои моддӣ ва маънавии ақидаҳи пешқадами иҷтимоӣ ва адабию эстетикии Аҳмади Донишро ба миён мегузорад. Х. Мирзозода ба хулосае меояд, ки «пухта нарасидани муносибатҳои иҷтимоӣ дар аморати Бухоро ба Аҳмади Дониш имкон надод, ки ба дараҷи афкори демократӣ-инқилобӣ барояд» [12, 10].

Ақидаҳои маорифпарварии Дониш барои тараққиёти афкори пешқадами сиёсиву иҷтимоии халқи тоҷик дар нимаи асри 19 ва ибтидои асри 20 аҳамияти ниҳоят калони инқилобӣ ва бедории фикрӣ дошт. Муҳаққиқ дар мақолаи мазкур барои амалӣ гардонидани ғояҳои маорифпарварию ислоҳотхоҳии Аҳмади Дониш, аз ҷумда подшоҳи одилу маърифатпарвар, амалдорони боинсофу бовиҷдон, табибони ҳозиқу ҳунарманд, ҷавонмардони сахӣ ва олиҳиммат ва амсоли инҳо эътибор дода, дар амал татбиқ нагардиддани онҳоро таъкид намудааст.

Таҳлил ва омӯзиши асарҳои Аҳмади Дониш равшан сохт, ки вай дар масъалаҳои пайдоиши олам ва модда, ҳаракат ва ҷараёни олами наботот ва ҳайвонот, рӯҳ ва нафси инсон, азалият ва абадияти олам, зоти илоҳӣ ва муносибати он ба мавҷудоту махлуқот фикрҳои тоза баён кардааст. Дониш дар ҳамаи ин масъалаҳо, пас аз баёни афкор ва ақидаҳои мутафаккирони гузашта тартиби муайяни ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии худро изҳор намудааст. Дар ҳақиқат, ба андешаи муҳаққиқони донишшинос дар масъалаҳои асосии фалсафаи табиат Дониш аз таъсири идеализм ва фалсафаи ислом берун шуда натавонист, аммо дар баёни бисёр масъалаҳо дар афкору ақидаҳои ӯ нақши илму фунуни нави Русия ва Аврупои Ғарбиро, то он ҷо, ки худи ӯ мефаҳмид, равшан дидан мумкин аст. Дар масъалаҳои сиёсиву иҷтимоӣ бошад, Дониш бештар ба мавқеи реалистӣ ва материалистӣ наздик буд. Вай воқеаҳои ҷамъиятиро на ба тарзи муҷаррад ва на ба равияи илоҳӣ, балки бештар дар доираи воқеияти ҳамонвақтаи ҷамъият таҳлил ва ҷамъбаст намудааст.

Дар ин замина таъсир ва мавқеи Аҳмади Донишро дар адабиёти маорифпарварӣ ба он устувор гардидааст, ки дар осораш ҳаёти воқеии замони худро ба таври реалистӣ тасвир кардааст, ки ин ибтидои роҳи нави тасвири бадеӣ дар адабиёт буд. Ин падида бо ғояҳои нави адабиёт ва афкори пешқадами маорифпарварӣ сахт алоқаманд буд ва он дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун давраи реализми маорифпарварӣ маҳсуб меёбад. Ҳамчунин, Дониш дар услуби забони бадеӣ низ нақши мусбате боқӣ гузоштааст. Вай сабку нигориши анъанавии насри бадеии адабиёти классикиро ривоҷ дода, аз имкони васеи забони зиндаи халқи тоҷик - аз мақолу зарбулмасал, ибораҳои рехтаи халқӣ, образҳои зиндаи забони гуфтугӯӣ хеле фаровон истифода намудааст. Чунин сабки нигориш воситаҳои реалистии тасвири бадеиро дар адабиёт пурзӯр кард, майли демократикунонии забони адабиро дар нимаи дуюми асри 19 ва ибтидои асри 20 ҳамчун як ҷараёни адабӣ ривоҷ дод.

Ба ҳамин тариқ, Аҳмад-Махдуми Дониш бо афкор ва осори худ дар адабиёти нимаи дуюми асри 19 таъсир ва мақоми намоён дорад. Дониш на танҳо олим ва мутафаккир, балки нависанда ва санъаткори нотакрори сухан низ буд. Дониш дар асарҳои бадеии худ майли реалистии адабиёти асрҳои пешинаро эҷодкорона давом дод ва дар усул ва услуби бадеӣ, дар мазмуни ғоявӣ роҳи наве вазъ намуд, ки мо онро адабиёти маорифпарварӣ меномем. Афкори сиёсию иҷтимоии Аҳмади Дониш аз он лиҳоз муҳиму арзишманд аст, ки саршор аз дарсхостҳои ислоҳталабию маърифатӣ буда ва мероси пурбораш дар ташаккули ислоҳталабию маърифатгустарии мардумони Осиё Марказӣ муассир аст. Ин мавзӯот дар асарҳои ӯ «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития», «Рисола дар назми тамаддун ва таовун» ва навиштаҳои дигараш бо як сабки нигориши нишонрасу воқеъбинона ба қалам омадаст.

Х. Мирзозода бо биниши дақиқ ва далелҳои мушаххас ягонагӣ ва тафовути ақидаҳои Аҳмади Дониш ва маорифпарварони ибтидои асри ХХ-ро оид ба масъалаҳои гуногун ва паҳлӯҳои мухталифи мавҷудаи як давраи муҳими таърихии аморати Бухоро зикр намуда, ҷойгоҳ ва мақоми мутафаккири бузурги халқи тоҷик- Ахмади Донишро дар муҳити адабию илмӣ ва сиёсии замон ва даврони таърихӣ воқеъбинона муайян намудааст. Вай то вопасин рӯзҳои ҳаёташ ба эҷодиёт, шахсият ва симои Аҳмади Дониш муътақид буд, маҳбубият ва таваҷҷӯҳи зиёд дошт.

АДАБИЁТ

1. Самад Валӣ. Достони ситораи саҳарӣ / Валӣ Самад - Садои Шарқ, 1985, 1, -С..109-118
2. Худойдодов А. Холиқ Мирзозода ва адбиётшиносии тоҷик дар асри XX». / А. Худойдодов -Душанбе; «Дониш», 2014. -364 с.
3. Мирзозода Х. Аҳмад Маҳдуми Дониш мулаққаб бо «Аҳмади Калла» / Х. Мирзозода Барои адабиёти сотсиалистӣ, 1936, № 5, - С. 29-31
4. Улуғзода С. Аҳмад Маҳдуми Дониш. Дор китоби «Намунаи адабиёти тоҷик», / С.Улуғзода Сталинобод, 1940. – С. 229-232
5. Мирзоев А.М. Аҳмад Маҳдуми Дониш. -Адабиёт (Китоби дарсӣ), / А.М. Мирзоев - Сталинобод, 1948, - С.149-153.
6. Мирзоев А. Як асари тозаи Аҳмади Дониш. Ахбори Шӯъбаи Тоҷикистонии АФ ССР, / А. Мирзоев - нашри XX11, 1950.
7. Мирзоев А. Як факти муҳими таъсири маданияти рус дар нимаи дуюми асри X1X ва шарти асосии омӯхтани мероси адабию илмии Аҳмади Дониш. / А. Мирзоев - Ахбори Шӯъбаи Тоҷикистонии АФ ССР, / А. Мирзоев -нашри XX1X, 1951. - С. 67-74.
8. Мирзоев А. Таҳрири аввалини «Наводир-ул-вақоеъ» ва таълифи он. / А. Мирзоев // Ахбори АФ Тоҷикистон, нашри ХУ11, 1953. - С.151-161
9. Мирзоев А. Аҳмади Дониш ва воқеаи қатли оми қипчоқҳо дар нимаи дуюми асри X1X. / А. Мирзоев // Ахбори АФ Тоҷикистон, шумораи 2 (29), 1962. С.7-10
10. Мирзоев А. Аҳмад Маҳдуми Дониш ва гузориши масъалаи обёрии осиёи Миёна.- Шарқи Сурх, № 5, 1962. - С.137-141.
11. Мирзозода Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик. Душанбе:Нашрдавтоҷик, 1962,- 137 с.
12. Аз таърихи афкори адабии халқи тоҷик. Маҷмуаи илмӣ, ҷилди 107. / Х. Мирзозода -Душанбе, 1977. -204 с.

ВКЛАД ХОЛИКА МИРЗОЗОДА В ПОЗНАНИИ ЛИЧНОСТИ, ПРОИЗВЕДЕНИИ И МЫСЛИ АХМАДА ДОНИША

В статье рассматривается роль Холика Мирзозода в познании личности, произведении и мысли Ахмада Дониша. Автор данной статьи отмечает, что Х. Мирзозода с конкретными фактами раскрывает единство и расхождения во взглядах Ахмади Дониша и просветителей начала XX века по разным вопросам и различным аспектам важного исторического периода Бухарского эмирата. Кроме того, в статье отмечается, что Холик Мирзозода до последних дней своей жизни занимался исследованием творчества, личности и образа Ахмада Дониша.

Ключевые слова: *Холик Мирзозода, Ахмад Дониш, личность, произведение, мысль, научно-литературные мысли, историческое, научное, литературное пространство, политических и просветительских идеи Ахмада Дониша, взгляды Ахмада Дониша на проблему образования и воспитания, просветительская деятельность Ахмада Дониша и т.д.*

KHOLIK MIRZOZODA'S CONTRIBUTION IN KNOWING THE PERSONALITY, WORKS AND THOUGHT OF AHMAD DONISH

The article explores the role of Kholik Mirzozoda in knowing the personality, works and thought of Ahmad Donish. The author of this article notes that Kh. Mirzozoda with concrete facts reveals the unity and divergences in the views of Ahmad Donish and the enlighteners of the early twentieth century on various issues and various aspects of the important historical period of Bukhara Emirate. In addition, it is mentioned in the article that Kholik Mirzozoda was engaged in the study of creativity, personality and image of Ahmad Donish until the last days of his life.

Keywords: *Kholik Mirzozoda, Ahmad Donish, personality, work, thought, scientific and literary thoughts, historical, scientific, literary environment, political and educational ideas of Ahmad Donish, views of Ahmad Donish on the problem of education and upbringing, the educational activities of Ahmad Donish, etc.*

Сведение об автора:

Муллоев Абдусамад *– доктор филологических наук, профессор кафедры теория и история литература Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддин Айни.*

About the author:

Mulloev Abdusamad *- Doctor of Philological Sciences, Professor of the Department of Theory and History of Literature of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

ФОРМИРОВАНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОГО МИФА ЧЕРЕЗ СМИ В КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ

Муллоев Ш.Б.
Российско – Таджикский (Славянский) университет
Панков В.В.
Кыргызско-Российский Славянский Университет

Калейдоскопичность политической ситуации в Кыргызстане в период с 2005-2021 гг. вызывают особый интерес исследователей к процессам и механизмам формирования быстро меняющейся политической и социально-культурной обстановки. Кризисы политической ситуации и формирование

специфической маргинальной культуры в Кыргызстане, возникновение процессов медиакратии (управление общественным мнением), негативные стороны глобализационных процессов (замкнутость и изоляция локальных культур, выведение их из процесса взаимодействия культур), – приводят к глубокому кризису общественного сознания, с возникающими лакунами в политической идеологии. Эти лакуны, в условиях постоянно меняющейся картины мира, вынужденно заполняются и заменяются элементами архетипических образов и мифологем, присущих коллективному бессознательному, заменявших в свое время государственную идеологию и являющихся основой догосударственных моделей общества. На ранних этапах развития человечества процессы, имеющие много общего с догосударственным устройством общества, позволяли достаточно эффективно интегрировать общество и приводить его к единой социально-культурной модели.

Однако, на современном этапе активно развивающихся демократических ценностей, эти догосударственные модели перестали эффективно выполнять свои интегративные функции, создавая помехи в процессах международного взаимодействия и внешней политики. Подмена государственной идеологии архетипическими образами и мифологемами вызывает к жизни негативные последствия успешной интеграции государства и его граждан в международные процессы, и формирует конфликтообразующие сферы жизни внутри самого государства, что особенно негативно сказывается на общество в условиях поликультурализма и поликонфессиональности, активизируя дополнительны точки напряженности и создавая условия для разрыва внутригосударственных связей, а это, в свою очередь, влечет за собой дальнейшее расшатывание ситуации.

Кыргызстан на сегодняшний день становится полем для возникновения целого калейдоскопа политических мифов, создавая угрозу собственной стабильности. Мифологические образы в качестве константы мифологического мышления имеют возможности наполняться соответствующим смысловым и эмоциональным содержанием, что, на первый взгляд, положительно влияет на стабилизацию текущей политической ситуации, однако имеют, как мы показали выше, негативные последствия в отложенном хронологическом отрезке.

Мифологема (мифологический образ или/и сюжет) становятся в процессе формирования политического мифа некоей центральной точкой, вокруг которой наслаивается эмоциональное наполнение и формируется новое мировосприятие. По словам Н. Шульги в статье «Мифотворчество в средствах массовой информации» *«мифологема является ближайшим каналом актуализации архетипов. Это позволяет ей быть эффективным инструментом воздействия на общественное сознание. Под воздействием мифологем люди начинают действовать в соответствии с заложенными в их бессознательном программами поведения» [3]*. Таков один из механизмов управления и влияния на общественное сознание.

Э. Кассирер – исследователь мифологического мышления выделили три приема формирования политических мифов: «*изменение функций языка (магическое использование слова), обряды, пророчества. Эти техники, по сути, являются упрощенным изложением системы идеологической пропаганды и выведены из определенного исторического контекста. Но, как показывает исторический опыт, они являются универсальными и используются в различных политических мифологиях*» [3].

Шайгородский Ю.Ж., исследователь политических мифов так определяет этот феномен: политический миф — это «интегрированная форма мифологического и политического сознания; особый вид мифа, сохраняющий в коллективной памяти народа его социальный опыт, императивы духовно-нравственного измерения политических процессов» [4].

По отношению к анализу политической ситуации в Кыргызстане мы позволим себе выделить в отдельную графу элемент обрядовости – жертвоприношение. Ниже мы поясним это на примерах из СМИ как основного механизма формирования общественного мнения.

Анализ приемов изменения функций языка в СМИ Кыргызстана подтверждает активное использование этого приема в политических реалиях Кыргызстана, реализуемые через СМИ. Главной особенностью этого элемента формирования политического мифа является акцентуализация на эмоциональной составляющей языка, придание словам новых смыслов, новые интерпретации политических терминов, или их фальсификация. Этот прием широко используется в политической среде и освещается СМИ через интервью с политическими лидерами. Так, например, многочисленные опубликованные поздравительные речи политиков и государственных служащих являются наглядным примером «омагичивания» и акцентуализации архетипического мышления.

В качестве примера мы взяли образ женщины, матери - как гендерную мифологему, присущую массовому сознанию, в интерпретациях поздравительных речей президентов Кыргызской Республики. Так, например, в поздравительной речи к дню 8 Марта в 2002 г. первого президента Кыргызстана Аскара Акаева, опубликованную в информационном агентстве «Kaktus Media» образ женщины интерпретируется следующим образом: «*Есть глубокий смысл в том, что начало весны традиционно знаменуется Международным женским днем. Мудрость почитания животворящей силы природы и женщины-матери как ее венца, великая мудрость преклонения перед жизнью и вечностью лежат в*

основе этой доброй традиции. Испокон веков женщина была не только устроительницей и хранительницей очага, но и мерилом истинно человеческой сути бытия. Именно благодаря жизнеутверждающей силе и облагораживающей природе женского духа во все периоды истории, несмотря ни на какие социальные катаклизмы, мир устоял и жизнь продолжается. Вот и в нынешнее непростое время, несмотря на неизбежные невзгоды и тяготы эпохи глобальных перемен в жизни нашего народа, вы несете на своих хрупких плечах основную долю бремени жизненных забот о семье и детях»[2] Эмоциональная насыщенность образа женщины сосредотачивается в эпитетах «мудрость», «животворящая сила», «женщина-мать», «облагораживающая природа женского духа» и т.д.

А вот уже в речи второго президента – Курманбека Бакиева, опубликованной в 2010 г. появляется насыщение измененным смыслом: *«Испокон веков кыргызские женщины наравне с мужчинами участвовали в общественной жизни, имели решающий голос, воевали, занимали самые высокие должности. Об этом красноречиво говорит содержание эпоса «Манас», в котором особое место отведено роли женщин в сохранении не только семейного очага, но и всех сородичей и отчей земли от внешних посягательств. В своей исторической памяти наш народ сохранил легендарные образы Каныкей, Айчурек, Жаныл-мырзы, Курманджан датки не только как самоотверженных матерей, но и дальновидных политиков и государственников»[3]* Здесь происходит перенос внимания с роли женщины как хранительницы домашнего очага, на этническую составляющую, через акцентуализацию внимания на подчеркивании роли именно кыргызских женщин – «кыргызские женщины», «роль женщины в эпосе «Манас», «историческая память нашего народа» и т.д. Таким образом, насыщается эмоциональностью не, собственно, гендерный образ, а его этническая составляющая, бессознательно исключающая из внимания представительниц других этносов, населяющих Кыргызстан. Важным здесь видится и то, что стимуляция к некоторой активности могла быть направлена на женскую половину именно в те времена расширяющегося миграционного потока. При этом собственно урбанистическая среда была интернациональна, и, в силу специфики культур, представленных в Бишкеке, оль женщин была и без него значительна.

Следующий президент временного правительства Кыргызской Республики Роза Отунбаева несколько изменила эмоциональное насыщение гендерной мифологемы: *«Наглядным подтверждением служат и примеры героинь недавней в историческом смысле эпохи. Чего стоит, скажем, легендарное имя алайской царицы Курманджан датки, известной нам не столь своим титулом, но своими мудрыми поступками. В память ее прозорливой политики и деятельности мы в этот год всенародно отмечаем двухсотлетие великой горной правительницы, который по праву объявлен Годом Курманджан датки …Кыргызстанским женщинам свойственны лучшие черты Востока и Запада: уважение к семье и браку и в то же время социальная и общественная активность, свобода и независимость. …Мы не забываем и о тех, кто отдал себя без остатка во имя процветания и благополучия нашей Родины, кто искренне служил в самых сложных отраслях науки и техники, на производстве, в культурной сфере, возглавлял государственные и общественные посты! А наши современницы - талантливые и прекрасные женщины, многие из них сегодня стали настоящими лидерами. Они находятся в первых рядах, ежедневно трудятся, следуя традициям и воплощая в жизнь демократические принципы. Женщины, поистине творящие нынешнюю и будущую историю республики, чьи имена и на слуху, и на виду у всех нас»[4]*. Несмотря на примеры женщин-политиков в историческом ракурсе, эмоциональная насыщенность присутствовала вокруг эпитетов «кыргызстанские женщины», «лучшие черты Востока и Запада», «социальная и общественная активность» и т.д. Таким образом, этническая акцентуация в эпоху временного правительства в Кыргызстане была смещена с позиций этноцентризма в сторону поликультурности.

В речи третьего президента Кыргызстана А. Атамбаева в 2012 г., опубликованная в информационном агентстве «Knews», еще сохранялась акцентуация на поликультурный образ женщины: «*2012 год мы объявили Годом семьи, мира, согласия и взаимного прощения. Все начинается с семьи, так как семья – это отдельное маленькое государство. В свою очередь, и государство — одна большая семья. Сколько бы не было в семье детей, у каждого из них свой характер. Также и в государстве есть разные «дети» — национальности. Если в семьях будет царить мир и покой, то и в стране будет спокойно. Где есть согласие и мир, там есть благополучие. Если будем жить в мире и единстве, то Кыргызстан будет процветать»[5]*. Как видно из речи, *акцент* здесь ставится на эпитеты «государство- большая семья», «в государстве есть разные «дети» - национальности», подчеркивая культурное многообразие страны, и более того, вообще смещая акцент с образа женщины. В 2015 году эта тенденция еще сохранялась, подчеркивая роль женщины в Великой отечественной войне, в трудностях и тяготах.

Однако, спустя 3 года, в 2017 году вновь прослеживается внедрение нового смысла в женский образ в интерпретации того же главы государства: *«У нашего народа исстари женщина пользовалась особым уважением. Это отражается в словах, которые являются святыми для народа: «Кыздын кырк чачы улуу», «Рай находится под ногами матерей». Благодаря заботе и вниманию наших мам, жен, бабушек, сестер незыблемыми остаются такие вечные ценности, как дом, семья, дети. Ничто в мире не*

сравнится с материнской любовью. Склоняю голову перед вами, дорогие матери, низкий вам поклон!»[6] Более того, эмоциональный акцент здесь вообще смещается с женского образа в сторону понятия «народ», народной поговоркой подчеркивается не гражданское понимание этого термина, а придается культурно-этнический акцент понятию «народ», особенно усиливают эмоциональную окраску вступительные слова «Уважаемые женщины Кыргызстана!».

Четвертый президент Кыргызстана Сооронбай Жээнбеков в поздравительной речи в 2019 году вновь вернулся на нейтральные позиции по отношению к этнической составляющей гендерной мифологемы, сохранив только достаточно скрытую отсылку через использование термина «нация»: «*Мы в вечном долгу перед матерью, чья беззаветная любовь творит на земле добро, наполняет нашу жизнь смыслом, даёт силы преодолеть любые трудности и вдохновляет нас на новые достижения. Материнская нежность живет в сердце каждого из нас и согревает нашу душу. Женщины Кыргызстана – гордость и бесценное достояние нашей нации. Вы – не только тепло семейного очага, но и опора государства. Сила ваших нежных рук способна укрепить могущество нашего государства, дать мощный толчок его развитию и процветанию, а ваша мудрость и выдержка являются залогом сохранения мира в стране, укрепления дружбы и единства нашего народа*».[7]

А к 2020 году, речь вообще переходит в окончательно нейтрально русло, подчеркивая и эмоционально насыщая образ женщины через понятия любви, мудрости, рождения и домашнего очага: *«Женщины украшают нашу жизнь, привнося в нее гармонию и радость. Мы восхищаемся вашей красотой, нежностью, мудростью и милосердием. Наш народ свято хранит традицию уважения к Женщине-Матери. В настоящее время женщины активно участвуют в экономической, политической жизни общества, деятельности органов государственной власти и местного самоуправления»[8]*.

Пришедший на смену С. Жээнбекову Садыр Жапаров вновь вернулся к позициям этноцентризма, смещая акцент с этноцентричного гендерного образа «женщина в кыргызском обществе», и совмещая его с понятием «современная женщина Кыргызстана», «*Женщина — это не только мать, жена, сестра, дочь, но и хранительница семейного очага, и символ свободолюбия народа. Исторически так сложилось, что женщина в кыргызском обществе всегда была глубоко почитаема, а ее роль в общественной и политической жизни была высока. Бережно храня преемственность поколений, современная женщина Кыргызстана сочетает в себе лучшие народные традиции — терпимость, приверженность к семье и преданность детям*»[9]

Исходя из проанализированного материала, становится ясно, что политический миф о единстве кыргызского народа начинается в моменты укрепления власти конкретного политического лидера. При ослаблении политических позиций, эмоциональная акцентуация в политических речах, в том числе, освещаемых в СМИ, смещается с поликультурной парадигмы на этноцентрическую.

ЛИТЕРАТУРА

1. Мелетинский Е.М. Миф и двадцатый век // Мелетинский Е.М. Избранные статьи; Воспоминания / отв. ред. Е.С. Новик; Российский гос. гуманитарный ун-т, Ин-т высш. гуманитарных исслед. им. Е.М. Мелетинского. — 2-е изд., доп. — М.: РГГУ, 2008.
2. Цуладзе А. Политическая мифология: [монография]. Москва: ЭКСМО, 2003.
3. Шайгородский Ю.Ж. Политика: взаимодействие реальности и мифа: [монография]. Киев: Знания Украйни, 2009.
4. Шульга Н.В. Мифотворчество в средствах массовой информации // Концепт. – 2013. – № 03 (март). – ART 13063. – 0,7 п. л. – URL: http://ekoncept.ru/2013/13063.htm
5. Элиаде М. Аспекты мифа / Пер. с фр. В. Большакова. — Инвест-ПИПП, 1995.

ФОРМИРОВАНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОГО МИФА ЧЕРЕЗ СМИ В КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКЕ

Политический миф является неотъемлемой частью социально-политической и культурной реальности государства. Этот феномен является упрощенным, и иррациональным отражением политической реальности в личном и массовом сознании. Политический миф выражает основные общественные ценности и мораль, и является неким символическим способом их интерпретации, моделированием мира и социальной жизни. Он является инструментом реализации конкретных политических задач – борьбы за власть, её легитимации, утверждением новой политической идеологии. интегрированная форма мифологического и политического сознания.

Средства массовой информации являются одним из механизмов формирования общественного мнения, поэтому реализация политических мифов через СМИ воспринимаются основным способом воздействия на социум при создании политического мифа.

Однако, в условиях отсутствия целостно сформированной политической идеологии просто отсутствует возможность создания устойчивой политической мифологии. В таких обстоятельствах в процесс мышления включаются иррациональные механизмы сознания, активизируя мифологическое мышление в ущерб логике. Эта ситуация влечет за собой изменение культурно-

социальной реальности, и хаотичность мировосприятия, что, в свою очередь, формирует негативные условия развития политической реальности. Таким образом, замкнутый алгоритм развития государства отрицательно сказывается на условиях жизни общества, приводя к неустойчивости.

В цикле статей о политическом мифе рассматриваются три механизма формирования политического мифа. Одним из них является изменение языковой формы, придания новых смыслов. Этот механизм наиболее доступен и возможен именно через Средства массовой информации.

Ключевые слова: *СМИ, политический миф, общественное сознание, политическая идеология, языковая форма, структура языка.*

FORMATION OF A POLITICAL MYTH THROUGH THE MEDIA IN THE KYRGYZ REPUBLIC

A series of articles is devoted to the problem of the role of the media in the formation of political myths. The political myth is an integral part of the socio-political and cultural reality of the state. This phenomenon is a simplified and irrational reflection of political reality in personal and mass consciousness. The political myth expresses basic social values and morality, and is a kind of symbolic way of interpreting them, modeling the world and social life. It is an instrument for the implementation of specific political tasks - the struggle for power, its legitimation, the approval of a new political ideology. an integrated form of mythological and political consciousness.

The media are one of the mechanisms for shaping public opinion, therefore, the implementation of political myths through the media is perceived as the main way of influencing society when creating a political myth.

However, in the absence of a coherently formed political ideology, there is simply no possibility of creating a stable political mythology. In such circumstances, irrational mechanisms of consciousness are included in the thinking process, activating mythological thinking to the detriment of logic. This situation entails a change in cultural and social reality, and a chaotic perception of the world, which, in turn, forms negative conditions for the development of political reality. Thus, a closed algorithm for the development of the state negatively affects the living conditions of society, leading to instability.

In a series of articles on political myth, three mechanisms of the formation of a political myth are considered. One of them is changing the linguistic form, giving new meanings. This mechanism is most accessible and possible precisely through the mass media.

Key words: *mass media, political myth, public consciousness, political ideology, linguistic form, structure of language.*

Сведения об авторах:

Муллоев Шариф Бокиевич *- Доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедрой печатных СМИ и PR Российско – Таджикский (Славянский) университет. Ул. М. Турсунзаде 30, 734025, Душанбе Республика Таджикистан Тел: (+992 44) 6204206. E-mail: mulloev_sharif @mail.ru*

Панков Виталий Вячеславович *- кандидат педагогических наук, доцент. Кыргызско-Российский Славянский Университет г. Бишкек, Кыргызская Республика. Ул. Абая 2а, кв.8, Первомайский район. Тел:(+996) 550712783 E-mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru*

About the authors:

Mulloev Sharif Bokievich *- Doctor of Philology, Professor, Head of the Department of Print Media and PR, Russian - Tajik (Slavonic) University. St. M. Tursunzade 30, 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan Tel: (+992 44) 6204206. E-mail: mulloev_sharif @ mail.ru*

Pankov Vitaly Vyacheslavovich *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor. Kyrgyz-Russian Slavic University, Bishkek, Kyrgyz Republic. St. Abay 2a, apt. 8, Pervomaisky district. Tel: (+ 996) 550712783 E-mail: pankov-vitaliy72@yandex.ru*

АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА ВИЛЯМ ШЕКСПИР – ШОИРОНИ ГУМАНИЗМ

Шозиёева Г.П.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Дар саҳифаҳои таърих номи бузургон ва абармардони ангуштшуморе бо ҳарфҳои зарҳалин сабт шудааст. Бинобар ин пос доштани номи онҳо маҳз ба ақидаҳои инсондӯстона (гуманистӣ)-и онҳо алоқаманд аст. Бузургон ва шоироне чун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, В. Шекспир, Р. Декарт, Ҳофиз, Ҳёте, А. Пушкин, Л. Толстой, Саъдӣ, Ҷомӣ, М. Гандӣ, С. Айнӣ ва дигарон аз зумраи гуманистони ҷаҳонанд.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд дар адабиёт ва фарҳанги форсии тоҷикӣ нахустин шоири гуманист Устод Рӯдакӣ бошад ҳам, Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ ҳамчун шоири гуманисти воқеӣ (реалӣ) шинохта шудааст. Бо нишон додани роҳи ҳақиқат ва андешаҳои инсондӯстона шоирону бузургон тавассути ашъори гаронбаҳои худ ба дили оламиён роҳ ёфтаанд. Ба хотири бузургии рӯҳи Фирдавсӣ

донишмандону муҳаққиқон ва умуман аҳли адаб бузургдошту ҷашнвораҳо ва Конфронсҳои байналмилалӣ дар саросари дунё, ба хусус дар Тоҷикистону Ӯзбекистон, Эрону Озарбойҷон, Ҳиндустону Покистон, Афғонистон, Россия, Аврупову Амрико ва ғайра бо шукуҳу шаҳомати баланд баргузор намуданд. Ба муносибати бузургтарин ҳамоишҳову ҷашнвораҳо «Ҳазораи Фирдавсӣ» (соли 1934 дар замони Иттиҳоди шӯравӣ), «Ҳазораи «Шоҳнома» (соли 1991 аз тарафи ЮНЕСКО дар Эрону Тоҷикистон) ва ғ. дохил мешаванд, як қатор таҳқиқотҳои илмиро ба вуҷуд оварданд. Пос доштан ва рӯ овардани муҳаққиқон ба осори Фирдавсӣ маҳз ба андешаҳои хирадмандонаву инсондӯстонаи ӯ тааллуқ дорад. Ҳарчанд дар тӯли таърих бештари осори ниёгонамон бар асари ҳуҷумҳои аҷнабиён нобуд гардида бошад ҳам, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ нигоҳ дошта шудааст.

Асари безаволи Ҳаким Фирдавсӣ «Шоҳнома», ки ҳамчун бо шоҳкориҳои баландмазмуну рангин ва арзиши баланд ва инчунин бо андешаҳои инсондӯстонаи худ то мамолики Ғарб маъмул гаштааст ва дар асарҳову мақолаҳои донишмандон, шарқшиносон ва муҳаққиқони маъруф Е.Э. Бертелс, И. Орбели, М. Дяконов, С. Айнӣ, А. Мирзоев, С. Анри, Э. Браун, К.С. Брагинский, М. Усмонов, Х. Мирзозода, З. Аҳрорӣ, Р. Ҳодизода, М. Раҷабов, З. Сафо, М. Минавӣ, М.И. Нудушан, А. Массэ, Я. Рипка, Х. Шарифов, А. Сатторзода, В. Самад ва дигарон ишораҳо шудааст. Роҷеъ ба арзишҳои ахлоқӣ ва инсондӯстонаи шоир шоҳномашинос ва донишманди тоҷик М. Муллоаҳмад монографияи илмӣ таҳти унвони «Паёми ахлоқии Фирдавсӣ» таълиф намудааст, ки тарафҳои зиёди ин масъаларо кушодааст [6, с.263].

Мавриди зикр аст, ки бо вуҷуди дақиқназар ва мӯшикоф будани муаллиф монографияи илмии мазкур аз шаш боб иборат буда, ҳам хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва ҳам хислатҳои бади симоҳои «Шоҳнома»-ро мавриди пажуҳиш қарор додааст. Дар ин бора пажуҳишгари тоҷик М. Муллоаҳмад чунин шарҳ додааст: «Дар «Шоҳнома»и Фирдавсӣ ҳам баёни панду андарз ва андешаҳои ахлоқӣ бо инсон сахт марбутанд ва аз он ҷудо нестанд» [6, с.12].

Ақидаи инсондӯстонаи ӯ бештар дар насиҳату тарбия бо меҳру муҳаббати байни инсоният зоҳир мегардад. Зери дӯст доштани инсон – тамоми арзишҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ дониста мешаванд. Ба қатори он некиву накӯкорӣ, дӯстиву рафоқат, иззату ҳурмат ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дохил мешавад.

Осори Ҳаким Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир аз аввал то охир ба арзишҳои инсондӯстона бахшида шудааст. Маълум мешавад, ки дар таълиф намудани шаклҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва муносибати инсоният ба онҳо нахустин маротиба дар ашъори Ҳакими бузурги Шарқ дида мешавад. Ҳарчанд Фирдавсӣ дар ашъори худ қаҳрамонҳои манфиро дар мартабаҳои баланд, чун паҳлавонону шоҳон ва сарватмандон қарор додааст, онҳоро ҳама вақт маҳкум намудааст ва арзишҳои маънавии инсониро боло гузоштааст. Ва ҳарчанд бадӣ дар ҷаҳон вуҷуд дорад, некӣ ҳамеша дастболо аст.

Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ қисмати алоҳидае бо номи «Гуфтор андар ситоиши хирад» ҷой додааст, ки пурра арзишҳои волоии инсонро таҷассум мекунанд:

Кунун, эй хирадманд, арҷи хирад — *Бад-ин ҷойгаҳ гуфтан андархурад,*
Хирад беҳтар аз ҳарчӣ Эзад-т дод, — *Ситоиши хирадро беҳ аз роҳи дод.*
Хирад раҳнамою хирад дилкушой, — *Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой. [1, с. 25].*

Дар ҷои дигар шоири тавоно ба инсоният рӯ оварда, чунин насиҳат кардааст:

Хирадманд бошеду равшанравон, — *Ниюшандаву чарбу ширинзабон.*
Гар эдун, ки қайсар ба майдон шавад, — *Камон хоҳаду гар ба чавгон шавад, [3, с. 26-27].*

Вилям Шекспир мисли Ҳаким Фирдавсӣ ҳамчун шахси инсондӯст (гуманист) шинохта шудааст. Шуҳрати Вилям Шекспир ҳанӯз ҳангоми зиндагиаш дар Ғарб баланд буда, баъдтар тамоми ҷаҳонро тасхир намудааст. Дар ин радиф ба қатори муҳаққиқони нахустини Ғарб Ҷон Драйден (John Dryden (1631-1700), Готҳолд Лейзинг (Gotthold Ephraim Lessing (1729-1781), Эдмунд Малон (Edmund Malone (1741-1812), Ҷон Пейн Колли (John Payne Collier (1789-1889) дохил мешуданд. Ӯ дар замоне (давраи Эҳё – Ш.Г.) зиндагӣ намудааст, ки арзишҳои инсонӣ роҳи худро ёфтанд. Давраи Вилям Шекспир даврае буд, ки на танҳо илму фарҳанги ҷомеаро эҳё намуд, балки тафаккури инсониро низ рушд додааст. Бояд гуфт, ки нахустин маротиба дар Англия заминаи ақидаҳои гуманистиро Вилям Шекспир мондааст. Баъдтар ин арзиши бебаҳо дар корҳои Ҷ. Бруно, Ф. Бэкон, В. Лейбнитс, Ш. Монтеке, Р. Декарт ва дигарон таҳлил шуданд.

Инсон дар шоҳкории ҳамосии «Шоҳнома» бо сифатҳои ҷавонмардӣ, хирадгароӣ ва ғ. шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Ин мавзӯъҳо аҳли башарро ба руҳияи инсондӯстӣ, хайрхоҳӣ ва дигар ҳиссиёти инсонӣ роҳнамоӣ мекунад. Ҳаким Фирдавсӣ дар ин бобат чунин суханҳоро ба риштаи назм кашидааст:

***Ҷавонмардӣ**, аз корҳо пеша кун,* — *Ҳама **некувӣ** андар андеша кун.*
Ҷу гӯӣ, к-аз ӯ ман расидам ба ком, — *Нигаҳ кун, ки он ком банд асту дом.*
Зи бад, то тавонӣ, сиғолиш макун, — *Аз ин марди донанда бишнав сухун.*
Ҷу гуфтору кирдор некӯ кунӣ, — *Ба гетӣ равонро беоҳу кунӣ. [3, с. 259].*

Чунин сифатҳои олии инсонӣ дар осори бебаҳои Вилям Шекспир, махсусан дар «Соннетҳо» бараъло мушоҳида мешаванд. Муаллиф тавассути соннетҳои ҷовидонаи худ инсониятро тарбия мекунад (соннети 69):

Тарҷума:
Ба зоҳир ба чашми ту аёнанд,
Чизи дигаре нест, ки ислоҳ шавад.
Душманиву дӯстӣ ҷумла якранганд,
Воқеан натвон чизе илова шавад.
Барои симои зоҳирӣ, шараф ҳақ аст.
Овози доварон ҳар лаҳза пурфайз аст.
Арзиши он воқеӣ гар суҳбат ороянд,
Қиммати дил дар дида зоҳир аст.
Оид ба навои дил сухан ороед,
Ойинаи қалб – ҷону дармони ӯст.
Баргҳои он вақте ҷон медиҳанд,
Лек буйи садбарг таровати ӯст.
Боғи уммеди ту он вақт зоҳир шавад,
Гар бар ҳамагон ё ҳеҷ касс маълум аст.

Those parts of thee that the worlds eye doth view,
Want nothing that the thought of hearts can mend:
All toungs (the voice of soules) giue thee that end,
Vttring bare truth, euen so as foes Commend.
Their outward thus with outward praise is crownd,
But those same toungs that giue thee so thine owne,
In other accents doe this praise confound
By seeing farther then the eye hath showne.
They looke into the beauty of thy mind,
And that in guesse they measure by thy deeds,
Then churls their thoughts (although their eies were kind)
To thy faire flower ad the rancke smell of weeds,
But why thy odor matcheth not thy show,
The solue is this, that thou doest common grow. [14, с.77].

Инсондӯстӣ дар «Шоҳнома» нисбат ба дигар асарҳои оламшумули ҷаҳонӣ дорои вижагиҳои махсуси иҷтимоӣ-сиёсӣ аст. Ин вижагиҳо бештар аз ҷониби шоҳон ва дигар мансабдорон риоя мешавад. Ҷиҳати доштани ақли расо ва дониши комил шоҳ маркази ҳокимиятро ба Эраҷ додааст ва ба ду бародари ӯ гирду атрофи ҳокимиятро додааст:

В-аз он пас чу навбат ба Эраҷ расид,
Ҳам Эрону ҳам Дашти Найзаварон,
Бад-ӯ дод, к-ӯро сазо дид гоҳ,
Мар ӯро падар шаҳри Эрон гузид.
Ҳамон тахти шоҳиву тоҷи сарон
Ҳамон теғу мӯҳру нигину кулоҳ. [1, с. 150].

Вижагиҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, ки дар Аврупо зимни ҷаҳонбинӣ ва тафаккури инсони комил ба вуҷуд омадааст ва Вилям Шекспир онҳоро чунин ба қалам додааст (сонети 67):

Тарҷума:
Оҳ, чаро ӯ бо бадиҳо зиндагӣ мекунед,
Ё барои баҳонае беномусона хидмат мекунед?
Барои гуноҳҳои хеш шараф меҷӯяд,
Бо дурӯғу саҳл онҳоро пӯшида мекунад.
Чаро санъат ранги мурдаро дорад?
Ё ки баҳори нозанин чеҳраи ӯро медуздад?
Чаро зебоӣ маккориро мехоҳад,
Гулҳои сохта нақшҳои қалбакӣ мехоҳанд.
Чаро табиат ҳамаро онро ниҳон медорад,
Даме, ки тамоман қувва надорад.
Зери оташи шарм, рухсораҳо месӯзанд,
Ҳаёт он дам ин хун дар бадан меҷӯшад?
Нигаҳ дор онро то даме ин нурафшон аст,
Он чизе, ки гузашту ҳанӯз дурахшон аст.

Ah wherefore with infection should he liue,
And with his presence grace impietie,
That sinne by him aduantage should atchiue,
And lace it selfe with his societie?
Why should false painting immitate his cheeke,
And steale dead seeing of his liuing hew?
Why should poore beautie indirectly seeke,
Roses of shaddow, since his Rose is true?
Why should he liue, now nature banckrout is,
Beggerd of blood to blush through liuely vaines,
For she hath no exchecker now but his,
And proud of many, liues vpon his gaines?
O him she stores, to show what welth she had,
In daies long since, before these last so bad. [14, с. 77-78].

Васфи инсон дар таърихи адабиёту фарҳанг ва тамаддуни халқи форсу тоҷик аз даврaҳои қадим меҳвари асосӣ ба ҳисоб мерафт. Дар осори нобиғони бузурги Шарқу Ғарб Ҳаким Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир ситоиши қудрату тавоноии инсон дар симои шоҳҳлну паҳлавонон, хирадмандону доноён ва дигар шахсони воло шарҳ дода шудааст. Ҳаким Фирдавсӣ ақлро, ки арзишмандтарин ҳастии инсоният мебошад, ситоиш кардааст:

*Дигар бо **хирадманд** мардум нишин,*
*Ки **доно** туро душмани ҷон бувад*
Ту фарзандиву ёдгори манӣ,
Умедам ба додори рӯзи шумор,
Ки нодон набошад бар оину дин.
Беҳ аз дӯстмарде, ки нодон бувад.
Ба ҳар кор дастуру ёри манӣ
Ки аз бахту давлат шавӣ бахтёр. [1, с.253].

Осори Вилям Шекспир ақлро «асоси ҳастии зиндагии аҳли башар» номида, гуфтааст (соннети 11):

As fast as thou shalt wane so fast thou grow'st,
In one of thine, from that which thou departest,
And that fresh bloud which yongly thou bestow'st,
Thou maist call thine, when thou from youth conuertest,
Herein liues wisdome, beauty, and increase,
Without this follie, age, and could decay,
If all were minded so, the times should cease,
And threescoore yeare would make the world away:
Let those whom nature hath not made for store,
Harsh, featurelesse, and rude, barrenly perrish,
Looke whom she best indow'd, she gaue the more;

Тарҷумаи таҳтулафзӣ:
Мо намедонем, чи тавре ки мо бузург мешавем.
Мо дар наслҳо, дар замони нав ба воя мерасем.
Қудрати аз ҳад зиёд дар ворисии шумо
Ба назар гиред, ки тайи солҳои сардтаранд.
*Ин қонуни **хирад** ва **ақл** аст.*
Бидуни онҳо дар ҷаҳон ҳукмронӣ намекарданд
Девонагӣ, пирӣ то охири вақт
Ва дунё дар шаш даҳсолаҳо нопадид мегардад.
Бигзор он кас, ки ба ҳаёт ва замин дил начаспад, -
Бетоқативу дағалӣ - то абад мемирад.

Which bountious guift thou shouldst in bounty cherrish,	*Ва ту ин гуна тӯҳфаҳо гирифтам,*
She caru'd thee for her seale, and ment therby,	*Ки шумо метавонед онҳоро боз баргардонед.*
Thou shouldst print more, not let that coppy die.	*Мисли усто метавонед кандакорӣ кунед.*
	Ба таассуроти худ ба садсолаҳои дигар боз.

Осори арзишманди бузургони Шарқу Ғарб дар умқи таърих куҳна нашуда, дар равандҳои таърихии сиёсӣ-иҷтимоӣ бо тобишҳои гуногун омӯхта мешаванд, зеро маркази асосии онҳоро анъанаҳои инсондӯстиву эҳсосоти башардӯстӣ ташкил медиҳад. Ин масъала дар «Шоҳнома» чунин баён шудааст:

Ҳамон дӯстӣ бо касе кун баланд,	*Ки бошад ба сахтӣ туро ёрманд.*
Ту бар анҷуман хомӯшӣ баргузин,	*Чу хоҳӣ, ки яксар кунанд офарин.*
Чу гӯӣ ҳам, он гӯ, ки омӯхтӣ,	*Ба омӯхтан – дар ҷигар сӯхтӣ. [2, с. 8].*

Вилям Шекспир арзиши инсондӯстиро дар «Сонетҳо»-и худ чунин ифода кардааст (сонети 120):

That you were once vnkind be-friends mee now,	*Тарҷума:*
And for that sorrow, which I then didde feele,	*Ки дӯсти ман бо ман лаҳзае бераҳм буд,*
Needes must I vnder my transgression bow,	*Барои ман панд шуд, ки танҳо гузарондаам.*
Vnlesse my Nerues were brasse or hammered steele.	*Ки ман ҳам бояд айби худамро дарк кунам,*
For if you were by my vnkindnesse shaken	*Гар ин дил «дил бошаду на пӯлод»*
As I by yours, y'haue past a hell of Time,	*В-агар ки ман ба сухани ӯ кина гирам,*
And I a tyrant haue no leasure taken	*Чӣ тавр, ки зудтар ба ҷаҳаннам наздик созад.*
To waigh how once I suffered in your crime.	*Ба амри тақдир роҳат насибам нест,*
O that our night of wo might haue remembred	*Танҳо хотираҳои гузашта зудуда нахоҳад гашт.*
My deepest sence, how hard true sorrow hits,	*Бигзор он шаби ғаму андуҳ,*
And soone to you, as you to me then tendred	*Фақат гӯяд ин чи тавр дарк хоҳад кард.*
The humble salue, which wounded bosomes fits	*Дӯсти худро дар ин лаҳза кӯмак кард,*
But that your trespasse now becomes a fee,	*То дӯсти худро ман баҳри шифо овардам.*
Mine ransoms yours, and yours must ransome mee.	*Лек пас аз он ӯ пушаймон нахоҳад шуд,*
	Даме, ки маро пурра бахшида тавонад.
	Тамоми чизро, ки ман гузаронидаам,
	Ба ивази он маро бахшад, ҳар ҷазое дорам.

Гуфтан месазад, ки тавассути ситоиши инсон Ҳаким Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир тамаддуни гузаштаи худро, яъне халқҳои форсу тоҷик ва англисро эҳё намуданд. Муҳаққиқи тоҷик Хоҷамуродов О., дар китоби худ зери унвони «Фарҳангшиносӣ» арҷгузории мардуми Ғарбро ба фарҳанги худ чунин баён намудааст: «Дар фарҳанги муосири аврупоӣ ғояҳо ва усулҳое, ки инсоният дар қарнҳои гузашта, ба вижа дар поёни қарни XX кашф кардааст, хеле хуб ба ҳам омезиш ёфта ба таври мӯъҷаз ироя шудааст» [12, с.102].

Ҳамин тавр, осори гаронбаҳои Абулқосим Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир, ки саршор аз фикрҳои инсондӯстона мебошанд, симоҳои барҷастаи Шарқу Ғарбро нишон медиҳанд. Зеро фикру андешаҳои баланди инсондӯстонаи онҳо саҳифаи дурахшонеро дар таърихи гуманизми башарият нишон медиҳанд.

Ҳарчанд дар замони ҷаҳонишавии муосир илму технология босуръат тараққӣ меёбад, масъалаҳои маънавӣ (гуманистӣ) дар Шарқу Ғарб ҷойгоҳи махсус дорад. Бинобар ин ду уфуқи Шарқу Ғарб дар ҳама гуна вазъияти сиёсӣ-иҷтимоӣ хизмати шоиста хоҳад намуд, зеро инсондӯстӣ аз ғояҳои асосии осори онҳо мебошад.

АДАБИЁТ

1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 1, / А. Фирдавсӣ - Душанбе, 326 с.
2. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 9, / А. Фирдавсӣ - Душанбе, 338 с.
3. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди 10, / А. Фирдавсӣ - Душанбе, 338 с.
4. Валӣ Самад. Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳими адабиёт. / Самад Валӣ - Душанбе: Ирфон, 1976. - 219 с.
5. Конрад Н.И. Запад и Восток. Статьи. - Главная редакция восточной литературы, Москва, 1972. - 496 с.
6. Муллоаҳмад М. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ, / М. Муллоаҳмад - Душанбе, 2003. - 263 с.
7. Нафисӣ С. Таърихи адабиёти Эрон, / С.Нафисӣ Теҳрон, 1351. - 438 с.
8. Ҳейзер А. Тоҷи заррин, Хуҷанд: / А. Ҳейзер Нури маърифат, 2015. - 159 с.
9. Фирдоуси А. Шахнаме. Перевод В.В. Державин, С.И. Липкин, / А. Фирдоуси - Москва, 1978. - 341 с.
10. Холиқи Мутлақ, Ҷалол. Фирдавсӣ // Фирдавсӣ, -1202 с.
11. Холиқи Мутлақ, Ҷалол. Фирдавсӣ // Фирдавсӣ, -1202 с.
12. Хоҷамуродов О. Фарҳангшиносӣ. / О.Хоҷамуродов - Душанбе, 2011. - 139 с.
13. Чайкин К. Фирдоуси. В книге «Восток» (сборник статей), / К. Чайкин Москва, 1935. - 324 с.
14. Shakespeare W. Sonnets, London, 1969, 168 p.

АБУЛЬКАСИМ ФИРДОУСИ И УИЛЬЯМ ШЕКСПИР – ГУМАНИСТЫ

Следует отметить, что на страницах истории есть горстка великих людей. В этом контексте небольшое количество из них свидетельствует о своих гуманитарных и гуманистических идеях.

Мировой гуманизм неразрывно связан с отношениями стран мира, и с самого начала он был прочен не только с Востоком, но и с западным миром, особенно с Англией. Все виды персидско-таджикских и английских отношений восходят к XIII веку, главной основой которых являются внутренние мысли и представления человека.

На протяжении всей истории гуманистические идеи привлекали внимание человечества, а также привлекали внимание исследователей, историков и ученых. Основным приоритетом в изучении этого вопроса является изучение русских, английских и таджикских ученых, которые изучали историю обеих сторон и представили глубокие исследования. Исследователи ученых и востоковедов мира, особенно русских, таджиков и англичан, изучали материалы и научные труды на основе исторических источников.

Автор статьи доказывает, что гуманистические и гуманитарные идеи никогда не ускорялись в различных исторических процессах, охватывавших разные социально-экономические, культурные, политические и научные направления. В этом контексте большое влияние оказали наука, культура, искусство, ремесла и другие ценности Востока, особенно Запада.

Именно гуманистические идеи привели к единству и дружбе человечества.

Ключевые слова: *гуманизм, культура, Соннеты, Уильям Шекспир, идея, Англия, цивилизация, цель, исследование, Восток, Запад, античный, мир, литература, исследователь, человечество.*

ABULQASIM FIRDOUSI AND WILLIAM SHAKESPEARE - POETS OF HUMANISM

It should be noted that there are a handful of great people in the pages of history. In this context, a small number of them testify to their humanitarian and humanistic ideas.

World humanism is inextricably linked with the relations of the countries of the world, and from the very beginning it was strong not only with the East, but also with the Western world, especially England. All types of Persian-Tajik and English relations date back to the XIII century, the main basis of which is a person's inner thoughts and ideas.

Throughout history, humanistic ideas have attracted the attention of mankind, and also attracted the attention of researchers, historians and scientists. The main priority in the study of this issue is the study of Russian, English and Tajik scholars who have studied the history of both sides and presented in-depth research. Researchers of scientists and orientalists of the world, especially Russians, Tajiks and Englishmen, studied materials and scientific works based on historical sources.

The author of the article proves that humanistic and humanitarian ideas have never been accelerated in various historical processes, covering different socio-economic, cultural, political and scientific directions. In this context, science, culture, arts, crafts and other values of the East, especially the West, have greatly influenced.

It was humanistic ideas that led to the unity and friendship of mankind.

Key words: *humanism, culture, Sonnets, William Shakespeare, idea, England, civilization, goal, research, East, West, antique, world, literature, researcher, humanity.*

Сведение об авторе:

Шозиёева Гулмо Парвонашоевна *- кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 33, Тел: (+992) 935477893, E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com*

About the author:

Shoziyoeva Gulmo Parvonashoevna *- Candidate of Philology Faculty, Leading Specialist of the Institute of the issues of Asian and European countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, 734025, Dushanbe city, 33 Rudaki avenue, Phone: (+992) 935477893, E-mail: dr.shoziyoevag@gmail.com*

ХАКНАЗАР ГОИБ - ПЕРЕВОДЧИК ПОЭЗИИ И.БУНИНА

Бобокулов Дж.А.

Кулябский государственный университет имени А. Рудаки

Вопросы перевода художественной литературы – важнейшая часть общей проблематики культурных связей между народами. В современном мире перевод все больше выступает как основная форма литературных контактов. Духовное общение народов через переводную литературу содействует их взаимопониманию и объединению.

Переводы, среди которых стихотворения«Три ночи» , «Полями пахнет – свежих трав», « Свежим мокрым зеленым пахнет поля», «За окном» сделаны таджикским поэтом Хакназаром Гоибом.

Перевод стихотворения «Три ночи» И.А. Бунина на таджикский язык был произведен таджикским поэтом Хакназаром Гоибом: Надо отметить, что переводы стихов Ивана Бунина на таджикский язык начались с 80-х годов прошлого века. Впервые стихи Бунина на таджикский язык в переводе Хакназара Гоиба были опубликованы в 1987 году в газете «Рохи Ленини» («Путь Ленина»). В этом же номере газеты были опубликованы и стихи Бунина «Три ночи», «За окном», «Полями пахнет – свежих трав», и др.

Следует отметить, что таджикский поэт ХакназарГоиб смог выразить посредством таджикского языка составляющие детали творчества Бунина, такие как описание русской традиционной жизни, особенности личности лирического героя, мастерства поэта в использовании художественных средств изображения, поэтических образов и т.д. Эту особенность можно заметить в переводах Хакназара Гоиба, где не ощущается языковая отчужденность и читатель, порой, забывает, что эти стихи переведены с русского языка. Останавливаясь на анализе стихотворения «Три ночи» надо отметить, что таджикский поэт Х. Гоиб при переводе стихотворения старался сохранить не форму русского стиха, а художественную мысль поэта и поэтику поэмы. В качестве примера можно привести из этого стихотворения. Например:

Это стихотворение в переводе таджикского поэта Хакназара Гоиба на таджикский язык звучит следующим образом:

Се шаб

Шаб хама шаб боги кухна тирару,
Об мешуд барфи данмох су ба су,
Аввалин низм бахорон дудвор,
Руи-руи теппахои барфпуш,
Бешаи испед шуд гар ки туман,
Тира шуд води ба боготи кухан,
Дар шаби дагир насими шухшанг,
Аз само рахшон бигаштанд ахтарон,
То сахар мекард гавго шурнул,
Аз миёни боги кухна гахмапул,
Буд торик арчи он шоми дигар,
Буи хуш мекард акнун хоки тар,
Он кадар даймох ба ин поши надод,
Бегахи бо хуррами руяш кушод,
Аз дарахтон ашки борон мечакид,
Бод хамхар су ба нарми мевазид.
Болу пар бикшод байни бешазор,
Руи-руи даштхои беканор.
Об шуд яххои руи куллахо,
Тираги бигрифт сахроро фаро.
Кард холи назмро бар дашт танг,
Дар замин шуд нагмахои оби равон.
Аз чакаллакзорхои гирду пеш,
Бум боло менамуд овози хеш.
Нарм буд, аммо хавояш бар димог,
Накхати фасли бахорон дошт бог.
Шуд табиат зинда андар тули руз,
Буд шафак зебо чу айёми тамуз.

В результате анализа и сопоставления стихотворения И. Бунина с их переводами на таджикский язык доказывается, что особенно Х. Гоиб смог передать на таджикский язык глубокие размышления и переживания русского поэта, выраженного в стихотворении, процесс уничтожения прошлого и нравственного перелома в жизни. Надо отметить, что основным фактором успеха Х. Гоиб в переводе является близость художественного мышления и психологии художественного творчества этих двух поэтов.

СайфуллоевА. Писал: «Одной из важнейших в творчестве И. Бунина становится тема природы. Уже ранние стихи Бунина, в которых он наследует традиции пушкинской пейзажной лирики, наполнены яркими реалистическими зарисовками русской природы в разные времена года. В его стихах мы видим такие, на первый взгляд прозаические, но овеянные авторским лиризмом детали русского пейзажа, как «кочки дороги», «белый пар лугов», «зеленые овсы» и т.п.» [3, с.88].

Как и его великий предшественник, Бунин пытается уловить в природе образ нетленной красоты: А мир везде исполнен красоты. Мне в нем теперь все дорого и близко. («В степи», 1889) В отличие от Пушкина, так любившего осень, Бунина чаще привлекает весна и лето с их яркими красками: Как дымкой даль полей закрыв на полчаса, Прошел внезапный дождь косыми полосами - И снова глубоко синеют небеса Над освеженными лугами. («Как дымкой даль полей закрыв на полчаса…», 1889) Для Бунина-пейзажиста характерна особая зоркость и чуткость к различным явлениям природы.

Полями пахнет, — свежих трав,
От сенокоса и дубрав
Повеет ветер — и замрет...
И туча из-за них растет,
Нежданной молнии игра,
Вдруг озарит из-за бугра -
Как ты таинственна, гроза!
Твоё внезапное блистанье, -
Лугов прохладное дыханье!
Я в нём ловлю благоуханье.
А над полями даль темнеет,
Закрыла солнце и синеет.
Как меч, блеснувший на мгновенье,
И снова сумрак и томленье...
Как я люблю твоё молчанье,
Твои безумные глаза! 1901 г.

Перевод этого стихотворения был произведен Хакназаром Гоибом 28 августа 1987 году в газете « Рохи Ленини»:

Мекунад дашт буи сабзаи тар,
Медихад бешазори сабз камар,
Мевазад боду мешавад хомуш…
Пахнаро мешавад туман тапуш,
Мекашад барк ногахон зи наём,
Тираги аз дигар гирифта маком,
Ин кадар Раъду Барк мехргар аст,
Хар гох он байни тори шуълавар аст,
Нафаси сарди маргзор ба лаб,
Ба дилам оламе зи шавку тараб.
Дар сукутанд, бини, куху камар,
Шуда омехта ба нури камар.
Шаш пари зархалини шуълафишон,
Мезанад боз бол руи чахон.
Гулгулашмехрухомуушяшсехр,
Пай барам манн ба дил зи рахшаш мехр.

Судя по подстрочному переводу, таджикский поэт Хакназар Гоиб только в некоторых случаях сохранил слова подлинника. Например: Полями пахнет, свежих трав,(Мекунад дашт буи сабзаи тар,) - Лугов прохладное дыханье! (Нафаси сарди маргзор ба лаб,), Я в нём ловлю благоуханье (Ба дилам оламе зи шавку тараб.), Повеет ветер — и замрет...(Мевазад боду мешавад хомуш… Нежданной молнии игра,(Мекашад барк ногахон зи наём,)

В остальных случаях переводчик передает общий смысл стихов Ивана Бунина, скрупулезно не придерживаясь текста подлинника. Можно заметить, что художественный перевод примернона 50% похож на подстрочник, который таджикский переводчик постарался сделать максимально похожим на подлинник. Конечно, есть и добавления со стороны переводчика, но это не банально, поскольку переводчик старается не только передать в точности стихотворение, но и добавить немного своей фантазии. Но, по-нашему мнению, стихотворение от этого не пострадало, поскольку переводчик нашёл очень поэтичные средства передачи смысла и образов стихотворения: полями пахнет, свежий трав, прохладное дыханье ,глубокие воды глаз, кристаллы мудрости, алмаза тверже, молнии верней, глаза подобные святыне. В этом случае таджикскому переводчику необходимо отдать должное, поскольку здесь он описывает ситуацию по–своему, что, между прочим, профессионально. Так по поводу перевода отметил таджикский поэт Мирзо Турсунзода. Он писал : « Так должен ли переводчик скрупулезно точно переводить произведения писателей на другие языки? Если рассуждать логически – должен. Зачем писателю создавать свои произведения, если в будущем другие будут понимать это совершенно по-другому? Но литература – это не математика, которая с помощью формул передает предмет своего изучения. Литература – это зеркало души, благодаря синонимам или другим похожим по смыслу словам переводчик может безошибочно передать идею автора, его чувства, даже если перевод слово в слово не соответствует подлиннику» [2, с.6].

Надо отметить, что в переводе таджикского поэта Хакназара Гоиба есть какие-то ошибки при переводе, например, Твои безумные глаза! (Пай барам ман ба дил зи рахшаш мехр), но мы считаем, что они незначительные. Необходимо еще оценить труд переводчиков, поскольку это нелегкий труд. Найти в другом языке слова, которые подойдут по смыслу и по рифме – задача не из легких. Нас радует тот факт, что таджикские читатели, прочитав произведения русского поэта Ивана Алексеевича Бунина на своем родном языке, смогут по достоинству оценить его восхитительное творчество.

И. Бунина привлекает все, что способно помочь читательскому восприятию-зрению, слуху, осязанию и даже обонянию. Отсюда непривычные сравнения («леса на дальних косогорах, как желто-красный лисий мех»), необычные метафоры, как, например, построенное на сопоставлении с тканями и украшениями описание пейзажа, увиденного из окна: Ветви клена — вышивки зеленым Темным плюшем, свежим и густым… На березах — серые сережки И ветвей плакучих кружева… (Из окна», 1906) Читая стихи Бунина, мы как будто вдыхаем ароматы леса, поля, луговых трав, осенней листвы. Критики давно отметили особую «пахучесть» и прозы, и поэзии Бунина.

ЛИТЕРАТУРА

1. Холмухамадова Н. Бунин И.А. // Энциклопедияи адабиёт ва санъат. / Н. Холмухамадова, И.А. Бунин - Душанбе, 1987.- 785 с.
2. Турсунзода М. Перевод – школа мастерства / М. Турсунзода // Садои Шарк.- 1967.- №6.- с.4-7.
3. Самад В. Равобити адаби ва чараёни инкишофи адабиёт. - В книге ..-Паёми бародари. / В. Самад - Душанбе: Дониш, 1972.-С.7-26
4. Сайфуллоев А. Значение взаимосвязей национальных литератур в развитии таджикской советской литературы. / А. Сайфуллоев- М.: изд-во АН СССР, 1961.- С.339-342 .
5. Муллоджанова З. Стиль оригинала и перевод: (К проблеме изучения прозы С. Айни). / З.Муллоджанова - Душанбе: Дониш, 1976.-136 с.
6. Мухтор Шокир. Замон ва тарчумон. / Ш. Мухтор - Душанбе: Адиб, 1989. - 208 с.

ХАКНАЗАР ГОИБ-ПЕРЕВОДЧИК ПОЭЗИИ И.БУНИНА

В этой статье автор исследует переводы поэзии Ивана Бунина со стороны таджикского поэта Хакназара Гоиба. Автор статьи на основе обширного материала показывает переводы русского поэта. Надо отметить о роле художественного перевода в поэзии русского поэта.В статье

анализируется история переводов поэзии И.А. Бунина на таджикский язык таджикским поэтом Хакназаром Гоибом. Автор статьи проанализировал стихотворения И. Бунина, которые перевел таджикский поэт ХакназарГоиб. Исследование автора статьи осуществлена на основе материалов, опубликованных на страницах периодической печати, а так же научных изданий. Следует отметить, что в настоящее время переводы русского поэта стала актуальна.

Ключевые слова: *перевод, произведения, других народов, язык, культура.*

HAKNAZAR GOIB - TRANSLATOR OF THE POETRY OF I. BUNIN.

The article analyzes the history of translations of I. Bunin's poetry into the Tajik language by the Tajik poet Haknazar Goib. The author of the article analyzed the poems of I. Bunin, which were translated by the Tajik poet Haknazar Goib. The research of the author of the article was carried out on the basis of materials published on the pages of periodicals, as well as scientific publications. Tajik poet Haknazar Goib well as scientific publications. The author of the article analyzed the poems of I. Bunin, which were translated by the Tajik poet Haknazar Goib. The research of the author of the article was carried out on the basis of materials published on the pages of periodicals,

Key words: *translation, works, other peoples, language, culture.*

Сведение об автора:

Бобокулов Джумахон Алиевич *- Зав. кафедрой зарубежной литературы с МПРЯЛ доцент, Кулябского государственного университета имени А. Рудаки, Тел: (+992) 918255536*

About the author

Bobokulov Jumakhon Alievich *- Head Department of Foreign Literature with MPRL associate professor of Kulob State University named after A. Rudaki, Phone: (+992) 918255536*

САҶЪ ВА МАҚОМИ ОН ДАР ЭҶОДИЁТИ УБАЙДИ ЗОКОНӢ

Ғаффорзода Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Саҷъ дар баробари васоити тасвири бадеӣ дар осори мансури Убайди Зоконӣ аз мақоми хосса бархурдор аст. Агар васоити тасвири бадеӣ дар осори Убайд ҷиҳати музайян кардани сухан ва муассиртар намудани мазмуну маънӣ истифода шаванд, саҷъ ҷанбаи мусиқӣ ва оҳангнокии воҳидҳои дохилӣ ва каноравии матнро қавӣ гардонида, бад-ин роҳ бар матни осори адиб як навъ вижагии эстетикӣ мебахшад.

Вожаи саҷъ дар кутуби луғат ва аз ҷумла дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар се маънӣ омадааст: 1) овози парандаҳои хушовоз, ҳамчун булбул ва қумрӣ; 2) суруд ва нағма; 3) сухани қофиядор, дар наср овардани калимаҳои ҳамвазну ҳамоҳанг [9, с.229]. Манзури мо, албатта, маънои сеюми он аст, ки дар фарҳангномаи фавқ ҳамчун истилоҳи адабиётшиносӣ қайд гардидааст. Маънои истилоҳии саҷъ ва ҳамчунин маънои дуюмаш бешубҳа аз маънои аслии он баромадааст, чун ҳар ду бо оҳанг, ба хосса оҳанги дилнишину равон иртиботи мантиқӣ доранд.

Муҳаққиқони муосир дар иртибот бар вожаи саҷъ тасҷеъро низ зикр намудаанд, ки ҳолати мусаҷҷаъшаии вожагонро мефаҳмонад. Аз ҷумла, Сируси Шамисо дар ҳамин маврид қайд менамояд: «Равиши тасҷеъ яке аз равишҳое аст, ки бо аъмоли он дар сатҳи ду ё якчанд калима (як ҷумла) ё дар сатҳи ду ё чанд ҷумла (-и калом) мусиқӣ ва ҳамоҳангӣ ба вуҷуд меояд ва ё мусиқии калом афзунӣ меёбад» [8, с.23]. Ҷалолуддини Ҳумоӣ бошад, ҳолати бо саҷъ овардани суханро тасҷеъ номида ва ҷумлаҳои мушобеҳи он саҷъро қаринаҳои он саҷъ зикр намудааст [10, с.41]. Бар суханони муҳаққиқи мазбур ҳаминро метавон изофа кард, ки қарина вожагону ибороте мебошанд, ки бо ҳамтоёни қаблии худ дар дохили ҷумла аз ҳайси оҳангу вазн ва ҳуруфи равӣ яксон ё наздиканд, на худи ҷумлаҳое, ки дар онҳо вожагони ҳамоҳанг истифода шудаанд.

Оид ба нақши саҷъ дар насри классикии форсу тоҷик ва рушду инкишофи шакливу маъноии он чи муҳаққиқони ватанӣ ва чи хориҷӣ монанди Раҳим Мусулмонқулов, Усмон Каримов, Носир Салимов, Сируси Шамисо, Ҷалолуддини Ҳумоӣ таҳқиқоти арзишманд бурдаанд, ки назарияи онҳоро дар таъйини нақши саҷъ метавон қобили мулоҳиза шуморид [4; 5; 6; 7; 10]. Дар таҳқиқоти алоҳидае ҳам, ки ба осори насрии адибони алоҳидаи классикӣ бахшида шудаанд, метавон дар хусуси саҷъ ва нақши он дар насри форсу тоҷик маълумоти арзишмандеро пайдо намуд. Аз ҷумла дар таҳқиқоти Иброҳим Ализода – адабиётшиносони даврони шӯравӣ ва Сайфуддинов Бурҳон – муҳаққиқи даврони истиқлолият, ки аввалӣ оид ба Шайх Саъдии Шерозӣ ва хусусиятҳои бадеии осори ӯ ва дувумӣ дар хусуси Фахруддин Алии Сафӣ ва хусусиятҳо жанриву бадеии «Латоиф-ут-тавоиф»- и вай башида шудааст, ҳамчунин дар хусуси саҷъ ҳам маълумоти қобили таваҷҷуҳ бурда шудаанд [1, с.6].

Адабиётшиноси маъруф Носир Салимов дар таҳқиқоти арзишманде, ки оид ба пайдоиш ва таҳаввули жанрҳои насрӣ дар адабиёти асрҳои миёнаи форсу тоҷик (асрҳои X-XIII) ба анҷом расонидааст, зимни баррасии анвои наср ҳамчунин дар хусуси насри мусаҷҷаъ чунин изҳори ақида намуда, нақши сағъро дар тарҳрезии матни осори насрии классикӣ, ба вижа насри фаннӣ ва маснуӣ басо муҳим арзёбӣ мекунад: «Насри мусаҷҷаъ. Худи унвони истилоҳи мазкур баёнкунандаи он аст, ки ин навъи наср дар асоси сағъ – қофияе, ки чун қоида дар ҷумлаҳои мураккаб мушоҳида мешавад, меояд. Бинобар ин, сағъ яке аз унсурҳои асосии насрҳои фаннӣ ва маснуъ ба ҳисоб меравад. Ин ду навъи наср ба ҳайси зуҳуроти ҳунариву бадеӣ дар ҳақиқат бе вуҷуди сағъ арзиши худро аз даст медиҳанд» [7, с.9].

Низомуддин Убайди Зоконӣ яке аз нависандагони мустаиди қарни XIV ба ҳисоб меравад, ки сағъ дар осори вай нақши муҳиме дорад. Агар дар қарни XIII маъруфтарин намунаи осори насрии мусаҷҷаъ «Гулистон»-и Шайх Саъдии Шерозӣ ба ҳисоб биравад, дар асри XIV осори насрии Убайди Зокониро метавон дар радифи беҳтарин намунаҳои насри мусаҷҷаъ эътироф намуд. Дар ҳама осори насрии Убайди Зоконӣ, аз ҷумла дар «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома», «Садпанд» ва «Дилкушо» анвои гуногуни сағъ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ба василаи корбурди сағъ матни осори Убайд ҷанбаи муассири мусиқӣ пайдо намуда, аз сӯйи дигар бори бадеӣ-эстетикӣ касб мекунад. Таваҷҷуҳи зиёди Убайди Зоконӣ ба сағъ – ин пайрави Шайх Саъдӣ будани ӯро дар мавриди истифода аз равиши тасҷеъ далолат менамояд. Аз сӯйи дигар, корбурду тарҳрезии ҷумлаҳои кӯтоҳу мухтасар, ки қариб дар ҳамаи осори Убайд ба таври равшан ба чашм мерасад, ин ҳам далолаткунандаи истиқболи Убайд аз ҳунари нависандагии Шайх Саъдӣ мебошад, чун яке аз хасоиси насри Шайх Саъдӣ таваҷҷуҳи зиёди ӯ ба мухтасаргӯйиву кӯтаҳнависӣ ба ҳисоб меравад, чунонки инро Иброҳим Ализода дар таҳқиқоти арзишманде, ки оид ба ҷаҳонбинӣ ва хусусиёти бадеии осори Саъдӣ анҷом дода, зикр намудааст [1, с.89].

Дар осори фавқуззикри Убайди Зоконӣ намунаҳои ҳар се сағъи классикӣ мукаррар ба чашм расида, дар тасвири бадеӣ-эстетикии мафҳумҳову ашё ва ҷанбаи мусиқӣ касб кардани онҳо саҳми қобили мулоҳизаеро бар ҷой гузоштаанд. Аммо, қайд кардан бамаврид аст, ки басомади корбурди ҳар се навъи сағъ дар осори адиб яксон нест ва аз ҳам фарқи назаррас дорад. Дар иртибот бар теъдоди истифодаи анвои сағъ дар осори Убайд мақоми аввалро сағъи навъи мутарраф, мақоми дувумро сағъи навъи мутавозӣ ва ҷойи сеюмро мутавозин ишғол менамояд. Агар рисолаи «Таърифот»-ро, ки ба тарзи луғатнигорӣ иншо шудааст, ба назар нагирем, дар рисолаҳои «Ахлоқул-ашроф», «Ришнома», «Садпанд» ва «Дилкушо» корбурди сағъи мутарраф нисбат ба ду навъи дигар басо бештар мушоҳида мешавад.

Дар мавриди корбурди сағъи мутарраф бояд зикр намуд, ки навъи мазкур бинои устувори сағъкориҳои Убайдро дар бар гирифта, аксари ҷумлаҳои адиб тавассути ин сағъ музайян ва банду баст гардидаанд. Масалан, дар дохили матни ҷумлаи зер аз рисолаи «Садпанд» ҷуз аз сағҳои мутавозин ҳамчунин се намуна аз сағъи мутарраф тавассути феълҳо истифода гардидаанд:

«Ҳокиме одил ва қозие, ки ришват *наситонад* ва зоҳиде, ки сухан ба риё *нагӯяд* ва ҳочие, ки бодиёнат *бошад*... дар ин рӯзгор маталабед» [2, с.181].

Чунонки дида мешавад, дар ҷумлаи мазкур се феъл: *наситонад, нагӯяд* ва *бошад* бо ҳам мусаҷҷаъ гашта, ба василаи ҳуруфи равии -ад/-яд (аслан: -д) дар ҳиҷои охир ҳамоҳанг гардидаанд.

Дар ҷумлаи зер низ ба василаи феълҳои *(сохта) шавад* ва *(мубаддал) гардад* сағъи мутарраф сохта шудааст: «Кори кадхудоӣ миёни биму умед сохта шавад ва кудурат ба сафо мубаддал гардад» [2, 182]. Сағҳои навъи мутаррафи «Садпанд» бо ин ки бештар тавассути феълҳо,- ҳам феълҳои сода ва ҳам таркибӣ,- матраҳ гардидаанд, ба василаи исму сифат низ намунаҳои онҳо ба чашм мерасанд. Яке аз хусусиятҳои назарраси сабкӣ-услубӣ дар рисолаи «Садпанд»-и Убайд дар он инъикос меёбад, ки дар матни он миёни ҷумлаҳои ҳам сода ва ҳам мураккаб тавассути феълҳо (дар замони оянда) сағҳое истифода шудаанд, ки ба василаи онҳо иртиботи мантиқӣ миёни ин ҷумлаҳо таъмин мегардад. Ин сағъбандӣ дар рисолаи мазкур аз аввал то интиҳо мушоҳида мешавад ва дар якҷоягӣ як силсилаи мантиқиро фароҳам меовард. Аз ҷумлаи феълҳои мутарраф дар «Садпанд»-и Убайд инҳоянд: шумаред / мадиҳед / донед / бошед / машморед / мадонед / диҳед / магардед / бибуред / хандед / бахшед / кунед / шиносед / гӯед / тезед / наранҷед / шавед / тавонед / гиред / дарёбед / магиред / доред / макунед / наёед / назоед / донед / мадоред / нахоҳед / маравед / бидоред... [2, с.179, 180].

Вожагони феълии ҳамсони намунаҳои боло дар тамоми матни рисолаи мазкур имтидод ёфта, бар он як оҳанги хос ва ягона ато менамоянд. Ин гуна феълҳои мусаҷҷаъ гоҳо дар дохили як ҷумлаи мураккаб ба таври мукаррар омада ва ҷумлаҳои содаи дохили онро бо ҳам пайванд бахшида, алоқаи грамматикии онҳоро таъмин менамояд ва гоҳо дар як ҷумлаи мураккаб як бор дар қисмати охираш омада, миёни ҷумлаи қаблӣ ва баъдии он, ки ҳам бо ҳуруфи равии *-ед* интиҳо меёбанд, якҷо бо феълҳои дар ҳуруфи равӣ мутародиф занҷираи мантиқии умумиро ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар ҷумлаҳои зер ин ҷиҳат ба назар мерасад:

1.Дар дохили як ҷумлаи мураккаб ба кор гирифтани чанд феъл бо ҳуруфи равии муштарак:

Ҳуруфи муштарак дар феълҳои *мадонед / диҳед*: «Мутакаббирону худпарастонро одамӣ мадонед ва мардуми сабукрӯҳи каримниҳод ва қаландармизоҷро аз мо дуруд диҳед» [2, с.179].

Ҳуруфи муштарак дар феълҳои *бибуред / тавонед / хандид*: «Тамаъ аз чизи касон бибуред, то ба риши ҷаҳониён тавонед хандид» [2, с.179].

Ҳуруфи муштарак дар феълҳои *тавонед / магӯед / нашавед*: «То тавонед, сухани ҳақ магӯед, то ба дилҳо гарон нашавед ва мардум бесабаб аз шумо наранҷанд» [2, с.179].

2.Миёни феълҳои охири ҷумлаҳои алоҳида ба кор гирифтани ҳуруфи равии муштарак:

«Вақт аз даст *мадиҳед*. Подшоҳӣ ва ғанимат ва неъмат дар тандурустӣ *донед*. Ҳозири вақт *бошед*. Ҷон фидои ёрони мувофиқ *кунед*. Баракати умр ва рӯшнойии чашм ва фараҳи дил дар мушоҳидаи рӯйи неку *шиносед*. Касоне, ки абру турш карда ва гираҳ дар пешонӣ оварда, суханҳои баҷид *гӯед*» [2, с.179].

Бояд қайд намуд, ки ҳам дар рисолаи мазкур ва ҳам дар рисолаҳои «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома» ва «Дилкушо» тавассути феълҳо сохтани вожагони мусаҷҷаъ, ба хосса навъи мутарраф, нисбат ба исмҳову сифатҳо басо бештар ба назар мерасад. Ин ҷиҳати саҷъи мутаррафро муҳаққиқон низ арзёбӣ кардаанд. Аз ҷумла Усмон Карим дар мақолаи арзишманде, ки дар иртибот бар «Таърихи саҷъ» бо ҳамин унвон дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расонида, ин ҷиҳати серистеъмолии саҷъи мутаррафро дар қиёс бо ду навъи дигар қайд намуда, аҳаммияти бадеӣ-эстетикии онро ҳам зикр намудааст [4, с.149].

Дар «Ахлоқ-ул-ашроф» қариб дар ҳама бобҳои он тавассути вожаҳое, ки танҳо дар ҳуруфи равӣ муттафиқанд, ҳамоҳангии дохиликаматнӣ таъмин гардидааст. Дар асари мазкур ду ҳолати бо исм мусаҷҷаъ гаштани вожаҳо ва 11 ҳолати бо феъл ба вуҷуд овардани саҷъи мутарраф дарёфта шуд. Дар асари мазкур баъзан ҷумлаҳои тӯлонӣ ва мураккабе истифода гардидаанд, ки ба василаи тасҷеот, махсусан корбурди саҷъи мутарраф ва ҷанбаи мусиқоии худ дарозиву мураккабиашон он қадар ҳис намешавад. Масалан дар ҷумлаи зер тавассути вожаҳои ишораташуда саҷъи навъи мазкур матраҳ шуда, бад-ин тариқ ҳамоҳангии дохиликаматнӣ ва ҷанбаи мусиқоии он таъмин гардидааст:

«Ва он кас ҳошо адл варзад ва касеро назанад ва накушад ва мусодира накунад ва худро маст насозад ва бар зердастон изҳори арбада ва ғазаб накунад, мардум аз ӯ натарсанд ва раият фармони мулук набаранд, фарзандон ва ғуломон сухани падарон ва кадхудоён нашнаванд, масолеҳи билод ва ибод муталошӣ гардад...» [9, с.151]. Чунонки дида мешавад, дар матни фавқ саҷъи мутарраф бо чанд роҳ: тавассути ду шумораи феъл (шумораи танҳо: *варзад, назанад, (мусодира) накунад, (маст) насозад, (ғазаб) накунад, (муталошӣ) гардад*; шумораи ҷамъ: натарсанд, *(фармон) набаранд, нашнаванд*), ашколи шикастаи ҷамъбандии исмҳои арабӣ (*билод ва ибод*) ва шумораи ҷамъи исмҳои тоҷикӣ (*фарзандон, ғуломон, падарон, кадхудоён*) ба вуҷуд оварда шуда, ҷанбаи мусиқоиву оҳангнокии онро таъмин намудааст. Чунин ҷумлаҳо, ки дар онҳо намунаҳои гуногун ва мутааддиди саҷъи мутарраф истифода шуда бошад, дар «Ахлоқ-ул-ашроф» кам нестанд.

Дар «Ришнома» ҳам аксари саҷъҳои навъи мутарраф ба василаи феълҳо дар замонҳои гуногун матраҳ гардидаанд. Аммо як хусусияти истифодаи саҷъи мутарраф дар асари мазкур иборат аз он аст, ки якҷо бо феълҳои мусаҷҷаъ муаллиф ҳамчунин исмҳову сифатҳоро низ ҷиҳати хушоҳанг шудани матн барчидааст, ки онҳо низ дар навбати худ ба навъи мутаррафи саҷъ тааллуқ доранд. Аз ҷумла дар ин мисол ин ҳолат мушоҳида мешавад: «Ва он *қаҳҳорам*, ки агар дар *маҳбубе ҷафокоре, ошиқи озоде, тундхӯе, арбадаҷӯе* ба назари қаҳр *нигоҳ кунам*, бад-он як назар ӯро дар пеши ҷаҳониён *рӯсиёҳ гардонам*» [9, с.166].

Бояд зикр кард, ки дар рисолаи «Садпанд» дар 18 ҳолат, дар «Ахлоқ-ул-ашроф» 13 ҳолат, дар «Ришнома» 10 ва дар рисолаи «Дилкушо» 7 ҳолат аз саҷъи мутарраф мушоҳида мешавад, ки дар маҷмӯъ 48 ҳолатро дар бар мегирад. Масалан:

Дар «Садпанд»: (туруш) карда / оварда [2, с.179], доя / қобила / гаҳвора / куҳна / хардиза [2, с.180], хешон / хасисон / хидматгорон / қарзхоҳон [2, 180], набошад / накашад [2, с.181], (берун) кунад / резад [2, с.181], занакон / қаҳбагон / кингон [2, с.181], занон / кингон / масхарагон [2, с.181], (рӯй турш) доранд / (маломат) кунанд [2, с.182], шикаста / бахшида [2, с.182], битарсанд / (фармонбардор) гарданд [2, с.182], (сохта) шавад / (мубаддал) гардад [2, с.182], чарбзабонӣ / хушомадгӯйӣ [2, 182], шатранҷбозон / давлатхӯрдагон / бозмондагон [2, 182], қозиён / муғулон / кингон [2, с.182], шоирон / занон / хешон [2, с.182], ҷавонӣ / пирӣ / сиҳатӣ / беморӣ / тавонгарӣ / дарвешӣ [2, с.182], қалтабонӣ / махмурӣ / ҳушёрӣ / девонагӣ [2, с.182], шаробфурӯшон / бангфурӯшон [2, 182].

Дар «Ахлоқ-ул-ашроф»: ҷамолнозукон / нозанинон [2, с.163], меҳнатзада / машаққаткашида [2, 163], маҳбубон / хубон [2, 163], анҷомид / (дароз) кашид [2, 164], донӣ / Зоконӣ [2, 164], гуморам / бингорам [2, 166], биншонам / биканам [2, 166], дарорам / (бадал) кунам [2, 166], пардохтӣ / сохтӣ [2, с.169], мустаор / нопойдор [2, с.169], мушкили ман / дарди ман [2, 169], бикшой / бифармой [2, 169], нагирам / наниҳам [2, 171].

Дар «Ришнома»: замон / овон [2, 143], хотир / замир [2, с.142], шуд / мебуд [2, с.142], доштандӣ / шинохтандӣ [2, с.150], мехонанд / (набишта) бошанд [2, 153], (шабехун) оварда / кард [2, с.154], (таҳаммул) намудан / (захира) кардан [2, 154], нахӯрда) бошам / (таманно) накунам [2, с.154], (густох) машаванд / (ҳамл) кунанд [2, с.156], барнамекананд / намеандозанд [2, 156].

Дар рисолаи «Дилкушо»: хӯрад / медиҳад [2, с.197], намебинӣ / мезанӣ [2, 198], биравам / биёварам [2, с.198], мешиносад / бисупорад / бозситонад [2, с.200], фиристодӣ / бибурдӣ [2, с.205], бинҳоданд / бичӯшиданд [2, с.212],

Бояд зикр кард, ки намунаҳои сағъи мутарраф танҳо дар ҷумлаҳое ба назар гирифта шудаанд, ки матни онҳо қабеҳу дур аз доираи ахлоқ нестанд, ҳол он ки агар мусаҳҳаоте, ки дар матнҳои осори Убайд маънои қабеҳ доранд ё дорои бори манфиянд, дар назар гирифта шаванд, теъдоди ин навъи сағъ дар осори Убайд боз ҳам зиёдтар мешавад.

Дар осори Убайд сағъҳои навъи мутавозӣ аз мавқеи қобили таваҳҳуҳ бархурдоранд. Сағъи мутавозӣ олитарин омили ҳамоҳангу ҳамвазн сохтани вожагон дар наср аст, он чунин навъи сағъ аст, ки дар вожагон ҳамоҳангии ҳадди ниҳоӣ ато намуда, ҷанбаи мусиқоии онро бас неру мебахшад. Сируси Шамисо сағъи мутавозиро аз нигоҳи мусиқоӣ қавитарин навъи асҷоъ эътироф кардааст, ки шоистаи дастгирӣ аст [8, с.27]. Зеро дар сағъи мутавозӣ се ҷиҳат басо назаррас аст: аввалан, вожагони мутасоҷеъ ё шаклан мутародиф дар шумори ҳуруф баробаранд; баъдан, дар теъдоди ҳиҷоҳо; 3) солисан, дар ҳуруфи равӣ яксонанд; ниҳоятан, аз мусиқиву оҳанги ягона бархурдоранд. Ин ҷиҳоти ҳамсонкунанда, ки ҳамагӣ бар ашколи вожагони гуногун иртибот доранд, вожагони мутасоҷеъро дар гирди як занҷираи овоӣ мутамарказ гардонида, матнро дар қиёс бо дигар анвои сағъ хушоҳангтару тараннумноктар мегардонад.

Агар намунаҳои бакоргирифтаи сағъи мутарраф дар осори Убайди Зоконӣ бештар ба феълҳо тааллуқ дошта бошанд, намунаҳои сағъи мутавозӣ бештар мутааллиқ бар исмҳо мебошанд. Сағъҳои мутавозии сифатӣ дар осори Убайд қиёсан камтар ва феълӣ ба маротиб кам ба назар мерасанд. Дар нақшаи поён басомади истифодаи сағъи мутавозиро аз нигоҳи васоити баромади онҳо, яъне дар иртибот бо ҳиссаҳои нутқ ё махраҷи вожагии онҳо дар се асари Убайди Зоконӣ бад-ин тариқ матраҳ намудаем:

Корбурди сағъи мутавозӣ дар осори Убайди Зоконӣ

№	«**Ришнома**»	«**Ашроф-ул-ашроф**»	«**Садпанд**»
1	хитта / зуря [2, 163]	софӣ / шофӣ [2, 142]	киёсат / фаросат [2, 178]
2	Одам / олам [2, 163]	маош / маод [2, 142]	поя / моя [2, 178]
3	дарё / байдо [2, 163]	курур / мурур [2, 142]	макунед / нашавед [2, 179]
4	муҳаббат / муваддат [2, 163]	замир / мунир [2, 142]	
5	ситез / гурез [2, 164]	адно / аъло [2, 159]	
6	ваҳшат / нафрат [2, 169]	сафар / ҳазар [2, 160]	
7	мутаваттин / мутамаккин [2, 169]		
8	мутаҳаййир / мутафаккир [2, 169]		
9	саргардон / бесомон [2, 169]		
10	мафтун / маҷнун [2, 169]		
11	хатир / мунир [2, 142]		

Чунонки аз нақшаи фавқ дида мешавад, миёни сағъҳои мутавозӣ вожагони *саргардон / бесомон, мафтун / маҷнун, софӣ / шофӣ, адно / аъло* ба сифат, *макунед / нашавед* ба феъл ва боқӣ ба исм тааллуқ доранд. Як хусусияти бакоргирии сағъҳои мутавозӣ дар матни осори Убайд дар корбурди чанд адади он дар як ҷумлаи мураккаб инъикос мешавад. Масалан, дар «Ахлоқ-ул-ашроф» ин вижагӣ равшан ба назар мерасад: «Акнун дар ин рӯзгор, ки зубдаи даҳр ва хулосаи қурун аст, чун мизоҷи акобир латиф шуда ва бузургони соҳибзеҳни баландрой пайдо гаштанд ва фикри *софӣ* ва андешаи *шофӣ* бар куллиёти *маош* ва *маод* гумоштанд ва сунану авзои собиқ дар чашми тамизи эшон хору бемоя менамуд ва чун ба воситаи *курури замон* ва *мурури овон* аксари қавоид ба куллӣ индирос пазируфта буд, эҳёи он ахлоқ бар хотири *хатир* ва замири *мунир* ин ҷамоат гарон намуд» [2, с.142].

Дар осори Убайди Зоконӣ сағъи мутавозин аз ҳайси басомади истифода мақоми охиринро ишғол менамояд. Дар кулли осори насрии Убайд ҳамагӣ 13 намуна аз сағъи мутавозин дарёфта шуд, аз ҷумла дар «Ахлоқ-ул-ашроф» ҳашт, дар «Садпанд» се, дар «Ришнома»-ву «Дилкушо» якнамунагӣ. Вожаҳои мусаҳҳаъ дар «Ахлоқ-ул-ашроф» *ҷаҳд / базл, равза / марқад, ахлоқ / авсоф, шукр / ҳамд, ғализ / азим, иқтиноъ / иктисоб, мол / ҷоҳ, мавоқеъ / мадориҷ,* [2, с.141, 159], дар «Ришнома» *шаҳр / халқ* [2, с.169], дар «Садпанд» *ҳоким / қозӣ / зоҳид / ҳочӣ, хирад / назар, ғолиб / комил* [2, с.178, 181] ва дар рисолаи «Дилкушо» *муаллиф / муҳаррир* [2, с.183] мебошанд, ки ҳамагӣ тибқи қоидаи сағъи мутавозин дар вазн, теъдоди ҳуруф ва риояти таодул дар садонокҳову ҳамсадоҳо яксон ва дар ҳуруфи равӣ мутафовитанд.

Масалан дар ин ҷумлаи «Ахлоқ-ул-ашроф», ки дар он якбора чанд намуна аз сағъи мутавозин истифода шудааст, ин ҳолат ба чашм мерасад: «Худ равшан аст, ки соҳиби ҳаё ҳамеша аз ҳама неъматҳо маҳрум бошад ва аз *иқтинои мол* ва *иқтисоби ҷоҳ* қосир ва пайваста миёни он кас ва муродоти ӯ ҳиҷобе *ғализ* ва *монеъе* азим шуда бошад...» [2, с.159]. Вожаҳои *мол / ҷоҳ, иқтиноъ / иктисоб, ғализ* ва *азим* ба сағъи мутавозин тааллуқ дорад ва бори хушоҳангии матн бар онҳо вобаста аст. Аммо, бояд зикр намуд, ки чун тасҷеоти фавқ ба вожаҳову ибораҳо бастагӣ дорад ва на дар анҷоми ҷумлаҳо истифода гардидаанд, дар қиёс бо тасҷеоти навъи мутарраф, ки аксаран ҷумлаҳоро хушоҳанг менамоянд, оҳангнокии онҳо камтар эҳсос мешавад.

Ҳамчунин, дар мисоли зер аз «Ришнома» бо истифода аз вожаҳои *ваҳшат* ва *нафрат* тасҷеи мутавозин матраҳ гардидааст: «Боре вуҷуди ту сарбасар сабаби *ваҳшат* ва мӯҷиби *нафрат* аст...» [2, с.169]. Ҷумлаҳои дорои саҷъи мутавозин, ба хосса навъи равшани он монанди: ҷоҳ / мол, иқтиноъ / иктисоб, ғализ / азим (на амсоли: *шукр / ҳамд, фикр / панд*), ки ҷуз аз баробарвазнӣ дар онҳо ҳамоҳангиву савти ягонаву мутасовӣ эҳсос шавад, дар осори Убайди Зоконӣ басо каманд ва дар баробари ду навъи дигари он ғайриқобили қиёсанд. Вуҷуди саҷҳои мутавозини норавшан равониву хушоҳангиро дар осори адиб ба бор намеоранд ва назири онҳо дар кулли осори дигар нависандагони қабл ва пас аз Убайд низ дида мешавад.

Вуҷуди саҷъ бо анвои гуногуни худ агар аз як тараф хушоҳангиву равонии матни осори Убайдро таъмин намоянд, аз сӯйи дигар бори бадеӣ-эстетикӣ низ доранд ва дар баробари васоити тасвири бадеӣ, ба хосса ҷинос, ки аз вуҷӯҳоти шаклӣ бо саҷъ басе наздикӣ дорад, дар завқи бадеӣ-эстетикӣ бахшидан нақши назаррасеро бар ҷой мегузоранд. Яке аз авомили таваҷҷуҳи хонандагонро ҷалб намудани афкори ҳаҷвӣ ва мунтақидонаи Убайд дар мавзӯи тасҷеоти осори вай ҳам ниҳон аст, зеро равониву хушоҳангии матни осори адиб ҷуз аз содабаёниву оммафаҳмии онҳо ба василаи тасҷеот ҳам таъмин гардидааст. Имтизоҷи содабаёнӣ ва саҷъбандӣ осори адибро басо равону дилнишин намудааст.

АДАБИЁТ

1. Ализода, Иброҳим. Ҷаҳонбинӣ ва баъзе хусусиятҳои бадеии асарҳои Саъдии Шерозӣ / Иброҳим Ализода: Рис. номз. илм. филол.- Душанбе, 1967.- 122 саҳ.
2. Зоконӣ, Убайд. Осор / Убайди Зоконӣ. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҷобулқо Додалишоев. Академияи улуми Ҷумҳурии Шӯравии Тоҷикистон. Институти шарқшиносӣ.- Душанбе: «Дониш», 1991.- 212 саҳ.
3. Иқболӣ, Муаззама Аъзам. Шеър ва шоирон дар Эрони исломӣ / Муаззама Аъзами Иқболӣ.- Теҳрон: «Дафтари нашри фарҳанги исломӣ», 1363.- 253 саҳ.
4. Каримов, Усмон. Таърихи саҷъ / Усмон Каримов // Садои Шарқ.-№2, феврал, 1971.- Саҳ.149-151
5. Мусульманкулов, Р. Саджъ и его историческое развитие в таджикской прозе: Автореф. дисс. на соиск. уч. степ. канд. филолог. наук.- Душанбе, 1966.- 23 с.
6. Сайфутдинов, Бурхон Ходжиевич. Жанровые и художественные особенности «Латоиф-ут-тавоиф» Фахриддина Али Сафи: Автореф. дис. ... канд. филол. Наук /10.01.03/.- Душанбе, 2004.- 22 с.
7. Салимов, Носир Юсупович. Зарождение и становление прозаических жанров в персидско-таджикской литературе средних веков (X-XII): Автореф. дис. ... д-ра. филол. наук /10.01.03/.- Душанбе, 2002.- 48 с.
8. Шамисо, Сирус. Нигоҳе тоза ба бадеъ / Сируси Шамисо.- Теҳрон: Интишороти «Фирдавсӣ», 1368.- 146 саҳ.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асриXX). Муҳаррирон: М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ- М: Советская энциклопедия, 1969, ҷ. 2, дар 948 саҳ.
10. .Ҳумоӣ, Ҷалолуддин. Фунуни балоғат ва санооти адабӣ / Ҷалолуддини Ҳумоӣ.- Теҳрон: «Ҳумо», 1368.- 424 с.

САДЖ И ЕГО МЕСТО В ТВОРЧЕСТВЕ УБАЙДА ЗОКОНИ

По словам автора статьи, Убайд Зокони в персидско-таджикской литературе знаменитен как величайший сатирик и общественный критик. Пореизведения Убайда Зокони - «Ахлок-ул-ашроф» («Этика аристократов»), «Ришнома» («Трактат о бороде»), «Дилкушо» («Увеселительный трактат»), «Даҳфасл» («Десять частей») и «Садпанд» («Сто назидательных советов») все написаны в стиле прозы ***«мурсал»****, являющийся простой и понятной формой изложения. В этих произведениях если с одной стороны автором использован простой и бесцеремонный язык, то с другой стороны в них наблюдается плавный и привлекательный стиль изложения. Одна из основных причин популярности литератора отражается с этой чертой его писательского мастерства. Как указывает автор, сливание простого и понятливого языка, сближавщего иногда с устной народной речью с плавной формой изложения, незагруженной средствами художественного изображения, отдает стилью выражения Убайда Зокони особое свойство, присущее мастерству самого писателья.*

Если из числа форменных средств художественного изображения в произведениях Убайда Зокони наблюдаются такие как указание, аллегория, сравнение и метафора,- отмечает автор,- то художественный приём, именуемый ***«садж»*** *(рифма, используещая в персидской прозе) фигурирует среди всех остальных вышеупомянутых средств литературного изложения. Убайд почти во всех своих прозаических произведениях мастерски использует садж и другим словом эта фигура является крепкой опорой его прозы. Но следует отметить, что в применении исскуства садж Убайд соблюдает равновесие и не пересекает границу умеренности. Можно сказать, что в использование садж Убайд подражает Шейху Саади Ширази и вероятно в данном случае он считал «Гулистан» Шейха Саади лучшим примером для использования художественного приёма садж. Автор подытоживает, что в произведениях Убайда Зокони в общем плане использованы три вида садж:* ***«мутавози»*** *(посредством которого слова соответствуют формой и последными буквами, обеспечивающимися рифму слов),* ***«мутавозин»*** *(посредством которого слова сходятся только формой) и* ***«мутарраф»*** *(посредством которого слова равны только со стороны последних букв). Из вышеприведенных садж в произведениях*

литератора первое место занимает «мутарраф», второе – «мутавози», а третье – «мутавозин». Садж «мутарраф» в произведениях Убайд представляет себя особенно. Этот вид Убайд использовал в большинстве с помощью глаголов в разных временах.

***Ключевые слова**: Убайд Зокони, проза, «Ахлок-ул-ашроф», «Ришнома», «Дахфасл», «Садпанд», «Дилкушо», садж, садж мутарраф, садж мутавози, садж мутавозин, тасдже».*

SAJ AND HIS PLACE IN THE WORK OF UBAID ZOKONI

According to the author of the article, Ubayd Zokoni is famous in Persian-Tajik literature as the greatest satirist and public critic. The poems of Ubayd Zokoni - «Akhlok-ul-ashrof» («Ethics of aristocrats»), «Rishnoma» («Treatise on the beard»), «Dilkusho» («Pleasure treatise»), «Daxfasl» («Ten parts») and " Sadpand «(» One Hundred Instructive Advice «) are all written in the style of» Mursal «prose, which is a simple and understandable form of presentation. In these works, if, on the one hand, the author uses a simple and unceremonious language, then on the other hand, they have a smooth and attractive style of presentation. One of the main reasons for the popularity of the writer is reflected with this trait of his writing skills. As the author points out, the merging of a simple and comprehensible language, which sometimes resembles oral folk speech with a smooth form of presentation, unloaded by means of artistic depiction, gives the style of expression of Ubayd Zokoni a special property inherent in the skill of the writer himself.

If from among the form means of artistic depiction in the works of Ubayd Zokoni, such as indication, allegory, comparison and metaphor are observed, - the author notes, - then an artistic device called «saj» (rhyme used in Persian prose) appears among all the other aforementioned means of literary presentation. Ubaid skillfully uses saj in almost all his prose works, and in other words, this figure is a strong support of his prose. But it should be noted that in the application of art, saj Ubayd maintains balance and does not cross the border of moderation. We can say that in the use of saj Ubaid imitates Sheikh Saadi Shirazi and probably in this case he considered Sheikh Saadi's «Gulistan» the best example for using the artistic technique of saj. The author sums up that in the works of Ubayd Zokoni, in general, three types of saj are used: «mutavozi» (through which words correspond to the form and the last letters provided by the rhyme of words), «mutavozin» (through which words converge only in form) and «mutarraf» (through which words are equal only from the side of the last letters). Of the above-mentioned saj in the works of the writer, the first place is taken by «mutarraf», the second - by «mutavozi», and the third - by «mutavozin». Saj «mutarraf» presents himself especially in Ubaidi Zokoni's works. Ubaidi Zokoni used this type in most of the cases with the help of verbs in different tenses.

***Key words:** Ubaid Zokoni, prose, «Akhlok-ul-ashrof», «Rishnoma», «Dahfasl», «Sadpand», «Dilkusho», saj, saj mutarraf, saj mutavozi, saj mutavozin, tasje «.*

Сведение об автора:

***Гаффорзода Шохрух** - кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы Таджикского национального университета, директор лицея Таджикского национального университета Тел .: (+992) 904775540*

About the author

***Ghafforzoda Shohrukh** - Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Tajik Language and Teaching Methods of Tajik Language and Literature Tajik National University, Director of the Lyceum of the Tajik National University Tel .: (+992) 904775540*

УДК: 891.550-1:82

ТАМСИЛ ДАР ДОСТОНИ «ҲАФТ ПАЙКАР»-И НИЗОМӢ

Нозимова Г.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маснавии «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ бо ваҷҳи маъно ва шеваи баён аз дигар достонҳои «Хамса» тафовут дошта, масъалагузорӣ низ дар он вобаста ба ҷараёни мавзӯъ бо нигоҳи нав сурат мегирад. Шоир бо пардози сухан, тасвирҳои зебо ва сабки ба худ хос дар эҷоди «Ҳафт пайкар» аз усули достонии қисса андар қисса ба кор гирифтааст ва барои муҷассам намудани симои таърихии Баҳроми Гӯр қиссаҳои шоҳдухтарони ҳафт гунбадро ба он пайванд сохтааст. Дар достони «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ дар баробари чеҳраи таърихии Баҳроми Гӯр, канизи ӯ низ муассиру андешамандона тасвир ёфтааст. Аз рӯи тасвирҳои офаридаи Низомӣ дар баъзе қиссаҳои достони «Ҳафт пайкар» тарҳи равшане ҷилвагар аст, ки метавонад беихтиёр моро ба сайёҳати он барад. Яъне дар омезиши афсона бо таърихи гузашта офаридани чунин достоне, ки мақбулу матлуб гашта бошад, аз ҳунару эъҷози суханварии Низомӣ дарак медиҳад.

Тарҳи достонии «Ҳафт пайкар»-ро хамсапажӯҳон лиро-эпикӣ муайян намудаанд, аммо рафти ҳодисаҳо ва анҷоми кори Баҳром нишон медиҳад, ки Низомӣ хатти сюжаи достонро сареҳан ғиноӣ ва ё

ҳамосӣ интихоб накардааст. Андешаҳои ирфонии шоирро метавон вобаста ба ғояҳои бадеии ин асар тавзеҳ дод. Ҳарчанд дар сюжаи достон ноҳамвориву чандпаҳлугӣ ба мушоҳида мерасад, вале симои Баҳром дар меҳвари ин ҳукмфармоиҳо устувору намоён аст. Баҳром мисли дигар шахсиятҳои офаридаи Низомӣ – Хусрав ва Искандар, шахсияти таърихӣ буда, шоир дар таҳаввули ин достон аз ибтидо иқдом гирифтааст ва ба василаи ин образ мехоҳад як кишвари аз зулму истибдод харобгаштаро дубора дар авҷи шукуфоӣ биёрад, чунки симои Баҳром дар ин достон бештар бо он шакл гирифта бузургӣ пайдо мекунад, ки ӯ бояд тамоми зангорҳоро аз қалби мардум бо муҳаббату садоқат зудуда созад ва вориси хуби аҷдодони худ бошад:

Гавҳару санг шуд ба нисбату ном
Нисбати Яздгирд бо Баҳром.
Он заду ин навохт, ин аҷаб аст,
Санг бо лаълу хор бо рутаб аст[6, с.237].

Ба ин масъала дар ҷойи муносиб баҳс хоҳем кард, аммо дар мавриди шахсияти таърихии Баҳром бояд ба як нуктаи муҳим ишора намоем, ки агарчи Баҳром шоҳи адолатпешаву ҳақиқатҷӯй тасвир ёфтааст, аммо умумиятҳое низ бо шахсиятҳои таърихии дигар достонҳои «Хамса»-и Низомӣ – Хусраву Искандар дорад, ки дар дилхушиву айёмгузорӣ бо шоҳдухтарони ҳафт гунбад ва аз онҳо афсона шунидан нақш ёфтааст. Аммо чунин таҳаввул дар шахсиятсозии Баҳром то андозае мувофиқи матлаби шоир қарор гирифтааст. Низомӣ барои ҳадафмандона баён кардани каломи хеш, мароҳилеро мепаймояд, ки дар он сурати воқеаҳо ба баёни мақсад мувофиқ афтода, қаҳрамони марказӣ – Баҳром ҳамчун объекти муайянкунандаи ҷаҳонбинии Низомӣ баромад мекунад ва ба андешаи Саид Ҳамидиён «...барои ҳикоятгӯйӣ ё достонпардозӣ, ки бештарин кӯшиши ӯ – сарфи назар аз эҷоди лаззату ҳаяҷон дар даруни хонанда, ки хасисаи умумӣ ва муштараки ҳамаи достонҳост – масруф ба ахзи натиҷаи ахлоқӣ ё вусул бар ғояти динӣ ва ирфонӣ аст»[15, с.150] метавон гуфт, ки ҳосили як идеяи мутамарказу ягона буда, аз таълимоти ирфонии шоир сарчашма мегирад. Дар коркарди афсонаҳое, ки аз забони шоҳдухтарҳои ҳафт гунбад барои Баҳромшоҳ қисса мегардад, муборизаи ҳамешагии унсурҳое, чун қувваи некию бадӣ - ранҷ кашидану ганҷ ёфтан, сахтӣ чашидану мақсуд дарёфтан, зери борони ғаму андӯҳи ишқ бурдбор шудану ком ба даст овардан, содиқу вафопеша будан ва дар роҳи дӯстӣ ҷонфидо буданро бо оҳангҳои насиҳатомӯз талқин мекунад. Аз ин бармеояд, ки Низомӣ дар достони «Ҳафт пайкар», ки аз чаҳорумин маснавии дохили «Хамса» аст, як навъ таҷрибаҳои андӯхтаи худро ба василаи панду андарз, нуктасанҷона ва бо суд ҷустан аз достони бостон шаклу маънӣ мебахшад.

Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии тамсил дар достони «Ҳафт пайкар» мақоми калидӣ дошта, бо баҳрабардорӣ аз ҳикмату омӯзаҳо ва паёми ахлоқӣ, метавон ҳамчунин вижагиҳои ҳунари мазмунофарии шоирро низ ба риштаи таҳқиқ кашид.

Агар ба маснавии «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ аз нигоҳи сирф тамсилӣ назар афканем хато намекунем. Ҳарчанд шоир дар сюжаи достон бо шахсияти таърихӣ сару кор дорад, аммо бо масъалагузориҳо дар рӯ ба рӯи Баҳроми Гӯр розҳои нуҳуфтаеро бозмекушояд, ки аз ҷаҳони маъниву андешаи шоир берун шуда, аз ҳикмату фалсафа баҳс мекунад.

Дар мавриди Низомӣ ва «Хамса»-и ӯ то кунун таҳқиқотҳои зиёди хамсапажӯҳони ватанию хориҷӣ рӯи кор омадааст, ки ҳар кадоме дар навбати худ бо баррасии масоиле ба достони «Ҳафт пайкар» дар атрофи он баҳсҳои ҷолибе анҷом додаанд. Аз он ҷумла, таҳқиқотҳои ҷомеи адабиётшиносони тоҷик Аълохон Афсаҳзод «Низомии Ганҷавӣ»[1], Шаҳло Музаффарова «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ ва таҳаввули достони Баҳроми Гӯр»[12], донишмандони эронӣ Ҳамидиён Саййид дар китоби «Ормоншаҳри зебоӣ»[15], Бехрӯзи Сарватиён «Ҳунару андешаи Низомии Ганҷавӣ»[14], Барот Занҷонӣ «Сувари хаёл дар «Хамса»-и Низомӣ»[8], Абдулмуҳаммад Оятӣ «Ганҷури панҷ ганҷ"[7], Муҳаммад Муъин «Таҳлили «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ»[13], Аҳмаднажод Комил «Таҳлили осори Низомӣ»[2], шарқшиноси рус Евгений Эдуардович Бертелсро дар китобҳои «Низомӣ ва Фузулӣ»(“Низами и Фузули»)[5] ва «Шоири бузурги Озарбойҷон Низомӣ. Замон-зиндагӣ-мероси адабӣ» («Великий азербайджанский поэт Низами. Эпоха-жизнь-творчество»)[4] ва дигаронро метавон ном бурд, ки дар тарҳи масъалаи мазкур аз назари эшон суд ҷустаем. Ҳамчунин ёдоварӣ аз мақолаҳои Ашурова Нодира «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ ва достони «Подшоҳии Баҳроми Гӯр» дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ»[3] ва Ҳамид Ҷаъфарӣ Қареҳалӣ «Услуби достонпардозии Низомӣ дар «Ҳафт пайкар»[16]-ро низ ин ҷо зарур мешуморем. Ҳарчанд дар ин мақолаҳо аҳдофу гузориши масъала дигаргуна аст, аммо муаллифони ин мақолаҳо ба дигар ҷузъиёте низ ишора намудаанд, ки дар ин пажӯҳиши мо аз аҳамият холӣ нест.

Бояд гуфт, ки аз назари сохторӣ, Низомӣ «Ҳафт пайкар»-ро низ мисоли достонҳои дигари «Хамса» бо як тарҳи муайян меофарад. Муқаддимаи достон аз Ситоиши Худованд, наъти паёмбар(с), дар меъроҷи Расулуллоҳ(с), сабаби назми китоб, дуои подшоҳи Саъид Алоуддин Карпарслон, дар хитоби заминбӯс, ситоиши сухан ва ҳикмату андарз, дар насиҳати фарзанди хеш Муҳаммад иборат мебошад. «Аҳамияти ин қисматҳо аз он иборат аст, - мегӯяд адабиётшинос А.Афсаҳзод, - ки шоир маҳз дар ҳамин ҷо оид ба маслаку ҷаҳонбинии худ икрор шуда, минбаъд афкори фалсафии хешро аз ин нуктаи назар матраҳ мекунад"[1, с.99].

Шоир аз роҳи ҳикмату фалсафа ба достон ворид шуда, бо эҷоди «Ҳафт пайкар» тамоми масоили ахлоқиро дар рафтору гуфтору пиндори инсон бо суду зиён баррасӣ менамояд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки Низомӣ ин асарро барои писараш Муҳаммад офарида буд. Чи тавре, Абдулмуҳаммад Оятӣ («Ганҷури панҷ ганҷ») мефармояд: «Фарзанди шоир Муҳаммад низ аз насоеҳи падар бебаҳра наемонад ва пеш аз он ки ба баёни он ҳафт достон, ки асоси китоб аст бирасад, достонҳо ва ҳикоёти фаръии дигаре меоварад, ки ҳама дар ҳадди худ зебову дилпазиранд"[7, 99]. Ҳарчанд ишораи Абдулмуҳаммад Оятӣ ба достонҳои фаръии «Ҳафт пайкар» достонвораҳои хурде, ки бояд решаи достони асосиро равнақу шукӯҳ бахшанд, набуда, балки он таҷрибаҳои сайқалшудаи шоир аз ҳикмати рӯзгор аст, Низомӣ онро ҳамчун сабзқабое бар таҷалии вақту замони зиндагии хеш зевар кардааст ва ҳамвора аз ҳар бобе дар он гӯйи маънӣ рондааст. Ҳатто дар сохтани қасри Хаварнақ, ки як навъ абзоре барои нишон додани меҳрубониву шавкати Нуъмоншоҳ дар нисбати Баҳром аст, дар тавсифи он талмеҳотеро истифода мебарад, ки тавонад дар мизони хаёл он азаматро ба вуҷуд орад:

Қутбе аз пайкари ҷанубу шимол
«Танглушо»-и сад ҳазор хаёл[6, с.240].

(«Лушо номи ҳаким ва наққоши румӣ аст, ки китобе ба номи «Танглушо» доштааст ва дар он китоб «тамоми сувару тамосили хокиву афлокӣ» дарҷ будааст»[17, с.504]). Бадеҳист, ки Низомӣ бо овардани ин ном ҳам ҳунари нақошиву маҳорати нотакрори меъмори румӣ – Симнор (Закариёи Қазвинӣ дар «Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод» ӯро бо Синмори Румӣ ёд карда, муҷозоти Синморро аз ҷониби Нуъмон масали машҳуршуда дар миёни мардуми араб медонад[10, с.192])-ро дар сохтани қасри Хаварнақ ба намоиш мегузорад ва ҳам ба ин васила дурахши толеи Баҳромшоҳро дар шукуҳи ин қасри зебо таъкид месозад:

Чунки Симнор аз он амал пардохт, *Хубтар з-он, ки хостанд, бисохт.*
З-осмон баргузашт равнақи ӯ, *Ҳур баравнақ шуд аз Хаварнақи ӯ[6, с.241]*.

Дар ин қисмат бо бино ёфтани қасри Хаварнақ Низомӣ расми мулкдориро дар худбиниву худхоҳии подшоҳ, ки рамзи ноустувории дунё аст, баён месозад ва онро мисоли оташе медонад, ки ҳар нафаре, ки ба ӯ наздик шавад, метавонад онро ба коми худ кашад:

Подшоҳ оташест, к-аз нураш
Эмин он шуд, ки бинад аз дураш[6, с.243].

Қисмати бади Симнор низ таъкид бар он аст, ки агар ӯ аз анҷоми талхи кори худ бохабар мебуд, ҳатто сангеро болои санги дигар намегузошт:

Кард қасре ба чанд сол баланд, *Ба замонеш аз ӯ замона фиганд.*
Оташ ангехт, худ ба дуд афтод, *Дер бар бом рафту зуд афтод.*
Бехабар буд аз уфтодани хеш, *К-он бино баркашид сад газ беш.*
Гар зи гӯри худаш хабар будӣ, *Як ба даст аз се газ наяфзудӣ[6, с.243]*

Дар достон аз таърихи валодати Баҳроми Гӯр сар карда, то нафаси охирин, ки ӯро ба ғоре андарун мекунад, саросар ҳикмату андарзанд, ки ифшогари розу асрорҳои нуҳуфтаи инсонианд. Рамзӣ будани достон бар он далолат мекунад, ки Низомӣ дар ҳар ҷилваи тасвирҳои офаридааш ҷавобе дорад, ба монанди бист сол соҳиби фарзанд нагаштани шоҳ Яздигурд, куштани Баҳром аждаҳоро ва ганҷ ёфтан, дидани Баҳром пайкараи ҳафт шоҳдухтарро, ранҷидани Баҳром аз густохии канизаш Фитна, супориши Баҳром дар сохтани ҳафт гунбад ва бо рангҳои хосе ном бурдани онҳо ва афсонаи шоҳдухтарон дар ин ҳафт гунбад, андарз гирифтани Баҳром аз шӯбон, шикояти ҳафт мазлум ва ниҳоят нопадид гаштани Баҳром дар ғор. Дар миёни онҳо як сарриштае вуҷуд дорад, ки ҳамаро бо ҳам пайванд месозад. Масалан аз фарзанд наёфтани Яздигурд, то соҳиб гаштани Баҳром ба тоҷу тахти падар маҳкум намудани золимию беадолатӣ ва баланд бардоштани ғояҳои инсондӯстӣ ва раиятпарвариро дар бар мегирад. Мансури Сарват дар китоби «Ганҷинаи ҳикмат дар осори Низомӣ» хисоли шоҳонро баррасӣ намуда, ишора менамояд, ки азбаски падари Баҳром Яздигурд шоҳи золим буд, ӯро фарзандон баробари таваллуд шудан мемурданд ва зинда наемонданд ва инро нишонаи ситамкории шоҳ медонистанд ва баъдан меафзояд, ки " (шоир Г.Н.) дар муқобил аз Баҳром тамҷид мекунад, ки ҳарчи падар шикаста буд, ӯ мумпоӣ мекард ва ҳарчи ӯ «занандаи» халқ буд, Баҳром навозандаи онон мешуд"[11, с.302]. Муносибати адолатпарваронаи Баҳромро шоир таъкидан дар тасвири вазири золими ӯ Ростравшан ба қалам медиҳад:

Шаҳ шунидам, ки дошт дастуре, *Нохудотарсе, аз Худо дуре.*
Номи худ карда з-он ҷарида, ки хост, *Ростравшан, вале на равшану рост.*
Равшану ростӣ-ш бас борик, *Ростӣ – кӯҷу равшанӣ – торик.*
Дода шаҳро ба номи нек ғурур, *В-ӯ зи таълиқи некномӣ дур.*
То вазорат ба ҳукми Нарсӣ буд, *Дар вазорат худойтарсӣ буд.*
Ростравшан чу з-ӯ вазорат бурд, *Ростиҳову равшаниҳо мурд[6, с.425]*.

Дар бораи ин достон муаллифи «Таҳлили осори Низомӣ» мегӯяд: «Достони Баҳрому вазираш Ростравшан ва шикояти мазлумон айнан дар «Сияр-ул-мулук» («Сиёсатнома»)-и Хоҷа Низомулмулк омадааст ва ба эҳтимоли зиёд Низомӣ ин ҳикоятро аз он ҷо ахз кардааст»[2, с.45]» Достонҳои ҳамгуне,

ки дар «Ҳафт пайкар» вомехӯрад, далели он аст, ки Низомӣ аз ахбори сарчашмаҳо ва расму оинҳои ниёкон ба хубӣ огаҳӣ доштааст ва чи тавре аз ишораи Аҳмаднажод Комил бармеояд, шояд шоир барои музайянӣ ва таъсирбахш гардидани достонҳои худ аз ин сарчашмаҳо истифода намудааст.

Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки метавонем аз дидгоҳи рамзу истиора ба он ворид шавем, шумораи ҳафт аст. Агарчи дар шумори ҳафт гунбад, саъд будани ин адад сурати зоҳир бахшад, аммо дар гузориши афсонаҳои шоҳдухтарони ҳар як гунбад, як навъ зинапояе ба назар намоён мегардад, ки метавон онро роҳе дар шинохти Ҳақ номгузорӣ кард, ба монанди аз сиёҳӣ ба сафедӣ расидан. Низомӣ худ низ ба он ишора менамояд:

Ҳар чӣ дар назми ӯ зи неку бад аст, Ҳама рамзу ишорати хирад аст.
Ҳар як афсонае ҷудогона, Хонаи ганҷ шуд, на афсона[6, с.452].

Аммо дар шикояти мазлумон, агарчи гузориш дигартар воқеъ гардида бошад ҳам, нишони тазаррӯъ ба остонаи Ҳақ дурахшон ҷилвагар аст.

Дар афсонаи шоҳдухтарони ҳар як гунбад, Низомӣ бо ҷилавгирӣ аз ишқу васвосиҳои ҷунунии олами вуҷуд, моро ба асл бармеангезад, ки қисса аз он тобиши ирфонӣ мегирад. Ба андешаи яке аз муҳаққиқони рӯзгору осори Низомӣ, Беҳруз Сарватиён «Шоири хаёлсозу афсонапардоз ин ҳафт афсонаро ба назм кашидааст, ки ҳар як ганҷхонаи роз аст ва ба назар меояд, ҷойи баррасӣ аз сӯи равоншиносону ҷомеашиносонро дорад, то ин осори бадеи фарҳангиро, ки зодаи андешаи эронӣ аст ба ҷилва дароранд ва инсони асри моро ба тамошогаҳи роз дар боғи маърифати Низомии Ганҷавӣ бибаранд» [14, с.157]. Аммо тамсилҳое, ки дар ин ҳафт афсона пеш оварда шудаанд, бо тафовути мундариҷа ва ғояҳои фикрӣ аз якдигар фарқ мекунанду халос. Дигар ин ки ҳар як афсона дар алоқа бо ранги гунбад сароида шудааст ва ҳатто ранги либоси шоҳ Баҳром низ бо ворид шудан ба гунбади дигар иваз мешавад ва ранги гунбадро мегирад. Баъзан чунин ба назар мерасад, ки паёми тамсилӣ ба василаи ҳамин рангҳо аз худ дарак медиҳад. Ба андешаи Афсаҳзод А. «мавҷудияти баъзе ҳодисаҳои ҳафтгонаи табиат низ сабаб шудааст: ҳафт сайёра (Офтоб, Моҳ, Зуҳал, Муштарӣ, Миррих, Зуҳра ва Аторуд), ҳафт рӯзи ҳафта, ҳафт ранги аслӣ, галаситораи Ҳафтдодарон ва ғайра . Мувофиқи эътиқоди қадимиён , осмонҳо низ ҳафтто буда, замин ҳам аз ҳафт табақа иборат аст; онҳо рубъи маскун, яъне қисмати хушкии курраи арзро, ки дар он инсон зиндагӣ мекунад, низ ба ҳафт иқлим тақсим мекарданд. Дар Юнони қадим шумораи ҳафт ба Аполлон махсус дониста мешуд. Дар намоз ҳангоми саҷда ба замин расидани ҳафт узви мусулмон-пешонӣ, ду кафи даст, ду зону ва ду сарангушти по шарт аст»[1, с.115], ки мувофиқ аст ба қавли хамсапажӯҳон дар ин боб. Худи Низомӣ низ ба он ишора менамояд, ки:

Баркашида бар ин сифат яксар, Ҳафт гунбад ба табъи ҳафт ахтар[6, с.302].

«Ин ҷо Низомӣ ба қаринаи ҳафт гунбад ва ҳафт афсона ва ҳафт ранг ва ҳафт сайёра ва... шикояти ҳафт мазлумро месарояд ва монанди дигар осораш ба ситоиши адлу дод ва накӯҳиши ситаму бедодӣ мепардозад» [2, 45]». Илова бар ин таъкидан ба ибораи «Ҳафт гунбад» арз намоем, ки дар баробари аз сиёҳӣ ба сафедӣ рӯ овардани Баҳроми Гӯр тавассути ин гунбадҳо, аз як ҷониб аз некмаромии ӯ хабар диҳад, аз ҷониби дигар шоҳдухтарон низ аз рӯйи ранги гунбадҳо ҷобаҷогузорӣ шудаанд. Гунбади якум сиёҳ буда, Баҳромшоҳ рӯзи шанберо ба ӯ мувофиқ меёбад ва соҳиби ин гунбад шоҳбонуи Ҳинд аст. Ӯ ба Баҳроми Гӯр қиссаи шоҳи сиёҳпӯшро пеш меорад. Шоҳи сиёҳпӯш дар кӯшиши дарёфтани хеш дар моҷарои манзили сияҳпӯшон меафтад. Ҳарчанд дар раҳи комҷӯйи ба ӯ борҳо ишора мешавад, ки:

Чашмаеро ба қатрае мафрӯш, К-ин ҳама неш дорад, он ҳама нӯш[6, с.320].

Аммо ғарқ гаштани ӯ дар баҳри кунҷковӣ ҳамон ҳикматест, ки шоир расондан мехоҳад. Аз ҳамин як байт тамоми матлаби шоир рӯшан мегардад ва ҳатто берун аз моҷароҳои печ дар печи афсонаи гунбади мазкур, масъалаи адолат заминаеро дар баҳси асолат ба миён меорад. Чунонки гуфта мешавад, чашма башорати сафову покӣ буда, сарчашмаи зиндагии инсон аст ва, аммо баъди истихроҷ аз бадани инсон ба қатра бадал мешавад ва ин қатра ҳарчанд аз ҳамон хонаводаи об аст, дигар заррае аз сифатҳои поккунандагии обро надорад, чунки олудаи ҷисми пургуноҳи инсон гардида, бо нафси ӯ ҳамнафас шудааст. Аз ин қатра ба ҷуз зиён дигар чизеро наметавон интизор дошт. Яъне ин масъала боз ҳам ба ҳамон фалсафаи бунёдии инсон бармехӯрад, чуноне ки инсон аз ибтидо бо ду қувваи ба ҳам зид ҳамеша дар доду ситад қарор дошт.

Аз ин рӯ, Низомии Ганҷавӣ низ дар ҳар гуфтори худ аз хирад суд мечӯяд ва онро василаи шинохти роҳи дуруст медонад, чунки воқеан инсонҳо ба воситаи ҳамин хирад метавонанд некро аз бад ташхис диҳанд.

Чи тавре дар боло ишора гардид, масъалаи дарку шинохти олами мавҷудро шоир дар ин афсона маънишиносона ба қалам додааст ва ҳар дафъа бо пешомади ҳолату воқеаи дигаре мавзӯи мазкурро думболагир мешавад ва дар ҷараёни воқеаҳо мо метавонем онро ба мушоҳида гирем. Чунончи, бо вуҷуди биму ҳаросе, ки шоҳ дар роҳи расидан ба манзили ёр мекашад, ба беҳтарин анвои неъмат дастёб мегардад, аммо нафси инсонӣ аст, ки ӯро дар нимароҳи орзу ноком мегузорад:

К-аз чунон пухтаорзуи баком, Дур гаштам ба орзуе хом[6, с.327].

Ҳадаф аз «пухтаорзуи баком» дарёфтани уқбост, ки агар инсон нафсро аз худ дур насозад, боз метавонад побанди ҳавасҳои хоми худ гардад. Шоҳ ноком гаштану сияҳпӯш гардидани худро ба Искандар қиёс мегирад, ки ин бесабаб нест:

Бо Сикандар зи баҳри Оби Ҳаёт, Рафтам андар сиёҳии зулмот[6, с.327].

Шояд аз ин ҷо бошад, ки Беҳрӯз Сарватиён дар «Ҳунар ва андешаи Низомии Ганҷавӣ» - «Ҳафт пайкар»-ро «асари ҳунармандона ва рамзномаи дигарест, - мегӯяд, - ки оинаи ғайби Илёс писари Юсуф Низомии Ганҷавӣ дар олами хаёл ва бар асоси таърих офаридааст"[14, с.151].

Афсонаи дуюм, дар рӯзи якшанбе ба гунбади зард, аз забони шоҳдухтари румӣ гуфта мешавад, ки асли матлабаш ростиву росткорист ва танҳо аз роҳи ростӣ то манзили мақсуд метавон расид.

Афсонаи сеюм ба гунбади сабз дар рӯзи душанбе гуфта мешавад ва сарчашмаи меҳру садоқат ва равшаниро дар ҳама кор аз ниҳоди поки инсонӣ медонад, ки тамсили он аз мавзӯи покгуҳарист. Афсонаи чорум дар маърифату худшиносист, ки аз забони шоҳдухтари гунбади Сурх гуфта мешавад. Афсонаи панҷум аз гунбади пирӯза, рӯзи чоршанбе шунида мешавад, ки аз роҳи раҳо намудани ҳубби дунё ва пайвастан ба Хизру оби зиндагонӣ қисса мекунад. Дар рӯзи панҷшанбе ба гунбади сандалӣ меояд, ки бо қиссаи Хайру Шар аз ду роҳ – неку бад инсонро дар амалу рафтор ҳушдорӣ медиҳад ва ниҳоят рӯзи ҳафтум меҳмони шоҳдухтари гунбади сапед мегардад, ки ба ӯ вориди ҷаҳони ҳастӣ шуданро аз роҳи шариат паём меорад.

Мавқеи тамсил на танҳо дар афсонаҳои шоҳдухтарони «Ҳафт гунбад» мақоми калидӣ пайдо кардааст, балки Низомӣ ин достонро ончунон бастубанд кардааст, ки аз ибтидо – аз валодати Баҳром то дар ғор нопадид гаштанаш тамсилгуна шудааст.

«Дар мавриди Баҳром, - мегӯяд Зарринкӯб, - ишқ ва ҳатто зиндагии воқеӣ дар завқи шикор нуҳуфта аст ва ин ки зиндагии ӯ низ дар ривояти Низомӣ дар ишқи шикор поён меёбад, бо сиришту сарнавишти ӯ ҳамоҳангӣ дорад. Занони ӯ ва алоқааш ба ин ҳафт пайкар, ки Низомӣ саропои онҳоро аз латофату ҷамол тарошида аст, бо тамоми зебоию дилороию ишвагарӣ, ки доранд, барои Баҳром дар ҳақиқат чизе беш аз чанд шикори инсонӣ нестанд»[9, с.440] ва шояд ин андешаи Зарринкӯб ҳам аз он ҷо сарчашма мегирад, ки Низомӣ нопадид гаштани Баҳромро дар ғор ҳамчун рамзи ҳирсу ози дунё маънидод намуда, алоқамандиву дунёдӯстиро мояи озору ранҷи инсон мешуморад:

Тӯлу арзи вуҷуд бисёр аст В-он чи дар ғаври мост, ин ғор аст[6, с.448].

Дар «Ҳафт пайкар» ба ҳар мавзӯе, ки Низомӣ ворид мегардад, онро аз роҳи маърифати Ҳақ баррасӣ мекунад. Аз ин рӯ, ҳамеша ба инсонҳо ҳушдор медиҳад, ки зиндагиро мояи сарфарозии хеш қарор надиҳанд ва ба фикри фардо бошанд:

Ҳар ки ояд дар ин сипанҷсарой, Боядаш боз рафтан аз сари пой.
Дар вай оҳиста рав, ки тезҳуш аст, Дергир аст, лек зудкуш аст[6, с.449].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки достони «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ бо роҳи ҳикмату ахлоқ суруда шуда, мавзӯъҳоеро дар бар мегирад, ки бо ифодаҳои пандомӯз либоси тамсилӣ ба бар намудаанд. Бо ибораи дигар, шоир тавонистааст, дар овардани достонпораҳо ба масъалаҳое пардозад, ки ба онҳо танҳо аз роҳи тамсилсозӣ метавон ворид шуд. Шоир то тавонистааст, дар баёни ҳадафи хеш аз рамз истифода кунад, аммо бори маъниро бар дӯши тамсил вогузор кардааст. Чунин муносибати шоир ба асари «Ҳафт пайкар» ба хонанда имкони фаровонеро фароҳам меорад, ки бар куҷову нокуҷоободҳо тааммул кунад ва ҳамин сувари андеша боз ҳам онро ҷолибу хонданбоб кардааст.

АДАБИЁТ

1. Афсаҳзод, А. Низомии Ганҷавӣ / А.Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф, 1995. – 210 с.
2. Аҳмаднажод, Комил. Таҳлили осори Низомӣ / Комил Аҳмаднажод. – Теҳрон: Илмӣ, 1369. – 254 саҳ.
3. Ашурова, Н. «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ ва достони «Подшоҳии Баҳроми Гӯр» дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ / Н. Ашурова. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар: Матбаа, 2020. – №1/4 (80). – С. 27-34.
4. Бертельс, Е.Э. Великий азербайджанский поэт Низами. Эпоха-жизнь-творчество / Е.Э. Бертельс.-Баку: Издательство АзФАН, 147 с.
5. Бертельс, Е.Э. Низами и Фузули. Избранные труды / Е.Э. Бертельс.-Москва: Издательство восточной литературы.- 556 с.
6. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Лайлию Маҷнун, Ҳафт пайкар / Низомии Ганҷавӣ – Душанбе: «Адиб», 2012.– 480 с.
7. Ганҷури панҷ ганҷ (Гузидаи ашъори Низомии Ганҷавӣ) Интихоб ва тавзеҳи Оятӣ, Абдулмуҳаммад.–Теҳрон: Интишороти сухан, 1374.
8. Занҷонӣ, Барот. Сувари хаёл дар «Хамса»-и Низомӣ / Барот Занҷонӣ.– Теҳрон: Амири Кабир, 1377.– 552 с.
9. Заринкӯб, Абдулҳусайн. Пири Ганҷа дар ҷустуҷӯи нокуҷообод / Абдулҳусайн Заринкӯб. Интишороти Нил, чопи аввал, 1350. - С.440.
10. Қазвинӣ, Закариё. Осору-л-билод ва ахбору-л-ибод. Тарҷума ва тавзеҳи Абдушукур Ғафуров / Закариёи Қазвинӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2018. – 684 с.
11. Мансур, Сарват. Ганҷинаи ҳикмат дар осори Низомӣ / Сарват Мансур. – Теҳрон: Илмӣ, 1392. – 400 с.
12. Музаффарова, Ш. «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ ва таҳаввули достони Баҳроми Гӯр / Ш. Музаффарова.-Душанбе: ДСРТ, 2014.- 169 с.

13. Муъин, Муҳаммад. Таҳлили «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ / Муҳаммад Муъин. – Теҳрон: Муъин, 1384.
14. Сарватиён, Бехрӯз. Ҳунар ва андешаи Низомӣ (мурурe бар зиндагӣ ва осори Ҳаким Низомии Ганҷавӣ) / Беҳрӯзи Сарватиён. – Теҳрон: Ҳамшаҳрӣ, 1388. – 192 с.
15. Ҳамидиён, Саййид. Ормоншаҳри зебоӣ: Гуфторҳое дар шеваи баёни Низомӣ / Саййид Ҳамидиён. – Теҳрон: Нашри Қатра, 1372. –8+ 202 с.
16. Ҷаъфарӣ, Қареҳалӣ Ҳамид. Услуби достонпардозии Низомӣ дар «Ҳафт пайкар»/ Ҳамид Фаъфари Қареҳалӣ//Маҷаллаи донишкадаи улуми инсонии Донишгоҳи Симнон соли шашум, шумораи бист. Зимистон 86. – С. 55-74.
17. Шамисо, Сирус. Фарҳанги талмеҳот (ишороти асотирӣ, достонӣ, таърихӣ, мазҳабӣ дар адабиёти форсӣ) / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавс. – 655 с.

АЛЛЕГОРИЯ В ПОЭМЕ «СЕМЬ КРАСАВИЦ» НИЗАМИ

Работа на тему «Аллегория в поэме «Семь красавиц» Низами» представляет собой большой научный интерес. В ней подчёркивается, что рассмотрение и анализ аллегория в поэме «Семь красавиц» Низами Ганджави имеет ключевое место среди цикла трудов, посвящённых изучению художественных приёмов в произведениях классиков таджикско-персидской литературы, так как на основе исследования богатого духовного наследия классиков, их назидательных произведений можно оценить специфические особенности творческого отношения, таланта и искусства литератора в создании новых смысловых оттенков.

Ключевые слова: *Низами, «Семь красавиц», Бахрам Гур, семь престолов, аллегория, рассказ, поэма.*

ALLEGORY IN THE POEM «SEVEN BEAUTY» LOW

The work on the theme «Allegory in the poem» Seven Beauties «by Nizami» is of great scientific interest. It emphasizes that the consideration and analysis of the allegory in the poem «Seven Beauties» by Nizami Ganjavi is a key among the cycle of works devoted to the study of artistic techniques in the works of Tajik-Persian literature classics, since based on the study of the rich spiritual heritage of the classics and their instructive works, to evaluate the specific features of the creative attitude, talent and art of the writer in creating new semantic shades.

Keywords: *Nizami, «Seven Beauties», Bahram Gur, seven thrones, allegory, story, poem.*

Сведения об автора:

Нозимова Гулрухсор Саидисломовна *- кандидат филологических наук,доцент кафедры история таджикской литературы филологического факультета Таджикского национального университета* ***Адрес:*** *Республика Таджикистан, 734025, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: gulrukhsor78@list.ru*

About the author:

Nozimova Gulrukhsor Saidislomovna *-candidate philology of science, lecturer department tajik literature history faculty of philology Tajik national university* ***Address****: Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe city, avenue Rudaki 17. E-mail: gulrukhsor78@list.ru*

ТАСВИРИ ПАЙВАНДҲОИ АДАБӢ ДАР ТАЗКИРАНИГОРИИ АДАБИЁТИ ТОҶИКУ ФОРСИ АСРҲОИ XVI-XVII

Маҳмадшоев М.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Дар натиҷаи задухурдҳои тӯлонии қабилаҳои сафавӣ ва шайбонӣ, нооромии вазъи сиёсӣ, пастравии ҳаёти маданӣ ва адабӣ ба миён омад, ки ин омил тавонист ба адабиёти умумиву муштараки тоҷикиву форсӣ низ таъсир расонад. Тибқи ахбори сарчашмаҳо адабиёти мумтозу якҷояи тоҷикӣ-форсии асрҳои X-XV аз асри XVI оғоз карда, ба ду адабиёти мустақил - адабиёти тоҷикӣ ва адабиёти форсӣ ҷудо шуда, яке дар сарзамини Эрон ва дигаре дар кишвари Мовароуннаҳр ҷараён гирифтанд[11, с.12-16].

Ба андешаи адабиётшиноси шинохта Садрӣ Саъдиев аз ҳам ҷудо шудани адабиёти тоҷикӣ аз адабиёти муштараки форсӣ ва ба тараққиёти мустақил оғоз кардани он дар асри XVI замина ва омилҳои муайяни сиёсию иҷтимоӣ ва таърихии худро дошт, зеро дар ин давр дар Эрону Хуросон аз як тараф ва Мовароуннаҳр аз тарафи дигар давлатҳои ҷудогонаи Сафавӣ ва Шайбонӣ ба вуҷуд омаданд, ки ба якдигар муносибати душманона доштанд. Муносибати душманонаи онҳо ба ҳамдигар зоҳиран асоси динӣ-мазҳабӣ дошт[4, с.3].

Вазъи ба амал омада боиси паст рафтани муносибатҳои наздик ва пайвандии мардумони ин сарзаминҳо гашт ва ин ҳолат ба равобити иқтисодӣ, адабӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ таъсир бахшид. Бино ба гуфтаи адабиётшиносону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар чунин шароит алоқаҳои наздики адабие, ки пештар байни Мовароуннаҳр ва Хуросону Эрон дар замони Темуриён вуҷуд дошт, ба инқироз дучор нашуда наметавонист. Дар ҳар ду мамлакат ҳаёти адабӣ дар ҳоли маҳдудӣ, бе робита бо якдигар ҷараён меёфт.

Аммо бар алайҳи ҳамаи ин душвориҳо, сардии муносибатҳо ва вазъи аз низом баромадаи сиёсӣ, задухӯрдҳо ба хотири «мазҳабгароӣ» равобити адабӣ ба пуррагӣ аз байн нарафт. Рисолати адабиёту

шеър, ки пайомовари хираду хирадмандӣ ва ростиву вафодорист дар ҳамин даврони мушкил ва печида ҳам тавонист новобаста аз вазъи сиёсии замон ҷараён гирад. Робитаҳои адабии суханварони Мовароуннаҳр ва Эрон тамоман гусаста нагардид, ҳатто дар охирхои асри XVII тибқи ахбори сарчашмаҳо сафари эҷодии баъзе шоирони тоҷик ба кишвари мазкур ҷой доштанд.

Ҳамаи инҳо ёде аз гузаштаи муштарак, ягонагию умумияти таърихии ду адабиёти ҳамзабон, равобити наздик ва мустаҳками пешинаи байни адибони тоҷик ва эронӣ буданд[4, с.6].

Мо дар мақолаи мазкур алоқаҳои ҳарҷонибаи ду адабиёти мустақили хамзабонро дар мисоли таълифи тазкираҳои умумии суханварони Хуросон ва Мовароуннаҳр аз назар мегузаронем.

Ҳарчанд ба қавли муҳаққиқон адабиёти муштараки тоҷикӣ - форсӣ аз ҳам ҷудо гардидаву ҳар кадом бо самти хеш такомул меёфтанд, аз аввалҳои асри XV1 таълифи тазкираҳои умумифорсӣ дар ҳар ду адабиёт ба тариқи анъанавӣ идома меёфт, ки мисоли барҷастаи гуфтаҳои болоӣ дар тарҷумаҳои тазкираи «Маҷолис ун-нафоис»-и Алишери Навоӣ, ки дар аввалҳои асри XVI аз тарафи Фахрии Хиротӣ ва Ҳакимшоҳи Қазвинӣ анҷом гирифтаанд, нишон дода шудааст. Ин ҷо дар шумори суханварони Мовароуннаҳр теъдоди муайяне аз суханварони Хуросону Эрон низ шомил гардида буданд. Ҳамин гуна тарзи овардани маълумотро шоир ва тазкиранигори соҳибзавқ Соммирзои Сафавӣ дар тазкираи «Туҳфаи Сомӣ» идома додааст[13, с.5-15].

Бино ба нигоштаҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар тазкираи мазкур, ки асосан шарҳи ҳол ва осори шоирони Хуросон ва Эрон, қаламрави давлати Сафавиёнро дар бар мегирад, инчунин маълумот дар бораи як қатор адибони Мовароуннаҳри замони муаллиф дар фаслу бобҳои гуногуни асар ҷой дода шудаанд.

Анъанаи мазкур аз ҷониби тазкиранигорони тоҷик ҳам идома ёфта, дар баробари овардани маълумот аз рӯзгору осори адибони мовароуннаҳрӣ, перомуни суханварони хуросонӣ низ ахбор дода шудааст, ки аз равобити адабии ин ҳавзаҳо шаҳодат медиҳад.

Аввалин тазкирае, ки замони мустақилияти адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр ба тасниф расидааст, «Музаккир-ул-аҳбоб»-и Ҳасанхоҷаи Нисории Бухороӣ (таълифаш солҳои 1565-1566) ба ҳисоб меравад[9]. Дар тазкираи мазкур, ки фарогири аҳволу ашъори сухансароёни нимаи аввали асри XVI мебошад, дар баробари арзи аҳволи шуарои Мовароуннаҳр, ҳамчунин аз ҳаёту эҷодиёти адибони Эрону Хуросон, Бадахшону Ҳиндустон ва кишварҳои дигар низ маълумот оварда шудааст. Бино ба навиштаҳои адабиётшиносон ин суханварони мансуб ба кишварҳои гуногун дар тазкираи Нисорӣ на дар алоҳидагӣ, аз рӯи таносубашон ба ин ё он кишвар, балки ба тарзи омехта бо суханварони Мовароуннаҳр ва сарзаминҳои дигар зикр ёфтаанд. Дар тазкираи мазкур бобати 260 шоир маълумот дода шудааст, ки 50 нафари онҳоро суханварони кишварҳои дар боло нишондода шуда, ташкил намудаанд[13, с.9-11].

Адабиётшинос Садрӣ Саъдиев бобати масъалаи мазкур чунин ақида дорад: «Ба ғайр аз ин 50 нафар шоире, ки фаъолияти эҷодии онҳо дар ватанашон Хуросон ва Эрон ҷараён доштааст, дар тазкираи Нисорӣ теъдоди зиёди адибони хуросонӣ ва эронии маскуни Мовароуннаҳр низ зикр ёфтаанд. Сухан дар бораи адибони мухоҷири хуросонӣ ва эроние меравад, ки дар аввалҳои асри XVI аз таъқиботи мазҳабии ҳукуматдорони Сафавӣ ва қизилбошҳои Эрон ба Мовароуннаҳр фирор карда ва паноҳанда шуда, тақдири худро бо ин кишвар вобаста карда буданд. Аз рӯи тадқиқоти мо теъдоди ин адибони муҳоҷири хуросонӣ ва эронии муқими Мовароуннаҳр дар тазкираи Нисорӣ ба 30 нафар мерасад. Инҳо Рӯзбеҳони Исфаҳонӣ, Камолиддин Иброҳими Шарвонӣ, Шайх Боязиди Пуронӣ, Шоҳзода Ҳошимӣ, Фахриддин Алии Воиз, Мавлоно Зайниддини Восифӣ, Мирами Сиёҳи Хуросонӣ, Мираки Саид Ғиёс, Мунаввари Меҳна, Миршайхи Пуронӣ, Шайх Муаййиди Меҳна, Ҳоҷа Абдуллои Меҳна, Султоналии Убаҳӣ, Миралии Хаттот, Мавлоно Абдулқосими Ҳаким, Иброҳими Кунда, Мавлоно Маҳрумӣ, Мустафои Румӣ, Шайх Музаффари Меҳна, Рукниддини Меҳна, Амир Музаффари туркман, Навидии Нишопурӣ, Мавлоно Абдусамад, Мавлоно Сафоӣ, Мир Муҳаммад Бадеи Қозӣ, Мавлоно Абдулҳаким, Мирзо Машҳадӣ, Мавлоно Ҳозирӣ, Мирзо Боқӣ (писари Миралии Хаттот), Қосими Арслон, Хоҷа Муҳаммад ва боз чанде дигар мебошанд» [4, с.5].

Пас аз Нисорӣ ҳамин анъанаро тазкиранависи дигари Мовароуннаҳр Мутрибии Самаркандӣ дар асараш идома бахшидааст. Дар тазкираи Мутрибӣ, ки бештар аз 550 суханвари нимаи дуюми асри XVI ва ибтидои асри XVII-ро фаро гирифтааст, теъдоди бештар аз 50 нафар адибон зикр гардидаанд. Дар ин манбаи адабӣ низ намояндагони ҳавзаҳои адабии берун аз Мовароуннаҳр, аз ҷумла адибони Ҳуросону Эрон дар боб ё фаслҳои ҷудогона оварда нашуда, балки дар шумори шуарои Мовароуннаҳр зикр гардидаанд. Мутрибӣ низ дар тазкираи худ шоирони Хуросону Эрон ва дигар ҳавзаҳои адабиро аз шоирони Мовароуннаҳр ҷудо накардааст, яъне онҳоро на дар бобҳои алоҳида, балки дар катори суханварони диёри худ ҷой додааст. Ба андешаи адабиётшиносони ватанӣ агарчӣ «Тазкират-уш-шуаро»-и Мутрибӣ[12.] монанди «Музаккир-ул- аҳбоб»-и Хоҷа Ҳасан[9.] асосан баёнгари шарҳи ҳоли суханварони тоҷик буда, бештар сухансароёни Мовароуннаҳрро фаро гирифтааст, дар он сарфи назар нашудани адибони Хуросону Эрон ва дигар минтақаву ҳавзаҳои шеъру адаби форсӣ на танҳо риояи анъанаи тазкиранигории умумифорсист, ки фаро гирифтани адибони ҳамаи ҳавзаю нуктаҳои қаламрави шеъру адаби форсиро тақозо менамуд, балки нишони ягонагии таърихии адабиёти тоҷикии

Мовароуннаҳр ва адабиёти форсии Эрону Хуросон аст, ки бар хилофи ҷудоиандозиҳои сунъии сиёсӣ ва мазҳабии даврони Шайбониён ва Сафавиён низ комилан аз байн нарафт.

Анъанаи тазкиранигорони садаи XVI-ро дар бобати таълифи тазкираҳои умумфорсӣ дар Мовароуннаҳр Муҳаммад Бадеи Малеҳои Самарқандӣ дар охирҳои асри XVII бо иншои асараш «Музаккир-ул-асҳоб» идома бахшид[7]. Дар ин тазкира,ки фарогири маълумот дар бораи 165 нафар адибони хамзамони муаллиф мебошад, 56 нафарашонро шоирони эронӣ ташкил менамоянд. Ба иборaи дигар дар асари Малеҳо назар ба тазкираи Мутрибӣ бобати рӯзгору осори шумораи бештари суханварони эронӣ маълумот дода шудааст[13, с.190-194].

Бобати масъалаи ишорашуда профессор С. Саъдиев чунин нигоштааст: «Ҳамин тариқа баъди қариб дусад соли ҷудоии сиёсӣ ва динию мазҳабии мардумони тоҷику эронӣ ва канда шудани равобити фарҳангиву адабии байни онҳо ҳам эҳсоси ягонагию ваҳдати адабии онҳо натанҳо аз миён нарафтааст, балки ҳатто боло гирифтааст. Ин эҳсос дар дилу зеҳни тазкиранависи тоҷик Малеҳои Самаркандӣ чунон мустаҳкам будааст, ки ӯ ба нияти ҳар чӣ бештар фаро гирифтани шоирони хуросонӣ дар тазкираи ояндаи худ соли 1080 (1669) мансаби баланди муфтии Самарқандро қабул накарда, бо баҳонаи ҳаҷ шитобон ба тарафи Хуросон раҳсипор гардидааст, то бо аҳли адаби он диёр бисёртар мулоқоту суҳбатҳо карда, намунаҳои ашъори онҳоро ба даст орад» [4. с.8].

Ҳамин сафари Малеҳо боис гашт, ки ӯ дар тазкираи хеш аз рӯзгору ашъори теъдоди зиёди суханварони нимаи дуюми асри XVII дар манотиқи Эрон ҳарф занад. Инчуни мавсуф ҳангоми саёҳати шаҳрҳои ин кишвар, бо адибону шуарои ин сарзамин шиносоиву мулокотҳои бевоситаро анҷом додааст, ки натиҷааш дар тазкираи нигоштааш мунъакис шуда. Ва бартарии тазкираи Малеҳо аз осори пешини дар ин самт таълиф ёфта низ дар ҳамин аст, ки офаридаи ӯ аз тазкираҳои маъмулӣ фарқ дошт. Малеҳо дар бораи офаридаҳои ҳамон суханвароне ҳарф мезанад, ки бо онҳо ҳамсуҳбат шудаву тарзи рӯзгорашон ва иштиғолашонро дидааст, инчунин сатҳи фаҳмишу дарки шеършиносӣ ва маҳорати адабии сухансароияшонро омӯхта, дар асараш натиҷагирӣ намудааст ва бо ҳамин сабаб онро «Музаккир -ул - асҳоб» номгузорӣ намудааст. Ҳамин хусусиятҳои ба назар гирифтаи Малеҳо боис гаштааст, ки мо аз хислату сифатҳои инсонӣ, қиёфаи шахсӣ, ахлоқу одоб, касбу кор, тарзи зиндагонии шоирони эронии он давр низ дақиқан иттилоъ ёбем, ки барои омӯхтани адабиёти давраи Сафавия ва хусусан, чеҳраҳои ҷудогонаи он аҳамияти муҳим дорад. Бартарии дигари тазкираи Малеҳо дар он зоҳир шудааст, ки маълумотҳои овардаи ӯ дар бораи суханварони ҳамон давраи эронӣ аз маълумоти дигар тазкираҳои аҳди сафавӣ муфассалтару дақиқтар ва мушаххастар мебошад. Монанди он ки дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирзо Тоҳири Насрободии Исфаҳонӣ, ки аз шумори тазкираҳои калонҳаҷм ва хосси давраи Сафавия будааст ва қариб ҳазор шоири ин давраи Хуросонро дар бар гирифтааст, аз 56 шоири эронии шомил дар «Музокир-ул-асҳоб»-и Малеҳо танҳо 9 нафарро пайдо метавон кард.

Бинобар ин ахбори тазкираи Малеҳо на танҳо дар омӯзиши адабиёти давраи Сафавия, балки барои пурра ва мукаммал гардондани таърихи ин давраи адабиёти Хуросон арзишу аҳамияти бузург дорад[13, с.194].

Натиҷагирии маълумотҳои тазкираҳои Нисорӣ, Мутрибӣ ва Малеҳо аз рӯи масъалаи мавриди баҳс нишон медиҳад, ки инҳо тазкираҳои махдуди минтақавии танҳо фарогири аҳволу осори шоирони Мовароуннаҳр нестанд, балки дар қатори суханварони ин кишвар теъдоди зиёдеро аз адибони ҳавзаҳои дигари адабиёти форсӣ, хусусан Эрону Хуросонро низ дарбар гирифтаанд.

Ҳамин анъанаи робитаҳои ногусастании таърихии адабиёти форсӣ ва адабиёти тоҷикиро якчанд тазкиранигорони аҳди Сафавӣ низ идома бахшидаанд. Аз ҷумла адиби эронӣ Мирзо Тоҳири Насрободӣ тазкираи бузурги шоирони аҳди Сафавияро бо унвони «Тазкират-уш-шуаро» мураттаб сохта, дар он боби алоҳидаро ба шоирони Мовароуннаҳри ин ахд бахшидааст. Дар ин боби тазкира мураттиб дар бораи аҳволу осори 55 нафар шоири Мовароуннаҳрро маълумот додаст, ки қисми бештари онҳо намояндагони марказҳои адабии Бухоро ва Балх будаанд. Аз шоирони маркази адабии Самарканд танҳо 10 нафарро зикр намудааст, ки бсштари онҳо низ бо маркази адабии Бухоро вобастагӣ доштаанд. Ба андешаи мо сарчашмаи асосии маълумотҳои мазкур бобати суханварони самарқандӣ аз гуфтаҳои Малеҳо гирифта шудааст, зеро ӯ овони сафараш ба Эрон бо Насрободӣ вохӯрда, мулоқот намудааст.

Хусусияти фарқкунандаи тазкираҳои адибони эронӣ дар он аст, ки мураттибони онҳо маълумотро дар бораи шуарои тоҷик дар боби алоҳида ҷамъоварӣ намудаанд, дар сурате ки дар тазкираҳои Нисорӣ, Мутрибӣ ва Малеҳо ахбор дар бораи суханварони эронӣ дар якҷоягӣ бо адибони маҳаллӣ оварда шуда буд. Ҳамин гуна тарзи фароҳам овардани маълумотро дар бораи суханварони тоҷики ҳамон даврон дар тазкираҳои Лутфалибеки Озар ва «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ, ки дар асри XVIII тасниф шудаанд пайдо карда метавонем.

Аз маълумоти тазкираҳои мазкур, таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷӣ бобати пайвандҳои адабӣ дар тазкиранигории адиёти тоҷику форс ба натиҷаҳои зерин расидан мумкин аст:

1. Ба равиши мустақил оғоз гардидани адабиёти тоҷик дар асри XVI замина ва омилҳои муайяни сиёсию иҷтимоӣ ва таърихии худро дошт, зеро ин айём дар Эрону Хуросон аз як тараф ва Мовароуннаҳр аз тарафи дигар давлатҳои ҷудогонаи Сафавӣ ва Шайбонӣ ба вуҷуд омаданд, ки ба

якдигар муносибати душманона доштанд.

2. Ҳарчанд вазъи сиёсии асри XVI ноором буд, муборизаву талошҳои забти шаҳрҳои муҳташам авҷ мегирифт, робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва адабӣ рӯ ба таназзул ниҳод, аммо робитаи адабӣ, зикри арзиши каломи бадеии суханварон, нақди шеъру осори ҳамдигар аз миён пурра нарафт.

3. Тазкиранигорони моваруннаҳрӣ ва хуросонӣ дар баробари овардани маълумот аз рӯзгору осори адибони ватани хеш, перомуни суханварони сарзамини ҳамдигар низ ахбор додаанд, ки аз равобити адабии ин ҳавзаҳо шаҳодат медиҳад.

4. Хусусияти фарқкунандаи тазкираҳои адибони эронӣ дар он аст, ки мураттибони онҳо маълумотро дар бораи шуарои тоҷик дар боби алоҳида ҷамъоварӣ намудаанд, дар сурате ки дар тазкираҳои Нисорӣ, Мутрибӣ ва Малеҳо ахбор дар бораи суханварони эронӣ дар якҷоягӣ бо адибони маҳаллӣ оварда шуда буд.

5. Маҳз ҳамин адабиёти муштараки тоҷикӣ-форсӣ буд, ки тазкираҳо ҳамчун ёдгорие аз вазъи рӯзгор, муҳити зисти суханварон, ривоҷи жанрҳои адабии давр, мундариҷаи ғоявии ашъори шуаро офарида шуда, ҳамчун сарчашмаҳои муҳими адабиёти ҳамон аср маҳсуб мешаванд.

6. Пайванди адабии дар тазкираҳои ин асрҳо зикр шуда, нишон медиҳанд, ки робитаи адабиёти оламшумули мо дар ҳама аҳду замон новобаста аз ҳаводиси таърихӣ ба пуррагӣ гусаста нашудааст.

АДАБИЁТ

1. Болдырев, А.Н. Тазкира Хасана Нисори как новый источник для изучения культурной жизни Средней Азии XVI в. / А.Н. Болдырев //ТОВГЭ. Т.III. - Л.: Госэрмитаж, 1940 –С. 291-300
2. Ғафуров, Б.Ғ. Тоҷикон: иборат аз ду китоб. Китоби 2: Охирҳои асри миёна ва давраи нав. / Б.Ғ. Ғафуров -Душанбе: Ирфон, 1985. -416 с.
3. Каримов У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI. – Душанбе: Дониш, 1985. - 228 с.
4. Масъалаҳои мухими адабиёти тоҷик. Маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ -Самарканд: СамДУ, 2011. - 98 с.
5. Маҳмуд ибни Валӣ. Баҳр-ул-асрор. Нусхаи захираи дастнависҳои шарқии АУ Ҷумҳурии Ӯзбекистон, №1375, (вар. 268, 285, 290).
6. Мирзоев, А. Адабиёт(ёрӣ барои дарси адабиёти асрҳои XVI, XVII, XVIII ва X1X-и тоҷик). / А. Мирзоев - Сталинобод: Нашр.дав.тоҷ. 1948.-189 с.
7. Мирзоев А. Боз як аҳамияти муҳимми тазкираи / А. Мирзоев Малеҳо, журнали «Садои Шарқ», 1961. № 7, С. 50-54.
8. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI- XIX ва ибтидои асри XX). Барои омӯзишгоҳҳои педагогӣ. / Х. Мирзозода – Сталинобод: Нашр.дав.тоҷ., 1950. -304 с.
9. Назиров У. Тазкираи Нисорӣ. / У. Назиров - Садои Шарқ, 1973, № 3. - С. 20-23
10. Норик Б.В. Антологии Хасана Нисари и Мутриби Самарканди как источники по истории письменной культуры Мавераннахра XVI - первой трети XVII вв**.** / Б.В. Норик - Санкт Петербург: -349 с.
11. Сайфиев, Н. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX). / Н. Сайфиев - Душанбе: Бухоро.- 660 с.
12. «Тазкират-уш-шуаро». Таълифи Султон Мухаммади Мутрибии Самарқандӣ. Муқаддима ва тасхехи Асғар Чонфидо. - Теҳрон: Ойинаи мерос, 1377 - 320 с.
13. Ҳодизода Р. Адабиёти тоҷик. Асрҳои XVI- XIX ва ибтидои асри XX. / Р.Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев – Душанбе: Маориф, 1988. -416 с.

ОПИСАНИЕ ЛИТЕРАТУРНОЙ ВЗАИМОСВЯЗИ В АНТОЛОГИИ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ XVI-XVII ВЕКОВ

В настоящей работе автор показал литературную взаимосвязь антологии Мавераннахр и Хорасан в XVI-XVII веках посредством антологических данных, которые приведены в работе, показывает жизнь и литературную деятельность антологистов. Также автор опирая на антологические материалы и записи таджикских и зарубежных литературоведов показал литературную и историческую ценность этих источников. Особенность данной работы заключается и в том, что показано взаимосвязь антологов Мавераннахра и Хорасана на основе конкретных примеров. Отмечается, что независимо от неспокойной ситуации того времени, экономический спад, низкий культурно-социальный уровень литературы совместная взаимосвязь не было утрачено.

Ключевые слова: *тазкира, поэты, таджикская литература, Мовароуннахр.Хуросон, литературная связь, произведения ораторов, сведения, литературно-исторические источники...*

REFLECTION OF THE LITERARY RELATION IN ANTHOLOGY OF TAJIK AND PERSIAN LITERATURE OF XVI-XVII CENTURIES

The author of the article depicts the literary relation of anthology of Transoxiana and Khorasan in XVI-XVII centuries through anthology data. The data shown in the article describe the literary activity of anthologists. The author based on the anthology materials and scripts of Tajik and foreign literary critics showed the literary and historical value of this resources. The peculiarity of the article is in the interconnection of anthologists of Transoxiana and Khorasan based on the examples. The article states that the economic downturn and low cultural and social level of the literature had no effect on cooperative relations.

Key words: *Anthology, literary critics, Tajik literature, Transoxiana, Khorasan, literary interconnection, literary interconnection, literary and historical resources, compositions of literary critics.*

Сведение об автора:

Махмадшоев Махмадшо Мирзошоевич *- кандидат филологических наук, доцент, кафедры таджикской классической литературы Государственного образовательного учреждения «Худжандский государственный университет имени академика Бабаджана Гафурова». город Худжанд, улица Мавлонбекова, 1.E-mail: komron74@mail.ru Тел: (+992) 938748000*

About the author:

Mahmadshoev Mahmadsho Mirzoshoevich *- Candidate of Philological Sciences, Associate Professor at Department of Tajik Classical Literature of the State Educational Institution «Khujand State University named after academician Babadjan Gafurov".Khujand city, st. Mavlonbekov 1Email: komron74@mail.ru phone: (+992) 938748000*

ЗАРОЖДЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОЙ ДЕТСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Нозимов А.А., Исломова Дж.М.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

В Республике Таджикистан проблема воспитания молодежи, естественно, стала первоочередной задачей. Возникла жизненная потребность в создании духовных средств воспитания нового поколения, способствующих его формированию в духе преданности своей Родины. Как уникальное явление и средство создания новой личности в жизни таджикского народа родилась и детская литература, которая своим возникновением обязана Октябрьской революции, созданным ею новым историческим условиям, новому общественному строю. Трудно представить основные этапы развития и формирования таджикской детской литературы изолированно от кипучей созидательной деятельности всего народа и от его борьбы за становление личности нового человека. Зарождение и процесс развития таджикской детской и юношеской литературы, становление и формирование новых характеров происходила именно в этих условиях. Таджикская детская литература выросла и достигла нынешнего расцвета в обстановке взаимного влияния и обогащения братских литератур, а особенно за счет русской детской литературы.

Нашей задачей является рассмотрение зарождения и развития таджикской детской литературы в тесной связи с общим литературным процессом и развитием литературы Таджикистана и специально детской.

В работе, отдавая дань проблеме художественного воплощения детских образов, целесообразно отметить, что в борьбу народа за счастливую жизнь внес свою лепту и маленький герой.

Впервые проблемы создания последней, основных её отличий от «взрослой» были выдвинуты революционными демократами В.Г. Белинским, Н.Г. Чернышевским, Н.А. Добролюбовым. Они считали наличие литературы для детей одним из основных критериев общественного прогресса. Главные их выводы и заключения об особенностях и специфике детской литературы вполне применимы и сейчас, и автор в своем исследования опирается на них. Из главных положений великих русских критиков, а также А.М. Горького, Н.К. Крупской и других теоретиков вытекают не только воспитательное – образовательные задачи и специи физические особенности детской и юношеской литературы, но и выясняется, что эта литература, как искусство слова, обладает своими суверенными правами и законами, отвечая требованиям педагогики, являясь острым оружием борьбы на идеологическом фронте. В детской литературы мастерство писателя, его искусство как бы оснащено педагогическими идеями. Именно детскому писателю – как никому другому – необходимо учитывать природу и характер детской читательской аудитории, особенности её духовного мира. Скучное, бесцветное повествование, схематичные, нежизненные образы не смогут привлечь внимание детей ибо, как говорил Н.А. Добролюбов, «такая пища и не вкусно и не питательно».

Если путь, прорубая отцовским мечом,
Ты соленые слезы на ус намотал,
Если в жарком бою испытал, что почем, –
Значит, нужные книги ты в детстве читал.

Эта цитата из «Баллады о борьбе» В.С.Высоцкого как нельзя лучше определяет, какой должна быть настоящая детская книга. Литературоведение давно выделило основные ее функции, но, тем не менее, многие из них по-прежнему либо забываются, либо игнорируются взрослыми (не отсюда ли причина угасания детского интереса к чтению?).

Итак, одной из важнейших функций детской литературы является функция развлекательная. Без нее немыслимы и все остальные: не заинтересовав ребенка, нельзя его ни развивать, ни воспитывать и т.д. Не случайно в последнее время ученые стали говорить и о гедонистической роли книги – она должна приносить наслаждение, удовольствие...

Все учителя по праву считают воспитательную функцию одной из самых главных. «Что делать, чтоб младенец розовый не стал дубиной стоеросовой?» – спрашивал в свое время В. Берестов. Конечно, читать ему «нужные книги»! Ведь именно в них содержится «азбука нравственности», из них во многом ребенок узнает, «что такое хорошо и что такое плохо» (В. Маяковский). И в то же время, как парадоксально заметил М. Волошин, «смысл воспитания – защита взрослых от детей» .

А излишняя дидактика, как известно, всегда идет не на пользу художественности: в лучших произведениях для детей мораль, как в народных сказках, «нигде открыто не высказывается, но вытекает из самой ткани повествования». Менее популярна, но отнюдь не менее важна эстетическая функция детской литературы: книга должна привить истинный художественный вкус, ребенка необходимо знакомить с лучшими образцами искусства слова. В советские времена эта функция нередко приносилась в жертву идеологии, когда школьников и даже дошкольников заставляли заучивать наизусть чудовищные с точки зрения эстетики, но «идеологически правильные» стихи о партии и Октябре. С другой стороны, ознакомление только с лучшими, на взгляд взрослых, образцами классической литературы нередко нарушает принцип доступности, и в результате ребенок на всю оставшуюся жизнь сохраняет неприязненное отношение к классике...

И в этом случае, несомненно, огромна роль взрослого, именно он способен сыграть роль проводника в постижении ребенком сокровищ мировой и отечественной литературы (даже не предназначенной изначально для чтения). Пример такого тонкого и эмоционального посредничества великолепно показал Д. Самойлов в стихотворении «Из детства»:

Я – маленький, горло в ангине.
И папа поет мне: «Как ныне
Я слушаю песню и плачу,
И слезы постыдные прячу,
Осеннею мухой квартира
И плачу над бренностью мира
За окнами падает снег.
Собирается вещий Олег...»
Рыдание в подушке душу,
И дальше, и дальше прошу.
Дремотно жужжит за стеной.
Я, маленький, глупый, больной. [65,с.60].

Впечатления детства – самые крепкие, самые важные, не случайно даже С. Дали писал: «Мертвые мышки, протухшие ежики моего детства, я обращаюсь к вам! Спасибо! Ибо без вас я вряд ли стал бы Великим Дали». [17, с.168].

При этом важен и обратный процесс: читая детскую литературу, взрослые начинают лучше понимать детей, их проблемы и интересы. «Иногда она помогает взрослым отыскать в себе забытого ребенка» (М. Бородицкая). [15, с.76].

Не вызывает сомнений познавательная функция детской литературы: учеными установлено, что до семи лет человек получает 70% знаний и только 30% – за всю последующую жизнь! В отношении художественной литературы познавательная функция подразделяется на два аспекта: во-первых, существует специальный жанр научно-художественной прозы, где в литературной форме детям преподносятся те или иные знания (например, природоведческая сказка В. Бианки). Во-вторых, произведения, даже не имеющие познавательной направленности, способствуют расширению круга познаний ребенка о мире, природе и человеке.

Огромна роль иллюстраций в детской книге. Так, для детей дошкольного возраста объем иллюстраций должен быть не менее 75%. Не случайно Алиса Л. Кэрролла говорила: «Что толку в книжке, если в ней нет ни картинок, ни разговоров?». Один из ведущих видов памяти – зрительный, и внешний облик книги с детства прочно соединялся с ее содержанием (например, трудно представить «Приключения Буратино» А. Толстого или «Волшебника Изумрудного города» А. Волкова без иллюстраций Л. Владимирского). Даже взрослый читатель, не говоря уж о детях, начинает знакомство с книгой именно с внешнего ее оформления (чем сейчас нередко злоупотребляют коммерческие книгоиздатели, стремящиеся яркостью обложки компенсировать убогость содержания).

Работая с детской книгой, нельзя не учитывать и психологических особенностей восприятия детской (и не только детской) литературы. Утверждая реализм в детской литературе, революционеры – демократы были сторонниками широкой тематики детских книг. Они людей.

В общесоюзном масштабе исследованием взглядов рассматривали задачи воспитания с общественных позиций. Одна из таких задач – воспитание личности высокообразованных передовых русских писателей на роль детской и юношеской литературы и определением научно – педагогических и теоретических основ литературы для детей занимался целый ряд ученых, в чьих трудах прослеживаются история возникновения и пути развития детской и юношеской литературы, определятся место и роль того или иного писателя. Несомненно, труды А.М. Горького, Н.К. Крупской, А.С. Макаренко о детской литературе и детском чтении, о специфических особенностях сыграли важную роль в создании их научно – теоретических основ, на них опираются многие учёные – исследователи. Поскольку изучению таких трудов посвящен ряд работ, в представленном исследовании вовсе не ставится цель подробно охарактеризовать эти произведения. Хочется лишь отметить, что с пятидесятых годов советские литературоведы стали проявлять особый интерес к изучению отдельных

проблем детской литературы. Первые шаги были сделаны в этой области русскими учёными. Основываясь преимущественно на их трудах, автор считает уместным дать оценку лишь немногим из них. Язык этой книжки оказал заметное влияние и на перевод.

Таджикская детская литература, являющаяся составной частью художественной литературы, твердой поступью шагает по благородной и священной стезе воспитания полноценного и созидательного человека, гармонически сочетающего в себе духовное богатство и физическое совершенство. В формировании и развитии этой литературы, имеющей более чем столетнюю историю, внесли свою лепту поэты и писатели разных периодов новой таджикской литературы. Наши видные литераторы М. Миршакар, А. Шукухи, А. Бахори, У. Раджаб, Г. Мирзо, Б. Ортиков, Бобо Ходжи, А. Шарифи, Н. Бакозода и другие, достойно продолжая творческие традиции основоположников таджикской детской литературы - устода Айни и Лахути, внесли значительный вклад в её развитие и совершенствование.

Вместе с тем русская переводная литература значительно ускорила формирование национальной детской литературы, дала толчок ее «самоопределению». Именно через переводы внедряется в издательскую практику понятие возрастной специфики детских произведений. Так, рассказы Е. Караевой «Пионер», «Кот», Г. Никитина «Ням-ням» были рекомендованы для младшего школьного возраста, а рассказы Н.А. Алексеева «Сам и Дик», А. Чеглока «Черный лебедь» для среднего школьного возраста.

и морали, порожденной феодальными отношениями, писались стихи У русской литературы таджикские писатели учились, на что следует больше всего обращать внимание, ставя и решая проблемы воспитания новой общественной морали; осваивали и вырабатывали способы создания характеров, портрета, пейзажа, принципы построения занимательного сюжета, мастерство обрисовки жизненных реалий.

О противостоянии и противоборстве повой нравственности, поэмы, рассказы, повести. Эти произведения рисовали нравственный облик активных участников всенародной борьбы за построение нового общества. Тогда делались первые подступы к проникновению во внутренний мир представителей юного поколения. На последующих этапах развития таджикской детской литературы это проникновение становится все шире и углубленной.

ЛИТЕРАТУРА

1. К вопросу о переводе слов-реалий/ /Вопросы английской филологии и методика преп.англ.яз./. Ростов на Дону.- 1972 г.Вып.№2. с.56-77.
2. Крупнов В.Н. В творческой лаборатории переводчика.: очерки по профес сиональному переводу. / В.Н. Крупнов -М.: «Междунар. отношения», 1976.-190 с.
3. Крупнов В.Н. Курс перевода. Английский язык: общест. полит,лексика. / В.Н. Крупнов // Под ред. Л.С. Бархударова. - М.: Междунар. отношения, 1979.-231 с.
4. Кунин А.В. Перевод образных ФЕ в англо русском фразеологическом словаре. Методич. сб. переводческ. фак. / В.Н. Крупнов - МГПИИЯ им. М. Тореза. - М., 1969. -197 с.
5. Латышев Л.К. Перевод: проблемы теории практики и методики преподавания. / Л.К. Латышев - М.: Просвещение, 1988.-190 с.

ЗАРОЖДЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ТАДЖИКСКОЙ ДЕТСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

В данной статье рассматривается то, что к творчеству таджикских детских поэтов и писателей обращаются многие русские писатели, поэты, переводчики и деятели русской культуры. Многие талантливые мастера художественного слова России в своей повседневной деятельности часто обращались к мировой культуре, в том числе к таджикско-персидской литературе.

Также указанно теоретические выводы и практические разработки содержания художественного перевода таджикской детской поэзии. В статье исследуется проблемы воспроизведения художественных особенностей, и своеобразия таджикской детской поэзии в русской интерпретации рассматриваются в соответствии с последовательно разработанными принципами и критериями теории и практики художественного перевода.

***Ключевые слова**: ученый, переводчик, развитие, писатели, словари, основоположник, детская литература.*

ORIGIN AND DEVELOPMENT OF TAJIK CHILDREN'S LITERATURE

This article discusses the fact that many Russian writers, poets, translators and figures of Russian culture appeal to the work of Tajik children's poets and writers. Many talented masters of the artistic word of Russia in their daily activities often turned to world culture, including Tajik-Persian literature. The theoretical conclusions and practical development of the content of the literary translation of Tajik children's poetry are also indicated, The article explores the problems of reproducing artistic features, and the peculiarities of Tajik children's poetry

in the Russian interpretation are considered in accordance with the successively developed principles and criteria of the theory and practice of literary translation.

Keywords: *scientist, translator, development, writers, dictionaries, founder, children's literature.*

Сведение об авторах:

Исломова Джамила *- старший преподаватель кафедры русской и мировой литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни*

Нозимов А.А.- *доктор филологических наук, профессор, заведующий кафедры языков гуманитарных дисциплин НИТУ «МИСИС в городе Душанбе.*

About the authors:

Islomova Jamila *- Senior Lecturer, Department of Russian and World Literature, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

Нозимов А.А. *- doctor of philology, professor, Head of the Department of Languages of Humanitarian Disciplines of NUST «MISiS in Dushanbe.*

УДК: 8Т2 Ҳ78

МАСОИЛИ ТАРҶУМА ДАР НАЗМИ МУОСИРИ ТОҶИК

Ҳомидова Н.Ш.

Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд

Тарҷумаи бадеӣ яке аз омилҳои асосии ривоҷ ва ташаккули адабиёти миллӣ ва тафаккури адабии халқҳои мухталифи олам аст. Аз омӯзиш ва таҳқиқи пайвастаи ин муаммо маълум мешавад, ки адабиёти тарҷума беҳтарин воситаи шиносоӣ ва омӯзиши маънавии халқҳо буда, он роҳу васила ва сабаби асосии нашри афкори бадеӣ ва равобити таърихии халқҳо ба шумор меравад.

Дар ин робита тарҷумаҳое, ки Лоиқ Шералӣ аз забонҳои дигар ба забони тоҷикӣ анҷом дод, бо таҳлилу фарогирии андешаҳои иҷтимоии замон ва шинохти моҳият ва мундариҷаи иҷтимоии адабиёт дар замони нав тафовути мушаххасе дошта, рангу тафаккури миллӣ ба бар кардаанд. Ин тарҷумаҳо дар идомаи суннатҳои адабии ҳазорсолаи форсу тоҷик як мактаби бебадали ошноӣ бо анъанаҳои замони навро ба вуҷуд оварданд. Тарҷумаи ашъори адабиёти ҷаҳонӣ ба забони тоҷикӣ ва тарҷумаи ашъори е ба забони русӣ давоми он суннатҳои тарҷумае буданд, ки дар даҳсолаҳои мухталифе сурат гирифта буданд. Ин тарҷумаҳо ба ташаккул ва равнақи адабиёту фарҳанги миллӣ ва истеҳкоми пояҳои равобити адабӣ мусоидати куллие карданд.

Л. Шералӣ дар миёнаи солҳои 60-и садаи 20 нахустин бор аз доираи адабиёти форсу тоҷик берун шуда, ба адабиёти рус таваҷҷӯҳ кард, ки ин ҳол пеш аз ҳама ба воситаи ошноӣ бо шеъри Сергей Есенин ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ рух дод. Дунёи шоирии С. Есенин барои адиби навовари тоҷик як манбаи муҳими маънавиву эстетикӣ гардид. Лоиқ бидуни шубҳа дар оинаи муҷаллои шеъри С. Есенин симои хешро ёфт. Худи падидаҳои ҷолиб ва муҳими эҳсосгарӣ, андешамандӣ, ишқ, ки дар шеъри шоири рус ҷой доштанд, сазовори омӯзиш ва баҳрамандӣ буданд. Ин аст, ки Л. Шералӣ волотарин сифатҳои шеъри шоири русро ба олами маънавии шеъри тоҷикӣ оварданӣ шуд. Ин амали хайри шоири тоҷик танҳо бо баҳрамандӣ аз шеъри як тан аз шоири рус маҳдуд нашуд. Л. Шералӣ пас аз С. Есенин шеъри шоирони дигари рус ва ҷаҳонро низ ба тоҷикӣ тарҷума кард ва дар ин ҷода таҷрибаи ғанӣ андӯхт.

Ин гуна фаъолияти шоир дар айни замон назару нигоҳи хосаи ӯро ба кори тарҷумонӣ вусъат бахшида ва дар ҳар мавриди муносиб роҷеъ ба масоили тарҷума ва амалияи кори тарҷумонӣ нуқтаи назари хешро баён кардааст. Табиист, ки ин гуна андешаҳои илмиву адабии шоир нақди тарҷумаи шеърро равнақ медиҳад.

Ба назари мо нахустин муҳаққиқе, ки то андозае ба андешаҳои Л. Шералӣ дар мавриди тарҷумаи шеър таваҷҷӯҳ кардааст, Ю. Акбаров мебошад. Вай дар охирин мақолаи китоби «Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва ахлоқӣ» (1990), ки ба баррасии шеъри Лоиқ бахшида шудааст («Шоири шеъри гуҳарбор ва ҷаҳонорой»), баъзе назарияҳои адабии шоирро аз рӯи мусоҳибаи рӯзноманигор Д. Атовуллоев дар «Комсомоли Тоҷикистон» (17 июни соли 1984) мавриди мулоҳиза қарор додааст. Ин ҷанбаи фаъолияти Лоиқ ба ғайр аз мақолаи мазкур дар рисолаи М.Нарзиқул низ ба таври муфассал баррасӣ шудааст.

Л. Шералӣ ба пурсиши рӯзноманигор Д. Атовуллоев - «агар шумо моҳии тилло медоштед, аз он чӣ бозхост мекардед?», риштаи ҷавобро ба номи Сергей Есенин пайваста, чунин гуфтааст: «Мехостам ӯ Есенинро ҷон бубахшад ва ба Душанбе биоварад. Ва мо бо ҳам ҷоме бардошта, аз гардани ҳамдигар оғӯш карда, гаштугузор мекардем ва ман «Савтҳои форсӣ»-ро ба форсӣ барояш мехондам ва мегуфтам: ту маро ба дарди ишқ ва дарди шеър ошно кардӣ!» [1, с.29].

Ба ин тариқ, аз назари мутарҷим арзиш додан ба аҳамияти ашъори С. Есенин ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ мавқеи хосе дорад. Дар ин маврид аз мутарҷим қайде боқӣ мондааст, ки тақрибан бештари муҳаққиқони эҷодиёти ӯ аз он ёд кардаанд. Ин қайд аз муқаддимаи «Гулафшон»-и С. Есенин иқтибос шуда, аз китобе ба китоби дигар гузаштааст: «Баъд аз Есенин ман Гёте, Ҳайне, Уитменро

тарҷума кардам, вале Есенин то ҳанӯз бароям аз ҳама наздиктар ва созгортар аст. Масалан, тарҷумаи Гёте меҳнат аст, тарҷумаи Есенин - илҳом» [2, с.3].

Ин андеша намунаи хуби танқиди тарҷума дар коргоҳи тарҷумонӣ буда, дилбастагии шоирро ба идеалҳои эҷодӣ равшан нишон медиҳад. Минбаъд муҳаққиқон аз ин гуна андешаҳои мутарҷим ба хулосаҳои муҳиме расиданд: «Лоиқ аз он ифтихор дорад, ки бо шарофати ҳамон шеърҳои Есенин, ки аз онҳо рангу бӯи шеъри форсӣ, ба вежа ғазали Ҳофиз меояд, ба олами шеъри Есенин ворид шудааст» [3, с.333].

Аз иттилои муҳаққиқон равшан гардид, ки Л. Шералӣ дар бораи нақши С. Есенин ва оҳангҳои форсӣ мақолае бо номи «Китоби нахустини ман» навишта, ки асли он ба забони русист («Моя первая книга») ва дар маҷмӯаи мақолаҳои «В мире Есенина» (Москва: «Советский писатель», 1986) интишор шудааст.

Афкори Л. Шералӣ дар ин мақола дар бораи тарҷумаи шеъри С. Есенин ба забони тоҷикӣ мунаққидона мебошад ва бештар тафсири рӯҳи байналмилалии шарқиёнаи шеъри ӯро дар бар мегирад: «Есенин ҳам ба олами шеъри ман ворид ва ба дили хонандаи тоҷик раҳ ёфт… Мо аз он ифтихор дорем, ки «Савтҳои форсӣ»-ро ба забони Ҳофиз ва Саъдӣ баргардонидем. Ва агар ин тарҷумаҳои мо ба Эрон, Афғонистон ва дигар кишварҳои арҷгузори забони форсӣ бирасад, ба вежа ба Шероз, рӯҳи Есенин ба парвоз меояд. Охир вай дар замонаш натавонист, ки бевосита шеърҳои хешро чун дастагули атромез ба Шерозу шерозиён бубахшад ва имрӯз, хушбахтона, шеъри Есенин худ ба Шероз раҳ ёфтааст» [4, с.333-334].

Ин бозҷустҳои эҷодӣ чеҳраи Л. Шералиро ҳамчун донандаи хушзеҳни таърихи адабиёт ва робитаҳои адабии халқҳои тоҷику рус намоён мекунад.

Дар фаъолияти тарҷумонии Л. Шералӣ сарсухани мухтасари ӯ ба тарҷумаи фоҷиаи «Хусрав ва Ширин»-и Г. Птитсин–мутарҷими осори Низомӣ ба забони русӣ низ аҳамияти муҳим дорад.

Мавсуф ба тарҷумаи фоҷиаи «Хусрав ва Ширин»-и шоири рус ба забони тоҷикӣ мақоми сазовори асари аслро дар «силсилаи хамсасароиҳо ва тазминҳо аз «Хамса»-и Низомӣ» таъкид кардааст. Аз назари мутарҷим фоҷиаи Птитсин ба миқдор хеле кам буда, аммо тамоми мӯҳтавои достонро фаро гирифтааст. Ин дар ҳоле, ки «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ» шомили шаш ҳазор байт аст.

Мутарҷими мунаққид ба масоили мавзӯи достони ишқи фоҷиавии Хусраву Ширин ва чеҳраи қаҳрамонони дигари ин қиссаи шӯрангез–Шерӯя, Марям, Шопур ва дигарон рӯй оварда, бозтоби моҳиронаи онро ёдрас мешавад ва дар иртибот ба мазмуну мӯҳтавои ин асар ғояи олии пирӯзии ишқ бар марг ва хайр бар шарро таъкид месозад. Дар ин мулоҳизаҳо мо ба амалия ва чи гуна сурат гирифтани тарҷума ошно мешавем, ки асноди муҳиме аз коргоҳи тарҷумонӣ буда, нуктаи назар ва усули кори тарҷумонии мутарҷимро нишон медиҳад: «Муаллиф гоҳо мустақиман аз достони Низомӣ байтҳо, образҳо, ифодаҳоро вом мегирад, яъне ба русӣ тарҷума ё бозгӯ мекунад, ҳатто дар ду маврид ду рубоии халқи тоҷикро меорад, ки мо онҳоро дар ҷояшон гузоштем» [5, с.107].

Мутарҷими тоҷик қаробат ва монандиҳои фоҷианомаи шоири русро бо достони шоири классики форсӣ хеле равшан ва амиқ дарк намуда ба усули кори худаш хонандаро мутаваҷҷеҳ кардааст: «...Руҷӯи Низомӣ дар оғози фоҷиа он қадар бо матни Ҳакими Ганҷавӣ дар боби «Сухане чанд дар ишқ» қаробат дорад, ки мо камоҳӣ овардемаш. Дар дигар маврид чун дидем, ки порае, байте, тандисае ё таъбире аз Низомист, овардани аслашро авло донистем» [5, с.107].

Дар самти танқиди тарҷума андешаҳои Л. Шералӣ оид ба ҳусну қубҳи тарҷумаи рубоиёти Умари Хайём (Душанбе: Ирфон, 1965) ба забони русӣ, ки онро Владимир Державин анҷом додааст, арзиши баланде дорад. Л. Шералӣ ба маҳсули ин тарҷума тақризе бо номи «Гардиши ҷом» навиштааст, ки муносибати ҷиддии ӯро ба раванди кори тарҷума ва тарҷумонӣ нишон медиҳад [6, с.151-157].

Аввалин нуктае, ки дар ин тақриз ба назар мерасад, таъкиди саҳми мутарҷими рус дар кори тарҷумонист, ки дар фосилаи зиёде осори бузургони шеъри форсии тоҷикиро ба забони русӣ баргардонидааст. Тарҷумаи рубоиёти У. Хайём низ яке аз корҳои арзанда ва шоистаи ӯ ҳисоб меёбад. Л. Шералӣ арзиши ин тарҷумаро ба таври ҷиддӣ муайян карданӣ шуда, чунин навиштааст: «Аз маҷмӯаи чорсаду ҳаштоду ҳашт рубоие, ки Владимир Державин ба русӣ гаронидааст, камтар аз сад рубоӣ чӣ басо некӯ тарҷума шуда ва барҳақ сазовори таърифу таҳсин аст»[6, с.152].

Дар айни ҳол шоир ба шубҳаангез будани миқдори рубоиёти У. Хайём низ ишора кардааст, ки дар шинохти мероси ин шоири рубоинависи шӯридаи форсӣ хеле муҳим буда, чандин сол аст, ки дар бора хайёмшиносон дар як ақидаи муайян қарор надоранд. Ба ин маънӣ муқарриз дар поварақ чунин навиштааст: «Дар нашрҳои Москва, Теҳрон ва Душанбе рубоиёти У. Хайём дар ҳудуди сесад, аммо дар ин маҷмӯа ба 488 мерасад, ки шубҳаангез аст, вале то кунун касе ба моли Хайём будан ё набудани бисёри онҳо далели дурусте пеш наовардааст» [6, с. 151].

Дигар чизи муҳиме, ки Л. Шералӣ ҳамчун арзиши тарҷума зикр кардааст, созгории забон ва рӯҳи тарҷума бо матни асл мебошад. Ӯ инчунин ба мувофиқати шаклӣ ва ифодаи айниву дақиқ ва масоили вазн, сабк, рукнҳои рубоӣ ва ғайра эътибор додааст. Муаллифи тақриз чанд пора аз ин тарҷумаро беҳтарин намунаи ифодаи ормонҳои шоири форсу тоҷик ба забони дигар донистааст:

Хуршеди сипеҳри безаволӣ ишқ аст, *Мурғи чамани ҳуҷистафолӣ ишқ аст.*

Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,
Дар тарҷума:
Птица радости средь чаши зеленой – это любовь
Вот когда умираешь без стона – любовь.
Дар олами ҷой баҳуш мебояд буд,
То чашму забону гӯш бар ҷо бошанд,
Тарҷума:
Среди невежд будь мудрым: будь немым.
Прикинься здесь немым, слепым глухим. [6, с. 153]

Ҳар гаҳ ки бимирию нанолӣ–ишқ аст.
Солнце пламенного небосклона – это любовь
Нет, любовь, не рыдания, не слезы, не стон соловья.
Намунаи дигар низ ин маъниро исбот мекунад:
Дар кори ҷаҳон хамӯш мебояд буд.
Бе чашму забону гӯш мебояд буд.
Ты, счет ведущий всем делам земным
Чтоб сохранить глаза, язык и уши

Муқарриз ҳини таҳлилу баррасии масъалаи мавриди назар бештар ба сифат ва сатҳи тарҷумаҳо мӯтаваҷҷеъ шуда, намунаҳои онро аз ғирболи накд гузаронидааст. Ба назари вай сифати умумии тарҷумаҳо дар як поя қарор надошта ва қубҳи рубоиҳо назар ба ҳуснашон бештар аст. Вай теъдоди бештари рубоиҳоро аз асл дур муаррифӣ карда, аз сабки У. Хайём бегона хондааст. Поёнтар муқарриз дар бозтоби сабаби ин ҳодиса надонистани забони матни асл ва тибқи нусхаи таҳтуллафзии дигарон тарҷума кардани онро таъкид сохтааст.

Л.Шералӣ ин тарҷумаро бо нашри интиқодии рубоиёти У. Хайём (бо эҳтимом ва тарҷумаи таҳтуллафзии Р.М. Алиев ва М.Н. Османов, зери таҳрири Е.Э. Бертелс, Москва, 1959) мавриди муқоиса қарор медиҳад. Вай аз муқоисаи мӯбамӯи 293 рубоӣ ошкор кард, ки В. Державин ғолибан ба тарҷумаи таҳтуллафзи ҳамин китоб такя намуда, тарҷумаро анҷом доданӣ шудааст. Иштибоҳоте, ки дар тарҷумаи таҳтуллафз мавҷуданд, ба маҳсули баргардонии ӯ низ раҳ ёфтаанд. Барои намуна ин рубоии У. Хайём ҳам дар тарҷумаи Р. Алиев ва М.Н Османов ва ҳам В. Державин чунин омадааст:

Он кас, ки ба хубон лаби хандон додаст,
Хуни ҷигаре ба дардмандон додаст.
Гар қисмати мо надод шодӣ, ғам нест.
Шодем, ки ғам ҳазор чандон додаст.
Таҳтуллафз:
Кто губам прекрасным улыбку беспечную дал?
Кто в удел скорбящим печаль сердечную дал?
Пусть он не дал нам счастье, довольно с нас и покоя
Ибо многим он слезы и муку вечную дал. [6, с. 153]

Пайдост, ки миёни ин тарҷума ва шеъри асл фарсаҳҳо фосила мавҷуд аст, зеро мутарҷимон маънии ду мисраи охири рубоиро нафаҳмида, ба иштибоҳ роҳ доданд. Ин иштибоҳ аз он сар задааст, ки тарҷумон ба ҷуз аз истифодаи таҳтуллафз воситаи дигаре надорад. Дар ин ҳол табиист, ки калимаю ибораҳои таҳтуллафз паси ҳам оварда шаванд. Аз назари муқарриз «Хайём гуфтанист, ки агар насиби ман шодӣ нест, аз ғами ёр шодам» [6, с. 154].

Ба назари мо, мутарҷимон ин нуқтаро пай набурдаанд, ки дар шеъри асримиёнагии форсии тоҷикӣ ғам беҳтарин мояи суханвар маҳсуб меёфт, хусусан дар шеъри ирфонӣ шоирон ҳар ҷое, ки имкон даст дод, ба ситоиши ғам пардохтанд. Ғамсароии У. Хайём низ аз ҳамин маънӣ сар мезанад, аммо ин нуктаро мутарҷимони русӣ пай набурдаанд ва бар асари он дар тарҷума иштибоҳи ҷиддие рух додааст. Хайём ба ҳамин маънӣ дар як рубоии дигар гуфтааст, ки муқарриз онро бо тарҷумааш иқтибос карда:

Ҳар дил, ки асири меҳнати ӯст, хуш аст.
Ҳар сар, ки ғубори сари он кӯст, хуш аст.
Аз дӯст ба новаки ғам озурда машав,
Хуш бош, ки ҳар чӣ ояд аз дӯст, хуш аст.
Таҳтуллафз:
Каждое сердце, плененное ею, счастливо,
Каждая голова, ставшая пылью той улицы, счастлива,
Не обижайся на подругу за маленькую обиду,
Радуйся, ибо все, что исходит от подруги, счастье
Тарҷумаи Державин:
Я красоты приемлю самовластье,
К ее порогу сам готов припасть я.
Не обижайся на ее причуды,
Ведь все, что от нее исходит–счастье.

Л.Шералӣ ба ин намунаҳо низ чун як донандаи накдбин ва рамузфаҳм наздик шуда, навиштааст, ки «дар рубоии аввал Хайём ҳусни ёр ва ғами ошиқро аз офаридгор медонад ва ба ҳама шукр мегӯяд, дар рубоии дувум ба қурбониҳои муҳаббат шукр мекунанд. Аммо тарҷумонҳо чунон аз муроди шоир дур афтодаанд, ки лоақал дар тарҷумаи таҳтуллафз натавонистаанд мазмуни зарбулмасали мисраи чорумро дуруст бидиҳанд» [6, с. 155].

Л. Шералӣ тафовути шеъри асл ва тарҷумаро мисли «шамъи офтоб» ва «чароғи мурда» донистааст: «Ҳам матни таҳтуллафз ва ҳам тарҷума аз соҳибашон бегона шудаанд, ҳатто ҳар ду дар якҷоягӣ наметавонанд ба сифати таҳтуллафз барои тарҷумаи оянда хизмат кунанд, зеро дар ҳардуи он солории У. Хайём ба дараҷаи содалавҳӣ фурӯ омадааст. Наход «Ҳар дил ки асири меҳнати ӯст, хуш аст» «Я красоты приемлю самовластье» ва «Ҳар сар, ки ғубори сари он кӯст, хуш аст» «Каждая голова, ставшая пылью той улицы, счастлива» тарҷума шавад?» [6, с.156]

Чанде аз ин гуна намунаҳоро муқарриз зикр кардааст:
Бисёр бигаштем ба гирди дару дашт,
Аз гаштани мо кори ҷаҳон нек нагашт.
Хурсандам аз он, ки умри ман бо ҳама ранҷ,
Гар хуш нагузашт, боз хуш-хуш бигузашт.
Таҳтуллафз:
Я много скитался по склонам и долам,
Но от моих скитаний дела не улучшились,
Я доволен тем, что жизнь моя со всеми превратностями,
Хоть и (не всегда) шла хорошо, но и все же
иногда проходила приятно.
Тарҷума:
Мой дух скитания пресытился вполне,
Но денег у меня как прежде нет в казне,
Я не ропщу на жизнь. Хоть трудно приходилось,
Вино и красота все же улыбались мне.

Муқарриз ин намунаҳоро ғалу ғаш номида, дар байни онҳо Хайёмро надидааст? Ба назари вай тарҷумонҳои таҳтуллафз маънои мисраи чорумро нафаҳмиданд. Баъди ин мисраи «Гар хуш нагузашт, боз хуш-хуш бигузашт» чунин тафсир шудааст: «…агар умри ман хуш нагузашт, хушам, ки зуд гузашт, хушам, ки тезу тунд гузашт ва ман аз чунин умри пуразоб зуд раҳо шудам…» [6, с.156]

Муқарриз бо назардошти он ки тарҷумонҳо «хуш»-и аввалро «хорошо» ва «хуш-хуш»-ро «приятно» овардаанд, тарҷумаро ғалат донистааст. Бинобар ин табиист, ки муқарриз дар он нишонае аз рубоии Хайёмро надидааст. «Но денег у меня как прежде нет в казне» ба ҷои «Аз гаштани ман кори ҷаҳон нек нагашт» тамоман ночаспон аст. «Хайём ҳеҷ гоҳ дар банди молу давлат набуд, балки мехост кори ҷаҳонро ба некӣ бубинад» [6, с.156].

Дар мавриди дигар аз зиракӣ ва ҳушмандии муқарриз огоҳ мешавем, ки ду мисраи охири рубоиро «иловаи» мутарҷим ба шумор овардааст. Бинобар ин шадидан ба танқиди мутарҷим мепардозад: «Ӯ (мутарҷим - Ҳ.Н.) медонад, ки Хайём аксаран ё умуман аз соғару май мефармояд, бидуни сухансанҷӣ бо овардани «вино и красота» корро анҷом дода, аз кӯчаи дигаре гузашта, ба шоҳроҳи муроди Хайём нарасидааст» [6, с. 156].

Л.Шералӣ ҳамчун мунаққиди дақиқназар ба коргоҳи тарҷумонии мутарҷими рус дахл мекунад. Ба назари вай тарҷумон ҳақ дорад, ки агар дар забон воҳиди ин ё он калима ибора ё масали асари тарҷумашаванда набошад, дар асоси қонунҳои забон калима ва ибораҳои матлуб созад. Вале ӯ ҳақ надорад, ки ба майли худ ҳар чӣ хоҳад бе зарурат бигӯяд ва ҳамаро бо санги худ баркашад».

Ин корҳо аз назари муқарриз ба норавоӣ роҳ додан аст. Намунае барои исботи ин матлаб:

Афсӯс ки номаи ҷавонӣ тай шуд,
В-он тозабаҳори зиндагонӣ дай шуд.
Он мурғи тараб, ки номи ӯ буд шабоб,
Афсӯс, надонам, ки кай омад, кай шуд?
Тарҷума:
Вся книга молодости прочтена,
Увяли жизни ранняя весна.
Где птица радости? Увы, не знаю,
Куда умчалась, где теперь она?

Шарҳи «птица радости» дар тавзеҳоти дарёфтаи муқарриз ҷолиб аст: «Птица радости–хума, хумаюн, легендарный образ древнеиранского эпоса». Аммо «мурғи тараб» «ҳумо» нест, балки ҷавониест, ки матлаби Хайём он аст! Ҷолиб аст, ки муқарриз дар ин тарҷума сӯзу созу гудозе эҳсос намекунад. «…Ҳам оҳанг ба сабки тарҷума дар мизони қиёс бо аслаш сабук аст». [6, с. 156]

Л. Шералӣ пас аз ифодаи ин андеша ба хотири тӯл накашидани тақриз ба таржумаи ҳар рубоӣ эрод нагирифта, балки танҳо бо зикри мисраъҳои ғалат иктифо кардааст:

«Яъне ки накӯӣ куну дар об андоз
Сделай добро и брось в поток, чтобы людям волны умчались».
З-ин ҳар ду бурун нест, харӣ ё ҳарифӣ»
«Или ты не способна к добру иль сошла с ума».

«Пеш ор пиёларо, ки шаб мегузарад»
«Дай мне вина! Ночной туман проходит!».
«Аз ҷумлаи рафтагони ин роҳи дароз»
«В дальний путь караваны идут, бубенками звенят».
«Дар хоб будам, маро хирадманде гуфт»
«Во сне, мне сказал пир: «Покинь свою кровать».
«Дил чун сари зулфи ёр бар бод мадеҳ»
«Ты радостно живи, с открытым сердцем».[6, с.154]

Гоҳо як рубоӣ ду тарҷума дорад, ки ба назари муқарриз «мутарҷим аз якто будани онҳо бехабар аст». Баъзе тарҷумаҳо дар ду шакл омадаанд. Ва сабаби ба 488 расидани шумораи рубоиёти Хайём низ аз ҳамин ҷост.

Муқарриз хоҳони ба хонанда расонидани моли шоири бузург дар фаҳмиши аслӣ мебошад ва дар ин бора мегӯяд: «Мо бояд ҷоми саршори Хайёмро нарезондаву нашикаста ба дасти ҷуръанӯшони базми шеъри ӯ бидиҳем, то он ҷом ҳамчунон ки соҳибаш васият кардааст, дар ҳалқаи аҳли дил номбардори сазовори ӯ бошад. Барои ин корро сомон додан тарҷумон бояд аз назокати забони форсӣ-тоҷикӣ вуқуфи тамом дошта бошад ва олами ҳикмату хирад ва таккониюю густохиҳои Хайёмро чун дили худ бишиносад» [6, с.151-157].

Дар чашмандозиҳои алоқамандони тарҷума ҳамчунин хирагии маънии шеъри тоҷикӣ дар тарҷумаи русӣ борҳо таъкид шудаанд, ки мо дар ин бора дар мавриди тарҷумаҳои шеъри Л. Шералӣ ба забони русӣ муфассалтар таъкид хоҳем кард. Чанд сол мукаддам Л. Шералӣ дар як мақолааш – «Боз як соли ғаму шодӣ гузашт» сабабҳои харобиовари ворид шудани шеъри тоҷикиро ба забони русӣ қайд карда буд: «Як иллаташ ин аст, ки рафиқони рус шеъри моро тарҷумаи таҳтуллафз мекунанд. Яъне, ягон асари мо аз забони тоҷикӣ ба русӣ тарҷума намешавад. Дувум ин ки то замоне шеърҳои мо тарҷумон пайдо мекунанд, се-чор сол мегузаранд ва мебинед, ки дар ин байн аллакай чунин шеърҳо ба чунин мавзӯъ, ки забонзада шудааст, мавқеъ пайдо намекунанд, барои хондану пазируфтани онҳо эҳтиёҷ намемонад» [7, с.3].

Ин андешаи Л. Шералӣ далели алоқамандии тарҷума бо нақди он аст ва нишон медиҳад, ки масъалаи тарҷумаи шеър дар тамоми дунё ҳамеша мавриди баҳсу талошҳост. М.Қаноат оид ба масъалаи тарҷумаи русӣ изҳори ақида карда буд, ки тарҷумаи шеър бисёр чизи нозук аст. Ва гап дар сари аз таҳтуллафз, аз асл тарҷума кардан нест, балки вобаста ба он аст, ки мутарҷим то кучо шоир аст. Ва имконияти шоирии ӯ чи гуна аст. Ба истилоҳ, ҳамхунӣ, ҳамсиннӣ, ҳамболӣ, ҳамназарӣ ва бисёр чизҳое ҳастанд, ки бояд ба шоир ва шоири мутарҷим хос бошанд. Муаллиф бо мутарҷим бояд аз ҷиҳати истеъдод, нафаси шоирӣ, сабк ва рӯҳи шоирӣ ҳам наздик бошад» [7, с. 3].

Ҳамин тариқ, Лоиқ Шералӣ ҳамчун як нафар мунаққиди балеғ арзиши рубоиёти ҷаҳонгарди Хайёмро дар гардиши айём муайян карда, барои дар асл ҳамчун ҷоми саршор аз даст ба даст гузаштани сурудаҳои ӯ андешаҳои ҷолибе баён кардааст, ки ин сифат чеҳраи ӯро ба мо чун донандаи нақдбин ва нақдшинос муаррифӣ мекунад. Афкор ва андешае, ки ӯ баён доштааст, солҳост, ки барои дарёфти ҳақиқати адабиёт мусоидат мекунанд. Муҳаққиқон ва алоқамандоне, ки дар ин ҷода қарор доранд, бо такя ба ин қабил андешаву мулоҳизаҳои Л. Шералӣ ба муайян кардани самти андешаашон мепардозанд. Имрӯз мо ба ғайр аз ворид шудан ба уқёнуси беканори шеъри Л. Шералӣ ҳамзамон ба андеша ва усулу сохтори фикрии ӯ низ эҳтиёҷи хосе дорем. Дар шинохти ҳақиқии Л. Шералӣ бояд тамоми роҳу равиш ва паҳлӯҳои мухталифи афкори ӯ ба назар гирифта шаванд.

АДАБИЁТ

1. Афсаҳзод А. Қатра–намунаи баҳр./ А. Афсаҳзод // Садои Шарқ, 1973.–№.4–С.137-142.
2. Есенин С. Гулафшон (Шеърҳо. Савтҳои форсӣ. Достонҳо). Тарҷумаи Лоиқ, Бозор Собир, Мӯъмин Қаноат. / С. Есенин – Душанбе: Ирфон, 1977.–208 с.
3. Масъалаҳои таърих ва назарияи робитаҳои адабии халқҳои Осиёи Марказӣ. Материалҳои конфронси байналхалқӣ, 13-14 октябри 2004.–Душанбе, 2004.
4. Самад В. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва Чернишевский. / В. Самад –Душанбе: Адиб, 2004.–400 с.
5. Птитсин Г. Хусрав ва Ширин. Фоҷиа шомили чаҳор парда (Аз рӯи достони Низомии Ганҷавӣ)./ Г. Птитсин // Садои Шарқ.– 1987.–№6.–С.66-107.
6. Шералӣ Л. Гардиши хом. / Л.Шералӣ // Садои Шарқ.–1968.–№11.–С.151-157.
7. Шералӣ Л. Боз як соли ғаму шодӣ гузашт. / Л.Шералӣ Тоҷикистони Советӣ.–1989.–1 январ.–С.3.

ПРОБЛЕМЫ ПЕРЕВОДА В СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ПОЭЗИИ

В данной статьи описывает процесс работы переводчиков таджикской поэзии на русский язык и наоборот во многих случаях пытались обеспечить гармонию духа перевода с духом языка и нации, максимально сохранить специфические национальные ценности и художественно-стилистические особенности переводимого произведения. Также, в то же время в переводах были недостатки, которые начинались с непонимания природы языка друг друга, национальных обычаев и традиций,

особенностей художественного мышления.

Ключивые слова: *художественный перевод, критика, поэзия, русские и таджикские переводчики, русский язык, персидско-таджикский язык. рубай, русские и таджикские поэты, художественное мышление.*

PROBLEMS OF TRANSLATION IN MODERN TAJIK POETRY

This article describes the work process of translators of Tajik poetry into Russian and vice versa, in many cases they tried to ensure the harmony of the spirit of translation with the spirit of the language and the nation, as much as possible to preserve the specific national values and artistic and stylistic features of the translated work. Also, at the same time, there were shortcomings in the translations, which began with a misunderstanding of the nature of each other's language, national customs and traditions, and the peculiarities of artistic thinking.

Keywords: *literary translation, criticism, poetry, russian and tajik translators, russian, persian-tajik rubay, russian and tajik poets, artistic thinking.*

Сведение об автора:

Хомидова Наргис Шарифджоновна *- кандидат филологических наук, доцент кафедры иностранных языков Политехнического института Таджикского технического университета ул. Ленина, 226. Худжанд, Согдийская область Республики Таджикистан E-mail: hamidova2306@gmail.com, тел: (+992) 927776986*

About the author:

Homidova Nargis Sharifjonovna *- Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of Foreign Languages Polytechnic Institute of Tajik Technical University in the Khujand. streat Lenin, 226. Khujand, Sughd region of the Republic of Tajikistan E-mail: hamidova2306@gmail.com, tel: (+992) 927776986*

НАҚШИ САНЪАТИ ТАЛМЕҲ ДАР АШЪОРИ САИД ХОЛЗОДА

Самиева Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

«Талмеҳ дар луғат нигоҳи сабук кардан ба сӯи чизест. Талмеҳ ба маънои милҳ кардан, намакин кардан меояд. Агар «талмеҳ»-ро қалбан «талмеҳ» қарор диҳем, ба маънои милҳ кардан, намакин кардан меояд, ки ин ҳам дуруст аст. Аммо дар адабиёти бадеӣ ишорат кардан ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаву афсонаҳо ва ҳоказо санъати талмеҳ номида мешавад» [1, с.108]. Талмеҳ ҳамчун санъати маънавӣ дар эҷодиёти шоир мавқеи бориз дорад. Саид Холзода ҳамчун шоири халқӣ дар манзумаву достонҳояш аз ин санъат моҳирона истифода кардааст. Талмеҳоти истифода намудаи шоир далолат ба он мекунад, ки шоир таърихи гузаштаи халқи худро хуб медонад ва аз асотиру афсонаҳои қадимӣ хуб гоҳ аст. Шоир ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, қиссаю афсонаҳои машҳур ва бо ягон шеъри маъруфи саромандони сухан ишора намуда, ба ин восита фикри худро дар шеър вусъат ва тақвият мебахшад. Саид Холзода бо воситаи талмеҳ аз мурғи Симурғи афсонавӣ ёд мекунад, ки дар баландии кухи Қоф зиндагӣ мекунад ва ҳар кас ки Симурғро бинад хушбахт мешавад:

...Момои Симурғ ном доштаст, *Дар як замоне мақом доштаст,*
Вай пардаи абр медаридаст, *Аз Қоф ба Қоф мепаридаст [3, с.188].*

Дар ин шеър шоир аз афсонаҳои машҳур, ки хусусияти асотири дорад, басо содаю равон қисса менамояд. Шоир хонандаи имрӯзро аз хислатҳои баландпарвоз будани ин парранда ва бо некхоҳон накӯи кардан ва бо бадкорон табоҳиро хос донистааст.

Тавре ки таққиқот нишон медиҳад, дар ашъори шоир санъати бадеии талмеҳ басо фаровон истифода шудааст. Шоир дар эҷодиёти худ талмеҳоти зиёдеро ҳамчун ишора ба воқеаҳои фарҳангӣ ба аҳли илму адаб, ба паямбарон, Худованд, Рустаму Дорову Искандар, ҳиматбаландии Ҳотаму Анушервони одил ва Ҷамшеду Қуboду Офаридун дар ин достони худ қисса мекунад.

Аз дину шариату паямбар, *Аз амри Худою пир дигар.*
Аз зӯрии Рустами замонаш, *Аз ҳиммати Ҳотами ҷавонмард,*
Гуфтам ба фитода ҷон фидо кард, *Аз Нушервони одил ҳамчун,*
Ҷамшеду Қуboду Офаридун [3,с.189].

С. Холзода тавассути ёдовар шудан аз қиссаю ривоятҳои динӣ ақоиди фалсафии хешро нисбат ба дирӯзу имрӯзи таърих ва дар талаби васл, ошиқу маъшуқи ноком гардидаро манзури хонандаи имрӯз гардонидааст. Ин аст, ки шоир ба достонҳои ишқии Вомиқу Узро, Лайлӣ ва Маҷнун, Юсуфу Зулайхо, Тоҳиру Зуҳро, Саламону Абсол ишора мекунад. Чунончӣ:

Вомиқу Узро ба ҷабалҳо шуданд, *Лайливу Маҷнун ба саҳро шуданд.*
Юсуфу Зулайхо, ки ба Канъони ғам, *Дар роҳи ошиқӣ кашиданд алам.*
Тоҳиру Зуҳро ба ин гиру дор, *Дар ин биёбон ҷигари доғдор.*
Шоҳ Салмону Абсоли пок, *Даст ба даст сӯхтӣ дар оташ чу бок? [3, с.285].*

Дар ҷои дигар аз ишқи Тоҳиру Зуҳро ёд кардааст:

Гуфтам, ки фахр бошад, Ин баҳри ошиқ охир.
Дар ёди рӯи Зуҳро, Қурбон шудан чу Тоҳир [3, с.124].

Ё дар ҷои дигар аз номи марди рус аз достони Хусрав ва Ширин» ёдовар мешавад. Ба василаи ёд кардани ишқи фидокоронаи Фарҳод шоир ба ду ҳадаф расиданист. Аввал машҳур будани достони Хусрав ва Ширин ва баъдан лаҳзаҳои куҳкании Фарҳод барои Ширин ва номурод гардидани ӯро моҳирона тасвир менамояд:

Хондаам, медонам он Фарҳодро, Он далери кӯҳкани ношодро.
Канд қалби кӯҳ баҳри дилбараш, Лаъли Ширин шуд ба коми Хусраваш [3, с.203].

Образи Фарҳод дар осори Саид Холзода зиёд ба назар мерасад.

Фарҳод, агар ки мебуд, Мешуд ғамаш фаромӯш.
Монанди он ки Ширин, Гар мешудам ҳамоғуш [3, с.109].

Дар достонҳои Саид Холзода симоҳои қаҳрамонону паҳлавонҳо мисли: Исфандиёри Рӯинтан, Искандари ҷаҳонгард, Рустами Достон, Соми Наримон ва дигарон тасвир шудааст. Шоир аз ҷасорату мардонагии Исфандиёр, Искандар, Соми Наримон Рустами Дастон ва паҳлавонии онҳо ёдрас мешавад:

Исфандиёр, Искандар Ё ки шерони сафдар,
Мисли Рустами Дастон, Ва ё Соми Наримон,
Кор надоштан ба д-ин кӯҳ, Мурда рафтанд ба армон [3, с.77] .

Ё ҷои дигар аз Ҷамшеду Нӯҳ ёдовар шуда, образи марказиро ба ин ду шахсияти таърихӣ монанд кардааст:

Ту соҳиби мулки авҷи хуршед, Ту шоҳиди даври Нӯҳу Ҷамшед [3, с.195].

Ё шоир ба маҳбубаи даврони шӯравӣ, ки зани озод асту дар кору зиндагӣ дар баробари мардон дар ҷамъият ёрирасон аст, муроҷиат карда, ишқи озоди ӯро ба ишқи Лайлию Ширин муқоиса мекунад:

Ҳар гаҳ ки бубинамат ба он хотири шод, Рӯзҳои қадимиям биёяд дар ёд.
Гӯям сабақи ишқ гиранд аз ман ту, Ку Лайлию Маҷнуну Ширину Фарҳод? [3, с.369].

Шоир барои ҷаззобтар ифода намудани ҳолати руҳии образи марказии достони «Инқилоб» Файёз ишқи онҳоро ба ишқи Лайлӣ ва Маҷнун ташбеҳ дода, аз лаҳзаи ҷудоии ин ду дилдила ва ба коми дил нарасидани онҳо, марги Лайлӣ ва дар сари турбати ӯ гиристани Маҷнунро ба ӯ монанд кардааст:

Аз мазор бо чашми тар берун шудам, Ӯ ҳамон Лайлию ман Маҷнун шудам.
Хотири ношод гаштам бар ҳарам, Буд аммо Файзиёрам дар барам [3, с.275].

Дар баробари талмеҳоти адабӣ, ки аз осори хаттӣ ва адабиёти шифоии тоҷик гирифта шудааст, ҳамзамон Саид Холзода бинобар тасвири ҳолати Инқилоби Октябр аз образҳои таърихӣ амсоли Ленин, Фрунзе, Каленин, Победин, Николай ва охирин намояндагони хонаводаи шоҳи Русро ёд кардааст. Ҳамзамон ба воситаи ин талмеҳот, аз ғасби заминҳои Осиёи Миёна аз тарафи Россия ёдовар шуда, ҳамзамон Николайро аз Дорои дороён сарватмандтар тасвир кардааст:

Ҳар зӯр ба дидаи ҳарисаш, Нопок ба тӯдаи наҷисаш.
Николаи зуртар зи Доро, Ҳам мири Ҳисор, ҳам Бухоро [3, с.197].

Дар раванди Инқилоби Октябр саҳми калидии В.И. Ленин басо бузург буд. Ин аст, ки дар осори аксари шоирони касбӣ ва халқӣ симои доҳии муаззам ба назар мерасад. Саид Холзода низ дар осораш аз саҳми ин доҳии муаззам дар пешрафти ҳаёти озоду ободи шӯравӣ ёд мекунад:

3-ӯ ёфт вуҷуд ҷумла ҳастӣ, Дар обу ҳавою кӯҳу пастӣ,
Ленини муаззамаш ном аст, Дар Маскваи манаш мақом аст [3, с.196].

Шоир марги доҳии муаззамро аз тири душмани номард чунин хабар медиҳад:

Сад ҳайфу ҳайф гуфтам, Доҳии азиз мурдӣ,
Аз душмане ба паҳлӯ, Тири разил хурдӣ [3, с.124].

Сталин идомадиҳандаи идеяҳои ленинӣ буда, барои мустаҳкам шудани пояҳои давлати шӯравӣ хизмати арзанда кардааст:

Доҳиёни ҷамъият,
Пешвоёни ҳақиқат.
Ленину Сталинҷон,
Гамхори халқи ҷаҳон [3, с.56].

Зимни тасвири солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз Сталину Гитлер ва дар замони осоишта аз ҷасорату қаҳрамонии Юрий Гагарин, Попович, Титов ва Валентина Терешкова ва дигарон ёдовар мешавад:

Дунёи ситам, дасти хиёнат бардор! Аз халқи аламрасидаи синафигор!
Мо ибрататон карда будем Гитлера, Бар фарқи шумо низ занем мурданивор [3, с.372].

Ё ҷои дигар симои манфури Гитлер вайронкунандаи ҳазорон хонаву шаҳру деҳро дар шакли гург ташбеҳ дода, аз бераҳмии ӯ ёд кардааст, ки барои хонандаи имрӯз зарурати гушрас кардан дорад:

Гитлери лаини моҷароҷӯ,
Сангиндилу морчашму бадрӯ [3, с.318].

Фатҳи кайҳон яке аз бузургтарин муваффақиятҳои одамони Шӯравӣ буд, ки ин ифтихорот, яъне аввалин шуда ба кайҳон парвоз кардани одам, яъне Юрий Гагарин шаҳрванди Шӯравӣ ифтихори кулли мардуми ин ватани бепаҳно буд:

Юрий Гагарин ки вай ҷавон буд,
Оғӯши Расияаш макон буд.
Дастпарвари партияш ба номус,
Пайванди дилу муборизи рус [3, с.318].

Дар баробари ин ифтихорот ҷасоратеро, ки як зан – Валентина Терешкова анҷом дод, барои кулли мардуми Шӯравӣ фахр буд.

Ҷодую тилисми мулки кайҳон,
Аз ҳайбати ӯ бигашт вайрон.
Титову Поповичу Комаров,
Ҳамкасбу камолашон Берегов [3, с.318].

Аз рӯи намунаҳои шеърҳои шоир, ки дар матни мақола овардем, маълум мешавад, ки шоир аз образи афсонаҳои халқӣ Симурғи афсонавӣ, Рустаму Доро, Искандар, Ҷамшеду Қубод, Фаридун ва достонҳои ишқӣ-романтикӣ «Вомиқу Узро», «Лайлию Маҷнун», «Юсуф ва Зулайхо», «Тоҳиру Зуҳро», «Саламону Абсол» тавассути санъати талмеҳ бо маҳорат ва ба маврид истифода намудааст, ки аз огоҳии шоир аз таърихи адабиёти тоҷику форс далолатест.

АДАБИЁТ

1. Зеҳнӣ Т .Санъати сухан. / Т. Зеҳнӣ - Душанбе: Ирфон, 1967.-299с.
2. Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир. Мулоҳизаҳо андар боби адабиёти шифоҳӣ ва хаттӣ. (маҷмӯаи мақолаҳо) / А.С. Қосимӣ – Душанбе : ДДОТ ба номи С.Айнӣ 2020. -391с.
3. Саид Холзода. Куллиёти ашъор (мурттиб ва муаллифи сарсухан ва тавзеҳот С. Саидов). –Душанбе: Бухоро, 2013.- 383 с.
4. Саидов С. Саид Холзода ва мероси адабии ӯ. //Куллиёти ашъор. / С. Саидов - Душанбе: Бухоро, 2013.-383с. 3-36.
5. Таронаҳои наврӯзӣ. (Тартибдиҳандагон Р. Амонов ва С. Норматов). Нашриёти Давлатии Тоҷикистон.-Сталинобод: Дониш,1960.-117с.

РОЛЬ ФИГУРА РЕЧИ НАМЁК В ПОЭЗИИ САИДА ХОЛЗОДА

Авторь данной статьи выражает свои точки зрения на тему «Роль фигура речи намёк в поэзии Саида Холзода». Намёк как фигура речи служит для образной выражении мысли, то есть оно используется для усиления изобразительности и выразительности речи. Однако, в художественной литературе это сделать намёк на исторические события, мифы, легенды и так далее. Намёк широко используется в произведениях поэтов. Намёк занимает особое место в творчестве Саида Холзода как духовное искусство. Саид Холзода, как народный поэт, умело использовал это искусство в своих стихах и рассказах. Намёки, использованные поэтом, свидетельствуют о том, что поэт хорошо знает прошлую историю своего народа, хорошо знаком с древними мифами и легендами. Поэт обращается к историческим, мифологическим событиям, знаменитым рассказам и легендам, а также к любым известным стихотворениям великих поэтов, в результате чего расширяет и укрепляет свои идеи в поэзии. Саид Холзода упоминает сказочную птицу Симург через намёк, Соискатель в своей статье отмечает, что фигура речи намёк широко используется в творчестве Саида Холзода и является средством уселение привлекательности содержание стихов поэта. Поэту удалось использовать самые разные намёки, в том числе религиозные, исторические и литературные. В поэзии Саида Холзода в большинстве случаях сделаны намёки на исторические и религиозные личности, таких как Юсуф, Иса, Марьям, Лейли и Меджнун, Вомик и Зухро, Ленин и Сталин. Намёк как фигура речи служил для обогащения смысла стихов поэта.

Ключевые слова: *намёк, Юсуф, Иса, Марьям, Лейли и Меджнун, Вомик и Зухро, Ленин и Сталин.*

THE ROLE OF FIGURE OF SPEECH ALLUSION IN THE POETRY OF SAYID KHOLZODA

The author of this article expresses his point of view on the topic «The role of the figure of speech allusion in the poetry of Sayid Kholzoda.» An allusion as a figure of speech serves for the figurative expression of thought, that is, it is used to enhance the figurativeness and expressiveness of speech. However, in fiction it is to make an allusion to historical events, myths, legends and so on. The allusiont is widely used in the works of poets. The allusion occupies a special place in the work of Sayid Kholzoda as a spiritual art. Sayid Kholzoda, as a folk poet, skillfully used this art in his poems and stories. The allusions used by the poet indicate that the poet knows well the past history of his people and he is well acquainted with ancient myths and legends. The poet turns to historical, mythological events, famous stories and legends, as well as to any known poems of great poets, as a result of which he expands and strengthens his ideas in poetry. Sayid Kholzoda mentions the fabulous bird Simurgh through an allusion. The aplicant notes in his article that allusion is widely used in the work of Sayid Kholzoda and is a mean of enhancing the attractiveness of the content of the poet's poems. The poet managed to use a variety of allusions, including religious, historical and literary. In the poetry of Sayid Kholzoda, in most cases,

allusions are made to historical and religious figures such as Yusuf, Isa, Maryam, Leili and Mejnun, Vomik and Zukhro, Lenin and Stalin. The allusion as a figure of speech served to enrich the meaning of the poet's poems.

Keywords: *allusion, Yusuf, Isa, Maryam, Leili and Majnun, Vomik and Zukhro, Lenin and Stalin.*

Сведение об автора:

Самиева Нисо *– соискатель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета именни С. Айни. Тел: (+992) 918990019*

About the author:

Samieva Niso *– applicant of the Department of the theory and history of Tajik literature of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni Tel.: (+992) 918990019*

ТАХАЙЮЛ ВА ВОҚЕИЯТИ РӮЗГОРӢ КӮДАК ДАР НАСР

Муаззамаи К.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Насри психолгии тоҷик падидаи нав дар адабиёт набуда, он марҳилаҳои муайяни таърихиро паси сар намудааст. Аммо бояд гуфт, ки марҳилаи муосири он сараавал дар зери таъсири адабиёти рус ва баъдан дар зери таъсири адабиёти Аврупо шакл мегирад. Яъне гуфтан мумкин аст, ки насри писихологӣ дар адабиёти муосир бо қалами Ҳ. Карим, Ч. Икромӣ, С. Улуғзода, Р. Ҷалил тачаллии тозае дорад. А. Набиев ҳангоми баррасии марҳилаҳои инкишофи насри психологӣ таъкид менамояд, ки :«Дар эҷодиёти нависандагони чавони солҳои охир ҳамон тамоюли инсоншиносие, ки бо эҷодиёти Ҳаким Карим оғоз шуда, Пӯлод Толис хеле такмил дод, инкишоф ёфт. Нависандагон бештар ба мавзӯи ахлоқӣ иҷтимоӣ, ба шахсияти инсон диққат дода, олами рӯҳии вайро бевосита нишон додан мехоҳанд» Аз диди муҳаққиқон давраи нахустини ташаккули насри психологӣ байни солҳои 20 ва нимаи солҳои 30- юм нимаи солҳои 50 то аввали солҳои 80 марҳилаи муҳими он дониста шудааст [1, с.86].

Муҳаммадҷони Шакурӣ рушди насри андешаро ба сол ҳои шастуму ҳафтодум дониста, ишора мекунад, ки дар насри тоҷикӣ андешапарварӣ, силсилабандии фикр, силсилаафкори таърихӣ хеле ривоҷ ёфт. Роману повест ҳое ба вуҷуд омаданд, ки танқиди адабӣ он ҳоро «насри андеша» номид[2, с.28].

Ҳ. Асозода оғози инъикоси психологии вазъи инсонро дар насри муосир аз «Ёрони бо ҳиммат» медонад ва мавҷудияти се вазъи психологӣ дар ин се асар сухан мегӯяд, ки ҳар кадом ба вақту замони адабӣ пайванд мегиранд [3, с.153]. Ҷ.Бақозода ҳангоми таҳқиқи насри психологӣ ба осори Саттор Турсун, Сорбон, Юсуф Акобиров, Муҳиддин Хоҷаев, Баҳром Фирӯз, ӯрун Кӯҳзод, Бурҳон Ғанӣ таваҷҷуҳ менамояд ва меорад, ки ин равиш аз баланд шудани мақоми шахс, мавқеи ҷамъиятӣ ва шуури иҷтимоии инсон дарак меди ҳад [4, с.106].

Аз ҷумлаи нависандагони минбаъда дар адабиёти муосири мо Ба ҳманёр, Муҳаммадзамони Солеҳ, Ҷонибек Акобир, Сайф Раҳимзоди Афардӣ, Муаззама Аҳмадова, Салими Аюбзод, Муҳаммадраҳими Сайдар ва дигарон бо услуби шоиронаи худ дар дар инкишофу тозакориҳои ин насри психологӣ саҳми боризе доранд. Аз ин миён Сайф Раҳимзоди Афардӣ тавонистааст, ки бештар ба инъикоси олами андеша ва эҳсосоти кӯдак ворид шуда бошад.Дар достонҳои хурди нависанда ҳиссиёт ва олами ботинии кӯдакон он қадар нозукона ва пур аз рамз инъикос гардидааст, ки ҳар як хонанда дар ин образҳо ҷаҳони ормонҳои кӯдакони содаи орзупаварро мебинад. Қиссаи «Ситораҳои сари танӯр», ки соли 1978 навишта шуда, дар он хонаводаеро аз деҳи дурдасте инъикос менамояд, ки онҳо Сайрам- модар ва духтараш-Робия дар хатти асосии сюжаи асар ҷойгиранд. Дар ин деҳа гурӯҳи мутахассисон ба кашидани хатти барқ омада, яке аз онҳо бо исми Қодир минбаъд дар тахайюли духтарак нақши муайянеро мебозад.

Образи модару духтар, ду образи асосиест, ки муколамаи ду нафари бо ҳам наздик ва аз тарафи дигар дурро дарбар мегирад. Ин образҳое ҳастанд, ки ҳар яке руҳан ва маънаван бо ҳам наздиканд ва асоси насри Сайф Раҳимзодро мубоҳисаҳои ду нафар фаро мегирад:

«-Духтаракам, ту сари ягон кори маро бигир, ман хамира зувола гирам, мабодо назди хонаи мо симчӯб шинонанду аз хонаи мо нахӯрда раванд» [5, с.23].

Пас аз он ки Қодир-персонажи сеюм бо онҳо ошноӣ пайдо менамояд, модару духтар ҳар яке омадани ӯро ба таври худ мунтазиранд. Нависанда вазъи кӯдакро боз ҳам кушодатар нишон медиҳад ва ин кӯдакест, ки аз омадани нафаре шод аст. Барои ин ҳолатро нишон додан нависанда муколамаи ин ду нафарро нишон медиҳад:

«Ман шодикунон офтобаро мекобам.

- Ҳа, чӣ медавӣ?
- Офтоба ку? Рӯямро мешӯям.
- А-ай! Сабр кун, духтари бетоқат, ба ҳавлӣ об зан, як боракак бирӯв, ман ба танӯр аловмемонам, нон мепазам, ана баъд ҳар дуямон дасту рӯй мешӯем.
- Фатирмаска мекунем.
- Ҳа-а.

- Ҳ-о-о-й!
- Чӣ дод мегӯӣ?
- Мегӯям, ки онҳо ба хонаи мо биёянд. Фатирмаска мехӯранд.
- Ҳоло не-да.
- Кай?
- Баъд» [5, с.23].

Дар воқеъ, дунёи кӯдакон ҳамчун олами инъикосҳои пайваста пайдо мешавад, ки дар он, ба мисли оина, зиндагии калонсолон низ инъикос ёфтааст. Дӯстии модару духтар ҳамчун ҷазираи хурди меҳрубонӣ ва самимият дар укёнуси бепоёни зиндагист, ки ин таҷассуми идеали кӯдаки бепарво ва дар ниҳоят, талаботи табиии рӯҳи кӯдак мебошад. Муносибатҳои тозаи дӯстонаи онҳо бо рафтори ғайритабиӣ ва зоҳирии калонсолон якбора муқобилат мекунанд. Кӯдакон бо вуҷуди ин бо олами калонсолон алоқаи зич доранд, доимо бо онҳо ҳамкорӣ мекунанд ва дидаю дониста бо онҳо мухолифат карданӣ нестанд. Ва сабаби ҳама барҳӯрдҳо дар қисса на дар мухолифати ҷаҳони калонсолон ба ҷаҳони кӯдакон, балки хеле амиқтар дар шароити иҷтимоӣ пайдо мегардад.

Қодир барои Робия як шахси наҷибест ва ӯ дар атрофи ӯ чарх мезанад, зеро Қодир ба онҳо нур-чароғи электрикӣ меорад ва ба замми ӯ Робия эҳсос менамояд, ки Қодир ба модари ӯ писанд омадааст. Нависанда ҳиссиёт ва ҳаяҷони ӯро хеле некбинона ба қалам додааст: «Зиқ шудам. Қодир ҳеҷ гап намезанад. Чӣ хел тоқат мекунад? Намедонам аз чӣ бошад, бегоҳониҳо, вақте ки офтоб ғуруб мекунад, як навмедие диламро танг мегирад, андаке андуҳгин мешавам, шояд ин ҳузн аз рафтани офтоб бошад. Ҳоло ки рӯзу шаб бароям яксон аст, аз чӣ зиқ мешавам?» [5, с.81].

Дар ҷумлаҳои офаридаи нависанда ҳиссиёти духтарак ифшо мегардад ва баъдан ин мубоҳисаро дигар шакл нишон медиҳад, ки дар он ҳам меҳри Қодир ба духтарак ва ҳам таваҷҷуҳи Робия ба ӯ инъикос гардидааст: ‘‘ — Ҳа, Робия! — «Хайрият!» Ман овози Қодирро мешунавам.— Чӣ сукут кардай. Зиқ шудӣ-ҳа! «Чӣ хел мефаҳмад!» -Ту мехоҳӣ, ки хурсанд шавӣ? «Албатта, мехоҳам». Ҳа! Мехоҳам.

— Биё, набошад, лампаро дор, ман симҳоро ба «учётчик» пайваст кунам.

— Тамом кардӣ!

— Тамом.

— Ҳозир чароғҳо фурӯзон мешаванд?

— Ҳозир фурӯзон мешаванд» [5, с.81].

Мушкилоти асосии дарёфтани нақши муаллиф дар асари бадеӣ қабл аз ҳама дар он пайдо мегардад, ки образи муаллифро метавон асосӣ номид ва ё онро берун аз асар ба шахси гӯянда нисбат дод. Дар адабиёти бадеӣ шахсияти муаллиф бо мафҳумҳои қаҳрамони лирикӣ, мани муаллиф, худи муаллиф ва муаллиф пас аз муаллиф донистаанд. Фақат муаллиф метавонад ба он характери тозаи таъсирнок бахшад, ки ин аз ҳунари тасвирофарӣ ва баёни андешаи нависанда вобастагӣ дорад, яъне дар маҷмӯъ инҳо образҳоеҳастанд, ки иродаи инсон ва дарки ягонагии мавҷудияти Худованд заминаи воқеиро низ мебозад.

Умар Сафар дар мақолаи таҳқиқияш бо номи «Нигоҳе ба дарунмояҳои навиштаҳои Сайф Раҳимзоди Афардӣ» чунин таъкид менамояд, ки «Мавзӯоте, ки дар имтидоди роҳи эҷодӣ ҳушу зеҳни нависандаро ба худ во дошта дар як калом - зиндагист. Сайф низ дар атрофи мавзӯоту масоиле андешидаву эҷод намуда, ки дигарон низ ба он даст доштаанд. Мавзӯе, ки беш аз ҳар чизи дигаре мавриди писанди ӯ будааст, масъалаи тасвири як русто ё деҳи дур афтодааст, ки дар чаҳорчӯби як достон бо тамоми мазоҳираш, ҳусну қубҳаш, масоили хурду бузургаш ҷилвагарӣ мекунад» [6,2].

Толстой дар рисолаи «Санъат чист?» тазаккур менамояд, ки «Воситаҳои баланди санъат фақат барои он бузурганд, ки муҳтавои он ба ҳама мафҳуманд. Қиссаи Юсуф, ки ба забони чинӣ тарҷима гардидааст, чиниҳоро ба тасхир овардааст. Саргузашти Сакиа –Муни моро ба вачд меорад... Ана барои ҳамин санъат ва мафҳуми он агар моро ба вачд наорад, ин чунин маъно надорад, ки мо забони онро намефаҳмем, ин худ санъат нест» [7, с.205].

Баробари ташаккули адабиётшиносӣ таваҷҷуҳ ба иштироки муаллиф дар асар ва портрети зеҳнии ӯ хеле зиёд аст. Адабиёти бадеӣ ҳамчун ҷаҳонбинии тозае натиҷаи фаъолияти эҷодкор аст, ки қабл аз ҳама тариқи мусоҳиба ва ё худ суҳбат бо хонанда ба анҷом мерасад. Образи муаллиф ифодакунандаи ғояи асосии асар аст ва матлаби нависанда маҳз ҳамин тариқ баён менамояд. Аксари муҳаққиқон ба фардият ва ё умумияти нақши муаллиф дар асар таваҷҷуҳ менамоянд.

Яъне қаҳрамон дар фазои асари бадеӣ фаъолияти маҳдуд дорад ва тобеи вазъият аст. Бо ин амал аз муаллифи воқеӣ ва ё худ ровӣ тафовут дорад.

Воқеан, баъзе масъалаҳои марбут ба ифодаи психологияи кӯдак дар насри Сайф Раҳизод бо истифодаи дурусти марҳилаҳо инъикоси ҳудро ёфтааст. Масалан, нахуст ҳикояи ӯ «Гунҷишкаки сафед», ки он марҳилаи тозаеро дар ҳаёти эҷодии нависанда кушода буд, як воқеияти ифодаи руҳу равони бачагист.

Ҳикоя ҳамин гуна оғоз мегардад: «Ман аввал бо соям ошноӣ доштам. Ҳар ду ҳамроҳ мегаштем: аз саҳар сар мешуд ин. Баробари падарам аз хоб мехестам ва то рафтанаш аз думболи ӯ медавидам. Баъде

ки ӯ аз дарвоза берун мерафт, ман дар кофтукови сояям мезадам. Ба хона медаромадам, сарпӯши сандуқро бардошта, ба даруни он нигоҳ мекардам, ба айвон мебаромадам, рӯ-рӯйи ҳавлӣ мегаштам» [5, с.91].

Агар ба мантиқи ин матн таваҷҷуҳ бинмоем, пас дарк намудан мумкин аст, ки нависанда ҳамон истилоҳи маъмули «падар-сояи сар»-ро ифода менамояд, яъне падараш ҳамроҳи ӯст ва ӯ сояаашро бо падар тавъам медонад.

Дар осори Сайф Раҳимзод аносири дигари устухонбандии асари бадеӣ, мисли ифодаи одату анъанаҳои муҳити тасвиршаванда ба таври фаровон ба чашм мерасанд. Аён гардид, ки дар асарҳои нависанда оид ба умқи ботини инсон наздик назар мекунад ва бо ифодаи монологи кӯдакӣ андешаҳои баландеро ифшо менамояд. Мо дар ҳикояву повестҳояш нависандаро ҳамчун мусаввири нозукхаёле мебинем, ки тамоми олами ҳастиро ба чашми ибрат менигарад, зебоиву зиштии онро мунъакис менамояд ва дар перояи бадеият пешорӯи хонандаи хеш мегузорад. Дар ҳамин ҳикоя мухотабу ҷустуҷӯҳои ӯро мебинем, ки ингуна сурат мегирад:

«Оча! Сояам ку? Ёфта биёр!

— Худат кофта биёв, бачам, — ба гӯшам мерасад овози модарам. Намедонам, ки ӯ дар куҷост, дар молхона аст ё дар ошхона, гов медӯшад ё хамир мекунад. Ҳеҷгап не, ҳозир...

— Оча, гиря мекунам!

Барои чӣ, бачам?

— Сояам нест!» [5, с.91].

Чунин шаклгирии нигоҳи кӯдак боз ҳам маънии амиқеро дар замири хонанда бедор мекунад. Инсони хурд дар ҷустуҷӯи чизе ҳаст, ки айни замон вуҷуд надорад. Чунки баробари рафтани падар ҳанӯз равшан нест ва соя низ нест. Соя вақте пайдо мегардад, ки офтоб мебарояд. Нависанда ришгаи сюжаро ба дигар тараф мебарад ва ин ҳангом модар ба олами кӯдакӣ ҳамраҳӣ менамояд:

«— Ё аз офтоб пурсем?! — мегӯяд модарам. Ҳайрон мемонам. Модари ман бо офтоб гап мезанад! Офтоб нест-ку. Дасту даҳонам во мешаванд... Лаби дока аз дастам оҳиста меғечад. Модарам даст аз хамир барнагирифта, худи бо ман гап мезадагӣ барин орому осуда бо офтоб гуфтугӯ мекунад: «Офтобаки хушрӯяк, тезтар баро! Сояи писараки ширини маро ёфта биёр. Ба номат кулча мепазам!» «Хуб, хуб, бигӯ, ки кӯча барояду ба кӯҳи Кабуд нигоҳ ва мегӯяд бегоҳ мешавад» [5, с.92]. Тасвирҳои нависанда хеле аҷибанд ва ӯ меорад, ки: «Ӯ хандида-хандида мебарояд ва сояамро ба пеши поям дароз мепартояд.» Яъне офтоб ба пешвозаш мебарояд ва ҳамроҳаш сояи гумшудаашро низ меорад.

Нависанда олами кӯдакро варақ мезанад ва дар ӯ саргузаштҳои наверо пайдо менамояд, ки оҳанги дигареро дар орзуҳояш танин меандозад. Акнун кӯдак орзуи парвозро дорад. Ӯ паридан мехоҳад, парвозе мисли гунҷишкон:

«Нидое аз даҳонам мебарояд: Осмон! Дастонам беихтиёр ба сӯйи осмон дароз мешаванд. Дилам метапад. Ман парвоз кардан мехоҳам!» Қиссаи кӯдак мисли корномаи аҷибе ифода меёбад ва ин ботинест ноором пас аз истиқбол бо сояааш акунан орзуи парвозро дорад ва аз ин рӯ ба монтёри ҳамсоя ручуъ менамояду мегӯяд, ки: «— Мепарам. Гунҷишк мешавам. Дар осмон мегардам.

— Эҳ-ҳа, гапа бину! Бобои Маҷид омада думата меканад. Бигурез!» [5, с.95].

Ҳарчанд ки кӯдак имкони боло паридан надошт ва бо таманнои парранда буданаш то омадани падар болу пар афшонду ин қаноаташро дар рафтори падараш, ки ӯро ба боло мепартофт, дид: «Ӯ маро бардошта, бо шаст ба ҳаво партофт. Чӣ хел нағз! Ман дар ҳаво муаллақ мемонам. Пас қанотакзанон поин мефуроям: падарам маро медорад ва аз нав ба осмон мепартояд» [5, с.96].

Падараш низ ӯро «гунҷишкаки падар» гӯён ба ҳавлӣ медарояд. Пас аз модар, монтёр, падар персонажи дигаре ба сатр кашида мешавад, ки ин бародари ӯст ва ба хитоби модараш, ки кӯдакро танҳо мегузорад, Азиз ҷавоби қотеона медиҳад, ки бо ҳамин хайёлпардозии ӯро ифшо менамояд:

«— Бозиро чӣ медонад? Рӯзи дароз кораш хаёлбозӣ, чашмҳояш чашми гӯсола барин, — гуфт Азиз» [5, с.97].

Хайёлпардозии кӯдак он қадар суратпазиранд, ки ҳатто дар вақти хобаш низ ба олами ғайбе меравад ва дар осмон парвоз менамояд. Хобу афсона ӯро нависанда тасвире хеле зебо намудааст. Сайф Раҳимзод дар тасвири кӯдак ҳамбастагии ӯро бо муҳиташ низ инъикос менамояд. Ӯ нафарест, ки хатти сюжааш ба ҳаёти бузургсолон низ мепайвандад. Масалан, вақте аз хоб бедор мегардад, садои кӯдаки ҳамсоя ба гӯшаш меояд ва бо вуҷуди хоболуд буданаш андешаҳои модараш дар сараш чарх мезанад, ки гуфта буд: «Кӯдаки ҳамсоя бедор шуда, ғаш мекард. «Бо бачаи ширхора болои суфа хобидан чӣ зарур? Ҳаво салқин. Хунук хӯрдагист», — гуфта буд динашаб модарам; Имшаб чизе намегуфт, ба фикрам, бедор нашуд.

— Алла-е, алла-е, алла хоби ширинат биёяе алла-е, алла...

Ин моҳа бубин, ки меравад лаб-лаби ҷар,

Ҷони ширинам алла-е,

Алла-е, алла-е, алла-е, алла...

Хоби ширинат биёяе алла-е, алла...

Ин моҳа бубин, ки меравад лаб-лаби ҷар,
Ҷони ширинам алла-е,
Алла-е, алла-е, алла-е, алла...» [5, с.98].

Нависанда кӯдаки тахайюлпардозро ақиб наменонад ва ӯро дар охир аз болои бом рӯзи дигар бо умеди парвоз ба замин меафтонад. Агар ба фарҷоми ҳикоя таваҷҷуҳ намоем, пас хеле оқилона ва аҷиб аст..нависанда меорад: «Ман дар таги борон мондам...Гунҷишкҳо дар борон парида наметавонанд» [5, с.106].

Маълум аст, ки нахуст ҳикояи нависанда дар асл эъҷози тахайюли ботинии кӯдак аст, ки ҳамвора бо «афсонаю хоб»-и ӯ амалӣ мегарданд ва хатти сюжаи кашидаи навсанда низ аз ҳамин самт таркиб ёфтааст.

Хулоса, Сайф Раҳимзоди Афардӣ эҷодкори навине дар ҷодаи насри муосири на фақат тоҷик, балки ҷаҳонӣ мебошад. Тозакориҳои ӯ дар офариниши таъбироти тозакалимот ва махсусан баҳрагирӣ аз забони зинда ва вожагони шева ниҳоят зиёд аст. Ӯ бо таълифи ҳикояву қиссаҳои ҷолибу пуразиши худ дар доираҳои адабии замон маъруфият пайдо кард.

АДАБИЁТ

1. Набиев А. Тасвири олами ботинии инсон нависанда ва замон./А.Набиев. –Душанбе: Адиб, 1987. – 160 с.
2. Бухорой, Муҳаммадҷони Шакурӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. / М.Ш. Бухорой. – Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с.
3. Асозода Х. Адабиёти то ҷик дар садаи ХХ. / Х. Асозода Душанбе: Маориф ва фар ҳанг, 2014. – 672 с.
4. Бақозода, Ҷӯра. Ҷусту ҷӯ ҳои э ҷодӣ дар насри то ҷик. Ҷ.Бақозода – Душанбе: Ирфон, 1982. – 144 с.
5. Сайф Раҳимзод. Ситораҳои сари танӯр .-Душанбе,1984.-160 с.
6. Сафар, У. Тавбаҳои дардолуд (Нақду баррасии достонҳои Сайф Раҳимзоди Афарди) / УСафар.–Душанбе: Эр-граф, 2013.–144 с.
7. Толстой Л.Н. Что такое искусство? /Л.Н. Толстой- Москва, Современик, 1985.

ВООБРАЖЕНИЕ И РЕАЛЬНОСТЬ ЖИЗНИ РЕБЕНКА В ПРОЗЕ

Основная трудность в обнаружении роли мысли в художественной литературе возникает, прежде всего, в том, что образ автора может быть назван важнейшим или он может быть отнесен к повествователю. В художественной литературе влияние воображения на лирического главного героя понимается самим автором, а автор - после автора. Только автор может придать ей ноновый и влиятельный характер, что зависит от яркого искусства и выражения мнения писателя.

Основная тема рассказов СаифаРахимзода - это описание проблем и событий в далёких деревнях страны, которое отражает очень хорошее человеческое воображение и привычки. В ее рассказах есть большой интерес к мечтательность женщинам и детям. В статье автор рассматривает психологическую прозу СаифаРахимзода и описывает внутреннее состояние детей. Автор считает, что в произведениях писателя он более пристально смотрит в глубины человеческого разумы и раскрывает высокие идеи через выражение детского монолога.

Ключевые слова: *воображение, действительность, проза, проблема, роль, мысль, образ, автор, произведение, литература, герой, лирика, персонаж, искусство, писатель, предмет, деревня.*

IMAGINATION AND THE REALITY OF A CHILD'S LIFE IN PROSE

The main difficulty in finding the role of thought in fiction arises first of all in the fact that the image of the author can be called the main or it can be attributed outside the work to the narrator. In fiction, the influence of imagination on the lyrical protagonist is understood by the author himself, the author himself, and the author after the author. Only the author can give it a fresh and influential character, which depends on the art of painting and the expression of the writer's opinion.

The main theme of Saif Rahimzod's short stories is the description of the problems and events in the remote villages of the country, which reflect the very good human imagination and habits. In her stories, there is a lot of interest in the idea of dreamy women and children. In this article, the author discusses the psychological prose of Saif Rahimzod and describes the inner state of children. The author thinks that in the works of the writer he takes a closer look at the depths of the human heart and reveals high ideas through the expression of a childhood monologue.

Keywords: *imagination, reality, prose, problem, role, thought, image, author, work, literature hero, lyric, character, art, writer, subject, village.*

Сведение об автора:

Муаззамаи Комилджон *- соискатель кафедры теории и истории литературы, Тадикский государственный институт языков имени Сотима Улугзада.*

About the author:

Muazzamai Komiljon *- post-graduate student of the Department of Theory and History of Literature, Tajik State Institute of Languages named by Sotim Ulugzade.*

ҶУСТУҶӮҲО ДАР ШИНОХТИ ЗАМОНИ ЗИНДАГИИ БЕДИЛ

Муродов Б.С.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Душвории шинохти замони Бедил, пеш аз ҳама дар он аст, ки адабиётштносон дар омӯзиши ин масъала бо афкори адабӣ, фарҳангӣ ва фалсафии таърихӣ пурвоқеа ва мураккаби Ҳинд сари кор гирифтаанд. Ин марҳила бо пештрафтҳо ва тазодҳои сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангӣ қобили мулоҳиза буданд, суннатҳои фарҳангӣ ва адабии халқҳои гуногуни ин минтақа, аз ҷумла ҳиндуҳову мусулмононро бо ҳам омехтааст.

Дар замони зиндагии Бедил пешрафтҳои нисбии иҷтимоӣ яке аз омилҳои таъсиргузории инкишофи илм, фалсафа, соҳаҳои гуногуни фарҳанг, аз ҷумла шеър гардид. Ғановати мундариҷаи воқеиятҳои замони зиндагии Бедил аз оғоз дар таҳқиқ ва арзёбии масъалаҳои замони зиндагии шоир мушкилотеро ба вуҷуд оварда буд. Аз тарафи дигар, барои муҳаққиқони тоҷик доир ба замони Бедил маводи лозимии таҳқиқ ва сарчашмаҳои боэътибор кам дастрас буд. Бо вуҷуди мушкилиҳо аз ибтидои асри бист сар карда масъалаи замони зиндагии шоир мавриди таваҷҷуҳи бедилшиносони тоҷик қарор гирифтааст.

Дар омӯзиш ва баррасии мавзуъ дар бедилшиносии тоҷик хидмати устод Айнӣ, Ю. Салимов, Б.Раҳимӣ ва баъзе муҳаққиқони дигар калон аст. Ин донишмандон аз оғоз таваҷҷуҳашон ба ин будааст, ки бе донистани рӯзгор ва аҳволи Бедил ва шинохти моҳияти ҷараёнҳои сиёсию иҷтимоӣ моҳияти муҳити адабиеро, ки шоир дар он зиндагӣ ва эҷод мекард, муайян кардан душвор ё ғайриимкон аст. Дар бораи замони зиндагии шоир маълумот дода, онҳо саъй кардаанд собит созанд, ки рӯзгор ва аҳволи Бедил дар муҳите ҷараён гирифтааст, ки барои сабзиши неруҳои ҳунари мусоид ва ёригар аст. Бо ҳамин ҳадаф нахустин қадамро дар ин роҳ устод Айнӣ гузошт. Вай дар посухи мактуби шарики бухороияш «нависандаи тотор Олимҷон Идрисӣ» дар бораи ҳаёт ва асъори Бедил маълумот оварда «дар хидмати Муҳаммад Аъзамӣ Шаҳзода» гузаштани айёми ҷавонии Бедилро таъкид мекунад, ки ҷузъе аз замони зиндагии шоир аст. Ҷойи дигар Айнӣ ба қавли устодони худ «такрор карда, пайванд дар замони Амир Темур, ба Ҳиндустон рафтани Бедилро ифшо кардааст». [3, с.229, 230]

Устод Айнӣ дар ин замина ҷустуҷуҳояшро идома дода дар боби якуми рисолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил», ки «Маълумоти мухтасар дар бораи замони Бедил»номида шудааст, нахустин бор оид ба замони шоир маълумоти дақиқ меорад.

Айнӣ барои муайян кардани замони зиндагии Бедил, нахуст солҳои зиндагии шоирро мушаххас месозад, ки 1644-1721-ро фаро мегирад. Сипас менависад, ки Бедил дар муддати 77 соли ҳаёти худ замони 11 подшоҳро аз сар гузаронидааст, ки аз инҳо замони ду подшоҳ ба 63 соли айёми зиндагии ӯ рост омада бошад, замони 9 подшоҳи дигарро дар 14 соли умри худ дидааст[2, с.9]. Муҳаққиқи дигар И. Муъминов дар рисолаи «Ақидаҳои фалсафии Бедил» овардааст, ки аз замони вафоти Аврангзеб то замони марги Бедил , яъне аз соли 1707 то соли 1720 , дар Ҳиндустон беш аз 15 подшоҳ иваз шуданд(5, с.30). Вале Б.Раҳимӣ ин ду назарро инкор карда таъкид мекунад, ки «Бедил даврони ҳашт подшоҳро дидааст» ва исми подшоҳон – Шоҳиҷаҳон, Аврангзеби оламгир, Шоҳи олам, Баҳодуршоҳ, Муъизуддин, Ҷаҳондоршоҳ, Муҳаммад, Фаррухсияр, Бедил Сафеуддараҷот, Рафеудавло (бародари Сафеуддараҷот) ва Муҳаммадшоҳро ба тартиб зикр кардааст. Дар тавзеъи миқдори подшоҳони Айнӣ зикр карда, Б.Раҳимӣ овардааст, ки «устод зоҳиран, баъзе шоҳзодаҳои даъвои подшоҳи кардаро ба шумори подшоҳони расмӣ ва эътирофгардида дохил намудааст «.[6, с.436]

Устод Айнӣ барои равшантар нишон додани замони Бедил лозим донистааст, ки даставвал «баъзе воқеаҳои таърихии Ҳиндустонро мухтасаран» [2, с.9] зикр кунад. Дар ин замина исломиятро ҷорӣ карда натавонистани арабҳоро ёдрас карда, Маҳмуди Ғазнавиро ҷорикунандаи исломият дар Ҳиндустон медонад ва аз будшиканиҳову низоъ барангезиҳои ӯ миёни Ҳиндуҳо ва муслимин сухан мекунад. Айнӣ вафоти Маҳмудро ҳамчун омили ҳукмронии ғуриён ва сипас «ҳукмронии исломӣ ва монанди қутбишоҳиҳо ҳалоҷиҳо ва Туғмуқшоҳиҳо» ёдовар мешавад. [2, с.9]

Устод Айнӣ дар ин рисола зери таъсири адабиётшиносии иҷтимоигароии шӯравӣ масъалаи замони зиндагии Бедилро бо назари иҷтимоӣ таҳқиқ ва таҳлил карда ҳамчунон, ки С.Ш. Муллоҷонов дар тақриси манфӣ ва ғарразноки худ навиштааст, “ Айнӣ одатҳои ҳаётии халқҳои ҳиндуро»... «аз нуқтаи назари идеализм “ [4, с.80], баръакс чунон , ки худи устод таъкид кардааст «ӯ одатҳои динӣ ва одамии халқҳои Ҳиндустонро» ҳеҷгуна идеализатсия накардааст. Усули таҳқиқи расмӣ дар ин даврa сирри иҷтимоӣ буда, ва дастурҳои методологию назариро ҳизб ҳоким ироа мекард, ки Айнӣ аз ин ..... метавонист берун ояд.

Бо вуҷуди ин Айнӣ дар ин рисола натавонист, ки воқеаи омилҳои рузгори Бедилро дар асоси махазҳои таърихӣ ва «ёддоштҳои Бедил « [1, с.86] сабт ва арзёбӣ кунад. Таҳқиқоти Айнӣ пеш аз ҳама нақшмандии ва иҷтимоии замон ва замондоронро (8 шоҳеро ки Бедил дар замони ҳукмронии онҳо зиндагӣ карда аст) дар сарнавишти ва шахсиятҳои дигар нишон дода моҳияти иҷтимоӣ в а ахлоқии

ҷомеаи он рӯзгорро ошкор мекунад. Айнӣ ба пайбурди ... С.Муллоҷонов, «одати диннии Ҳиндуёнро аз нуқтаи назари динӣ ва идеалистӣ таҳлил» [1, с.80] накардааст, балки бо мисолҳо, дар бораи " дарборҳои подшоҳҳои Ҳиндустон бисёр материалҳо дода «, «исрофкории онҳо, бовар кардани онҳо ба найрангбозии ҷӯгиҳо аз вилоятҳои шарқии Ҳиндустон ҷӯгиҳои бозигар ва найрангбозро оварда ҳазорҳо рупияи давлатро, ки аз хуни бадан ва арақи пешонии меҳнаткашон ҷамъ шудааст сарф намудани онҳо ва монанди инҳоро» [1, с.86] фош намудааст.

Айнӣ бо ҳамин усули таҳқиқ ва таҳлили иҷтимоӣ саҳифаҳои сафед ва сиёҳи фаъолияти шоҳони Ҳиндустонро, ки Бедил дар замони ҳукумати онҳо зиндагӣ ва эҷод кардааст, арзёбӣ карда таъсири сиёсатро ба ҷараёни зиндаги ва эҷоди Бедил ва дигар шахсиятҳои муосири ӯ ба таври боварибахш нишон медиҳад.

Аз тадқиқоти Айнӣ доир ба замони Бедил метавон чунин натиҷа гирифт , ки зиддиятҳои иҷтимоӣ, қавмӣ, мазҳабӣ ки факат дар давраи «сулҳи кулл» замони ҳукмронии Акбар оромиши нисбиро муайян кардааст, омили асосии фишор ва нооромиҳои зиндагии Бедил ва муосирони ӯ будааст. Айнӣ воқеияти салнати подшоҳонеро ки Бедил дар давраи ҳукмронии онҳо зиндагӣ кардааст, инъикос намудааст. Таърихи маълумот маъхазҳо ва осори ёддоштҳои Бедил таҳлил ва натиҷагирӣ карда ва моҳияти давлатдории сулолаи Темуриёнро дар Ҳиндустон ошкор мекунад. Масалан «айёми салтани Муиззиддин»-ро „ масхарабозӣ шинохта, «зулми моли» и Аврангзеб ва ҷангҳову ҳамдигаркушиҳои фарзандони шоҳони темуриро дар Ҳиндғстон ҳамчун омили нооромии мамлакат , ноосудагиии мардум ва ранҷи уламою удабо таъбир мекунад ва дар сифати «салтанати Муиззиддин» як рубоии Бедилро иқтибос мекунад:

Афсӯс, ки созиҳ салтанат шуд фосид, Гардид матои дину давлат косид.
Назми Ҳиндӯстон кунун мунҳасир аст, Бар дайюсу ҳезу лаиму ҳосид.

Устод Айнӣ ба василаи ин тадқиқоташ замони зиндагии Бедилро аз чанд ҷиҳат мушаххас месозад, ки ба тариқи зайл аст: а) ноором пурзиддият ва бо мухолифатҳои мазҳабию қавмӣ омехта будан; б). «Сулҳи кулл» ва «ба ҳамаи аҳли динҳо» ба як чашм нигоҳ кардани давлат; в). Нақши мусбати Акбар дар истиқрори сулҳу субот ва нақши манфии Ҷаҳонгир дар идораи давлат; г). Ҳамгироии илмӣ ва «суфизми исломӣ бо афкори донишмандони ҳинд» мувофиқ кунонидан; е). Ихтилофоти авлодӣ миёни шоҳзодагони темуриён. [2, с.15].

Айнӣ воқеаи муҳими «дар замони зиндагии Бедил рӯйдодаро» «роҳ ёфтани аврупоиҳо дар Ҳиндӯстон» дониста, меафзояд, ки «Аз аврупоиҳо аввал португалиҳо, баъд франсӯзҳо ва баъд аз он англисҳо ва фалмангҳо дер боз бо номи тиҷорат ва киштиронӣ ба Ҳиндӯстон омада, баъзе ҷаираҳои ҳиндро мустамлика карда ва баъзе бандарҳои обиро ба даст дароварда, дар фикри мустамлика кардани тамоми Ҳиндӯстон буданд»[2, с.23]. Вале бо мушоҳидаи Айнӣ, «то вақте, ки дӯстии ҳиндуҳо ва мусулмонҳо бақарор буд, аврупоиҳо ба даруни Ҳиндӯстон роҳ ёфта наметавонистанд»[2, с.23]. Айнӣ дар рисола заминаҳои вайроншавии ин оромишу ҳамгироии миллатҳои мусулмон ва ҳиндуро нишон дода, ҳузур ва тасаллути аврупоиҳо, аз ҷумла англисҳоро дар Ҳиндӯстон ҳодисаи манфӣ ва зиёновари рӯзгори Бедил маънидод мекунад.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти Айнӣ оид ба замони Бедил муҳимтарин равишҳои воқеиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он рӯзгорро дақиқ арзёбӣ карда, дар он вақт ва ҳоло низ ҳамчун манбаи шинохти саҳеҳи воқеиятҳое, ки шоир аз сар гузаронидааст, пуразиш мебошад.

Дигар муҳаққиқе, ки баъди Айнӣ ба шинохти замони Бедил таваҷҷуҳ кардааст Ю. Салимов мебошад. Таълифоти ин донишманд «Инкишофи Водиёти Бедил, ё тавсифи асарҳои Бедил» ном дошта, дар фасли «Бедил ва замони ӯ « доир ба замони шоир баъзе нуктаҳои муҳимро фароҳам овардааст. Андешаҳои муҳаққиқ дар ин бора бо нуктаҳои зер хулоса мешавад: а) моҳиёти мусбати сиёсати Акбар «доир ба сулҳ»; б).омезиши таълимоти тасаввуф ва робитаи дарвешони бараҳманӣ; в). Наздик шудани таълимоти бараҳманӣ ва ислом ва ба ин ҷараёнҳо қаробат пайдо кардани дидгоҳҳои фалсафӣ; г). Инқирози иқтисод ва хуруҷи ҷанги дохиливу нооромиҳо дар даврони ҳукмронии Ҷаҳонгир ва Аврангзеб ва барбод рафтани сулҳи кулл ва д). Дар чунин замон ҷараён гирифтани ҳаёти Бедил ва фарозу фуруди он[8, с.244].

Донишманди фақид Ю. Салимов равиши сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии замони Бедилро ба таври фишурда таҳлил карда, таъсири онро ба аҳволу рӯзгори шоир нишон дода, ин замонро ҳамчун унсури таъсиргузор дар равишҳои фикрӣ ва ақидатии шоир арзёбӣ мекунад, ҳамчун таҷрибаи илмӣ ҳоло ҳам пуразиш аст.

Ҷустуҷӯҳои Бобобек Раҳимиро дар шинохт ва арзёбии замони зиндагии Бедил метавон давра ва усули наву пурбори ин масъала донист. Муҳаққиқ ин мавзӯъро ба таври алоҳида таҳқиқ ва баррасӣ накарда, онро зимни омӯзиши зиндагинома ва осори шоир «бозсозӣ» кардааст, ки равиши тоза ва пурмояи шинохти замони зиндагии шоир дар бедилшиносӣ мебошад. Муҳаққиқ талош кардааст, ки дар оинаи воқеаҳои зиндагиномаи Бедил ҳолати замон ва ҳокимони вақтро нишон диҳад. Замон ва таъсири он ба сарнавишти шоир аз зода шуданаш то ба ҳиҷрати авлодаш ба Ҳиндӯстон ва дар он ҷо ба камол расидану ҳамчун шоири беназир шӯҳрат ёфтанаш бо дақиқназарӣ мустанад нишон дода шудааст, ки дар бедилшиносии тоҷик таҷрибаи аввал ва судманд аст. Б. Раҳимӣ воқеоти сиёсӣ ва замони ҳукмронии он

ҳашт нафар шоҳеро, ки Бедил дар он вақтҳо зиндагӣ ва эҷод кардааст, ба тариқи алоҳида таҳқиқ ва арзёбӣ накардааст, балки зимни таҳқиқ ва баррасии асноди муҳаққиқон ва бевосита дар такя ба осори худи Бедил, воқеоти сиёсӣ ва таъсири мусбату манфии онро ба зиндагии шоир бо камоли диққат ва ҳавсалаи тамом нишон медиҳад. Масалан шарҳи масъалаи гузаштагони Бедил ва ватани аслии онҳо бевосита дар матни воқеияти замони темурӣ анҷом гирифта, таъкиди таъсири омилҳои сиёсӣ - иҷтимоии замон ба сарнавишти шоири бузург аст.

Дар рисолаи боарзиши «Зиндагиномаи Бедил» ва «Ошноӣ бо Бедил» Бобобек Раҳимӣ дар қисматҳои «Вафоти падар ва ғамхории Мирзо Қаландар», «Нахустин сафари ҳарбии Бедил», «Мусофират ва вилояти Орисса», «Шоире, ки сипоҳӣ шуд», «Бедил ва Аъзамшоҳ», «Бедил ва Аврангзеби оламгир», «Сукунати охирин дар Деҳлӣ», «Бедил ва ҳакимони аср» гоҳо бавосита ва гоҳи дигар бевосита аз замони зиндагӣ, ранҷу кулфатҳо ва дастгирӣ диданҳояш аз баъзе ҳуккоми вақт сухан карда, ба ин васила нақши мусбат ва манфии замонро дар сарнавишти шоир муайян ва таъйид мекунад. Барои мисол метавон гуфт, ки муҳаққиқ дар фасли «Бедил ва ҳокимони аср»-и рисолаи зикршуда, оид ба рафоқату дӯстии шоир «бо чанде аз амирону вазирон ва дигар мансабдорони замони худ»(6, 398) сухан карда, воқеаҳои бемории Шоҳиҷаҳон (1628/1658) ва муборизаи писарони ӯ –Дорошукуҳ, Шоҳшуҷоъ, Аврангзеб ва Муродбахшро, ки «барои ба даст овардани тоҷу тахт ва пирӯзии Аврангзебу мағлубияти бародарони ӯ»[6, с.405] талош кардаанд, ҳамчун яке аз ҳодисҳои вайронгари замони Бедил арзёбӣ мекунад ва таъсирмандии онро ба сарнавишти Бедил ёдрас менамояд. Дар ин тадқиқот аҳволу рӯзгори шоир оинаи воқеиятҳои зиндагии шоир буда, зиндагиномаи шоир низ, замонро бо ҳама каҷдору марезаш бозгӯ менамояд, ки хеле дақиқ ва мустанад аст.

Ҳамин тариқ шинохти замони зиндагии шоири бузург аз тадқиқоти устод Айнӣ ва тавзеҳоти иҷтимоию сиёсии ӯ, ки зери таъсири сиёсати адабии давр шакл гирифтааст, оғоз ёфта, муҳимтарин равиши бедилшиносии тоҷик муайян намудани таъсири омилҳои замонии сиёсиву иҷтимоиро дар ташаккул ва таҳаввули ҳаёт ва эҷодиёти Бедилро ифода мекунад. Тадқиқоти баъдӣ дар ҳамин замина анҷом гирифта, бо шарҳу баррасии зиндагинома ва осори шоир моҳияти замон, мушаххасоти вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва таъсири онро ба сарнавишти шоир мушаххас сохтаанд, ки ҳамчун таҷрибаи илмӣ аҳамият доранд.

АДАБИЁТ

1. С. Айнӣ. Мулоҳизаҳои муаллифи китоби «Мирзо Абдулқодири Бедил» дар бораи ритсензияе, ки ба ҳамин китоб аз ҷониби рафиқ Муллоҷонов дода шудааст / С. Айнӣ // Садои Шарқ.-2004-№10-12. - С.85-91
2. Айнӣ.С. Мирзо Абдулқодири Бедил/С. Айнӣ.-Душанбе «Адабиёти бачагона», 2020-336с.
3. Бақозода, Ҷ. Шукуров, М. Аввалин фикру мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар бораи Бедил/ Ҷ. Бақозода. Нависанда ва идеали замон.-Душанбе

ПОИСКИ ПРИЗНАНИЯ ЖИЗНИ БЕДИЛА

В статье исследуется и оценивается проблема признания жизни Бедила на основе произведений, появившихся в этом контексте. Известно, что первая работа на эту тему была написана Айни, а дата ее публикации датируется первым десятилетием XX века.

В статье анализируются препятствия, создаваемые советским подходом к литературной критике, и некоторые личности препятствовали публикации трактата Айни специально показано.

Автор статьи рассматривает следующие этапы изучения данной темы исследователями Ю. Салимов и Б. Рахимов исследовал, проанализировал и оценил их взгляды на жизнь поэта, его отношения с королями и королями того времени и влияние политических и социальных реалий, состояния и жизни поэта.

В статье конкретно оцениваются важные черты и подходы бедиловедения к признанию времени Бедиля, важных политических и социальных событий времен царей, с которыми у поэта были альманахи.

Ключевые слова: *время, жызнь, Бедил, культурная литература, политическая, социальная, Айни, Олимджон Идриси, Индия, бедиловедения, социолог, советский, белый, черний, всеощий мир, пелменной конфликт, социальная, научная интегрция и так далее.*

SEEKING RECOGNITION FOR BEDIL «S LIFE

The article explores and assesses the issue of recognizing Bedil «s life based on the works that have appeared in this context. It is known that the first work on this subject was written by Ayni, and at the time of its publication, it dates back to the first decade of the 20th century. On the basis of this and other treatises of Ayni «Mirzo Abdulqadir Bedil» the author identifies the methods and features of Bedil's studies in the recognition of the time of Bedil's life and discusses it in details.

The article analyzes the obstacles created by the Soviet approach to literary criticism, and analyzed some individuals who prevented the publication of Ayni's treatise and clearly shows the accurate views of poet to the Bedil's life.

The author considers the following stages in the study of this topic by researchers Y. Salimov and B. Rahimov researched, analyzed and assessed their views on the poet's life, his relationship with the kings and queens of that time, and the influence of political and social realities, and the state of the poet's life.

The article describes in detail the important features and approaches of Bedil's studies to the recognition of the Bedil's time, important political and social events of the times of the kings, with whom the poet was associated.

Keywords: *time, life, Bedil, cultural literature, political, social, Ayni, Olimjon Idrisi, India, Bedil studies, king, publicist, Soviet, white, black, general peace, tribal conflict, social integration, scientific and so on.*

Сведение об автора:

Муродов Б.С. *– соискатель кафедры теория и история таджикский литература Таджикского государственного института языков имени С. Улугзода Тел: (+992) 935375225*

About the author:

Murodov B.S. *- Applicant for the Department of Theory and History of Tajik Literature of the Tajik State Institute of Languages named after S. Ulugzod Tel: (+992) 935375225*

НАҚШИ АСКАР ҲАКИМ ДАР РУШДИ НАҚДИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИК

Рахимов Б.Ғ.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Адабиёт санъати сухан аст ва дар бораи каломи бадеи, конуният, меъёр, маҳорат ва хунари тасвиркори ва махсусияти эҷодиёти адиб тахлил ва тадкик намудан амри табии ва ахмиятнок аст. Зарурияти омӯхтани адабиёти бадеӣ дар равшан сохтани мундариҷаи ғоявӣ, хислатҳои миллии асар, хунар ва фардияти эҷодии адиб, ҳамчунин дар такмили маҳорат ва сабку шеваи тасвиркории адибон сурат гирифта, тадқиқгарон пайваста ба таъкид меоваранд.

Адабиётшиносии тоҷик пас аз солҳои 60-70-и асри XX ривоҷ ёфт, мааҳз аз ҳамин давра адабиёт ва шеъри ғиноӣ аз бори таблиғоти мафкуравӣ озодтар гардид ва дар риштаҳои мухталифи он асарҳои зиёди илмию тадқиқотӣ таълиф ва эҷод гардида, бисёр масъалаҳои омӯхтанашуда аз ҷониби пажӯҳишгарон мавриди мулоҳиза ва баррасӣ қарор гирифтанд. «Иин озодии нисбӣ, таъкд менамояд Аскар Ҳаким.- аз давраи ислоҳотпарастии ҳизби коммунисти шӯравӣ, ки бо танқиди шаклпарастӣ оғоз гашт, имконпазир шуд» [3, с.509]

Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки дар ин муддат диққати муҳаққиқони суханшиносро ба худ кашид, тадқиқи шеъри ғиноӣ аз рӯи вижагиҳои нақдии он, мухассот ва муҳтавои навъҳо, андешаҳои отифӣ, эҳсосот, таассурот дар замири шахси шоир ҳамчун ангеза аз ҳодисаву воқеот ва услуби адибони алоҳида, махсусияти поэтикӣ, тасвиркорӣ, вазну услуб, маъно ва мохиятбинӣ ва пайванди шаклу ақши мазмун буд. Агарчи дар ин соҳа як силсила рисолаву пажӯҳишҳо ба анҷом расидаанд, ҳанӯз масъалаҳои тадқиқнашуда ва баҳсталаби марбут ба накди адабии муосир ба омӯзиш ва баррасии илмӣ ниёз дорад.

Аскар Ҳаким аз шоирони навҷӯ, мунаққидони шинохта ва сермаҳсули адабиётшиносии муосири тоҷик масуб ёфта, нахустин кадамхои вай дар риштаи накди адабӣ баъд аз солҳои шастуми садаи бист, давраи нисбатан пурчӯшу хурӯш ва пурбори камолоти фикрии нақди адабии тоҷик шуруъ ёфта, осори наққодиаш ба такомули сифатии афкори адабӣ мусоидат кард. Осори мунаққидони ин давра дар шинохти аслу моҳияти нақди адабӣ, дарки тафаккур ва ошноӣ бо ҷараёнҳои мухталифи пурошӯби нақднависӣ, арзёбии ҳунари бадеӣ ва анвои он арзишу аҳамияти назаррас дорад. Дар ин марҳала аз рӯйдодҳои таъсиргузор, ормонҳои воқеии адабӣ, ҳунари эҷодӣ, шахсияти нерӯманд ва шоистаи адабӣ пуштибонӣ шуда, мунаққидон кӯшидаанд, ки дар ҷусторҳои илмии аҳли таҳқиқ дилсӯзона барои ба мачрои тоза ворид сохтани ҷараёни адабӣ саҳм бигиранд.

Намунаҳои аввалини маҳсули ноқидии Аскар Ҳаким ҳанӯз айёми таҳсил ва ба матбуоти тоҷик ворид гаштани ӯ аз истеъдоди хуби мунаққидӣ ва табъу салиқаи хуши сухансанҷӣ гувоҳӣ медод. Эҷоди китобҳои «Шеър ва замон» (1978), «Дар қаламрави сухан» (1982), «Творцы созвучий» (1988), «Испитание поэзией» (1992) ва мақолаҳояш «Баҳси бардавом», «Шеъри инсон», «Сухан ва образ», «Таҳаввули арӯз», «Аз ғазал то шеъри озод», «Ба ҷойи анҷом», «Достони қалъачанг» , тақриз, гузориш ва суханрониҳо зинаҳои санҷидашудаи ташаккул ва таҳаввули афкори адабиётшиносиву танқидиашро бозгӯ менамуд. Махсусан, китоби «Шеър ва замон» дар масоили қонунияти асил ва рушди шеъри муосири тоҷик ҷойгоҳи намоён дошт, ки бунёди он бар рисолаи номзадии «Ворисияти таърихӣ ва навоварии шоирона» (Москва, 1974) ниҳода шуда буд. Аз нахустин мачмуаи «Шеър ва замон», ки аз мақолаҳои ҷиддиву пурмуаммои «Баҳси бардавом», «Шеъри инсон», «Сухан ва образ», «Таҳаввули арӯз», «Аз ғазал то шеъри озод», «Ба ҷойи анҷом», «Достони қалъачанг» фароҳам омадааст, аз дақиқназарӣ ва андешамандии наққодии муаллиф дарак медиҳад.

А Ҳокимов дар охири солҳои 70 ва аввали солҳои 80 ҷиддан ба нақди шеър, аз ҷумла таҳлили мавзуву мундариҷа ва ғояи он машғул шуда, мақолаҳои ӯ «Гузаштаи зинда ва рӯҳи замон», « Образ ва

тасвир дар шеър» , «Шеъри инсон », «Шеъри замонӣ ва ҷустуҷуҳои маънавию ахлоқӣ» ва ғайра ба таҳқиқи масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик бахшида шуда , дар нақди шеъри он солҳо сухани тозаанд. Аз ин ҷиҳат ба вуҷуд омадани ин таълифотро танқиди танқид «ҳадисаи муҳим» ва дар «таҳқиқи назария ва амалияи шеъри муосир саҳифаи тозае» хонда буд.[1, с.65]

Аскар Ҳаким бо омӯзиш ва бардошт аз таҷрибаи ғанӣ ва пурмаҳсули адабиётшиносони муосири тоҷик Абдулғанӣ Мирзоев, Шарифҷон Ҳусейнзода, Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шукуров, , Лариса Демидчик, , Юрий Бобоев ,– Аълохон Афсаҳзод, Атахон Сайфуллоев, Худоӣ Шарифов, Хуршеда Отахонова, Раҳим Мусулмонқулов, Абдунабӣ Сатторов, Юсуф Акбаров, Ҷӯрахон Бақозода , Валӣ Самад, ва даҳҳо дигарон ба майдони нақди адабӣ ворид шуд.

Аскар Ҳаким ба тақозои қонуни инкишофи ғоявию эстетикии адабиёт масъалаҳои инкишофи шеъри муосирро аз назари ирсияти таърихӣ ва анъанаву навоварӣ таҳқиқ намуда, бо ин восита доир ба тамоюлҳои инкишофи ин навъи эҷоди бадеӣ андешаҳои муҳим баён доштаст. Ӯ ба шарҳи масъалаҳои анъана ва навоварӣ пардохта, бар ин ақида аст, ки « навоварии ғоявию бадеӣ вобаста ба инсони нав ва қаҳрамони нави адабиётӣ зуҳур мекунад» ва ин ҳақиқатро дар мисоли эҷодиёти Айнӣ Лоҳутӣ , М Турсунзода, Пайрав , Ҳ .Юсуфӣ , М. Миршакар , М. Қаноат, Лоиқ, Бозор Собир, Қутбӣ Қиром ва дигарон арзёбӣ мекунад.

Асосҳои методологии таҳқиқоти Аскар Ҳакимов дар таҳқиқоти мазкур ҷиддӣ, бо далел ва доираи назараш фарогир буда, мундариҷаи ғоявӣ, тасвири инсон ва шеърияти назми муосирро дар бар мегирад. Ин масъалаҳо нахуст дар мақолаи «Шеъри инсон» ба муҳокима гирифта шудаанд. Ба ин маънӣ, образи лирикӣ, инсон дар лирика, қаҳрамони лирикӣ ва тарзу тасвири он асоси мундариҷа ва навҷӯиҳои шаклии назми муосирро муайян мекунад. Ба андешаи мунаққид дар эҷодиёти М Турсунзода , М Миршакар, Б. Раҳимзода, А. Шукуҳӣ равшан сурат гирифтани ҷиҳатҳои ҷамъиятии субъекти лирикӣ, дар эҷодиёти қисми дигари шоирон тасвир ва талили амиқи ҷаҳони ботинии инсон мавқеъ пайдо кардааст. Муҳаққиқ бо қиёсу муқобила ва таҳлили амиқ собит кардааст, ки тасвири инсон ва моҳияти зиндагии ӯ дар ҳамаи шоирон яксон нест. Ин гунна инсон дар шеъри М. Турсунзода шабеҳи шахсияти шоир аст,ки бо «ҳар тори мӯям коммунист» таъкид шудааст. Миршакар образи ҷамеи инсон ва сарнавишти иҷтимоии ӯро тасвир намудааст. Инсони Ғафор Мирзо дар фаросӯи зиндагии ҳарруза ва ташвишҳои муқаррарии рузгор ба тасвир меояд. Дар ашъори шоирони дигар , аз ҷумла М. Қаноат, Лоиқ, Қутби Киром, Бозор Собир ва дигарон сифатҳои зотии инсон рӯҳия ва масъулияти инсонии вай симои қаҳрамони ғиноиро ғанӣ сохтааст. Дар шеъри Лоиқ бошад мақому манзалати инсон, андешаҳои мураккаби вай, муаммоҳои ҳастии ӯ хеле ҷиддӣ ва мукаммал ба миён гузашта шудааст. Ин мушоҳида низ таъкид бар ирсияти ғоявии адабиёти муосири тоҷик дорад. Инсони маънан ғанӣ ва ахлоқан қавӣ , аз ҷиҳати сиёсӣ устувор аз назари тобеияти идеологии ӯ маънои иҷтимоӣ ва ғоявии шеърро қавӣ сохта, ба поэтикаи он таъсири мусбат расонид.

Мунаққид бо мақсади таъкиди роҳбарии идеологӣ бар адабиёти аз ҳуҷатҳои ҳизбӣ иқтибос карда , моҳияти ахлоқию иҷтимоии шеърро дар ҳамин маъно таъкид мекунад, ки равиши усулӣ дар нақди он замон буд. Ҳамин равиш дар мақолаи «Шеъри замонӣ ва ҷустуҷуҳои маънавию ахлоқи » асоси таҳқиқ қарор гирифтааст. Хулосаи муаллиф ин аст, ки дар адабиёт ягон мавзуъ берун аз бахси ахлоқ ҳал карда намешавад. Аскар Ҳаким ба масъалаи ворисияти таърихӣ ва мақоми иҷтимоии адабиёт баҳс намуда, ба итминони ӯ «инсон зодаи ҷамъият аст ва инъикоси муносибати ӯ ба муҳити ҷамъият барои адабиёту санъат мақсади асосӣ ва шарти аввалқадам аст [2, с.13].

Аскар Ҳаким дар ин даврон дар нақди адабии тоҷик бо шеваи таҳқиқ, ҷустори тозаи пажӯҳиш, тарзи гузориш ва сабки матини нигориш ворид гашта, барои ташаккуди тафаккури насли нави ноқиду адабиётшинос таҳаввулоти тоза боқӣ гузошт. Тавассути асолат ва воқеияти накд дар як давраи пурихтилофи пойбанди мафкураи ҳизбӣ ва маҳрумияти озодандешӣ таълифоти пураҳамият раванди таҳаввули нақди адабиро ба ноқидони ҳирфаӣ ва асолатҷӯй мерос монд. Мунаққид ба эҷодиёти ин ё он шоир аз воқеият ва фардияти эҷодии шоир арзёбии мунсифона ҳақиқати ашъор мекунад, бо асноди дақиқу возеҳ ба мақсад сухан мегӯяд, саъй менамояд, ки моҳияту аҳдофи шеър накӯ бошад, таносуби лафзу маънӣ ва талаботи он риоя шавад. Аз мушкилбаёнӣ, мураккабнависӣ, ибҳому иҳом, ороишоти шаклию лафзӣ, хаёлбандиҳои мавҳум дурӣ ҷуста, ба суннати деринасли саҳли мумтанеъ, ки дар осори саромадон ва қофиласолорони адабиёти форсу тоҷик дар сухангустарӣ ба мерос гузоштаанд, бо шеваҳои тозаи нақди шеър сухан мегӯяд. Вай шоир ва наққоде пурмутолиа буда, дар қаламрави нақду адабиётшиносӣ ва шеъру шоирӣ соҳиби дастовардҳои зиёд мебошад.

Андешаи мунаққид дар бораи пойдории анъана ва ба ин васила ҳифзи асолати миллии адабиёт падидаи муҳим ва арзишманд шинохта шудааст. Дар ҳаракату дигаргунӣ ва ба инкишофи тафаккури бадеӣ мусоидат кардани суннатҳои адабӣ дар мисоли фарзияҳои Аскар Ҳаким назари пешрав ва созанда мебошад.

Дар мақолаи «Тазодҳои фаровонии шеър» (дар китоби «Дар қаламрави сухан») ашъори устодон Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Бозор Собир, Ҳабибулло Файзулло ва дигаронро мунсифона таҳлид ва арзёбӣ намуда, дар бораи сабку услуб, жанру намуд ва шаклҳои шеърӣ, ҳунар ва ҳадафи эҷодӣ,

ҳуску қубҳи осор, муваффақият ва нокомии ҳар шоир дар алоҳидагӣ изҳори ақида нвмуда, ҷойгоҳи адибро дар раванди адабӣ муқаррар месозад. Агар устод Муъмин Қаноатро дар эҷоди асарҳои муҳташам ё достонҳо мумтоз ва чеҳраи ибратомӯз донад, устод Лоиқро бештар ба шаклҳои анъанавии ғазалу рубоӣ комёб ва сабақангез меҳисобад ва дастоварди Бозор Собирро аз шеъри нав ва чаҳорпораву тасвирӣ ҷуёк мешавад.

Минбаъд мунаққиди дақиқназар Аскар Ҳаким дар заминаи нақду адабиётшиносӣ асарҳои «Шеър ва замон» (1978), «Дар қаламрави сухан» (1982) ва шеър – «Санги ман – алмос» (2006), «Замини сабзи боварҳо» (2008), «Ба саломи шукуфаҳо» (2012) эҷод менамояд, ки дар ин айём моҳияти асили шеъри муосири тоҷикро бо биниши тоза ба таҳқиқ гирифта, масъалаҳои муҳим ва мушкилоти онро рӯшан намудааст.

Дар атрофи шеъри ғиноӣ, навъҳо ва тақсимбандии он, масъалаҳои нақду баррасии он байни донишмандон ва муҳақиқон баҳсҳои зиёди илмӣ сурат гирифтааст. Махсусан дар ин самт асари пурмӯҳтаво, ки дар ҳақиқат «падидаи нодири адабиётшиносӣ» шинохта шудааст, рисолаи Аскар Ҳаким «Анвоъи шеъри ғиноӣ» (нимаи дуюми садаи ХХ) арзишманд ва қолиби таваҷҷуҳ мебошад. [3, с.5]

А. Ҳаким дар ин асарҳо бо диди тоза ва нигоҳи нав бо меъёрҳои воқеиву ҳақиқии ҷусторҳои нақкодӣ ва пажӯҳишӣ роҷеъ ба ҷараёни умумии шеър, ҳусну қубҳи он изҳори назар намуда, ашъори ғиноии чеҳраҳои дурахшони назми муосир- Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Қутби Киром, Лоиқ Шералӣ , Бозор Собир, Гулрухсор, Ҳабибулло Файзулло ва чанде дигаронро дар алоқамандӣ ба тақсимбандии навъҳои шеър, маҳорати ҳунарӣ, фардияти эҷодӣ, асолат ва махсусияти шеъри ғиноӣ бо таҳлилу таҳқиқи жарфназарона ва воқеияти ҷараёни адабии муосир арзёбӣ гардида, ба рушду нумӯи нақду адабии муосири тоҷик саҳми намоён гузоштааст.

Дар бораи фаъолияти мунаққидии устод Аскар дар адабиётшиносии муосири тоҷик ва хориҷи кишвар мақолаҳои зиёд иншо шудааст. Аз ҷумла муҳақиқон Х. Шарипов, А. Раҳмонов, Ю. Акбаров, Қ. Киром, А. Абдуманон, А. Набиев, С. Аъзамзод ва чанде дигарон оид ба фаъолияти нақкодӣ ва шеъри Аскар Ҳакимов изҳори андеша намудаанд.

Мунаққид Ю. Акбаров бар он андеша аст, ки танқиди танқид ва хам танқиди шеър мебошад. Аскар Ҳакимов дар нахустин асарҳояш бо роҳи инкор ва ради қолаббозию сохтакориҳо рафт ва шеъри асилро тарафдорӣ кард. Сабки А.Ҳакимов дар мақолаҳояш «шоирона ва лирикӣ», ратсионалӣ дониста шудааст.Таҳқиқи ӯ пурҳиссиёт буда, бо «эҳсоси баланду самимият сухан мегӯяд ва асарҳояш ба мушоҳидаи ӯ «таҳлили танқидӣ бо таҳлили ҳиссиётангез» буда, дар навиштаҳои танқидиаш «ман»-и лирикӣ аввалин бор истифода шуд[5, с.195]

Дар мақолаи аввали маҷмӯаи Аскар Ҳакимов «Дар қаламрави сухан»- «Шеъри замонӣ ва чустуҷӯҳои маънавию ахлоқӣ» масъалаҳои рӯҳия ва оҳанги замон, мазмуну ғоя, шаклу мазмун ва ғайра ба миён гузошта шуда, тамоюлҳои асосии шеърро муайян ва арзёбӣ мешавад.

Аскар Ҳаким масъалаҳои қаҳрамони лирикӣ дар шеър таваҷҷуҳ намуда, ба муқобили арзишманд шинохтани ҳар як қаҳрамон чун инсон аст. Ба андешаи ниҳоии ӯ қаҳрамони лирикии ӯ шоири боистеъдод ва тавоно мароқангез шуда метавонад,зеро танҳо шоири асил қаҳрамони воқеии лирикии замонро ба вуҷуд оварда метавонад. Мунаққид қаҳрамони лирикии ҳар лаҳза авзояш таъғирёбандаро қабул надорад.Ба назари ӯ дар андешаи шоир ду чизи бо ҳам муқобил бояд вуҷуд надошта бошад. Ба назари ӯ чунин ақида «ҷавлонгоҳ ва олами андешаҳои шоирро тангу маҳдуд мегардонад». Ҳамин гуна назарро мунаққид дар тақризи ба маҷмӯаи шеърҳои Бозор Собир навиштааш низ пайгирӣ намудааст. Аскар Ҳакимов ҳичрат дар шеърро василаи тазйиқи рӯҳ медонад.

Мақолаи Аскар Ҳаким «Тазодҳои фаровонии шеър» кӯшиши муайян кардани фардияти эҷодии ҳар шоирро падидаи муҳими нақди адабӣ донистааст. Масъалаи забон ва сабки А.Ҳакимов «сершираю шоирона ва пуробу рангу хоно» ва ҳарфи тоза мебошад. Яке аз самтҳои асосии ҷустуҷуҳои маънавию ахлоқӣ «амиқтар бурдани эҳсосоти граждани » дониста шууаст. Аскар Ҳакимов «пуркувватии эҳсосоти граждани»-ро «аломати камолоти шеър» медонад. Асоси иҷтимоигарой доштани чунин накд бо мулоҳизаи аз паси ин суханон омадаи муаллиф , ки бо ин роҳ «шеър бо фаъолияти иҷтимоӣ пайваста» мегардад, қувват дода мешавад. Дар ҳамин замина А. Ҳакимов ба масъалаи мавзуъ сахтгирӣ карда, тарзи баёни ҳадафманд ва ҳунармандонаи онро муҳим арзёбӣ менамояд. « Вагарна – менависад ӯ: Ҳамаи мақсадҳои накӯ ва манфиатнок нафақат дар қолаби низомнок амалӣ нашуда мемонад, балки сафи ашъори каммазмун ва сатҳиро афзуда завқи мардумро аз шеър мекоҳанд. Ва дар ин ҳол ҳеҷ санаду бурҳон, ки ин шеър ва ё достон ба мавзӯи иҷтимоӣ ё таасуроти граждани бахшида шудааст, ёрӣ намекунад»[2, с.14].

Ин андеша чунин талабро пеш мегузорад ,ки шеър бояд чунон навишта шавад, ки мавзӯи онро иҷтимоӣ ё таасуроти граждани гузоштан мумкин бошад. Мунаққид танҳо чунин шеърро аз ҷиҳати шеърият , санъату маҳорат бисёр баланд меҳисобаду бас. Ба фикри ӯ андешаи барои шеъри граждани лозим набудани шеъри бадеии баланд ғалат аст.

Муҳақиқ баъди чунин муҳокимороиҳо ба таҳлили достони Муъмин Қаноат « Гаҳвораи Сино » ва «Исёни хирад»-и М. Миршакар мепардозад. Эҷоди ин достонҳо ба тақозои эҳтиёҷоти рӯзафзуни ҷомеа

мебошад. Мунаққид бо таҳлили мавзуву масъалаҳои ҳар ду достон, таърихро ба хизмати замон мекашад ва дар партави таълимоти синфиятгароӣ замони шӯравӣ моҳияти бадеиву иҷтимоии ин асарҳоро муайян мекунад. Ба назари ӯ ҳама бадбахтиҳо дар ҷомеаи инсонӣ дар зиддиятҳои иҷтимоист. Бо ин усули таҳлил , ки равиши нақди иҷтимоии синфиятгароӣ, ӯ ба таҳрифи таърих даст мезанад, аз тамоюлҳои манфии нақди он рӯзор аст. Муаллиф бо ин таъсири низоми шуравиро дар кайфияти зуҳури шеър ва моҳияти мавзуву ғояи он нишон медиҳад. Бунёди назари ӯ бар ин аст, ки пешрафти шеъри иҷтимоии тоҷик маҳсул ва мавлуди ҳаёт ва муҳити иҷтимоии як давраи хос аст.

Дар афкори адабиётшиносии Аскар Ҳаким бозтоби ҷаҳони зеҳнии шоир мақоми махсус дошта, василаи муҳими тадқиқа кашфи шеър дар нақди адабии тоҷик мебошад. «Дар меҳвари ин таълифот , таъкид менамояд, муҳаққиқ С. Аъзамзод,- қазияи тасвир ва тасвирпардозии шеъри муосир бо беҳтарин шева ва завқи хос бозгӯ шудааст. Кашфи падидаи шеър ва шинохти асли оини шеърнависӣ бо вусъати дид ва умқи нигоҳи шоирона ба ашё, замон ва иҷтимоъ муносибати шоир ва муҳаққиқро ба нақд ба сифати шеър-офариниш муқаррар мекунад, ки коргоҳи хаёлоту ҳиссомезии шоиронаро бо меъёри мухталифи таҳқиқ ба ҳам овардааст .... Ин маҳсул дар баробари намунаи хуби «нақди олимона» буданаш ҷавобгӯи қонунияти дохилии «нақди шоирона» ҳам ҳаст, ки дар перомунаш ҷанбаи устувори таҳқиқӣ, истидлолӣ ва қонунгаро дорад» «[6, с.460].

Дар ҳақиқат, ҷунбиш ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ дар ин замон ноқидони дақиқназарро ба пайдоиши «шеъри нав» ва заминаҳои таҳаввули он, завқу салиқаи таъсиргузор ва солими шинохти ҳунари адабӣ водор мекунад. Аз назари моҳиятбинӣ падида ва ҷунбиши мазкурро на ба сифати «навоварӣ дар шеър», балки ҳамчун тамоюлоти тозаи адабиёт, ки ба ниёзи давраи тоза ва дархостҳои дигари замон аз эҷоди бадеӣ ва ҳамчунин шеър посухгӯ аст, дарк ва маънидод бояд кард. Табиист, ки дар ҳамин ҳолат метавон сурати ҳақиқии ин тозаҷӯиҳоро аён намуд, ба моҳияти аслии онҳо расид ва онҳоро ҳамчун як шохаи ҷараёни адабӣ шинохт. Бинобар ин, аз назари муҳаққиқи фавқузикр «моҳияти асосии таҳқиқи поэтикии шеъри муосири тоҷик дар ифодаи муҳимтарин зиддияти замон дар шеър, тасвири фароҳу пурдоманаи воқеияти зиндагӣ ва инъикоси «ҳазороҳанги андешаю эҳсосот», ифодаи нутқи саршори ҳиссиёту ҳаяҷони одамӣ, истифодаи тамоми ғ ановат ва қудрати сухани шоирона бо махсусияти таркиб, темп, ритм, интонатсияи шеър, ба таъбири дигар, аз «бойшавии мазмуни мундариҷаи шеър ба афзудани имконияти услубии шеър, интонатсия ва ритми он» зоҳир мешавад. Ба дарёфти муҳаққиқ «аз ин дидгоҳ ба поэтикаи шеъри муосир нигаристан яке аз роҳҳои маҳсулноки ҳалли ин масъала аст»[6, с.465].

Ба андешаи мо низ арзишҳои хуб ва вежагиҳои таълифоти илмӣ-интиқодии Аскар Ҳаким бо фаро гирифтани матолиби фаровони таърихиву назарӣ, огаҳии бештар аз осори адабиёти пурбору пурпаҳнои ҷаҳонӣ, ошноии усулӣ бо шеъри гузашта ва муосири форсӣ-тоҷикӣ, дар маҷмӯъ, кӯшиши моҳиятбинӣ дар нақди адабӣ аст. Чунинн бардошти мушоҳидакорона аз дарки хосаи табиати асили воқеии шеър ва замон дарак медиҳад, ки дар оҳанг ва асолати шеър аз барҷаста ифода ёфтани воқеияти зиндагии мо зуҳур ёфтааст.. Ба ин маънӣ, падидоварии ғановати шеър аз набзи зиндагӣ, дарёфти таносуби шеъру маърифати зиндагӣ ғаризаи аслии таҳқиқии ноқидоне чун Аскар Ҳаким мебошад.

АДАБИЁТ

1. Набиев А. Дар кит. Аскар Ҳаким. Маҷмуаи осор, ҷ.7, С. 176-190
2. Аскар Ҳаким. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. / Аскар Ҳаким - Хуҷанд: Ношир, 2017.
3. Аскар Ҳаким. Анвои шеъри ғиноӣ.- (нимаи дуюми садаи бист). / Аскар Ҳаким – Душанбе Дониш,2020.- 546 с.
4. Аскар Ҳаким. Шеър ва замон . Масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик. / Аскар Ҳаким – Душанбе, «Ирфон» 252с.
5. Акбаров Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър. Баъзе масъалаҳои лирикаи муосири тоҷик / Акбаров Юсуф.- Душанбе: Дониш, 198
6. Аъзамзод С. Ғаризаи таҳқиқ ва диди моҳиятҷӯи дар нақд.- Дар кит. Аскар Ҳаким. Маҷмуаи осор, ҷ.7, - 460с.

РОЛЬ АСКАРА ХАКИМА В РАЗВИТИИ СОВРЕМЕННОЙ ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРНОЙ КРИТИКИ

В данной статьи рассматривается место и значения А. Хакима в современной таджикской литературной критики. Именно, книги Аскара Хакима таких как «В мире слов»(1982) , «Творцы созвучие» (1988), «Испытание поэзии», «Виды лирической поэмы» (вторая половина XX века) и другие сведетелсьвуют о его наваторстве и истинных исследованиях и критическом творчестве Аскара Хакима 80-90 годах XX века. А также анализируется литературные и критические взгляды литератураведов Набиев А., Ю. Акбаров, А. Раҳмонов, С. Аъзамзод и других литературоведов о критическом тверчестве Аскара Хакима и его место и значения в современной литературной критике.

Ключевые слова: *литература, литературная критика, новаторство, поэма, место, красноречие, литературный критик, созвучие.*

THE ROLE OF ASKAR KHAKIM IN THE DEVELOPMENT OF MODERN TAJIK LITERARY CRITICISM

This article explores the place and significance of A. Khakim in modern Tajik literary criticism. Namely, Askar Khakim's books such as «In the World of Words» (1982), «Creators of Consonance (harmony)» (1988), «Poetry trial», «Types of Lyric Poem» (second half of the 20th century) and others demonstrate innovativeness and true research and critical creativity of Askar Khakim in 80-90 years of the XXth century. It also analyzes literary and critical views of literary scholars A. Nabiev, Yu. Akbarov, A. Rahmonov, S. Azamzod and other literary critics on creative works of Askar Khakim and his place and significance in contemporary literary criticism.

Keywords: *literature, literary criticism, innovativeness, poem, place, eloquence, literary critic, consonance.*

Сведения об авторе:

Рахимов Баходур Гиёсович *- соискатель кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, Тел.: (+992) 988331365*

About the author:

Rakhimov Bakhodur Giyosovich *- applicant of the Chair of Theory and History of Literature of Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni, Tel.: (+992) 988331365*

ВЕЖАГИҲОИ ҲИКОЯҲОИ ДАВРАИ АВВАЛИ ЭҶОДИЁТИ САТТОР ТУРСУН

Раҷабова С.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Дар густариш ва инкишофи жанрҳои хурди осори мансури адабӣ, ки таърихи зиёда аз нимасра дошта, давраи ташаккули онҳо ба солҳои 20-уми асри XX рост меояд, омили зиёд муассир будаанд. Адибони шӯравии тоҷик бо дарки масъулияти баланди эҷодӣ ба офариниши воқеъгароёнаи зуҳуроти ҳаёт рӯй оварда ва ба эҷоди асарҳои пурмазмуну баландсанъат камари ҳиммат бастаанд. Дар ин раванд ҳикоянависӣ мавқеи хос ба даст овард, бо шаклу мазмуни тоза ба инкишоф расид, дар адабиёти муосири тоҷик беш аз пеш аҳаммият пайдо кард ва сафи муаллифоне, ки дар эҷоди ин навъи асарҳо қалам озмуданд, хеле зиёд гардид.

Ҳикоянависӣ бо вусъати ғояву мундариҷа ва умқи тасвиру таҳлили бадеӣ ҷиддан пеш рафта, аз ҷустуҷӯҳои хоси эҷодӣ ва такомули маҳорати баланди адабии муаллифон шаҳодат медоданд. Ҳикояҳои давраи муосир бо фаро гирифтани мавзӯъҳои гуногун ва ганҷинаи адабиёти муосирро ғанӣ гардонидаанд.

Дар вусъат ва густариши ҳикоянависии тоҷик саҳми Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун назаррас аст. Эҷоди адабии ин адиб аз диди ду давраи таърих – даврони шӯравӣ ва истиқлол хеле ҷолиб буда, омӯзиши ҳикояҳои ӯ барои муайян кардани мақоми номбурда дар насри тоҷик арзиши илмӣ дорад. Дар ин мақола махсусияти ҳикояҳои адиб дар давраи аввали эҷодӣ мавриди гуфтугӯ қарор гирифтааст.

Саттор Турсун аз аввалин марҳалаи кори нависандагиаш ба рангин ва пурқувват кардани маҳсули тафаккури бадеии худ кӯшида, ба таври ҷиддӣ ва устуворона барои сифатан беҳтар шудани мундариҷаи ғоявии ҳикояҳояш диққати хос додааст. Ин аст, ки маҳсули эҷодии ин адиб дар вусъати хоси эстетикиву ҷаҳоншиносии хонандаи муосир нақши равшан дорад. Ин шеваи муносибат ба эҷоди адабӣ аз ҳикояҳои аввалин дар маҷаллаву рӯзномаҳои «Садои Шарқ», «Тоҷикистони советӣ», «Маориф ва маданият» ва ғайра равшан мушоҳида мешавад. Аз баъзе навиштаҳои нависанда оид ба ҳадафҳои хос дар эҷоди ҳикоя низ огоҳ шудан мумкин аст. Аз ҷумла дар навиштае бо номи «Пайванди замин» аз марҳалаи аввали ҳикоянависии нависанда чунин изҳори назар шудааст: «Нахустин ҳикояи ман соли 1967, ки он вақт дар университет, дар шӯъбаи забони арабии факултети филология мехондам, дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» дарҷ шуда буд. Ҳикоя «Дар роҳ» ном дошта, бо вуҷуди норасоии бисёр дар забону услуб, мавзӯъ ва масъалагузорӣ, ба хаёлам тасодуфӣ набуд. Ман, албатта, имрӯз дар чунин андешаам. Он рӯзҳо баръакс – фикр мекардам, ки тасодуфан бошад ҳам, асари нағз навиштам, дар як ҳикояча гапи мехостагиамро гуфтам. Баъдтар чӣ? – фаҳмидам, ки ҳеҷ чиз нагуфта будаам. Шояд аз ҳамин сабаб он ҳикояро ба ягон маҷмӯаи худ дохил накардам. Аммо номаш... монд, ҳикояи дигари ман, ки соли 1968 ба унвони «Соҳиби кулоҳ» дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп шуда буд, пас аз таҳрири дуюм «Шабе дар роҳ» ном гирифт. Ҳоло ман ҳамин чизро дар ҷодаи насри бадеӣ аввалин қадами худ меҳисобам» (6).

Бояд гуфт, ки дар эҷодиёти нависанда ҳикоя байни жанрҳои дигар – новелла, повест (қисса) ва роман аз лиҳози миқдор ҳам назаррас аст. Дар ин фосилаи эҷоди адабии нависанда маҷмӯан зиёда аз 35 ҳикоя эҷод шудааст. Дар маҷмӯаи нахустини нависанда «Дили гарм» (1971) ҳафт ҳикоя – «Хостгор», «Нигина», «Хоҷамаст», «Гулдаста», «Як пиёла чой», «Соҳиби кулоҳ», «Боздид» фароҳам омадаанд. Дар

маҷмӯаҳои «Санг дар бағал ба тӯфон» (2002), «Зимистони умр» (2006) низ миқдори назарраси ҳикояҳо ҷой ёфтаанд. «Чорбанди домангир» (2011) ном китоби С. Турсун низ саросар иборат аз ҳикояҳост. Нависанда дар «Мунтахаби осор»-аш (2013) ҳам 24 ҳикояи солҳои гуногунро фароҳам овардааст. Ин ҳикояҳо равшан нишон медиҳанд, ки нависанда то чи ҳад аз ҳаёт ва эҷоди адабӣ баҳраманд аст ва ба тасвири воқеаҳои зиндагии рӯзмарраи ҳамзамонон ва паҳлӯҳои муайяни хислату характери онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст.

Ҳикоя чун жанри хурди насри бадеӣ ба нависанда имкон додааст, ки ба масъалаҳои зарурӣ ва таъҷилии ҳаёт дахл намуда, сари вақт барои дарки моҳияти онҳо ба хонанда ёрӣ расонад, ба талаби рӯзафзуни замон ҷавоб диҳад, дар бартараф кардани нуқсу монеаҳо ҳисса гузорад ва дар ин роҳ ба дастовардҳо бирасад. Нависанда имкон ёфтааст, ки дар жанри мазкур як ё чанд воқеаи ҳаёт, зоҳиру ботини қаҳрамон ва рафтору амалии ӯро равшану реалистона тасвир намояд.

Ҳикояҳои адиб аз диди масъалагузорӣ, фарохии мавзӯъ, мазмунҳои миллӣ ва оҳангҳои умумибашарӣ низ ҷолиби диққатанд. Ҷиҳати хуб ва назарраси эҷодиёти С. Турсун дар эҷоди ҳикоя аз ин иборат аст, ки онҳо қабл аз ҳама ба васфи одамони поквичдон, хушодоб ва фаъол равона шудааст. Адиб дар саросари ҳикояҳояш ба характер ва моҳияти инсон дар ҷомеа баҳо медиҳад ва моҳияти маънавии рафтори инсонро бозкушо мекунад. Ин аст, ки ин ҳикояҳо нуфузи зиёде ёфтаанд. Ҳатто тарҷумаи асари С. Турсун «Камони Рустам» ба забони русӣ (Москва: Нашриёти марказии «Молодая гвардия», 1979) ба табъ расид дар маҷлиси Шӯрои адабиёти тоҷики Иттифоқи нависандагони шӯравӣ аз ҷониби А.М. Боршаговский, Д.М. Молдавский, Н.Н. Кладо, И.В. Денисова, Д.С. Комиссаров, Н.С. Евдокимов, И.С. Брагинский, Ш. Ниёзӣ, адибони тоҷик М. Қаноат, Ф. Муҳаммадиев, М. Шукуров, Р. Ҳодизода, Ю. Акобиров, Сорбон, ва дигарон муҳокима шуд. Мухтасари ин суҳбат дар маҷаллаи «Садои Шарқ» (№6, 1980) ба нашр расидааст.

Як силсила ҳикояҳои Саттор Турсун дар ин давра, аз ҷумла «Боздид» (1967, 1983), «Хостгор» (1968), «Хоҷамаст» (1969), «Талқини суруд» (1970), «Васият» (1970), «Чорсӯ» (1972) ва ғайра ҷанбаи нерӯманди ҳамосавӣ дошта, аз воқеияти реалӣ маншаъ гирифтаанд ва қаҳрамонони ин навъ осор ҳамзамонони муаллифанд. Нависанда дар тасвири воқеаҳо ба меҳру муҳаббати ҳақиқӣ, меҳнатдӯстӣ, ватанхоҳӣ диққати хоса дода, кӯшидааст, ки падидаҳои зишту манфиро маҳкум намояд. Аз ин навъ ҳикояҳо хуб ва равшан маълум мешавад, ки Саттор Турсун аз ибтидои роҳи эҷодияш асарҳояшро бо ду сабк – лирикӣ ва ҳамосавӣ офаридааст.

Ҳикояи «Шабе дар роҳ» (1967) ба таъкиди адиб ба маҷмӯаи повесту ҳикояҳои нависанда «Камони Рустам» бо таҳрири дувум дохил шудааст. Дар ин ҳикояи ҳаҷман хурд воқеаи раисро дар байни роҳ монда рафтани ронанда тасвир шудааст. Дар ин ҳикоя зуҳуроти муносибатҳои инсонӣ дар деҳаи Сайроб ба тасвир омада, нақл аз забони «ман»-и қаҳрамон сурат ёфтааст. Абдулло – қаҳрамони ҳикоя баъди адои таҳсил аз Душанбе ба деҳа бозгаштанӣ мешавад ва шоҳиди воқеаҳои аҷиб мегардад. Назди ӯ «Газик»-и қаҳваранге омада ва ӯро соҳиби он Ғанӣ бо Иброҳимови раиси савхоз ҳамроҳашон гирифтанд. Дар роҳ ногаҳон Иброҳимов фармон дод, ки Ғанӣ мошинро бозгардонад. «Газик» аз роҳи Бойсун ба сӯи Саримаск равон гардид. Дар Саримаск Иброҳимовро сарчӯпон ва чӯпонҳо пешвоз гирифтанд. Ҳангоми бозгашт мошинро бӯйи гӯшти хом фаро гирифт. Иброҳимов бо Ғанӣ ҷанҷол оғоз карда ва барои авбошии ду сол пешинаи ӯ ва ҳабс шуданаш таъна зада ва суханҳои қабеҳ мегӯяд. Ғанӣ ниҳоят «об аз сарам гузашт» (7, 526) гӯён ҷавобан ба рафтори Иброҳимов мошинро боздошта, ӯро аз мошин берун кард ва «дузд ҳам ту, ҳаромхӯр ҳам ту, занакбоз ҳам ту...» (7, 526) таъна дод, дари мошинро сахт пӯшид ва ба мошин нишаст. «Газик» такон хӯрда, ба раҳи омадааш баргашт. Қариби субҳидам мошин ба Бойсун расид ва Ғанӣ онро сари раҳ боздошт ва халтаи калони гӯштро пуштора карда ба шӯъбаи корҳои дохилӣ даромад. Ин рафтору кирдорҳо чунон рангин тасвир шудаанд, ки хонандаро ба хулосаҳои амиқи зиндагисоз раҳнамун месозад. Нависанда ҳикояро чунон анҷом дода, ки тақдири Иброҳимов ва Ғанӣ чӣ мешавад, хонанда қазоват мекунад.

Рафтори соҳиби мошин навъе исёнест бар зидди ноинсофию ғурур ва аз вазифа сӯйистифода кардани шахси соҳибмансаб. Иброҳимов дар ин ҳикоя бо сабаби ширакайф буданаш ҷуссаи фарбеҳашро ба ин тарафу он тараф алвонҷ медод [7, с.378]. Ин гуна тасвирҳо маҳз ба ошкор кардану нишон додани асли табиату хислати ин гуна инсонҳо ба кор гирифта шудаанд. Дар рафти нақл муносибати ровӣ ба воқеаву иштирокдорони он ва ё муҳокимаву андешаронии персонажҳо ба назар намерасад ва натиҷабарорӣ аз ҳикоя ба хонанда вогузор мешавад. Нависанда кӯшида, ки диққати хонандаро ба зуҳуроту муаммои ҳаёти иҷтимоии ҷомеа – дуздиву порахӯрӣ ва аз мансаб сӯйистифода кардани бархе аз ашхоси соҳибвазифа ҷалб намояд.

Ин асар яке аз аввалин қадамҳои нависанда дар роҳи ҳикоянигорӣ буда, роҳеро барои такмили эҷоди ҳикоя ҳамвор кардааст. Бо чунин шеваи чустуҷӯ Саттор Турсун дар ҷодаи адабиёт роҳгузари тасодуфӣ набудани худро исбот намуда, бо назари тоза, интихоби мавзӯи ҷолиби таваҷҷӯҳ, ба коргирии сабку шеваи матин, усули диққатангези нигориш дар эҷоди ҳикоя даст ба навигарӣ зад. Хусусан дар ин гуна таълифот мавзӯи мазаммати рафтору кирдори ашхоси аз равиши ҷомеа дурмонда ва набард дар заминаи устувор кардани зиндагии навин дар Тоҷикистон, рӯзгор ва кору бори ҷавонони солҳои панҷоҳуми асри

гузашта мақоми хоса пайдо карданд. Ҳикояҳое «Нигина» (1973) ва «Гулдаста» (1976) аз ин ҷиҳат арзиши баланди бадеӣ ба даст овардаанд. «Агарчи ҳанӯз доираи фарогирии ҳаёт ва гузоштани масъалаҳо дар ин ҳикоёт чандон пурвусъат нест, вале ба воқеаву ҳодисоти муҳим ва масъалаҳои ахлоқӣ даст зада, дар тадқиқи иҷтимоии онҳо кӯшиш намудан худ шаҳодати қадамҳои ҷиддӣ ва устувори Саттор Турсун дар ҷодаи эҷод мебошанд» [8, с.10].

Ҳикояи «Нигина» аз нигоҳи банду баст, сужетсозӣ, образофаринӣ ва тарзи баён дастоварди тоза буд, ки аз як ҳикоя то ҳикояи дигар пеш рафтани ӯро нишон медод. Нависанда дар ин ҳикоя андешаеро талқин сохта, ки ишқу муҳаббат асоси оиладорӣ ва ҳаёти хушу хуррам аст. Ин ҳикоя ва «Қиссаи чашмони сиёҳ» (1968) бо сабки лирикӣ эҷод шуда, «ман»-и нависанда дар ҳикояҳо нақши муҳим дорад ва нақл аз тарафи шахси якум сурат мегирад. Чӣ дар банду баст, сужетсозӣ ва образофаринӣ ва чӣ дар тарзи баён ҳикояи мазкур дастоварди тозаи нависанда аст, ки аз як ҳикоя то ҳикояи дигар пеш рафтани ӯро нишон медиҳад. Ин ҳикоя ҳам аз воқеият бархостааст ва се сужет дорад, ки се ҳалқаи як занҷиранд. Сужети аввалин зиндагии Аброр Асроров ва ҳамсари ӯ Амина аст. Аҷиб он аст, ки Аброр Асроров пас аз анҷоми ёфтани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба хонааш, ба назди зану фарзандаш нарафта, рост ба ноҳияи Дарбанд омада ва ин ҷо зиндагиву кор мекунад, боре ҳам зану фарзандашро ёд намеорад. Нависанда нишон надодааст, ки сабаби чунин рафтори Аброр Асроров чист?

Шояд дар вақташ байни зану шавҳар дилсардие рух дода бошад ё сабаби дигар, хонанда аз ин ҳикоя ба саволи худ ҷавоб пайдо намекунад. Амина муаллима аст ва духтараш Нигина ном дорад. Онҳо аз бозгашти падар бехабар ҳабдаҳ сол дар фурқат зиндагӣ ба сар мебаранд.

Сужети дувум муносибати Нигина бо қаҳрамони асосии ҳикоя Собир аст, ки баъди хатми Донишкада дар сафи Артиши шӯравӣ хизмат мекард. Ӯ ҷавони озода, хушодобу хушахлоқ, ватандӯст тасвир ёфтааст. Маҳз ҳамин Собир, ки дар ноҳияи Дарбанд бо Аброр Асроров шинос шуда буд, бо зӯрӣ нишонаи ҳамсари ӯро мегирад. Ҷои хизмати Собир, ки ба колхози «Меҳнат – роҳат» наздик буд, ӯ Аминаро пайдо карда, аз зинда будани шавҳараш огоҳ намуд. Ҳамин тариқ бо духтари ӯ Нигина ошно шуд. Минбаъд, робитаи онҳо идома меёбад ва ба ишқу муҳаббат мубаддал мегардад. Лекин вобаста ба шароити хизмати ҳарбӣ Собир наметавонад, ки тақдири худро сари вақт бо Нигина бипайвандад. Нигина, ки нишонаи падарашро аз Собир гирифта, ба назди падараш рафта буд, борҳо ба ӯ нома фиристода бошад ҳам, ба дасти Собир намерасад, аз ӯ ҷавобе намегирад, дар ҳамин вазъият падараш Нигинаро ба Абдуҷалил ном ҷавони худӣ хонадор мекунад. Ин хонадорӣ бе ишқу муҳаббат буд. «Ман бадбахтам, – менависад Нигина ба дугонааш Валентина, – зеро ки ғайр аз Собир дигар ҳеҷ касро хуш карда наметавонам» [1].

Сужаи ҳикоя чунин ранг мегирад, ки Нигина тарки оила мекунад ва ба хонаи Собир омада менишинад. Хонанда пай мебарад, ки онҳо зану шавҳар хоҳанд шуд. Сужети сеюм, иборат аз муносибати Нигина ва шавҳараш Абдуҷалил аст. Азбаски Нигина ӯро дӯст намедошт, амри падарашро шикаста натавониста, маҷбуран ба хонадорӣ розӣ шуд, оилааш маҳрум аз муҳаббат буд, ҳарчанд Абдуҷалил ӯро дӯст медошт, аммо Нигина мувофиқа накард, чун ошиқи содиқ ба хонаи Собир рафт. Аз ин сужаҳо маълум мешавад, ки таваҷҷӯҳи нависандаро воқеаҳои мураккаби зиндагӣ ба худ кашидааст. Ӯ образҳое меофарад, ки якранг нестанд, ҳар яке сарнавишти хос доранд, бо душворӣ бошад ҳам, дар зиндагӣ мавқеъ ва мақоми худро пайдо мекунанд. Саттор Турсун дар ин ҳикоя ишқу муҳаббатро асоси оиладорӣ ва ҳаёти хушу хуррам медонад.

Нависанда бо эҷоди ҳикояи «Нисфирӯзӣ» (1972) «дар роҳи зоҳир кардани шиддати муборизаи ғояҳо, барҳӯрди ақидаҳои зидди якдигар ва ба ин восита устувор намудани идеалҳои олии ҷамъияти мо» [7, с.215] қадами устувор пеш гузоштааст. Ӯ бо тасвири рафтор, гуфтор ва бозгӯи андешаи қаҳрамон ва персонажҳои ҳикоя сифатҳои бади инсон – ҳирсу худбиниро, ки дар образи Ҳомид таҷассум ёфтаанд, маҳкум кардааст. Фалсафаи Ҳомид дар ҷараёни нақли воқеа аз рафтору гуфтор аён шуда, аммо хислатҳо ва дунёи маънавии қаҳрамони ҳикоя – Эраҷро танҳо аз андешаву гуфтораш пай бурдан мумкин аст. Нависанда дар эпизодҳои гуногун паҳлӯҳои манфии характери Ҳомидро, ки дар муқобили Эраҷ «фаъолтар» аст, нишон медиҳад. Эраҷ одами андешаманду мушоҳидакор ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, дар эпизоди охири ҳикоя, дар нимароҳ гӯё «косаи сабри ӯ лабрез мешавад», аз Ҳомид нигоҳ доштани мошинро талаб карда, ҳаққи хизматашро медиҳад ва аз мошин мефарояд. Чунин рафтори Эраҷ оштинопазир будани меъёрҳои маънавию ахлоқии ӯро бо рафтору кирдори Ҳомид ошкор месозад.

Дар ҳикояи «Мӯйсафедон» (1980) ҳаёти вазнину тоқатфарсо ва асли воқеияти душворгузари солҳои 20-30-юми асри XX, рӯзҳои сахти ба сари мардум омадаи солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва иҷтимоии деҳотиёнро ба василаи образи ду мӯйсафед – Собир Мухтор ва Абдукарим намоён карда, байни дирӯзу имрӯз пайванд ва миёни замону инсонҳо алоқамандиро ба миён меорад. Нависанда ба олами рангину пуртазоди қаҳрамонҳои ҳикоя назар андӯхта, хонандаро аз рисолату разолати инсонҳо огоҳ месозад.

Дар ин ҳикоя аз зиндагии муйсафедони деҳаи Сина, ки умрашонро ба пешрафти ҷомеа, ободии деҳа ва ташкили колхоз дар деҳаи Сабзнавор сарф карда, сазовори иззату ҳурмати аҳли деҳа шудаанд, сухан рафтааст. Дар дами марг Собир Мухтор ба дӯсти ҷониаш мегӯяд, ки «агар ман мурам... ба мардум пул намедиҳед. Мегӯед, ки васияти марҳум хамин буд... ман ҳамон ду ҳазор сӯми барои хайрот мерафтагиро

аллакай ба ҳисоби давлат гузаронидам, ки вақте қубур хобонда, ба Сина об даровардан̄ шаванд, аз номи ман харҷ кунанд...

– Бигузор кӯдакон ҳар вақт серӣ об нӯшида, маро ба ёд оранд. Гӯянд, ки замоне дар ин деҳа Собир ном як одам зиндаг̄ мекардааст» [5, с.105].

Ин хислати ҷолиби қаҳрамон аст, аммо Муҳаммадсаид, ки чилу ҳафт сол пеш барои авбош̄ ва мухолифиаш ба ҳукумати шӯро паси панҷара нишаста буд, ба Собир Мухтор чунин таъкид кардааст: «Хайр, лекин ин ноодамиатро фаромӯш накун, писари гадо! Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накун. Дунё – дунёи қасос! Маро ҳам Худо ягон рӯз андаам мегӯяд. Ана баъд мебин̄...» [5, с.122].

Муҳаммадсаид Абдукаримро низ чашми дидан надошт. Зимни вохӯрӣ дар роҳи азохона Муҳаммадсаид ба ӯ чунин таъкид кард: «Ту ҳам иншооллоҳ, аз ман пештар мемурӣ...» [5, с.127].

Нависанда ҳамин ду ҷиҳати ихтилофи ахлоқи ҳамзамононро хеле равшан гӯшзад кардааст. Ин осор баёнгари онанд, ки ғунҷоиши мазмуну мӯҳтавои адабиёт ва савияи аҳдофи нависанда аз бисёр ҷиҳатҳо ба савияи фикриву инсонии қаҳрамони он вобаста аст. Қаҳрамон аз қишрҳои ҷомиа интихоб шуда, бештар сари масъалаҳои ахлоқи иҷтимоӣ андеша меронад, ӯ шахсест, ки савобу гуноҳаш баробар аҳаммият пайдо кардааст.

«...Ту, эҳтимол, шабу рӯз марги маро мунтазир бош̄. Чунки ман он воқиаи нанговарро дида, тарафатро нагирифта будам; зиёда аз ин мехостам, ки мувофиқи гуноҳат ҷазои сазовор бин̄... Ман дар кулак кардани падарат ҳам иштирок доштам. Ту инро, албатта, фаромӯш накардай, Муҳаммадсаид, фаромӯш ҳам карда наметавон̄...» [5, с.123].

Дар ҳикояи «Қиссаи марди гаҳворасоз» (1985) таърих аз назари як марди од̄, вале дорои ҷаҳони маънавии бою рангин бозгӯ шудааст. Аз ин нуқтаи назар, гузаштаи ӯ ҳастии маънавии ӯ ба назар омада, ин нукта дар меҳвари асосии идроку тафаккури қаҳрамон ҷой дода шудааст. Меъёри руҷӯъ ба таърих, муносибат ба гузашта ва эҳсоси ворисият маҳаки асосии андеша ва афкори қаҳрамон шинохта шудааст. Бояд аз ҳамин меъёр ва равзана ба ин осор баҳои муносибе диҳем ва робитаи ногусастании таърих ва замони имрӯзаро устувор гардонем. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар ҳикояи мазкур образҳое офарида шудаанд, ки ҳунари нависандаро дар чеҳраофарин̄ хеле моҳир нишон медиҳад. Тасвири образи марди гаҳворасоз тасвири хеле барҷаста буда, олами ботинии ӯ гувоҳи андешамандӣ ва солории ӯст.

Дар ҳикояҳои С. Турсун рӯҳияи инсон борикбинона, мӯшикофона тасвир шудааст. Аз аввалин сатрҳои суханони қаҳрамонон равшан мешавад, ки онҳо чӣ рисолате дар ҷомеа бар дӯш дошта, то чӣ андоза посухгӯйи розҳову дардҳои ҷомеа ҳастанд. Ин осор таърихи зиндагии маънавии инсонро бо тамоми фарозу нишеб ва нуқсу норасоияш нишон дода, дар мисоли хислату характери мардуми пиру ҷавон зуҳуроти ҳусну одобу ахлоқ ва, дар баробари ин, қабоҳату разолати инсон̄ ошкор гардидаанд. Мо аз ин осор ба як идда масъалаҳои ахлоқ̄, иҷтимоӣ ва маънав̄ бармехӯрем. Раванди худогоҳии милл̄ ва худшиносии иҷтимоии мардуми тоҷик дар замони муосир бо рангҳои мухталиф тасвир шудаанд. Ин аст, ки шиору мароми зиндагии қаҳрамонҳои нависанда барои дарки салими таърих ва замони ҳозира, кашфи расму ойинҳои милливу аҷдод̄, фаро рафтан ба умқи таърих ва маънавият мусоидат мекунанд.

Осори бадеии нависанда, хусусан, ҳикояҳо аз лиҳози расоӣ, фикри матин, фишурдаг̄ ва эҳчамии матолиби зиндагии замони муосир дар байни осори ҳамзамонон мумтоз ва дорои тафовутҳои ҷидд̄ ҳастанд. Чеҳраи нависанда дар ин осор як навъ донандаи хуби таърих ва кошифи суннатҳои милливу аҷдод̄, равоншиноси хушсалиқа, дармонгари рӯҳиёти миллии мардум намоён мешавад.

Қиссаву ҳикояҳои Саттор Турсун дорои сужетҳои рангин буда, аз ҷиҳати ҳаҷм, мавзӯъ ва фарогирии масоили зиндаг̄ хеле нуктаҳоро дар бар мегиранд ва аз ҳамдигар тафовут доранд. Симоҳои таҷассумёфта дар қиссаву романҳои нависанда мардуми одиву сода, аз қабили ниёзмандон, бечорагон, ҳунармандон, зиёиёни раҳгумзада ва амсоли инҳо мебошанд. Саттор Турсун адибе бо ҳаёт ҳамнафасу ҳамшарик ва ҳамқадам аст.

Дар ҳикояву қиссаҳои С. Турсун мазмуну мӯҳтавои башардӯст̄, меҳану меҳанпарвар̄, ҳақиқатҷӯиву ҳақталаб̄, фошкунии бебокона, рафъи нуқси ҷомеа ва тараннуми ишқи поки самим̄ хеле мӯшикофона дар мавқеъ ва аз лиҳози мантиқ устувор таҳлил шудаанд. Ин мавзӯот дар ҳикояҳои «Шабе дар роҳ» (1967), «Нигина» (1967), «Мӯйсафедон» (1980), «Қиссаи марди гаҳворасоз» (1985) равшан таҷассум ёфтаанд, ки дар он ҳусну қубҳи зиндаг̄, ҳамзамон номӯътадилии ҷомеа дар як давраи таърих, бекор̄, ниёзмандии ашхоси ҳунарманд ва ғайра инъикос гардидаанд.

Асарҳои Саттор Турсун аз нигоҳи сохтор ва фарогирии мавзӯъ ва муҳтаво зодаи табъу идроки салими ӯст. Ин ба он ҷиҳат аст, ки ҳамеша мавзӯю масоили наву тозаеро мавриди назар қарор медиҳад, андешаву назари мардумро ба равандҳои умдаи ҳаёти ҷомеа – чи матлубу чи номатлуб ба ришгаи тасвир гирифта, авзои фазои ҷамъиятро ба таври бадей̄ дар қиссаву ҳикояҳояш инъикос месозад. Дигар ин ки нависанда баъзе ҳикояҳои худро ба анҷом нарасонида, хулосаи онро ба хонанда ҳавола мекунад, яъне қазоват аз хонанда аст, ки ба қадри тафаккуру идроки хеш маънӣ мечинад.

Нависанда воқеияти давру замонро дар ойинаи осораш нишон дода, бад-ин васила диққати аҳли ҷамъиятро ба ҳаллу фасли масъалаҳои актуалии зиндаг̄ мутаваҷҷеҳ сохтааст.

Нависанда дар ин гуна асарҳо на воқеаҳои бофтаю сохта, балки воқеияти реалиро ба тасвир гирифтааст. Ӯ фикру андеша, ҷаҳонбинӣ ва рӯҳу равони мардумро фаъолона тасвир кардааст. Муаллиф шаклҳои гуногуни типсозиро ба кор бурдааст. Онҳо асоси воқеӣ доранд, вале дар офариданашон нависанда аз тахайюли бадеӣ низ баҳра бурдааст. Ҳамаи равандҳои сиёсию иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва маишӣ, маънавӣ ва кайфияти аҳли ҷомеа бо тамоми мураккабот, зиддият, задухӯрд, хулосаю натиҷаҳояш ба таври бадеӣ дар новеллаҳои адиб хеле эътимодбахш инъикос ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, дар ҳикояҳои нависанда дар пайванд бо талаби хоси мафкуравиву ниёзҳои маънавии як давраи бузурги ҷустуҷӯҳои адабӣ мавзӯоти ҷолибу муҳим, тасвирҳои нав, характерҳои тоза ва хулосаҳои назаррасеро мебинем, ки арзиши баланди иҷтимоӣ ва инсондӯстӣ доранд. Зикри воқеаҳо ва хотираҳои мухталиф, силсилабандии тасаввур ва эҳсосоти мардум манзараҳои дурӯзу имрӯзи ҳаётро рангин кардаанд. Нависанда дар як давраи томи таърихи халқу кишвар тавонистааст, ки ваҳдати маънавии наслҳо ва ягонагии фикру андешаҳоро равшан ифода намояд. Метавон ба ин натиҷа расид, ки ҳикояҳои Саттор Турсун аз нигоҳи сохтор ва фарогирии мавзӯъ ва муҳтаво барои ҳалли муаммоҳои сохтмони маънавии ҷомеа арзиши назаррас касб кардаанд. Нависанда ҳамеша мавзӯю масъалаҳои наву тозаро мавриди таваҷҷӯҳи амиқ қарор дода, андешаву назари мардумро ба равандҳои умдаи ҳаёти ҷомеа – чи матлубу чи номатлуб ба риштаи тасвир гирифта, авзои ҷомеаро ба таври бадеӣ ва равшан инъикос кардааст.

АДАБИЁТ

1. Турсун, С. Нигина (Ҳикоя) / С. Турсун // Маориф ва маданият. – 1967.–30 январ.
2. Турсун, С. Хостгор (Ҳикоя) / С. Турсун // Садои Шарқ. – 1968. – №9. – С. 28-39.
3. Турсун, С. Гулдаста (Ҳикоя) / С. Турсун // Садои Шарқ. –1969. – №3.– С.62-69.
4. Турсун, С. Ҳоҷамаст (Ҳикоя) / С. Турсун // Садои Шарқ. – 1970. – №7. – С. 78-83.
5. Турсун, С. Барф ҳам мегузарад / С. Турсун. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 366 с.
6. 6.Турсун, С. Пайванди замин (Ҷавоби нависанда ба чанд мактуби хонандагон) / С. Турсун // Адабиёт ва санъат. –1986. –1 январ.
7. Турсун, С. Мунтахаби осор / С. Турсун. – Душанбе: Адиб, 2013. – 560 с.
8. Нурқаев, Қ. М. Саттор Турсун ва таҳаввули насри психологии тоҷик. Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик) / Қ. М. Нурқаев. – Душанбе, 2019. – 52 с.
9. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М. Шакурӣ. – Душанбе: Чопхонаи Пайванд, 2006. – 456 с.
10. Шукуров, М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 160 с.

ОСОБЕННОСТИ РАССКАЗОВ ПЕРВОГО ПЕРИОДА ТВОРЧЕСТВА САТТОРА ТУРСУНА

В статье рассматривается процесс творческих поисков Народного писателя Таджикистана Саттора Турсуна и его вклад в распространении сочинения рассказов в Таджикистане. По мнению автора, литературное творчество писателя представляет интерес с перспективы двух исторических эпох, а изучение его рассказов написанных в советскую эпоху и в период независимости обладают огромной ценностью в определении места писателя в таджикской прозе. Подвергнуты рассмотрению особенности рассказов писателя в первый период его творческой деятельности. Из содержания статьи следует, что сочинитель с первых попыток пробы пера прилагал всевозможные усилия для украшения и придания разнообразия содержанию рассказов, что сыграло значимую роль в развитии эстетических взглядов и расширении кругозора современных читателей. Писателю удалось достичь заметных успехов при тщательном подходе к художественному анализу и изображению, к идее и содержанию в ходе сочинения рассказов, что свидетельствует об обширном творческом поиске и совершенствовании писателем своего мастерства. Творческие поиски писателя в развитии рассказа достойны внимания.

Ключевые слова: *Саттор Турсун, две исторические эпохи, советский период, период независимости, малый жанр художественной прозы, рассказ, сочинение рассказов.*

PECULIARITIES OF THE STORIES WRITTEN IN THE DAWN OF SATTOR TURSUN`S CREATIONS

The article under consideration dwells on the process of creative searches done by the Tajik peoples` writer being Sattor Tursun and his contribution into the development of the Tajik storytelling. In conformity with the author`s opinion the writer`s literary production is interesting under the angle of two periods of history and the study of his stories referring to the Soviet and independence periods possess a significant value aimed at the determination of the writer`s status in Tajik prose as well. Proceeding from this assumption, the author makes an endeavor to canvass the specifics of the writer`s stories at the dawn of his creative activity, on the whole. It is underscored that from the very first steps of his creativity, the writer had attempted to color the content of the story and exerted a well-grounded role in the evolution of the modern reader`s aesthetic and ideological interests. It is testified that the writer achieved a significant success in the development of belles-lettres analysis and depiction of

the ideas and the content of a story and demonstrated the expansion of creative pursuits and his higher literary skill formation. In a nutshell, the writer`s searches are considered to be as an interesting one in the formation of the story.

Keywords: *Sattor Tursun, two periods of history, the Soviet period, the period of independence, small genre of belles-lettres, story, novel.*

Сведение об автора:

Раджабова Сарвара *– (PhD) докторант кафедры современной таджикской литературы ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова» Тел: (+992) 928389526 E-mail: subhonazamzod@mail.ru*

About the author:

Rajabova Sarvara *- a doctoral student (PhD) of the department of modern Tajik literature under the SEI «Khujand State University named after acad. Bobojon Gafurov» Phone: (+992) 928389526 E-mail: subhonazamzod@mail.ru*

ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ САИД ИМОДИДДИН НАСИМӢ

Сулаймонова Н.С.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ёдгориҳои таърихӣ, адабӣ ва чеҳраҳои барҷастаи ҷаҳони маънавии ҳар як қавму миллат бунёди аслии фарҳангу тамаддуни он сарзамин ба шумор меравад. Ва маҳз ҳамин омилҳо сабаб шуда метавонад, ки дар миқёси ҷаҳонӣ фарҳангу тамаддун ва забону адабиёти як миллате муаррифӣ гардида, бо дигар кишварҳо робитаҳои дӯстию адабӣ барқарор намояд.

Симоҳои нотакрори олами илму адаб ва фарҳангу маданияти кишвари Озарбойҷон ҳанӯз аз асрҳои миёна бо офаридаҳои беҳамтои хеш дар саҳифаи таъриху адабиёт номи худро бо ҳарфҳои тиллогин сабт кардаанд. Ин ҷо метавон аз Низомии Ганҷавӣ, Маҳастии Ганҷавӣ, Қатрони Табрезӣ, Ҳоқонии Шервонӣ, Саид Имодиддини Насимӣ ва Соҳиби Табрезӣ барин шахсиятҳои машҳури Озарбойҷонро, ки бо забонҳои озарию туркӣ ва форсию арабӣ асарҳо офарида ва то кунун дили миллионҳо ҳаводорони шеъру адабро тасхир кардаанд, ёдовар шуд.

Ҳар яке аз ин бузургон бо сабку равиши кору пайкори худ тавонистанд мактабҳои адабӣ ва равияҳои хосси худро бунёд намуда, пайравони услуби эҷоди худро пайдо созанд. Аз ин нуқтаи назар ҳаёт ва фаъолияти Саид Имодиддин Насимӣ, яке аз намояндагони барҷастаи адабиёти асри XIV-XV озар, ки бо забони форсӣ-тоҷикӣ девони комиле эҷод намудааст, хеле ҷолиб аст.

Имодиддин Насимӣ асосгузори назми фалсафӣ дар адабиёти Озарбойҷон буда, ӯро аксари муҳаққиқон яке аз бунёдгузорони адабиёту забони адабии озарӣ низ меноманд.

Оид ба таърихи таваллуд, зодгоҳ, муҳити оилавӣ ва айёми наврасию камолоти Саид Имодуддин Насимӣ маълумоти пурра то мо нарасидааст. Тазкиранависон ба таври мухталиф аз ҳаёт ва фаъолияти Насимӣ дар тазкираҳои худ қиссаҳо кардаанд. Ризоқулихони Ҳидоят ӯро аз Шероз, Эдвард Браун ва Ошиқи Чалабӣ аз «Насим» ном деҳкадае дар наздикиҳои шаҳри Бағдод, баъзе «Саид» ном доштани шоирро сабаб карда, мутмаъин ба аҳли араб будани ӯянд. Ва тахаллуси «Насимӣ»-и шоирро, ки аз забони арабӣ гирифта шуда, маънои «боди сабук»-ро дорад, тақвиятбахши гуфтаҳои худ мешуморанд. Бархеи дигаре макони таваллуди шоирро Табрезу Диёрбакр (яке аз вилоятҳоиТуркия) ва қисмате аслиашро аз мардуми туркман тахмин намудаанд. Аммо ҳиссаи зиёди муҳаққиқон ва тазкиранависон ҳамаи ин иддаҳоро рад намуда, иброз доштаанд, ки дар шаҳри Бағдод ҳеҷ маҳалле бо номи «Насим» вуҷуд надорад ва Имодаддин Насимӣ фарзанди Озарбойҷон буда, муддатҳои тӯлонӣ ба дигар кишварҳо, хусусан Осиёи Сағир сафар доштааст ва ғояҳои ҷараёни ҳуруфияро дар ҳамаҷо таблиғ кардааст. Сабаби марги шоирро низ ба ҳамин амалҳояш нисбат додаанд.

Ҳамин тариқ, мутафаккири бузург Саид Имодаддин Насимӣ тахминан солҳои 1369-1370 дар шаҳри Шимохии Озарбойҷон таваллуд шуда, ҳамон ҷо таҳсили илм кардааст. Аз таҳлили эҷодиёти шоир бармеояд, ки ӯ дар зодгоҳи худ маълумоти мукаммали илмӣ гирифтааст. Насимӣ илмҳои замони худ, ба хусус фалсафа, адабиёти халқҳои гуногуни Шарқ ва Юнони Қадим, илоҳиёту фиқҳ, тиб, ҳайат, нуҷум ва мантиқрохуб аз худ карда, бештар ба илмҳои фалсафаю мантиқ ва илоҳиёт майлу рағбат дошт.

Шоир дар баробари забони озарӣ донандаи хуби забониҳои форсӣ-тоҷикӣ, арабӣ ва туркӣ низ буда, бо ин забонҳо ашъори худро рангу бӯи тозае додааст. Забони озарбойҷонии шоир бошад, азунусурҳои нутқи шифоҳӣ ва халқии ин мардум хело ғанӣ буд. Аз ин лиҳоз, дар эҷодиёти шоир корбурди зарбулмасалу мақолҳои мардумии озарӣ мушоҳида мешавад. Ҳамчун як эҷодкори воқеан бузург, Насимӣ дар асарҳояш анъанаҳои беҳтарини на танҳо адабиёти Озарбойҷон ва забони гуфтугӯию ва фолклори озар, балки дигар халқҳои Шарқи Наздик ва Миёнаро ҳам моҳирона истифода бурдааст.

Номи аслии шоир Саид Имодаддин буда, бо тахаллусҳои адабии Насимӣ ва Ҳусейнӣ шеърҳо эҷод кардаю машҳур гардидааст. Саид Имодуддин Насимӣ аввалин шахсест, ки девони комили ғазалиёту

қитъаотро бо забони озарӣ барои имрӯзиёну ояндаҳо ба мерос гузоштааст. Ин девон, ки фарогири тақрибан даҳ ҳазор байт мебошад, заминаи мусоидеро барои арзи вуҷуд кардани назми фалсафии Озарбойҷон фароҳам овард ва ҳамчунин мақому нерӯи забони озариро дар риштаи адабиёт ба таври аёнӣ нишон дод. Ӯро, аҳли илму адаб ва фарҳанги Озарбойҷон ҳамчун бунёдгузори машҳури адабиёти ҳуруфия ва офарандаи мактаби бузурги адабӣ низ муаррифӣ менамоянд.

Дар баробари ин ашъори бо забони форсӣ-тоҷикӣ эҷод намудаи шоир низ хеле маъруфанд. Аз ин рӯ, ба эътиқоди муҳаққиқон «Имодиддин Насимӣ дар таърихи робитаҳои адабии халқҳои тоҷику озар мақоми махсус дорад ва ин мақоми вай чун насими бародарона дар тӯли асрҳо аз сарзамине ба сарзамине мевазад» [4, с. 139].

Ашъори форсӣ-тоҷикии Наисмӣ дар мавзӯоти ишқу муҳаббат, вафодорию матонати ошиқ, зебогию латофати маъшуқ ва комёбию нокомиҳои дилдодагон, зебогии ҷаҳон ва инсон суруда шуда, муаллиф дар онҳо бо истифода аз санъатҳои бадеӣ ва муқоисаҳои таъсирбахши шоирона суханро ба риштаи назм кашидааст:

Эй зи сунбул баста рӯят соябон бар офтоб,
Зулфи мушкинат шаби қадр асту рӯят моҳтоб.
Масти он чашми хушам, к-аз нотавонӣ як нафас
Ҳамчу бахти хуфтаам сар бар намедорам зи хоб.
То шуд аз шамъи рухаш парвонаи дил бохабар,
Ҳаст чун зулфат бар оташ риштаи ҷонам зи тоб.
Чун лаби лаъли ту бозори шакар бишкастааст,
Гавҳари назми Насимӣ қиммати дурри хушоб.[3, с. 60]

Ғазалҳои Насимӣ бо лутф ва тобишҳои забони шоирона ва воқеияти ҳиссиёт аз дигар ҳаммаслакон ва шуарои замонаш фарқкунанда аст. Вале, дар баробари ин, аз эҷодиёти шоир маълум мегардад, ки ӯ бо осору эҷоди мутафаккирони бузурги Шарқ - Абӯалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Ҳоқонии Шервонӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Шамси Табрезӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Шайх Аттори Нишопурӣ ва Хоҷа Ҳофиз ошноӣ дошта, офаридаҳои онҳоро бо майлу рағбати беандоза мутолиа мекардааст ва аз афкори динӣ, мазҳабӣ, фалсафиашон таъсир бардошта, дар макотиби эҷодию адабии ин бузургон ба камол расидааст. Барои мисол байтеро аз ғазалиёти Саъдӣ метавон оварда, ки дар он гуфта шудааст:

Шаби ошиқони бедил чӣ шаби дароз бошад,
Ту биё аз аввали шаб дари субҳ боз бошад.

Насимӣ ба ҳамин қолаб мегӯяд:

Шаби қадри беқаророн сари зулфи ёр бошад,
Маҳи иди некбахтон рухи он нигор бошад. [2, с. 36].

Ва ё Ҳофизи Шерозӣ фармуда:

Зи дар дарою шабистони мо мунаввар кун,
Ҳавои маҷлиси рӯҳониён муаттар кун.

Имоддудин Насимӣ ба ҳамин мазмуну дар ҳамин қолаб мегӯяд:

Сарои дидаи ашё ба нури худ мунаввар кун,
Машоми қудсиён мушкин, ҷаҳонро пур зи анбар кун. [2, с. 37].

Саид Имоддудин Насимӣ шефтаю ҷонибдори мазҳаби Мансури Ҳаллоҷ буда, аз он мадҳу ситоиш ва эҳтиром менамояд. Ҳатто дар баъзан мавридҳо аз Ҳаллоҷ дида, ҷасуронатар суханронию баромадҳо мекунад. Тибқи гуфтаҳои Атоуллоҳи Тадайюн «Насимӣ аз шефтагони мактаби Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ буду сароҳати лаҳҷаро ба қавли Ҳамид Муҳаммадзода, ки девонашро чоп кардааст, ба ҷое мерасонад ва сирри Аналҳақро он қадар фош мегӯяд, ки аз Мансур низ мегузарад ва ба қавли шоир, агар Мансур зинда буд, аз сари тақсири вай намегузашту ба хунаш фатво медод!

Гар аналҳақҳои моро бишнавад Мансури маст,
Ҳам ба хуни мо диҳад фатвову ҳам дор оварад.» [2, с. 38].

Аз Насимӣ ба мо ду девони ашъор - яке бо забони озарӣ ва дигаре бо забони форсӣ мерос мондааст. Ҳамчунин, дар эҷодиёти Имодаддин Насимӣ байтҳои пароканда бо забони арабӣ низ дида мешавад, ки, чунонки таъкид шуд, ишора ба соҳиби девони арабӣ будани шоир мебошад.

Дар адабиёти асримиёнагии Озарбойҷон эҷодиёти Имодуддин Насимӣ мавқеи муайян дошт. Давраи зиндагӣ ва ҷаҳонбинии шоир ба ниҳоят мураккаби зиддифеодалию лашкаркашиҳои муғулҳо рост омада, ӯ дар чунин муҳит ҳамчун шахсият ва шоир ташаккул ёфтааст. Дар пайи асари ин ҳучумҳо, хусусан ҳамлаҳои бераҳмона ва пай дар пайи амир Темур ва ҷонишинонаш кишварҳои Ховарзамин дар ҳоли вайрона қарор дошт. Сарҳадҳои давлатҳои мустақили хурд оҳиста-оҳиста аз байн мерафтанд. Табақаи ранҷбари ҷомеа чун ҳамеша зери фишор қарор дошт. Ҷинси одамӣ дар он замон арзиши худро аз даст дода, шаҳрҳои обод ба вайроназор табдил меёфт. Шаҳри Шимохии Озарбойҷон низ мисли дигар марказҳои маданию фарҳангии сарзамини Шарқ бар асари тохтутоз ва тороҷгариҳои муғулҳо боиси харобиҳои зиёд гардида буд. Вале бо вуҷуди ҳамаи он бедодгариҳо, ин шаҳр ҳамчун маркази фарҳангии кишвар бокӣ монд. Ғояҳои ҷараёнҳои динию мазҳабӣ, хусусан маслаки ҳуруфӣ дар он замон мафкураю эҳсосоти мардумро пурра фаро гирифта буд. Пеш аз зуҳури ҳуруфия дар Шарқ ҷараёнҳои дигари

тасаввуф низ ривоҷ ёфта буданд, ки ба эҷодиёти шоирону мутафаккирони он замон, хусусан Насимӣ таъсири назаррас расониданд.

Дар асрҳои миёна, пас аз ҷараёни тасаввуф яке аз шохаҳои маъруфи он «ҳуруфия» дар Озарбойҷон ривоҷ ёфт. Ин равия ҳамчун ҷараёни динӣ ва фалсафӣ дар асрҳои XIV-XV зуҳур карда, дар минтақаҳои гуногуни давлатҳои мусалмоннишин, хусусан Озарбойҷону Эрон, Туркияву Осиёи Марказӣ тавассути пайравонаш доман афрохт. «Маслаки номбурда чун як ҷараёни бидъатӣ бар хилофи шариати исломи расмӣ буд ва намояндагони он доимо ба рукну арзишҳои исломӣ зиддият зоҳир менамуданд. Муҳаққиқон ин ҷараёнро аз ҷиҳати шаклу маънӣ (дар мисоли адои намозу рӯза, ҳаҷҷу закот ва монанди ин дигар рукнҳои исломи расмӣ) ба маслаки исмоилия монанд менамоянд» [3, с. 6].

Ҳуруфиён Худоро дар намуди одам тасвир мекарданд, яъне тибқи таълимоти ин маслак Худо ин худи Инсон аст. Аз ҳамин сабаб, пайравони дигар дину оинҳо онҳоро кофир номида, бар зиддашон муборизаҳо мебурданд. «Инсони тарғибнамудаи ҳуруфиён ҳамон вақт хушбахт мегардад, ки дар худ Худоро бинад, яъне инсонро ба манзалати худоӣ бардоштан саодати заминӣ ва идеали иҷтимоии ҳуруфиён будааст» [1. с. 144]. Дар натиҷаи ин, дар ҳоли ба миён омадани хунрезиҳо ва бо сабабҳои сиёсию таъсиррасонии дигар мазҳабҳо, ривоҷёбии маслаки «ҳуруфия» ба таври назаррас суст мегардад. Вале ба ҳама зиддият ва шиканҷаҳо нигоҳ накарда, ин ҷараён, кидар асоси таълимоти пантеизм ба вуҷуд омада буд, дар асрҳои XIV-XV илму адаб ва фарҳангу афкори бадеии Озарбойҷонро дар ҳаде фаро гирифта буд, ки бе назардошти таъсири он адабиёти асримиёнагии ин кишварро дарк кардан ғайриимкон аст.

Асосгузори ҷараёни ҳуруфия Фазлуллоҳ Наимии Астарободӣ (1339-1394) буда, ӯ аз худ асарҳои назмию насрии зиёде ба ёдгор гузоштааст. Мазмун ва мундариҷаи эҷодиёти Наимии Астарободӣ мавзӯъҳои динӣ-фалсафӣ ва бадеӣ-фалсафиро фаро мегиранд. Асарҳои аз ӯ то ба мо расида «Муҳаббатнома», «Аршнома», «Ҷовиднома», «Васиятнома» ва девони ашъори лирикӣ мебошанд, ки асосан бо забони форсӣ ва ҳамзамон бо забонҳои арабию гургонӣ эҷод шудаанд. Девони ашъори Наимии Астарободӣ шеърҳоеро фаро мегирад, ки ҳам мавзӯъҳои дунявӣ ва ҳам динӣ-мазҳабӣ доранд. Шеърҳои мазмуни дунявӣ доштаи шоир баёнгари зиндагии одии инсонҳо ва воқеияти ҳаррӯза мебошанд.

Тавре ки дар боло зикр намудем, Насимӣ шогирди Наимии Астарободӣ буда, воқеан ҳам яке аз намояндагони барҷастаи ҷараёни ҳуруфия мебошад. Ҷараёнҳои тасаввуф, аз ҷумла ҳуруфия аз сарнавишти таърихӣ, фалсафӣ ва адабии сарзамини Шарқ ҷудонопазиранд. Маҳз ҳамин фалсафаи тасаввуфӣ Насимиро ба майдони сухани бадеъ ва баёни каломи озод оварда. Ҳуруфия бошад, диққати шоирро ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ҷалб намуд. Вале, мутааасифона, дилбастагии шоир ба ин оину ин маслак ӯро билохира ба коми марг бурд. Маҳз бо ҳамин сабаб шоирро дар таърихи адабиёту фалсафаи ҷаҳонӣ намояндаи барҷаста ва ҷонсупурдаи ҷараёни ҳуруфия ном мебаранд.

Осори Насимӣ, дар нигоҳи аввал, беҳтарину барҷастатарин мавзӯоти шеъри ошиқонаи замонашро барои хонанда пеши назар меорад, аммо вақте амиқан ба ин ашъор таваҷҷуҳ намоем, маълум мегардад, ки он эҳсосот на ишқи заминӣ, балки муҳаббати поку хосаи пуршӯр ва музтарибкунандаи рӯҳонист. Ин ишқу ситоишҳоро шоир тариқи корбурди моҳиронаи санъатҳои шеърӣ ва зери таъсири ҷараёни ҳуруфия чунон устодона ба риштаи назм кашидааст, ки мафҳуми онро хонанда на ҳамавақт ба осонӣ дарк мекунад:

Агар гӯям, ки меҳру маҳ зи рухсорат ҳаё бошад, *Агар гӯям, ки инсонӣ, маро шарм аз Худо бошад.*
Малакро нест ин сурат, ки то нисбат кунам ӯро, *Камоли ҳусну зебоӣ бадин сон ҳам туро бошад...*
Висолат нест он ганҷе, ки бар бегона бикшояд, *Ки онро ҳосил аст ин дур, ки бо баҳр ошно бошад.*
Нишон пурсидам аз дилбар дили гумгаштаро гуфто: *Ба ҷуз аз банди гесӯям дили ошиқ куҷо бошад...*
Насимӣ бо ту шуд якдил, қафо зад ҳар ду оламро, *Касе к-ӯ рамзи Ҳақ донад, ду олам дар қафо бошад.*

[3, с. 77]

Ашъори марбут ба мавзӯоти динӣ-мазҳабии шоир асосан тарғибгари маслаки ҳуруфист, зеро онҳо маҳз дар зери таъсири ҳамин ҷараёни динӣ ва фалсафӣ эҷод шудаанд. Омезиши тимсолҳоишоирона ва афкори фалсафӣ, устувории вазну қофия ва хушоҳангӣ яке хусусиятҳои хоси рубоию ғазалиёти ин мутафаккири бузург мебошад.

Чӣ тавре ки дар боло иброз доштем, пайравони ҷараёни ҳуруфия Инсонро ба мартабаҳои ниҳоят боло мебардошт ва таъкид месохт, ки Инсон ин худи Худост. Насимӣ низ ҳамин ақидаро пайравӣ карда, дар эҷодиёташ Инсонро ҳамчун офаридаи пуразиши Парвардигор ва ганҷинаи ҳақиқии ҷаҳон васф намудааст. Ба иборае дигаринсон, ақлу маънавиёт ва олами зебоии ӯ асоси офаридаҳои шоир аст. Насимӣ Инсонро бо Худо муқоиса менамояд ва кӯшиш месозад, ки Худоро бо симои инсонҳо дар замин нишон диҳад. Дар маркази ашъори шоир Худою Инсон мавқеи хоса дошта, ӯ таъкид месозад, ки Худо инсонро бо нури худаш мунаввар месозад ва дар ниҳоят рӯҳу ақли Инсон ба Худо наздик мешавад. Ҳамин матлаб мабдаи асосии ҷаҳонбинии шоир буда, оназ тасаввуф, дини Ислом ва дигар динҳою ҷараёнҳо, ки асоси пантеистӣ доранд, маншаъ мегирад.

Насимӣ таҳти таъсири пантеизм мафҳуми ягонагии оламро пеш аз ҳама ба олами гирду атроф ва Инсон нисбат медиҳад:

Толиби тавҳидро бояд қадам бар ло задан, Баъд аз он дар олами ваҳдат дам аз олло задан.
Шарти аввал дар тариқи маърифат донӣ, ки чист? Тарҳ кардан ҳарду оламрову пушти по задан. [3, с. 94]

Имодаддин Насимӣ дар эҷодиёти худ танҳо таълимоти ҷараёни ҳуруфияро истифода бурдааст. Аз ин рӯ шоир нерӯю ҷаҳонбинӣ ва донишу малакаи Инсонро беохир ва оламшумул баҳогузорӣ менамояд. Яъне ҳамин донишу хирад аст, ки шаъну шарафи инсониятро боло бардошта дар замираш ҳисси худшиносиро зинда гардонидааст ва дар ниҳоят ӯро ба шинохти Ҳақ мерасонад.

Дорои сифатҳои худоӣ будани Инсонро шоир бо он шарҳ медиҳад, ки дар ҳастии ӯ, яъне Инсон, тамоми қуввату қудрати худовандиро мушоҳида кардан мумкин аст. Бо ҳамин сабаб Насимӣ иброз медорад, ки Худо дар тамоми ашёву ҳастии олам таҷассум ёфтааст:

Ман ба тавфиқи Худо раҳ ба Худо ёфтаам, Фонӣ аз худ шудаву раҳ ба Худо ёфтаам.
Дар шифохонаи Руҳал-қудс аз дасти Масеҳ, Хӯрдаам шарбати шофиву шифо ёфтаам.
Агар аз Каъба ба бутхона равам айб макун, Ки Худоро ба ҳақиқат ҳама ҷо ёфтаам. [3, с. 101]

Бо чунин ақидаҳои худ Саид Имодаддин Насимӣ чун дигар пайравони ҷараёни ҳуруфия, ки дар эҷодиёташон бар муқобили рукну фарзияҳои исломи назариявӣ баромад намудаанд, аз ҷониби ҳукуматдорони замон, аҳли суннат ва зоҳидону тақводорон зери фишору шиканҷа қарор гирифт. Шоирро намояндагони дигар оину мазҳабҳо «зиндиқ» ва «кофир» номбурда, ҳарфҳои носазоро нисбаташ раво мебинанд. Ӯ ба он бадгӯиҳо тоб наоварда, пас аз аз қатли устодаш Наимии Астарободӣ, тарки ватан мекунад ва боқимондаи умри худро дар мусофират, дар кишварҳои Эрону Туркиё, Ироқ ва Сурия мегузаронад. Дар ин сафарҳояш низ Насимӣ ба таври густурда ғояҳои маслаки ҳуруфияро ташвику тарғиб намуда, ҷонибдорону мухолифони зиёде пайдо месозад. Хусусан дар шаҳри Ҳалаби Сурия ӯ пайравони зиёде пайдо кард. Дӯстону ҳаводони шоир дар кӯчаву бозор ва маҳфилу ҷамъомадҳо аз ашъори ӯ дар мавзӯоти ҳаёту хушиҳои умр, инсондӯстию фурутанӣ қироату замзама менамуданд. Бо ҳамин сабаб бадхоҳон ва душманони шоир дар ҳаққаш туҳмату бадгӯиҳо карда, дар назди ҳокими Миср Султон Муайяд ӯро ҳамчун беимону зиндиқ муаррифӣ кардан ва билохира ба марги фоҷиавӣ маҳкумаш сохтанд.Ҳокими Миср - Султон Муайяд, чноки қаблан таъкид гардид,зинда ба зинда пӯст кандани шоирро амр мекунад. Қатли Насимӣ тахминан дар соли 1417дар шаҳри Ҳалаб ба таври ваҳшиёна, яъне бо тариқи зинда ба зинда пӯст кандан, амалӣ мегардад. «Туҳмати асосӣ алайҳи Насимӣ ин буд, ки ӯ ашхоси нодону гумроҳро аз роҳ бурдаву дар гирди хеш ҷамъ карда, ба нашри ақоиди занодиқа пардохтааст» [2, с. 41].

Хулоса, Саид Имодиддин Насимӣ ҳамчун як шоири озодфикри замонаш дар ашъори худ ба хираду заковати инсон боварӣ доштани худро иброз дошта, тамоми ҳаёт бар зидди ҷоҳилию беадолатиҳои замон бо сухан ва иродаи комил мубориза бурдааст. Ашъори Насимӣ дар тамоми Ховарзамин машҳуру қобили қабул буда, ба забонҳои гуногуни дунё тарҷума гардидааст. Боиси зикр аст, ки осори ин нобиғаи машриқзамин ба фонди тиллоии адабиёти ҷаҳонӣ шомил буда, офаридаҳои ӯ имрӯзҳо мавриди омӯзишу таҳқиқоти адабиётшиносону файласуфон ва забоншиносон қарор дорад.

Шоир ва адиби нотакрори озар, соҳиби «Девони форсӣ» Имодиддин Насимӣ, ҳамчун устоди баркамоли сухан ва ҳакиму файласуфи абадзинда миёни халқҳои форсизабон шуҳрати хоса дорад. Ӯ ҳамчун як мутафаккири бузург бо офаридани «Девони форсӣ»-и худ бори дигар исбот намудааст, ки воқеан ҳам робитаҳои адабию дӯстию халқҳои тоҷику озар ногусастанӣ буда, таърихи қадима доранд.

АДАБИЁТ

1. Восеъ, Қ. Ойини риндӣ ё маслаки Ҳофиз.- Душанбе: Ирфон, 1991.-192 с.
2. Насимӣ Имомиддин Сайид Алӣ. Боғи чашм (дафтаре аз ғазалу рубоиёт). Таҳия, тадвин ва муқаддима аз Исфандиёр. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 112 с.
3. Насимӣ. Девон. Таҳия ва таҳқиқи Қурбон Восеъ ва Рухшона Восеъ.- Душанбе: Эр-граф, 2019.- 252 с.
4. Самад, В. Насими ашъори Насимӣ// «Садои Шарқ», 1973, №10.

ЖИЗНЬ И ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ САИДА ИМОДИДДИНА НАСИМИ

Саид Имодаддин Насими является поэтом и великим мыслителем XIV века, который внес огромный вклад в развитие науки и литературы, азербайджанской и таджикско-персидской культуры. Он родился в 1369-1370 году в городе Шемахе в Азербайджане. В юные годы поэт изучил несколько языков, поэтому персидский, арабский языки знал в совершенстве. Из творчества этого известного поэта и мыслителя до нас дошли его два «Дивана» на персидском и азербайджанском языках, которые состоят из фарда, рубаи, дубайти, кит'а, газелей и других лирических жанров. Произведения ИмададдинаНасими также содержат отдельные стихи на арабском языке, и это указывает на то, что у поэта также был «Диван» на этом языком.

Насими стал первым поэтом в истории азербайджанской литературы, писавшим любовные лирические стихи (газели) на азербайджанском языке. Он создал первые шедевры азербайджанской поэзии, заложив основы азербайджанского литературного языка.

Богатое наследие поэта-мыслителя Саида Имодаддина Насими и сегодня имеет важное значение. Поэтому жизнь и творчество Насими на протяжении многих лет находится в центре внимания научно-литературной мысли.

Насими был одним из самых преданных последователей движения хуруфия, которая выступала против принципов и гипотез исламской теории и подвергалась преследованиям со стороны правителей того времена и суннитов. Не потерпев эти оскорбления, поэт покидает свою родину.

В 1417 году в Халебе (Алеппо) по подстрекательству религиозных фанатиков Насими был задержан и казнен. По преданию, он принял мученическую смерть. То есть по приказу правителя Египта-Султана Муайяда с него за живо содрали кожу. Могила поэта находится в сирийском городе Алеппо и стала одной из самых известных святынь человечества.

Ключевые слова: *азербайджанская литература, литературные связи, ислам, процесс, мистицизм, хуруфия, Бог, Человек, поэзия Насими, влияние персидской поэзии, философия Насими.*

THE LIFE AND ACTIVITY OF SAID IMODIDDIN NASIMI

Said Imodaddin Nasimi is a poet and great literary of the XIV century, who made a huge contribution in the development of science and literature of Azerbaijan and Tajik-Persians culture. He was born in 1369-1370 in Shimokha in Azerbaijan. He began to learn several languages from this early age, but he knew Persian and Arabic fluently. There have come only two «Divan» from the works of this famous poet to us in the Persian and Azerbaijan languages, which consist of farda, rubai, dubayti, kit`a, qazelles and other lyric genres. The works of Imodaddin Nasimi also consist of individual verses in Arabic, which indicates that the poet also had «Divan» in this language.

Nasimi became the first poet in the history of Azerbaijan literature, who wrote love lyric poems (qazelles) in Azerbaijan. He created the first masterpieces of Azerbaijani poetry, laying, the foundations of the Azerbaijani literary language.

His rich legacy as a poet is still important today, so his life and work shave been under consideration of literary-scientific for many years.

Nasimi was one of the most devoted followers of the Hurufiya, who opposed the principles and hypotheses of Islamic theory and was persecuted by the rulers of the time and by the Sunnis. He didn't suffer in dignities send left his homeland. At the instigation of religious fanatics Nasimi was detained and executed in 1417 in Aleppo and he was martyred according to the legend. By order of the ruler of Egypt-Sultan Muayyad he was ripped off his skin.

The poet's grave is located in the Syrian city of Aleppo and it has become one of the most famous place of literary people.

Key words: *Azerbaijani literature, literary connections, Islam, process, mysticism, Hurufiya, God, Man, Nasimi poetry, the influence of Persian poetry, Nasimi philosophy.*

Сведения об автора:

Сулаймонова Насима Салохиддиновна*, специалист отдела социального маркетинга ректората ТГМУ им. Абуали ибн Сино, соискатель первого курса кафедры теории и истории литературы ТГПУ им. С. Айни.* ***Тел.****: +992 918 595783*

About the author:

Sulaymonova Nasima Salohiddinovna*, specialist of the social marketing department of administration of the ATSMU Abuali ibn Sino, first- year applicant for the department of theory and history of literature TSPU named after S. Aini.* ***Tel.:*** *+992 918 595783*

МУРАББӢ ВА МУҲАҚҚИҚ - АРАБШИНОС

Каримова Ш.Т.

Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои АМИҶТ

Мусаллам аст, ки равобити адабии халқҳои эронинажод ва араб собиқаи мадиди таърихӣ дошта, ҳанӯз пеш аз зуҳури ислом ба вуҷуд омада буданд. Барои таърихи равобити адабии арабу аҷамро ба таври амиқ омӯхтан лозим аст, ки ба сарчашмаҳои таърихию адабии арабӣ ва форсӣ, махсусан таърихи адабиёти Араб ва Эрон руҷӯъ намуда шавад. Дар бораи таърихи пайдоиши ислом якчанд олимони кишварҳои гуногун пажӯҳиш намудаанд. Дар ин масир метавон китобҳои Мюллер А. «История ислама. От доисламской истории арабов до падении династии Аббасидов»(2004), Бартольд Б.Б «Работы по истории ислама и арабского халифата»(2002), Матвеев К.П. «История ислама»(1895), Алии Даввонӣ «Таърихи ислом аз оғоз то ҳичрат» (1348ҳ), Густав Лобон «Тамаддуни ислом ва араб» (1367ҳ), З. Сафо «Таърихи улуми ақлӣ ва тамаддуни исломӣ» (ҷ.1, 1371ҳ) ва ғайраро номбар кард . Дар кишварҳои арабӣ таърихи адабиёти арабро низ якчанд муҳаққиқон пажӯҳиш намудаанд. Масалан, Ҷурҷи Зайдон китоби

«Таърих одоби –л-луғат ал-арабия» , Аҳмад Ҳасан аз – Зайёт китоби «Таърих -ул- адаби -л-араби», Тоҳо Ҳусайн «Таърих -ул- адаби- л-араби», Ҳасан аз –Зиёӣ «Таърих -ул- адаби-л-араби», Ҳанно ал – Фохурӣ «Таърих -ул- адаби-л-араби»- ро таълиф кардаанд. Ҳамчунин донишмандони Ғарб Р. Николсон, К. Брокелман, И.Ю. Крачковский, Х.А. Гибб, И.М. Фильштинский, А.Е. Крымский, Б.Я. Шидфарр, М.О. Аттая ва дигарон роҷеъ ба таърихи адабиёти араб китобҳо навиштаанд. Аз Эрон муҳаққиқони номвар Акбари Беҳрӯз «Таърихи адабиёти араб», Аҳмади Тарҷонизода «Таърихи адабиёти араб», «Таърихи фарҳанги арабӣ» – и Али Авсати Иброҳимӣ дар ин мавзӯъ китобҳо нигоштаанд. Бори аввал «Таърихи адабиёти араб» бо забони тоҷикӣ аз тарафи муҳаққиқи варзидаи тоҷик шодравон устод Абдушукури Абдусаттор манзури хонандагон гардид.

Дар ин замина арабшиносони тоҷик низ равобити адабии арабу аҷамро таҳқиқ намуда, дар китобҳои пуразриши хеш оид ба таърихи пайдоиш ва вусъати робитаҳои мутақобилаи қавми форсизабону арабизабон маълумоти муфассал додаанд. Дар миёни муҳаққиқони тоҷики арабшинос ба монанди устодон Тоҷиддин Нуриддин Мардонӣ, Абдушукури Абдусаттор, Низомиддин Зоҳидӣ, Саидраҳмон Сулаймонӣ, Нурулло Ғиёсов, Фахриддини Насриддин, Ҳамробоев Насимҷон ва дигарон номи фархундаи яке аз мумтозтарин донандагони адабиёти араб, бонуи Қуръонпажӯҳ, доктори улуми филологӣ, профессор Ғаффорова Умедахон Абдуллоевна тулӯи тобанда дорад.

Чи тавре ки дар википедиё дарҷ гардидааст, профессор У. Ғаффорова «муаллифи 2 монография, 1 маҷмӯи мақолот, 2 дастури таълимӣ – методӣ ва беш аз 250 мақолаҳои илмӣ – таҳқиқотӣ оид ба масоили шарқшиносӣ, робитаҳои адабиву фарҳангии Арабу Аҷам аст»[16].

Ин муҳаққиқи донишвар рисолаҳои аз ин зиёдеро дар ҷодаи арабшиносӣ ва робитаҳои адабии арабу аҷам таълиф намудааст: «Арабское красноречие (хутба) в ранние века ислама (1995) [8], «Қиссаҳои «Қуръон» дар «Тарҷумаи тафсири Табарӣ»(2004) [4] , «Сказания Корана в персидском переводе «Тафсира Табарӣ»(2004) [9], «Робитаҳои адабии арабу аҷам» (маҷмӯи мақолаҳо), (2015) [6], «Инкишофи нутқи шифоҳии араб»(2004, бо ҳаммуаллиф А. Ҳамдан) [7], «Муҳаммад Ибни Ҷарири Табарӣ ва муколамаи фарҳангҳо»(2018) [5] ва ғайра. Инчунин, ӯ дар таҳияи матни «Таърихи Табарӣ» (Душанбе, 2000, ҷ.2), «Девони Махфӣ» (Хуҷанд, 1998), тарҷумаи китоби «Фозилони Хуҷанд» – и Райҳона Хотун (Хуҷанд, 2000, дар ҳаммуаллифӣ бо З.Ғаффорова) саҳми назаррас дорад. Лозим ба таъкид аст, ки У. Ғаффорова соли 2015 «Ахлоқи Носирӣ» – и Насриддини Тӯсиро ба забони русӣ, инчунин ҳамин асарро бо ҳаммуаллифии академик Н. Салимӣ ба забони тоҷикӣ (с. 2009) тарҷума намудааст. Ба ҷуз инҳо ӯ мутарҷими (дар ҳаммуаллифӣ бо Дадобоев Қ. ва Ғафуров А.) «Хатму-л-авлиё» (с. 2016) ва «Наводиру-л-усул» – и Ҳаким Тирмизӣ аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ мебошад.

Устод Ғаффорова У.А. соли 1990 рисолаи номзадии хешро дар мавзӯи «Арабское ораторское искусство (хитаба) в ранние века ислама» ҳимоя намудааст, ки бо ин пажӯҳишоташ дар густариши арабшиносӣ саҳми арзандае гузоштааст. Аз рӯи маълумоти шунидаи мо дар Донишгоҳи кишварҳои Осиё ва Африқои шаҳри Москва аз рӯи китоби мазкур ба донишҷӯён дарс медиҳанд.

Дар боби аввали китоб сухан роҷеъ ба хутбаҳо дар давраи тоисломӣ меравад. Муҳаққиқи камназир У. Ғаффорова дар ин боб оид ба ҳаёти арабҳои бодиянишин, ки ҳар як қабила саййид доштанд, урфу одатҳои онҳо маълумоти муфассал додааст. Масалан, бо душман оштӣ шудан ва ё аз душман узр пурсидан дар давраи ҷоҳилият барои арабҳо кори хуб ба ҳисоб намерафтааст – «Бинобар ин Абу Узнийя (арабҳоро) дар хутбаҳояш барои қасосгирӣ ва хунрезиии душман таклиф намудааст:

«...Но если враг нанес удар мечом, то пусть его постигнет такая же кара,

Прощение умаляет достоинство мужчины...

... Если ты простишь врага, все люди, осуждая тебя скажут:

«Он простил не из милосердия, а из-за трусости...»[8, с.14-15].

Аз навиштаҳои устод Ғаффорова У.А. бармеояд, ки яке аз навъҳои хутба «мухофара» ва ё «мунофара» будааст, ки хитобкунанда қабилаҳоро ба сӯи худ даъват менамояд ва ду нафар байни якдигар муколама (диалог) мекунанд ва ҳар яке худро таъриф менамояду тарафи муқобилро дар байни мардум таъна менамояд, масалан:

«Алқама: Ты гордишься своей красотой и хорошим телосложением. Я же горжусь славою своих предков.

Омар: Твои предки приходятся и мне родственниками. Однако, я горжусь своими сыновьями» [8, 16].

Дар боби дуюми рисола бошад, муаллиф давраи пайдоиши дини исломро тадқиқ намудааст. Фасли якуми боби мазкур роҷеъ ба хутбаҳои пайғамбари дини мубини ислом Муҳаммад (с) мебошад. Дар ин фасл муҳаққиқи фарҳехта У. Ғаффорова масоили марбут ба муҳтавои хутбаҳои Расули Акрам (с), ҳамчунин ба дини ислом ва Худои ягона – Аллоҳ даъват намудани мардумро мавриди диққати назар қарор дода, инчунин хутбаи охирини Паёмбар (с) низ дар рисолаи мазкур аз назар берун намонда ва мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Мусаллам аст, ки хутбаҳои Расул (с) дар асоси китоби осмонии мусалмонон «Қуръон» гуфта шудааст ва тадқиқоти ин олимаи пуркор дар риштаи қуръоншиносиву қуръонпажӯҳӣ , ки дар асри ҳозира ба нудрататанд, шоистаи таҳсин аст. Дар фасли дуввуми ин боб бошад, муаллиф перомуни хутбаҳо дар давраи хулафои рошидин: Абӯбакр (р), Умар(р), Усмон (р) ва

Алӣ (р) пажӯҳиш намудааст. Боби севвуми рисола ба давраи хилофати Умавиён (661-750) бахшида шудааст. Ин боб низ аз 4 фасл иборат мебошад. Дар боби чаҳоруми рисола муҳаққиқ хусусиятҳои бадеии хутбаҳоро дар давраи баъдиисломӣ дар меҳвари тадқиқот қарор додааст.

Умуман, рисолаи фавқуззикр бисёр барангезандаи таваҷҷуҳ аст ва ба таърихи ташаккул ва инкишофи фанни хитоба дар адабиёти араб бахшида шудааст. Муаллиф дар ин асари пуразриш нақши хитобаро дар густариши насри фаннӣ муқаррар намудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки корманди шоистаи ҶТ, профессор Усмонҷон Ғаффоров роҷеъ ба ин масоил дар мақолааш «Олимаи закитабъ» чунин навиштааст: «Вақте ки Умедахон донишгоҳро бо дипломи аъло ба итмом расонид, Шӯрои илмии факулта ӯро ҳамчун хатмкардаи беҳтарин ба аспирантура тавсия дод ва ӯ соли 1985 ба аспирантураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуд. Солҳои 1986 – 1989 Умедахон аввал таҳти роҳбарии профессор В.П. Демидчик, баъдан пас аз реҳлати ӯ зери раҳнамоии академики АИ Федератсияи Русия, профессор А.Б. Куделин ба таҳқиқоти илмӣ машғул буд. Ҳеле рамзӣ буд, ки ӯ дар мавзӯи хеле муқаддас, аммо мураккаб «Санъати суханварии араб (хутба) дар асрҳои VI – миёнаҳои асри VIII» рисолаи илмӣ навишт. Мавзӯъ хеле актуалӣ ва саривақтӣ, вобаста ба илми фиқҳ – илоҳиёт буд.»[2, с.22].

Бахши дигари тадқиқоти профессор У. Ғаффорова ба таҳқиқи қиссаҳои қуръонӣ марбут аст. Мусаллам аст, ки У. Ғаффорова рисолаи доктории хешро таҳти унвони “ Қиссаҳои «Қуръон» дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дифоъ кард ва ин монография соли 2004 дар шакли китоб чоп шуд. Дар китоби мазкур ҷанбаҳои бадеиву адабии яке аз ёдгориҳои арзишманди насри давраи «Сомониён» «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» мавриди таҳқиқи муқоисавӣ – таърихӣ» қарор гирифтааст. Монографияи мазкур низ аз 4 боб иборат аст:

1. «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ҳамчун ёдгори адабию илмӣ дар таърихи тамаддуни форсӣ»
2. Қиссаҳои Қуръонӣ ва вазъи навъи «қисса» дар адабиёти форсу тоҷик
3. Арзиши адабию бадеии қиссаҳои қуръонии «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ»
4. Таъсир ва мақоми қиссаҳои «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар адабиёти форсӣ.

Профессор У.Ғаффорова дар китоби мазкур роҷеъ ба масъалаҳои наҳзати илмиву фарҳангӣ дар давлати аввалини форсизабонон, исломшиносиву таърихнигорӣ, қисса ва фаҳмиши жанрии он, тарҷумаи форсии «Тафсир»- и Табарӣ, заминаҳои густариши қисса дар Эрони Бостон, инъикоси қиссаҳои қуръонӣ дар адабиёти форсу тоҷик, қиссаи Юсуф (а) дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ва ғайра маълумоти муфассал дода, тадқиқоти назаррас бурдааст.

Хусусан, қиссаи Мӯсо (а) низ хеле ҷолиби диққат аст. Устод У. Ғаффорова қиссаи Мӯсо (а) – ро аз овони таваллуд то давраи ба паёмбарӣ расидан, ҳамчунин муъҷизаҳои ҳазрати Мӯсо (а) – ро хеле вусъатманд дар оинаи пажӯҳиш инъикос намудааст. Ӯ ба сифати далелу иқтибос пораҳои маснавиҳоро аз Хоқонӣ, Аттор, Ҳаким Саноӣ, Масъуди Саъди Салмон, Саъдӣ, Ҷаллолуддини Румӣ, Ҳофиз Ҷомӣ, Парвини Эътисомӣ ва дигарон овардааст.

Дар ин замина номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Саидумрон Саидов мақолае ба оид ба фаъолияти илмии профессор У. Ғаффорова навишта, дар мақолааш доир ба бобу фаслҳои «Қиссаҳои Қуръон дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» маълумоти комил додааст, ки порчаҳое аз он инҷо оварда хоҳад шуд: «Боби аввали китоб «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ҳамчун ёдгори адабию илмӣ дар таърихи тамаддуни форсӣ» унвон дорад, аз чаҳор фасл иборат буда, муаллиф аз наҳзати илмию фарҳангӣ дар давлати аввалини тоҷикону эрониён сухан оғоз менамояд. Дар фасли аввали китоб муаллиф манзараи давраи нави таърихиро, ки баъди фурӯпошии давлати Сосониён ва тасарруфи сарзамини Эрон ба дасти арабҳо рӯи кор омад, ба тафсил нишон медиҳад» [11,65].

Бояд гуфт, ки дар боби дуввуми «Қиссаҳои қуръонии «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» муаллиф лозим донистааст роҷеъ ба қиссаҳои қуръонӣ ва вазъи нави қисса дар адабиёти форсу тоҷик тадқиқот барад.

Дар боби сеюми китоб сухан перомуни меъёрҳои шинохти қиссаҳои қуръонии «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ», усули баргардон ва тавзеҳи асар, равишҳои хоси форсии қиссапардозӣ дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» меравад.

Чуноне, ки дотсент С. Саидов иброз менамояд, :«Дар боби чоруми асар «Таъсир ва мақоми қиссаҳои «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар адабиёти форсӣ» нахуст дар бораи инъикоси қиссаҳои қуръонӣ дар адабиёти форсу тоҷик сухан рафтааст. Муаллиф як сайри иҷмолии таърихӣ ба адабиёти форсӣ – тоҷикӣ намуда, инъикоси қиссаҳои қуръониро дар осори адибони классик таҳлилу баррасӣ менамояд»[11, 67].

Ҳамин тариқ, муаллифи мақола ҳамаи фаслҳои бобҳои китоби фавқуззикрро дар мақолааш таҳлилу баррасӣ намудааст, ки мақола бисёр аз ҷиҳати мазмун ҷолиб ва дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

Салоҳ донистем, дар ин масир фикрҳои муҳаррири масъули китоби “ Қиссаҳои «Қуръон» дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» доктори илмҳои филологӣ, шодравон профессор Абдуманнон Насриддиновро орем: «Табақабандии бобҳо ва фаслҳои китоб бо донишу огаҳӣ сурат пазируфтааст ва дар айни замон барои таҳлили муфассал ва натиҷабардорӣ имконоти мусоидро фароҳам сохтааст.

Муаллиф бо таҳлили қиссаҳо дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» маҳдуд намонда, бо овардани мисолҳои дақиқ интишори онро дар адабиёти асрҳои X-XV нишон додааст.»[10, 393].

Ҳамчунин, академики АУҶТ Салимов Н.Ю бо ҳаммуаллифии доктори илмҳои филологӣ Н. Нурзод мақолае бо номи «Замину замон некхоҳи ту бод» таълиф намудаанд, ки ба фаъолияти илмии профессор У.Ғаффорова бахшида шудааст. Муаллифон дар мавриди китоби фавқуззикри муаллима чунин гуфтаанд: «Ҳарчанд роҷеъ ба мафҳуми истилоҳӣ ва луғавии қисса ва анвои он дар адабиётшиносии тоҷик ва кишварҳои ҳамзабон пажӯҳишоти фаровоне ба анҷом расида буд, аммо бо ҳидояти донишманди равоншод Расул Ҳодизода У. Ғаффорова ба таҳқиқи моҳият, вижагиҳои сабкӣ ва мақоми адабии қиссаҳои қуръонӣ пардохта, дар ин замина ба таълифи як рисолаи арзишманди илмӣ бар мабнои қиссаҳои қуръонии маншур дар нахустин тафсири форсии Қуръони Маҷид китоби муътабар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» таҳти унвони «Қиссаҳои Қуръон дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ (таҳқиқи муқоисавӣ – таърихӣ)» муваффақ гардиданд. Бар асоси ин таълифоти гаронмояи илмӣ устодро ин шараф ҳам даст дод, ки дар соли 2004 рисолаи доктории хешро низ муваффақона ба дифоъ расонида, шумори бонувони соҳибунвонро, ки он солҳо на танҳо дар ДДХ ба номи Б.Ғ ва ҳавзаи илмии вилояти Суғд, балки дар чумҳурӣ шуморашон кам буд, афзун гардонанд.» [13, 30].

Қобили зикр аст, ки китоби дигари ин устод Ғаффорова У.А. «Робитаҳои адабии арабу аҷам» (маҷмӯаи мақолаҳо,с. 2015) низ яке аз китобҳое маҳсуб меёбад, ки баррасии масоили арабшиносӣ, ирфон, нақди адабӣ ва равобити адабии арабу аҷамро дар бар гирифтааст.

Нигорандаи китоб бо услуби хуби нигориш мақолаҳои зиёде марбут ба вижагиҳои ирфонии маснавии «Юсуф ва Зулайхо», достони Ҷамшед дар сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ, осор ва рӯзгори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, муаммаот дар эҷодиёти Шайх Камол, пайдоиш ва татаввури илми балоғат, таносуби устураи офариниш дар ақоиди исломӣ ва эронӣ, тафсири Табарӣ, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ва ғайра навиштааст. Як қатор мақолаҳои ӯ таҳти унвони «Имам Абуханифа и арабо-мусульманская культура», «Хаджа Насируддин Туси и его «Насирова этика», «Вопросы морали в религиозно-мифологических концепциях Востока», «Истоки формирования и развитития арабской среднековой прозы» ва ғайра бо забони русӣ таълиф шудаанд. Ҳамчунин устод У. Ғаффорова дар ин китоб дар бораи бонувони суханвар ба амсоли шоираи халқии Тоҷикистон Фарзона, доктори илмҳои филологӣ, профессор Матлубаи Мирзоюнус, устоди донишгоҳи Ҳинд Райҳона Хотун ва дигарон мақолаҳои пурмӯҳтаво навиштааст ва дар яке аз мақолааш, ки «Дар ҳалқаи бонувони қуръонпажӯҳ» ном дорад, исми якчанд бонувони қуръонпажӯҳ: саркорхонум Ҳасино Аҳмад ибни Абдураҳмон аз Фаронса, Рамзия Чиллик аз Туркия, Рогсогул Сунар Ҳаёт аз Тайланд, Риёза аз Шри Ланка ва дигаронро зикр намудааст.

Қисмати дигари китоб «Дар сӯҳбати соҳибназарон» ва «Аз Машриқ то Мағриб» ном гирифтааст, ки муаллиф мақолаҳоро марбут ба рӯзгору осори устодони арҷманд Расул Ҳодизода, Абдулқодир Маниёзов, Абдулманнони Насриддин, Ваҳҳоб Набиев, профессор шодравон Саъдулло Асадуллоев ва падари бузургвори устод У. Ғаффорова шодравон профессор Абдуллоҷон Ғаффоров бахшидааст, ки мақолаҳо бисёр самимонаву таъсирбахш ҳастанд.

Соли 2018 китоби нави устод У. Ғаффорова «Муҳаммад Ибни Ҷарири Табарӣ ва муколамаи фарҳангҳо» чоп шуд, ки муаллиф дар ин китоб аҳамияти адабии ду шоҳасари Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ «Ҷомеъу-л-баён ан таъвили –л – Қуръон» ва «Таъриху-р-русул ва-л-мулук» - ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Чуноне ки худи профессор У.Ғаффорова зикр кардааст: «Дар ин китоб давраи тиллоии фарҳанг ва адабиёти форсу тоҷик, наҳзати илмиву фарҳангӣ дар давраи Сомониён, рӯзгор ва осори муаррих ва муфассири номовари асри X Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, аҳамияти адабии ду шоҳасари ӯ «Ҷомеъу-л-баён ан таъвили –л- Қуръон» ва «Таъриху-р-русул ва-л-мулук», тарҷумаи форсии ин ду сарчашмаи адабӣ-таърихӣ, хосатан таъсири «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ба адабиёти форсу тоҷик, робитаҳои фарҳангии арабу аҷам мавриди тадқиқи муқоисавӣ-таърихӣ қарор гирифтааст»[5,2].

Зикр кардан ҷоиз аст, ки китоби мазкур дорои 8 боб мебошад: Боби якум ба рӯзгор ва осори илмии Табарӣ бахшида шудааст, ки дар он устод У. Ғаффорова маълумоти мухтасар роҷеъ ба зиндагинома ва мероси илмии Табарӣ додааст. Дар боби дуввум сухан роҷеъ ба мақоми Табарӣ дар таърихнигории арабу аҷам, Табарӣ ва «Таърих-ур-русул ва-л-мулук» – и ӯ ва китоби «Таърихи Табарӣ» – и Балъамӣ меравад. Боби сеюм «Ташаккул ва таҳаввули тафсирнигории арабу аҷам» ном гирифта, муҳаққиқи қуръонпажӯҳ дар боби мазкур масъалаҳои марбут ба Қуръон ва инкишофи улуми нақлӣ, тафсир, таъвил, танзил ва анвоъи тафсирро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Боби чаҳорум фарогири матолиби мухтасар роҷеъ ба мақоми Табарӣ дар тафсирнигории арабу аҷам, «Ҷомеъу-л-баён ан таъвили –л– Қуръон» –и Табарӣ ва масъалаҳои балоғат ва забоншиносӣ мебошад. Боби панҷум «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ва хусусиятҳои услубии он» ном дорад. Дар ин боб муаллиф перомуни масоили сабк, услуб, забон ва ҳунари нигорандагӣ дар қиссаҳои қуръонии «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ва гайрахо навиштааст. Дар боби шашум аҳамияти адабии тафсири «Ҷомеъу-л-баён ан таъвили –л- Қуръон» – и Табарӣ ва ҷанбаҳои илмии он инъикос ёфтааст. Боби ҳафтум заминаҳои густариши қиссаро дар адабиёти форсу тоҷик дар бар мегирад. Дар боби охирин, яъне ҳаштум нигорандаи китоб доир ба «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» ва

таъсири он ба адабиёти форсу тоҷик тадқиқот бурдааст. Бисёре аз бобҳо се ва чор ва ҳатто панҷтоӣ фасл дошта, мавзӯъ бисёр серҷанба ва густурда аст.

Китоби зикршуда ифодагари ҷустуҷӯи чандинсолаи арабшиноси камназир Ғаффорова У.А. мебошад. Дар ин бобат худи муаллиф чунин нигоштааст: «Ногуфта намонад, ки рисолаи мазкур бо назардошти такмил ва таҷдиди назар роҷеъ ба китоби «Қиссаҳои Қуръон» дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ», ки зери назари адабиётшиноси мумтози тоҷик, номзади илмҳои филологӣ, устоди равоншод Расул Ҳодизода соли 2004 ба табъ расида буд, нашр мегардад»[5,12].

Зимнан, ба муносибати панҷоҳсолагии зодрӯзи профессор У. Ғаффорова доктори илмҳои филологӣ, профессор Замирахон Ғаффорова китоберо таҳия ва нашр намудааст, ки фарогирандаи мақолаҳои дӯстону иродатмандону мухлисони устод Умедахон Ғаффорова мебошад. Ҳамчунин, дар ин китоб мақолаҳои олимони номвари ватанӣ ва бурунмарзӣ роҷеъ ба масъалаҳои адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, забон ва фарҳанги машриқзамин ва равобити адабиву фарҳангӣ ҷамъоварӣ шудааст. Китоби зикршуда «Робитаҳои адабӣ ва фарҳанги Шарқ» ном дошта, бо мақолаи собиқ ректори ДДХ ба номи академи Б.Ғафуров – устод Ғафур Усмонов «Пажӯҳишгари соҳибназар ва бонуи олигавҳар» оғоз шудааст, ӯ ки чунин ҳарфҳоро гуфтааст: «Ин бонуи соҳибфазилат ҳамчун олим ва муҳаққиқи пуркор дар таҳқиқу баррасии муҳимтарин масъалаҳои равобити адабиёти араб ва форсу тоҷик, инчунин сарчашмашиносии адабиёти беназири мо дар мисоли фарҳанги исломӣ ва амсоли ин саҳми муносибе гузошта, бо таълифи чандин рисолаи пурбори илмӣ мақоми шоёнеро дар адабиётшиносии муосири тоҷик касб намудаанд»[14,6].

Ҳамчунин, дӯст ва хоҳари маънавии устод У. Ғаффорова, Шоири халқии Тоҷикистон Фарзона барои муаллима шеъри пурмуҳаббат эҷод намудааст:

Адабпарвардаи боғи камолӣ,
Дарахти барқади фархундафолӣ.
Арабдонӣ, адабдонӣ, ҷамилӣ,
Ки боровар зи лутфи зулҷалолӣ.
Бимон бо мужгаи урдубиҳиштӣ,
Ки аз гулбоғи ризвон интиқолӣ! [15,8].

Ҳамчунин адабиётшиноси номвар, шодравон профессор А. Сайфуллоев низ дар мақолааш «Номбардори шоистаи падар» чунин овардааст: «Мутолиаи асарҳои тадқиқотии У. Ғаффорова маро ба ҳамин натиҷа овард, ки донишҳои илмии ӯ амиқ, доираи назар ва андешаҳои ӯ васеъ ва таҷрибаи тахассусиаш фаровон аст. Ӯ ба таҳқиқи ҳар масъалае, ки мароқ зоҳир намояд, бо сифати баланд ва муваффақияти комил анҷом мерасонад.» [12,19].

Боиси сарфарозист, ки заҳматҳои Ғаффорова У. бо мукофоти давлатии медали «Хизмати шоиста» (2018) сарфароз гардонида шудааст. Ӯ узви Иттифоқи нависандагони ҶТ, барандаи ҷоизаи байналмилалии қуръонпажӯҳон (2010), ҷоизаи вилоятии ба номи Маҳастӣ, аълочии маорифи ҶТ (2015) аст.

Ин чанд сафҳаи мухтасар кофӣ нест, ки вижагиҳои сабку хутути ин донишвари арабшиносро тасвир созад, зеро устод Умедахон Ғаффорова ба ҷуз муҳаққиқ ва шахсияти маъруфи кишвар будан инсони начибу некӯсулб, фурӯтану парҳезгор ва роҳнамою дастгири шогирдон мебошад. Бо роҳбарии ӯ чандин нафар рисолаи номзадии хешро ҳимоя намудаанд. Бешак, роҷеъ ба фаъолияти илмию эҷодии ин донишмандон амсоли Абдушукури Абдусаттор, Тоҷиддин Мардонӣ, Низомиддин Зоҳидӣ, Саидраҳмон Сулаймонӣ, Умедахон Ғаффорова навиштани таҳқиқу тадқиқномаҳо ҳатмист, зеро ин олимон барои густариши равобити адабии арабу аҷам заҳматҳои зиёде кашидаанд ва пажӯҳишоташон дар ин ҷода шоистаи таҳсин аст. Нигорандаи ин сатрҳо салоҳ донист ин мақоларо бо суханони шарқшиноси варзида, шодравон А. Абдусаттор, ки дар мақолааш «Бонуи Қуръонпажӯҳ» нисбат ба устод У. Ғаффорова чунин суханҳои муносибу мувофиқ гуфтааст, анҷом диҳад:

«Ҳоло, профессор У.Ғаффорова бо азми қавии мардона дар арсаи қуръонпажӯҳӣ фаъолияти худро идома медиҳад ва дастовардҳои тозаи илмӣ дар ин самт ӯро интизоранд. Мехоҳем бо ин сухан гуфтори худро хотима бахшем:

Ҳар он кас, ки таҳқиқи Қуръон кунад,
Агар зан бувад, кори мардон кунад» [1, с.39].

АДАБИЁТ

1. А. Абдусаттор. Бонуи Қуръонпажӯҳ/ Ғаффорова З.А. Равобити адабӣ ва фарҳанги Шарқ (маҷмӯаи мақолаҳо ба муносибати панҷоҳсолагии зодрӯзи доктори илмҳои илмҳои филологӣ, профессор У. Ғаффорова). – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 616с.
2. Ғаффоров У. Олимаи закитабъ/ Равобити адабӣ ва фарҳанги Шарқ. – Хуҷанд:Ношир,2014. – 616с, с. 22.
3. Ғаффорова У.А. «Корномаҳои пажӯҳишӣ дар ҷодаи пайвандҳои адабии арабу аҷам» /Оинаи Пажӯҳишгоҳ. Фаслномаи илмӣ-адабӣ.-Хуҷанд,2019, - С. 205-210.
4. Ғаффорова У.А. Қиссаҳои «Қуръон» дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» (таҳқиқи муқоисавӣ – таърихӣ) – Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. – 400 с.
5. Ғаффорова У.А. Муҳаммад Ибни Ҷарири Табарӣ ва муколамаи фарҳангҳо. –Хуҷанд: -Хуросон, 2018. – 460 с, С. 2,12.

6. Ғаффорова У.А. Робитаҳои адабии арабу аҷам. Маҷмӯаи мақолаҳо.- Хуҷанд, 2015. – 368с.
7. Ғаффорова У. А, А. Ҳамдан. Инкишофи нутқи шифоҳии араб.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2004.
8. Ғаффорова У.А. Арабское красноречие (хутба) в ранние века ислама. – Худжанд: Гос. Издательство им. Р. Джалила, 1995; - 150с, С. 14, 15, 16.
9. Ғаффорова У.А. Сказание Корана в персидском переводе «Тафсира Табарӣ» (историко – сравнительное исследование) – Душанбе, 2004;
10. Насриддинов А. Аз муҳаррири масъул. Қиссаҳои «Қуръон» дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» (таҳқиқи муқоисавӣ – таърихӣ) – Хуҷанд: Нури маърифат, 2004. – 400 с, сах. 393
11. Саидов С. Олими нуктасанҷ/ Равобити адабӣ ва фарҳанги Шарқ. – Хуҷанд:Ношир,2014. – 616с, С. 65-67.
12. Сайфуллоев С. Номбардори шоистаи падар/ Равобити адабӣ ва фарҳанги Шарқ. – Хуҷанд: Ношир,2014. – 616с, С. 19.
13. Салимов Н., Нурзод Н. Замину замон некхоҳи ту бод/ Равобити адабӣ ва фарҳанги Шарқ. – Хуҷанд:Ношир, 2014. – 616с, С.30.
14. Усмонов Ғ . Пажӯҳишгари соҳибназар ва бонуи олигавҳар/ Равобити адабӣ ва фарҳанги Шарқ. – Хуҷанд:Ношир, 2014. – 616с, С. 6.
15. www.wikipedia.org

НАСТАВНИК И УЧЕНЫЙ – АРАБИСТ

Автор статьи изучила личность и научную деятельность своего наставника, известного востоковеда и литературоведа, знатока Корана, доктора филологических наук, профессора Гаффоровой Умеды Абдуллоевны.

В статье рассматриваются исследования профессора Умеды Гаффоровой в области литературных взаимосвязей между арабами и неарабами, в частности, «Вопросы Корана в '' Переводе Табари», «Мухаммад ибн Джарир Табари и диалог культур» и другие книги автора.

Роль профессора Гаффоровой Умеды в развитии таких редких произведений, как текст «История Табари», «Девони Махфи», перевод книги Райхоны Хотун «Фозилони Худжанд» имеет огромное значение. Следует отметить, что в 2015 году профессор У. Гаффорова издала на русском языке произведение Насриддина Туси «Ахлаки Носири», а также эту же работу переводила на таджикский с соавтором академиком Н. Салими. Она также является переводчиком произведении Хакима Тирмизи «Хатму-ль-авлийя» и «Навадиру-ль-усул» с арабского на таджикский язык.

Ключевые слова: *наставник, арабист, литературные отношения, арабский язык, таджикский язык, доктор филологических наук, профессор Умеда Гаффорова, знаток Корана, научная деятельность, «Мухаммад ибн Джарири Табари и диалог культур», «Истории Корана в «Переводе Табари», «Хатму-ль-авлия», литература.*

TEACHER AND - SCIENTIFIC ARABIST

The author of the article studied the personality and scientific activities of her teacher, a well-known orientalist and literary critic, expert on the Koran, Doctor of Philology sciences, Professor Gafforova Umeda Abdulloevna.

The article examines the research of Professor Umeda Gafforova in the field of literary relationships between Arabs and non-Arabs, in particular, «The issues of the Koran in the «Tabari translation», «Muhammad ibn Jarir Tabari and the dialogue of cultures» and other books of author.

The role of Professor Gafforova Umeda in the development of such rare works as the text «The History of Tabari», «Devoni Mahfi», the translation of Rayhona Khotun's book «Foziloni Khujand» has a great importance.

It should be noted that in 2015, Professor U. Gafforova published in Russian the work of Nasriddin Tusi «Akhlaki Nosiri», and also translated the same work into Tajik with co-author academic N. Salimi. She is also the translator of Hakim Tirmizi's «Khatmu-l-awliya» and «Navadiru-l-usul» from Arabic into Tajik.

Keywords: *master, Arabic scientist, literary relations, Arabic, Tajik, doctor of philology sciences, professor Umeda Gafforova, Quranic scholar, scientific activity, «Muhammad Ibn Jariri Tabari and dialogue of cultures», «Stories of Quran in «Tabari's translation «, «Hatmu-l-awliya», literature.*

Сведения об авторе:

Каримова Шоҳона Толибовна *- научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистан. 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. тел: (+992) 918778877 E-mail: mehrofarin@list.ru*

About the author:

Karimova Shohona Tolibovna *– scientific researcher of The institute for studying the issues of Europe and Asia in National Academy of Science in Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 33, tel: (+992) 918778877 E-mail: mehrofarin@list.ru*

МУАРРИФИИ МИРЗО ОЛИМҶОН ҲАСРАТИ ҲИСОРӢ ДАР «ЗАБОНИ МИЛЛАТ-ҲАСТИИ МИЛЛАТ»-И АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

Ҷӯраева Х. Ё.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар таърихи адабиёти оламшумули садаи XVIII-XIX-и тоҷику форс Мирзо Олимҷон ном шоири хушсалиқа бо номи Ҳасрати Ҳисорӣ шуҳрат пайдо кардааст. Агар хизмати ин шоири боғайрату нотарсро нодида бигирем, дар ҳаққи шоир ноадолатӣ мешавад. Ҳасрат яке аз шоирони фаъоли даврони худ маҳсуб меёбад. Шоир барои сухани ҳақ ва рост талош намуда, алайҳи ноадолатиҳои замони худ нотарсона эътироз намудааст. Барои ба мақсад расонидани адолат, барои зеру забар нагардидани ҳуқуқи мазлуму бечорагон ҷасурона мубориза бурдааст. Гуфтан мумкин аст, ки шоир қаҳрамони даврони худ буд.

Боиси таассуф аст, ки ин шоири мубориз аз назари адабиётшиносон то андозае дур мондааст. Ин камбудиҳо роҳи ҳалли худро оҳиста-оҳиста ёфта истодаанд. Муҳаққиқони даврони истиқлол барои омӯзиши ҳаёт ва ашъори шоирони ин даврон, ки миёни мардум ашъори онҳо маъруф аст, мақолаву асарҳои таҳқиқотӣ ба анҷом расонида истодаанд. Яъне хизмати ин шоирон аз назари муҳаққиқони имрӯз дур намемонад.

Ашъори шоир аз ҷониби муҳаққиқ Амирбек Ҳабибов дар шакли дастҷамъӣ соли 1974 ба чоп расидааст. Аз ҷониби мо ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ дар шакли маҷмӯа бо номи: «Маҷмӯаи ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ» соли 2013 пурра ба чоп расид. Баъд аз ҷустуҷӯҳо соли 2020 баъзе маълумотҳои ноқис аз ҳаёт ва эҷодиёти шоир пурра ва аниқ карда шуда, маҷмӯа бори дувум нашр гардид. Ҳама он маълумотҳои аввале, ки мо дар маҷмӯаи шоир ҷамъ оварда будем, ба китоби Амирбек Ҳабибов «Мероси адабии шоирони Ҳисор» такя намуда будем. Андешаи оне, ки шоир дар камбағалӣ ва қашшоқӣ умр ба сар бурдааст, дар китоби Амирбек Ҳабибов зикр шудааст. Ва ҳамаи он муҳаққиқоне, ки дар бораи ҳаёту осори Ҳасрат мақолаҳо чоп намудаанд, ба ҳамин сарчашма такя намуда, зикр намудаанд, ки шоир дар бенавоӣ умр ба сар бурдааст.

Аз маълумотҳое, ки дар мавриди рӯзгору осори шоир ба анҷом расидааст, монанди навиштаҳои Садриддин Айнӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Расул Ҳодизода, Амирбек Абибов масъала равшан нашудааст.

Оиди ҳаёт ва осори шоир номзади илми таърих, дотсент Шодибек Собирӣ дар асари таърихиаш «Ҳаёти пурҳасрат» маълумоти мукаммалеро ҷамъ овардааст, ки хонандаро як дараҷа қаноатманд мегардонад. Маълумоти шоир ва олим Шодибек як навъ дурусттар мебошад, зеро номбурда яке аз авлодони шоир маҳсуб меёбад. Ва он маълумотҳое, ки таҳқиқотчиёни мо додаанд, бо маълумоти Шодибек Собирӣ монандӣ дорад.

Аз маълумоти додаи Шодибек Собирӣ бармеояд, ки Олимҷон номи шоир буда, Мирзо марбут ба касбаш будааст, зеро шоир дар дарбори мири Ҳисор Саидбий вазифаи хаттотиро ба ӯҳда дошт. Олимҷон баъд аз ду соли таҳсил дар мадрасаҳои Ҳисор ва хатми Қуръон дар назди падар барои таҳсил ба Бухоро меравад. Сипас, баъд аз хатми мадрасаи Бухоро ба Ҳисор ба назди падару модараш бармегардад. Падари Олимҷон Хоҷа Низомиддин аз Хоҷагони Ҷӯйборӣ буда, шахси тақводору худотарс буд ва ин Хоҷагон дар назди мардум обрӯю манзалати хоссае доштанд. Хоҷа Низомиддин абераи яке аз шайхони бузурги Ҳисор, Шайх Нуриддини Соҳибнафас буд. Намояндагони амир ба қасри Хоҷагони Ҷӯйборӣ ҳаққу ҳуқуқи зада даромадан надоштанд ва ҳангоми ба сафар баромадан ҳокими Ҳисор аз Хоҷаи Ҳисорӣ дуо гирифта, сипас ба роҳ мебаромаданд. Мардум ба Хоҷагон эътиқоди калоне доштанд, ҳатто вақте мардум аз ягон ҷиҳат ба шӯр меомаданд, Хоҷагон ин ошӯбҳоро хомӯш мекарданд: «Аз навиштаҷотҳои таърихӣ маълум аст, ки мақоми Хоҷагони Ҷӯйборӣ дар охирҳои асри XVI ва аввали асри XVII дар ҳаёти сиёсию иқтисодии Осиёи Миёна, аз он ҷумла водии Ҳисор хеле бузург буд. Намояндагони ин хонадон дар кашмакашҳои сиёсӣ роли калон бозидаанд. Махсусан дар ҳаёти иқтисодӣ таъсири онҳо хеле калон буд»[4, 91].

Падари Олимҷон Хоҷа Низомиддин соҳибдавлат ва шахси муътабари Ҳисор ба ҳисоб мерафт. Ҳамаи заминҳои боғоти вилоят ва ҷӯйҳое, ки ба Хоҷагони Ҷӯйборӣ тааллуқ доштанд, дар ихтиёри Хоҷа Низомиддин буданд. Олимҷон фарзанди ягонаи хонадон буд. Хонаи онҳо, ки онро кушк ном мебурданд, дар назди руди Чангоб, ки то ҳол ин дарё миёни мардум бо ин ном маъруф аст, хеле баланду зебо қомат афрохтаву ба монанди бӯстоне буд. Хоҷа дар лаби рӯди Чангоб барои мусофирон ибодатгоҳ, сарой, чойхона бо таҳкурсии санги сурх бунёд карда буд. Дар меҳмонхонаи Хоҷа 15 нафар хизматгорон хизмат мекарданд. Амлоки Хоҷаро панҷ ҳазор таноб замини кишт-боғу токзор ташкил менамуд. Заминҳои корами Хоҷа аз ҳудуди Регар то Вишгард, Варзоб, Зидӣ, Қаротоғ то водии Лақай тӯл кашида буд. Дар дохили шаҳри Ҳисор зиёда аз 40 таноб чакалаку сафедорзор дошт, ки ин сафедорҳо барои сохтмони иморатҳои дорандагон, купрукҳо ва ғайраҳо сарф карда мешуданд. Инчунин дарахтони чормағз, олуча, себу зардолу низ боғоти Хоҷаро оро медоданд. Бобокалони хоҷа – Шайх Нуриддини Соҳибнафас натанҳо дар манотиқи Ҳисор, инчунин дар қаламрави Бухоро ва Самарқанд низ шайхи шинохта буд.

Шайх Нуриддини Соҳибнафас шогирдону муридони зиёд дошт ва ӯро ҳамчун балогардони шаҳри Ҳисор ном мебурданд. Қабри Хоҷа назди дарвозаи қисми ғарбии Арки Ҳисор воқеъ буда, то ҳол зиёратгоҳи мардум аст. Беморону ранҷурон марқади Хоҷаро зиёрат мекунанд ва онҳое, ки ба бемории диқи нафас гирифторанд, дар ин ҷо ба дарди худ даво меёбанд. Ва Хоҷа Низомиддин, яъне падари Мирзо Олимҷон абераи Шайх Нуриддини Соҳибнафас буд.

Падари шоир Хоҷа Низомиддин, ки шахси сарватманду хеле саховатманд буд, Корвонсарои Ҳисор бо маблағи ӯ бино мешавад.

Чи хеле ки дар боло зикр шуд, Мирзо Олимҷон баъд аз хатми мадрасаи Бухоро ба Ҳисор баргашта, дар дарбори ҳокими онвақтаи шаҳр Саидбий ҳамчун муншии дарбор хизмат намудааст. Ин ҷо аз ашъори шоир як мисол меорем:

Аз **бахти бад** ғариб шудам, бенаво шудам,
Танҳонишини гӯшаи меҳнатсаро шудам.
Аз хоки остони ту, эй бахти номурод,
То эътибори худ талабидам чиҳо шудам [5, 80].

Аз порчаи шеърие, ки шоир шиква аз бенавоӣ дорад, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки шоир дар бенавоӣ, яъне камбағалӣ зиста бошад.

Оё мумкин аст, ки бо ин ҳама сарвати падар ва вазифаи олимартаба шахс дар камбағалӣ зиндагӣ кунад. Ин ҷо шикоят аз **бахти бад** аст, на аз бенавоӣ.

Қазия ин аст, ки Мирзо Олимҷон ба духтари ҳокими Ҳисор Саидбий хонадор мешавад. Баъд аз марги ҳоким Саидбий, писари ӯ Сӯфибий ба сари қудрат меояд. Нафароне, ки ҳокимро иҳота карда буданд, ба Мирзо Олимҷон ҳасудӣ менамуданд. Ва ин як фурсати муносибе буд, ки аз шоир халос шаванд. Ҳокимро алайҳи Ҳасрат барангехтанд. Гӯё, шоир бо вучуди оне ки дар дарбор зиндагӣ мекард, барои ин неъмат сипосгузор набудааст. Ва шоир аз сари бухл ба падари Сӯфибий, ҳокими пештараи Ҳисор Саидбий мадҳияе нагуфта будааст. Ин боис шуд, ки шоир аз дарбор дур шуд. Аз ҳамсараш низ маҷбурӣ ҷудо шуд.

Дар зери манаҳи шоир мисли танга сафедие пайдо мешавад, ки боиси аз дарбор дур шуданаш маҳз ҳамин мешавад. Мирзо ба он муттаҳам карда шуд, ки гӯё ба бемории барас гирифтор шуда бошад. Шоир дигар ба дарбор намеравад.

Хулоса, ӯ аз мардум худро дур мегирад, зеро рӯҳониёни ондавра чунин хулоса мебароранд, ки бемории шоир гузаранда аст. Ҳар касе бо шоир ҳамсуҳбат шавад, ба ин беморӣ гирифтор мешавад. Ҳасрат аз хотири ин қазияҳо худро ба танҳоӣ маҳкум мекунад. Ҳангоми ба кӯча баромадан дар сар хирқа мепӯшад. Шоир аз ин танҳоиҳо ҷон ба лаб мешавад ва дар айни камолот, дар синни 36-солагӣ, ки ҳанӯз хеле ҷавон буд, дунёро тарк мекунад. Шоир дар камбағалӣ зиндагӣ накардааст. Бенавоӣ ин ҷо ба маънои бекасӣ ва танҳоӣ омадааст. Мақсад аз «Танҳонишини гӯшаи меҳнатсаро шудам» ин аст.

Яъне пас аз таҳқиқ гардидани ин паҳлӯҳои зиндагии Мирзо Олимҷон маҷмӯаи шоирро дар шакли дурусттар бори дувум чоп намудем. Ва ин дигаргуниҳоро он ҷо зикр намудем.

Агарчи миқдори абъёти шоир нисбатан кам ба дасти мо расида бошад ҳам, шоир миёни аҳли адаб то андозае шуҳрат пайдо карда буд. Аз шоир ҳамагӣ 1496 байт боқӣ мондааст, ки ин барои шуҳратёр шудани як адиб бо ин миқдор абъёт хеле кам аст.

Шоир маҳз бо ширингуфторӣ ва содабаёнии худ миёни мардум муаррифӣ шудааст. Инчунин мубориза бурдан бар зидди амирону ҳокимони золими давр, ки мардуми тоҷикро хонахароб карда буданд, ин худ қаҳрамонист. Чунин мардонагӣ на ба ҳамаи шоирону адибон даст медиҳад. Яъне камбудиву нуқсонҳои амалдорони даврро нотарсона маҳкум намудан, аз нотарсӣ ва мардонагии шоир дарак медиҳад. Чунин буд, ки шоир бо ин ҳама умри кӯтоҳи худ миёни аҳли адаб зуд муаррифӣ шуд ва дӯстдорони қаламаш дар ҳар давру замон кам нестанд.

Масалан ғазали машҳури шоир, ки шоирро миёни мардум хеле шуҳратёр кардааст, ин аст:

Баландӣ ёфт кӯҳ аз пой дар доман кашиданҳо,
Сари селоб бар санг омад аз бечо давиданҳо.
Ман аз бекадрии хори сари девор донистам,
Ки нокас кас намегардад аз ин боло нишастанҳо [8, 23].

Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ як услуби аҷибе дорад бо номи «титол» ё «татол», ки Амирбек Ҳабибов онро услуби хоси шоир номидааст. Ва зикр кардааст, ки ин тарзи шеъриятро дар ашъори ягон шоир вонахӯрдааст. Ин масъала дар рисолаи номзадии мо то андозае ҳалли худро ёфтааст. Инчунин бо ин унвон мақолаи илмӣ дар бахши илмҳои филологии маҷаллаи илмии Паёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон нашр шудааст. («Титол дар ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ». / Х. Ё. Ҷӯраева // Паёми Донишгоҳи Миллӣ №4/3, 2017. –С. 216-219.

Дар китоби дуввуми «Забони миллат- ҳастии миллат»-и Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки «Забон ва замон» унвон гирифтааст, дар бораи ин шоири ширинбаён маълумот оварда шудааст: «Яке аз шоирони машҳури охирҳои асри

XVIII ва нимаи аввали асри XIX Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорист, ки маҳорати хуби шоирӣ дошта, дар ривоҷи забону адабиёти тоҷикӣ саҳми арзанда гузоштааст» [11, 229].

Мақом ва ҷойгоҳи Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ дар таърихи оламшумули адабиёти тоҷик то андозае муаррифӣ шудааст. Инчунин оид ба навъи шеърии «титол» ки дар таърихи адабиёти тоҷик услуби нав муаррифӣ шудааст, маълумот дода шуда, шоири ғайюру нотарс будани Ҳасрат таъкид шудааст: «Ҳасрат шахси ҳозирҷавоб, ҳаҷвнигор, ғайюру рӯйиростгӯй буда, аз танқиди муллову аҳли дарбор то ба шоҳ ибо намекард ва онҳоро ба як шакли эҷодиёти халқӣ бо номи «титол», ки ин калима ҳоло ҳам дар байни мардум ба маънои беҳудагӯйӣ маълум аст, ҳаҷв менамояд» [11, 231].

Ва ин ҷо як намунае аз як «титол»-и шоир мисол оварда шудааст:

Думи рӯба пайтобаи мокиён,
Саги лӯка хар нест дар Систон.
Малах риши гӯсоларо шона зад,
Биғалтид қурбоқа аз нардбон [11, 231].

Чун истифодаи киноя ва маҷоз хоси мардуми тоҷик аст, шоирон ва нависандагон низ онро дар ҳунари шеърофаринии худ ва эҷоди асар васеъ истифода мебаранд. Ин нукта дар китоби мазкур чунин зикр шудааст: «Адибони шӯхтабъ дар миёни мардум бо ҳамин тарзи баён, яъне ҳунари суханбозӣ ва қофияофаринӣ машҳур шудаанд» [11, 231].

Дар ин китоб миёни садҳо тан шоири ҳисорӣ, ки тӯли асрҳои XIII-XIX зиндагӣ ва эҷод намудаанд, танҳо зикр шудани номи Ҳасрати Ҳисорӣ далолат бар он мекунад, ки шоир воқеан як шахсияти бузург ва хушқаламу ширинкалом будааст. Яъне муаррифӣ шудани ин адиб аз ҷониби Пешвои миллатамон воқеан боиси дастгирист. Маҳз тавассути ин маъхазҳо номи адибону бузургони миллати мо аз миён намераванд ва дар саҳфаҳои таърихи адабиёти миллатамон абадӣ нақш мебанданд. Сухандон ва ширинбаён будани Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ аз ҷониби муаллиф чунин арзёбӣ шудааст: «Мирзо Ҳасрат фарди сухандон, нозукбаён, латифсухан, хушгуфтор ва дар навбати худ шӯху ширингуфтор будааст» [11, 231].

Агар танҳо замони зиндагии шоирро дар назар бигирем, нафарони зиёд рӯйи кор омадаанд, ки яке аз онҳо Мирзо Ҳасрати Ҳисорист. Парии Ҳисорӣ, Фориғи Ҳисорӣ, Комили Ҳисорӣ, Ғамгин, Шарифи Ҳисорӣ, Ҷазбии Ҳисорӣ, Мавзун, Бобо Ирсӣ, Банда, Ушоқ ва даҳҳо шоирону адибони дигар аз ин водии зархез ба адабиёти тоҷик ворид гардидаанд, ки хизмати онҳо барои рушду такомули забону адабиёти беназири халқи тоҷик беандозааст.

Ёд шудани Ҳасрат ҳамчун шоири шӯх дар ин китоб ишора бар он мекунад, ки шоир воқеан ҳам шахси нотарсу боирода будааст. Шоир бо калимаву ибораҳои масхараомез мардуми бою сарватманд ва мансабдорони замонашро, ки доим барои сер кардани шиками худу пайвандони худ мекӯшиданд, зери тозиёнаи танқид гирифта буд. Ва аз танқиди ин тоифаи мардуми чоплусу ситампеша аслан ибо надошт.

Ашъори шоир бою рангин буда, шоир оид ба аксари мавзӯоти адабиёти форсии тоҷикӣ шеър гуфтааст. Ҳасрат шоирест, ки зулми замон диққати ӯро ба худ ҷалб намудааст ва ашъори ӯ аз ашъори дигар ҳамасронаш маҳз бо ҳамин фарқ мекунад. Каломаш дар муқоиса бо шоирони ҳамасраш ва дар баёни мавзӯоти доғи рӯз ҷолиби таваҷҷуҳ аст.

АДАБИЁТ

1. Абдулқодири Бедил. Мунтахабот. Ахтарони адаб / Бедил Абдулқодир. Ҷилди 37. –Душанбе: Адиб, 2018. - 480 с.
2. Абибов Амирбек. Доираҳои адабии Бухорои Шарқӣ / Амирбек Абибов. –Душанбе: Дониш, 1984. - 240 с.
3. Амирқулов Субҳон. Нигоҳе ба инкишофи таърихии адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX) мунтахаби мақолаҳо/ Субҳон Амирқулов. –Душанбе: Ирфон, 2010. - 232 с.
4. Мардонов Аҳмадҷон, Мирзоалиев Нуралӣ. Ҳисор-қадамгоҳи бузургони ҷаҳон / Аҳмадҷон Мардонов, Нуралӣ Мирзоалиев. – Душанбе: Аржанг, 2009. - 120 с.
5. Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ. Мачмӯаи ашъор. Мураттиб Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадовна / Ҳасрат Мирзо Олимҷони Ҳисорӣ. –Душанбе: Сифат, 2019. - 156.
6. Каримов Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX / Усмон Каримов. Қисми 1. –Душанбе: Дониш, 1974. -188 с.
7. Холиқ Мирзозода. Таърихи адабиёти тоҷик. (Аз давраи қадим то асри XIII) / Мирзозода Холиқ. Китоби I (II). –Душанбе: Маориф, 1989. -424 с.
8. Ҳабибов Амирбек. Мероси адабии шоирони Ҳисор / Амирбек Ҳабибов. –Душанбе: Дониш, 1974. - 240 с.
9. Ҳабибов Амирбек. Аз ганҷинаи адабии Ҳисор. (Зумраи шуарои қарнҳои XVII-XIX Ҳисори Шодмон) / Амирбек Ҳабибов. – Душанбе: Ирфон, 1995. - 232 с.
10. Ҳасрат Мирзо Олимҷон. Девон. Дастхати охири асри XVIII ва аввали асри XIX/ рақами 3296 III, 3296 VIII. – 467(30) с.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. /Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе: Нашриёти муосир, 2020, 432 с.

ПРЕДСТАВЛЕНИЯ МИРЗО ОЛИМДЖОНА ХАСРАТИ ХИСОРИ НА КНИГЕ «ЯЗЫК НАЦИИ - БЫТИЕ НАЦИИ», ОСНОВАТЕЛЯ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА, ЛИДЕРА НАЦИИ, ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЭМОМАЛИ РАХМОНА

В истории всемирно известной таджикско-персидской литературы XVIII-XIX веков, Мирзо Олимджон стал известен как Хасрат Хисари. Поэт известен своим нежным и простым стилем в творчестве.

У Мирзо Хасрати Хисори есть уникальный стиль творчество, называемый «титол» или «татол», который Амирбек Габибов назвал собственным стилем поэта. Статус и место Мирзо Олимджона Хасрати Хисори в определённой мере известны во всемирно известной истории таджикской литературы.

Поэзия поэта богата и красочна, его творчество посвящено многим темам таджикской персидской литературы.

Ключевые слова: *поэт, сборник газелей, татол, Гиссарская долина, борец за справедливость, талантливый, добродушный, красноречивый, смелый, актуальные темы эпохи, насмешливые выражения, своеобразный стиль, простота, ирония и метафора.*

REPRESENTATIONS OF MIRZO OLIMJON HISORI ON THE BOOK: THE LANGUAGE OF THE NATION – THE BEING OF THE NATION «BY THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN EMOMALI RAHMON»

In the history of the world-famous Tajik-Persian literature of the XVIII-XIX centuries, Mirzo Olimjon became known as Hasrat Hissari. The poet is known for his gentle and simple style of creativity.

Mirzo Hasrati Hisori has a unique style of creativity, called «titol» or «tatol», which Amirbek Gabibov called the poet's own style. The status and place of Mirzo Olimjona Hasrati Hisori are known in a certain measure in the world-famous history of Tajik literature.

The poetry of the poet is rich and beautiful, he wrote poems on many topics of Tajik Persian literature.

Keywords: *poet, collection of gazelles, tittle, Hissar of valley, fihter for justice, talented, good - natured, eloquent, brave, current topics of the era, mocking expressions, peculiar style, simplicity, irony and metaphor.*

Сведения об авторе:

Джураева Хубонгул Ёрмахмадовна *– кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры Методика начального обучения Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.* ***Адрес:*** *р. Фирдавсӣ, ул. Фирдавсӣ 28/2, Душанбе, Республика Таджикистан. Тел: 907-04-08-78, E-mail: hubonguljuraeva@mail.com*

About the author:

Juraeva Khubongul Yormakhmadovna *- Candidate of Philology, Senior Lecturer of the Department of Primary Education Methods, of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.* ***Address****: Firdavsi, st. Firdavsi 28/2, Dushanbe, Republic of Tajikistan. Tel: 907-04-08-78, E-mail: hubonguljuraeva@mail.com*

ПАЙВАНДИ АДАБИЁТИ НАВИН ВА МАТБУОТИ ТОҶИК

Абдураҳимов Б.А.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Муҳаққиқон соҳаҳои адабиёт ва матбуотро аз ҳам ҷудо намедонанд. Ин ду шохаи ҳаёти маънавӣ ва фаъолияти эҷодӣ дар пайвастагӣ вуҷуд доштанд ва доранд. Мо ақидаи устод Садриддин Айниро оид ба оғози адабиёти навини тоҷик дуруст меҳисобем. Мавсуф дар «Намунаи адабиёти тоҷик» зикр карда, ки бо инқилоби якуми Русия, «омадшуди рӯзномаҷоту китобҳои тоза дар Бухорову Туркистон… соҳибқаламони тозанавис ҳам ҷо-ҷо сар баровардand ва бинобар ин, мо сари таърихи *адабиёти нави тоҷик*ро 1905 қарор додем» [2. с.353]. Яъне, ин ҷо муҳим он аст, ки оғози адабиёти навини тоҷикро устод ба пайдоиши «рӯзномаҷот» низ вобаста медонад. Ҳамин тавр, яке аз махсусиятҳои адабиёти давраи навини тоҷик аз он иборат аст, ки ба пайдоиши матбуоти тоҷик алоқаманд мебошад. Маҳз матбуот буд, ки адабиёти куҳансоли классикии тоҷикро дар оғози асри ХХ аз ҷиҳати сохту мазмун тағйир дод. Аз ин рӯ, бе омӯзиши таърихи матбуоти аввалин мазмуну мундариҷа, омилҳои ташаккули адабиёти навини тоҷикро муайян кардан имконнопазир аст. Вобаста ба ин, таъсирпазирии мутақобилаи матбуот ва адабиёти навини тоҷик дар оғози асри ХХ масъалаи муҳимми соҳаҳои таърихи матбуот ва адабиётшиносии тоҷик буда метавонад.

Тадқиқотҳои адабиётшиносӣ ва таърихи матбуот собит месозанд, ки робитаи адабиёт ва матбуот дар саргаҳи пайдоишашон хеле қавӣ будааст. Ба қавли муҳаққиқ А.Азимов, «Адабиёт ба матбуот, матбуот ба адабиёт тавъам буда, яке дигареро пурра гардонида, ба ин васила маҳсули эҷодро ба муштариён мерасонанд ва ғановати фарҳангӣ мебахшанд» [3. с.3]. Матбуоти тоҷик, ки чун матбуоти тамоми халқҳо

нисбат ба адабиёт ҷавонтар аст, замоне ба вуҷуд омад, ки талаботи ҷомеа ба он пайдо шуд. Аммо дар илмҳои адабиётшиносӣ ва таърихи матбуоти тоҷик масъалаи мазкур хуб омӯхта нашудааст ва асару монографияи махсус дар ин бора ба вуҷуд наомадаанд. Гуфтан мумкин аст, ки матбуот бо вуҷуди ҷавонӣ дар паҳн намудан ва тарғибу рушди адабиёти тоҷик дар давоми зиёда аз сад соли охир нақши намоён гузошт. Дар навбати худ адабиёт дар ташаккули жанрҳо, тасвири бадеӣ, услуб, сабки матбуот хизмати назаррас ба ҷо овардааст. Ин ҷо мо ин пайвандию алоқамандиро дар сароғози пайдоиши матбуот ва адабиёти навини тоҷик мавриди назар қарор хоҳем дод.

Алоқамандии адабиёт ва матбуот пайвандию печидагиҳое дорад, ки баъзан зимни тадқиқот дар байни онҳо сарҳад гузоштан номумкин мегардад. Дар натиҷа муҳаққиқи соҳаи адабиёт ба матбуот рӯй меорад, устоди таърихи журналистика бо асарҳои адабии дар матбуот нашргардида сару кор мегирад. Бо вуҷуди ин, аксар вақт муҳаққиқони соҳаи таърихи журналистика ҳангоми таҳлили масъалаҳои дахлдор маводи адабиро аз назар дур мемонанд ё онро аз даричаи илми журналистика мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Дар навбати худ мутахассисони соҳаи адабиётшиносӣ ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои адабиёт ёдоварии саҳми ин ё он нашрияро дар масъалаи рушди адабиёт фаромӯш мекунанд. Ҳамин тавр, ба алоҳидагӣ на аз тарафи муҳаққиқони соҳаи журналистика ва на адабиётшиносӣ маводи адабии нашрияҳои тоҷикӣ, махсусан, рӯзномаву маҷаллаҳои аввалин пурра омӯхта, таъсирпазирии ҳамдигарии байни онҳо муайян карда нашудааст. Мушкили асосӣ дар ин бобат аз он иборат аст, ки асарҳои адабии нашрияҳои аввалин аз тарафи муҳаққиқони касбӣ низ сарсарӣ аз назар гузаронда, пурра ва ба таври комил мутолиа ва баррасӣ нашудаанд. Дар натиҷа қайдҳои саросема ба вуҷуд омадаанд.

Бо вуҷуди ин, дар китобу рисолаву мақолаҳои зиёди устод С. Айнӣ, А.Муҳиддинов, М. Шакурӣ, Р. Ҳошим, А. Набавӣ, И. Усмонов, С.Табаров, И.Умняков, П. Гулмуродзода, Қ.Шарифзода, В. Самад, Н. Ғаффоров, Г.Дадобоева, А.Азимов, М. Рустамзода, О. Салимзода ва дигарон таърихи чоп ва заминаҳои пайдоиш, мазмуну мундариҷаи рӯзномаву маҷаллаҳои солҳои аввали асри бист омӯхта шуда, асарҳои адабии онҳо аз ҷиҳати жанру мундариҷа то андозае мавриди назар қарор дода шудаанд.

Бояд гуфт, ки нашрияҳои аввалини тоҷикӣ хусусияти маорифпарварӣ доштанд. Онҳо на танҳо бештари маводи бадеиву публитсистиашонро ба таълиму тарбия бахшидаанд, балки унвони баъзеи онҳо соҳаи мазкурро ифода мекард: «Дониш-биниш», «Раҳбари дониш», «Алифбои савод», «Инқилоби маданӣ» ва ғайра. Чунин унвон гирифтани матбуоти тоҷик аз таъсири нашрияҳои мамлакатҳои ҳамзабони Шарқ низ буда метавонад; дар Эрон, Афғонистон, Туркия, Миср, Россия, Ҳиндустон рӯзномаву маҷаллаҳое бо унвонҳои «Тарбият», «Омӯзгор», «Мактаб» ва ғайра чоп мешуданд.

Дар шакл, мундариҷа ва интихоби жанрҳои бадеӣ нашрияҳои аввалин ба ҳамдигар монандиҳо доранд. Чунин монандиро дар байни рӯзномаи «Бухорои шариф» (1912) ва маҷаллаи «Оина» (1913) дар мавриди пайдоиши шеъри нав ва публитсистикаи иҷтимоӣ метавон мушоҳида кард. Аммо дар забон ва сабки баён байни онҳо фарқият ба назар мерасад, дар ин бобат «Оина» назар ба «Бухорои шариф» як қадам пеш аст. Ҳамчунин, дар «Оина» чанд шакли нави бадеӣ ба вуҷуд омад.

Ҳарчанд ҳадафи асосии матбуоти аввалин танвири афкор, паҳн кардани афкору омоли маорифпарварӣ дар байни мардум, рушди маърифати илмиву фарҳангии ҷомеа, даъвати наврасону ҷавонон ба мактаб, илму донишомӯзӣ буд, масъалаи пешниҳоди намунаҳои адабиёт тавассути рӯзнома дар доираи ҳамин ҳадафҳо ба миён омад. Яъне, барои ифодаи афкори зикршуда намунаи адабиёт ва жанрҳои он лозим шуд. Ин аст, ки дар аксари намунаҳои матбуоти мавриди назар («Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш») сарлавҳа, рубрика ва саҳифаҳои умумӣ бо номи «Адабиёт» ба чашм мерасанд. Яъне, мавзӯи мазкур - адабиёт яке аз мавзӯъҳои асосии матбуот ба ҳисоб мерафт.

Дар бораи навиштаҳои адабии матбуоти солҳои 20-ум ва 30-юм муҳаққиқ А.Азимов чунин хулоса баровардааст: «Адабиёти нави шӯравӣ аз матбуот манша гирифтааст. Қисми зиёди адибони наслҳои якуму дуюми адабиёти тоҷик аввалин чакидаҳои хомаашонро дар матбуот манзури хонандагон гардонидаанд. Ба ин васила матбуот ба поягузории адабиёти нави тоҷик, ба шаклгирии мавзӯъ, жанр ва қолабҳои он сабаб шудааст» [4. с.24]. Хулосаи мазкур дуруст аст. Дар ҳақиқат, чӣ тавре ки минбаъд дар рафти тадқиқ хоҳем дид, бисёр адибони тоҷик, аз ҷумла, С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, Ҷ.Икромӣ, С.Манофзода, Б.Азизӣ, А.Пирмуҳаммадзода, Пайрав Сулаймонӣ нахустин осори насри бадеӣ ва баъзеҳо ашъорашонро дар саҳифаҳои матбуоти назари мо чоп кардаанд. Ҳамчунин, мавзӯъ ва жанрҳои нави адабӣ низ дар матбуот ба нашр расиданд. Хулосаи дуюми муҳаққиқ аз он иборат аст, ки маводи саҳифаҳои адабӣ на танҳо ба адабиёт дахл доштанд. Аммо ба андешаи мо, ин хусусият ба нашрияҳои солҳои бистум хос нест, баъдан гӯшаҳои адабӣ пурра ашъор ва асарҳои насриро ҷой додаанд. Хулосаи сеюми А.Азимов дар бораи заминаи ҳуҷҷатӣ доштани асарҳои адабии матбуоти ин давра дуруст мебошад.

Аз натиҷаи илмии тадқиқотҳои мавҷуда хулоса баровардан мумкин аст, ки дар мундариҷаи матбуоти аввалини тоҷик адабиёт баъд аз маориф ва иқтисод дар ҷойи сеюм қарор гирифтааст. Аммо пешдастии адабиёт аз он иборат аст, ки зимни инъикоси масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҳамчун воситаи баён аз жанрҳои адабӣ фаровон истифода бурдааст. Илова ба ин, рӯзномаву маҷаллаҳои онвақта гӯшаву рубрика

ва ҳатто, баъзеашон фаслҳои алоҳидаи адабӣ доштанд. Ин масъалаҳо дар адабиётшиносӣ ва таърихи матбуоти тоҷик ба таври номбар кардани рубрикаҳо ва сарлавҳаи мавод ёдовар шудаанду бас.

Аз ҷумла, дар рӯзномаи «Бухорои шариф» силсилаи шеърҳои навоварона дар атрофи масъалаи чигунагии адабиёти замонӣ бе таъкиди махсус ба миён омаданд. Баҳсҳо ба шакли назм бошанд ҳам, аз аҳамияти баланди адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ бархӯрдоранд. Ба қавли муҳаққиқон, «Натиҷаи ин мубоҳисаҳои назарӣ ва интиқодӣ ҳамин шуд, ки адабиёт бояд ба воқеияти ҳаррӯза, вазъи таърихӣ, фикру зикри инсони ҳамзамони худ мутаваҷҷеҳ шавад, масоили Ватан, илм, озодӣ, шинохти худ, пешрафти кишварро мавриди тасвир қарор диҳад. Ба қавле, туфайли баҳси интиқодӣ ва зебоишинохтӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ҷараёни шаклгирии адабиёти нав, шеъри нави воқеъгаро ба марҳидаи тозае ворид гардид» [15. с.144]. Ҳарчанд ин баҳсу мунозираҳои адабӣ хусусияти нақди адабии имрӯзаро надоштанд, як навъ нақди адабӣ дар шакли манзум буданд ва ба нақди адабии расмии баъдина асос гузоштанд.

Оид ба ҷойгоҳи адабиёт дар матбуоти даврӣ, таъсири мутақобилаи матбуот ва адабиёт аз тарафи муҳаққиқони ҳамзабони мо дар Эрон тадқиқотҳои ҷолиб ба миён омадаанд. Яке аз онҳо асари «Таҳаввули адабиёти достонӣ ва намоишӣ аз оғоз то 1320 шамсӣ. Дар чорчӯби тарҳи татаввури мазомини достонии гурӯҳи адабиёти муосир»-и донишманд Ҳасан Миробиддинӣ мебошад. Дар асари мазкур, ки асосан ба масъалаҳои мазмунҳои достонӣ дар намоишномаҳо бахшида шуда, сабабҳои ба матбуот рӯй овардани адибон ва дар саҳифаи рӯзномаву маҷаллаҳои охири асри 19 ва аввали асри бист ба чоп расондани асарҳояшон инъикос ёфтааст. Ин асар аз он ҷиҳат боз муҳим арзёбӣ мешавад, ки ба давраи мавриди тадқиқи мо рост меояд. Яъне, дар он масъалаи мазкур дар нашрияҳои даврони асри нуздаҳ ва оғози асри бистум мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳасан Миробиддинӣ яке аз омилҳои дар матбуот ба табъ расидани аввалин романҳои форсиро «кундии рушди санъати чоп ва набудани ноширони ҳирфай» дар он вақт дар Эрон донистааст [9. с.23].

Исбот гардида, ки нашрияҳои нахустини Эрон ҳарчанд нашрияи соф адабӣ дониста нашудаанд, бо мақсади ҷалби теъдоди бештари хонандагон ва афзун намудани обуначиён чопи асарҳои хурду калони адабиро ба роҳ мондаанд, ки як қисмашон тарҷумавӣ буданд. Маҳз ба ин сабаб асарҳои ба хонандагони тоҷик маълуми «Саёҳатномаи Иброҳимбек»-и Зайнулобиддини Мароғаӣ, «Аҳмад ё сафинаи Толибӣ»-Толибов, «Саргузашти Ҳоҷибобо»-и Исфаҳонӣ дар тарҷумаи Мирзо Ҳабиб Исфаҳонӣ аввал дар нашрияҳо интишор ёфта, ба василаи рӯзномаҳои «Ахтар», «Ҳаббулматин» дастраси хонандагони тоҷик низ гардиданд. Нашрияҳои мазкур ба Осиёи Марказӣ ҳам меомаданд ва ба таълифоти шоирону нависандагони тоҷик таъсир мерасонданд. Аз ҷумла, «Навиштаи Зайнулобиддини Мароғаӣ ҳамон амалеро, ки дар Эрон иҷро карда буд, дар Моваруннаҳр низ иҷро кард, дар ин ҷо низ боиси бедории фикрҳо, боиси қувват гирифтани нигоҳи танқидии адибон ва афкори озодихоҳии онҳо гардид» [14. с.45]. Ин аст сабаби дар нашрияҳои аввалини тоҷикии мавриди назар ба вуҷуд омадани як қатор жанру услубҳои нав чун мусоҳиба, сафарнома, фелетон, шеъри озод, ҳаҷв, нақиза ва ғайра. Дар нашрияҳои даврӣ чоп гардондани асарҳои бадеӣ аз ду ҷиҳат фоида расонд: якум, кори муаллифонро осон кард –асарҳояшон интишор шуд, дувум, боиси серхонанда гаштани асарҳои мазкур ва худи нашрия гардид. Яъне, ҳар ду тараф - матбуот ва адабиёт аз ин ҳамкорӣ ва пайвандӣ бурд карданд.

Ин фазои тозае, ки матбуот барои адибон муҳайё намуд, ҳамчунин, ба онҳо имкон дод, ки таҷрибаҳои адабии худро тавассути рӯзномаҳо ба маърази умум гузоранд. Чунончи дар ҳамон давра (солҳои бистуми асри бист) нависандаи маъруф Алиакбари Деҳхудо яке аз намунаҳои таҷрибаи адабии хеш-мақолоти достонвораашро бо номи «Чаранду паранд» дар «Сури Исрофил», ки ин нашрия ба Осиёи Марказӣ низ ирсол мегашт, чоп кард. Ибораи «чаранду паранд» минбаъд дар адабиёти форсу тоҷик машҳур гашт. Ҳатто, баъдтар истилоҳи «чарандиёт», имзои мустаори «Чарандгӯ» дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» борҳо мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба қавли донишманди маъруф Эдвард Браун, «Чаранду паранд»-и Деҳхудо «забони адабиро аз қайду банди суннат раҳо кард ва онро ба забони рӯзмарра даромехт ва истилоҳот ва каломҳо ва лаҳнҳои гуногунро вориди забони форсӣ кард… Сутуни «Чаранду паранд»… аз лиҳози насрнависӣ бисёр олӣ ва бикр буд… Намоёнгари навоварӣ дар танзи форсӣ аст ва ба сабке ҳам омиёна ва ҳам муъҷаз ва фасеҳ навишта шудааст» [5. с.412]. Ҳамин тавр, ба қавли Ҳасан Миробиддинӣ, рӯзномаҳои форсии аввали асри бистум ҳалқаи пайвандии адабиёт ва матбуот буданд. Ҳамчунин, нақши рӯзномаҳои нахустини ахбориро, ки дар ҳошияҳояшон осори бадеиро чоп мекарданд, хеле муҳим бояд арзёбӣ намуд, ки маҳз онҳо боиси ба як ҷо ҷамъ омадани адибони эронӣ гаштанд.

Нависандагони тоҷик ҳам аввалин шеърҳои инқилобӣ ва намунаҳои жанрҳои нави адабии хешро маҳз дар рӯзномаву маҷаллаҳо ба чоп расонданд. Чуноне ки маълум аст, нахустин маҷмӯаҳои шеърҳои Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, А.Деҳотӣ, П.Сулаймонӣ, Мирзо Турсунзода ба шакли китоб бо сабаби норасоии имконоти чопӣ танҳо дар солҳои 1927 - 1932 интишор ёфтанд. То ба он вақт тамоми шеърҳо, асосан, инқилобӣ ва навоваронаи номбурдагон дар маҷаллаҳои «Шуълаи инқилоб», «Дониш ва омӯзгор», «Дониш-биниш» («Раҳбари дониш»), рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», чанд китоби дарсӣ ва ниҳоят, маҷмӯаи «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926) ба чоп расиданду бас. Яке аз намунаҳои барҷастаи ин падида чопи аввалин повести тоҷикӣ «Одина»-и устод Садриддин Айнӣ дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ва нахустин роман «Ҷаллодони Бухоро»-и мавсуф (варианти ӯзбекӣ) дар

нашрияҳо мебошад. Зеро дар оғози солҳои бистум матбааҳое, ки қувваи чопи асарҳои бадеӣ, ҳатто, таълимиро дошта бошанд, набуданд.

Ҳамин тавр, матбуоти тоҷик - аввалин рӯзномаву маҷаллаҳо дар оғози асри XX минбари ҳақиқӣ ва ягонаи адабиёти навини тоҷик ба ҳисоб мерафт ва ин вазифаро сарбаландона иҷро кард. То ба андозае, ки баъзеи онҳо бо вуҷуди нашрияҳои соҳаи дигар - маориф буданашон дар солҳои минбаъда аз тарафи адибон ва муҳаққиқон нашрияи нависандагони тоҷик ном бурда шуданд (чунончи маҷаллаи «Раҳбари дониш»).

Дар асоси муқоиса ва баррасии мавзӯю мазмун ва жанрҳои адабию журналистии нашрияҳои Эрон ва Осиёи Марказӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки агар дар нашрияҳои даҳсолаҳои аввали асри бистуми Эрон ҷанбаи бадеӣ назаррас бошад, яъне, дар он ҷо ба осори сирф адабӣ - роману ҳикояву новеллаҳо ҷойи бештар ҷудо шуда бошад, дар нашрияҳои тоҷикии ин давраи Осиёи Марказӣ ҷанбаи публитсистика пурқувват буд.

Таъсири мутақобилаи адабиёт ва матбуоти тоҷикро дар таърихи мавриди назар ба ду қисм метавон ҷудо кард: 1) Пеш аз инқилоби октябр ва 2) Баъди инқилоби октябр то соли 1932. Дар давраи аввал нахустин жанрҳои адабии соҳаи матбуот чун публитсистика, фелетон, мусоҳиба, сафарнома ба вуҷуд омаданд. Асарҳои адабии дар матбуот банашррасидаи давраи аввал, агар хусусияти танвири афкорро дошта бошад, давраи дувум бо инъикоси инқилоби сиёсӣ шурӯъ шуд дар мисоли маҷаллаи «Шуълаи инқилоб». Ҳамчунин, баъди муддате шаклҳои адабии нав чун ҳикоя, повест, қисса ба вуҷуд омаданд. Дар атрофи нашрияҳо адибон ҷамъ омада, асарҳои ҳамдигарро ба муҳокима кашиданд. Дар натиҷа аввалин намунаҳои нақди адабӣ ба миён омад. Повести «Одина»-и устод Айнӣ дар рӯзнома ба чоп расид. Баъзе нашрияҳо чун «Раҳбари дониш» рубрикаву саҳифа ва гӯшаҳои алоҳидаи адабӣ кушода, дар онҳо хусусияти адабӣ бештар равшан гардид. Ҳамаи ин ба ҷамъ шудани адибони куҳан ва навқаламон дар атрофи нашрияҳои алоҳида сабаб гашта, ниҳоят, дар нимаи аввали солҳои сиюми асри бист ба ташкили Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон боис гардид.

Бо вуҷуди ин, қатъан наметавон гуфт, ки баробари пайдоиши матбуот дар Эрон ва Осиёи Марказӣ адабиёт шакли нав пайдо кард. Адабиёти куҳани тоҷикиву форсӣ, шаклу маънии он дар мағзи дилу ҷони мардум ҷой гирифтааст. Ба қавли Ҳасан Миробиддинӣ, дар он солҳо байни «удабои суннатгаро ва таҷаддудхоҳон» [9.88] зиддияти ошкор мавҷуд набуд. Чӣ тавре ки дар даҳсолаи якуму дувуми асри бистум дар байни мардуми Осиёи Марказӣ ҳам ашъори суннатгаройи Нақибхон Туғрал ва ҳам ашъору мақолаҳои шоирони навгарою маорифпарвар, публитсистикаи инқилобию маорифпарварӣ эътибори баробар доштанд, «ҳар маҷалла ва китоб ва рӯзномае, ки ба форсӣ мунташир мешуд, аз осори қаламии удабои суннатгаро холӣ набуд» [9. с.88]. Ин баҳсу назарҳо, ки ба манфиати пешрафти адабиёт буд, дар адабиёти навини тоҷик (дар мисоли «қадим» ва «ҷадид» ба чашм мерасид. Танҳо ба фарқ бо он ки дар адабиёти тоҷики баъди солҳои бистум (даврони шӯравӣ) чунин баҳсҳо ба сабаби муборизаҳои сиёсиву ақидатӣ оштинопазир гашта, то ба таъқибу ҳабси шоирону нависандагон оварда расонд.

Бояд гуфт, ки дар байни нашрияҳои Шарқ, ки ба афкори адабии адибон ва журналистони тоҷик таъсири намоён гузоштанд, маҷаллаи «Мулло Насриддин» (с.1906, Тифлис)-ро махсус қайд кардан лозим аст; он дар Бухоро яке аз нашрияҳои сермутолиатарин ба ҳисоб мерафт. Пайдоиши ҷанбаҳои танқидӣ, танзу ҳаҷв, жанрҳои нав дар адабиёти индавраи тоҷикӣ, ки дар матбуот ба нашр расидааст, аз таъсири маҷаллаи мазкур вобаста мебошад. Чунончи, агар жанри фелетон ба шакли мазкур дар адабиёт ва матбуоти тоҷик маҳз аз «Бухорои шариф» оғоз ёфта бошад, бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки он идомаи тачрибаи матбуоти Қафқоз, махсусан, маҷаллаи «Мулло Насриддин» мебошад. Асосгузор ва муҳаррири маҷаллаи мазкури озарбойҷонӣ нависанда ва журналисти маъруф Ҷалил Мамедқулизода буд. Ба қавли муҳаққиқ И.Ҳабиббейли, «Мулло Насриддин» маҷмӯи бисёрҷилдаи асарҳои бадеӣ-публитсистии дар тӯли солҳо ҷамъшудаи Ҷалил Мамедқулизода ва дигар «муллонасриддиниҳо» буд» [16. с.20]. То ба Бухоро омадан Мирзо Ҷалол Юсуфзода дар Қафқоз бо ин маҷалла ҳамкорӣ карда, сабку услуб ва шаклҳои бадеию жанрии онро омӯхтааст. Аз ин рӯ, аз тарафи муҳаққиқон омӯхтани мундаричаи ин нашрия, ки ба масъалаҳои Бухоро низ таваҷҷуҳ кардааст ва алоқамандии он бо «Бухорои шариф» ба бисёр масоили торик равшанӣ хоҳад андохт. Мардуми Бухоро медонистанд, ки «Мулло Насриддин» нашрияи ҳаҷвӣ аст. Шояд ба ҳамин сабаб яке аз хонандагон дар мактубаш дар мавриди забони рӯзномаи «Бухорои шариф» гилагузорӣ карда, изҳор намуда, ки вай забони онҳоро (шояд чун «Мулло Насриддин») «истеҳзо», «масхара», «ҳаҷв» кардааст [6. с.12]. Бояд гуфт, ки шиору даъватҳо дар намунаҳои матбуоти аввалини ҳар ду минтақа ҳамчун ҷузъи ҷудонашаванда қабул шуда, он ҳам дар сарлавҳа, ҳам дар матн фаровон истифода гаштааст. Аммо шиору даъватҳои нашрияҳои тоҷикӣ хусусияти хос доштанд, онҳо хушку берӯҳ набуданд. Балки бо суханҳои обдору лирикӣ ва таъсирбахш оро ёфтаанд, аз ин рӯ, як қисмати муҳимми онҳоро ҳамчун ручӯи лирикӣ, ки як жанри адабӣ ба ҳисоб меравад, метавон баррасӣ намуд. Ҳам «Бухорои шариф» ва «Оина» ва ҳам нашрияҳои дигари баъди Инқилоб («Раҳбари дониш») шиор, гуфтор, калимаву мафҳумҳои хоси худро доштанд, ки ҳадафу афкори асосиашон дар атрофи он гирд мегашт.

Дар бобати жанр ва шаклҳои бадеии дар нашрияҳо истифодашуда бояд гуфт, ки маҳз рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикӣ сарогози ба вуҷуд омадани як қатор жанрҳои бадеӣ, монанди публитсистика, фелетон,

ҳикоя, қисса, суҳбат, ручӯъҳо гаштанд. Албатта, нашрияҳо жанрҳои мавҷудаи классикӣ чун танз, суҳбат, сафарнома ва ғайраро низ фаровон истифода мебурданд, аммо дар шакл ба он тағйирот ворид карданд, Чунончи, жанрҳои суҳбат ва сафарномаи дар рӯзномаҳо истифода шуда аз жанри маъмули классикӣ дар забон, услуб ва ҳадаф фарқият дошт. Аз ҷумла, агар дар сафарномаҳои пешин мазмун танҳо аз нақли пурмоҷаро ва хонданбоб иборат бошад, дар услуби Аллома Аҳмади Дониш ва пайравони маорифпарвари ӯ ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷойи аввал меистод.

Аслан, ба қавли бисёр муҳаққиқони адабиёти ҷадидӣ, пеш аз ҳама, М.Абдуллоев, услуби публитсистӣ асоси адабиёти ҷадидиро ташкил медиҳад; онҳо аз ин услуб дар таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва нашрияҳо истифода мебурданд. Аз ҷумла, дар ин бобат андешаи зерини муҳаққиқи зикршуда қобили мулоҳиза аст: «Тамоми адабиёти насрӣ ва назмии ҷадидонро метавон миллӣ номид, зеро ғояи асосӣ ва марказии ин адабиёт даъват ба бедории иҷтимоӣ ва худшиносии миллӣ буд. Ғояҳои худро ҷадидон дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла бо истифодаи мифология, рамзҳои куҳан, образу анъанаҳо ифода мекарданд, ки ҳамаи ин моҳияти миллию таърихии эҷодиёташонро устувор мегардонид» [1. с.20].

Баробари фелетон жанрҳои суҳбат, мусоҳиба, назира, саҳнача, танз, ҳатто, ҳикоя бори аввал дар «Бухорои шариф» ба таври фаровон истифода шуда, аз ҷиҳати сохту мазмун ташаккул ёфтаанд. Дар рӯзномаи «Бухорои шариф» маводи бадеӣ: шеър, наср, тарҷумаҳо хеле зиёд ба чашм мерасанд, «махсусан, муҳаррир Мирзо Ҷалол ба таълифи осори адабӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамуд» [10. с.100]. Яъне, ташаббускорони асосии таъсиси нашрия - Мирзо Ҷалол Юсуфзода ва Мирзо Сирочи Ҳаким ба шеъру адаб алоқаи қавӣ доштанд ва худ шеър менавиштанд. Ба қавли В.Самад, дар «Бухорои шариф» 31 шеъри Мирзо Ҷалол ба табъ расидааст [12. с.149], ки ин рақам мушаххас нест, Тадқиқот бояд идома дода шавад. Муаллифони «Бухорои шариф» «бештар ашъори иқтибосӣ ва тазминӣ иншо мекунанд». Масалан, аз ғазалҳои Ҳофизи Шерозӣ иқтибос оварда, ба он тазмин баста, дар зимн норасоиҳои ҷомеа, пойбандӣ ба ақидаҳо будани мардуми моро баён намудаанд. Чунин тазминнависӣ аз «Тарҷумон» бо шеърҳои Собир шурӯъ шудааст. Дар ин маврид муҳаққиқ В.Самад ҳангоми баррасии масъалаи мазкур ба хулоса омадааст, ки шоирони маҷаллаи «Мулло Насриддин» ба ашъори Ҳофиз зиёд тазмин баста, онро барои ифодаи мақсадҳои сиёсию иҷтимоии худ истифода бурдаанд [12. с. 130-136].

Чунончӣ дар тазмини дувуми Мирзо Ҷалол «Намунаи адаб» сухан дар бораи он аст, ки чӣ бояд кард, то миллати ислом аз хоби ғафлат бедор шавад:

Бедории бахти мо надорад оғоз, *Обе, ки зи ҷӯ рафт, намегардад боз?*
Эй ғафлат, аҷаб шудӣ ту бо мо дамсоз *Магзор ту ҳушёр бар маҷлиси роз…*
Эй ҳамватанони ғофилу ҷаҳлтироз, *Донӣ, ки чӣ гуфт пирамарди Шероз?*
«Ту хуфта ба маҳди ноз шабҳои дароз». *Оё дорӣ хабар зи бедории ғайр?* [6.№4, с.3].

Мазмуни мазкури «хоби гарон» дар шеъри Мирзо Ҷалол бо истилоҳи «хоби ғафлат» ифода шудааст. Дар анҷом Мирзо Ҷалол баҳри исботи фикри хеш аз «пирамарди Шероз» - Ҳофизи Шерозӣ шоҳид меоварад, ки: «Ту хуфта ба маҳди ноз шабҳои дароз, Оё дорӣ хабар зи бедории ғайр». Гуфтан мумкин аст, ки баъди ҳарфҳои мазкур нидои маъруфи Муҳаммад Иқбол баланд гашт: «Аз хоби гарон хез!». Ҳамчунин, дар шеъри дигар Мирзо Ҷалол бо истифода аз байти Ҳофизи Шерозӣ маънии дигар сохтааст: чӣ тавр мардуми мо тақдирашонро ба дасти қазову қадар месупоранд ва ихтиёрашонро ба дасти Аллоҳ месупоранд:

Эй дил, аз ҳолати ислом, ки дар тобу табӣ, *Набувад аз караму лутфи илоҳӣ аҷабе.*
Бифиристад ба чаман сарвқади ғунчалабе, *Ки ба ҷамъияти гулшан шавад аз нав сababе.*
«Чӣ муборак саҳаре бошаду фархунда шабе, *Шаби қадр аст, гар ин тоза баротат бидиҳанд».* [6.№5.с.3].

Назаррас аз ҳама аз шумораи №44, 1 майи соли 1912 чопи силсилаашъори Мирзо Ҷалол шурӯъ шуда, ки як навъ хитоб ба шоирони ҳамдиёр аст. Мазмуни шеъри аввал «Хитобия ба шуарои Бухоро» он аст, ки замона дигар гаштаю шеваи шоирӣ дигар:

Эй ҳамравишони ишқи шево, *Дар арсаи шоирӣ сафоро,*
То чанд асири тори мӯед? *Ё шефтаи узори Узро?*
Узрову узори ӯ бипӯсид, *Бигзашт замони ҳусни Салмо.*
Маъқул шудааст даври Маҷнун, *Мондааст ҳикояте зи Лайло.*
Хам шуд алифи қади нигорон, *Гар сарв буданд ё ки тӯбо.*
Абрӯи камону тири мижгон *Гаштанд ҳадаф ба нӯки яғмо.*
Гардида равони ишқ ворун, *Ҳам шеваи шоирӣ дигаргун.* [6.№44.с.3].

Дар ин маврид ақидаи муҳаққиқ Н.Ғаффоров ҷолиби қайд аст, ки «Дар шеъри «Хитобия ба шуарои Бухоро» шоир мақом ва вазифаи шоиронро дар марҳалаи нави таърихӣ муайян кардааст ва шоиронро даъват кардааст, ки аз мавзӯи анъанавии ишқи ғайризаминӣ рӯй гардонанд, мушкилоти ҳаётиро ба тадқиқ гиранд ва мардумро ба омӯзиши илму маориф даъват намоянд» [7. с.155].

Бояд гуфт, ки муҳаққиқ Валӣ Самад шеъри чоруми ин силсиларо идомаи се шеъри Мирзо Ҷалол дониста, дар ин маврид ба иштибоҳ роҳ додааст [12. с.150-152]. Муаллифони дигар иштибоҳи ӯро такрор кардаанд. Дар омади гап, ин норасоии матншиносии мост, ки бисёр вақт осори гузаштагон дуруст тадқиқ ва баррасӣ намешавад. Ҳол он ки баъди чопи се шеъри Мирзо Ҷалол дар бораи вазоифи навбатии шоирон

пайиҳам дар се шумора Мирзо Сироҷ бо номи «Ҷавоби мутояба» дар ду шумора ду шеър ба чоп расидаанд. Ҳамин тавр, муаллифи шеъри чоруми силсила Мирзо Сироҷ буданаш боз аз он маълум аст, ки дар шеъри дар шумораи №52, 11 май чопшуда боз ҳамон сарлавҳаи «Ҷавоби мутоиба» ва имзои «М.Сироҷӣ» гузошта шудааст. Мирзо Сироҷ бо эҳтирос ва эҳтиром «рафиқи ҳамроз» ва «хирадманд» гуфта, Мирзо Ҷалолро дар назар дорад. Зеро онҳо, дар ин бобат ҳамфикру ҳамроҳи ҳамдигар буданд ва ашъори ҳамдигарро бо мамнуният қабул менамуданд. Дар мавриди шеъри мазкур М.Шакурӣ низ онро аз Мирзо Сироҷи Ҳаким дониста зикр мекунад, ки «Адибони ҳар кишвар ба таври худ ба баррасии дардҳои миллат пардохтанд ва бо ин мақсад тарзи нави адабӣ, тарзи тозаи дархури замон эҷод кардан хостанд… Ин ҷо муҳим аст, ки на тозаангезии маҳз, балки навпардозие, ки поя бар анъанаҳои асили бостонӣ, бар шеъри Рӯдакӣ ва «сабки хуросонӣ» дошта бошад, дар назар аст. Муҳим ин аст, ки навоварӣ ба гузашта зид гузошта нашудааст,.. дар навсозӣ меросбариро фаромӯш накардаанд» [15. с.56-57].

Дар «Бухорои шариф», инчунин, жанри устуравӣ - хобу хоббинӣ, таъбири он, рубрикаи «Шеъри мансур» руҷӯи лирикӣ, сафарнома, фелетон, саҳна-суҳбат, тарҷумаҳои бадеӣ ва ғайра истифода шудаанд.

Муҳаққиқи ҷараёни ҷадидия Нуъмонҷон Ғаффоров дуруст таъкид карда, ки «бештарини соҳибони мактабҳои усули нав ва умуман, таблиғгарони ҷадидия шоиру нависандагон буданд» [7. с.7]. Вобаста ба ин, агар дақиқ аз назар гузаронем, ба осонӣ пай бурдан мумкин аст, ки аз се як ҳиссаи маводи «Оина»-ро назм ташкил медиҳад. Дар ин бобат далели овардаи Б.Исомиддинов қобили таваҷҷуҳ аст, ки шумораи шеърҳои чопшударо дар «Оина» дар асоси таснифоти муҳаққиқи японӣ 150 адад гуфтааст [8. с.8]. Аммо ба ҳисоби тахминии мо шумораи шеър хеле бештар бояд бошад.

Ҳамин тавр, омӯзиши мавзӯи пайвастагии матбуоти аввалин ва адабиёти бадеии навини тоҷик барои муайян кардани роҳи ояндаи тараққиёти адабиёт ва матбуоти тоҷик ёрӣ расонда, масъалаҳои ташаккули жанрҳо, афкори аҳли зиё, рушди маънавиёт ва худшиносии миллиро ҳал хоҳад намуд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллаев М.А. Таджикская публицистика и национальная идентичность (посл. четверть XX-первая половина XX веков).- Душанбе, 2014.- 309 с.
2. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Д.: «Адиб», 2010, 448 с.
1. Азимов А. Очеркҳо аз таърихи матбуоти тоҷик (солҳои 1920-30). Душанбе: Адиб.-1998, 90 с.
2. Азимов А. Адабиёт дар матбуоти солҳои сиюм.-Душанбе: Дониш, 2007.-52 с.
3. Браун, Эдвард, Таърихи матбуот ва адабиёти Эрон дар давраи машрутият, тарҷумаи Муҳаммад Аббос, Теҳрон.
5. Бухорои шариф, №№1-110, 139, 1912, шакли электронӣ.
6. Ғафоров Н. Ҷадидия ва шинохти он.- Душанбе: Ирфон, 2013.- 160 с.
7. Исомиддинов Б.Т. Особенности развития частных журналов в Таджикистане: Автореф. дис. канд. филол. наук. -Душанбе, 2014.- 25 с.
8. Миробиддинӣ, Ҳасан. Таҳаввули адабиёти достонӣ ва намоишӣ аз оғоз то 1320 шамсӣ. Дар чорчӯби тарҳи татаввури мазомини достонии гурӯҳи адабиёти муосир // Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ. Теҳрон, 1387, 376 с.
9. Набавӣ А. Нахустин рӯзномаи тоҷикӣ ва фарҳанги рӯзноманигорӣ («Бухорои шариф», «Самарқанд» ва «Оина»)-Душанбе: «Эҷод», 2007.
10. Раҳбари дониш, 1927-1929, шакли электронӣ.
11. Самад В. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал.- Душанбе: Маориф, 1991.-220 с.
12. Шакурӣ М.(М.Ш.Бухорой).Сарнавишти форсии тоҷикии Фароруд дар садаи бист. Душанбе:- Адиб, 2003, 340 с.
13. Шакурии Бухорой М. Равшангари бузург. Д.: Адиб.-2006, 340 с.
4. Шукуров М. (М.Ш.Бухорой). Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист.- Д.: Пайванд, 2006.-456 с.
5. Ҳабиббейли И. Нависандаи шаҳири Озарбойҷон Ҷалил Мамедқулизода // Ҷалил Мамедқулизода. Қутпии почта. Д.: ЭР-граф. 2019, 160 с.

СВЯЗЬ МЕЖДУ СОВРЕМЕННОЙ ЛИТЕРАТУРОЙ И ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССОЙ

«Связь современной литературой и таджикской прессой» можно сказать, что при изучении таджикской литературоведении история таджикской прессы не изучалась. Тем не менее, он был в определенной степени изучен в истории западной прессы и восточной литературоведении, и поэтомувопросу были написаны диссертации и монографии. Ярким (живым) примером этого является произведение «Эволюция эпической литературы и сценическийс началадо 1320-х годов. В рамках оформления эпической темы из группы современной литературы» иранского ученого Хасана Миробиддина. В данной статьи в некоторой степени было проанализировано изучаемой проблеме по сравнению с современной таджикской прессой и литературой начала 20-го века. Следует отметить, что, хотя таджикские исследователи опубликовали большое количество научных и популярных статей и книг по истории печати и литературных произведений, однако в них, данной вопрос не подвергалось тщательному и всестороннему анализу касательно их взаимосвязанности. В данной статье впервые была предпринята попытка проанализировать эту тему. Как отметили исследователи, литература и пресса очень совместимы. Можно сказать, что,несмотря на свою молодость, пресса играет

значительную роль в пропаганды и развитие таджикской литературы на протяжении более ста лет. В свою очередь, литература внесла значительный вклад в становление жанров, художественной изображении, образ и стиля печати. В статье рассматривается именноданной связь в самом начале и появления новой таджикской прессы и литературы. Также впервые были изучены причины обращения журналистов к литературе, например, первые появление литературных жанров на страницах публикаций газеты и журналы Ирана, Центральной Азии, решение новой проблемы литературы и роль писателей в современных условиях и т. д. а такжеулучшит будущие перспективы таджикской литературы и прессы, развитие духовности и национального самосознания.

Ключевые слова: *влияние, новая литература, пресса, освещение, жанроведение, исследователь, исследование, журналистика, публикация.*

THE CONNECTION OF MODERN LITERATURE AND THE TAJIK PRESS

«The connection of modern literature and the Tajik press» we can say that the history of the Tajik press has not been studied in the study of Tajik literary. However, it has been studied to some extent in the history of the Western press and Eastern literature, and treatises and monographs have been written on the subject. A clear example of this is the work «The Evolution of Fiction and Fiction from the Beginning to the 1320s. In the framework of the design of the legendary themes of the group of modern literature» by the Iranian scholar Hassan Mirobiddin. This article analyzes the issue to some extent in comparison with the modern Tajik press and literature at the beginning of the 20th century. It should be noted that although Tajik researchers have published a large number of scientific and popular articles and books on the history of the press and literary works published in them, this issue has not been studied in conjunction with each other. Only the names of the works are mentioned and there is no literary significance of the research. In this article, for the first time, an attempt was made to analyze the topic. As researchers have noted, literature and the press are intertwined. It can be said that the press, despite its youth, has played a significant role in the promotion and development of Tajik literature for more than a hundred years. In turn, literature has made a significant contribution to the formation of genres, artistic expression, style and style of the press. The article discusses this connection at the beginning of the emergence of the new Tajik press and literature. Also, for the first time, the reasons for journalists to turn to literature were studied, for example, the first newspapers and magazines of Iran, Central Asia, the emergence of literary genres in the pages of publications, the solution of new literature and the role of writers in new conditions, etc. will enhance the future prospects of Tajik literature and press, the development of spirituality and national self-awareness.

Keywords: *influence, new literature, press, enlightenment, genre, researcher, research, journalism, publication.*

Сведения об автора:

Абдурахимов Б.А.- *декан факультета таджикской филологии Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзода. Телефон: (+992) 904-10-85-85. E-mail: vorisonisomoni@mail.ru*

About the author:

Abdurakhimov B.A. *- Dean of the Faculty of Tajik Philology of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda. Phone: (+992) 904-10-85-85. E-mail: vorisonisomoni@mail.ru*

МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ ОСОРИ ФИРДАВСӢ ДАР ЗАМОНИ ИТТИҲОДИ ШӮРАВӢ

Одинаева С. Н.

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Масъалаҳои асосии адабии тоҷик, ки меҳвари асосии онҳоро осори бузургон ва адибони классик, ба мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино, Хайём, Саъдӣ, Низомӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Ҷ. Балхӣ, Н. Хусрав ва дигарон ташкил медиҳад, дар адабиётшиносӣ аҳамияти калон доранд. Маҳз бо таҳқиқ намудани ҳаёт ва осори бузургон дар давру замонҳои мухталиф, якқатор корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар адабиётшиносӣ анҷом ёфтанд.

Яке аз чунин симоҳои барҷаста Абулқосим Фирдавсӣ ва асари безаволаш «Шоҳнома» мебошад, ки дар адабиёти ҷаҳон мақоми волоро касб намудааст. Ҷиҳати арзиши баланди таҳқиқотӣ доштани «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ он дар ҳар марҳалаи таърихӣ таҳқиқоти тозаро ба арсаи илму фарҳанг ва адабиёт ба миён меорад.

Иттиҳоди Шӯравӣ яке аз марҳалаҳои муҳимтарин барои адабиёти тоҷик мебошад, ки маҳз дар ин давра қариб ҳамаи осори бузургонамон мавриди пажуҳиш қарор ёфтанд.

Бинобар ин шахсияти Ҳаким Фирдавсӣ ва асари безаволи ӯ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар маркази диққати муҳаққиқон, адабиётшиносон ва шарқшиносон қарор гирифт. Ҳаким Фирдавсӣ ва осори арзишманди ӯ аз нахустин шоирони форсу тоҷик маҳсуб меёбад, ки дар замони шӯравӣ омӯхта мешуд.

Боиси қайд аст, ки оғози омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Ҳаким Фирдавсиро солҳои солҳои 30-40-уми асри ХХ ташкил дода, ҳатто ҳазораи Абулқосим Фирдавсиро на танҳо дар ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ, балки берун аз он дар Эрон, Афғонистон, Олмон ва дигар мамолики дунё ҷашн гирифтанд.

Дар ин бора муҳаққиқ ва адабиётшиноси тоҷик Г.П. Шозиёева оғози омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Ҳаким Фирдавсиро таҳқиқ намудааст. Ӯ зимни анҷом додани таҳқиқоти илмиаш ба нахустин марҳалаи фирдавсишиносӣ ва шоҳномапажуҳӣ (солҳои 30-40-уми асри ХХ) баҳои сазовор лозим дониста, онро «давраи рушди адабиёти форсии тоҷикӣ» ном гузоштааст [10, с. 43].

Барои ҳамин солҳои 50-80-уми асри ХХ идомаи омӯзиши ҳаёт ва осори Абулқосим Фирдавсӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба он олимону донишмандони дохиливу хориҷӣ теъдоди зиёди монография ва мақолаҳои илмиро таълиф намуданд, ки дар замони муосир маводи ҷиддӣ дар фирдавсишиносӣ ва шоҳномапажуҳӣ ҳисобида мешаванд.

Омӯзиши «Шоҳнома»-ро олимони ҷаҳон аз нахустин таҳқиқоти илмӣ дар адабиётшиносии шӯравӣ меҳисобанд. Ба ин маънӣ муаррихи бузурги тоҷик Б. Ғафуров чунин менависад: «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ аз ҷиҳати маънои бадеии худ дар радифи барҷастатарин асарҳои ҳамосии адабиёти ҷаҳон қарор гирифтааст» [4, с. 517].

Гуфтан зарур аст, ки «Шоҳнома» на танҳо аз барҷастатарин ҳамосаҳои ҷаҳон, балки аз нодиртарин асарҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангӣ, забоншиносӣ ва ғайра мебошад.

«Шоҳнома» бештар реша ва сайри таърихиро дорад, ки маданият, фарҳанг ва адабиёти форсии тоҷикиро нишон медиҳад, зеро дар он масоили адабӣ ва арзишҳои маънавӣ, чун ахлоқӣ, фалсафӣ, ишқи реалӣ ва панду баҳс мешаванд.

Достонҳои «Шоҳнома» сарчашмаи маърифатӣ ва барозандаи завқу эҳсос ва хаёлии шоири барҷаста аст. Аз шуарои он замон сар карда, то ҳол садҳо шоирон, муҳаққиқон ва олимони ҷаҳон аз ин асари пурмазмун истифода менамоянд. Яке аз он донишмандон ва муҳаққиқони шӯравии рус, ки «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсиро мавриди пажуҳиши илмии худ қарор додааст, шарқшиноси рус Е.Э. Бертелс мебошад. Ӯ дар мақолаи худ зери унвони «Фирдавсӣ ва осори ӯ», ки дар китоби «Фирдоуси 934-1934»» ба табъ расидааст, чунин ибрози андеша намудааст: «Фирдавсӣ аз шоирони барҷастатарини форсии тоҷик мебошад, ки бо асари безаволи худ «Шоҳнома» ба дили ҳар хонандаи хурду бузург роҳ ёфтааст ва ҳар кадомашон таърих, фарҳанг ва тамаддуни хешро ҷустуҷӯ менамояд» [9, с. 113].

Дарвоқеъ, Е.Э. Бертелс ба шахсияти Абулқосим Фирдавсӣ баҳои баланд додааст, зеро ин асари мондагори таърихӣ номи шоирро ҷовидонӣ нигоҳ медорад.

Бояд гуфт, ки ҳангоми омӯхтани «Шоҳнома» муҳаққиқон ва олимон ба ҳар тарафи ин асар дақиқ масъалагузорӣ мекунад.

Ҳамчунин вобаста ба ҳамин маънӣ муҳаққиқи рус М. Явич дар мақолааш «Абулқосим Фирдавсӣ» низ чунин навиштааст: «Гуманизми (инсондӯстии) Фирдавсӣ зеҳни дақиқбинона, далерӣ ва мардонагии қаҳрамонҳои ӯ эътироз бар зидди истибдоду зулм ҳамеша роҳи тамоми одамони пешқадам, чун замони ҳозира низ роҳи ҳамаи инсонҳо дар самти рушдёбӣ мебошад» [11, с. 22].

Пас гуфта метавонем, ки муҳаққиқони шӯравӣ Абулқосим Фирдавсиро аз нобиғони адабиёти форсии тоҷик ҳисобида, фикри равон, зеҳни тез, ғояҳои инсондӯстона ва башардӯстонаи ӯро барҷаста нишон медиҳанд ва дар ин росто таҳқиқотҳои судмандро анҷом додаанд. Ба ин қатор олимону донишмандони намоён Е.Э. Бертелс, В.В. Бартолд, С. Айнӣ, Ш. Ҳусейнзода, Х.Шариф, М. Муллоаҳмад ва дигарон дохил мешаванд.

Омӯзиш ва тадқиқотҳои ёдгориҳои кӯҳани фарҳангӣ ва таърихӣ, ки дар осори илмию мадании гузаштаи халқи мо ва ҳаёти кунунии ҷомеа, масъалаҳои ватандорию бародарӣ ва ҳуввияти миллӣ нақши муҳим гузоштаанд. Нуктаи мазкур аз масъалаҳои муҳим ва баҳсталаби илми адабиётшиносии имрӯза мебошад. Яке аз чунин ёдгориҳои қадимаи адабӣ-фарҳангӣ достони «Шоҳнома» аст, ки ба андешаи мо, пажӯҳишу таҳқиқи он яке аз масоили умдаи илми адабиётшиносӣ аст. Бахусус, масоили асосии мавриди баҳси мо таҳқиқу пажӯҳиши паҳлӯҳои мухталифи «Шоҳнома» дар Тоҷикистон дар масъалаи ватандӯстиву инсондӯстӣ ва баробарӣ ҳуҷҷати махсус маҳсуб меёфт.

Аз ин лиҳоз, зимни таҷдиди назар намудан мавзӯи мазкур бар он ақидаем, ки «Шоҳнома» дар ҳар сохтори сиёсиву иҷтимоии таърихӣ сарчашмаи асосии ҷомеа ва сарқонуни давлатӣ гардидааст.

Роҷеъ ба таҳаввул ва сарчашмаҳои нахустини ин достон, сайру такомули он дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз тарафи олимону адабиётшиносон ҷаҳон пажӯҳишҳои махсус дорад ва сарманшаи онро сабтҳои хаттии форсӣ ва ҳуввияти миллӣ донистааст.

Падидаҳои адабиву фарҳангӣ бе мавҷудияти заминаҳои созгору мусоиди иҷтимоиву сиёсӣ ва маънавӣ ба вуҷуд наомадааст. Инчунин, ҳеҷ як адабиёт бо мавҷуд будани анъанаву суннатҳои худӣ бидуни риштаи пайванд ба адабиёти халқи дигар инкишоф ва такомул наёфтааст. Аз ин рӯ, ҳангоми омӯзиш ва пажӯҳиши маводи гуногуни равобити адабӣ муҳаққиқ Вали Самад «ба ҳодисаҳои дохилӣ ва берунии ҷараёни адабии дигар дучор меояд» [7, с. 4].

Маҳз бо дастгирии сардафтари адабиёти шӯравии рус Максим Горкий, адабиёти муосири тоҷик рушд ёфта, мақоми он бештар ва беҳтар гардид ва оид ба ин кохи бегазанди тамаддуни ҷаҳонӣ андешаронихо

зиёд ба миён омаданд. Таъсири адабиёти форсу тоҷик ба эҷодиёти М. Горкий беандоза калон буд. Ба вижа, дар «Воқеаҳо дар бораи Итолиё»» ном асараш мавзӯи модарро ба дараҷаи аъло таҷассум карда, қайд мекунад, ки «модар аст, ки абармардони бузург ба мисли Одаму Муҳаммад, Мӯсову Исо офарид, Арасту писар, Фирдавсӣ чун асал, Саъдиву Хайём ҳамчун май, Искандар ва дигарон Фарзандони модаранд» [3, с. 39].

Дар баробари таъсир бардоштани ададбиёти ҷаҳон аз адабиёти форсии тоҷикӣ то ҳанӯз идома дошта, дар ҳар давру замон ва марҳалаи таърихӣ ба ҳар тавр суръат мегирад. Дар баробари дигар мавзӯъҳо мавзӯи ишқиву романтикӣ дар асар ҷойгоҳи баланд дорад.

Дар ин бора адабиётшиноси шӯравӣ Стариков А.А. дар бораи дигар шарҳ мавзӯот оиди мавзӯи ишқӣ-романтикӣ чунин менависад: «Дар «Шоҳнома»-и безавол лаҳзаҳои ишқӣ-романтикӣ кам нестанд» [8, с. 459-590].

Аз инҷо бар меояд, ки «Шоҳнома» бо доштани мавзӯъҳои зиёд, на танҳо пурмазмун, балки асари калонҳаҷми ҷаҳон ҳисобида мешавад.

Муҳаққиқи тоҷик М. Раҷабов гуфтаҳои болоро собит намуда, чунин ибрози андеша менамояд: «Шоҳнома» на танҳо аз ҷиҳати ҳаҷм, балки аз ҷиҳати мазмун пурғановат аст, ки мазмунҳои мухталифи мардуми форсро фаро мегирад» [6, с. 7].

Дар замони шӯравӣ муҳаққиқ ва шарқшиносе нест, ки роҷеъ ба ҳаёт ва фаъолияти Ҳаким Фирдавсӣ таҳқиқе анҷом дода набошад.

Адабиётшиноси шӯравии рус Брагинский И.С., асари «Двенадцать миниатюр» менависад, ки Ҳаким Фирдавсӣ ҳам дар он шомил аст [1, с. 57]

У оид ба беандозагӣ ва беканории «Шоҳнома» чунин мегӯяд: «Шоҳнома»»-и Ҳаким Фирдавсӣ, ҳатто на баҳр, ин комилан уқёнус аст» [2, с. 24].

Воқеан, «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ уқёнуси беканорест, ки дар вуҷуди худ ноёбтарин дурдонаҳоро соҳиб аст. Бинобар ин ҳар шахси соҳибақлу соҳибхирад дурдонаҳои худро ҷустуҷӯ дорад.

Муҳаққиқи барҷастаи тоҷик Н. Маъсумӣ чунин қайд мекунад: «Баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар назди адабиёти советӣ вазифаҳои нави сиёсӣ ва ҷамъиятӣ гузошта шуданд. Омӯзиши осори бузургонамон вазифаҳои бузурги панҷсолаҳои баъдиҷангӣ пурра таъмин намуданд, зеро онҳо насли минбаъдаро дар руҳият баланди маънавӣ тарбият менамуд» [5, с. 97].

Ҳамин тавр зикр кардан ба маврид аст, ки «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ яке асарҳои муҳими ҷомеа ҳисобида шуда, дар нигоҳ доштани сохтори коммунистӣ, ки баробарӣ, ватанпарварӣ ва башардӯстӣ ҳукмфармо буд, басо зарур буд.

Маҳз усул ва қоидаҳои ироянамудаи Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома», ба роҳбарони Иттиҳоди Шӯравии на танҳо собиқ ҶШС Тоҷикистон, балки дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ (15 давлати бародари шӯравӣ) истифода намуда, дар ҳокимиятдорӣ ва давлатдории сохтори шӯравӣ ҷорӣ намуданд.

Пас дар интиҳои сухан метавон гуфт, ки «Шоҳнома» садсолаҳост, ки диққати муҳаққиқон, адабиётшиносон ва шарқшиносони бузургро ба худ ҷалб намудааст. Иттиҳоди Шӯравӣ дар омӯзиш ва таҳқиқи «Шоҳнома» такони бузург гузошт.

АДАБИЁТ

1. Брагинский И.С. Двенадцать миниатюр / Брагинский И.С. -Москва,1966,
2. Брагинский И.С. Из истории таджикской народной поэзии / И.С. Брагинский. - М.:АН СССР, 1956. с.24
3. Горький М. Собр. соч. в 18 томах, т.7. / М. Горкий. -Москва, 1967, с. 39)
4. Ғафуров Б. Тоҷикон / Б. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 1983. -кит.1. -704с.]. с. 517.
5. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат (муҳар. Носиров) / Н. Маъсумӣ - Душанбе: «Ирфон»», 1966 197 с.
6. Раджабов М. Фирдоуси и современность / М. Раджабов. - Душанбе, 1976, 216 с.
7. Самад В. Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳими адабиёт / В. Самад. - Душанбе. «Ирфон»», 1976, с. 4.
8. Стариков А.А. Фирдоуси иего поэма «Шахнамэ» Т.1. / А.А. Стариков. - Москва: АН СССР, 1957. с. 459-590)
9. Фирдоуси 934-1934 Сб. Восток, Т. 2. – М.Л., 1935. – 341 с.]. с. 113.
10. Шозиёева Г.П. Фирдоусиведение в Таджикистане (30-40 гг. XX века) / Г.П. Шозиёева. - Душанбе: Дониш, 2020, 168 с.] с 43.
11. Явич М. Абулқосим Фирдавсӣ. Кит., Абулқосим Фирдавсӣ (Тарҷумаи В. Державин) / М. Явич. - Сталинобод: Таджикгосиздат, 1949, с. 13-23.

ПРОБЛЕМЫ ИЗУЧЕНИЯ ФЕРДАВСИ И ЕГО «ШАХНАМЕ» В СОВЕТСКОМ СОЮЗЕ

В этой статье автор исследует изучение наследия наших предков, особенно Абулькасима Фирдоуси в советское время. Оказывается, советские исследователи дали достойную основу мастерству Абулькасима Фирдоуси.

Так как Абулькасим Фирдоуси является как ведущий деятель таджикско-персидской литературы, имеет универсальные и межкультурные идеи и позиции.

Следует отметить, что такие исследования приобрели высокие позиции по отношению к началу советского периода и началу этого периода. Чтобы найти такие вопросы, были установлены различные

мосты между учеными, исследователями и востоковедами бывшего Советского Союза в форме конференций, симпозиумов и симпозиумов.

Ключевые слова: *Хаким Фирдоуси, человечество, идея, исследователь, «Шахнаме», гений, приключения, источник, социальная, структура, патриотизм, Советский Союз, таджик, национальная идентичность.*

PROBLEMS OF STUDYING FERDOUSI AND HIS «SHAHNAME» IN THE SOVIET UNION PERIOD

In this article, the author explores the study of the heritage of our ancestors, especially Abulkasim Ferdousi during the Soviet era. It turns out that Soviet researchers provided a decent basis for the skill of Abulkasim Ferdousi.

Since Abulkasim Ferdousi is a leading figure in Tajik-Persian literature, he has universal and intercultural ideas and positions.

It should be noted that such studies have acquired high positions in relation to the beginning of the Soviet period and the beginning of this period. To find such questions, various bridges have been established between scientists, researchers and orientalists of the former Soviet Union in the form of conferences, symposia and symposia.

Key words: *Hakim Ferdousi, humanity, idea, researcher, Shahnameh, genius, adventure, source, social, structure, patriotism, Soviet Union, Tajik, national identity.*

Сведения об автора:

Одинаева Сафармо Нуруллоевна *- соискатель Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, Тел.: (+992) 985 69 30 20*

About the author:

Odinaeva Safarmo Nurulloevna *- Researcher of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Тел.: (+992) 985 69 30 20*

МАХСУСИЯТҲОИ ФЕЛЕТОНИ МАТБУОТИ АВВАЛИНИ ТОҶИК

Абдураҳимов Б.А.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Оид ба назария, таърихи пайдоиш, ташаккул, хусусиятҳои вижаи жанри фелетон дар журналистика ва адабиёти тоҷик муҳаққиқон И.Усмонов, А.Нуралиев, П.Гулмуродзода ва дигарон таҳқиқотҳои назаррас анҷом додаанд. Ба қавли аксари муҳаққиқон, «фелетон жанри публитсистию бадеист, ки дар он зуҳуроти манфии ҳаёт, рафтори нодурусти одамон маҳкум ва мазаммат карда мешавад» [18. с.111]. Чӣ тавре ки мушоҳида мешавад, дар ин таъриф масъалаи муҳим барои мо он аст, ки фелетон дорои хусусиятҳои ҳам публитсистика ва ҳам адабиёти бадеӣ будааст. Чунин духӯрагии шаклу мазмуни фелетон боиси андешаҳои гуногун дар масъалаи шарҳу тафсири он гаштааст. Бо вуҷуди ин, аксарият бар онанд, ки фелетон яке аз жанрҳои публитсистикаба ҳисоб меравад. Оид бахуди публитсистика бошад, дар илми адабиётшиносиву журналистика ду таъриф маълум аст.Аксариятаз асрҳои 19 то ба имрӯз бар онанд, ки фелетон ба як намуди жанри журналистӣ дохил мешавад,зеро фелетонҳои нахустин дар Ғарб, аз чумла, Русия дар матбуот ба чоп мерасиданд ва муаллифонашон журналистон буданд. Аммо вақтҳои охирдар илми тоҷик ақидае роиҷ гардид, ки публитсистикаро *як навъи эҷод* медонанд. Муҳаққиқон И.Усмонов ва М.Абдуллоев тарафдори андешаи мазкуранд. Сабаби ба миён омадани вазъияти фавқдар он аст, кипублитсистика ба адабиёт ва журналистика баробар хизмат мерасонад ва хусусиятҳои ҳар ду ин навъи эҷодро дорост. Вобаста ба ин, азбаски аксариятфелетонро як намуди публитсистика мешуморанд, пас, он ҳам навъи эҷод ба шумор меравад. Минбаъд дар таҳқиқи зер пурра мушоҳида хоҳем кард, кидар фелетон хусусияти адабиёти бадеӣ барҷаста ба назар мерасад ва дар ин бобат аз публитсистикаяк қадам пеш аст. Бо вуҷуди ин, чуноне зикр шуд, фелетон ҳамчун як намуди фаъолиятиэҷодие, ки мавзӯаш рӯзмарра вааз рӯйи талаботи замон аст,бештар ба қоидаву қолабҳои журналистӣ қаробат дорад. Ногуфта намонад, ки оид ба ин масъалаҳо-вобастагию алоқамандии фелетон бо жанрҳои дигари бадеиву журналистӣдар адабиётшиносӣ ва назарияи журналистикаи ҷаҳон таҳқиқотҳои зиёд ба вуҷуд омадаанд. Аммо дар илми тоҷик оид ба махсусиятҳои фелетони миллии мо, таърихи пайдоишу вижагиҳои он таҳқиқоти комил анҷом дода нашудааст.

Аз ин рӯ, ҳадафи мо аз муайян кардани муносибати байниҳамдигарии навъҳои мазкури эҷод- адабиёт ва журналистка дар моварои баҳамоии онҳо дар мисоли фелетониборат аст. Дар бораи алоқамандии публитсистика бо адабиёт ва журналистика таҳқиқоти назаррас анҷом дода шудаанд. Онҳо хулоса кардаанд, ки ҳар дуи ин навъи эҷод- адабиёт ва журналистика аз публитсистика баҳраи кофӣ бардоштаанд. Вобаста ба ин, муҳаққиқ М.Абдуллоев дар пажӯҳишаш «Публитсистикаи тоҷик ва ҳувияти миллӣ» дуруст ба натиҷагирӣ карда, ки матбуоти даҳсолаҳои аввали қарни гузашта бо хусусиятҳои бадеию публитсистии хеш дар пайдоиши жанрҳои нави бадеию публитсистӣ дар адабиёт мусоидат намудааст. Дар ҳақиқат, дар

натиҷаи таҳқиқоти доманадори мо оид ба таърихи матбуоти тоҷик дар даҳсолаҳои аввали асри бистум маълум гардид, ки нашрияҳои аввалини тоҷикӣ заминаи пайдоиши навъҳои нави жанрҳои на танҳо журналистӣ, балки жанрҳои бадеӣ гаштаанд. Публистсистика аз намунаи барҷастаи он ба ҳисоб меравад, ки маҳз матбуот сабабгори ба вуҷудоии он гашт. Ва публитсистикаро то ба имрӯз ҳам ба адабиёти бадеӣ ва ҳам журналистика оид медонанд.Дар ин росто қавли дуруст, ба фикри мо, ҳамон аст, ки муҳаққиқ М.Абдуллоев баён кардааст: он як навъи эҷод мебошад. Муҳаққиқ М.Шакурӣ оид ба аҳамияти нашрияҳои аввалини тоҷикӣ дуруст зикр карда: «Бо пайдоиши рӯзномаву маҷаллаи «Бухорои шариф», «Самарқанд», «Оина» жанри нави публитсистикаи маорифпарварӣ-равшангарӣ падид меояд» [22. с. 401-402]. Баробари ин, чӣ тавре ки қайд кардем, дар умум, мавзӯи асосии тамоми публитсистикаи бадеии ҷадидон мавзӯи худшиносӣ ва даъват ба бедории миллию динӣ будааст» [1. с. 80]. Ҳамин тавр, адабиёти публитсистии ҷадидон аз «Бухорои шариф» оғоз ёфтааст. Он, ба қавли М.Абдуллоев, «ба пайдоиш ва ташаккули худшиносии сиёсӣ ва миллии халқи тоҷик таъсири хеле калон расонид» [1. с. 74]. Муҳим аз ҳама, қалами як зумра нависандагони тоҷик, аз ҷумла, устод Садриддин Айнӣ, дар таълифи мақолаҳои публитсистию сиёсӣ маҳз дар саҳифаҳои нашрияҳо рост шудааст ва ин то андозае барои ба вуҷуд омадани аввалин намунаҳои насри адабиёти навини тоҷик сабаб гашт.

Дар бораи сарчашмаҳои пайдоиш ва қадамҳои аввалини фелетон- ин жанри дорои хусусиятҳои ҳам журналистию публитсистӣ ва ҳам бадеӣ дар матбуот ва адабиёти тоҷик таҳқиқоти комил анҷом дода нашудааст. Агар фелетони имрӯзаро ба фелетони солҳои бистуми асри гузашта муқоиса кунем, дар шаклу мазмун ва сабку услуб фарқияти зиёд мебинем. Аз ҷумла, хусусияти назарраси фелетонҳои аввалин сабки даъвативу муроҷиатномавӣ, ҳатто, сиёсии онҳо мебошад. Ҳамчунин, ҳаҷву танзе, ки дар онҳо, махсусан, дар фелетонҳои солҳои бистум,мушоҳида мешавад, то андозае хушку берӯҳ мебошад, то аз доираи талаботи сиёсии давр берун наравад. Дар ин мақолакӯшиш кардем, дар асоси мисолҳо хусусиятҳои фелетонҳои аввалин, ҳамчунин,замина ва сабабҳои пайдоиши жанри фелетонро дар матбуоти аввалини тоҷикӣ, мазмуну мундариҷа, хусусият вароҳҳои ташаккули онҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Вобаста ба ин, нахуст заминаҳои пайдоиш ва сабабу вазифаҳои фелетонҳои аввалинро дар матуботи тоҷик мавриди назар қарор бояд дод. Дар матбуоти тоҷик, аксари муҳаққиқон бар онанд, ки истилоҳи «фелетон» бори аввал ҳамчун рубрика, шакли нави асари журналистӣ ё адабӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» (соли 1912) мушоҳида шуд. Хушбахтона, имрӯз мо матни тамоми фелетонҳои дар рӯзномаи «Бухорои шариф» чопшударо дорем. Вақте ки онҳоро мутолиа менамоем, он чизе, ки нахуст ба назар мерасад, махсусияти шаклии онҳост. Дар натиҷа ба хулосаи муҳаққиқони тоҷик дар бораи аз ҷиҳати шакл ба публитсистика ва адабиёт наздик будани он метавон розӣ шуд. Ногуфта намонад, ки яке аз хусусият ва бартариҳои асосии рӯзномаи аввалини тоҷикӣ аз он иборат аст, ки дар онрубрика, сарлавҳа, истилоҳот, жанрҳои нави матбуот ва адабиёт хеле зиёд ба назар мерасанд [8. с. 23]. Аз ҷумла, чӣ тавре ки гуфтем,истифодаи «фелетон» ба сифати жанри алоҳида дар адабиёт ва матбуоти тоҷик маҳз аз «Бухорои шариф» оғоз ёфтааст. Суоли матраҳ ин аст, ки худи истилоҳи «фелетон» кай пайдо шуд. Дар ин бобат муҳаққиқон ба хулосаи аниқ наомадаанд. Фақат метавон гуфт, ки ин истилоҳ ба матбуоти тоҷик аз Шарқи хориҷа ё ҳатто, аз Ғарб ворид гардидааст. Аз он матбуоти хориҷии Шарқ, ки дастраси мост, муҳимму машҳураш маҷаллаи «Мулло Насриддин» (солҳои 1906-1930) мебошад, ки дар Қафқоз ба нашр мерасид. Алҳол тахмин кардан мумкин аст, ки истилоҳи зикршуда маҳз аз ҳамин маҷалла ба матбуоти мо дохил гардид. Асосгузор ва муҳаррири маҷаллаи «Мулло Насриддин» нависанда ва журналисти маъруфи озарбойҷонӣ Ҷалил Мамедқулизода ҳадафи асосии нашрияи хешро нашри маориф, рушди иҷтимоъ дониста, дар ин роҳ бори аввал аз жанрҳои таъсирбахши фелетон ва карикатура фаровон истифода бурдааст. Қариб дар тамоми шумораҳои маҷалла ҳар ду жанр мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба қавли муҳаққиқ И.Ҳабиббейли, «Мулло Насриддин» маҷмӯи бисёрҷилдаи асарҳои бадеӣ-публитсистии дар тӯли солҳо ҷамъшудаи Ҷалил Мамедқулизода ва дигар «муллонасриддиниҳо» буд» [19. с. 20]. Муҳим барои мо он аст, ки то ба Бухоро, муҳаррири «Бухорои шариф» таъйин шуда,омадани Мирзо Ҷалол Юсуфзода мавсуфбо маҷаллаи «Мулло Насриддин» ва нашрияҳои дигари Қафқоз ҳамкорӣ мекард ва сабку услуб ва шаклҳои бадеию жанрии онро хуб омӯхта буд. Вобаста ба ин, омӯзиши ҳаматарафаи таҷрибаи «Мулло Насриддин», ки ба масъалаҳои кишвари Бухоро низ таваҷҷуҳ кардааст, аз тарафи муҳаққиқони тоҷик дорои аҳамияти баланд аст [13. с. 100]. Дар натиҷа бисёр масъалаҳои торик вобаста ба омӯзишу баррасии мазмуну мундариҷаи рӯзномаи «Бухорои шариф» ва нашрияҳои дигари Осиёи Марказӣ рӯшан хоҳанд шуд. Маҷаллаи «Мулло Насриддин» ба мардуми Бухоро хуб шинос буд, ҳамагон онро мехонданд, муҳокима мекарданд. Аз ҷумла, медонистанд, ки «Мулло Насриддин» то андозае ҳаҷвӣ аст. Маҳз ба ин сабаб яке аз хонандагони рӯзномаи «Бухорои шариф», вақте ки дар бораи забони «Бухорои шариф» баҳс ба миён меояд, изҳори гилагузорӣ карда, ки «Бухорои шариф»мехоҳад забони онҳо-бухороиҳоро (шояд чун «Мулло Насриддин») «истеҳзо», «масхара», «ҳаҷв» кунад [1. с. 12], зеро муҳаррир аз Қафқоз омадаю ба ҳаҷв омӯхта шудааст. Мирзо Ҷалол ҷавоби қонеъкунанда дода, ки ӯ бале, аз Қафқоз аст, аввалан ҳаққи масхара кардан надорад, баъдан фелетони мазкурро корманди бухороиашон таҳия кардааст. Чӣ тавре ки мушоҳида шуд, ин ҷо дар яке аз фелетонҳои аввалини «Бухорои шариф» суҳбати аҳли Бухоро оварда шуда, то оид ба забони адабии мардуми тоҷик баҳс ба миён ояд. Оид ба вазифаи

фелетон дар маҷаллаи «Мулло Насриддин» муҳаққиқ М. Махшулов дуруст зикр карда: «Дар эҷодиёти Ҷалил Мамедқулизода фелетон ба унвони яке аз жанрҳои зудамал ва муассири адабӣ аҳамияти вижае касб намуда, аз лиҳози сиёсию иҷтимоӣ садо дод ва ба ҳадди хеле болои такомули бадеӣ расид» [19. с. 24].

Ҳамин тавр, рӯзномаи «Бухорои шариф» дар яке аз шумораҳои нахустин (19 марти соли 1912) бо мақсади баёни масъалаҳои забон ба фелетон рӯ овардааст. Чӣ тавре ки гуфтем, дақиқ гуфтан душвор аст, ки истилоҳи «фелетон»-ро кормандони адабии рӯзнома бори аввал дар кучо вохӯрдаву писандидаанд. Ба ҳар ҳол тахмин кардан мумкин, ки журналистони тоҷик истилоҳи мазкурро дар нашрияҳои хориҷии Шарқ вохӯрдаанд. Илова ба он ки Мирзо Ҷалол бо чанд нашрия, аз ҷумла, маҷаллаи ҳафтаинаи Қафқоз ҳамкорӣ дошт, корманди адабии рӯзнома Мирзо Сироҷи Ҳаким зимни сафарҳои хориҷа ба Шарқу Ғарб бо мазмуну мундариҷаи нашрияҳои он ҷо хуб шинос шуда буд ва бевосита аз забони асл онҳоро муголиа мекард. Ин аст, ки рубрикаи нави «Фелетон» бори аввал дар мақолаи Мирзо Сироҷ (бо имзои «Мим.Син») бо номи «Дар хусуси забон» ба кор рафтааст. Дар мақола омада, ки дар кори баҳс риояи одоб муҳим аст ва нишон додани саҳву хато бо забони нарму хуш ба фоидаи ҳар яки мост. Сипас,муаллиф се мактуби хонандагонро паиҳам дар се шумора таҳия карда, ҷой додааст. Бояд гуфт, ки дар ин ва дигар асарҳои зери рубрикаи «фелетон» чопкардаи рӯзнома яке аз хусусиятҳои асосии имрӯзаи жанри мазкур - ҳаҷву танз, ҷариб мушоҳида намешавад. Ба андешаи мо, ин аз вазифаи матлаби мазкур, ки нишон додани андешаҳои баҳсталаби хонандагон аз забони худи онҳо аст, бармеояд. Бо ин мақсад аз жанри мактуб истифода шудааст. Ин ҷо мавриди зикр аст, ки оид ба жанри мактубмуҳаққиқони журналистикаи тоҷик, аз ҷумла, И.Усмонов чунин изҳори ақида карда: «Агар ба навиштаҳои муҳаққиқон дар мавриди ин жанр бовар кунем, жанри мактуб аз адабиёт ба публитсистика-журналистика омад» [18.с. 85]. Дар ҳақиқат, жанри мактуб барои адабиёти мо чизи нав набуд. Аз ин рӯ, он ба осонӣ дар матбуот низ истифода бурда шуд. Мактубҳои мазкури дар «Бухорои шариф» чопшударо мавриди баррасӣ қарор диҳем,пай бурдан мумкин аст, ки бешак, идомаи тачрибаи номанигории адабиёти бадеии классикии тоҷик мебошад. Ҳамин тавр, он аз адабиёт ба журналистика гузашт. Сабку услуб ва забони мактубҳои таҳти рубрикаи «фелетон» дарҷшуда ба асари публитсистию бадеӣ наздиканд [16. с. 12-13]. Ҳарчанд, ба қавли муҳаққиқон,«яке аз махсусиятҳои мактуб хусусияти иҷтимоӣ доштани он аст» [18. с. 85]. Ба ин монанд мавзӯи мактубҳои «Бухорои шариф» ба масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ бахшида шудаанд. Дар номаи аввал бо имзои «Мим.Син.» омада, ки мақоларо оид ба забони рӯзнома хондааст ва баманфиат медонад. Ба қавли хонанда, баъзе мардуми маҳаллӣ гумон мекунанд, ки асли забон ҳамон забони гуфтугӯии онҳост, аммо агар як назар ба таълифоти гузаштагон дӯзем, «хоҳем донист, ки мо, миллат, ба куллӣ забони аслӣ ва таҳрироти қаламии худро фаромӯш карда, аз қувваи таҳрир ва таълиф афтодаем». Хонанда дар идома изҳор мекунад, ки сабаби забони худамонро надонистан ва саводи таҳрир надоштанамон муаллимон ва барномаи дарсӣ аст. Вобаста ба ин, соли гузашта (1911) аз болои мактабҳо як нафар нозир гузошта шудааст, ки аз вазъи таълим хабар гирифта меистад. Изҳори умед шуда, ки минбаъд таълими фанҳоинави зарурӣ ба роҳ монда хоҳад шуд.

Дар шумораи баъдина (20 марти соли 1912) зери рубрикаи зикршуда-«Фелетон» мактуби дувум бо имзои «Мим.По.» ба чоп расидааст. Муаллиф аз сабки нигориши рӯзнома бо изҳори норизоӣ қайд намуда, ки луғоти арабӣ дар он хеле зиёд аст ва аз се танҳо як ҳиссааш форсист. Пурсида мешавад, ки чаро мо Низомӣ, Заҳирӣ, Аттор, Ҳофиз ва дигаронро мефаҳмем, аммо баъзе хабарҳои рӯзномаро не? Пас, он ба шеваи расмии форсии Эрон навишта шудааст. Ҳамчунин, агар мо ба шеваи бухороиҳо нависем, он гоҳ форсигӯёни дигар маҳалҳо намефаҳманд. Пас, забоне лозим аст, ки ҳамаи форсигӯён бифаҳманд. Ба хулоса омада, ки забони умумие ба кор гирифта шавад, ки барои тамоми форсигӯён фаҳмо бошад.

Дар шумораи баъдӣ идомаи «Фелетон»- мақолаи сеюм бо имзои «Син.Айн.» ба чоп расидааст. Ин хонанда зикр намуда, ки: «Асли масъала ба ду фикра тақсим карда мешавад: сода ва адабӣ будани забон ва ба шеваи аксар соҳибони он мувофиқ будани забон». Дар масъалаи татбиқи фикраи дувум фикри муаллифи мактуб чунин аст, ки қоида тадричӣ риоя карда шавад. Пешниҳод мешавад, ки барои ба авом наздик кардани забон«ҳаррӯза 5-10 калима тадричан тафсир карда мешавад. Дар сояи ин кӯшиш дар андак фурсат забони авом ислоҳ шуда мардум ба забони адабии умумӣ воқиф мегарданд» [9].

Дар охир аз тарафи идора чунин шарҳе омада: «Такрор мекунем: рӯзнома забони миллат аст, яъне, тамоми афроди миллат ҳақ доранд, ки тасаввуроти худро ба воситаи рӯзномаи худашон интишор бидиҳанд». Дар фарҷом Мирзо Ҷалол ҳамчун шахси масъул чунин иброз медорад: «Ба шароити мазкура агарчанде дар хусуси ислоҳи забон суҳбат намоем, албатта, холӣ аз нафъу фоида нахоҳад буд». Чӣ тавре ки мебинед, услуби фелетон публитсистист. Муаллиф андешаи хешро оид ба беҳбуд бахшидани вазъи забони адабии тоҷикӣ ошкоро баён намуда, пешниҳоди ҷолибе кардааст, яъне, «агар дар хусуси ислоҳи забон суҳбат намоем, албатта, холӣ аз нафъу фоида нахоҳад буд». Андешаи мазкури муаллиф бо гузашти айём, яъне, дах-понздах сол баъд, ки масъалаи мазкур аз нав ба миён гузошта шуд, ҳатто, имрӯз ҳам дурустии худро исбот намуд.

Минбаъд бо мақсади ҷамъбасти номаҳои зикршуда ва хулосаи онҳо аз тарафи идора «Мақолаи муфассала дар хусуси забон»-и Мирзо Ҷалолба чоп расида, ки дар он мулоҳиза ва хулосаҳои мудир баён шудаанд. Зикр мешавад, ки аввал хулосаи мактуби як нафар хонанда аз Ашқобод ва сипас, мақолаи

ташреҳии корманди рӯзнома Бақозодаро ҳамчун ҷамъбасти фелетон чоп хоҳанд намуд. Мақолаи Бақозода, ки онро низ «фелетон» номидаанд, бо номи «Таҳрири Бақозода» ба чоп расида, ки бо андешаҳои хуби ватандӯстона ва миллатдӯстона оро ёфтааст. Омада, ки «Аҳолии аслии ин хитаи Мовароуннаҳр аз канори Ҷайҳун (Омударё) то ҳудуди Хуҷанд ва Сайҳун (Сирдарё) ва мулки Фарғона форс буданд. Ва забони модарии эшон ҳам форсӣ буд. Чунончи китоби таърих ва қомусҳои фаннӣ нишон медиҳанд, ки ватани аслии умми ориёния Байналнаҳрайн, яъне, миёни рӯди Ҷайҳун ва Сайҳун будааст… Аз «Низомуттаворих»-и Қозӣ Носириддин Байзавӣ маълум мешавад, ки аз канори Ҷайҳун то ҳудуди Хуҷанд Эронзамин шумурда мешавад… Аз матлаб дур нашавем, забони қадими ин хита порсӣ буд, иллати хароб шудани забони форсии ин кишвар аз тасаллути муғул аст. Пас аз хуруҷи Чингизхон форс (тоҷик)-ҳои ин кишвар бо аҷониб махлут (қотӣ ва оролош) шуда, забонашон хароб ва вайрон шуд ва ба вазъе омад, ки онро (ҷиҳати имтиёз аз форсӣ) тоҷикӣ меноманд. Бале забони аҳолии тоҷикияи Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Ӯротеппа (Истаравшан) аз фасоҳат дур ва аз қоида берун аст, сабабаш ҳамон аз ихтилоти ӯзбак ва тоҷик аст… Забонро ислоҳ намуда, як навъ забони форсии сода, холӣ аз такаллуф ба ҳам расонидан зарур ва даркор аст» [5]. Чӣ тавре ки мебинед, андешаҳои Бақохоҷа, хусусан, дар мавриди куҳан будани забони форсии тоҷикӣ, дар асрҳои охир махлут гаштани он, зарур будани ислоҳи забонҷолиби диққатанд. Ба ин монанд андеша ва хулосаҳо дар охири солҳои бистум аз ҷониби донишмандони тоҷик аз нав садо доданд ва шояд сарчашмаашон ҳамин навиштаҳои «Бухорои шариф» бошанд [22. с. 160]. Ин ҷо низ агар ба забони матлаби мазкур, ки бо номи «фелетон» чоп шудааст, тавоҷҷуҳ намоем, пай бурдан мумкин аст, ки он бештар ба публитсистика наздик на бар ба ҳаҷву танз. Ҳол он ки имрӯз, вақте хонанда «фелетон» мегӯяд, пеш аз ҳама, ҳаҷву танзро дар назар дорад. Ин ҷо танҳо мавзӯъ дигар нашудааст, мавзӯи фелетон ҳамеша асосан ҳаёти иҷтимоӣ будааст.

Сипас, бо мақсади нишон додани тарзи суханронии аҳли Бухоро рӯзнома матлаберо ба чоп расонда, ки ба алоҳидагӣ онро метавон жанри нави адабӣ- суҳбат ё саҳначаи бадеӣ номид. Аҳамияти ин мавод, ки дар се шумора (№8-10, 20-22 март) бо номи фелетон ба табъ расидааст, аз он иборат аст, ки аз як тараф, ба даъвои нафароне, ки забони бухороиҳоро адабӣ намешуморанд, ҷавоб дода, аз тарафи дигар, бори аввал аз шакли нави жанри бадеии таъсирбахш- саҳнача истифода шудааст. Таъсирбахшии матлаби мазкур аз он бармеояд, ки ҳанӯз пурра чоп нашуда, вокунишҳои хонандагонро ба вуҷуд овардааст, ки дар зер онҳоро низ мавриди назар қарор хоҳем дод. Дарвоқеъ, шаклҳои нави адабии мазкур- суҳбат, саҳнача минбаъд дар нашрияҳои дигари тоҷикӣ («Оина», «Шуълаи инқилоб») зиёд истифода шуд. Дар «Бухорои шариф» бошад, шакли мазкур ин бо номи «Забони маҳаллӣ» таҳти рубрикаи «Фелетони кӯчак» бо имзои муаллифи фаъоли рӯзнома «БТД.» чоп шудааст: «Мусоҳибаи қориёни газити «Бухорои шариф» баъд аз баромадани нумраи аввал:

Сӯфӣ: - Ассалому алайкум, ака Қорӣ.

Қорӣ: - Ваалайкум ассалом эшони сӯфӣ. Аз куҷо меоед?»

Чунин шурӯъ мешавад суҳбат ва то ба охир бо чунин лаҳн идома меёбад. Он чиз қобили мулоҳиза аст, ки дар суҳбати аҳли Бухоро калимаву ибораҳои барои хонандагони имрӯза нофаҳмо мавҷуд нест. Аз суҳбатандешаву омили мардуми одӣ, тарзи суханронии онҳо, хислату характерҳояшон аниқ мегардад. Он рӯз мардум ба рӯзнома ҳамчун як муъҷиза нигоҳ мекарданд [10. с. 12], равшанфикрон (қорӣ) рӯзномаро таҳрикдиҳандаи афкори ҷомеа, паёми нек мешуморанд ва дигаронро ба хондани он ҷалб менамоянд. Дар суханронии иштирокчиён, албатта, баъзе калима, таъбир ва ифодаҳои халқии аҳли Бухоро, чун «моён», «дина», «ҳамун», «ғалатӣ», «дахлдоштагиҳо», ҳиссачаи саволии «мӣ?»ва ғайра ба чашм мерасанд; бо вуҷуди ин, онҳо ба кулли тоҷикон фаҳмоянд. Аз идомаи суҳбат маълум мегардад, ки рӯзномаи нав дар рӯзҳои тантанаи Наврӯз арзи вуҷуд кардааст:

«Сӯфӣ: - Фаҳмидед-мӣ? Газит мебарояд мегуфтанд... Баъд фаҳмидам, ки газит китобхона будааст.

Қорӣ: - Эй ака сӯфӣ, шумо зинда бошед-дия. Аз барои ҳар чиз як газит намешавад. Газит мақолаҳои ба инсонҳо ва мусулмонҳо нафъе мекардагиро менависанд.

Сӯфӣ: - Ман то ҳамин вақт ин тариқа будани газитро намедонистам.Ин газити имрӯз баромадагӣ форсӣ будааст, бинобар он, ба ман нағз намуд»

«Қорӣ: - Бисёр нағз шуд, ки дар Бухоро газит баромад. Иншоаллоҳ, акнун одамон камтар ба роҳи илму фунун кӯшиш мекунанд. Набошад, аз ҳама чиз бехабар, ба дунё чӣ меояд, чӣ мегузарад ва ба кадом мамлакатҳо чиҳо шуда истодааст, моҳо ҳеҷ чиз намедонистем» [2].

Дар идома ба суҳбати мазкур ашхоси дигар: оқсақол, Абдулкарим, Амак ва мутаваллӣ ҳамроҳ мешаванд. Байни онҳо оид ба сайри Наврӯз, рӯзнома ва ғайра суҳбат авҷ мегирад. Азҷумла,аз рӯйи нақли Абдулкарим дар рӯзи Наврӯз рӯзномаро се тинӣ фурӯхтанд, дар як лаҳза тамом шудааст. Ба бисёриҳо нарасидааст. Ҳар ҷо панҷ-даҳ нафарӣ нишаста мехондаанд. Баъзеҳо тайёр буданд, ки рӯзномаро ба як танга харанд. «Ҳар куҷо гапи газет буд. Як кас мегуфт, ки ба Худо шукр, ки моён ҳам ба қатори одамҳо дохил шудем, ба шаҳрҳои бахти мо газит баромад. Баъзе мегуфт, ки акнун газити худи моро мехонем, зӯр зада газитҳои Нӯғайистонро хонда мегаштем, баъзе гапҳошро дониста ва баъзеро надониста». Дар идома Қорӣ пешниҳод мекунад, ки бо дасти хизматгори арбоби деҳаба деҳот низ рӯзнома фиристанд. Аммо

мутаваллии деҳа изҳори ақида мекунад, ки одами арбоб шояд рӯзномаро аввал ба хӯҷаинаш бурда медиҳад. Ҳама ҳайрон мешаванд, охир арбоб савод надошт?

«Мутаваллӣ: - Шумо хабар надоред, ҳоло арбоб як муллобачаи кӯлобиро бурда, ба ҳавлиаш ҳамин зимистон нигоҳ дошта, ба ҳамун муллобача зӯр зада хонд, ҳоло хат менавиштагӣ ва китобҳоро мехондагӣ ва ҳарчӣ навро хонда, маъниашро мефаҳмидагӣ шудааст. Ҳамун муллобача ба арбоб маъқул карда, як газити «Вақт» ҳам навиштанд, ҳар ҳафта чаҳор бор меомадааст…

Қорӣ: - Вай муллобачаро кӯлобӣ гуфтед-мӣ?

Мутаваллӣ: - Муллобача кӯлобӣ! Аммо чанд вақт ба тарафҳои Самарқанд рафта, намедонам ба як қишлоқ имом шуда, аз ҳамон ҷо аз як домулло таълим доданро тариқаашро ёд гирифта будааст… Воқеан, арбоб, ки ҳеҷ чиз намедонист, ба як зимистон хату саводнок шуда баромад» [2]. Сипас, мутаваллӣ дар ҳамин ҷо пули семоҳаро супурда обуна мешавад ва қорӣ рӯзномаи овардаашро мехонад ва онҳо гӯш мекунанд. Аз суҳбат пай бурдан мумкин аст, ки пайдоиши рӯзнома («Бухорои шариф») ба саводнокшавии мардум кумак расонд. Бисёр қишри ҷомеа: арбобон, тоҷирон, мардуми одӣ ба саводнокшавӣ кӯшиш намуданд.

Ҳарчанд дар рӯзномаи «Бухорои шариф» оид ба забони аҳли Бухоро, чӣ гуна будани забони адабӣ, забони рӯзнома ва ғайра шарҳу эзоҳоти зиёд чоп шуданд, ҳуҷум ба идораи рӯзнома, шахсан мудири он басанда нагашт. Хусусан, баъди чопи фелетонидар боло зикркардаи мо бо номи «Забони маҳаллии суҳбати қориён» вокунишҳо зиёд шуданд. Мақоларо ҳар кас ҳар хел фаҳмид. Ин аст, ки ҳамоно дар шумораи 25 марти соли 1912 бо номи «Эътизор» мақолаи Мирзо Ҷалол ба табъ расид. Дар он омада, ки «Дирӯз ду адад мактуб аз Бухорои шариф гирифтем. Мазмуни ҳар ду қариб ба ҳамдигар монанд буд. Хулосаи онҳо ин ки «Дар рӯзномаатон ихтор намудаед, ки мо нияте ба ҷуз хизмати исломият надорем. Мизони навиштаҳои мо мутобиқи Қуръон ва зарурати ислом хоҳад буд. Ҳоло ба унвони забони маҳаллӣ забони моро истеҳзо карда, моро масхара менамоед… Агар ба расми мутоиба навиштаед, ин ҷо ҳаҷв мепиндоранд, боиси нафрати аҳолӣ мешавад аз рӯзнома. Рӯзномаи худро ба забони форсӣ бинависед, забони мо, бухороиҳоро истеҳзо кардан хуб нест. Бояд мактабҳо бино кунед, мо забон ёд гирифта, ин тавр ҳарф назанем» [6. с.2]. Ҷавоби Мирзо Ҷалол ҳарчанд оҳанги эҳтиром ва узрхоҳона дорад, мибаъд қотеона мебошад ва бо далелҳои собит мавқеи рӯзномаро ҳимоя намудааст: «Банда ҳамон мақоларо, ки дар се нумра (фелетони кӯчаки «Забони маҳаллӣ»-ро дар назар дорад-*Б.А.*) табъ шуда, абадан аз роҳи ҳаҷв ва истеҳзо дарҷ накардаам. Сониян, мақоланавис худаш бухоронӣ ва аз ҷумлаи аъён ва бузургони шумост (муаллиф «Б.Т.Д.»- *Б.А.*). Бо вуҷуди ин муҳаррир аз муаллифони мактуб «узр» ва умеди «афв» карда, андешаҳои худро дар бораи забони рӯзнома ва умуман, забони адабӣ чунин иброз медорад: «Баъзе мегӯянд, ки бояд ба забони моён нависед. Баъзеи дигар, ин тавр навиштанро ҳаҷв мепиндоранд. Пас, таклифи мо чист? Аз қазо нависандаи мақола ҳамон шахси муҳтарам аст, ки тарафдори забони бухороиҳост. Банда аввалан хаёли масхара ва ҳаҷв надоштаам ва нахоҳам дошт» [6]. Дар анҷом изҳори умедворӣ мешавад, «вақте мешавад, ки форс ва турк забонҳои худашонро ислоҳ ва адабӣ намоянд».

Ҳамин тавр, матолиби зикршудаи «Бухорои шариф» таҳти рубрикаи «Фелетон» дар чанд шумора вокунишҳои зиёдро ба вуҷуд оварданд. Чӣ тавре ки мушоҳида шуд, аксари хонандагон чунин матолибро шояд бо тақозои рубрикааш- «фелетон» ҳаҷвию мутоибавӣ донистанд ва изҳори норизоӣ ҳам намуданд. Ҳарчанд, чуноне мушоҳида кардем, ҳаҷву танз дар матолиби мазкур на он қадар ба назар мерасад. Агар ҳаҷв ҳам бошад, он ҳаҷви иҷтимоист. Ногуфта намонад, ки мактубҳо ва ҷавобҳои онҳо бенатиҷа намонданд: маҳз ба ин сабаб, баъди чопи фелетони мазкур ва вокунишҳои хонандагон «забони навиштаҳои нашрия ба мардуми тоҷик фаҳмову равшантар гардид» [21. с. 78]. Яъне, таъсири матолиби мазкур дутарафа буд: ҳам ба хонандагон ва ҳам ҳайати таҳририя таъсири хуб расонд.

Боиси таъкид аст, ки баъд аз чопи фелетонҳои мазкур, ки дар шумораҳои аввал дарҷ шуда буданд, дар «Бухорои шариф» минбаъд ин рубрика ба чашм нарасид. Шояд сабабаш хӯрдагирии сахти хонандагон буд.

Бо вуҷуди ин, таҷрибаи мазкур дар нашрияҳои баъдинаи тоҷикӣ идома дода шуданд. Аз ҷумла,дар маҷаллаи «Оина», ки баъди як сол (1913) интишор гардид, жанрҳои гуногуни танзу ҳаҷв дар шакли саҳнаву намоишномаҳо, дар «Шуълаи инқилоб» (1919) матолиби бадеии гӯшаи ҳаҷвии «Тозиёна» ва дар рӯзномаи «Бедории тоҷик» (1927) гӯшаи ҳаҷвии «Гӯшмол»ба табъ расиданд, ки онҳоро метавон аз шаклҳои гуногунижанри фелетон номид. Чунончи, дар гӯшаи ҳаҷвии «Гӯшмол»-и рӯзномаи «Бедории тоҷик»зери рубрикаи фелетон ҳаҷвияҳои зерини манзум ҷой дода шудаанд:

Мулло мегӯяд:
Деҳқон бояд, ки хар бимонад,
Аз олам бехабар бимонад!
Олим бишавад агар, ки деҳқон,
Дигар надиҳад ба муфтхӯр нон…
«Бедории тоҷик»:
Эй бешарафон, ба номи имон
То чанд хӯред хуни деҳқон?

Бедор шуданд ранҷбарҳо,
Муфта надиҳанд ҷав ба харҳо [7].

Чӣ тавре ки мушоҳида шуд, ин ҷо зери рубрикаи «фелетон» асари манзум оварда шудааст. Ҳоло ба ин шакл дар адабиёти тоҷик манзумаҳо ҷой дошта бошанд ҳам, бо номҳои дигар ёд мешаванд. Аммо он солҳо онро низ «фелетон» номидаанд. Дар чунин ашъори ҳаҷвии солҳои аввали инқилоб муборизаҳои синфӣ, норасоиҳои замона танқид шудаанд [16. с. 16]. Ба ин монанд дар соли 1928 дар рӯзномаи мазкур фелетони манзуми дигар бо номи «Аз ҳар кала як садо» ба табъ расида, ки дар шакли бадеҳа суруда шудааст:

Соли нав омад ҳаме шодӣ кунем,
Саъй андар роҳи озодӣ кунем.
Нест карда хоинони муфтхор,
Маҳв ворисҳои шаҳзодӣ кунем.
Деҳқон:
Мо ҳама асбоби кишту корро,
Сохта аз нав кунемаш ҷобаҷо.
Гову ҳам омочро партофта,
Мекунемаш корро бо мошинҳо [3].

Ҳамин тавр, бо гузашти айём фелетон дар шаклҳои гуногун эҷод шудааст. Шакли манзуми онро алҳол бори аввал дар «Бедории тоҷик» вохӯрдем. Ҳарчанд дар он солҳо фелетон дар шаклҳои гуногун эҷод гардида, мавзӯаш як будааст: инъикос, танқид ва ҳаҷвӣ мушкилоти ҷомеа, шахсони алоҳида.

Сипас, хусусияти мавзӯии фелетон идома ёфта, он минбаъд аз ҷиҳати сабку услуб ташаккул ёфт.

Вобаста ба таърихи пайдоиш, вазифа ва шаклу мазмуни фелетонҳои аввалини тоҷикӣ метавон гуфт, ки онҳо дар замони пайдоиши нахустин матбуоти тоҷик, ки вазифаи танвири афкор, рушди иҷтимоии кишварро доштанд, ба вуҷуд омаданд ва дар иҷрои ҳадафи муҳимми мазкур саҳм гузоштанд. Вазифаи фелетон низ чун ҳадафи худи нашрияҳо ошкор намудани норасоиҳо, нишон додани роҳи ислоҳи онҳо будааст. Дар ин бобат нахуст аз каломи публитсистӣ истифода шудааст. Аз ин рӯ, фелетонҳои аввалин дар рӯзномаи «Бухорои шариф» оҳанги публитсистӣ доштанд. Аммо ин хусусияти бадеии онҳоро паст назадааст, зеро дар онҳо калимаву ибора ва ифодаҳои бадеиву пуробуранг зиёд истифода шудаанд. Баъдан, пас аз Инқилоби Октябр вобаста ба талаботи сиёсии давр фелетонҳо баробари вазифаҳои иҷтимоӣ, хусусияти сиёсӣ ҳам пайдо карданд. Дар ин давра фелетонҳо дар шакли назм ба вуҷуд омаданд. Дар чунин шакл пайдо шудани фелетон таъсирбахшии онро баланд намуд, зеро онҳоро дар шакли суруд, бадеҳа дар чорабиниҳо иҷро кардан имкон дошт.

Хуллас, фелетон ҳамчун жанри нав дар адабиёт ва матбуоти тоҷик аз рӯзномаи «Бухорои шариф» арзи вуҷуд карда, минбаъд рушду такмил ёфт. Баррасии шакл ва мазмуну мундариҷаи фелетонҳои аввалин нишон медиҳад, ки онҳо аз хусусиятҳои публитсистӣ ва бадеӣ саршор мебошанд. Бо вуҷуди ин, хусусияти публитсистии онҳо назар ба ҷиҳатҳои бадеӣ бештар аст. Аз ин рӯ, фелетонҳои аввалини мазкурро метавон намуди публитсистию бадеӣ номид. Ин яке аз талаботи муҳимми замон ба ҳисоб мерафт [10. с. 13]. Минбаъд истифодаи фелетон дар нашрияҳои дигари тоҷикӣ идома ёфт.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев М. Таджикская публицистика и национальная идентичность (посл.четверть XIX-первая половина XX веков). / М. Абдуллоев. - Душанбе, 2014. - 310 с.
2. БТД. Забони маҳаллӣ. / БТД. // Бухорои Шариф. – 1912. - №8.
3. «Деҳқон». Аз ҳар кала як садо. / «Деҳқон». // Бедории тоҷик. – 1928. – 3 – юми январ. - №1. – с.4.
4. Мурод̄ӣ М. Асосҳои эҷоди журналистӣ. М. Мурод̄ӣ.- Душанбе: Ирфон, 2014.-256 с.
5. Мирзо Ҷалол. Мақолаи муфассала дар хусуси забон. / Ҷалол. М. // БухороиШариф. – 1912. - №14
6. Мирзо Ҷалол. Эътироз. / Ҷалол. М. // БухороиШариф. – 1912. - №12
7. «Мулло». «Гӯшмол». / «Мулло» // Бедории тоҷик. – 1927. – 6 – уми июн. - №26.
8. Набавӣ А. «Бухорои шариф»-сароғози матбуоти миллӣ. / А. Набавӣ. - Душанбе: Бухоро, 2012. - 182 с.
9. Син.Айн. Фелетон. / Айн.Син. // Бухорои Шариф. – 1912 - №9
10. Салимзода О. Публитсистикаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода. / О. Салимзода.- Д.: Ирфон, 2003.
11. Салихов Н.Н. История таджикской журналистики. / Н.Н. Салихов, Ш.Б. Муллоев. - Душанбе, 2014.- 136 с.
12. Самад В. Аз қаъри Хазар то авҷи Зуҳал. / В. Самад. - Душанбе: Маориф, 1991.-220 с.
13. Самад В. «Мулло Насриддин» ва худшиносии тоҷикон//Дарси хештаншиносӣ. Дафтари дуюм. / В. Самад. -Душанбе: Ирфон, 1991. -
14. Солеҳов Н. Муаммои назарияи публитсистика. / Н.Солеҳов, А.Саъдуллоев– Душанбе, 2015.- 184 с.
15. Солеҳов С. Ҳаҷв дар матбуоти тоҷикии солҳои 20-30. / С. Солеҳов. - Душанбе, 1969.-60 с.
16. Усмонов И.К. Журналистика.- Қисми 3. / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2008.- 448 с.
17. Усмонов И.К. Таърихи журналистикаи тоҷик. / И.К. Усмонов. - Душанбе, 2008.- 280 с.
18. Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика. / И.К. Усмонов. –Душанбе, 2009. - 138 с.
19. Ҳабиббейли И. Нависандаи шаҳири Озарбойҷон Ҷалил Мамедқулизода / И. Ҳабиббейли - Д.: ЭР-граф, 2019. - 160 с.
20. Ҳошимӣ. Таърихи ҷароид ва маҷаллоти Эрон. / Ҳошимӣ, М. Садр. - Исфаҳон, 1327, ҷилди аввал,

21. Шакурӣ М. (М.Ш.Бухорой). Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар садаи бист. / М. Шакурӣ. - Душанбе: Адиб, 2003. - 340 с.
22. Шукуров М. (М.Ш.Бухорой). Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. / М. Шукуров - Д.: Пайванд, 2006. - 456 с.

ОСОБЕННОСТИ ФЕЛЬЕТОНА ПЕРВОГО ТАДЖИКСКОГО ПРЕССА

Комплексного исследования истоков и первых шагов жанра фельетонной публицистики в истории таджикской прессы и литературоведение нет. Данная статья «Особенности фельетона первого таджикской прессы» представляет собой попытку изучить первые образцы фельетонов, опубликованных в таджикской прессе, определить их характер, язык, стиль и форму. По мнению таджикских исследователей, «фельетон - это жанр публицистики и искусства». Поскольку фельетон - это, прежде всего, один из видов журналистики, в данной статье сначала дается краткий обзор особенностей журналистики, взглядов ученых данной области на ее функции и ее взаимосвязь с другими видами творческой деятельности. В то же время фельетон как публицист имеет тесную связь с художественной литературой. Пример тому - первые образцы фельетонов, опубликованные в таджикских изданиях. В статье также приведены примеры фельетонов в виде стихотворений. Согласно опубликованным в газете «Бухорои шариф» фельетам, изначально они выполняли общественную функцию.

Прежде всего, одна из главных особенностей и преимуществ первых таджикских изданий состоит в том, что они содержат первые образцы новых жанров печати и литературы. В частности, использование «фельетона» как отдельного жанра в таджикской литературе и печати началось с «Бухорои шариф». Автор статьи комментирует истоки и истоки этого нового жанра. Можно сделать вывод, что это продолжение опыта кавказской прессы, в частности журнала Мулло Насриддина (1906-1930). Дело в том, что до вызова в Бухару редактор «Бухороишариф» Мирзо Джалал Юсуфзода жил и работал на Кавказе, где сотрудничал с изданиями, в том числе с Мулло Насриддином. В результате он был хорошо знаком с новыми стилями, языками и формами искусства и журналистики. Кроме того, другой ключевой сотрудник газеты, Мирзо Сиродж Хакими из Бухары, который ранее побывал в разных странах Востока и Запада, имел возможность ознакомиться с различными публикациями, статьями и их художественными и журналистскими методами, включая термин «фельетон».

Наше исследование показало, что газета «Бухороишариф» первой обратилась к фельетону, освещающему языковые вопросы, - творению Мирзо Сироджа. Таким образом, новый жанр фельетона в новой таджикской литературе и печати начался с газеты «Бухороишариф» и имел свои особенности. Позже он был опубликован в журнале «Ойна» в форме пьесы, в «Шуълаи Инкилоб» - в виде комикса в комическом уголке «Тозиёна» и в газете «Бедоришточик» в юмористическом уголке «Гушмол». В публикациях 20-х годов фельетон нашел свою традиционную форму. Другими словами, он содержит достаточно элементов юмора и танца и полностью отвечает требованиям жанра фельетон.

Именно в двадцатых годах прошлого века формальные и тематические особенности фельетона были полностью усовершенствованы.

Ключевые слова: *художественный жанр, фельетон, комедия, журналистика, публицистика, литература, художественная публицистика.*

FEATURES OF FELUETON FIRST TAJIK PRESS

There is no comprehensive study of the origins and first steps of the genre of feuilleton journalism in the history of the Tajik press and literary criticism. This article «Features of feuilleton first tajik press» is an attempt to study the first examples of feuilletons published in the Tajik press, to determine their character, language, style and form. According to Tajik researchers, «feuilleton is a genre of journalism and art.» Since the feuilleton is, first of all, one of the types of journalism, this article first gives a brief overview of the features of journalism, the views of scientists in this field on its functions and its relationship with other types of creative activity. At the same time, the feuilleton as a publicist has a close connection with fiction. An example of this is the first samples of feuilletons published in Tajik publications. The article also provides examples of feuilletons in the form of poems. According to the feuillettes published in the newspaper «Bukhoroi Sharif», initially they performed a public function.

First of all, one of the main features and advantages of the first Tajik editions is that they contain the first samples of new genres of print and literature. In particular, the use of «feuilleton» as a separate genre in Tajik literature and print began with «Bukhoroi Sharif». The author of the article comments on the origins and origins of this new genre. It can be concluded that this is a continuation of the experience of the Caucasian press, in particular the magazine of Mullo Nasriddin (1906-1930). The fact is that before being summoned to Bukhara, the editor of «Bukhoroi Sharif» Mirzo Jalal Yusufzoda lived and worked in the Caucasus, where he collaborated with publications, including Mullo Nasriddin. As a result, he was well acquainted with new styles, languages and forms of art and journalism. In addition, another key employee of the newspaper, Mirzo Siroj Hakimi from Bukhara, who previously traveled to different countries of the East and West, had the opportunity to familiarize himself with various publications, articles and their artistic and journalistic methods, including the term «feuilleton».

Our research has shown that the newspaper «Bukhoroi Sharif» was the first to turn to a feuilleton covering linguistic issues - the creation of Mirzo Siroj. Thus, the new genre of feuilleton in the new Tajik literature and print began with the newspaper Bukhoroi Sharif and had its own characteristics. Later it was published in the magazine «Oina» in the form of a play, in «Shulai Inkilob» - in the form of a comic strip in the comic corner «Tosiyon» and in the newspaper «Bedoriya Tojik» in the humorous corner «Gushmol». In the publications of the 1920s, the feuilleton found its traditional form. In other words, it contains enough elements of humor and dance and fully meets the requirements of the feuilleton genre.

It was in the twenties of the last century that the formal and thematic features of the feuilleton were completely improved.
Key words: *artistic genre, feuilleton, comedy, journalism, journalism, literature, artistic journalism.*
Сведения об автора:
Абдурахимов Б.А.*-декан факультета таджикской филологии Таджикского государственного института языков им. СотимаУлугзода. Телефон: (+992) 904-10-85-85. E-mail: vorisonisomoni@mail.ru*
About the author:
Abdurakhimov B.A. *- Dean of the Faculty of Tajik Philology of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulughzoda. Phone: (+992) 904-10-85-85. E-mail: vorisonisomoni@mail.ru*

ҶАНБАИ МОҶАРОЙ ДАР ПОЭТИКАИ ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

Курбонова Ф. М.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Фазлиддин Муҳаммадиев аз нависандагонест, ки эҷодиёташ дар заминаи адабиёти муосири давраи шӯравиии тоҷик ва куллан адабиёти собиқ шӯравӣ ташаккул ёфтааст. Бинобар ин, таркиби бадеӣ ва поэтикии навиштаҳои вай ҷиҳати хосеро доро мебошад. Аҳли пажӯҳиш, аз ҷумла академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухоройӣ бар ин ақидаанд, ки сабки нақлу ривояти Муҳаммадиев аз ҷанбаҳои гуногуне ба ҳам омадааст ва вай «гоҳо чанде аз онҳоро ба ҳам омезиш дода, дар як воҳиди кул ҷамъ овардааст» (1, 96). Ин андешаи муҳаққиқ моро ба он во дошт, ки ба поэтикии нависанда ва диди адабии ӯ аз ҳамин меъёр наздик шавем. Дарвоқеъ, таълифоти Фазлиддин Муҳаммадиев бисёр хусусиятҳои ҷолибе дорад, ки то ба ин давра дар насри тоҷикӣ ба чашм намерасид ва ё ба нудрат во мехӯрд.

Аҳли таҳқиқ роҳи рушду ташаккули адабии Муҳаммадиевро баррасӣ карда ба ин натиҷа расидаанд, ки вай ба кори эҷодӣ бадеӣ хеле дер ворид омад (2, 145). Ва зикри ин нукта ҳам муҳим аст, ки оғози нависандагии вай на ба тасвири воқеаҳои муқаррарӣ ва табии зиндагӣ, балки бо эҷоди осори моҷароҷӯёна иртибот мегирад. Ҳоло гуфтан душвор аст, ки сабаби ин тававҷҷуҳи ғайриодии нависанда чӣ будааст? Аммо метавон ҳадс зад, ки шояд дар таъсири осору намоишномаҳои пасазҷангӣ, ки бештар хусусияти ҳангомаписандона доштанд ва ё дар солҳои баъди ҷанг таваҷҷуҳи бештар зоҳир шудан ба масъалаи душманиву ҷосусии кишварҳои хориҷӣ, ки бар алайҳи кишвари шӯравӣ ба амал баровардан мешуданд, ин қабил осор ба хонандагон ва ҳамчунин дар тафаккури адабии ҷомеа таъсири муайян доштаанд. Онҳо, албатта, ба Муҳаммадиев низ бетаъсир набудаанд. Аммо ин амали ӯ касро ба андешае во медорад, ки шояд як сабаби дигаре ҳам бошад ва он ҳам аз шахсияти нависанда сарчашма гирад. Яъне шояд фикри воқеабандиҳои ҳангомаписандона ва шавқангез андешаи ӯро бештар машғул медоштаанд. Ҳамзамон, маълум мешавад, ки нависандаи ҷавон дар мавқеи фаъоли ҷамъиятӣ меистодааст.

Ҳарчанд Фазлиддин Муҳаммадиев дар оғоз бештар осори ҳуҷҷатӣ (масалан, очерк) навишта буд, вале аввалин намунаи асари бадеии вай ҳикояи «Порчаи остин» (3) мебошад. Худи муаллиф дар хусуси таърихи таълиф ва нашри ин асари аввалинаш ишорае дорад, ки ин ҷо овардани он беаҳмият нахоҳад буд. Вай дар хотироти бахшида ба Абдусалом Деҳотӣ чунин нақл мекунад:

«Нахусти ҳикояи худро ба назди Деҳотӣ оварда будам. «Порчаи остин» ном дошт он ва дар асоси воқеае навишта шуда буд, ки дар Самарқанд рӯй додааст. Шояд сабаби ба шоир Деҳотӣ ҳикояи манзур доштам ҳамин хусусияти материали он бошад» (4, 8). Деҳотӣ ҳикояро маъқул карда, ба нависандаи ҷавон чунин маслиҳат дода будааст: «…ҳикоя мешавад, лекин номи қаҳрамонро иваз кардан лозим. Воқеаи Ҷумъа чиниро ман ҳам шунида будам. Аз гуфти одамон, худашро ба девонагӣ зада мегаштаасту дарвоқеъ гумоштаи ҷосусон будааст. Лекин дар асари адабӣ одатан номи қаҳрамонро дигар мекунанд. Хусусан дар ин мавзӯъҳо» (4, 8).

Таъкиди охирини Деҳотӣ дар бораи мавзӯъи ҳикоя барои мо низ муҳим мебошад, зеро аз он таваҷҷуҳи нависандаи ҷавонро дар нахустин қадамҳои эҷодӣ пай бардан мумкин аст. «Порчаи остин» дар жанри ҳикояи дедектив (моҷароӣ) навишта шуда буд, агар аниқтар гӯем дедективи сиёсӣ. Маълум ки он заминаи воқеӣ дошт ва чунин як воқеаи маълум ва дар айни замон диққатҷалбкунандаву ҳайратовар сазовори нақл кардан буд ва аз ин рӯ диққати нависандаро ба худ кашида метавонист. Вале, ба фикри мо, маҳз аз чунин маводу сужа сар кардани кори эҷодӣ барои Фазлиддин Муҳаммадиев аз аввал, ки устухонаш дар кори матбуот шах шуда буду мактаби олии комсомолиро хатм карда буд, як кори табиӣ мебошад. Бешубҳа, ҳам дар кор ва ҳам дар осори бадеӣ низ хост асаре нависад, то оҳанги граждани ва тарбиявии баланд дошта боша ва тавассути он ҳушории сиёсии мардумро бештар қувват дода бошад. Хусусан, сар карда аз аввали

солҳои 50, ки аз тарафи мамлакатҳои капиталистӣ ба муқобили Давлати Советӣ ва сохти сасиалистӣ «ҷанги сард» шиддат дошт, ба фикри мо таваҷҷуҳи Фазлиддин Муҳаммадиев ба ин жанр як дараҷа ҳукми қонуниро мегирад. Албатта наметавон гуфт, ки дар ин ҳикоя ҳамаи чиз ҷо ба ҷост. Нависандаи ҷавон ҳанӯз ба тезу тунди воқеаҳо, таъкиди фактҳои муҳим ва асараромезии ҳодисаҳо камтар эътибор дода, кӯшиш мекунад, то зудтар моҳияти амалиёт ва шахсияти насли ҷангӣ, ки аслан Акбар будааст, ба хонанда равшан шавад.

Ҳамчунин дар ҳикоя баъзе фактҳо ва воқеаҳо тасдуфӣ сурат гирифтаанд. Масалан, парчаи остинро шинохтани Фотима, ки дугонаи зани Комилов аст ва тамоман тасодуфан ба ҳам вохӯрдану дар сари ин масъала гап кӯшодани онҳо аз ҳамин хеле эпизодҳо ба ҳисоб меравад. Албатта ин тасодуфҳо ба жанри моҷаро хос мебошад, вале набояд аз мантиқ ва табиият берун раванд. Дигар масъалаи он ки ҷосусҳо барои чӣ касирро ба мошинашон ҷар карданд ва он таҷрибаи профессор Вафоев то кадом дараҷаи муҳим буд, камтар диққати нависандаро ба худ кашидаанд. Дар ҳикоя як нуктаи дигар, ки хостааст дар айни замон масъулияти коркунони бехатарӣ, доноӣ ва ҳушёрӣ, ҳатто дар ин ҷараён оҳиста таҷриба пайдо кардани насли ҷавон (Комилов)-ро низ таъкид намояд, низ имкон надодааст то ки хатти сужа тафсил дода шавад.

Ҳар чи набошад ин ҳикоя чун аввалин намунаи асари моҷароӣ аз чанд ҷиҳат ҷолиби диққат буд: аввалан, маълум шуд, ки Фазлиддин Муҳаммадиев ба чӣ доираи масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва чӣ навъ одамон – инсонҳои ҳалолкор таваҷҷуҳ дорад; сониян, дар диққати ӯро воқеаҳои ҳайратангез ва шавқовар дар сужазосӣ ба худ кашидаанд; ҳамчунин дар ин ҳикоя оҳанги публитсистӣ мавқеи муҳим дорад ваба ин маънӣ аз аввал ҷанбаи граждани назари бадеии ӯ пурқувват будааст.

Дар ҳар маврид таваҷҷуҳи нависанда ба ин мавзӯъ, ба фикри мо, ба доираи таваҷҷуҳи бадеии вай низ бояд беробита набошад, ки мо дар ин хусус болотар ибрози назар кардем. Зеро бе дарки бадеӣ тасвири ҳунарии мавзӯъ бомуваффақ анҷом намеёфт ва маслиҳати Деҳотӣ низ ба ҳамин далолат мекунад.

Шояд барои ҳамин аст, ки нависанда, дар асоси такмили маводи ҳикояи мазкур повести «Тири хокхӯрда» (1959)-ро таълиф менамояд, ки низ аз майли бештари нависанда ба тасвири воқеаҳои шавқангез гувоҳ аст. Ин қисса аз аввалин намунаи асари моҷарҷӯёнаи мукаммал дар адабиёти тоҷикии замони шӯравӣ шуморида шудааст. Он дар айни замон нахустин асари калонҳаҷми Фазлиддин Муҳаммадиев низ мебошад (Худи нависанда дар анҷоми нашри аввалии китоб, ки соли 1961 анҷом шуда буд, соли таълифро то соли 1958 таъин кардааст).

Дар хусуси мавқеи қиссаи дар эҷодиёти нависанда ва умуман насри тоҷик чанд қайди ҷудогона мавҷуд асту халос. Дар онҳо асосан, қиссаи мазкурро ба сифати нахустасари насри дидактивӣ дар адабиёти тоҷик муаррифӣ мекунанд ва аз рӯи қолабҳои жанри мазкур як дараҷа хусусиятҳои он шарҳ дода мешавад. Дар ҳақиқат, повести «Тири хокхӯрда» аз аввалин асарҳои калонҳаҷми ҳангомаписандона дар насри муосир мебошад, ки минбаъд дар осори нависандаи русзабон Михаил Левин идомаи бештар ёфт. Вале, наметавон гуфт, ки унсури моҷароҷӯӣ ва ҳангописандӣ ба адабиёти тоҷик бегона ва тамоман ҳодисаи нав бошад. Он ҳам дар адабиёти гузашта, ҳам дар асарҳои ба таърихи инқилобу ҷанги граждани ва, алалхусус, Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахшидашуда, ба чашм мехӯрад. Аммо асари сирф моҷароиро мо кам дорем.

Бинобар он, агар сухан аз омилҳои ташаккули осори ҳамоҳангписанд дар насри тоҷик равад, пас ибтидои он аз ҳамон суннатҳои мавҷуд ва ҳам ҳамин ҳикояи «Порчаи остин»-и Фазлиддин Муҳаммадиев иртибот мегирад, ки ниҳоят қиссаи «Тири хокхӯрда» ба майдон омад.

Қиссаи «Тири хокхӯрда» тасвиру таҳлили ду масъаларо дар бар гирифтааст. Аввалан, таъкид кардани хавфи душманони хориҷӣ, ки ба сахти шӯравӣ, комёбиҳое дар мамлакат ба даст омада мамониат расонидан мехостан; сонӣ, нишон додани кори мушкилу мураккаби кормандҳо органи бехатарӣ дар рафъи хавфҳои ҷиддӣ ва дар ин ҷараён нишон додани ташаккулу таҳаввули як корманди ин пеша (Аличон Комилов). Бинобар ин, повести «Тири хокхӯрда» танҳо асари дидактивии сирф набуда, ҷанбаи ахлоқию психологиаш низ дорад, ки ин бисёр муҳим мебошад. Навсанда танҳо мақсади сархуш нигоҳ доштани хонандаро надорад, балки тавассути маводи муассир аз омилҳои ташаккули инсон низ масъала ба миён гузоштан мехоҳад.

Маълум, ки аввалин унсури асари дидактивӣ аз шавқангезӣ, асрорангезӣ ва гардишҳои ғайриодии таркиб ёфтани сужет иборат мебошад. Дар ин бобат повести «Тири хокхӯрда» дар ҳамон анъанаҳои маъмули ин навъи наср таълиф шудааст: ба ҷарӣ рафтани мошин, ногаҳон ба об ғарқ шудани шавҳари хонум Элен, масхарабозиҳои Насимҷинии ҷосус, ба шубҳа афтидани одамони бегуноҳ, амалиёти худро устокорона пинҳон доштану мақсадҳои одамон ва сохти ҷамъмиятии шӯравиро бо ранги сиёҳ намудор

сохтан, пеши роҳи муваффақиятҳоро гирифтан ва, ниҳоят, ҳушёрии кормандони органҳои бехатарӣ, сабурӣ, чобукӣ, ҷасурӣ ва сабру тоқату мантиқи равшани онҳо ин ҳама тору пуди сужети асарро ташкил намуда, онро шавқангез ва хонданбоб намудаанд. Вале, мундариҷаи повести «Тири хокхӯрда» танҳо бо ҳамин анҷом намеёбад. Нависанда, зимни он чигунагии дунёи маънавии одамони советӣ (Муаллима, Воронсова, Шавиат, Петр. Самёлович, Васесв, Перт амак)-ро, ки ба меҳнати ҳалолу покизакорӣ машғуланд нишон медиҳад.

Дар қисса инчунин таърихи бухрони маънавии як қатор касонро, ки аслан падару бобоёнашон аз табақаи бою доро буда, нисбати сохти советӣ кинаҳои пинҳонӣ доштаанд ва сипас ба роҳи душманӣ нисбати ватану халқи худ гузаштанд ва сбаби афзудани ҷанбаи моҷароӣ гардидаанд, мавриди тасвир қарор додааст. Аз ҷумла, ҳамон Ҳотмабой, ки падараш дар гузашта сарватманд буду дар ҷарёни босмачигарӣ фаъолият дошт, ба зудӣ зери таъсири Туронов барин дастнишондаҳои (агентҳои) разведкаи хориҷӣ даромад ва на танҳо ба онҳо хидмат кард, балки дар ташкилу ривоҷи кори онҳо бевосита ёрӣ расонид. Монанди ҳамон, Насимҷиннӣ, ки гӯё як каси девона ва бошандаи деҳаи Баландтеппа буд, аслан Акбар ном шахс аст, ки падараш чун каси доро ва золим ба Кавкази Шимолӣ кулак шудааст ва худ ҳангоми ҷанги зидди фашистон ба хизмати онҳо гузашт ва чун ҷосуси соҳибтахассуси ҷануби шамлакати шӯравӣ тайёр шуда, дар либоси Насимҷинӣ баромад мекард... Дар ин мавридҳо нависанда, асосан, дуруст таъкид мекунад, ки собиқаи носолими ин одамон онҳоро ба роҳҳои ҷиноят ва хиёнаткорӣ расонидааст Ва онҳо дар хориҷ аз тарафи қувваҳои хафноктарин низ пуштибонӣ шаванд ҳам, қудрату қуввае надоранд, ки ба пешрафти ҷомеа мамониат расонанд.

Ин ҷо, дар мавриди мазкур хизмати коргарони органҳои бехатариро месазад, ки таъкид намоем. Нависанда ба образҳои майёр Сафаров, капитан Ҷабборов ва лейтенат Алиҷон Комилов эътибори махсус медиҳад, ки қувваи ақлу фаросати онҳо ба сирру асрори душманони касбӣ муқобил гузошта шудааст. Зимнан, талошу ташвиш ва ҷустуҷӯҳои ин ду самт - дӯсту душман - боиси шиддат гирифтани ҳолатҳои моҷароӣ ва ҳангомаписандӣ мегардад, ки хоси асари моҷароҷӯёна мебошад.

Дар айни замон, чунонки дидем, дар асоси ин ҳодисаҳои шавқангезу ғайриодӣ гуногунии афкор, фикру ақида, идеология ва ниҳоят дастурҳои зиндагӣ ва ахлоқӣ гузошта шудааст. Маҳз онҳо барои ба кадом сӯй майл кардани воқеаҳои асар ва ба чӣ тарз ҳал шудани он сабаб гардидаанд. Ин ҷо танҳо як нуктаро ба тариқи мисол меоварем. Оливер Билдинч, ки лақабаш «домод» аст, ҳангоми аз боғоҷхонаи вакзал гирифтани ҷомадонаш, ба тақозои психология ва муҳити тарбияи ёфтааш онро дар назди Петрамак кушода аз назар гузаронид ва боиси қаҳру шубҳаи Петрамак гардид. Майёр Сафаров ин кори ӯро чунин шарҳ медиҳад: « .... фаромуш накунед, ки «Ҷиян» ба ҳар ҳол аз олами дигар аст. Вай эҳтимол гумон мекунад, ки Петрамак ҳақ надорад, ки аз ин кори ӯ ранҷад. Вай ин корро ба тақозои одаташ бо таъсири савқи табиӣ худ кард. Ин хатои аввалини «Ҷиян» буд» (5, 106). Ва дар ҳақиқат, бисёр нукта чигил аз ҳамин нобоварии ӯ нисбати Петрамак оғоз мешавад. Ба ин маънӣ нависанда метавонист ҳамин ҷанбаи ахлоқиву маънавиро боз ҳам бештар пурқувват кунад. Заминаи, дар повест ҳануз баъзе схемаҳо ва қолабҳои асарҳои маъмули дидективӣ ба чашм мехӯранд, душманон як дараҷа ошкор амал мекунанд (воқеан радиограмма ба Насим), кормандони органи бехатарӣ бе таҳлилу андешаҳои амиқ ба хулосаҳо меоянд. Умуман, як андоза шиддати ботинии сужет, ки бояд хоси асарҳои моҷароӣ бошад, кам эҳсос намешавад. Албатта, ин нишонаи камтаҷрибаии нависандаи дар он солҳо ҳанӯз ҷавон буд.

Аммо дар повест, ба фикри мо, як нияти Фазлиддин. Муҳаммадиев тасвири ташаккулу, таҳкими характери кормандони органи бехатарӣ дар мисоли Алиҷон Камолов ҷолиби диққат мебошад. Зиёда аз он, ин нияти бадеии нависанда, дар канори воқеаҳои ҳангомаписанд ва мантиқӣ ошкор сохтани онҳо дар муайян гардидани банду басти қисса мақоми муайяне бозидаанд. Хамзамон бо ташаккули Камолов, бисёре аз хусусиятҳои кори кормандони ниҳодҳои бехатарӣ, мантиқи муҳокимаҳои онҳо ва натиҷагирӣ аз факту далел ва ҷузъиёт бармало мешавад. Дар қисса вожа ва таркибҳое чун *ҳодиса, фалокат, мусибат, гумон, меҳмони бемаҳал, муаммо, рақси девона, шаби ноором, сайёҳ аз он дунё, тӯйи ба азо бадал шуда,* ки ҳама як андоза мазмуну моҳияти сиррӣ ва саргармкунанда доранд, бештаранд, ки тақозои жанр ва сужаи моҷароӣ мебошад. Воқеаҳои асар низ вусъат дошта дар Тоҷикистон, Русия ва хориҷа мегузаранд ва имрӯзу гузаштаро дар бар гирифтаанд, ки гувоҳи ба сужаи асар иштирок доштани вақту фазои гуногун ҳастанд. *Асар асосан аз нақли муаллиф ё ровӣ иборат мебошад, мавқеи ҷузъиёт ва гуфтугӯ (диалог) дар он зиёд аст*, зеро асари моҷароӣ бештар аз амалу зикри ҷузъиёт ва муҳокимаи ақлонӣ таркиб меёбад.

Аммо аҳамияти асарҳои нахустини моҷарописанди нависанда фақат бо инҳо анҷом намеёбад. Балки осори минбаъдаи ӯ нишон медиҳад, ки ин навъи сужа як риштаи муҳимми диди поэтикии муаллифро ташкил медиҳанд. Нависанда ҳарчанд минбаъд дигар асари моҷароҷӯёна нанавишт, вале дар осори бадеии баъдҳо эҷод кардааш поэтики моҷаролӣ кам ё беш ҳамеша ҳузур доштааст. Ба қавли адабиётшинос Абдухолиқи Набавӣ «вазъи моҷаролӣ ва шавқангезӣ чун ҳусни тавсвир кам ё беш ба кулли асарҳои минбаъдаи вай хос будаанд (2, 147). Ба ин маънӣ шавқангезӣ дар сохтори поэтикаи тамоми асарҳои нависанда ба мушоҳида мерасад ва аз таҳлилу тадқиқи мукаммали характерҳо ё аз мантиқи инкишоф ва табиати хислатҳои онҳо сар мезанад. Ин ҳама ҷустуҷӯҳои эҷодии Фазлиддин Муҳаммадиев ба он сабаб шуданд, ки ҳар як асари вай дар вусъати фарогирии зиндагӣ ва шакли тасвир кушоиши ғоявию бадеӣ гардиданд.

Ҷанбаи моҷаролӣ дар қиссаҳои «Зайнаббибӣ» ва «Дар он дунё» низ ҳузур доранд. Ҳамчунин аз унвони қиссаи «Варта» малум аст, ки ҳодисаҳои он заминаи моҷарӣ доранд ва қаҳрамонони он низ ба ҳолату ногувории табиӣ ва ахлоқӣ афтодаву фаъолият мекунанд.

Баъдтар дар повести «Шоҳии Япон» нависанда ин консепсияи худро тавсиа медиҳад ва нуфузи мубаллиғони хориҷиву авҷи рӯҳияи молу чизпарастиро дар ҷомеаи шӯравӣ, ки моликияташ дастҷамъона буд, хеле чиддӣ ба миён мегузорад.

Аммо тамоми банду басти қисса ба ташвишҳои шабонарӯзии қаҳрамони ӯ аки Барака, ки аз рафтории ноҷояи писараш ба миён омадааст ва худ ба осори дедективӣ ва моҷаролӣ таваҷҷуҳ дорад «қиссаҳо ҷосусҳ ё муфавтгишҳои чолоку кордон ва хушзеҳнро дӯст медорад…» (6, 111, 119), сарчашма мегирад. Ҳатто романи «Палатаи кунҷакӣ низ аз сужаи саргармкунанда баҳра гирифтааст.

Албатта, таҳлилу баррасии ин қазия кори минбаъда аст, ки мо дар мавридаш ҳангоми таҳқиқи куллии масъалаҳои поэтикаи Фазлиддин Муҳаммадиев онро муфассал ба пажӯҳиш хоҳем кашид.

АДАБИЁТ

1. Шакурӣ М.. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ. – Душанбе: Ирфон, 1973. 160 с.
2. Набавӣ А.. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. – Душанбе: Адиб, 2009. – 320 с.
3. Муҳаммадиев Ф.. Порчаи остин // Шарқи сурх, 1956, № 4.
4. Муҳаммадиев Ф. Дӯстон тоҷи сар!- 416 с. 8
5. Муҳаммадиев Ф.. Тири хокхӯрда: повест. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ. 1961. - 12 с. 106
6. Муҳаммадиев Ф.. Варта (Қиссаҳо ва очеркҳо). – Душанбе: Адиб, 1987. – 376. с. 111, 119.

ДЕТЕКТИВНОЕ НАЧАЛО ПОЭТИКИ ФАЗЛИДДИНА МУХАММАДИЕВА

В статье рассматривается место детективные жанра и сюжетов в творчество таджикского писателя Ф. Мухаммадиева как в начале его творчество, так и как поэтическое особенности его творчества в целом. Для этого анализируется художественное особенности его первые произведения: рассказ «Порчаи остин» и повесть «Тири хокхӯрда». Они билы написаны в детективном жанре и не только стали одним из первых произведениях в таджикском прозе, но и в многом определили одно из качеств поэтического видения писателя вообще.

Ключевые слова: *поэтика, стиль, сюжет, детектив, литературный процесс, художественный анализ, жанр.*

THE DETECTIVE BEGINNING OF THE POETICS OF F. MUKHAMMADIEV

The article examines the place of the detective genre and plots in the work of the Tajik writer F. Mukhammadiev, both at the beginning of his work, and as the poetic features of his work in general.

For this, the artistic features of his first works are analyzed: the story «Porchai ostin» and the story «Tiri Hokkhurda». They were written in the detective genre and not only became one of the first works in Tajik prose, but also largely determined one of the qualities of the writer's poetic vision in general.

Key words: *poetics, style, plot, detective story, literary process, artistic analysis, genre.*

Сведения об автора:

Курбанова Ф. М. *докторант (PhD) второга курса Института языка и литературы им. Рудаки НАНТ, E-mail: farzomamironovna@mai.ru , тел: (+992) 98 711 00 24*

About the author:

Kurbanova F. M., *second year doctoral PhD student at the Institute of Language and Literature named after Rudaki NANT, E-mail: farzomamironovna@mai.ru Telefon (+992) 98 711 00 24*

АТОМАЛИКИ ҶУВАЙНӢ ВА «ТАЪРИХИ ҶАҲОНГӮШО»-И Ӯ

Муллоҷонов С. К.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бештари муаррихони олам истилои кишварҳои Шаркро аз ҷониби лашкари ғоратгари муғул аз бузургтарин фоҷиаҳои таърих медонанд. Ибни Асир, ки шоҳиди ин трожедӣ буда, дар китоби маъруфи хеш – «ал-Комил фи-т-таърих», навиштааст, ки «аз ибтидои олам то дамидани сури Исрофил ҳодисае ба ин бузургӣ иттифоқ науфтодааст». Ӯ пас аз баррасии фитнаи муғул менависад, ки «шояд то инқирози олам ва поёни ҷаҳон мардум чунин ҳодиса ва чунин қавми хунхореро, ки назири онро ҷуз Яъҷуҷу Маъҷуҷ набошад, набинанд»[4, 345]. Муаррихи аврупоӣ Константин д‘Оссон бар ин бовар буд, ки «ҳамлаи муғул бештар шабеҳи сонеҳаи осмонӣ буд».

Бегумон, сарнавишти фалокатбори тоҷикон дар ростои ин саҳнаи шум, истисно нахоҳад буд; фоҷеаи муғул бузургтарин наслкушӣ ё генодсиди тоҷикон дар тули таърих талаққӣ мешавад. Бино бар манобеи муътамад, дар ҳич давру замоне чун ахди муғул сарзамини мо ба ин ваҳшоният поймолу мардумонамон ин гуна бераҳмона қатлиом нагашта будаанд. Сайфи Фарғонӣ (1232-1307), аз адибони номдори мо, ки дар он замони наҳсу мусибатзо ба дунё омадаву рӯзгор карона карда, дар шеъре чунин мегӯяд:

Бар сари хоке, ки пойгоҳи ману туст,
Хуни азизон ба сони об равон буд.
Оби бақо аз равони халқ гурезон,
Боди фано аз маҳабби қаҳр вазон буд.
Зулм ба ҳар хона лона карда чу хаттоф,
Адл чун анқо зи чашми халқ ниҳон буд [2, 86].

Истилои ғайримунтазира ва торочу куштори беамони муғул дар ҳоле шуъла заду ба авҷи фалокат расид, ки сарзаминҳои мо – Мовароуннаҳру Хуросон бо рушди кишоварзӣ, пешаварӣ,шаҳрсозӣ ва равнақи кори бозаргонӣ ба пешрафтҳои азими иқтисодӣ даст ёфта буданд ва манобеи таърихию илмии асрҳои X-XII(IV–VI-и ҳ.қ.)-ро«асри заррини ҷаҳони ислом» васф кардаанд. Маҳз дар ҳамин давра осори бузурге дар заминаи фалсафа, илоҳиёт, нуҷум, адабиёт, таърих, ҷуғрофия, риёзӣ ва ғ. дар қаламрави бузурги хилофати мусулмонӣ офарида шуд. Шаҳрҳои бузурги тоҷикон (Хуросони Бузург), ба монанди Самарқанду Бухоров, Хорзаму Марву Балх, Нишопуру Тус, Чочу Фарғонаву Ҳароту Рай дар радифи Бағдоду Димишқу Қоҳираву Андалус ҳамчун марокизи муҳиму конуни илму адаб шуҳрат ёфтанд. Аммо дар муддати камтар аз панҷ соли фоҷеъаи муғул ин ҳама ободиҳову пешрафтҳову дастовардҳои пуршукуҳу беназир – мактабу мадраса, қасру кохҳои гуногун ва масҷиду корвонсарову бозор ва тамоми ниҳодҳои илмиву биноҳои ободу маъмур куноми гургону шағолони чингизӣ гашт.

Муғулҳои бадвӣ ба ҷиноятҳое даст заданд, ки дар ҳамаи таърихи башар назиру монанд надорад. Саҳрои муғулу анбуҳи сахтиҳои он аз Чингиз як шахсияти бераҳм, хашин, хунсард, харизматик ва қонунгузор сохт. Ӯ, ки дар ҷомеъаи нимаваҳшиву бодияҳое, ки бӯе аз ободӣ набурда буданд, бо ҳамин турфа мардумони ёбоии мудом машғул ба дуздию роҳзанию хунрезӣ ва ғофил аз ҳар гуна донишу маърифат камол ёфта буд ва бо ҳар гуна ободӣ, бо кишоварзию пешаварию донишпарварию шаҳрнишинӣ душман буд. Ҳамон гуна ки аз қатли оми сартосарӣ ҳаловат мебурд, аз баоташкашиданҳову харобу валангор кардани шаҳру рустоҳои маъмуру пуршукуҳ ҳам нашъат мебурд. Таърихнигори шоҳиди бедодиҳои ӯ, нашъати ин ҷаллодро аз қатлу куштор чунин қаламдод кардааст: «Айши мард он аст, ки ёғиро сарзаниш кунаду ононро аз бех барандозад ва чашми азизони эшонро бигирёнад ва бар ахтагони фарбеҳи зинзаррини эшон барнишинаду шикаму нофи хотунони эшонро ҷомаи хоб созад ва лабу даҳони эшонро бибӯсад»... Бо чунин васф аз ин қавму аз ин пешвои дарандаҳӯи он ба ҷуз торочу таҷовузу сухтору куштор дигарчӣ интизоре метавон дошт?!

Ин ҳам аз хуштолеъии Чингиз буд, ки дар ҳамсоягии ӯву дар сарзамине, ки қаблан шоҳони муқтадир, ба мисли Тоҳир ибни Ҳусайн, Яъқуби Лайс, Исмоили Сомонӣ, Маҳмуди Ғазнавӣ, Маликшоҳи Салҷуқӣ сарварӣ кардаанд, ин бор Муҳаммади Хоразмшоҳ, бешахсияте, худхоҳу сабуксоре, тарсу ва таносоне бо хонадони фосидаш, дар раъси модари тамомхоҳу ҳамакораи ӯ – Тарконхотун, ки маншаи аслии бадбахтиҳои ин сулолаву мояи фитнаву фоҷиаи қавми мо аст, фармонравой мекард. Тамоми ҳокимони сабуксару чиноятқкори хоразмшоҳӣ аз бастагону пайвандони модари Хоразмшоҳ – Тарконхотун буданд. Тарконхотуни муфсадаи бадбахт шадидан мағруру мутакаббир, аммо дур аз донишу хирад буд, ки дар поёни кор бо сад хорию тавҳину таҳқири асорат дар дасти муғулон бадному гумном аз ҷаҳон даргузашт.

Таркон пайваста дар умури идории кишвар дахолат мекард – дахолатҳои беҷову нобихрадона ва муҳлику фоҷеъабор. Мақоми рафеъи фарзандаш, Султон Муҳаммади хоразмшоҳ, барояш арзиши пашизе надошт. Тарконхотун бар замми ҷоҳталабию қудратхоҳӣ, аз ҷумлаи занҳои хушгузарону айёш буд. Перомуни равобити пинҳонии Тарконхотун бо шайх Маҷидуддини Бағдодӣ, ки муҷиби

бадгумонии Султон Муҳаммад ва қатли суфии машҳур гардид, манобеи ин давра навиштаанд. Кор бар Муҳаммади Хоразмшоҳ то ҷое гарон буд, ки ӯ боре ба султони ғурӣ пешниҳод кард, ки модарашро ба ҳамсарӣ қабул кунад, то шояд аз ҷафову тааррузи ин фоҷираи ғаммоз раҳоӣ ёбад. Яке аз омилҳои фоҷиаи чингизӣ низ аз наҳсониятҳои Таркон буд, зеро шаҳрдори Утрор – Ғойирхони Инолҷақ, ки аз хешовандони наздикаш ба шумор мерафт, даст ба чинояти каснадидаву нашнидае зада, 500 тоҷири ғолибан мусулмонро, ки фиристодагони Чингиз буданд, ба куштан дод [4, 323]. Хони муғул дар баробари ин ҷиноят аз султон хост, ки Инолҷақро ба ӯ супорад. Аммо султони бечуръат аз ҳокими гумоштаи Тарконхотун ҳаросид ва ин бор низ сафиронро бар хилофи одобу муқаррароти дипломатӣ қатл намуду ришу абру тарошид. Иҷборан тарошидани риш дар миёни миллали Шарқ (аз ҷумла тоҷикон) иҳонат нисбат ба як мард дониста мешавад. Ва Чингиз дар баробари ин худсарӣ таҳаммул аз даст доду бо урдуи бузурги хунмаст вориди сарзаминҳои мо шуд ва тавре дар сарчашмае зикр шуда, ин қавми ваҳшӣ «**омаданду канданду сухтанду куштанду бурданду рафтанд**».

Набояд аз ҳадди инсоф бигзарем ва танҳо аз харобиву мусибатҳои аҳди муғул бигӯем. Аз ин рӯ, ба қавли Хоҷа Ҳофиз «айби ман ҷумла бигуфтӣ, ҳунараш низ бигӯ» кор баста, ба чанд нуктае, ки ҳосили ҳамлаи муғул буданд, ишора мекунем, ки хилофи бовар буда, муҷиби ҳайрати донишмандон низ гаштааст. Яке аз ин паёмадҳо истиқрори назму сабот ва инзиботи собиту қатъӣ дар қаламравҳои ишғолии муғул буд. Ҷузҷонии муаррих, ки нафрати беандозаи худро ба муғул пинҳон намедорад, эътироф мекунад, ки дуздию дурӯғ гуфтан дар сафи лашкари Чингиз вуҷуд надошт ва ҳар киро бо ин ду ҷурм мегирифтанд, ба ашадди муҷозот маҳкум мекарданд. Агар касе аз мардумон вом мегирифт ва се бор қарздор ё варшикаст мегашт, ҷазояш марг буд. Куштори саросарӣ ва бархурди қотеъона бо ҳар гуна тахаллуфу эътироз чунон назму амниятеро пойдор кард, ки агар зане дар танҳоӣ мехост сафар кунад, метавонист кисаи зарро аз Пекин то Бағдод томму тамом бирасонад ва дар масири ҳаракати хеш, ҳеч кас мутаарризи ӯ нагардад.

Дигар нуктаи муҳим он аст, ки дар ростои ин ҳама заволу харобиву кушторҳои мудҳиши муғул ба таври эъҷобангез дар Эронзамин шуъбаи махсусе аз адабиёт, яъне фанни таърих падид омад ва сареъан рушд намуд. Дар ин аҳд таърихнигории форсӣ ба ҳадди камоли худ расид. То ин дам ғолиби осори таърихӣ бо забони арабӣ нигошта мешуд (Табарӣ, Наршахӣ, Утбӣ ва ғ.). Суқути Бағдод (соли 1258) ҳамчун тахтгоҳи хулафои аббосӣ, ки раҳбари маънавии ҷаҳони ислом ва забони расмии хилофат буданд, бар сайтараи комили тозӣ дар забону адабу дину ойин поён бахшид. Аз ин пас дар қаламрави густ**а**рдаи Эрону Осиёи Марказӣ ҳатто осори динӣ низ ба забони мардумони ин минтақа – порсӣ нигориш меёфт.

Муҳимтарин омили рушду тараққии фанни таърих дар замони ҳукумати фарзандону наберагони Чингизхон шавқу алоқаи онон ба забту сабти ҳаводиси таърихӣ ва футуҳоту кишваркушоиҳои эшон будааст.

Таърихнигории форсӣ дар ин замон ба таври бесобиқае пешрафт кард ва нафистарин кутуби таърихӣ навишта шуд. Забеҳуллоҳи Сафо, донишманди бузурги адаби форсӣ, рушди таърихнигории ин замонро чунин арзёбӣ мекунад: «Таворихе, ки дар бораи ин ҳуҷуми бузург қариб ба ҳамин воқеа навишта шуда, ҳама пур аст аз зикри ҷиноёту фаҷоеъи аъмоли ваҳшиёни муғулу татор. Бетардид ин воқеа фаҷеътарин вақоеъе буд, ки то ҳангом дар таърихи Эрон рух дод ва баъд аз он ҳам ҳеч гоҳ назире наёфт» [16, 243]. Осори ҷовидонаи «Ҷомеъу-т-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ, «Таҳзияту-л-амсор ва тазҷияту-л-аъсор ё Таърихи Вассоф»-и Абдуллоҳ ибни Фазлуллоҳи Шерозӣ, «Таърихи Гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Маҷмаъу-л-ансоб»-и Шабонкорагӣ дар аҳди ҳукумати муғулу ворисони он таълиф гардид.

Ва дар ин давра, асари устод Алоуддин Атомалики Ҷувайнии Соҳибдевон, яке аз шахсиятҳои номдору муассир дар таҳаввули фарҳангу адаби форсӣ, бо номи «Таърихи ҷаҳонгушой» дар саҳнаи дониш падид меояд, ки бо ҷомеъияту диққати назари олимонаи нигорандаи он, бетардид, аз муҳимтарин осори таърии адаби порсӣ эътироф шудааст. Аммо бо камоли таассуф бояд бигӯям, ки ин таърихномае, ки аз рӯзгори пурфоҷеаи тоҷикон ҳикоят карда, як тан аз тоҷикон онро бо забони тоҷикон нигошта, дар кишвари мо ҳеч гоҳ нашр нашуда ва дар бораи он низ иттилооту огоҳии нухбагони тоҷикро андак ёфтам.

Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ соли 623-и ҳиҷрии қамарӣ (1226 милодӣ) дар деҳаи Озодвори шаҳри Ҷувайни Хуросон, наздик ба Нишопур, ба дунё омад. Ӯ аз хонаводаи маъруфу номдори Ҷувайниҳост. Дар рӯзгори Ибни Руста – (асри Х) Ҷувайн яке аз сездаҳ деҳкадаи Нишопур ба шумор мерафт. Ҳокими Нишопурӣ (933-1014) донишманди маъруф, зимни тавсифи Ҷувайн ин хокро «хостгоҳи авлиёву уламо» хондааст. Дар воқеъ, садҳо донишманди тирози аввали таъриху тамаддуни Эронзамин аз ин марзи пургуҳар бархостаанд. Сокинони Ҷувайн тоҷикон, асосан суннимазҳаб ва пайравони фиқҳи Имом Шофеъӣ буданд. Самъонӣ – (1113-1167) дар китоби «ал-Ансоб» ба ин нукта ишора мекунад [14, 128].

Ҷадду обои Алоуддин Атомалик низ аҳли девону даргоҳ буданд ва дар аҳди Салҷуқиёну Хоразмшоҳиён умури девониро сомон медоданд. Насаби Атомалики Ҷувайнӣ дар манобеи таърихӣ бад-ин гуна сабт шудааст: Алуоддин Абулмузаффар Атомалик ибни Баҳоуддин Муҳаммад ибни Шамсуддин Муҳаммад ибни Баҳоуддин Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Алӣ ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Исҳоқ ибни Айюб ибни Фазл ибни Рабеъ ибни

Юнус ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Кайсон. Мунтахабуддин Бадеъии котиби Ҷувайнӣ аз дабирони маъруф ва бинобар ривояте, раиси девони иншои аҳди Султон Санҷар ба шумор омада, яке аз ниёи Атомалики Ҷувайнӣ будааст. Таснифоте низ ба ӯ нисбат дода мешавад, ки аз ҷумлаи онҳо китоби нафиси «Атабату-л-катаба» мебошад. Ин китоб намунаи барҷастаи муросилот ва номанигории дарборӣ бо забони порсист, ки то замони мо расидааст.

Фарзанди Бадеъуддин – Шамсуддин Муҳаммади Ҷувайнӣ, ки ҷадди Атомалик аст, аз муқаррабони даргоҳи Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ (1220–1220) ва писари ӯ Ҷалолуддини Мангубернӣ (1220–1231) будааст. Падари Атомалик – Баҳоуддин Муҳаммад, пас аз истилои Мовароуннаҳру Хуросону Эрон аз ҷониби муғулҳо ба хидмати дарбор ҷалб шуда, соҳибдевони Хуросону Мозандарон таъйин мегардад. Ин ҳодиса дар соли 633-и ҳ.қ. (1235-и м.) иттифоқ уфтодааст. Баҳоуддини Ҷувайнӣ то охирин рӯзи ҳаёти худ (соли 651 ҳ.қ. / 1253–1254-и м.) дар хидмати дарбори муғул қарор дошт ва дар замони Уқтой ва Ҳулоку мавриди эътимоди комили муғул будааст. Ҷувайнӣ дар асари маъруфи худ – «Таърихи ҷаҳонгушой» чанд маврид маъмуриятҳои падарро ёдовар шуда, боре ҳам ашъори арабии вайро овардааст [17, 128].

Ду фарзанди Баҳоуддин – Шамсуддин Муҳаммад ва Алоуддин Атомалик дар умури идории муғул нақши бориз гузоштаанд. Шамсуддин Муҳаммад дар аҳди Ҳулоку ва писараш Абоқоон (1265–1282) вазири аъзами Илхонон буд. Ӯ пас аз хон дувумин шахс дар қаламрави Эрону Ироқу Рум ва қисмате аз Шом ба шумор мерафт. Дар авҷи қудрату иқтидор сарвату амволи ӯ чунон зиёд гашт, ки даромади рӯзонаи вай даҳ ҳазор динор тахмин карда мешуд. Ҳамзамонон вайро ба ҷуду караму сахо ситудаанд. Ин ҳамон Шамсуддин Муҳаммади соҳибдевон аст, ки Саъдӣ қасидаи ғаррову ашъори обдоре дар ситоишаш навишта. Чунонки дар қасиде Шамсуддинро чунин меситояд:

Ҷаҳони донишу абри сахову кони карам,
Сипеҳри ҳишмату дарёи фазлу кӯҳи вақор!
Амини Машриқу Мағриб, ки мулку дин доранд,
Бар раъйи равшани ӯ эътимоду истизҳор!
Худойгони судуру замона, Шамсуддин,
Имоди қуббаи ислому қиблаи зуввор!..
Маро ҳазор забони фасеҳ боястӣ,
Ки шукри неъмати вай кардаме яке зи ҳазор! [8, 485-486]

Алоуддин Атомалик ҳанӯз ҷавон буд, ки ба кори девону даргоҳи муғулҳо ҷалб гардид. Ӯ 15 сол дабири хосси Амир Арғун – ҳокими муғули Эрон, Гурҷистон ва Осиёи Хурд буд.

Атомалик дар сафарҳо ба Қароуқрум, пойтахти империяи муғул, Арғунро ҳамроҳӣ мекард ва даҳ соли умрро дар ин нақлу интиқол сипарӣ кард. Ҷувайнӣ дар дебочаи китоби хеш менависад, ки «Аз худовандони фазлу афзол, ... сазад, ки бар ракокату қусури алфозу иборот аз роҳи карам зайли авву ақолат пӯшонанд. Чӣ муддати даҳ сол мешавад, ки пой дар роҳи иғтироб ниҳода аст ва аз таҳсил иҷтиноб намуда ва авроқи улуми насҷ алайҳи анкабут шуда ва нуқуши он аз саҳифаи хотир маҳв гашта». [17, 131].

Ӯ борҳо аз Бағдод озими Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр гардида, то пойтахти импературии муғул шаҳри Қароқурум расидааст. Дар ин сафар тамоми қаламрави империятуриро дарнавардида, бо авзоъу аҳволи кишвар аз наздик ошно шуда, барои таълифоти хеш мавод ҷамъ овардааст. Таърихи баъзе сафарҳои ӯ низ маълум аст. Аз ҷумла, дар сафарҳои солҳои 1247, 1249, 1251, ки баъзе аз он мусодиф бо воқеаҳои муҳим буданд, Ҷувайнӣ ширкат варзида. Дар «Таърихи Ҷаҳонгушой» фаслеро бо номи «Зикри таваҷҷуҳи Амир Арғун ба қурилтойи бузург» ихтисос додааст. Дар ин қисмат перомуни баргузории қурилтойи соли 1251 ва масири ҳаракати Амир Арғун ба қурилтойро пуршебу фароз тасвир кардааст. Аз каломи Ҷувайнӣ чунин бармеояд, ки хабари баргузории қурилтой ба саросари қаламрави импературӣ расонда мешуд ва сафирон (илчиён) аз ҷараёни кори қурилтой низ мунтазам ҳамаро огоҳ мекарданд.

Аз матни «Таърихи Ҷаҳонгӯшой» чунин бармеояд, ки Амир Арғун нисбат ба Атомалики Ҷувайнӣ эҳтироми хосс дошт ва дасисаҳои суханчинону ҳасудонаи дигар тоҷикон дар бораи ӯро ба ҷаве намехарид. Ҷое дар ҳамин асар ба ин ишорат фармуда менависад: «Чун ба номи ман расид, подшоҳ фармуд, ки агар бо ӯ (яъне бо Ҷувайнӣ – С.М.) сухане ҳаст, дар ҳазрати мо арза дорад, то ҳаминҷо истикшофи он раваду маслаҳати он гуфта шавад. Аз он гуфта (суханчин – С.М.) пушаймон шуду узр хост ва аз он ҷо ба Марв ба хидмати Амир Арғун». Соли 654-и ҳ.қ. (1256-и м.) Амир Арғун Атомалики Ҷувайниро бо фотеҳи Бағдод ва муассиси силсилаи Илхонон – Ҳулоку (1261–1265) муаррифӣ кард ва Ҳулоку истеъдоду гавҳари ин ҷавонро шинохта, вайро аз муқаррабони даргоҳи худ таъйин намуд.

Дар аҳди ҳукумати муғул бар сари тоҷикон ҳазорон фоҷиа омад, вале дареғ ки ин ҳама мусибату инҳитот тоҷиконро сабақ нашуд. Ашрофу донишмандони тоҷик чун замони пеш аз ҳамлаи муғул дар сиёҳ кардану бад гуфтани якдигар г**у**йи сабқат аз ҳам мерубуданд. Ин сиъояту музоҳ**а**матҳо коргар меуфтоду садҳо магзҳои мутафаккири тоҷик тавассути худи тоҷикон барбод мерафт [9, 24-27]. Вожаву ибораҳои макр, худъа, суханчин, ҳуссод, тазвир ва музаввир дар манобеи ин давра хеле маъмул буда, аз густариши чунин аъмол дар ин замон шаҳодат медиҳад. Яке аз рақибони Атомалик Маҷдулмулк ном

тоҷики дигар буд, ки борҳо кӯшида буд, рақибро назди Ҳулоку бадном созад. Ҳамин тавр, бародарон Шамсуддин Муҳаммад ва Алоуддин Атобак мавриди туҳмату озор қарор гирифта, бештари сарвату амволи онҳо мусодара гардид.

Соли 680-и ҳ.қ. (1281–1282-и м.) Атомалик Ҷувайнӣ аз таъқибу банду парешонӣ раҳоӣ ёфта дубора раиси шаҳри Бағдод гардид. Тавре ӯ навишта, ин раҳоӣ ба сабаби ба тахт нишастани Аҳмади Тагудор (1282–1284), ки «хотири ҳумоюни» ӯ аз суханчиниҳову музаввирон безор буд, иттифоқ уфтодааст. Бародарон Атомалику Шамсуддин «бе он ки аз ҷониби ҳар ду бародар илтимосе равад ё аз аркони давлат касе тазаккур кунад» дубора ба шуғлҳои муҳим интисоб шуданд. Атомалики Ҷувайнӣ раиси шаҳри Бағдод, ки дар ин муддат «беравнақ монда буду харобӣ бо аъмол роҳ ёфта» таъйин гардид. Шамсуддини Ҷувайнӣ волии Хуросону Мозандарону Ироқу Аррону Озарбойҷон гардид ва дар идораи Рум бо Салҷуқиён мушо**р**акат дошт. Ҳорун, писари Шамсуддини Ҷувайнӣ низ ҳокими Мавсилу Арбил таъйин шуд. Мачдулмулки хасму бадхоҳи хонадони Ҷувайниҳо, ба сабаби кашфи хиёнату макрҳояш ва ёфт шудани таъвизу сеҳру ҷоду дар корҳояш, ки пеши муғул аз аъмоли зишту нописанд буд, ба марги қитъа-қитъа кардан маҳкум гардид. Ҷувайнӣ сарнавишти фоҷиабори рақиби худро чунин хулоса мекунад: «Пас аз ӯро узв-узв карда, ба ҳар қутре аз ақтор узве аз аъзои ӯро фиристоданд: сари ӯро ба Бағдод ва дасти ӯро ба Ироқ ва пойи ӯро ба Форс. Ва шахсе забони ӯро ба сад динор аз сари дор бихариду ба Табрез бурд ва яке аз аҳли асри ин ду байте гуфт:

Рӯзе ду-се сар дафтари тазвир шудӣ,
Ҷӯяндаи молу мулку тавфир шудӣ.
Аъзои ту ҳар яке гирифт иқлиме,
Филҷумла, ба як ҳафта ҷаҳонгир шудӣ».

Атомалики Ҷувайнӣ 8 ҷумодулулои соли 681-и ҳ.қ. (1 сентябри соли 1282) дар Бағдод дори фониро пидруд гуфт. Ҷасади вайро ба Табрез оварданд ва дар «Мақбарату-л-вузаро»-и маҳалли Чарандоб (оромгоҳе, ки чунин бузургони илму адабу сиёсат – Қутбуддини Шерозӣ, Абдуллоҳи Сайрофӣ, Сироҷи Қамарии Омулӣ дафн шудаанд) ба хок супурда шуд. Аммо бародари ӯ Шамсуддин, бо фармони Арғуни муғул, дар мавзеи Аҳар, воқеъ дар вилояти Озарбойҷон, 4 шаъбони соли 683-и ҳ.қ. (23 октябри соли 1284) ба қатл расид.

Ҷувайнӣ, бе тардид, аз ҳайати он дилбохтагони ҷонсӯзу фидокоре буд, ки дар роҳи раҳоии Ватан аз ҳар гуна зулму таҷовузу торочу истисмор ҷони хештан ба гарав мемонду бо қаҳрамонӣ ҳич саъю талошеро дареғ намедошт. Боре чун Ҳулоку аз қасабаи Хабӯшон мегузашт, онро харобу корезҳои ӯро хушк диду нороҳат гашт. Ҷувайнӣ «чун ҳавасу майли подшоҳро ба иморати харобиҳо мушоҳада намуд», шарҳи ҳоли харобии онро ба арз расонд. Ҳулоку низ филҳол фармон дод, то шаҳрро иморат кунанду сокинони ҷилои ватан кардаро дубора фаро хонанд ва тамоми масорифи лозимро аз хизонаи хосс бипардозанд.

Низ ҳама хонадони Ҷувайнӣ, ҳамчун Бармакиёни замони Аббосиён, аҳли фазлу адаб ва арбоби ҷуду караму ҳунар буданд. Муарриху муҳаддиси маъруф Заҳабӣ навиштааст, ки ҳар кас китобе ба номи эшон таълиф мекард, ӯро нақдан ҳазор динор зари сурх ҷоиза медоданд. Донишмандону уламо ва шуарову фузалое чун Хоҷа Насируддини Тусӣ, Сафиуддини Урмавӣ, Камолуддин Майсами Баҳронӣ, Низомуддини Исфаҳонӣ, Хоҷа Ҳумоми Табрезӣ ва Саъдии Шерозӣ афроди ин хонадонро с**и**тудаанд. Саъдӣ дар қасидае Алоуддин Атомалики Ҷувайниро ин гуна ситоиш мекунад:

Ҳар он ки рӯйи ту бинад, баробари Хуршед,
Миёни рӯяту Хуршед дар гумон монад.
Аҷаб мадор, ки то зиндаам, муҳибби туам,
Ки то ба зери заминам, ба устухон монад...
Амини Машриқу Мағриб алои давлату дин,
Ки пойгоҳи рафеъаш ба осмон монад. ...
Фунуни фазли туро ғоятеву ҳадде нест,
Ки нафси нотиқаро қудрати баён монад.
Ту маъни зиндаӣ дар камоли фазлу адаб,
Ки то Қиёмат аз ӯ дар кутуб нишон монад! [8,478-479].

Зимнан, гуфтанист, мусаннифону мудаббирони мунсифу ростгӯ, ҳамчу панди озода баҳри хонандагон, баробари иқдомоти хайру шойистаи мардумписанд, ношойистагиҳоеро низ аз аъмоли Атомалики Ҷувайниву бародараш ба қалам кашидаанд. Ва овардаанд, ки Атомалику бародари ӯ, бо он ки таъаммуле кунанд аз қубҳи душманкомӣ, аз хидматҳои босазое ба нафъи муғули душман парҳез накардаанд ва дар ҳамкорӣ бо мутаҷовизони ғосиб борҳо муртакиби аъмоле шуданд, ки бо ситаму ҷафоҳо ва ранҷу тирарӯзии ҳазорон тоҷику дигар мусулмонони ҳудуди Хуросону Бағдоду Ироқу Шом ҳамроҳ будааст. Аммо тавре ба тамоми ҳукуматҳои мустабид ва чокарони онҳо хосс аст, ситамгарон мушовирону аёдии хешро низ «фаромуш» намекунанду рӯзе ба сазои амал мерасонанд. Ҳамин тавр, хонадони Ҷувайниҳо, ҳамчун Бармакиён ба мукофоти амал расиданд.

Ду асар ҳамчун мероси хаттии Ҷувайнӣ ёдоварӣ мешавад: яке «Таслияту-л-ихвон», ки ҳовии шарҳи мусибатҳои ба сари ӯ омада ва ба сабки «Таърихи Ҷаҳонгушой» таълиф шудааст. Дигар «Таърихи ҷаҳонгушо»-ст, ки намунаи таърихномаҳои беназири форсӣ баҳо гирифтааст.

«Таърихи ҷаҳонгушой» пеш аз ҳама аз ду ҷиҳат бар соири таърихномаҳои ҳамзамонаш бартарӣ дорад: нахустон ки ин аввалин асари таърихии аҳди муғул будааст, ки расми ба порсии фасеҳ нигоштани таърихро ниҳодина кард. Дувумин имтиёзи он – садоқати муаллиф дар баёни авзоъу аҳволи воқеъии мамлакат аст, ки онҳоро ба чашми нуктабини худ медид ва дақиқ дар хизонаи хотир гирд меовард.

Аз мутолааи ин китоб бармеояд, ки муаллиф онро муддати мадиде ва дар амокини мухталифе навиштааст. Замони тахминии таълифи китобро метавон байни солҳои 1253–60 тахмин зад. Ахбори мундариҷ дар ин китобро Ҷувайнӣ аз афроди муътамад ва аҳли рикоби Чингизу коргузорони уву фарзандонаш шунидааст. Аммо ин асар аз замони таълиф шуҳрати азим ёфт ва писанди хотири умум гардид. Бештари муаррихону адибон аз ин китоб ёдовар шудаанд. Чунончи таърихшиниси маъруф Ибни Ибрӣ (1226-1287) менависад, ки ахбори худ роҷеъ ба Хоразмшоҳиён, исмоилиён ва муғулро аз «Таърихи ҷаҳонгушой» нақл кардааст. Муаррихони баъдӣ, аз қабили Рашидуддини Фазлуллоҳ, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, Мирхонд, Хондамир ва чанди дигар таълифоти Ҷувайнӣ баҳравар шудани хешро таъкид кардаанд.

«Таърихи ҷаҳонгушой» шомили се бахш аст:

Бахши нахуст ба рӯзгору осори Чингиз, маҷмуи одоту қавонини муғул (Ёсо), сарнавишти қавми уйғур, лашкаркашиҳои Чингиз ба Мовароуннаҳру Хуросон, заволу инқирози силсилаи Хоразмшоҳиён, ҳукумати Уқтой, Гуюк ва аҳволи Ҷучӣ ихтисос ёфтааст.

Бахши дувум ба таъриху сарнавишти дудмонҳои хоразмшоҳӣ, қарохитоӣ (киданҳо) ва Илхонони Эрон бахшида шудааст.

Дар бахши сеюм Ҷувайнӣ дар бораи аҳди Магуқоон, лашкаркашии Ҳулоку ба Эрон, рӯзгори исмоилиён ва давлатдории онон маълумот овардааст.

Мавқеияти наздики Ҷувайнӣ ба «султони аср» ва вобастагияш ба дарбор муҷиб шуд, то асараш воқеъгуна, содиқонаву бетарафона ва дур аз тамаллуқу чоплӯсӣ бошад. Ҷувайнӣ якуним сол дар Қароқурум ба сар бурда, ахбору ривоёти фаровоне аз саргузашти муғулҳо ба даст овард. Ҳангоми забти қалъаҳои исмоилия ва забти Бағдод низ дар рикоби лашкари муғул буд. Ҷувайнӣ ба асноди расмӣ дастрасӣ дошт, таҷрибаҳои шахсияш, аз ҷумла сафарҳои вай низ ҳангоми таълифи асар дар навиштааш таъсиргузор будааст.

Дар рафти тасаруфи қалъаҳои исмоилиёни Эрон (соли 1256) Атомалики Ҷувайнӣ аз Ҳулоку иҷозат гирифт, ки китобҳои аз замони Ҳасани Саббоҳ дар Маймундиз ҷамъоваришударо бибинад ва он чиро ки лоиқи нигаҳдорӣ бошад, ҷудо кунад. Осори барои худ зарур ва олоти нуҷуми расадхонаро нигоҳ дошт ва боқиро, ки марбут ба кеши исмоилия буд, бисӯхт. Ӯ иттиллои хешро дар бораи Ҳасани Саббоҳ ва исмоилия аз китобе, ки бо номи «Саргузашти Саййидино» буда, ахз кардааст. Дар баъзе сарчашмаҳо омадааст, ки пайравони исмоилия ин кирдори Атомалики Ҷувайниро набахшиданд ва як сол пас чанде аз фидоиёни исмоилӣ бар ӯ ҳамла карда, чанд захми ханҷар заданд. Аммо чун захмҳо муҳлик набуданд, пизишкон вайро муола**а**ҷа карданд ва Ҷувайнӣ ҷон ба саломат бурд.

Атомалик шоҳиди тасарруфи Бағдод, маркази панҷсадсолаи ҷаҳони ислом, дар соли 1258 будааст. Рашидуддини Фазлуллоҳ дар ин бора навиштааст: «Ҳулоку ... ба қасди тасхири Бағдод бар роҳи Кирмоншоҳону Ҳулвон равона шуд ва умарои бузург ... Сайфуддини Битикчӣ, ки мудаббири мамлакат буд ва Хоҷа Насируддини Тусӣ ва соҳиби саъид Алоуддини Атомалик бо тамомати салотину мулук ва куттоби Эронзамин дар бандагӣ буданд» [13, 1009].

Ҷувайнӣ дар ғолиби вақоеи муҳим, ки дар «Таърихи ҷаҳонгӯшо» мундариҷ сохта, худ ё бинафсиҳи ҳозиру шоҳид будааст ё биловосита аз риҷолу бузургони муғул шунидааст. Ин шеваи таърихнигориро мо танҳо дар таърихномаи устоди фарзонаи Хуросон Байҳақии дабир мушоҳада мекунем; шаке нест, ки соҳибкаромати Ҷувайн аз барнои арҷманди Байҳақ мутаассир гашта, бо илҳом аз навиштори ӯ, рисолаи хешро тасниф кардааст. Ҷувайнӣ низ чун Байҳақӣ камоли тавозуъ намоиш дода, дар нигоштани таърих худро нокоромад ва аз ночорӣ мешуморад ва як байти арабиро ҳам мисол меорад, ки маънояш чунин аст: «сарзаминҳо аз афроди шоиста холӣ монд ва ман, ки аҳлият надоштам сарварӣ ёфтам!» [17, 131].

Аллома Қазвинӣ асари Ҷувайнӣ ва Вассофро бо ҳам қиёс карда, менависад, ки «Таърихи ҷаҳонгушо» «бар Вассоф симати тақаддум дорад». Ҷувайнӣ парвардаву баркашидаи муғулҳо буда, солҳо дар рикоби хонҳои муғул зиста, аммо наслкушии чингизиён дар Мовароуннаҳру Хуросону Эронро холисона тасвир кардааст: «ҳар шаҳру ҳар деҳаеро чанд навбат кушишу ғорат карданд ва солҳо он ташвиш бардошт ва ҳанӯз то растохез агар таволиду таносул бошад, шумори мардум ба ушри ончи будааст, нахоҳад расид» [17, 209].

Мутолааи «Таърихи Ҷаҳонгушой», ошноӣ ба он саҳнаҳои зиндаву ҷаззобу муассире, ки Ҷувайнӣ ба силки тасвир мекашад, бидуни ихтиёр ин пурсишро ба зеҳни хонанда меоварад, ки ин шахсияти бедор, муъмин, мутадаййин, ҳаким ва донишманд бо чунин фазилату фарзонагӣ, аз чӣ рӯву ба чӣ хотир бо як душмани ваҳшие тимсоли муғул ҳамнишину ҳамкору ҳамдаст шудааст?! Донишманди фарҳехтаи

аврупоӣ, муҳаққиқи тавонои таъриху адабиёти форсӣ Эдвард Браун (1862-1926) сад сол муқаддам навишта буд, ки Ҷувайнӣ аз бахти баду рӯзгори нофараҷом дар ниҳояти бечорагӣ барбарҳоро тамҷиду ситоиш кардааст.

Аммо Ҷувайнӣ бо вуҷуди он ки дар хидмати муғулҳои номусулмон буд, бо шиддату маҳаббати беандоза аз ислом ва исломият дифоъ мекунад. Аз ин ки кишвари ӯ ва ҳамкешонаш мавриди торочу чаповули муғулҳои бадкеш гаштаанд, шадидан нороҳат аст. Ӯ бо он ки лашкаркашиҳои Муҳаммади Хоразмшоҳро нақд мекунад ва онҳоро муқаддимаи ҳуҷуми Чингиз медонад, марги ӯро зоеъаи ҷубронопазир барои ислому мусулмонон мешуморад. Ҷувайнӣ ҷавонмардиву рашодатҳои Султон Ҷалолуддинро меситояд. Ҳамон Ҷалолуддине, ки дар баробари лашкари «султони ҷаҳонгушой» Чингизхон қад алам кардаву ҳазорон муғулро ба дарак фиристода буд

Ҷувайнӣ ободиҳои мулкаш, шаҳру деҳоти пурфайзи тоҷиконро, ки аз қаҳри адувви хуношому саркаш хокбоду ахгар шудаанд, бо риққати қалб тасвир мекунад; ӯ шоҳодати яке аз факеҳони муътабар – Алоуддин Муҳаммади Хутаниро дар ниҳояти ҳузну андуҳ баён дошта, ҳамраъйии хонадаашро ҳосил мекунад. Дар ҷое дигар пайравии баъзе аз хонҳои муғул аз масеҳиятро накуҳиш мекунад; ҷараёни ғорату куштору сухтори лашкари хунхори муғулро бо устодӣ қаламдод мекунад. Қозӣ Минҳоҷ Сироҷи Ҷузҷонӣ (1193-1260) низ ҳамзамони Ҷувайнӣ буда, дар «Табақоти Носирӣ» бар лашкари муғулу пешвоёни он метозад ва Чингизхонро «малъун» хитоб мекунад. Аммо набояд фаромӯш кунем, ки Ҷузҷонӣ асарашро дар сарзамини Ҳинд, ки дур аз қаламрави муғулҳо буд, таълиф кардааст ва Ҷувайниву падару бародараш коргузори дарбори муғулҳо буданд.

Ҷувайнӣ ба фанни таърих ва рисолати аслии он, ки ибрат гирифтан аз гузашти рӯзгор аст, пойбанд аст. Ӯ ҳар достонеро чун ойинаи тамомнамои гузашта фурсате баҳри андешидану панд гирифтан медонад. Ӯ парокандагиву нифоқ ва бар ҳамкешону хешони худ муҳаббат наварзидану тарки силаи раҳмро аз муҷиботи аслии суқути давлатҳои Хоразмшоҳиёну Аббосиён медонад. Аз ин рӯ, иттиҳоду ҳамбастагиро рамзи пирӯзии муғулҳо дониста, бо дарду алам менависад, ки «Чингизхон ва уруғи ӯ бар ин муҷиб аз ҷаҳон аксарӣ гирифтанду бақоё дами элӣ мезананд ва молу хароҷ қабул мекунанд... Ва агар салотини Ислом дар ибқои ақорибу пайванди аҷониб ҳамин қоида мумаҳҳад гардонидандӣ ва ин асос мушайяд ва зинҳориёнро дар ҳарими эшон паноҳ будию қасди хешон дар мазҳаби муруввату футуват маҳҷур ва дар шариати шафақату раъфат маҳзур шумурдӣ, истисоли эшон мумкин нагаштӣ» [17, 984].

Ҷувайнӣ ҳар суханеро чун ба риштаи таҳрир кашад, санади онро низ манзур мекунад. Гоҳе аз пирони муғул менависад ва гоҳе аз арбоби Кошғар. Имтиёзи дигар «Таърихи Ҷаҳонгушой» он аст, ки ӯ ибрати таърихро барои бедориву огоҳии мардум муфид медонад ва бар хилофи тақдиргароёну мутаассибони рӯзгори хеш, ки тамоми воқеъоту ҳаводиси оламро аз шумии пешонӣ ва хатти сарнавишт медонистанд, вазъи мардумро ҳосили андешаву амали онон меҳисобид. Аз ҷумла, парешонии уламову гумроҳии салотини Хоразмшоҳӣ ва кундии мардумонро сабаби сарозер гаштани муғулон мешумурд. Маликушшуаро Баҳор дар «Сабкшиносӣ» менависад, ки Ҷувайнӣ «аз удабои олимақоми адаби порсӣ аст ва «Таърихи Ҷаҳонгушой» шоҳиди адле бар вуфури фазлу қуввати адаб ва касрати завқу кудрати қариҳаи ӯст» [1, 52].

Ҳарчанд Ҷувайнӣ асари хешро дар аҳди ҳукумати муғулҳо ва ба номи онҳо (ҷаҳонгӯшо, яъне Чингизи ҷаҳонгӯшо) таълиф карда, аммо дар хилоли тамҷиду ситоиш аз харобии шаҳру қатлу куштор ва рӯзгори аҳволи бади мардумон низ лаб фурӯ намебандад. Аз ҷумла, ба ҳаводиси солҳои 1248-1251 ишора карда таъкид мекунад, ки дар он давра: «кори зулму ҷавр бар осмон расида буд». Дар ҷои дигар аз равнақ уфтодани забони порсӣ ва ҷойгузин шудани уйғурӣ ва роҳ ёфтани афроди тасодуфӣ дар умури давлатдориро бо ин шеваи ғарро баён мекунад: *«Ва забону хатти уйғуриро фазлу ҳунари тамом шиносанд. Ҳар як аз абнои савқ дар зайи аҳли фусуқ амире гашта ва ҳар муздуре дастуре ва ҳар музаввире вазире ва ҳар мудбире дабире ва ҳар мустадфӣ муставфие ва ҳар мусрифе мушрифе ва ҳар шайтоне ноибдевоне ва ҳар куни харе сари садре ва ҳар шогирди пойгоҳе худованди ҳурмату ҷоҳе ва ҳар фарроше соҳиби дурбоше ва ҳар ҷофие кофие ва ҳар хасе касе ва ҳар хасисе раисе ва ҳар ғодире қодире ва ҳар дасторбанде бузургвор донишманде ва ҳар ҷаммоле аз касрати мол боҷамоле ва ҳар ҷаммоле аз мусоъадати иқбол бо фусҳати ҳоле»* [17, 128-129].

Ин китоби Ҷувайнӣ бар рӯйи Рашидуддини Фазлуллоҳ, ки аз муаррихони бузургмартабати ҷаҳон аст ва низ ба боқии муаррихони давраи муғулу баъд аз он таъсири босазое гузоштааст.

«Таърихи Ҷаҳонгушой» аз костиву камӣ ва фурӯгузорӣ холӣ нест. Муаллиф, тавре зикр кардем, бо ҳар роҳе хоста юриши муғулро тавҷеҳ кунаду онро мантиқӣ ва ҳосили амалҳои бади мардумоне, ки гирифтори ҳамлаи муғул шуданд, нишон диҳад. Ҳамчунон гоҳе, тақдиргароӣ ва таслим дар баробари сарнавишту қазо хосси ҷаҳонбинии Ҷувайнӣ ва муаррихони дигари тоҷик (назири Утбӣ, Байҳақӣ ва Мирхонду дигарон) дониста мешавад. Ҷувайнӣ талош кардааст, ки тамоми ҳаводиси барои «миллати ислом» пеш омадаро тавҷеҳ кунад ва онро ҳамчун иродаи худованд намоён кунад.

Ҷувайнӣ вақте аз амири Хуҷанд Темурмалик, ки аз хешовандони модари Султон Муҳаммад ва мунтасаби ӯ ва корномаи дурахшону мондагораш алайҳи муғулҳо менависад, бо лаҳне маҳаббатомези ҳамроҳ бо тамҷиду ситоиш аз ӯ ёдоварӣ мекунад ва пас аз зикри номи ӯ меафзояд, ки «агар Рустам дар

замони ӯ будӣ, чуз ғошиядории ӯ накардӣ». Ва ё ҷое дигар низ менависад, ки «чун мардон шамшерзанон мерафт». Вале замоне аз ҷунбиши мардумии аҳли Тороби Бухоро сухан ба миён меоварад, он солро соли наҳс ва пешвои қиёми мардумиро дар «ҳамоқату ҷаҳолат адиму-л-мисл» хонда, пайравонашро низ «музмину мубтало» меномад. Яъне, ҷунбиши мардуми бумии Бухороро, ки ҷон бар лаб расидаву роҳе дигар барои раҳоӣ аз ситаму ҷафоро намедиданд, гумроҳ медонад; ба ҳамон равиши муаррихони пешин. Агар Наршахӣ Муқаннаъро, ки алайҳи Аббосиёни ситамгару сиёҳалам, худро сапедҷома номиданд, душном диҳад, Байҳақӣ Алии Куҳандизии душмани хонадони Ғазнавиёнро дузду ғоратгару муфсид меномад ва Шарафуддин Алии Яздӣ сарбадорони Самарқандро раияти фасодангез мехонад. Муаррихони болшавику коммунисти мутаҷовиз низ мухолифони худро босмачиву роҳзану дузд номидаанд ва то таърих будааст ин кажгуфториву бешармӣ будаасту хоҳад буд.

Ҷувайнӣ дар ҷилди савуми асар перомуни таърихи исмоилия, ақоиду мазҳаби эшон ва давлатдории Фотимиёну ботиниёни Эрон сухан меронад. Ҳарчанд асари ӯ дар ин замина низ манбаи бебаҳост, аммо бештари навиштаҳои ӯ нисбати ин мазҳаб ва сарнавишти пайравони исмоилия, ки дар асрҳои миёна ғолибан тоҷикон ба он мегаравиданд, муғризонаанд. Ӯ ҷунбиши Ҳасани Саббоҳро бо вожаҳои талбис, тазвир ... ҳамроҳ мекунад. Пайвастани мардумон ба сафи пайравони вайро натиҷаи фиребу ҷангу пайкори Ҳасани Саббоҳ медонад. Ҷувайнӣ намехоҳад эътироф кунад, ки онҳӣ равшанфикрони тоҷик ва гурӯҳҳои мардумро ба самти Фотимиёну давъати Ҳасани Саббоҳ кашонд, натиҷаву асари мустақими ҳукуматҳои золимонаву ғоратгару авбоше чун Ғазнавиёну Салҷуқиён аст. Аммо чун қатлу ғорати тоҷикони исмоилӣ тавассути ғуломи турки Маликшоҳ бо номи Юрунтош менависад, онро бо хунсардӣ баён медорад, ки гӯё чунин коре дуруст бошаду ин бахтбаргаштагон мустаҳҳиқи чунин сарнавишт.

Шеваи баёни Ҷувайнӣ дар қиёс бо забони содаву равони Рашидуддини Фазлуллоҳ, хеле душвору печида аст, аммо дар камоли фасоҳату балоғат. Дар давраи ӯ ҷойи сабки хуросонии форсии нобро, ки пирояи саҳнаи адаби даврони Сомониёну Ғазнавиён буд ва ҳакими Байҳақ, Абулфази дабир «дебои хусравонӣ»-и хешро бо ҳамин сабк ба зевари табъ кашид, силки баёни муғлақу мураккаби ороста ба алфозу таъбироти арабӣ гирифта буд. Ҷувайнӣ, ки падар бар падар дабиру дабирзода буд ва аз улуми афзали даврони хеш бархурдор, зебогуфторӣ ва сухани саҷъу дилруборо низ фаромуш намекунад.

Ҷувайнӣ ҳамонанди Байҳақӣ таърихномаи хешро бо абёти ғарро, чи порсӣ ва чи арабӣ, ороста, тақрибан дар тамоми фаслҳо осори шуарои мутақаддим [назири Анварӣ, Умари Хайём ва ғ.]-ро намуна меоварад, вале аз исми шоирон ба нудрат ёд мекунад. Боре номи Фирдавсӣ,Унсурӣ ва Саноиро зикр мекунад. Қасоиду ситоишҳои Саъдӣ низ бепосух намондаанд ва Ҷувайнӣ ҳар гоҳе ашъори дилрои Шайхи аҷаллро ҳамчун ороияи матлабу муддаъои иншояш овардааст. Дар китоб ашъори арабӣ фаровон аст (нишоне аз тасаллути баркамоли муаллиф ба фарҳангу адаби араб); Ҷувайнӣ барои таъйиди матолиби худ борҳо ба шуарои машҳури араб, назири Мутанаббию Абулфатҳи Бустию дигароне истинод мекунад; ин ҷо ҳам ба нудрат аз шуаро ном бурдааст.

Вижагиҳои услубии «Таърихи Ҷаҳонгушой»-ро Маликушшуарои Баҳор дар асари арзишманди хеш – «Сабкшиносӣ», баён кардааст, ки муҳимтарини онҳо вуҷуди сиғаҳои хосс, афъоли қадим, феълҳои ноқис, феъли нафйи муаккад, тақрори феълҳо, ихтисососи наҳвии замоир [(ҷонишинҳо), ҷумлабандиҳои мунҳасир ба фард ва ғ. мебошад, ки бо номи «сабки Ҷувайнӣ» маъруфанд. Устод Маликушшуарои Баҳор хулосаи матни Ҷувайниро бар се қисм медонад: қисме ба куллӣ маснуъ, қисме сода ва қисме нақлшуда аз навиштаи дигарон. Қисмати ахирро содатарин матни китоб донистаанд [1, 94].

Ва нуктаи дигар оид ба вижагиҳои «Таърихи Ҷаҳонгушой», ҳамчун ҳусни анҷоми ин пегушфтор: Ҷувайнӣ, ки пири муаррихони аҳди муғул аст, ҳамзамон муқаддами адибон дар ворид сохтани луғоти муғулӣ дар насри форсист. Муаррихони баъдӣ, аз қабили Вассофу Рашидуддин ва давраи темурӣ низ чунин вожаҳоро мукаррар истифодакардаанд.

«Таърихи ҷаҳонгушой»-ро созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО дар феҳристи осори шоҳкори ҷаҳон гунҷондааст. Аммо «Таърихи ҷаҳонгушой» бо чунин каломи дуррбор, бо ин гуна ахбору маълумоти дақиқу муҳими таърихӣ ва умуман, бо ин ҷойгоҳи рафеъ, ки мояи таҳсину тамҷиди эроншиносон дар ҷаҳон гаштааст, то кунун ба кириллии тоҷикӣ баргардон нашудааст; мутаассифона, роҷеъ ба Атомалики Ҷувайнӣ ва осори гаронмояи ӯ низ дар Тоҷикистон таҳқиқоте ҷиддӣ сурат напазируфтааст. Муаллифи ин сатрҳо китоби гаронсангу арзишманди Атомалики Ҷувайниро ба нашр омода кардааст, ки анқариб ба зевари табъ ороста мегардад.

АДАБИЁТ

1. Баҳор Маликушшуаро. Сабкшиносӣ. Теҳрон, 1387. -468 с.
2. Девони Сайфи Фарғонӣ. Теҳрон, 1376. - 432 с.
3. Джувейни Ата-Мелик. История завоевателя мира. Перев. с англ. М.:Издательский Дом Магистр-Пресс, 2004. – 698 с.
4. Ибн ал-Асир. Ал-Комил. (Таърихи комили бузурги ислом ва Эрон). Тарҷумаи Алӣ Ҳошимии Ҳоирӣ. – Теҳрон, 1368. – 684 с.
5. Ибни Баттута. Сафарномаи. Тарҷумаи Муҳаммадалии Муваҳҳид. Ҷилди 1. Теҳрон, 1370. 640 с.
6. Марко Поло. Книга о разнообразии мира// Джованни дель Плано Карпини. История монгалов; Гильом де Рубрук. Путешествия в восточные страны; Книга Марко Поло / Пер. И.М.Минаев.М.: Мысль, 1997. – 435 с.
7. Ибни Касир. ал-Бидоя ва-н-ниҳойа.Ҷ. 13. – 324 с.

8. Куллиёти Саъдӣ. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Муҳаммадалии Фурӯғӣ. –Теҳрон, Фурӯғӣ, 1374. -935 с.
9. Муллоҷон С. Тавсифи «Вилояти Тожик» дар асари Рашидаддини Фазлуллоҳ. //Фарҳанг. 2013. №1. –С. 22-28.
10. Муллоҷон С. Нақши қурилтой дар сарнавишти давлат ва мардуми империтории муғул //Маърифати омӯзгор. 2019. №10. С. 24-28.
11. Нахчувонӣ Ҳиндушоҳ. Тиҷорат-ул-салаф. Тасҳеҳи Аббос Иқбол. -Теҳрон, 1313. -440 с.
12. Петрушевский И.П. Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII-XIVвв.-М.-Л., 1960. -492 с.
13. Рашидаддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ. Ҷомеъ-ут-таворих. Ба тасҳеҳ ва таҳшияи Муҳаммад Равшан ва Мустафо Мусавӣ. – Теҳрон, Албурз, 1373. – 2977 с.
14. Самъонӣ Абусаъд Абдулкарим ибни Муҳаммад. Китаб ал-ансоб. Тасҳеҳи Абдуллоҳ Умари Баруди. Бейрут: Дор-ул-фикр, 1419. – 680 с.
15. Сандерз Ҷ.Ҳ. Таърихи футуҳоти муғул. Тарҷумаи Абулқосими Ҳолат. Теҳрон, 1361. 334 с.
16. Сафо Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 2. –Теҳрон, 1355. -684 с.
17. Ҷувайнӣ Атомалик. Таърихи ҷаҳонгӯшой. Бо саъю эҳтимом ва тасҳеҳи Муҳаммад ибни Абдуваҳҳоби Қазвинӣ. –Теҳрон, Фирдавс, 1385. 1445 с.

АТА-МАЛИК ДЖУВЕЙНИ И ЕГО СОЧИНЕНИЕ «ИСТОРИЯ ЗАВОЕВАТЕЛЯ МИРА»

Монгольское нашествие несмотря на губительные полседствии для народа стал причиной развитие персидской историографии. Известные ученые этой эпохи писали об истории монголского наществие не на языке побидителей, а на языке местного таджикского население – на персидском. Один из таких людей был Ата-Малик Джувайни выходцем из знатного рода ученых и писарей. Его продед служил при Сельджукидском дворе. Дед и отец Ата-Малика служили у Хорезмшахов. Ата-Малик и его брат Шамсиддин занимали високое положение при монголах. Джувайни посвятил свою историю основателем монгольской империи –Чингизхану и называл «История завоевателя Мира», который состоит из трех частей. В книге изложены состояние Хорасана, Мавераннахра и Ирана накануне монгольского завоевания, ход монгольского нашествие, захват Средней Азии и Ирана, ликвидация государство исмаилитов и частично о жизни население. Это книга является важнейшим источником по истории таджиков и других народов региона в XII-XIII вв. «История завоевателя Мира» был признан ведущими учеными мира, и в разные времена был переведен на английском, русском, узбекском и других языках мира. Сочинение Джувайни в ближайшее время будет издано на современном таджикском алфавите, который подготовил автор этой статьи.

Ключевые слова: *история, Джувайни, «История завоевателя Мира», таджик, монгол, персидский, завоевание, Хорасан, Мавераннахр, хорезмшах, Иран, Багдад.*

ATA-MALIK JUWAINI AND HIS «TARIKH-I JAHANGUSHAY» (THE HISTORY OF THE WORLD CONQUEROR»)

Mongol's century, in spite of country's devastation and harsh living condition of the people, facilitated the development of Persian history studies. In this period wise historians described the history of Mongol invasion not through the language of conquerors, but by narratives of those who were defeated, i.e. Persian – the mother tongue of Tajiks. One of such persons was Ata-Malik Juwaini, born in a family of clerks and scientists. His grandfather used to serve for Seljuk's, both his grandfather and father served for Hakhmanids. Ata-Malik and his brother Shamsuddin were considered among those who had influence during Mongol's rein. Juwaini named his book «Tarikh-iJahangushay» after the founder of conquerors – Genghis Khan, which is consisted of three chapters. In three chapters Juwaini narrates about situation of Khorasan, Mawarannahr (Transoxiana) and Iran in the eve of Mongol's attack, process of Mongol's conquer, invasion of Central Asia and Iran, destroy of Ismaili state and some of the condition of the people in this land. The book is one of the most important historical sources of Taiks and other nations in the region, without use of which one can't describe history of XII – XIII centuries. «Tarikh-iJahangushay» has been recognized by the world famous historians as one of outstanding sources and was translated into different world languages (including, English, Russian, Uzbek, etc.). The book also has been prepared for publication in Tajik current graphic by the author and will be soon published.

Key words: *history, Juwaini, «Tarikh-I Jahangushay», Tajik, Mongol, Persian, conquer, Khorasan, Mawarannahr (Transoxiana) khwarezmids (Anushteginid dynasty), Iran, Baghdad.*

Сведения об об авторе:

Муллоджонов Сайфулло Кучакович – *доктор исторических наук, профессор кафедры история древнего мира, средних веков и археология Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: saifullo7272@mail.ru*

About the author:

Mullodjonov Sayfulloh Kuchakovich *- Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of Ancient and Medieval History of the Faculty of History.*

Address:734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. E-mail: saifullo7272@mail.ru

УДК:323.1(575.3)

МАСОИЛ ВА ДУРНАМОИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ БЕРУНАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҚАРИНАИ КОНСЕПСИЯИ НАВИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

Мирзоев Н.М., Нурова Л.Н.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар раванди ташаккул ва рушди Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёру мустақил сиёсати хориҷии он нақши бузург дорад. Шароити мушаххаси таърихии таъсису инкишофи кишвари соҳибистиқлоли мо хислат ва мӯҳтавои таҳаввулоти байналмилалӣ дар марзи ду садсола табиатан аҳамияти хоси омили беруниро дар ҳаёти кишвари мо ва робитаи наздики дохилиро бо воқеияти байналмилалӣ муайян ва мушаххас намудаанд.

Ҳоло дар инкишофи муносибатҳои байналхалқӣ як қатор тамоюлҳои ҷиддие ба амал омадаанд, ки дар инкишофи минбаъдаи муносибатҳои байналхалқӣ таъсири мусбӣ мерасонанд: якум, тамоюли ғайриидеологӣ шудани муносибатҳои байналхалқӣ, дуюм, гузаштан аз зиддиятҳо ба ҳамкорӣ, сеюм аз байн рафтани ҳукмронии дуқутба дар сиёсати ҷаҳонӣ, чорум, демократикунонӣ ва гуманизатсиякунонии сиёсатӣ ҷаҳонӣ, панҷум, васеъшавии муносибатҳои байналхалқӣ.[1, с.25]

Тоҷикистон ба асри XX1 бо дарки возеҳи манфиатҳои миллӣ ва нақши худ дар арсаи байналмилалӣ, ҳадафу вазифаҳои наздик ва дарозмуддати сиёсии хориҷӣ қадам гузошт. Алҳол дар мамлакати мо аксарият бар он ақидаанд ва он ҳам аз мазмуни классикии сиёсати хориҷӣ маншаъ мегирад, ки сиёсати хориҷӣ бояд эҷодгари шароити мусоидтарин ҷиҳати ҳалли масъалаҳои рушди дохилӣ бошад.Тавре ба шумо маълум аст, ҳануз сентябри соли 2002 консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида буд.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст. Зарурати консепсияи нав дар он аст, ки бо оғози асри XX1, дар натиҷаи азнавсозии низоми ҷаҳони бисёрқутбӣ, сиёсати байналмилалӣ низ дигаргуниҳои амиқеро аз сар мегузаронад.Воқеиятҳои нави сиёсиву иқтисодии геополитикии ҷаҳони муосир тамоми кишварҳоро водор месозад, ки стратегияҳои дурусти таҳкими сиёсати хориҷии хешро коркард намояд.[2,с.15]

Заминаи ҳуқуқии Консепсияро Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти мақомоти давлатии кишвар дар соҳаи сиёсати хориҷӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилали эътирофшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пойбандӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилали эътирофшуда сиёсати хориҷии худро дар асоси принсипҳои зерин амалӣ месозад: эътирофи баробари ва тамомияти арзии давлатҳо, дахлнопазирии марзҳо, истифода накардан аз зури ё таҳдид ба зури дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҷонибдори аз ҳалли осоиштаи ихтилофу низоъҳо, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар; эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои бунёди инсон; иҷрои ӯҳдадориҳое, ки аз ҳуқуқи байналмилали бармеоянд; риояи принсипи волоияти ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ; орӣ будани муносибатҳои байналмилалӣ аз идеология, барқарор намудан ва густариш додани робитаҳои баробарҳуқуқ ва мутақобилаи судманд бо тамоми кишварҳои ҷаҳон; напазируфтани ҳамагуна шаклҳои поймол намудани ҳуқуқ дар амалияи байналмилалӣ.

Дар оғози асри XX1 олам дигаргуниҳои амиқеро, ки дар натиҷаи азнавсозии низоми ҷаҳонии бисёрқутбӣ ба вуҷуд омадааст, аз сар мегузаронад.Дар манзараи геополитикӣ сайёра воқеиятҳои нави сиёсиву иқтисодӣ ба вуқуъ омадаанд, ки боиси дигаргуншавии низоми муносибатҳои байналмилалӣ дар даҳ-понзадаҳ соли оянда хоҳанд гашт.Ҷараёнҳое, ки дар марҳалаи кунунӣ дар ҷаҳон зуҳур намудаанд, арсаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавиро фаро гирифтаанд.Назарастарин ҷараёни олами муосир глобализатсия ё худ ҷаҳонишавӣ мебошад, ки табиат ва мазмуни муносибатҳои байналмилалӣ ва интихоботи самтҳои сиёсати хориҷии давлатҳо таъсири бевосита дорад.

Илова бар ин таҳти таъсири раванди ҷаҳонишавӣ масъалаҳои гуногуни глобалии ҷаҳони муосир ба вуҷуд омадаанд, ки ин таҳдидҳо чунин гурӯҳбанди мешаванд: рушди ноустувор ва нобаробарии иқтисодӣ, шиддат ёфтани рақобат ҷиҳати дастёбӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва захираҳои стратегӣ, афзоиши буҳронҳои моливию иқтисодӣ; вусъати терроризми байналмилалӣ, қочоқи воситаҳои нашъадор ва силоҳ, ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ; густариши ифротгароии сиёсию мазҳабӣ, зиддиятҳои қавмиву нажодӣ, бархурди тамаддун ва тамоюлҳои идеологӣ; низоъҳои дохилидавлатӣ ва минтақавӣ, таассуб ва ҷудоихоҳии қавмиву нажодӣ, ташаннуҷӣ вазъи сиёсӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон; камбудӣ ё наросии захираҳои ҳаётан муҳими моддӣ, пеш аз ҳама обу ғизо ва ғайра.

Дар баробари хатару чолишҳое, ки амнияти низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва аз ҷумла ба амнияти Тоҷикистон чун ҷузъи таркибии ин низом таҳдид мекунанд, ҳамчунин масъала ва омилҳои минтақавии зерин вуҷуд доранд, ки барои манфиатҳои миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон хатарзо мансуб мешаванд: бино ба мавқеи ҷуғрофии худ қарор гирифтани кишварамон дар меҳвари манфиатҳои геполитикии ҷаҳони муосир; наздикии Тоҷикистон ба минтақаҳои хушунаттабор, манбаъҳои зуҳури терроризм, марказҳои таълимии ифротгароӣ, маҳалҳои тавлиди воситаҳои нашъадор; тавсеаи фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ дар минтақа; имкони истифодаи қаламравӣ кишвар барои қочоқи байналмилалии воситаҳои нашъадор ва интишори ғояҳои ифротгароӣ; ҳалношуда боқи мондани масъалаҳои делимитатсия ва нишонагузории марзҳо миёни кишварҳои минтақа ва имкони барангехтани низоъҳо миёни қавму халқҳои минтақа; набудани ҳамкории воқеъӣ дар истифодаи оқилонаи захираҳои обиву энергетикии минтақа ва ғайра.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавқеи муҳими Авруосиё, ки Осиёи Марказиро бо нимҷазираи Ҳинду Чин мепайвандад, ҷойгир аст ва дар равандҳои ҷаҳонии сатҳҳои минтақавию байналмилалӣ, алалхусус дар ду даҳаи охир, иштироки фаъол дорад. Ва ҳоло мо дар шароите қарор дорем, ки ҷаҳонишавӣ ба ҳайси раванди ҳокими таҳаввулоти сайёра, агар, аз яктараф, барои рушди иқтисодиву технологӣ ва умуман такомули кишварҳо имкониятҳои бузург фароҳам орад, аз суи дигар, метавонад боиси тезтундшавии масъалҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву ахлоқӣ, инчунин торафт бештар гардидани нобаробарии иҷтимоии мардум ва шиддат гирифтани бухрони маънавии ҷомеаи ҷаҳон гардад.Дар чунин шароит сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мӯҳтавои прагматикӣ ва воқеъбинона дошта бошад ва ба татбиқи пайгиронаи ҳадафҳои милливу давлатии кишвар мусоидат намояд.

Тоҷикистон, ки бо сабаби мавқеи ҷуғрофии худ дар меҳвари манфиатҳои геополитикии неруҳои муқтадири олам қарор гирифтааст, дар шароити мавҷуда ва дар ояндаи наздик нияти дорад сиёсати ҳадафмандонаро пеш бурда минбаъд низ стратегияи ҳамкориҳои бисёрҷонибаро дунбол намояд. Ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмудат тавре, ки зикр шуд, бо мақсади ҳифзи манфиатҳои олии кишвар бояд аз фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устуворӣ гуногунарсаи мамлакат, инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон ба ҳайси давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёр, дарёфти ризоият ва манфиатҳои мутақобила бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҷараёни ҳалли вазифаҳое иборат бошанд, ки онҳоро афзалиятҳои сиёсати хориҷии давлатамон муайян мекунанд.

Мавқеи геополитикии Тоҷикистон имкониятҳои табииву демографии он инчунин сатҳи тараққиёти иқтисодиву иҷтимоии кишварамон пеш бурдани сиёсати хориҷии фаъол, воқеъбинона ва мӯътадилро тақозо мекунанд.Вазифаи муҳимтарини сиёсати хориҷӣ эҷоди камарбанди эътимоду амният дар тамоми тӯлӣ сарҳади кишвар аз таъриқи рушд ва таҳкими муносибатҳои некӣ ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор мебошад. Бо ин мақсад Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои байнидавлатӣ кишварҳои ҳаммарз ва минтақа сиёсати дустӣ, ҳамсоягии нек, адами мудохила ба корҳои дохилии якдигарро пеш мебарад ва дар ҳалии масоили баҳснок аз ҷумла маъалаҳои сарҳадӣ ва обу энергетика, ба воситаҳои осоиштаи ҳалли онҳо, яъне музокироту гуфтушунидҳо, афзалияти комил медиҳад.[3,с.54]

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ давлатҳои манфиатдорӣ нав пайдо гардидаанд, ки ҳар яке кушиши таъсирасониҳоро ба амал баровардани мешавад: Русия, ИМА, Чин, Туркия, Эрон, Ҳиндустон, Покистон дигар кишварҳои ИДМ ва давлатҳои Иттифоқи Аврупо.Ҳадафҳои асосии геополитикии инҳоро назорати бевоситаи фазои марказии Авруосиё ташкил медиҳанд.(ашёҳои зеризаминӣ ва алоқаҳои нақлиётии минтақа).

Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя аз минтақа мақоми авлавиятро ишғол менамоянд.Мо ҷонибдорӣ минбаъд вусъат бахшидани тачрибаи мусбат, бисёрасра ва созандаи ҳамзистии дӯстонаи мардумони Осиёи Марказӣ мебошем.

Дар равобит бо Ҷумҳурии Узбекистон муҳим ва зурур будани муносибатҳои баробар, мутақобилан судманд, беғараз ва боустувор омилҳои муайянкунанда ба ҳисоб мераванд.Тоҷикистон сиёсаташро бо ин кишвари ҳамсоя ҳамеша дар асоси эҳтироми мутақобил, ҳамкории созанда ва хайрхоҳӣ пеш хоҳем бурд.

Умумияти ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди давлатҳои минтақа қарор доранд, зарурати рушду тавсеаи муносибатҳоро аз рӯи эътимод, дустӣ ва ҳамкории судманд бо кишварҳои Қазоқистон, Туркманистон ва Қирғизистон тақозо мекунад. Роҳбарияти давлати Тоҷикистон ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли маъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад ва ин бардоштро дар амалияи сиёсии худ дар тӯли беш аз бист соли охир борҳо намоиш додааст. Ҳамгироии созандаи минтақавӣ ба манфиати давлату халқҳои ҳамаи минтақа ва ҳар як кишвари Осиёи Марказист.

Агар ҷанубтар нигарем, ҳарчи зудтар барқарор гардидани сулҳи пойдор дар Афғонистони ҳамҷавор, оромӣ, амният ва суботи сиёсӣ дар он ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Тоҷикистон мебошад.Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳукумати Афғонистонро дар ҳалли ҳамҷонибаи қазияи Афғонистон пуштибонӣ мекунад ва тавсеаи ҳамкориҳои гуногунсоҳаи мутақобилаи судмандро бо ин

кишвари дӯсту ҳамсоя дар мабнои муштаракотӣ таърихӣ, забонӣ ва фарҳангии миёни ду халқ аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии худ мешуморад.

Дар муносибатҳои мо бо Ҷумҳурии исломии Эрон, чун бо Афғонистон, омили умумияти таърихии мардумони мо дар забон, адабиёт ва фарҳанг мавқеи муҳим дорад.Тоҷикистон минбаъд муносибатҳои устувори дӯсти ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди гуногунсоҳаро дар шаклҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо ин давлатҳо нигоҳ хоҳад дошт ва беш аз пеш тавсеа хоҳад бахшид. Боиси қаноатмандист, ки дар тӯли шаш ҳафт соли охир соҳаи бунёдии равобити мо-ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ-мазмуну мӯҳтавои амалӣ пайдо намуда, ба зинаҳои баланд бардошта шудаанд.Бунёд намудани роҳҳои нави оҳану мошингард, қубурҳои нафту газ, хатҳои интиқоли барқ, нақшаҳои созандае мебошанд, ки ҳадафи умдаи онҳо, ғайр аз муҳаё намудани зиндагии орому осуда ва беҳтару хубтар барои мардумони Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва кишварҳои дигари минтақа, чизе дигаре нест. Рӯзномаи мулоқоту воҳӯриҳои дуҷониба, сеҷониба, ва чоргонаи мо бо иштироки сарони давлатҳои Эрон, Афғонистон ва Покистон, ки борҳо баргузор шудаанд, маҳз аз чунин масоил иборат буд.Мо минбаъд низ барои таҳкиму густариши равобити дуҷониба ва чандҷонибаи худ бо ин кишварҳои бо мо дуст саъйу талош хоҳем кард.[4, с.32]

Бо дарназардошти консепсияи ҳамгироии гуногунсуръату гуногунсатҳ дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мо мушаххасот ва чанд ҷанбаҳои судманди ҳамкориҳоро бо давлатҳои аъзо, яъне шарикони анъанавии худ, муайян карда, ба инкишоф ва такомули равандҳои ҳамгироӣ дар фазои иттиҳод бо мақсади истифодаи бештари иқтидори созандаи онҳо ва густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд мусоидат менамоем.

Бо дар назардошти мавқеи пешравӣ Руссия дар ҷаҳон ва минтақа рушд ва таҳкими муносибатҳои анъанавии дӯстона ва шарикӣ бо ин кишвар аҳамияти хоса дорад.Тоҷикистон аз асри 19-ум бо Руссия дар фазои умумии геополитикӣ, сиёсӣ ва тиҷоративу иқтисодӣ қарор дорад. Вусъат додани муносибатҳо бо Руссия дар асоси баробар мутақобилан судманд ва шарикии стратегӣ дар бахшҳои сиёсӣ, ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, фарҳангию иттилоотӣ, илму маориф ва самтҳои дигар имрӯз ҳам ҷавобгӯи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, омили муҳими таъмини сулҳу суботи минтақавӣ мебошад.[5, с.26]

Густариши минбаъади муносибатҳои ҳасанаи ҳамсоягӣ, дустӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо яке аз ҳамсоя шарики бузургамон Ҷумҳурии Халқии Чин аз вазифаҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти Осиё мебошад.Ин муносибатҳо бо ирода ва талошҳои дуҷониб то ба сатҳи шарокати стратегӣ расиданд. Дар муносибатҳо бо Чин солҳои охир намунаи хуби ҳамкориҳои созанда, самарабахш ва судманд арзи вуҷуд кардааст ва дар ин замина фазои фаррохи рушду тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи сиёсию амниятӣ, ҳарбию техникӣ, тиҷоративу иқтисодӣ ва фарҳангӣ фароҳам овардаанд. Ягонагии қавлу амали Ҳукумати Чин дар ҷодаи густариши равобити гуногунасра бо Тоҷикистони ҳамҷавор, инчунин мувофиқ ё наздик будани мавқеи ду давлат дар масъалаҳои сиёсати минтақавию ҷаҳонӣ ба он мусоидат менамояд.Аз ин рӯ, вусъат бахшидани ҳамкориҳо дар ҳама бахшҳо ҷавобгуи манфиатҳои натанҳо Тоҷикистону Чин, балки ба нафъи суботи амнияти минтақа аст ва мо ин равандро чун самти стратегии ҳамкориҳо ҳадафмандона тақвият хоҳем бахшид.

Аз оғози асри нав дар муносибатҳои Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо гардиши куллӣ мусбат ба вуқуъ пайваст ва ин тамоюл сол аз сол тақвият меёбад.Тоҷикистон Иттиҳоди Аврупоро, ки ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодӣ миллӣ, аз ҷумла энергетика ва кишоварзӣ, рушди иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва ҳимояи сарҳади давлатӣ, мусоидат менамояд, яке аз ҳамкорони муҳими иқтисодии худ мешуморад ва минбаъд низ талош хоҳад кард, ки бо ин иттиҳоди бонуфузи байнидавлатӣ ҳамкориҳои дарозмудати устуворро дар асоси усули судмандии мутақобил густаришу инкишоф диҳад.Ин ҳамкорӣ, табиатан, ниҳодҳои гуногуни Аврупо, аз ҷумла Парламенти Аврупо, Шӯрои Аврупо, Бонки сармоягузории Аврупо ва созмону сохторҳои дигарро дар бар хоҳад гирифт.Дар ин росто мо мӯҳтавои Стратегияи нави Аврупоро нисбат ба Осиёи Марказӣ ҷонибдорӣ намуда, умедворем, ки он ба рушду густариши фаъоли ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мусоидат хоҳад кард.Дар ин замина Вазорати корҳои хориҷӣ бояд нақшаи мушаххаси корҳоро ҷиҳати рушди муносибат, ҷалби сармоя ва масоили дигари марбут ба Иттиҳоди Аврупоро таҳия ва пешниҳод намояд.

Инкишофи ҳамкориҳои гуногунарсаи судманд бо кишварҳои нимҷазираи Ҳинду Чин дар тӯли тамоми давраи соҳибистиқлолӣ ҳамеша дар мадди аввали сиёсати хориҷии мо қарор дорад.Нақшу таъсири Ҷумҳурии Ҳиндустон ба ҳайси давлати соҳибнуфузи минтақа ва ҷаҳон, равобити бисёрарсаи таърихиву фарҳангии халқи тоҷик бо мардуми Ҳиндустон, инчунин имкониятҳои иқтисодиву технологии онро ба инобат гирифта, мо аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри гузашта ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо ин кишвар густаришу таҳким бахшидем.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои тиҷоративу иқтисодии Покистон, мавқеи геостратегӣ ва нуфузи он дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ ва ҷаҳони ислом муҳим мебошад.Дар ин чаҳорчӯба ҳарчи зудтар

амалӣ намудани лоиҳаҳое, мисли хатти интиқоли барқи КАСА-1000, зербинои ҳамкориҳои зикршударо, бешак таҳким хоҳанд бахшид.

Давлати мо бо мақсади роҳ ёфтан ба бозорҳои босуръат инкишофёбандаи сармоя, технология, ашёи хом ва маҳсулоти саноатӣ рушду таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо кишварҳои араб ва Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ба монанди Арабистони Саудӣ, Қатар, Кувайт, Баҳрайн, Миср, Алҷазоир, Амороти Муттаҳидаи Араб, Ветнам, Индонезия, Малайзия, Ҷумҳурии Корея ва Япония, аз самтҳои афзалиятнок меҳисобад.Тоҷикистон ба густариши муносибатҳои ҳамкорӣ бо Япония аз охири асри гузашта аҳамияти зиёд медиҳад.Вазъи муносибатҳои дуҷониба дар асри ҷадид барои расидан ба ин ҳадаф шароити мусоид фароҳам меорад.Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва илмиву фарҳангӣ бо Ҷумҳурии Туркия манфиатдор аст.

Муносибатҳои сиёсии бисёрҷониба. Дар ин замина муносибатҳо бо Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони амният ва ҳамкори дар Аврупо, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкории Исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва ниҳодҳои байналмилалии моливӣ бояд мисли солҳои пешин афзалият дошта бошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори дарозумрии Созмони Милали Муттаҳид ва тақвият додани нақши муттаҳидкунандаи он дар асри XX1 мебошад.Зеро ин созмон василаи нодире барои ҷустуҷуи муштараки тавозуни манфиатҳо ва ягона мақоми глобалист, ки салоҳияти қабули қарорҳои қонунии вобаста ба амалиёти дастаҷамъӣ оид ба ҳифзи сулҳ ва низоми байналмилалиро тавассути афзоиши самараноки масъулияти Шурои Амнияти худ дорад.Бо ҳамкориву кумаки Созмони Милал ва ниҳодҳои мухталифи он ҳоло теъдоди зиёди лоиҳаҳо дар кишвар мавриди татбиқ қарор доранд ва мо равобити худро бо онҳо дар оянда низ тавсеа ва густариш хоҳем дод.

Иштироки фаъоли Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории Шанхай ба хотири таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, равобити боэътимод ва дустона дар байни давлатҳои аъзо ва нозир, инчунин таъмини амнияту оромӣ ва рушди устувори иқтисодӣ дар минтақа мебошад.дар чаҳорчубаи ин Созмон Тоҷикистон ҷонибдорӣ он аст, ки дар мубориза ба муқобили терроризм, ифротгароии сиёсӣ ва сепаратизм дар баробари аъзои комилҳуқуқаш давлатҳои нозир ва шарикони муколама низ фаъолона иштирок намоянд.

Дар вазъи ниҳоят мураккаби солҳои охир ҳамкории мо дар бахши Амният аҳамияти ҳаётан муҳим касб кард ва дар ин ҷода фаъолияти дар чаҳорчубаи Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ барои мубориза ба зидди хатарҳои глобалӣ ва таъмини амнияти мурдуми кишвар муҳим аст.[6, с.42]

Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳои пасошӯравӣ узви Созмони конфронси исломист, ҳоло Созмони Ҳамкории Исломӣ ном гирифтааст ва дар доираи ин ташкилоти бонуфуз мо ҷонибдорӣ густариши муносибатҳои дустона ва ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои чаҳони ислом дар асоси дуҷониба ва ҳам дар чаҳорчубаи ин созмон муассисаҳои он, инчунин Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ мебошем.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудани самту мундариҷаи сиёсати хориҷии кишвар ба ӯҳдаи президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шуда, муҳимтарини рукни давлатӣ дар соҳаи иҷрои вазифаҳои сиёсати байналмилалӣ Вазорати корҳои хориҷӣ мебошад.

Мақсадҳои асосии сиёсати хориҷии давлат баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди иқтисоди бо истифодаи омилҳо ва зарфиятҳои берунӣ таъмин намудани амнияти давлатӣ, истиқлолияти миллӣ, якпорчагии ҳудуд, баланд бардоштани қадр ва нақши давлат дар арсаи байнанхалқӣ ва ғ. мебошад.

Ҳангоми муайян намудани хосиятҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва афзалиятҳои дар пеш гузоштааш Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳо ва манфиатҳои миллии худ такя мекунад.Ҳадафҳо ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар марҳилаи кунунӣ ва дар ояндаи наздик аз инҳо иборатанд:

1. ҳимоя ва таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва таъмини амнияти миллии он; эҷодӣ навори амният ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар тӯли марзҳои кишвар;
2. инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои олам дар асоси манфиатҳои мутақобила;
3. фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фаҳангӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини амнияти иқтисодии кишвар;
4. таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, дастёб шудан ба амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳои бахшидани кишвар;
5. таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохил ва хориҷӣ кишвар;
6. тақвияти шинохти мусбати Тоҷикистон дар чаҳон ба ҳайси давлатӣ демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд;
7. мусоидат ба фаъолияти созанда ва ҷамъиятҳои тоҷикони бурунмарзӣ ва ҳамватанони хориҷи кишвар.

Хулоса, масъалаҳо ва дурнамои татбиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Дар Тоҷикистон масъалаҳо ва омилҳоеро ҳал бояд намуд, ки барои рушди сиёсати хориҷии кишвар халал ворид менамоянд ва дар баробари ин мустаҳкамнамоии сиёсати авлавиятноки хориҷӣ дар доираи ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба дар ояндаи наздик бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, ИДМ, кишварҳои Аврупо, Амрико, Африқо ва ғайра муайян намудем.Ҳамин тариқ, «сиёсати дарҳои боз» дар рушди кишвар саҳми арзанда гузоштааст ва давом додани чунин сиёсати ботадбиронаро хоҳонем. Ҳамкориҳо дар сатҳи бисёрҷониба барои ҳалли масъалаҳои гуногуни муҳим нақши хеле бузург дорад, ки бештар манфиатҳои миллии кишварро таъмин менамояд.Ҳадафҳо ва мақсадҳои сиёсати хориҷии кишварро низ мавриди хулосабарорӣ ва пешниҳод қарор додем, ки инъикоскунандаи манфиатҳои миллӣ мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Салимов А. Шарифзода А. Тоҷики оламшумул. / А. Салимов, А. Шарифзода - Душанбе, 2011.-110с.
2. Рахматуллоев Э. Эмомалӣ Рахмон ва ҷомеаи ҷаҳон. / Э. Рахматуллоев - Душанбе: Ирфон, 2011.-56с.
3. Нуриддинов Р.Ш. Сиёсати хахонӣ. / Р.Ш. Нуриддинов - Душанбе: 2016.-63с.
4. Н. Мирзоев, А. Шарипов Асосҳои Дипломатия. / Н. Мирзоев, А. Шарипов - Душанбе; Эр-граф, 2012.-134с.
5. 25 кадам дар паҳнои олам (Зери таҳрири Аслов С). Душанбе:, Ирфон. 2016.-98с.
6. Назриев Д. Саттаров И. Республика Таджикистан: история независимости. (Хроника событий). Т.3. / Д. Назриев И. Саттаров - Душанбе, 2006. -342с.
7. Саидзода З. Внешняя политика Президента Рахмонова. / З. Саидзода - Душанбе, 2000.-164с.
8. Саидзода З. Внешняя политика республики Таджикистан на современном этапе. / З. Саидзода - Душанбе, 2006.-277с.
9. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество. 2007.-122с.
10. Саидзода З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей». / З. Саидзода - Душанбе, 2015.-155с.
11. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдик шудааст.
12. Суханронӣ бахшида ба нахустин таҷлили «Рӯзи кормандони хизмати дипломатӣ» ва ифтитоҳи бинои Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ. 29.09.2016. шаҳри Душанбе.
13. Суханронӣ дар воҳӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. шаҳри Душанбе.15.03.2013.

ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В КОНТЕКСТЕ НОВОЙ КОНЦЕПЦИИ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ

Внешняя политика независимой Республики Таджикистан в годы независимости приобрела новую динамику. Таджикистан заявил о себе как суверенное государство и начал выстраивать полноправные взаимовыгодные отношения с зарубежными странами. В 2002 г. была принята концепция внешней политики, в которой оформлены и определены цели, задачи, приоритеты внешнеполитической деятельности РТ на международной арене.

Согласно этой концепции наша республика избрала многовекторную политику, которая должна соответствовать национальным интересам.

В настоящее время в развитии международных отношений наблюдается ряд серьезных тенденций, которые окажут положительное влияние на дальнейшее развитие международных отношений: во-первых, тенденции падения международных отношений, во-вторых, переход от противоречий к сотрудничеству, в третьих окончание двухполярного правления в мировой политике, в четвертых демократизации и гуманизации мирового политического расширения, в-пятых, расширение международных отношений.

Таджикистан вступил в XXI век с ясным пониманием национальных интересов и своей роли на международной арене, близких и долгосрочных внешнеполитических целей и задач. В наше время многие в нашей стране, и это также включает в себя классическое содержание внешней политики, которая должна быть создателем самых благоприятных условий для решения вопросов внутреннего развития.

В статье рассматривается сущность и основные направления внешней политики республики в контексте новой концепции внешней политики.

Ключевые слова: *внешняя политика, независимость, республика, отношения, страна, концепция, международные отношения, сотрудничество, национальные интересы.*

PRIORITY DIRECTIONS OF INTERNATIONAL RELATIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF THE NEW CONCEPT OF FOREIGN POLICY

The foreign policy of the independent Republic of Tajikistan in the years of independence has acquired a new dynamic. Tajikistan declared itself as a sovereign state and began to build full-fledged mutually beneficial

relations with foreign countries. In 2002, the concept of foreign policy was adopted, which formalized and defined the goals, objectives, and priorities of Tatarstan's foreign policy activities in the international arena.

According to this concept, our republic has chosen a multi-vector policy that should correspond to national interests.

At present, there are a number of serious trends in the development of international relations that will have a positive impact on the further development of international relations: first, the decline in international relations, second, the transition from contradictions to cooperation, third, the end of bipolar rule in world politics, fourth, the democratization and humanization of world political expansion, and fifth, the expansion of international relations.

Tajikistan entered the twenty-first century with a clear understanding of its national interests and its role in the international arena, as well as its close and long-term foreign policy goals and objectives. In our time, many in our country, and this also includes the classic content of foreign policy, which should be the creator of the most favorable conditions for solving issues of internal development.

The article examines the essence and main directions of the republic's foreign policy in the context of the new concept of foreign policy.

Keywords: *foreign policy, independence, republic, relations, country, concept, international relations, cooperation, national interests.*

Сведения об авторах:

Мирзоев Ниёз Мирзобадалович *- доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела социально-гуманитарных и экономических наук НИИ ТНУ.* ***Адрес:*** *Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17 E-mail: nmmirzoev@mail.ru Тел: (+992) 919160026*

Нурова Лутфия Нуровна – *младший научный сотрудник Научно-исследовательского института Таджикского национального университета.* ***Адрес:*** *Республика Таджикистан г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел: (+992) 919509950 E-mail:lutfiyanurova.83@mail.ru*

About the authors:

Mirzoev Niyoz Mirzobadalovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Chief Researcher of the Department of Social, Humanitarian and Economic Sciences, Research Institute TNU. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17 E-mail: nmmirzoev@mail.ru Phone: (+992) 919160026*

Nurova Lutfiya Nurovna *- Junior Researcher at the Scientific Research Institute of the Tajik National University. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 919509950 E-mail: lutfiyanurova.83@mail.ru*

Бояд қайд кард, ки ҷиҳати тадқиқи назариявии ташаккули сиёсати хориҷии кишвар, аз ҷумла ҳамкориҳо бо СММ суханрониҳо, паёмҳои ҳамасола ва осори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон [20] манбаъи арзишманд маҳсуб меёбанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми суханронӣ ба муносибати ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ доир ба зарурияту аҳамияти пешбурди ҳамкориҳо бо созмонҳои байналхалқӣ дар пешрафти иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвари мо чунин ишора карда буд: «Иштироки густурдаи давлати мо дар фаъолияти созмонҳои байналмилалии ҷаҳониву минтақавӣ аз зарурате сар задааст, ки кишварамон дар таҳкими амнияту суботи байналмилалӣ аз рӯи имкон саҳм гузошта, ҳимояи манфиатҳои хешро ба таври афзал таъмин намояд; инчунин имкониятҳои технологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва зеҳнии онҳоро барои иҷрои ҳадафҳои дарозмуддати сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ташкил ва фароҳам овардани шароити мусоид барои татбиқи ислоҳоти муваффақона дар дохили кишвар ва такомулу инкишофи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҷалб намояд «[29, с.24].

Дар ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа» олими шинохта В.В. Дубовитский [11] ҳамкориҳои густурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои байналхалқӣ, бахусус СММ тавсиф намудааст. Муаллиф бо инъикоси амалиётҳои сулҳофарии СММ иктифо накарда, ба тавсифи амалиётҳои ин ниҳоди ҷаҳонӣ ҷиҳати нигоҳдошти сулҳ дар Тоҷикистон, ки аз давраи ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» то баргузории интихобот (марти с.2000) ба парламенти дупалатагии касбиро фаро мегирад, таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. В.В. Дубовитский ҷанбаи сулҳофарии фаъолияти СММ-ро ҷиҳати нигоҳдошти сулҳ, инчунин талошҳои пайвастаи гуманитарии ин ниҳодро таҳлил намуда, бештар ба фаъолияти Фонди Кӯдаконаи СММ (ЮНИСЕФ) диққати ҷиддӣ додааст. Дар ин бахш санадҳои ҷолиб ҷиҳати талошҳои гуманитарии ЮНИСЕФ, ки ҳанӯз дар ибтидои ҷанги шаҳрвандӣ яке аз аввалинҳо шуда ба Тоҷикистон дасти ёрӣ дароз намуда буд, оварда шудааст. Ба ақидаи В.В. Дубовитский ЮНИСЕФ ба ҷумҳурӣ кӯмаки гуманитарӣ ва техникӣ дар шакли доруворӣ, китобҳои дарсӣ барои хонандагон, кӯмаки воқеӣ ҷиҳати танзили бемориҳои сироятӣ, ба амсоли варача, тиф, гепатит ва ғ. расонидааст.

Мавриди қайд аст, ки маҳз таҳти сарпарастии СММ ва давлатҳои кафили минтақа, ба хотири ба даст омадани сулҳу субот дар Тоҷикистон 8 даври музокирот миёни тоҷикон анҷом пазируфт ва билохира, сулҳи деринтизор пойдор гардид. Ба ақидаи муҳаққиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон З. Сайидзода: «Бисёре аз сиёсатмадорону таҳлилгарони муътабари дунё таҷрибаи сулҳофаринии тоҷиконро падидаи нодир номида, таъкид кардаанд, ки ин таҷрибаро мешавад барои хомӯш кардани муноқишаҳои дохилии кишварҳои гуногуни ҷаҳон истифода кард» [26, с.170]. Дар ҳақиқат таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон падидаи беназир буда, нақши СММ баҳри ба даст омадани он хеле арзишманд ва бузург аст. Ҷабҳаҳои алоҳидаи ин масоил нахустин маротиба дар таҳқиқоти муштараки Р. Алимов, М. Лебедев ва Э. Касымов таҳти унвони «Таджикистан - ООН: история взаимоотношений» («Тоҷикистон – СММ: таърихи равобити дутарафа») [5] баррасӣ гардидаанд. Муаллифони ин асари публисистӣ, дипломатҳои касбианд, ки дар ҳодисаҳои тасвир намудаи худ бевосита ширкат варзидаанд. Ин ҳолат ба онҳо имкон додааст, ки

динамикаи рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СММ амиқан инъикос намоянд ва аз ҳама муҳим – ба як қатор масъалаҳои ҳалталаб баҳои илмӣ диҳанд. Сарфи назар аз он, ки ин асарро таҳқиқоти маҳз ба миссияи сулҳофарии СММ бахшидашуда номидан мумкин нест, бо вуҷуди ин таҳқиқоти мазкур кӯшиши аввалин дар боби таърихи бонизоми сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Муҳимтарин таълифот, ки оид ба масъалаи миссияи сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ва умуман, ҳамкории Тоҷикистону СММ бахшида шудааст, китоби «Таджикистан – ООН» («Тоҷикистон – СММ») [6] ба ҳисоб меравад. Муаллиф ва мураттиби ин асар низ собиқ намояндаи доимии Тоҷикистон дар СММ Рашид Олимов буда, дар он маҷмӯи маводҳое, ки фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин ниҳоди ҷаҳонӣ аз соли 1992 то соли 2000 инъикос мекунанд, гирд оварда шудааст. Дар ин таълифот, инчунин баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазири корҳои хориҷӣ ва Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ дар Ассамблеяи Генералӣ ва иҷлосияҳои Шӯрои Амнияти СММ ворид гардидаанд. Махсусан кӯшишу талошҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки ин созмони ҷаҳонӣ баҳри хотима бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ, истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар мамлакат ба анҷом расониданд, дар маркази диққат ва таваҷҷӯҳи муаллиф қарор ёфтаанд.

Бояд қайд кард, ки дар таърихнигории сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол бюллетени иттилоотии «Дипломатия Таджикистана» («Дипломатияи Тоҷикистон») [9], ки аз ҷониби ВКХ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст, мавқеи хосаро ишғол менамояд. Асоси бюллетенро баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазири корҳои хориҷӣ ташкил медиҳанд. Бахусус, инъикоси баъзе ҷанбаҳои ҳамкориҳои СММ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бюллетени иттилоотӣ хеле арзишманданд.

Камбудии ин таълифот дар он аст, ки иттилоот ҷиҳати инъикоси ширкати СММ дар ҳалли масоили байналхалқӣ ва минтақавӣ, ҷанбаҳои гуманитарӣ дар рушди ҳамкориҳо, мубориза бо қочоқи маводи мухаддир дар он мунтазам нестанд.

Дар таърихнигории тоҷик, ки равобити дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ инъикос намудаанд, асарҳои Э.Раҳматуллоев [21] мавқеи хосаро ишғол менамоянд. Монографияи ӯ «Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии» («Фаъолияти сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ва дурнамои дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ») [22] ба таҳлили илмии муноқишаи байни тоҷикон – ҳамчун рӯйдоди вазнин, зиддиятнок ва фоҷиабор дар фазои пасошӯравӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар он ба масоили муҳим, ба амсоли заминаҳои зуҳури ихтилофҳо дар байни ҷонибҳои даргир, нерӯҳои сиёсӣ ва мавқеи ҷойгиршавии тарафҳои муқобил, рушди раванди сулҳофарӣ бо иштироки СММ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст.

Дар монографияи дуюми Э.Раҳматуллоев таҳти унвони «Превентивная дипломатия или мираж» («Дипломатияи пешгирикунанда ё хаёли хом») [23], ки ба муносибати ҷашни 10-солагии имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба табъ расидааст, роҳи тадриҷан ташаккул ёфтани «дипломатияи пешгирикунанда» таҳқиқ гардидааст. Дар андешаронӣ ва хулосабарориҳои хеш, мавсуф ба санадҳои расмии СММ, инчунин ба санадҳо ва маводҳое, ки ба ширкати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои ин ниҳоди бузурги байналхалқӣ марбутанд, такя намудааст.

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши бисёрҷонибаи миссияи сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон ба номи ин муҳаққиқ алоқаманд аст. Фазолати бекарон, донистани якчанд забонҳои хориҷӣ, маҳорати пайвастани маводи санадии зиёд бо гузориши масоили ҳалталаб ба Э. Раҳматуллоев имкон доданд, ки асарҳои бунёдӣ дар боби ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин ниҳоди байналхалқӣ таълиф намояд.

Дар баробари таҳлили манбаъҳои тадқиқотие, ки дар дохили кишвар ба анҷом расидаанд, метавон самти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муносибат бо созмонҳои байналхалқӣ муайян намуд. Масалан, дар асарҳои Ҳ. Зарифӣ ва он китобҳое, ки зери назари ӯ нашр шудаанд [35], омилҳои асосие, ки барои ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш бозидаанд, инчунин муносибатҳои ҷумҳурӣ бо дигар кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналхалқӣ, махсусан ЮНЕСКО таҳлил гардидаанд. Инчунин дар асарҳои дигари ӯ – усулҳо ва ҷанбаҳои гуногуни сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақоми он дар сиёсати гуногуни муносибатҳои ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Саҳми намояндагони СММ дар ҳалли мусбати муноқишаи байни тоҷикон дар асарҳои Ш.С. Саъдиев [30], С. Давлатов [8] ва И. Абдуллоев [1] низ инъикос гардидааст. Дар онҳо таъкид мешавад, ки ҳамкории СММ ва Тоҷикистон дар истиқрори бебозгашти раванди сулҳ дар кишвар унсури асосии фаъолияти Миссияи нозирони СММ дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст, дастовардҳои ноилгардидаи Тоҷикистон дар зимни ҳамкорӣ бо СММ мебошад, ки аз ҷониби аксари таҳлилгарони сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле возеҳ инъикос гардидааст. Масалан, З. Сайидзода ҳамкориҳои Тоҷикистони соҳибистиқлолро бо тамоми созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, бахусус СММ ботафсил баён намуда, дастовардҳои дар ин самт ноилгардидаи Тоҷикистонро гувоҳи афзоиши обрӯю эътибори кишвар дар арсаи байналхалқӣ арзёбӣ менамояд. Ба ақидаи ӯ «дар як фосилаи кӯтоҳи таърихӣ аз ҷониби

ин созмони ҷаҳонӣ пазируфта шудани се ибтикори кишвари мо – эълони Соли байналмилалии оби тоза дар соли 2003, тасдиқи Даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» барои солҳои 2005-2015 ва Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон гардидани соли 2013 – нишонгари обрӯю эътибори афзуни Тоҷикистон дар арсаи сиёсати байналмилалӣ мебошад. Ба шарофати ибтикори Тоҷикистон аст, ки ҳамасола рӯзи 22 март чун Рӯзи байналмилалии об ҷашн гирифта мешавад» [26, с.171].

Дастоварди бузурги дигаре, ки Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо давлатҳои форсизабон ба он ноил гаштааст ва аз ҷониби кулли муҳаққиқон инъикос гардидааст, эълон шудани 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз мебошад.

Бояд зикр кард, ки роҷеъ ба ҳамкориҳои Тоҷикистон ва созмонҳои ҷаҳонӣ дигар муҳаққиқони ватанӣ низ таҳқиқот бурда, натиҷаҳои онро қаноатбахш ҳисобидаанд. Масалан, доктори илмҳои таърих Ф. Абдурашитов дар китоби «Феномен таджикского суверенитета» [2] ҳамкорӣ ва равобити густурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо созмонҳои ҷаҳонӣ, махсусан бо Созмони Милали Муттаҳид хеле арзишманд арзёбӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ ҳамкориҳои Тоҷикистон бо ҷамоаи ҷаҳонӣ таҳти сарварии ин ниҳоди байналхалқӣ асосан дар се самт – мубориза алайҳи терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва хатарҳои экологӣ амалӣ мегардад [2, с.108].

Масоили марбут ба фаъолияти СММ дар соҳаи амнияти минтақавӣ дар мақолаи Ш. Алимов [7] таҷассум ёфтаанд. Муаллиф дар мақолаи хеш маҷмӯи чорабиниҳоеро, ки СММ ҷиҳати мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир дар Тоҷикистон анҷом додааст, инъикос кардааст. Мавсуф қайд менамояд, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ аз соли 1996 16 лоиҳаҳои СММ ва дигар созмонҳои байналхалқӣ ҷиҳати мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир татбиқ гардиданд, 13-тои онҳо бомуваффақият анҷом ёфтанд. Ба андешаи Ш. Алимов яке аз ташаббусҳои Тоҷикистон дар соли 1999 бо дастгирии СММ таъсис ёфтани Агентӣ ҷиҳати назорат ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Яке аз самтҳои афзалиятнок дар равобити хориҷии Тоҷикистон ин ҳамкорӣ бо ташкилоти махсуси Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) мебошад.

6 апрели соли 1993 Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони байналмилалии ЮНЕСКО расман аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 1994, таҳти № 305, Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи ноябри соли 1994 то моҳи ноябри соли 2015 дар ҷаласаҳои Конфронси Генералӣ, ки дар муддати ду сол як маротиба гузаронида мешавад (аз ҷаласаи 27-ум то 38-уми Конфронси Генералии ЮНЕСКО), иштирок кард ва дар ин росто аз нахустин рӯзҳои ба узвият пазируфта шуданаш то инҷониб муносибатҳои ЮНЕСКО бо Тоҷикистони соҳибистиқлол мустаҳкам мегардад.

Бояд зикр кард, ки масоили мазкур пеш аз ҳама дар китоби дуҷилдаи «Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз», ки зери назари Ҳамрохон Зарифӣ нашр шудааст, амиқ инъикос гардидааст. Дар китоб марҳалаҳои муҳимтарини ташаккулёбӣ ва рушди дипломатияи тоҷик дар солҳои мавҷудияти идораи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ, бахусус дар давраи истиқлолияти давлатӣ, вазъи имрӯзаи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва сохторҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ЮНЕСКО инъикоси худро ёфтаанд [10].

Баъзе ҷанбаҳои назариявии масоили тадқиқшаванда, ки барои муайян кардани усулу равишҳои ҳамкориҳои кишварҳо бо созмонҳои байналхалқӣ мусоидат мекунанд, дар таълифоти муҳаққиқи тоҷик, доктори илмҳои сиёсӣ Р.Ш. Нуриддинов таҷассум ёфтааст [19].

Бояд қайд намуд, ки маром, ҳадаф, вазифаҳо, механизм ва вижагиҳои фаъолияти ЮНЕСКО дар таълифоти донишманди тоҷик Х. Самиев низ ҳадалимкон инъикос гардидаанд [28].

Ҳамчунин дар тадқиқоти илмии доктори илмҳои таърих З.Ш. Саидов [25] масъалаҳои ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО васеъ таҳлил гардидаанд.

Бояд қайд намуд, ки ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва созмони ЮНЕСКО дар тадқиқоти Т.Н. Назаров [16], В.В. Дубовицкий [11], К.А. Юлдошев [36], А. Шарифзода [34], Р.Қ.Олимов [4], Э.Раҳматуллоев [22], И.К. Усмонов [32] таҳлили худро ёфтаанд. Қобили зикр аст, ки дар адабиёти зикргардида, махсусан марҳалаҳои барқароршавӣ ва рушди ҳамкориҳо бо чунин ташкилоти бонуфузи СММ – ЮНЕСКО самараи сиёсати хориҷии муваффақи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида шудааст.

Тадқиқоти дигар, ки бевосита ба масоили рушди ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва СММ бахшида шудааст, таҳқиқоти лоиҳавии -«Художественно-эстетическое образование в Республике Таджикистан: вопросы и перспективы развития творческих способностей в XXI веке» («Таҳаввулоти бадеӣ-эстетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳо ва дурнамои рушди истеъдодҳои эҷодӣ дар асри XXI» мебошад, ки ба забони русӣ ва англисӣ нашр гардидааст [33]. Ин маҷмӯа яке аз асарҳои муҳимест, ки дар асоси лоиҳаи ЮНЕСКО ва МФГС (МФГС – Фонди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарии кишварҳои ИДМ) ба табъ расидааст. Маводи таҳлилии мазкур ба таърихи санъати бадеии халқи тоҷик,

шаклгирии сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии сохибистиқлоли Тоҷикистон, низоми таҳсилоти санъати бадеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра бахшида шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар мавриди ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва СММ таҳқиқоти диссертатсионӣ низ ба анҷом расидаанд, ки дар онҳо паҳлуҳои гуногуни ин ҳамкориҳои густурда инъикос гардидаанд. Дар ин самт, махсусан рисолаҳои номзадии Л.К. Мерганов [15], Б.Г. Нодиров [18], У.А. Мансуров [14], Ф.Ф. Идиев [13], Р.Ю. Новиков [17], Б. Алимов [3], З.Х. Сайфуллоева [27], У.М. Рашидова [24] -ро ёдрас шудан бомаврид аст, ки дар онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳамкориҳои Тоҷикистон ва СММ, ба амсоли нақши сулҳофарии СММ дар Тоҷикистон, мубориза алайҳи қочоқи маводи мухаддир, амнияти минтақавӣ, баргардонидани муҳоҷирони ичборӣ ба Ватан ва ғайраҳо таҷассум ёфтаанд.

Ҳамин тавр, баъд аз таҳлили адабиёти мавҷуда ба хулосае расидан мумкин аст, ки ба омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистони сохибистиқлол бо Созмони Милали Муттаҳид, ки самти афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб меёбад, таҳқиқоти зиёди монографӣ бахшида шудааст, ки сатҳи баланди рушди ин ҳамкориҳоро собит месозанд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллаев И. ООН и межтаджикский конфликт: миротворческая миссия ООН в межтаджикском диологе / И. Абдуллаев // Учен. зап. ХГУ. Гуманитарные науки. Вып. №1. – Худжанд, 2013. – С. 100-110.
2. Абдурашитов Ф.М. Феномен таджикского суверенитета / Ф.М. Абдурашитов. – Душанбе, 2017. – 148 с.
3. Алимов Б. Социально-экономические и политические процессы в Республике Таджикистан: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук / Б. Алимов. – Худжанд, 2008.
4. Алимов Р. Дипломатия Таджикистана / Р. Алимов, М. Лебедев, Дж.Шарипова. – Душанбе,1994; Алимов Р. Таджикистан- Китай: Сборник основных документов / Р. Алимов. - Пекин, 2008; Алимов Р.К. Таджикистан-Китай: курсом стратегического партнёрства. Международно-политические, экономические и гуманитарные измерения сотрудничества / Р.К. Алимов. - М., 2014; Алимов Р.К. Таджикистан-ООН: история взаимоотношений. Новый взгляд / Р.К. Алимов, М.С. Лебедев, Э.С. Касымов. - М., 1995; Таджикистан-ООН: Выступления, документы и материалы. 1993-2000 годы / Автор - составитель: Р.К. Алимов.
5. Алимов Р. Таджикистан - ООН: история взаимоотношений. Новый взгляд / Р. Алимов, Э. Касымов, М. Лебедев. –М.: Знак, 1995.
6. Алимов Р. Таджикистан – Организация Объединённых Нации: Выступления, документы и материалы 1993-2000 годы / Р. Алимов. – М.: Международное отношение, 2001. –376 с.
7. Алимов Ш. О наркоситуации и мерах по борьбе с незаконным оборотом наркотиков в Республике Таджикистан / Ш. Алимов // Сотрудничество государств Среднего Востока и Евросоюза: комплексное взаимодействие и перспективы. – Душанбе, 2010. – С. 92-98.
8. Давлатов С. Роль ООН в восстановлении мира в Таджикистане / С. Давлатов // Шоҳроҳи ваҳдат: научно-информационный журнал. – Душанбе, 2003. – С. 34-39; Давлатов С. О национальном примирении / С. Давлатов // Вестник Педагогического университета.- Душанбе, 1997. - №5. – С. 42 - 46.
9. Дипломатия Таджикистана. – Душанбе: МИД Республики Таджикистан, 2007-2010.
10. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1 / зери таҳрири Ҳамрохон Зарифӣ // Сиёсати хориҷии Тоҷикистон.- Душанбе: Ирфон, 2009.- 296 с.
11. Дубовицкий В.В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010гг.) / История таджикского народа. Т. 6. // зери таҳрири Р. Масов. – Душанбе, 2011. – С. 660-669.
12. Заявление «О государственном суверенитете Республики Таджикистан» // Маҷмӯаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷ. 1. – Душанбе, 2004. – С.10-11.
13. Идиев Ф.Ф. Международно-правовые основы участия международных организации в урегулировании межтаджикского кофликта в Таджикистане: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / Ф.Ф. Идиев. – М., 2011.
14. Мансуров У.А. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан с международными межправительственными организациями: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / У.А. Мансуров. – М., 2008.
15. Мерганов Л.К. Урегулирование кофликтов международными организациями на примере Республики Таджикистан: дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. полит. наук / Л.К. Мерганов. - М., 1998.
16. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик / Т. Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе, 2006.; Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность / Т.Н. Назаров. – Минск, 2003.– 264 с.; Назаров Т.Н. Рыночная экономика и международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. - Душанбе: Ирфон, 2007. – 204 с.
17. Новиков Р.Ю. Социально-экономические и экологические проекты ООН для государств Центральной Азии в 90-е годы XX века: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук / Р.Ю. Новиков. – М., 2001.
18. Нодиров Б.Г. Международно-правовые основы сотрудничества Республики Таджикистан и Евросоюза : автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / Б.Г. Нодиров. - М., 2011.
19. Нуриддинов Р.Ш. Основы политологии. Учебник / Р.Ш. Нуриддинов. - Душанбе, 2006; Нуриддинов Р.Ш. История государства и права зарубежных стран / Р.Ш. Нуриддинов. - Новосибирск: СибАГС, 2008.
20. Раҳмон Э. Суханронӣ дар вохурӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 15 марти соли 2013. URL:http://www.prezident.tj/. Аз вай: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ.24.12.2017. http://president.tj/.URL:http://www.prezident.tj/. Аз вай: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ.24.02.2011. http://president.tj/ru/node/4960.

21. Рахматуллаев Э. Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии / Э. Рахматуллаев. – М., 2001; Рахматуллаев Э. Таджикистан и международные организации: реалии перспективы / Э. Рахматуллаев // Интеграция Таджикистана в мировое сообщество: материалы III Международной научно-практической конференции. – Душанбе, 1997.
22. Рахматуллаев Э. Миротворческая деятельность ООН в Таджикистане и перспективы превентивной дипломатии в Центральной Азии / Э. Рахматуллаев. – М., 2001.
23. Рахматуллаев Э. Превентивная дипломатия или мираж / Э. Рахматуллаев. – М.: КДУ, 2007.
24. Рашидова У.М. Исторический опыт решения проблем беженцев и внутренних переселенцев в Республике Таджикистан: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. ист. наук / У.М. Рашидова. – Душанбе, 2011.
25. Саидов З. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей».Монография / З. Саидов. – Душанбе, 2015; Саидов З. Таджикистан: Внешняя политика и массовая информация (1993-1995гг.) / З. Саидов. – Душанбе, 1998; Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате / З. Саидов. – Душанбе, 2002; Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате. Второе, дополненное издание / З. Саидов. - Душанбе: Авасто, 2001. – 112с.; Саидов З. Внешняя политика Президента Рахмонова / З. Саидов. – Душанбе: Сарпараст, 2001. – 400 с.; Саидов З. Политика открытых дверей / Саидов. – Душанбе: Авасто– Шарки озод, 2003. – 225 с.; Саидов З. Современный Таджикистан:актуальные вопросы национального развития в условиях независимости / З. Саидов. – Душанбе: ҶДММ «Контраст», 2016.– 608 с.; Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З. Саидов, А.З. Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 432 с.; Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе (1992-2005гг.) / З. Саидов. – Душанбе: Авасто, 2006. – 560 с.; Саидов З. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий (1992-2004гг.) / З. Саидов. – Душанбе: Авасто, 2009. – 418 с.
26. Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.170.
27. Сайфуллаева З.Х. Роль международных организации в стран Содружества в укреплении мира в Таджикистане: автореф. дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. полит. наук / З.Х. Сайфуллаева. – Душанбе, 2007.
28. Самиев Х. Муқаддимаи фанни равобити байналмиллал / Х. Самиев. - Душанбе, 2011. – 176 с.; Самиев Х. Равобити байналмиллал. Раҳнамои донишҷӯ / Х. Самиев. –Душанбе, 2012. - 82 с.; Самиев Х. Тақдири таърихии зиёёни тоҷик / Х. Самиев. - Душанбе , 2014. - 140 с.; Самиев Х. Гуфторҳо дар бораи назарияи равобити байналмилал / Х. Самиев, Т. Муҳитдинов. – Душанбе, 2014. - 251 с.
29. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик / зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. – Душанбе, Ирфон, 2013. – С. 24.
30. Саъдиев Ш.С. Вклад Миссии наблюдателей ООН в Таджикистане в мирном урегулировании межтаджикского конфликта / Ш.С. Саъдиев // Маводхои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «20-солагии аъзошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид». 2-3 марти с. 2012. – Душанбе, 2013, – С. 58-64 (тоҷ.)–С. 204-210 (русӣ), – С. 341-346 (анг.).
31. Сотиров В. Роль ООН в достижении и упрочении мира в Таджикистане / В. Сотиров // Таджикистан и современный мир. – Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2003. - №2(3). – С. 62-65.
32. Усмонов И.К. Миростроительство в Таджикистане / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2006.
33. Художественно-эстетическое образование в Республике Таджикистан: вопросы и перспективы развития творческих способностей в XXI веке //Аналитический доклад. Подготовлен в рамках пилотного проекта ЮНЕСКО и МФГС «Художественное образование в странах СНГ: развитие творческого потенциала в XXI веке».– Душанбе, 2010.–320 с.
34. Шарифзода А. Эмомали Рахмон и мировое сообщество / А. Шарифзода, З. Косими. - Душанбе, 2011.
35. Эмомалӣ Рахмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон / зери таҳрири Хамрохон Зарифӣ. - Душанбе, 2012; Зарифи Х. Республика Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасности ОБСЕ / Х.Зарифӣ. - Душанбе, 2011.
36. Юлдашев К. Эмомали Рахмонов - основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана / К. Юлдашев. - Душанбе, 2001. - 234 с.

ОСВЕЩЕНИЕ СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА С ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЕННОЙ НАЦИИ В ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ИСТОРИОГРАФИИ

В статье рассматриваются вопросы освещения сотрудничества Таджикистана с одной из самых влиятельных международных организаций - Организацией Объединенных Наций, которая является одним из приоритетов внешней политики Республики Таджикистан. В ней автор обсуждает миротворческую роль организации в Таджикистане, которая отражается во многих исследованиях, и в частности отмечает, что таджикский миротворческий опыт является уникальным явлением и роль ООН в его достижении очень высока и ценна. Именно под эгидой Организации Объединенных Наций и государств-гарантов этого региона были проведены восемь раундов переговоров между таджиками с целью достижения мира и стабильности в Таджикистане, и, наконец, был достигнут долгожданный мир. Автор также анализирует текущие гуманитарные усилия этой организации, уделяя особое внимание деятельности Детского фонда Организации Объединенных Наций (ЮНИСЕФ) и Организации Объединенных Наций по вопросам образования, науки и культуры (ЮНЕСКО), за которой пристально следят отечественные и зарубежные исследователи. Кроме того, в этом контексте автор анализирует кандидатские диссертации, которые защищались по этой теме и охватывают различные аспекты сотрудничества между Таджикистаном и ООН, такие как миротворческую роль ООН в Таджикистане, борьбу с незаконным оборотом наркотиков, региональную безопасность и т. д.

Ключевые слова: *Организация Объединенной Нации, Детский фонд ООН (ЮНИСЕФ), ЮНЕСКО, миротворческую роль, государственная независимость, процесс диалога между таджиками, установление мира и национального согласия.*

REFLECTION OF TAJIKISTAN'S COOPERATION WITH THE UNITED NATIONS IN DOMESTIC HISTORIOGRAPHY

The article discusses the reflection of Tajikistan's cooperation with one of the most influential international organizations - the United Nations, which is one of the priorities of the foreign policy of the Republic of Tajikistan. In it, the author discusses the peacekeeping role of the organization in Tajikistan, which is reflected by many researchers, and in particular notes that the Tajik peacekeeping experience is unique and the role of the UN in its achievement is very high and valuable. It was under the auspices of the United Nations and the guarantor states of this region that eight rounds of negotiations were held between Tajiks with the aim of achieving peace and stability in Tajikistan, and finally, the long-awaited peace was achieved. The author also analyzes the current humanitarian efforts of this organization, paying particular attention to the activities of the United Nations Children's Fund (UNICEF) and the United Nations Educational, Scientific and Cultural Organization (UNESCO), which are closely follow by domestic and foreign researchers. In addition, in this context, the author analyzes candidate dissertations, which were defended on this topic and cover various aspects of cooperation between Tajikistan and the UN, such as the UN peacekeeping role in Tajikistan, the fight against drug trafficking, regional security, etc.

Keywords: *United Nations Organization, United Nations Children's Fund (UNICEF), UNESCO, peacekeeping role, state independence, the process of dialogue between Tajiks, the establishment of peace and national harmony.*

Сведения об автора:

Мирзоев Дж.А. *– научный сотрудник отдела новейшей истории Института истории, археологии и этнографии им. А.Дониша НАНТ. Тел: 2217210; E-mail: mirzoev-dzhurabek@mail.ru*

About the author:

Mirzoev J.A. *- Researcher, Department of Contemporary History, A. Donish Institute of History, Archeology and Ethnography Tajik National Academy of Sciences. Phone: 2217210; E-mail: mirzoev-dzhurabek@mail.ru*

ТДУ 633.11.(091)(575.32)

ВАЗЪИЯТИ ПАРВАРИШИ ЗИРОАТҲОИ ҒАЛЛАДОНАГӢ ДАР ВМКБ ДАР ДАВРАИ БАЪДИ ҶАНГӢ (1946-1959)

Бадавлатова Р.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Ҳоҷибеков Э. Ҳ.
Донишгоҳи давлатии Хорӯғ ба номи М. Назаршоев

Бо ғалаба ҷангро ба охир расонда халқи Шуравӣ ба ҳаёти ососишта баргашт.Гузаштан аз давраи ҷангӣ ба ҳаёти ососишта дар вазъияти душвори иқтисодию иҷтимоӣ ба амал омад. ҶШС Тоҷикистон, аз ҷумла ВМКБ дар давраи ҷанг тавонистанд фронтро бо озуқа таъмин намоянд. Қисми зиёди колхозчиёни ВМКБ ба ҷанг сафарбар карда шуданд, аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, меҳнаткашони вилоят тавонистанд нақшаи давлатии тараққиёти хоҷагии қишлоқро бо муваффақият ба анҷом расонанд ва дар мусобиқаи сотсиалистӣ доимо ғолиб бароянд.

Давраи баъди ҷангӣ яке аз даврахои муҳим дар таърихи на танҳо ҶШС Тоҷикистон, балки дар таърихи ВМКБ ба шумор мерафт.

Дар баланд бардоштани истеҳсолоти хоҷагии қишлоқи Бадахшон аҳамияти калонро қарори Шӯрои комиссарони халқии ИҶШС аз 25 январи соли 1945 «Дар бораи тараққиёти ояндаи хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон» дошт. Ҳизб ва ҳукумат қарори дар боло зикршударо иҷро намуда, колхозҳои вилоят дар зери роҳбарияти ташкилотҳои ҳизбӣ тавонистанд дар соли аввали панҷсолаи чорум ба муваффақиятҳои назаррас ноил шаванд.

Вазифаи асосии нонистеҳсолкунандагони вилоят ин дар оянда зиёд кардани истеҳсолоти гандум ба шумор мерафт, ки барои иҷрои ин вазифаҳо ВМКБ тамоми шароитҳоро дошт.

Дар колхозҳои вилоят ғалладонаи навъи аъло ва зироатҳои техникӣ ҷои махсусро ишғол мекарданд. Соли 1946 дар тамоми вилоят кишти зироати ғалладона 8355 гектарро ташкил медод, ки аз он ғалладонаи навъи аъло 5004 гектарро ташкил медод, ки ин ба 96,7% тамоми майдони кишт баробар буд. Инчунин аз зироатҳои техникӣ дар соли 1946 дар вилоят 33 гектар зағир кошта шуд, ки аз онҳо навъи аъло 33 гектарро ташкил медод, ки ҳамагӣ 100% -и тамоми майдони киштро ишғол мекард[2, Л.31].

Меҳнаткашони вилоят тавонистанд муваффақияти калонро дар баланд бардоштани маҳсулоти зироатҳои ғалладона ба даст оваранд. Аз ҷумла, дар соли 1947 колхози «Сотсиализм» -и ноҳияи Рушон аз нақша 303 центнер зиёдтар ғалла ҷамъоварӣ намуда,колхози ба номи Стахановаи ноҳияи Роштқалъа бошад, нисбат ба соли 1946 ба 203 центнер зиёдтар ғалла ҷамъоварӣ кард[10, с.2].

Бригадири колхози ба номи Ленини ноҳияи Шуғнон Авазбек Шоинбеков софдилона меҳнат карда, ҳар сол ҳосили хуби зироати ғалладонаро ба даст овард ва барои ҳамин хизматаш ӯро ба Москва ба Намоиши маҳсулоти хоҷагии қишлоқи умумшуравӣ фиристонданд, ки ин барои ӯ аз ҳама мукофоти гаронбаҳо буд. Дар соли 1947 Шоинбеков дар шароити кӯҳистон аз 15 гектар участкаи худ, аз ҳар як гектар 29 центнерӣ ғалларо ҷамъоварӣ намуд[5, с.3].

Дар он давра колхози «Сотсиализм»-и ноҳияи Ишкошим яке аз колхозҳои қафомонда дар ноҳия ба шумор мерафт, аммо баъди оне, ки дар соли 1946 ҳайати идоракунии артел аз нав бо сардории раис А. Соҳибназаров интихоб шуд, кор дар колхоз ранги дигар гирифт. Аллакай дар соли 1947 дар колхози мазкур нақшаи ҳосили зироатҳои ғалладона ба 112 % иҷро гардид. Бригадаи Х. Сафоева 51 центнер ғалла барзиёд ҷамоварӣ кард. Дар звенои Р. Шомамадова бошад, аз ҳар як гектар ба ҳисоби миёна 29,87 центнер ғалла ба даст оварданд[6, с.2].

Бисёр колхозҳои ноҳияи Рушон, Шуғнон, Роштқалъа ва Ванч дар соли 1948 аз ҳар як гектар аз 20 то 30 центнерӣ ҳосили ғалла ҷамъ намуданд. Аз ҳама нишондоди баландро дар ин колхозҳо солҳои 1947-1948 бригадаҳои алоҳида ба мисли, бригадир Шамсоев Акназар аз колхози ба номи Орджоникидзеи ноҳияи Шуғнон дар соли дуюми панҷсолаи чорум зиёда аз 30 центнер ва дар соли 1948 бошад, аз ҳар гектар 46 центнерӣ ҳосил ба даст овард. Муваффақиятҳои бригадаи. пешқадами вилоят Шамсоев А. бо мукофотҳои баланди ҳукуматӣ-ордени Ленин сарфароз гардонда шуданд [8, с.223].

Қарори Шӯрои вазирони ҶШС Тоҷикистон ва Комитети Марказии ҳизби Коммунистии Тоҷикистон «Оид ба чорабиниҳои иҷрои қарори съезди VII ҳизби Коммунистии Тоҷикистон оид ба гирифтани ҳосили баланди зироати ғалладона ва растаниҳои равғандор дар колхозҳо ва совхозҳои ҷумҳурӣ дар соли 1949» нақшаи боғайрати муборизаи ҳизбӣ ва ташкилотҳои Шуравии тамоми колхозҳо барои ба даст овардани ҳосили баланди тамоми зироатҳо ба шумор мерафт.

Дар ин қарор диққати махсус асосан ба колхозҳои баландкӯҳи ҷумҳурӣ дода шуда буд. Ин қарор маҷмӯи тамоми корҳоро оид ба таъмин кардани ҳосили баланд, махсусан аз киштукори баҳорӣ сар карда, то ҷамъ кардани ҳосилро дар бар мегирифт. Шӯрои вазирон ва Комитети Марказии ҳизби Коммунистии Тоҷикистон мӯҳлати гузаронидани тамоми чорабиниҳоро муайян карданд, то ки дар соли 1949 ҳосили баланди зироатҳои ғалладона, лубиёгӣ ва растаниҳои равғандорро ба даст оранд.

Дар асоси ба иҷро расондани карори мазкур дар соли 1949 колхозҳои ноҳияи Бартанг дар баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои ғалладона ба муваффақиятҳои калон ноил шуданд.

Ҷамъи ҳосили зироатҳои ғалладона дар соли 1949 дар колхозҳои ноҳия нисбати соли 1948 хеле зиёд буд. Колхози «Анҷумани 18 ҳизб» нақшаи ҷамъоварии гандумро ба 108 % иҷро намуд. Ҳосили миёнаи гандум дар ин колхоз аз як гектар 26 центнерро ташкил медод [7, с.2] . Инчунин натиҷаи хубро дар баланд бардоштани ҳосилнокӣ колхози «Ситораи Сурх»-и ба номи Телман ва ғайраҳо ба даст оварданд. Онҳо ӯҳдадории сотсиалистии худро доир ба истеҳсоли ғалла иҷро намуда, сари вақт маҳсулоти хоҷагии қишлоқро ба давлат супориданд.

Колхози қафомонда, ба мисли «Иттифоқ»-и ба номи Ворошилов дар соли 1949 тавонист ба гӯрӯҳи колхозҳои пешқадам дар ноҳия дохил шавад ва нақшаи давлатии ҳосилнокиро ба 102 % иҷро намояд [7, с.2].

Ба ғайр аз ин дар ноҳия колхозҳое буданд, ки аз камбудиҳо дар гузаронидани корҳои хоҷагии қишлоқ дар соли 1948 сабақ наомӯхта, дар соли 1949 ҳам нақшаи давлатии ҳосилнокиро иҷро накарданд. Ба ин гурӯҳ колхозҳои ба номи Энгелс ва Молотов дохил мешуданд.

Қафомонии ин колхозҳо натиҷаи он буд, ки дар рӯзҳои аввали корҳои саҳроӣ ба вайрон кардани қоидаҳои агротехникӣ роҳ дода шуда, самаранокии меҳнати колхозчиён паст буда, ташкилотҳои ҳизбӣ бошанд аз болои мусобиқаи сотсиалистӣ назорат намебурданд.

Аз маълумоти матбуоти даврӣ муайян мегардад, ки дар колхозҳои ноҳияҳои Роштқалъа ва Ишкошим вазъият ранги дигар гирифта буд. То 20 октябри соли 1949 даҳҳо гектар зироатҳои ғалладонагӣ ҳоло даррав кардагӣ набуд. Дар колхози ба номи Стахановаи ноҳияи Роштқалъа аз 147 гектар ғалла то 20 октябр танҳо 98 гектар ва то ин вақт дар колхози ба номи Буден аз 146 гектар гандум, танҳо 100 гектар ҷамъоварӣ шуда будааст. Дар колхози Бадахшони Сурх бошад, то 20 октябр танҳо 3 гектар ғалладонагӣ ҷамъоварӣ нашуда буд. Бо тағирёбии обу ҳаво ва беаҳамиятии баъзе сардорони колхозҳо метавонист ба он оварда расонад,ки гандуми дар вақташ ҷамънашуда дар зери барфу борон монад [9, с.2].

Чунин вазъиятро дар ҷамъоварӣ, ба тарзе шарҳ медоданд, ки аз тарафи роҳбарияти раиси иҷроияи ноҳияи Роштқалъа назорат суст буда, кӯмаки доимӣ ба колхозҳо аз тарафи шӯъбаи хоҷагии қишлоқи ноҳия расонда нашуд. Сардорони ноҳия бошанд, ҳатто дар вақти ҷамъоварӣ ҳам аз колхозҳо дидан намекарданд.

Дар давраи панҷсолаи баъдичангӣ дар вилоят майдонҳои кишти зироатҳои ғалладона 20 фоиз зиёд шуданд. Ҷамъи ҳосили ғалла дар соли 1950 нисбат ба соли 1945 ба 345 миллион пуд зиёд гардида, истеҳсоли гандум бошад, аз давраи баъдичангӣ ба 376 миллион пуд зиёд гардид. Супориши нақшаи панҷсола оид ба ҳосили зироатҳои ғалладона дар вилоят барзиёд иҷро гардид. Дар солҳои 1949-1950 ҳосили зироатҳои ғалладона нисбат ба соли 1940 13 фоиз зиёд гардида буд [4, с.3].

Дар ин давра баробари кишти гандум, ҷав ва арзан колхозҳои вилоят инчунин ба кишт кардани ҷуворимакка оғоз намуданд. Дар соли 1954 аввалин маротиба ҷуворимакка дар колхозҳои Помири ғарбӣ кошта шуда, дар натиҷа ҳосили хубро ба даст оварданд. Дар колхози баландкӯҳи «Интернатсионал»-и ноҳияи Рушон, ки дар дараи рӯди Бартанг воқеъ буд, 35 центнерӣ ҳосили ҷуворимакка бо хӯша ва 150 центнерӣ силос аз ҳар гектар гирифта шуд. Дар колхози ба номи Маленкови ноҳияи Ишкошим ва дар дигар колхозҳои вилоят низ ҳосили хуби ҷуворимакка ба даст оварда шуд. Муваффақият дар он буд, ки идораҳо ва ташкилотҳои ҳизбӣ ба ин зироати муҳим диққати махсус медоданд.

Ташкилотҳои ҳизбӣ, намояндагони хоҷагии қишлоқи вилоят ба хатогиҳое, ки дар соли аввали кишти ҷуворимакка роҳ дода буданд, онҳоро ба инобат гирифта, ба колхозчиён оид ба манфиати ин навъи зироат фаҳмонданд. Дар соли 1955 майдони кишти ҷуворимакка дар колхозҳои вилоят 20 маротиба васеъ гардида, қариб тамоми колхозҳои Помири ғарбӣ ба парвариши ин навъи зироат шурӯъ намуданд. Дар натиҷа тухми бокура ҳатто дар чунин хоҷагиҳои баландкӯҳ, ба мисли колхози ба номи Кагановичи ноҳияи Ишкошим, ба номи Хрушеви ноҳияи Шуғнон, ба номи Маленкови ноҳияи Роштқалъа ва ба номи Молотови ноҳияи Рушон, ки дар баландии 2500-2900 аз сатҳи баҳр ҷойгир будаанд, ба даст оварда шуд [11, с.40].

Колхозҳои вилоят дар ба даст овардани ҳосили баланди кишти ғалладона, ба мисли гандум, ҷав ва арзан таҷрибаи калонро соҳиб шуданд. Масалан, колхози «Ватан»-и ноҳияи Шуғнон , ки дар баландии 2500 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир аст, дар соли 1957 аз ҳар як гектар 30 центнерӣ гандуми баҳории навъи Сурхак ба даст овард. Гандумро баъди шудгор дар чуқурии 20 сантиметр коррида, ба ҳар як гектар замини корам аз 10 то 15 тонн пору андохтанд. Инчунин дар фасли баҳор ба ҳар як гектар замин 5 центнерӣ хокистар чошиданд. Кишт дар нимаи дуюми моҳи апрел гузаронда шуда, ба ҳар як гектар 3 центнерӣ тухмӣ коррида шуд. Дар давраи нашъунамо бошад, 10 маротиба обёрӣ карда шуда, як маротиба бо поруи маҳаллӣ ғизо дода шудааст [3, с.138].

Инчунин колхозҳои дигари ин ноҳия низ тавонистанд ҳосили хуб ба даст оранд. Масалан, колхози «Правда» аз ҳар гектар замини кишт 27 центнерӣ ва колхози Карли Маркс бошад, аз ҳар гектар 22 центнерӣ гандум гирифтанд.

Шарти асосӣ дар гирифтани ҳосили баланди зироатҳои ғалладонагӣ, ин дар истеҳсолот ҷорӣ намудани зироатҳои навъи маҳаллӣ буд. Аз ҳама навъи гандуми зудрас ин Руштак, Сафедак, Сурхак, ва Бобило буданд. Навъи гандуми зудраси Бобило ҳатто дар баландии 3000 метр аз сатҳи баҳр метавонист пухта расад, ки навъҳои дигари гандум дар он ҷо аз хунукӣ нест мешуданд. Аз навъи ҷав аз ҳама беҳтаринаш Ҷав-Кабудак ба шумор мерафт, ки метавонист дар баландии 3000 метр нашъунамо ёбад [3, С.138].

Хоҷагиҳои ғалладона бояд талаботи аҳолии маҳаллиро бо нон қонеъ намуда, чорворо бо хӯрок таъмин мекард. Дар соли 1958 кишти зироатҳои ғалладона дар вилоят 12130 гектарро ташкил медод, ки ин 82,1%-и тамоми масоҳатро дар бар мегирифт. Дар солҳои 50-ум дар кишти маҳсулотҳои ғалладона тағйироти куллӣ ба назар мерасиданд. Масалан, оиди вазни хоси зироатҳои ғалладонагӣ дар алоҳидагӣ бо % ба ҷамъаш ба ҷадвали дар зер оварда нигаред:

Солҳо	Гандуми тирамоҳӣ	Гандуми баҳорӣ	Ҷав	Ҷуворимакка	Лубиёгӣ
1953	15,8	33,5	28,2	-	22,5
1958	22,0	41,7	14,1	3,3	18,9

Зироати ғалладонагии аз ҳама муҳим дар колхозҳои Бадахшон гандум ба шумор мерафт, ки ба ҳиссаи он дар соли 1958 қариб 64%-и кишти ғалладона рост меомад, ки он дар тамоми ноҳияҳои Помири ғарбӣ рӯёнида мешуд. Ин ноҳияҳо барои истеҳсоли гандуми тирамоҳӣ тамоми имкониятҳоро доштанд, ки вазни хоси он аз 15,8%-и дар соли 1953 ба 22% дар соли 1958 зиёд гардид.

Иқлим ва хоки қисмати поёнии Помири ғарбӣ барои рӯёнидани гандуми тирамоҳӣ мусоидат мекунанд. Дар ин ҷо зимистон он қадар сард набуда, гандум ба осонӣ метавонад зимистонро гузаронад. Дар фасли тобистон бошад ҳаво гарм буда, барои гирифтани ҳосили баланди гандуми тирамоҳӣ мусоидат мекунад [1, с.28].

Ҳамин тавр, меҳнаткашони вилоят тавонистанд дар муддати кӯтоҳ тамоми хоҷагии қишлоқи харобгаштаро аз нав барқарор намуда, онро ба давраи пеш аз ҷангӣ ва аз он ҳам зиёдтар расонанд. Колхозҳои вилоят бо кӯмаки ташкилотҳои ҳизбӣ дар баланд бардоштани тамоми соҳаҳои хоҷагии қишлоқ дар давраи баъдичангӣ, махсусан дар баланд бардоштани зироатҳои ғалладонагӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонданд.

АДАБИЁТ

1. Амануллаев Ф. Развитие сельского хозяйства колхозов Советского Памира // Труды Т. VI. Издательство Академии наук Таджикской ССР. Сталинабад, 1960.
2. Выполнение плана сортовых посевов по зерновым и масличным культурам по ГБАО на 1946 г. //ЦГА РТ. Ф.288. Оп. 14 Д. 3416 л. 31.
3. В Павильоне Таджикской ССР под ред. А. Абдуллаева. Сталинабад, 1958.
4. Выполнение пятилетнего плана в области сельского хозяйства. // Красный Бадахшан. № 56 (659) 11 мая 1951 г.
5. В бригаде Авазбека Шоинбекова //Красный Бадахшан. № 7 (191) Пятница. 30 января 1948 г.
6. Из отстающих в передовые. //Красный Бадахшан. № 15 (199) Пятница. 27 февраля 1948 г.
7. К новому подъему сельского хозяйства //Красный Бадахшан. № 6 (468) Воскресенье, 15 января 1950 г.
8. Назаршоев М. Партийная организация Памира в борьбе за социализм и коммунизм (1918-1968). Душанбе, 1970.
9. Не допустить потер колхозного хлеба //Красный Бадахшан. № 115 (577) Среда, 25 октября 1950 г.
10. Передовики сельского хозяйства. //Красный Бадахшан. № 1, (185) Четверг, 1 января 1948 г.
11. Тархов А. Кукуруза на полях колхозов Памира // Сельское хозяйства Таджикистана. Апрель № 4. Сталинабад, 1956.

СОСТОЯНИЕ ВЫРАЩИВАНИИ ЗЕРНОВЫХ КУЛЬТУР В ГБАО В ПОСЛЕВОЕННЫЙ ПЕРИОД (1946-1959 гг.)

Автор в своем статье рассматривает состояние зерновых культур в ГБАО в послевоенный период (1956-1959 гг.). С победоносным окончанием войны Советский народ, в том числе трудящихся Горно-Бадахшанской автономной области вернулись к мирному труду.

В деле подъеме сельского хозяйственного производства Горно-Бадахшана большое значение имело постановление Совнаркома СССР от 25 января 1954 года «О мерах по дальнейшему развитию сельского хозяйства Таджикской СССР» .

Колхозы Памира накопили большой опыт по выращиванию высоких урожаев зерновых культур, как пшеницы, ячменя и просо.

Важнейшей зерновой культурой в колхозах Памира являлся пшеница, на долю которой в 1958 году приходилось около 64% посевов зерновых и 54,0 % всех посевов.

Таким образом, колхозы области с помощью партийных организации проделали большую работу в повышении всех отраслей сельского хозяйство после войны, в том числе в повышении зерновых культур.

***Ключевые слова**: ГБАО, зерновых культур, колхоз, трудящихся, сельское хозяйства, пшеница, ячмень, просо.*

THE STATE OF THE CULTIVATION OF CROPS IN BADAKHSHAN AUTONOMOUS REGION IN POST WAS PERIOD

The author in this article looks at the state of grain crops in the post was period. With the victorious end of the war, the Soviet people of Badakhshan Autonomous Region, returned to peaceful work.

The resolution of the Council of people's Commissars of the USSR of January 25, 1954 «On measures for the further development of agriculture of the Tajik Soviet socialistic republic» was of great importance in raising the agricultural production of Badakhshan Autonomous Region.

The Pamir collective fans have gained extensive experience in growing high yields of grain crops such as wheat, barley and millet.

The most important grain crop on the Pamir collective farms was wheat, which in 1958 accounted for about 64% of grain crop and 54,0% of all crops.

Thus, the collective farms if region with the help of party organizations did a great job in raising grain crops.

***Keywords:** Badakhshan Autonomous Region, grain crops, collective farm, working people, agriculture, wheat, barley, millet.*

Сведения об авторах:

***Бадавлатова Рамзия Боздавлатовна** - Соискатель кафедры истории таджикского народа факультета Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни*

***Ходжибеков Эльбон Ходжибекович** - Хорогский Государственный университет имени М. Назаршоева, кандидат исторических наук, профессор, преподаватель кафедры всеобщий истории, факультет истории и право, тел. (+935011955), e-mail: elbon_ hojibek@rambler.ru*

***About the authors**:*

***Badavlatova Ramziay Bozdavlatovna** - The researcher of the department of history of Tajik nation of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini.*

***Hojibekov Elbon Hojibekovich** - the candidate of historical sciences, professor, lecturer of the Department of World History, the Faculty of History and Law, Khorog State University, Phone (+935011955), E-mail: elbon_ hojibek@rambler.ru*

ВОҚЕАҲОИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 1990 – ЗАМИНАИ ҶАНГИ ШАҲРВАНДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Мирзоев Ҷ.А.
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ
Таваров Ф.Ф.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Дар охири солҳои 80-уми асри XX дар натиҷаи роҳандозии ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеъа - бозсозӣ, ки ба сиёсати расмии давлати Шӯравӣ табдил ёфта буд, дар ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Шӯравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон низ нишонаҳои озодандешӣ ва демократия зоҳир гардиданд. Сиёсати озодандешӣ дар раванди худогоҳии миллӣ таъсири амиқ гузошт. Нерӯҳои демократии Тоҷикистон қотеъона талаб намуданд, ки қонун дар бораи забони тоҷикӣ қабул карда шавад. Дар натиҷаи талаби нерӯҳои демократӣ 22 июли соли 1989 Қонун дар бораи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ ба тасвиб расид. Мақоми давлатӣ пайдо кардани забони тоҷикӣ дар масъалаи эҳёи давлати миллӣ омили асосӣ маҳсуб меёфт.

Бозсозӣ фаъолнокии сиёсии мардумро баланд бардошта, барои зуҳури ҳаракатҳо ва ташкилотҳои нави сиёсӣ шароити мусоид фароҳам овард. Ин марҳилаи таърихи сиёсии Тоҷикистон (аз зуҳури нахустин ташкилотҳои сиёсӣ, воқеаҳои феврали соли 1990 то ба даст овардани Истиқлолияти Давлатӣ) дар аксар таҳқиқоти муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос гардидааст.

Лозим ба зикр аст, ки яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX, ки то имрӯз дар адабиёти илмӣ садои духӯра дошта, баҳри инкишофи минбаъдаи демократия ва гуногунандешӣ дар Тоҷикистони замони Шӯравӣ нақши умда дорад, воқеаҳои феврали соли 1990 маҳсуб меёбад. Аз 11 то 17-уми феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе гирдиҳамоӣ, намоишҳои эътирозӣ, бесарусомонӣ ва ҳар гуна тазоҳуроти сиёсӣ ба амал омаданд, ки дар натиҷаи онҳо ба ақидаи И. Усмонов «14 кас» [33, 28], аз рӯйи маълумоти Ҷ.Ниёзов «зиёда аз 20 нафар» [5] ва ба ақидаи Ғ. Ғоибов, ки ба хулосаи Комиссияи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон «Оид ба тафтиши ҳолатҳои воқеаҳои вобаста ба 12, 13, 14 феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе» асос ёфтааст, 25 нафар қурбон гардида, 856 нафар захм бардоштанд [4, 666]. Бар асари воқеаҳои февралӣ ҳазорҳо нафар аҳолии русзабони ҷумҳурӣ, асосан мутахассисони баландихтисос мамлакатро тарк намуданд. Воқеаҳои феврали соли 1990 дар Тоҷикистон – ин бархӯрди оштинопазири ду нерӯ – мухолифин, ки тамоми нерӯҳои бо ном «демократӣ» - исломиёни иртиҷоӣ, намояндагони ҳизбҳои навтаъсис ва ҳаракатҳои зиддикоммунистиро муттаҳид мекард ва ҷонибдорони ҳукумати коститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи муҳаққиқи воқеаҳои февралӣ – Сулҳия Қобилова «ин муборизаи идеологияи ҷонибдорони роҳи исломии тараққиёт ва онҳое, ки тарафдори ҳукумати дунявӣ буданд, маҳсуб меёбад. Воқеаҳои февралӣ – ин кӯшиши дарҳам шикастани низоми конститутсионии коммунистӣ ва дар вайронаҳои он бунёд намудани давлати исломӣ буд» [12, 17].

Дар инъикоси воқеаҳои феврали соли 1990, заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои он асарҳои Г.Ҳ. Ҳайдаров [34], И. Усмонов [32], А.Холиқзода [35], Н.М. Назаршоев [18], Р. Масов [16, 185-192], Ҳ.Пирумшоев [24], А. Мамадазимов [15], Д. Назриев ва И. Сатторов [19], Ғ.Ғоибов [4], инчунин асарҳои бунёдии «Бунёди давлатдории навин» [2] ва «История таджикского народа» [6], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [22], «Таджикистан в огне» [27], С. Кобилова [11], Б. Шокиров [37] - ро махсус қайд кардан бамаврид аст.

Мутаассифона, воқеаҳои феврали соли 1990 дар таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле ноқис ва ғайри воқеӣ инъикос ёфтааст. Масалан, раиси собиқи ҳизби демократии Тоҷикистон Ҷумабой Ниёзов ин воқеотро «амали фитнаангезонаи Кумитаи Амнияти Давлатӣ», ки «бо мақсади беобрӯ гардонидани номзадҳои рӯҳияи демократидошта ба интихоботи навбатии депутатҳои Шӯрои олии Тоҷикистон ва умуман ҳаракати демократӣ» матраҳ шуда буд, номидааст [5].

Муовини раиси созмони мардумии «Растохез» Абдуқодир Холиқзода низ воқеаҳои феврали соли 1990 – ро ба монанди дигар рӯйдодҳои дар собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ – дар Қазоқистон (декабри соли 1996), Гурҷистон (апрели соли 1989), Қӯқанди Ӯзбекистон (августи соли 1989), Озорбойҷон (январи соли 1990) рӯҳдода, воқеоти пешакӣ аз ҷониби КАД ба нақша гирифташуда меномад [36, 157].

Ба ақидаи ӯ, тазоҳуроти 12 феврали соли 1990 бо иғвои Кумитаи бехатарӣ ташкилшуда, аз ҷониби ин мақомот бераҳмона тирборон шудааст. Бо супориши Кумитаи бехатарӣ гуруҳҳои ҷиноятпеша дар шаҳр даст ба ғорат, дуздӣ ва сӯхтор заданд. Холиқзода ҳатто мавҷудияти шиорҳои зидди русӣ ва талаби таъсиси «ҷумҳурии исломӣ» - ро аз ҷониби тазоҳуротчиён, ки аз он аксари шоҳидони ҳол гувоҳӣ медиҳанд, инкор менамояд [36, 158].

Лозим ба зикр аст, ки муносибат ба воқеаҳои феврали соли 1990 баёнгари психология ва рафтори одамон маҳсуб меёбад. Гуруҳе ин фоҷиаро исён, балво ва кӯшиши муташанниҷ гардонидани вазъияти сиёсӣ, гуруҳи дигар шӯриши халқӣ меҳисобанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,

Президенти ҶТ Э. Раҳмон борҳо ба ин мавзуи доғ дахл карда, гунаҳкорони аслии ин фоҷиаро ёдрас шудааст. Саркори давлат таъкид мекунад, ки вазъият дар ҷумҳурӣ бо он, ки «баъд аз баромади аввали неруҳои исломӣ дар моҳи феврали соли 1990 ҳукумати расмӣ ба муросои бесубот бо қозиёт моил гардида, бо ин ба таҳқири маънавии кормандони милитсия ва амният, ки ба вазифаи хизматии хеш содиқ монда буданд, роҳ дод ва гузашта аз ин, баръакс, нафароне, ки бетартибиҳои омавиро тарҳрезӣ карда буданд, ҳамчун қаҳрамони халқӣ муаррифӣ гардиданд, шиддат гирифт» [25].

Бояд қайд кард, ки аксари муҳаққиқини таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ ба воқеаҳои февралӣ баҳои манфӣ дода, ин воқеотро амали мутташакилонаи гуруҳҳои ҷиноятпеша, ки аз як марказ идора мешуданд, медонанд. Беҳуда нест, ки академик Р. Масов воқеаҳои феврали соли 1990-ро «саҳифаҳои нангин дар таърихи мо» номидааст. Ба ақидаи ӯ «худсариҳо, сӯхторҳо, ғоратгариҳо ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби гуруҳҳои авбош ва ҷиноятпеша солҳои тӯлонӣ, ба тариқи махфӣ аз тарафи душманони халқи тоҷик омода гардиданд» [16, 185]. Р. Масов ақидаеро, ки воқеаҳои февралиро бадандешони халқи тоҷик, чӣ дар дохили ҷумҳурӣ ва чӣ дар хориҷи кишвар тарҳрезӣ намудаанд, ҷонибдорӣ карда, қайд менамояд, ки «онҳо мақсад доштанд моро на танҳо дар назди халқҳои мамлакатҳои шӯравӣ, балки дар назди тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ шарманда созанд» [16, 186].

Ҳамзамон, Ҳ. Насриддинов [21], А. Соҳибназаров [26] ва яке аз шахсиятҳои асосии воқеаҳои февралӣ Б. Каримов [8] мавқеи тамоман зидро ишғол намуда, ин воқеоти фоҷиаборро ҳамчун шӯриши халқӣ арзёбӣ кардаанд. Дар китоби Б. Каримов «Қурбонии дузахма» [7] сабабҳо ва оқибатҳои воқеаҳои дар моҳи феврали соли 1990 дар ҷумҳурӣ ба амал омада инъикос гардидаанд. Муаллиф дар мавриди «фитнаҳои дарборӣ» дар доираҳои олии ҳукмрони замон ва корношоямии баъзе роҳбарони ҷумҳурӣ санадҳои зиёд оварда, ҳамзамон хулосаҳои шахсии хешро, ки баъзан бо фарзияҳои бепоя асоснок шудаанд, иброз медорад. Дар китоб бархӯрди хунини санаҳои 12, 13, 14 феврал, пленумҳои XVI, XVII, XVIII КМ ҳизби коммунистии Тоҷикистон хеле муфассал тасвир ёфтаанд. Муаллиф худро қурбони дасисаҳои сиёсӣ ҳисобида, кӯшиш мекунад, ки ҳақ буданашро собит намояд. Вале, мутаассифона, дар китоб нақш ва мавқеи шахсиятҳое, ки бевосита дар воқеаҳои хунини рӯзҳои 12, 13, 14 феврали соли 1990 даст доштанд, муайян нашудааст.

Бояд тазаккур дод, ки аввалин шуда ба инъикоси воқеии таърихи навини сиёсии Тоҷикистон, алалхусус воқеаҳои фоҷиабори соли 1990 журналистон [27], кормандони масъули прократураи ҷумҳурӣ, раиси КАД, олимон-муаррихон Г.Ҳ.Ҳайдаров, М. Иномов [34] ва сиёсатмадор С.Кенҷаев [9] пардохтанд. Муаллифон дарҳол ба моҷарои хунини дар пойтахти ҷумҳурӣ ба амал омада, ки тамоми аҳолиро ба изтироб оварда буд, воқеъбинона баҳогузорӣ намуда, нақши тарроҳони бетартибиҳои омавиро ба дурустӣ ошкор сохтанд. Воқеан, аз фаъолияти Комиссияи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон «Оид ба тафтиши ҳолатҳои воқеаҳои вобаста ба 12, 13, 14 феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе», дар сессияи дуввуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ даъвати дувоздаҳум, ки дар санаи 21-29 августи соли 1990 баргузор гардида буд, маҳз Сафаралӣ Кенҷаев – депутати халқ (аз ҳавзаи интихоботии Ҷӯйбодом, рақами 63), ки вазифаи ҷонишини раиси ин комиссияро ба уҳда дошт, ахборот дод. Натиҷаи фаъолияти комиссияи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон ва сиёсатмадорони зиёд, назири Г.Ҳ.Ҳайдаров, М. Иномов [34], И. Усмонов [33, 31-32], Ғ.Ғоибов [4, 660-670], Ҳ.Насриддинов [21], С.Кенҷаев [10] ва инчунин дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ инъикос ёфтаанд. Ахбороти С.Кенҷаев аз натиҷаи фаъолияти комиссия, ки дар 15 банд ироа шуда буд, дар шакли пурра ва муфассал дар китоби Ҳ. Насриддинов [21] дарҷ гардидааст. Ду банди аввал, ба ақидаи И. Усмонов, ки дар онҳо тасодуфӣ набудани ҳаводиси 12-14 феврал ва дар заминаи мушкилоти сахти иқтисодию иҷтимоӣ, тараққиёти номутаносиби ноҳияҳо ва маҳалгароӣ ба амал омадани онҳо, инчунин сарфи назар аз огаҳӣ пайдо кардани мақомотҳои салоҳиятдор, бахусус Кумитаи бехатарии давлатӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ хунукназарӣ зоҳир кардан, сари вақт баҳои зарурии сиёсӣ надодан ва барои рух надодани ҳодисаҳо тадбирҳои мушаххас наандешидани онҳо акс ёфтааст, вазъиятро ба дурустӣ арзёбӣ мекунанд [33, 31]. Тибқи маълумоти адабиёти мавҷуда комиссияи мазкур сабабҳои сар задани ҳаводиси феврал ва гунаҳкорони асосии онро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки воқеаҳои февралӣ натиҷаи пайгирии ҳадафҳои нопоки нерӯҳои ба ном «демократӣ» маҳсуб меёбанд, ки мақсади ғасби ҳокимияти сиёсиро дунболагирӣ мекарданд.

Бо дарназардошти гуногунандешӣ ва арзёбии номутаносиби воқеаҳои феврали соли 1990, мо кӯшиш намудем, ки дар ин мақола чигунагии рух додани ин воқеаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои онҳоро дар заминаи адабиёти мавҷуда ва шаҳодати шоҳидони ҳол инъикос намоем.

Воқеаҳое, ки моҳи феврали соли 1990 дар ҷумҳурӣ ба амал омаданд, вазъи сиёсии кишварро дигаргун сохтанд; ба ташаккули фаъолияти ғаразноки ҳизбу созмонҳои ба ном «демократӣ»-и ҷумҳурӣ роҳ кушоданд, ба дахолати ҳизбҳои сиёсӣ дар идораи давлат замина ва сабаб гаштанд. Воқеаҳои февралӣ тибқи нақшаҳои тарҳрезикардаи ҳизбу созмонҳои навтаъсиси ҷумҳурӣ ба хотири ба даст овардани ҳокимият ва идораи давлат амалӣ карда шуданд.

Лозим ба зикр аст, ки масоили сабабҳои сар задани воқеаҳои февралӣ дар адабиёти таърихӣ гуногун арзёбӣ шудааст. Баъзе муҳаққиқон овозаи аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон бо манзил таъмин намудани гурезагони арманиро сабаби ба вуқуъ омадани тазоҳуроти моҳи феврал медонанд, ки ба назари мо ин

омил баҳонае беш нест. Ба андешаи мо сабабҳои сар задани воқеаҳои февралиро бояд дар масоили ҳалталаби ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мардум ҷустуҷӯ кард, ки ин амалро муҳаққиқ Ғ.Ғоибов хеле хуб анҷом додааст. Мавсуф чор масоили ҳалталаби иҷтимоӣ-иқтисодиро ба сифати сабабҳои сар задани ин рӯйдоди нангин қарор медиҳад: 1) бекории сунъӣ - ба андешаи Ғ.Ғоибов корхонаҳо сохта мешуданд, вале барои кор кардан дар онҳо коргарон аз Россия, Украина ва Белорусия даъват мешуданд. Ҳадаф – русикунонии мардуми маҳаллӣ буда, мавқеи забони тоҷикӣ ба таври фоҷиавӣ танг шуда буд;

2) таъминот ба манзил – манзил асосан ба русзабонҳо дода мешуд;

3) дин – диндорон таъқиб карда мешуданд;

4) масъалаи миллӣ – ба андешаи Ғ.Ғоибов мардуми тоҷик дар ватани худ мақому манзалате надошт, қудрат ва сарвату боигарӣ бештар дар дасти бегонагон қарор дошт ва беҳуда нест, ки яке аз шиорҳои рӯзи 13 феврал «Тоҷикистон ба тоҷикон» буд [4, 660].

Бояд зикр кард, ки тарроҳони тазоҳуроти моҳи феврали соли 1990 аз ин масоили ҳалталаб ва нуқсонҳои ҷомеа, ки ба онҳо, ба назари мо омили маҳалгароиро низ дохил кардан мумкин аст, огаҳӣ доштанд. Онҳо хуб медонистанд, ки мардумро бо кадом васила ба майдон кашанд ва ҳамзамон аз паси парда ҳадафҳои сиёсии хешро пайгирӣ намоянд.

Тавре Ҳикматулло Насриддинов дар асари худ «Таркиш» қайд менамояд, ин ҳодисоти нангин аслан 9 феврали соли 1990 оғоз гардиданд. Дар ин сана аввалин гирдиҳамоӣ бо иштироки теъдоди ками одамон дар назди бинои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон ташкил карда шуд, ки дар он нахуст Тоҳири Абдуҷаббор (раиси созмони «Растохез») ва сипас дигарон Ҳизби коммунисти Тоҷикистон ва роҳбарияти кишварро дар роҳандозии сиёсати «ғалат»-и давлатӣ ва камбудиҳои ҷиддии дар ҷомеа ба амаломада гунаҳкор донистанд. Аз ҷумла, Тоҳири Абдуҷаббор зимни баромади худ дар даромадгоҳи бинои ҲКТ чунин изҳор намуд: «Ин биноҳои муҳташам моли як-ду нафар саркардаи беандеша набуда, балки хишт ба хишт ба пули марди коргар ва деҳқони хокпош сохта шудаанд. Имрӯз ин беадолатон на танҳо ёди мову шумо намекунанд, балки нафареро аз камбағалон ба ин даргоҳ даромадан наменамонанд». Пас аз ин суханҳо аз ҷониби гирдиҳамомадон шеъри алломаи Шарқ Муҳаммад Иқбол «Аз хоби гарон хез» ботантана суруда шуд.

Рӯзи дигар, 10 –уми феврал гирдиҳамоӣ дар майдони мазкур бо шумораи тақрибан 100-150 нафар сурат гирифт, ки аз баргузории он Ҳикматулло Насриддинов дар асари худ ёд кардааст [21, 66-67]. Талаби тазоҳуротчиён аз ҳукумат рондани гурезаҳои арманӣ аз ҷумҳурӣ буд, ки гӯё 3-5 ҳазор нафар ба Душабе омада буданду Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба ҳамаи онҳо бенавбат хона додаст [4, 660]. Аммо дар асл масъалаи гурезаҳои арманӣ баҳонае беш набуд, ки барои ҷалби мардуми ба мушкилиҳои бухрони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гирифторшуда мувофиқ афтод.

Сабаби дар як муддати кӯтоҳ ба гирдиҳамоӣ пайвастани мардум, ба андешаи мо бекории сунъӣ, танқисӣ кашидани мардум аз манзили истиқоматӣ, зери таъқиб қарор гирифтани диндорон ва масъалаҳои миллӣ буд.

11 феврал (тахминан соати 13:00) дар назди бинои Президиуми Шӯрои Олӣ тақрибан 150 нафар одам [23] ҷамъ омада, ба сӯи бинои КМ ҲК Тоҷикистон ҳаракат карданд. Ба митингчиён роҳгузарон, донишҷӯён ва хонандагони омӯзишгоҳҳою мактабҳои миёна ҳамроҳ шуданд, ки шумораи онҳо, тибқи маълумоти матбуоти даврӣ дар маҷмӯъ 1,5 ҳазор нафарро [28] ташкил мекард. Онҳо масъалаи аз ҷумҳурӣ баровардани гурезаҳои араманӣ ва истеъфои Раиси ҷумҳур - Қ. Маҳкамов, сарвазири ҷумҳурӣ - И. Ҳаёев ва раиси Шӯрои олӣ - Ғ. Палаевро талаб доштанд. Аз ҷониби издиҳом эътирозҳо оиди аз шимол будани ҳамаи роҳбарони ҷумҳурӣ низ ба гӯш мерасид. Издиҳом талаб дошт, ки Қаҳҳор Маҳкамов ба назди гирдиҳамомадагон баромада, оиди вазъият маълумот диҳад. Мувофиқи иттилоъи Ҳ.Насриддинов пас аз ба назди гирдиҳамомадагон баромадани Қ. Маҳкамов, котиби дуюми КМ ҲКТ Г. Веселков ва сарвазири ҷумҳурӣ И. Ҳаёев ва зери таҳқиру ҳақорат гирифтор шудани онҳо бори аввал қувваҳои ҳарбӣ – БТР, танк ва дигар техникаҳои ҳарбӣ дар пушти бинои Кумитаи Марказӣ саф кашиданд [21, 69]. Бо вуҷуди ин, ҳукуматдорон тавонистанд митингчиёнро бовар кунонанд, ки арманиҳо аз ҳудуди ҷумҳурӣ бароварда мешаванд. Пас аз ин аз ҳисоби аъзоёни ҳукумат оид ба омӯзиши масъалаи гурезаҳои арманӣ комиссия созмон дода шуд, ки мебоист дар муддати 24 соат хулосаи худро ба тазоҳуротчиён баён мекард.

Ҳамон рӯз раиси Кумитаи назоратии КМ ҲКИШ Борис Карлович Пуго бо мақсади ба эътидол овардани авзои сиёсии Тоҷикистон бо ҳамроҳии як гурӯҳ генералҳо ва кормандони Кумитаи бехатарии давлатии ИҶШС ба Душанбе омад.

12 феврл аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон майдон бо техникаҳои ҳарбӣ пурра иҳота карда шуд. Ба ақидаи Ғ.Ғоибов гирдиҳамомадагон, ки тақрибан 5-7 ҳазор нафарро дар бар мегирифтанд, дар баробари талаби аз ҷумҳурӣ баровардани арманиҳо ва истеъфои роҳбарияти ҷумҳурӣ масъалаи таъмин бо манзил ва муҳити зистро низ ба миён гузоштанд [4, с.661]. Комиссияе, ки бояд оид ба масъалаи гурезаҳои арманӣ ба гирдиҳамомадагон маълумот медод, вазифаи худро иҷро накард. Раиси ҷумҳур Қ. Маҳкамов дар мошини сабукрави автобусшакл аз миёни издиҳом гузашта, кӯшиш мекард, ки овозаи бардурӯғ будани гурезаҳои арманиро ба гирдиҳамомадагон изҳор дорад. Вале ин амал вазъиятро беҳтар накард.

Аз гӯшаи Бюрои рухсатномадиҳии КМ якчанд нафар ба тарафи девори «Минводхоз» ва намоишгоҳи рассомон оташ кушоданд, ки боиси задухурди гирдиҳамомадагон ва кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва зери итоати гирдиҳамомадагон мондани майдон гардид. Тибқи шаҳодати Ҳ.Насриддинов дар он рӯз аз байни тазоҳуротчиён садоҳои «фақат Бӯрӣ Каримов метавонад сарвари давлат шавад» [21, с.70] баланд шуд.

Бо дастури Қ. Маҳкамов Бӯрӣ Каримов ба назди гирдиҳамомадагон баромад ва бо исрори тазоҳуротчиён раиси «Кумитаи 17» интихоб шуд. Ба ақидаи Ғ.Ғоибов дар натиҷаи задухурдҳои 12 феврал 46 нафар захм бардоштанд, ки аз ин шумора 9 нафарашон ба ҳалокат расиданд [4, с.661]. Тибқи маълумоти Р.Абулҳаев бо истифода аз вазъияти ба амаломада, соати 15:27 дақиқа мағозаи «Ҷавоҳирот» ғорат ва оташ зада шуд, ки зарари он ба давлат маблағи 400 ҳазор сумро ташкил медод. Аз соати 16:45 дақиқа то соати 19:00 бар асари бетартибиҳо Вазорати об ва якчанд дукону мағозаҳои дигар дар бозори «Баракат» хароб гардиданд. Дар маҷмуъ рӯзи 12 феврал 24 мағоза ғорат, вайрон ва оташ зада шуд [1, с.123].

12 феврал укази Президуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси дар ҳудуди шаҳри Душанбе эълон кардани вазъияти фавқулодда ва аз соати 22:00 то соати 6:00 ҷорӣ кардани вақти комендантӣ ба тасвиб расид.

Бо назардошти вазъи баамаломадаи ҷумҳурӣ, бо фармони вазири мудофиаи ИҶШС Д. Язов 13 феврал 1068 сарбози қисмҳои округи ҳарбии Туркистон ва 14 феврал 709 сарбози қисми десантии округи ҳарбии Туркистон аз Арманистон ба Душанбе ворид гардиданд.

Бо вуҷуди эълон шудани вазъияти фавқулода ва ҷорӣ кардани вақти комендантӣ дар шаҳри Душанбе 13 феврал мардум боз дар назди бинои КМ ҲКТ ҷамъ омаданд. Бетартибиҳои 13 феврал аз майдони марказӣ оғоз гардида, то шаҳраки Гипрозем, кӯчаи Путовский, Аэропорти куҳна, назди меҳмонхонаи «Душанбе», роҳи Душанбе-Ҳисорро фаро гирифтанд. Митингчиён таҳти сарварии роҳбарони созмони мардумии «Растохез» «кумитаи корӣ»-и иборат аз 17 нафарро созмон доданд, ки ба он вазири «Госплан» Б. Каримов сардорӣ мекард. Ин кумита бо худ номи «Кумитаи 17», «Кумитаи муваққатӣ» ва «Кумитаи халқӣ»-ро гирифт, бо вуҷуди он ки созмондиҳандагонаш ба он «Ваҳдат» унвон дода буданд. Ба ҳайати он раиси созмони «Растохез» Т. Абдуҷаббор, муовинони ӯ Х. Ҳомидов, М. Мирраҳимов, А. Холиқзода, инчунин Ҳ. Ҳабибуллоев, О. Заррабеков, Б. Собир, Ҳ. Файзуллоев, С. Мастонзода, Б. Каримов, Аскар Ҳаким, Раҳимшо Зарифшоев, Темур Қиличев, Мавҷигул Ибодова, Азаматулло Боев, Меҳмон Бахтӣ ва Аҳмад Мадалиев шомил гардиданд. Бар асари гирдиҳамоии 13 феврал 10 нафар ҳалок гардида, теъдоди зиёди одамон захм бардоштанд.

Дар гирдиҳамоии 14 феврал митингчиён - намояндагони «Кумитаи халқӣ» бо ҳукуматдорон вохӯрда, аз ҳукумат истеъфои се нафар аз роҳбарияти кишвар: роҳбари ҷумҳурӣ Қ. Маҳкамов, раиси Шӯрои Вазирон И.Ҳаёев ва раиси Президиуми Шӯрои Олӣ Ғ.Палаевро талаб карданд. Ба хотири ба эътидол омадани вазъият роҳбарони зикршуда дар протоколи истеъфои худ, ки дар он роҳҳои қонунии истеъфо рафтани онҳо низ дарҷ шуда буд, имзо гузоштанд. Протокол аз чунин матн иборат буд:

«1. Вазъияти ниҳоят шадид ва тезутунди дар шаҳри Душанбе ба миёномадаро ба назар гирифта, барои пешгирӣ кардани хунрезиҳо ва ҳолати фавқулодда мо ба хулосае омадем, ки аз рӯйи қонуни конститутсионӣ истеъфо диҳем: Маҳкамов Қ.М., Паллаев Т.П., Ҳаёев И.

2. Рӯзҳои 15, 16, 17 феврали соли 1990 дар тамоми ҷумҳурӣ мотам эълон карда шавад.

3. Гуруҳи маҳдуди Армияи Советӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ барои ҳифзу амнияти ҷойҳои муҳимми давлатӣ ва хоҷагӣ истифода бурда шаванд.

4. Намояндагони созмони халқӣ аз ҷониби худ барои бас шудани роҳпаймоӣ, ҷамъомад, тазоҳурот ёрӣ мерасонанд ва ҳамаи қувваро барои бартараф кардани ҳама гуна бетартибиҳо дар ҳудуди шаҳри Душанбе ва дигар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сарф мекунанд» [29].

Бо вуҷуди ин, 14 феврал бар асари бетартибиҳо дар шаҳри Душанбе ва атрофи он 6 нафар ба ҳалокат расида, даҳҳо тани дигар захм бардоштанд. Рӯзҳои 15, 16 ва 17 феврал ба хотири кушташудагони рӯзҳои 12-14 –уми феврал дар ҷумҳурӣ рӯзи мотам эълон карда шуд. Танҳо рӯзи 15 феврал дар майдони назди бинои Ҳукумат тақрибан ҳазор нафар ҷамъ омада талаб карданд, ки гунаҳгорне, ки дар куштор, сӯхтор ва талаю тороҷ кардани мағозаю амволи мардум даст доштанд, муайян ва ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Аксарияти иштирокчиёни гирдиҳамоиҳои февралӣ, ба ақидаи Р.Абулҳаев наврасони 16-17 – сола буда, дар қиёфаашон қаҳру ғазаб, нишонаҳои таассуби кӯркуронаи динӣ эҳсос карда мешуд [1, с.124]. Теъдоди умумии онҳоро муҳаққиқон зиёда аз 30 ҳазор нафар ёдрас шудаанд [17, с.192].

Воқеаҳои феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе ба ҷумҳурӣ ҳисороти калони моддиву маънавӣ расонид. Мувофиқи маълумоти Комиссияи Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ бар асари воқеаҳои феврал 813 нафар захм бардоштанд, ки аз ин шумора 732 нафарашро мардон ва 81 нафарашро занҳо ташкил медоданд. Вале ба ақидаи собиқ додситони ҷумҳурӣ Т.П. Почомуллоев захмдоршудагон 856 нафарро ташкил медоданд, ки аз ин шумора 117 нафарашон аз силоҳи оташфишон захм бардошта буданд [30]. Умуман, ин масъала дар ҳафтаномаву рӯзномаҳои давр ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ ёфтааст. Аз ҷумла, мувофиқи маълумоти рӯзномаи «Народная газета» 136 нафар истиқоматкунандагони шаҳри Душанбе ва

берун аз он аз яроқи оташфишон ва 88 нафар аз корд захмӣ шуда, 188 нафар дар беморхонаҳо бистарӣ гаштанд; шумораи ҳалокшудагон бошад, 25 нафарро ташкил медод [20]. Ҳамчунин, бар асари ҳодисаҳои феврали соли 1990 100 иншотҳои савдову муассисаҳои давлатӣ ва зиёда аз 20 адад мошинҳои давлативу шахсӣ вайрону валангор, сӯхтаву тороҷ карда шуданд. Зарари умумии ҳодисаҳои февралӣ 51 млн. суми шӯравиро дар бар мегирифт [13]. Тибқи тафтишоти прокуратураи ҷумҳурӣ дар ин ҳодисаҳо 300 нафар даст ба ҷиноят задааст, ки аз ин 150 нафарашон ба ҷазоҳои мухталиф маҳкум шуданд [31].

Душвориҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳурӣ: норасоиҳои ҷиддии соҳаҳои иҷтимоӣ, проблемаҳои афзоиши аҳолӣ, суст гардидани ҳокимияти давлатӣ, интизоми меҳнатӣ, истеҳсолӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, вусъати ҷиноятқорӣ, густариши нигилизми ҳуқуқӣ, таъсири манфии ғояҳои иртиҷоии ислом, миллатгароӣ ва бухрони маънавии ҷомеа замина ва омилҳои асосии воқеаҳои февралӣ мебошанд. Бо дарназадошти чунин вазъият созмони мардумии «Растохез», қисмати иртиҷоии рӯҳониёни мусулмон ва унсурҳои мансабпараст идораи давлатӣ ҷиҳати мубориза баҳри ҳокимияти сиёсӣ воқеаҳои февралиро тарҳрезӣ намуданд. Тарғибу ташвиқи аъзоёни «Растохез» ва муллоҳои иртиҷоии ислом ҷиҳати амалӣ гардидани гирдиҳамоиҳои февралӣ назаррас аст. Аз ҷумла, О. Заробеков, М.Мираҳимов, С. Мастонзода ва дигар роҳбарони «Растохез» ва муллоҳои иртиҷоии ислом бо истифода аз ошкорбаёнӣ дар суханрониҳои худ моҳияти амали роҳбарияти ҷумҳуриро дар боби муътадил гардонидани вазъият таҳриф карда, бо истифода аз вусъат додани рӯҳи миллатгароӣ, мардумро муқобили ҳукумати конститутсионӣ бархезонданд. Яке аз далелҳои равшан он аст, ки рӯзи 9 феврали соли 1990 роҳбарияти «Растохез» ба номи Шӯрои Олӣ мактуб фиристода талаб карданд, ки теъдоди гурезаҳои армании ба ҷумҳурӣ омада ва манзилҳои ба онҳо додашуда ба мардум эълон карда шавад. Инчунин, дар он рӯзҳо ҳариб дар ҳамаи донишгоҳҳову дошикадаҳои олии ҷумҳурӣ хабари омадани арамниҳо, бо манзил таъмин карда шудани онҳо ва баргузории гирдиҳамоӣ паҳн шуда буд. Масалан, тибқи шаҳодати Ҳикматтулло Насриддинов рӯзи 8-9 феврал дар назди ошхонаи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар хусуси гузаронида шудани намоиши зидди арманиҳо дар санаи 11 феврали соли 1990 дар назди бинои КМ ҲКТ эълон овезон шуда буд [21, с.97].

Бояд қайд кард, ки ба ғайр аз роҳбарияти созмони мардумии «Растохез» намояндагони иртиҷоии рӯҳониёни мусулмон низ барангезандагони воқеаҳои февралӣ маҳсуб меёбанд. А. Боев, С. Бедимоғов, Т. Давлатов, А. Ҳакимов, А. Дилоев ва дигарон дар байни мардум, махсусан наврасон ғояҳои иртиҷоии исломро дар боби бадбинии миллатҳо, мафкура ва дини ғайр, аллайҳи сохти мавҷудаи давлатию ҷамъиятӣ ва коммунистон тарғибу ташвиқ карда, онҳоро ҷиҳати бунёди ҷумҳурии исломӣ дар Тоҷикистон даъват менамуданд. Тибқи маълумоти Ҳ.Насриддинов ҳанӯз 2 феврали соли 1990 зимни ифтитоҳи масҷид дар деҳаи Арбобхотуни ноҳияи Ленин руҳониёни мусулмон барои дар Тоҷикистон барпо кардани ҷумҳурии исломӣ масъала пеш гузоштанд [21, 97]. Гузашта аз ин, ба ақидаи ӯ, 9 феврал дар яке аз деҳаҳои ноҳияи Ҳисор муллои ғайрирасмӣ Р. Қосимов дар масҷид аз хусуси омадани араманиҳои гуреза сухан ронда, мардумро ба митинги зидди арманиҳо дар санаи 11 феврали соли 1990 дар назди бинои КМ ҲКТ даъват намуд [21, с.97].

Масъалаи гурезаҳои арманӣ асосан рӯзи 25 январи соли 1990 дар ҷамъомади созмони «Растохез» дар экспедитсияи гидрогеологиву мелиоративии Вазорати хоҷагии оби ҶШС Тоҷикистон ба миён омада буд, ки сардори он, узви «Растохез» А. Абдуллоев ва раиси созмон Н. Мӯсоев аз омадани ду – се ҳазор арманҳои гуреза ва ба онҳо дастрас кардани манзил аз ҷониби роҳбарони ҷумҳурӣ хабар дода, мардумро ба гирдиҳамоӣ даъват намуданд. Комиссияе, ки аз ҷониби Шӯрои Олӣ оид ба гурезаҳои араманӣ таъсис ёфта буд, муайян намуд, ки рӯзҳои 12-16 феврал аз фурудгоҳи Душанбе ҳамагӣ 1390 арманӣ, аз ҷумла 1227 нафар ба Ереван ва 163 нафар ба шаҳрҳои дигари Иттифоқ парвоз кардаанд. Чанд нафари дигари онҳо ба воситаи автомобил ва поездҳо аз ҷумҳурӣ фирор намуданд, маълум нест [3, с.3]. Бо вуҷуди ин, дар натиҷаи тафтишоти комиссия маълум гардид, ки аз шумораи умумии арманҳои аз Тоҷикистон фироркарда, танҳо 776 нафарашон сокинони ҷумҳурӣ набуданд. Инчунин, воқеаҳои февралӣ ба ҳиҷрат намудани миллатҳои ғайри тоҷик сабаб шуданд. Тавре аз суҳбати собиқ Президенти ҷумҳурӣ Қ. Маҳкамов бо мухбири «Московские новости» дар санаи 23 декабри соли 1990 бармеояд, дар давоми семоҳаи аввали соли 1990 зиёда аз 65 ҳазор русзабонон аз Тоҷикистон фирор намуданд [14].

Ҳамин тариқ, гирдиҳамоиҳои феврали соли 1990 аз ҷониби созмони мардумии «Растохез» ва Ҳизби наҳзати ислом бо мақсади амалӣ намудани нақшаҳои худ ва беобрӯ кардани Ҳизби коммунист анҷом дода шуда, баҳри сар задании ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (5 майи соли 1992 – 27 июни соли 1997) замина гузоштанд.

Умуман, воқеаҳои феврали соли 1990, ба назари мо рӯйдоди нангине маҳсуб меёбанд, ки бо мақсади намоиши нерӯ аз ҷониби ҷабҳаи бо ном «демократӣ» матраҳ шуда буданд. Ин нерӯҳои бо ном «демократӣ» бо назардошти ҳадафҳои сиёсии хеш воқеаҳои февралиро тарҳрезӣ намуда, мақсади касби обрую нуфуз дар ҷомеа, ғалаба дар интихоботи навбатии депутатҳои Шӯрои олии Тоҷикистон ва билохира, ба даст даровардани ҳокимияти сиёсиро доштанд.

АДАБИЁТ

1. Абулҳаев Р. Аз таърихи фироиёни Тоҷикистон дар солҳои 20-90-уми асри XX / Р.Абулҳаев. - Душанбе, 2018. - С.123.
2. Бунёди давлатдории навин. – М., 2002.
3. Газ. «Согдиана», №3 (3)спецвыпуск, 1990, октябр. С.-3
4. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 906 с.
5. Из история развития демократического движения в Таджикистане // [Электроный ресурс]. – www.ca-c.org/journal/09-1997/st_16_niezov.Shtml (дата обращения: 08.08.2018).
6. История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С. 438-488.
7. Каримов Б.Б. Қурбонии дузахма / Б.Б. Каримов. – Душанбе: Ориёно, 1992.
8. Каримов Б.Б. Дар гирдоби зиндагӣ. Ёддошт, мақолаҳо, мусоҳибаҳо / Б.Б. Каримов. – М.: ТОО «Можайск – Терра», 1995.- 192 с.; Каримов Б.Б. Фарёди солҳо / Б.Б. Каримов. – М.: Трансдорнаука, 1997, – 1104 с.
9. Кенҷаев С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 2 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1994. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 3 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1995. – 512 с.
10. Кенҷаев С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.
11. Кобилова С. Мифы о «застое» и «всеобщей нищете» / С. Кобилова. – Худжанд, 2007. – 27с.; Кобилова С. Февральские события 1990 г. в Таджикистане / С. Кобилова. – Худжанд: Ношир, 2007. – 96с.
12. Кобилова С. Февральские события 1990 г. в Таджикистане / С. Кобилова. – Худжанд: Ношир, 2007. – 96с.
13. Коммунист Таджикистан, 15 марти соли 1990
14. Коммунист Таджикистана, 1990, 26 декабр.
15. Мамадазимов А. Новый Таджикистан: вопросы становления суверенитета / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 1996.-180с.; Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 2000. – 360с.
16. Масов Р. Пазорная страница в нашей истории // Актуальные прблемы историографии и истории таджикского народа. – Душанбе, 2005. – С. 185-192.
17. Набиева Р., Зикриёев Ф., Зикриёева М. Таърихи халқи тоҷик. Душанбе, «Собириён» -2010 .С.-192
18. Назаршоев Н.М. Военная история Таджикистана / Н.М. Назаршоев – Душанбе: Матбуот, 2002.
19. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Монография / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.1.-337 с.
20. Народная газета, 5 февралисоли 2003.
21. Насриддинов Х. Таркиш / Х. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – 304 с.
22. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.
23. Паёми Душанбе. 1990, 16 феврал. Пленуми КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон.
24. Пирумшоев Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 112 с.
25. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллӣ. Ҷилди 1 / Э. Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002.
26. *Соҳибназаров А.* Субҳи ситоракуш. К.1 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Дониш, 1997. – 330 с.; *Соҳибназаров А.* Субҳи ситоракуш. К. 2 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Маҳмадҷон, 2000. – 310 с.
27. Таджикистан в огне / составители А. Руденко, А. Сорокин. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 288с.
28. Тоҷикистони советӣ, 1990, 19 феврал; 1990,21 феврал
29. Тоҷикистони советӣ. 1990, 15 феврал
30. Тоҷикистони Шӯравӣ, 1991, 2 июл
31. Тоҷикистони Шӯравӣ. 1991,15 январ
32. Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Монография / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.;Усмонов И. Соли Набиев / И. Усмонов. – Душанбе, 1995. – 114с.
33. Усмонов И. Татрихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Монография / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.
34. Хайдаров Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа. Монография / Г.Х. Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993; Хайдаров Г.Х. История таджикского народа: XX век. Учебник / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд, 2001. – 508 с.; Хайдаров Г.Х. Начальная поступь суверенного Таджикистана. Монография / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд: Нури маърифат, 2006. – 348 с.
35. Холиқзода А. Таърихи сиёсии тоҷикон / А. Холиқзода. – Душанбе, 1994; Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А. Холиқзода. – Душанбе, 1997. - 182с.
36. Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Руссия то истиқлол / А. Холиқзода. – Душанбе, 1997. - 182с.
37. Шокиров Б. Пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Тоҷикистон ва фаъолияти онҳо (солҳои 1989-1992) / Б. Шокиров, А.Маҳмадкаримов. -Душанбе, 1994.

ФЕВРАЛЬСКИЕ СОБЫТИЯ 1990 ГОДА – ПРЕПОСЫЛОК ГРАЖДАНСКОЙ ВОЙНЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье анализируются вопросы изучения одной из важнейших политических вопросов 90-х годов XX века - февральские события 1990 года в исследованиях отечественных и зарубежных исследователей, впоследствии которой произошли массовые беспорядки, погромы, разбои и другие незаконные действия со стороны криминальных групп, тысячи русскоязычного населения республики, в основном квалифицированные специалисты покинули страну. Автор особое внимание уделяет предпосылкам, основным причинам возникновения февральских событий 1990 года в Таджикистане, социально-экономическим и внешним факторам, последствиям и аморальным поступкам. Кроме того, в статье автор придает важное значение также роли организаторов, сценаристов этих позорных событий, которые по разному оценыватись и освещались в исследованиях отечественных и

зарубежных исследователей.

Ключевые слова: *февральские события, позорные событие, причины февральские события, социально-экономические факторы, внешние факторы, фундаментальное исследование, отечественные исследователи, зарубежные исследователи, мемуарная литература, последствия февральские событие.*

FEBRUARY EVENTS OF 1990 - PRECONDITIONS FOR THE CIVIL WAR IN TAJIKISTAN

The article analyzes one of the most important political issues of the 1990s - the February events of 1990 in Tajikistan in the researchs of domestic and foreign researchers, which subsequently occurred riots, ***pogroms,*** *robberies and other illegal actions by criminal groups, thousands of Russian-speaking population of the republic, mostly qualified professionals left the country. The author pays a special attention to the background, the main causes of the February 1990 events in Tajikistan, socio-economic and external factors, consequences and immoral acts. In addition, the author attaches importance in the article to the role of organizers, screenwriters of these shameful events, which were variously assessed and covered in studies of domestic and foreign researchers.*

Keywords: *February event, shameful event, causes of February event, socio-economic factors, external factors, fundamental research, domestic researchers, foreign researchers, memoir literature, consequences of the February event.*

Сведения об авторах:

Мирзоев Дж.А. *- ст. научный сотрудник отдела новейшей истории Института истории, археологии и этнографии имени А.Дониша НАНТ. Тел: (+992) 918147049; E-mail: mirzoev-dzhurabek@mail.ru.*

Таваров Ф.Ф. – *ассистент кафедры «Государственный управления и всеобщей истории» Дангараского государственного университета Тел: (+992) 900313931.*

About the authors:

Mirzoev JA *- Art. Researcher of the Department of Contemporary History of the Institute of History, Archeology and Ethnography named after A. Donish National Academy of Science Phone: 918147049; E-mail: mirzoev-dzhurabek@mail.ru.*

Tavarov F.F. *- Assistant of the Department of Public Administration and General History of DSU. Phone: (+992) 900313931.*

УДК: 631.4(092)(575.3)

ЗАСЛУГИ ЛЮБОВЬ ПЕТРОВНЫ БЕЛЯКОВОЙ В ИССЛЕДОВАНИИ БИОЛОГИИ ПОЧВ ТАДЖИКИСТАНА

Сайфулоев Н.Н.
Института истории, археологии и этнографии имени А. Дониша НАН РТ
Абдуназаров С.Х.
Бохтарский государственный университет им Н. Хусрава

Подъём сельского хозяйства является всенародным делом. Состояние дел в этой жизненно важной отрасли народного хозяйства во многом определяет экономику страны. Без развития сельскохозяйственного производства не может существовать, в современных условиях, ни одна страна.[8]

До Великой Октябрьской социалистической революции сельское хозяйство на территории современного Таджикистана носила потребительский характер. Товарная продукция (хлопок, сухофрукты) в незначительной степени производилась лишь в некоторых районах сегодняшнего Таджикистана. [5]

После октябрьской социалистической революции, в 1924 году с созданием Таджикской автономной республики, изменилась политическое и социально-экономическое положение страны. С этого года началась проводиться земельно-водная реформа, коллективизация народного хозяйства, строились колхозы и совхозы. На начальных этапах организовывать сельское хозяйство было очень нелегко, так как механизация сельского хозяйства была еще очень отсталой. Требовались огромные усилия, чтобы перестроить сельское хозяйство по социалистической основе. [7] Новое правительство уделяло большое внимание ускоренному развитию сельского хозяйства и его последовательной интенсификации. Одним из важнейших направлений интенсификации сельскохозяйственного производства является мелиорация почв и поднятие их плодородности. Сегодняшний денӣ этим занимается институт «Почвоведения» Таджикский академии селӣскохозяйствеенчҳ наук.

Почвоведение как наука в Таджикистане начала развиваться лишь в годы Советской власти. 2 ноября 1929 г. правительство республики приняло постановление о проведении в пятилетний срок почвенных

исследований. Для решения этой задачи был привлечен коллектив почвоведов и ботаников Института почвоведения САГУ под руководством А.Н. Розанова, М.В. Культиасова и Н.А. Дпмо. Обследованием охватывались земли, в основном орошаемые и перспективные под орошаемое земледелие, в Гиссарской. Вахшской, Кафирниганской долинах, Ленинабадской области, а также Бешкентской, Кулябо-Пархарской, Яваенской и Дангаринской долин. Обобщая материалы почвенных исследований в 1929—1933 гг., М.А. Панков публиковал в 1935 г. монографическую работу «Почвы Таджикистана». В ней впервые были изложены вопросы классификации, вертикальной поясности, а также некоторых химических и физических свойств почв республики. [6]

Задачи дальнейшего развития земледелия в Таджикистане требовали научного подхода к решению вопросов освоения новых земель, улучшения мелиоративного состояния и повышения плодородия почв. В 1936 г. в Курган-Тюбе была создана Вахшская почвенно-мелиоративная станция Таджикского филиала АН СССР. Коллектив её сотрудников под руководством академика АН Таджикской ССР И.Н. Антипова-Каратаева в течение многих лет исследовали почвы Вахшской долины, разработав ценные научные и практические предложения по мелиорации засоленных и заболоченных земель, повышению их плодородия, применению удобрений и режиму орошения. По заданию Вахшской почвенно-мелиоративной станции в 1946 г. А.Н. Розанов составил почвенную карту Таджикистана и опубликовал работу «Почвенные ресурсы Таджикистана», в которой приведены вертикальная поясность почв и земельные ресурсы почвенно-климатических зон республики. Сотрудниками станции с 1947 г. по 1950 г. исследовались почвы долин Южного Таджикистана, что имело важное практическое и научное значение.[7] Полустационарные наблюдения за динамикой процессов почвообразования в почвах сероземного пояса были организованы О.А. Грабовской и П.А. Керзумом. Позднее подобными исследованиями были охвачены горные и высокогорные почвы Таджикистана. Это позволило определить сезонную динамику процессов почвообразования: особенности разложения минеральной части почвы и миграции продуктов почвообразования, поступление органического вещества в почву и характер его разложения. Почвы Памира обследовал В.Н. Иванов, опубликовавший в 1949 г. работу «Почвенные условия Памира и пути развития земледелия».

С организацией Института почвоведения, мелиорации и ирригации АН Таджикской ССР (1951 г.) почвенные исследования получили еще более широкое развитие. Под руководством акад. И.Н. Антипова-Каратаева, О.А. Грабовской, П.А. Керзума была составлена новая классификация почв Таджикистана, проведены почвенно-географические и почвенно-эрозионные обследования всей территории республики. На этой основе были составлены среднемасштабные почвенные карты и схематическая почвенно-эрозионная карта Таджикской ССР. В 1958 г. институтом были организованы крупномасштабные почвенные съемки орошаемых и богарных земель республики. В течение ряда лет (1958—1971 гг.) экспедицией крупномасштабного агропочвенного картирования проектного института «Таджпкгипрозем» обследовано 578 тыс. га орошаемых и 2213 тыс. га богарных земель и пастбищных угодий республики. В результате этих обследований почти все колхозы и совхозы Таджикистана получили ценные почвенные агрохимические, мелиоративные карты и картограммы, использование которых позволяет вести хозяйство на научной основе. [9]

Группой почвоведов проектного института «Таджикгипроводхоз» в 1953–1963 гг. были обследованы перспективные под орошаемое земледелие земельные массивы площадью около 350 тыс. га. Многие из этих массивов уже освоены. Особенно широко Таджикским научно-исследовательским институтом почвоведения были поставлены мелиоративные агрохимические, биолого-микробиологические, физико-механические, минералогические и эрозионно-мелиоративные исследования орошаемых и богарных земель республики. На основе многолетних исследований академик АН Таджикской ССР, А.Н. Максумова была разработана и внесена система агротехнических приемов обработки почв, позволяющая получать высокие и устойчивые урожаи богарных культур, разработаны схемы восьми, девяти и десятипольных севооборотов для богарного земледелия[10]. Определенный вклад в развитие почвенной науки занесли сотрудники кафедры агрохимии и почвоведения Таджикского сельскохозяйственного института и Таджикского научно-исследовательского института земледелия. Результаты многолетних исследований почвоведов республики обобщены в многотомных изданиях «Трудов Таджикского научно-исследовательского института почвоведения», в многочисленных статьях, брошюрах и монографиях.

Одним из важнейших направлений поднятия плодородности почв является развитие биологических, биохимических и микробиологических свойств почв. Изучение биологических, биохимических и микробиологических свойств почв в Таджикистане было начато непосредственно с освоением и мелиорацией почв Вахшской долины. Большая заслуга в решении этой проблемы принадлежит доктору сельскохозяйственных наук, заслуженному деятелю науки Таджикской ССР Л.П. Беляковой.

Белякова Любовь Петровна родилась 17 сентября 1889 года в Калининской области Российской Федерации. В 1904 году, после окончания семинария работала учительницей в Городе Тверь. Она была активной участницей социалистического революционного движения. В 1906 году из-за революционной

агитации была арестована царским правительством. После октябрьской социалистической революции работала в Центросоюзе Москвы. В 1921-1924 годы училась в Ленинградском сельскохозяйственном институте.

Творческая научная деятельность Любовь Петровны Беляковой началась с 1924 года после окончания Ленинградского сельскохозяйственного института под руководством К.Д. Глинка. Она вместе с другими учеными почвоведами в 1936 году, для организации научного почвенного исследования и подготовки местных кадров для освоения Вахшской долины, приезжает на постоянную работу в Таджикистан. Л.П. Белякова является одним из первых организаторов организации Вахшской почвенно-мелиоративной станции (ВПМС). С 1936 по 1950 год она работала при секторе повышения плодородия почв Вахшской почвенно-мелиоративной станции, а с 1951 по 1956 год при секторе повышения плодородия почв Института почвоведения, мелиорации и ирригации АН Таджикской ССР, руководила группой. С 1956 по 1961 год возглавляла данный сектор, затем отдел биологии почв научно-исследовательского института почвоведения при Министерстве сельского хозяйства (МСХ) Таджикской ССР. [2]

Много было сделано Беляковой, в исследовании биохимических, агрохимических и микробиологических свойств почв Таджикистана, а также поднятия их плодородности. В период работы в Вахшский долине во главе с Беляковой было определено, что староорошаемые почвы Вахшской долины бедны гумусом, и в результате слабой структурности их эффективность проявляется не полностью. Впервые Беляковой было выявлено, что одним из мощных средств окультирования почв является введение в севооборот посева смеси многолетних трав. [4]

В результате исследований Беляковой и академика И.Н. Антипова-Каратаева было определено и установлено, что в южных районах Таджикистана высокая температура при орошении значительно усиливает биологическую активность почв, в результате разложение органических веществ протекает более бурно. В целях замедления процессов их разложения была разработана глубокая запашка травяного пласта, навоза, зеленых удобрений и др. на дно борозды с оборотом его на 180^0 без выворачивания при последующих обработках запаханного слоя в поверхность (до следующей глубокой запашки нового пласта). Такая система обработки привела к созданию мощного гумусированного пахотного горизонта, в верхних слоях которого будут осуществляться в основном процессы минерализации органического вещества до элементов корневого питания, а в нижних слоях процессы гумусификации и структурообразования, медленно протекающие в условиях анаэробиозиса. Затем окультуренный нижний слой выворачивается на поверхность и обеспечивает в полной мере потребности заново подготовленного, путём подсева трав в растущий хлопчатник, травяного пласта. Под руководством Беляковой Л.П., в течение ряда лет были проведены различного рода исследования, начиная с хлорирования органического вещества, лизиметрических опытов и кончая многочисленными полевыми опытами. Был изготовлен трёхкорпусной двухъярусный плуг, обеспечивающий удовлетворительный оборот пласта с закладкой его на глубину 45 см. Результаты опытов, обоснованные биометрическими наблюдениями и урожайными данными биологических и микробиологических исследований, позволили разработать рациональную систему обработки почвы на орошаемых хлопковых полях. Предложено периодическое почвоуглубление: Перед посевом люцерны, при запашке пласта ее с полным оборотом, а так же при запашке сидеритов. [1] В результате значительно повысилась урожайность хлопчатника и плодородность почв. Эти методы широко применялись в сельскохозяйственных производствах.

Почвоведы во главе с Любовь Петровной, изучая процесс разложения навоза, запаханного на различную глубину, определили, что при одинаковом количестве внесенного навоза, процесс его разложения протекает наиболее бурно в орошаемых почвах Вахшской и Гиссарской долин. При отсутствии орошения, наибольшее разложение навоза отмечено в долинных сероземах, а наименьшее – в высокогорных почвах. Исходя из этих показаний, они разработали дифференцированный подход к способам запашки органического вещества на различных типах почв:

1) для предгорных и долинных богарных сероземных почв желательна запашка навоза с полным оборотом пласта на глубину 35-45 см в целях замедления процессов разложения и минерализации.

2) для горных коричневых почв, навоз целесообразно вносить равномерно по пахотному слою на глубине 20-25 см.

3) в высокогорных почвах с достаточным увлажнением, с целью улучшения лугов и пастбищ, навоз следует вносить поверхностно. [3]

Таким образом, в результате применении этих методов значительно повысились урожайность хлопчатника и плодородие почв. Благодаря плодотворной работе таких ученых почвоведов как Белякова. На сегодняшний день почвоведы нашей республики без труда могут определить и указать, в каких местах нашей республики применять соответствующий метод для поднятия плодородности почв и получить высокий урожай.

ЛИТЕРАТУРА

1. Акрамов Ю.А., Шахобова Б.Б. Исследования в области биологии почв. // Материалы научной конференции, посвященной 120-летию академика АН РТ И.Н. Антипова-Каратаева. / Ю.А. Акрамов, Б.Б. Шахобова – Душанбе, 2010
2. Акрамов Ю.А. исследования в области биологии почв Таджикистана за 40 лет. // Труды Таджикского научно-исследовательского института почвоведения. Т.18., / Ю.А. Акрамов - Душанбе, «Дониш». 1976
3. Антипов-Каратаев И.Н. и Белякова Л.П. О путях повышения плодородия орошаемых земель Таджикистана, / И.Н. Антипов-Каратаев и Л.П. Белякова - Изд. АН СССР.
4. Белякова Л.П., Пути повышения плодородия орошаемых почв Южного Таджикистана в условиях хлопково-люцернового севооборота. // Инст. Почвоведения, мелиорация и ирригации, / Л.П. Белякова - Изд. АН Таджикской ССР, 1957. – 24с.
5. Белякова Л.П. О хлопково-травопольных севооборотах в Вахшской долине. // Известия Тадж. Филиала АН СССР. 1941г.
6. Бланк Л.И., Шифрин М.С. Сельское хозяйство // Таджикская Советская Социалистическая Республика, / Л.П. Белякова, М.С. Шифрин Душанбе, 1984. – с. 202.
7. Винокуров Ф. Спасибо тебе «Вахшстрой». // Золотая долина. / Ф. Винокуров - Душанбе: Ирфон, 1984. – С.141-149
8. Иванова А.А. «Микробиологические процессы при различной глубине запашки травяного пласта»// Микробиологические исследования почв Таджикистана (1952-1957гг.)/ Антипов-Каратаев И.Н. и др. Труды Т.11 Институт Востоковедения.- Душанбе: изд. АН Тадж. ССР, 1952.-С.146-165
9. Касимов А., Хамраев М. – Развитие орошения земель Советского Таджикистана. / А. Касимов, М. Хамраев – Душанбе: Ирфон, 1985. – 192с.
10. Максумов А.Н. «Основные проблемы богарного земледелия Таджикистана», ч. I и II. / А.Н. Максумов Душанбе, 1964—1965 гг.
11. Хамраев М. – Деятельность коммунистической партии по развитию ирригации в Таджикистане. / М. Хамраев – /Душанбе; Дониш, 1972. – 330 с.

ЗАСЛУГИ ЛЮБОВЬ ПЕТРОВНЫ БЕЛЯКОВОЙ В ИССЛЕДОВАНИИ БИОЛОГИИ ПОЧВ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассматривается история развития одной из отраслей почвенной науки Таджикистана – биологические свойства почв. Автор на основе научной литературы и первоисточников показывает заслуги одной из выдающихся почвоведов – Л.П. Беляковой, которая вложила огромный материал в области биологических исследований почв Таджикистана. Также в статье приведена краткая биография ученого, ее места учёбы, выбор профессии, творческие деятельности, в том числе причины ее приезда в нашу республику и соединения своей судьбы с судьбой таджикского народа.

Рассматриваются исследования Л.П. Беляковой биологических свойств и определение состояния почв в территориях нашей страны, в том числе опыты, проведенные во главе с Л.П. Беляковой и по ее инициативе, для поднятия плодородия почв при помощи улучшения биологических свойств почв. К тому же указан разработанный дифференцированный подход к способам запашки органического вещества на различных типах почв нашей республики.

Ключевые слова: *биологические свойства почв, сельскохозяйственные науки, Вахшская долина, навоз, люцерна, запашка, посев, хлопчатник, удобрение, пахотный слой, азотабактерия, микробиологический процесс, микрофлора почва, гумификация, шабдар, агрохимическая.*

MERITS OF LYUBOV PETROVNA BELYAKOVA IN THE STUDY OF SOIL BIOLOGY IN TAJIKISTAN

The article examines the history of the development of one of the branches of soil science in Tajikistan - the biological properties of soils. The author, on the basis of scientific literature and primary sources, shows the merits of one of the outstanding soil scientists - L.P. Belyakova, who contributed a lot of material in the field of biological research of soils in Tajikistan. The article also contains a brief biography of the scientist, her place of study, choice of profession, creative activities, including the reasons for her arrival in our republic and the connection of her fate with the fate of the Tajik people.

The researches of L.P. Belyakova of biological properties and determination of the state of soils in the territories of our country, including experiments led by L.P. Belyakova and on her initiative, to raise soil fertility by improving the biological properties of soils. In addition, a developed differentiated approach to the methods of plowing organic matter on various types of soils of our republic is indicated.

Key words: *biological properties of soils, agricultural sciences, Vakhsh valley, manure, alfalfa, plowing, sowing, cotton, fertilizer, arable layer, nitrogen bacteria, microbiological process, soil microflora, humification, shabdar, agrochemical.*

Сведения об авторах:

Сайфулоев Нуритдин Назурлоевич *– кандидат исторических наук, заведующий отделом археологии Института истории, археологии и этнографии АН РТ. Адрес: 734025, Душанбе, ул.Рудаки 33. E-mail: sayfulloev.nuritdin@gmail.ru Тел: (+992) 935010587*

Абдуназаров Саидкул Хушбахтович *- Бохтарский государственный университет имени Н. Хусрава. Адрес:735140, Бохтар, ул. Айни 67. E-mail: khushbakhtovich@bk.ru Тел: (+992) 902010038.*

Information about authors:

Saifuloev Nuritdin Nazurloevich *- Candidate of Historical Sciences, Head of the Department of Archeology of the Institute of History, Archeology and Ethnography of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki St. 33. E-mail: sayfulloev.nuritdin@gmail.ru Tel: (+992) 935010587*

Abdunazarov Saidkul Khushbakhtovich *- Bokhtar State University named after N. Khusrav. Address: 735140, Bokhtar, st. Aini 67. E-mail: khushbakhtovich@bk.ru Tel: (+992) 902010038.*

ТРАДИЦИОННЫЙ КОСТЮМ ТАДЖИКОВ КАК ОТРАЖЕНИЕ НАРОДНОГО ТВОРЧЕСТВА И ЭТНОГЕНДЕРНЫХ ОТНОШЕНИЙ

Саидова Б.Х.

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Уникальность культуры любого народа, в том числе и таджикского, является важной составляющей его этничности. Образно говоря «каждая культура выступает в одежде своего народа, которая является неким паспортом для человека, указывающим на его классовую, половую принадлежность, социальный статус и общественную значимость[1, с.120].

Вестиментарная (*vestimentum - лат., одежда*) культура, зародилась примерно 80 тыс. лет назад. Ее первоначальными функциями стали прежде сакральная, коммуникативная, информационная, а также защитная и эстетическая функции, что позволяло наделять ее особой энергетикой. В дальнейшем более ясно стали выражаться в ней возрастной, половой и гендерный факторы. Более того в современных условиях костюм и его элементы стали менять свои кодовые значения и обретать новые, не свойственные тем или иным его составным частям функции[2, с.21].

Система этногендерной культуры включает в себя гендерные стереотипы, гендерные роли, гендерные контракты, гендерную ассиметрию. Гендерный подход позволяет рассмотреть развитие моды в системе параметров трансляции тенденций моды, основными критериями которой традиционно считаются силуэт (конструкция), фактура (материал) и декор. В их развитии большую роль играют стереотипы различий «мужского» и «женского» в культуре. Это связано с пониманием костюма как текста и его образно-ассоциативного языка[3, с.99].

Проблема гендерного баланса в стране находится в центре внимания Президента Республики Таджикистана Эмомали Рахмона и правительства страны. Например, в одном из многочисленных нормативно-правовых документов в области гендера Закон Республики Таджикистан «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации»[4, с.129], который был принят Маджлиси намояндагон страны 15 декабря 2004 года и одобрен Маджлиси милли 11 февраля 2005 года, используются следующие основные понятия:

- гендер, гендерный - социальные отношения между мужчинами и женщинами, которые проявляются во всех сферах общественной жизни, включая права, идеологию и культуру;
- гендерная политика - государственная, общественная деятельность, направленная на обеспечение равенства во взаимоотношениях между мужчинами и женщинами;»

Различие между костюмом и одеждой основано на выполняемых ими функциях. Одежда используется в качестве бытовой, утилитарной вещи. Символическую, знаковую функцию выполняет костюм, отражая его социальный статус, политический рейтинг, религиозные верования эстетический вкус и т.п. П.Г. Богатырев отмечает, что народный

костюм «подлежит цензуре коллектива», в то время как городская одежда - коллективной. В больших городах особенно ярко это проявляется в дресс-коде, принятом в крупных компаниях, то в провинции активно действует та самая «коллективная цензура»[5, с.299].

В конце XIX- начале XXвеков ситуация изменилась прежде всего в городской среде, что было связано с приобретением покупных вещей, которые вначале рассматривалась, как греховные, но ценились дороже, чем ручные изделия. К 1920–1930-м годам традиционная одежда в советском обществе становится маркером прошлого, олицетворяя собой отсталость, а городская одежда - принадлежностью передовой части социума.

В настоящее время во многих регионах мира народный костюм ушел из повседневного быта и утратил свою утилитарную функцию. Традиционная одежда обрела дополнительную роль, которой у нее никогда не было,– она стала знаком памяти, который активно использует интеллигенцией как «оппозиция массовой одежде». Таким образом народный костюм и составляющие его элементы становятся маркерами «народности», этнической самоидентификации, что активно используется

современными модельерами, в рекламных акциях, сувенирной продукции, а также при проведении различных праздничных мероприятий(ритуалов, обрядов)[6, с.270-291].

Традиционный костюм таджиков в древности, средневековье имел единую типологию и главные свои составные элементы. Ныне он сохраняет многие черты исторических традиций, развиваясь под влиянием инноваций общемировой моды. Ее тип практически остается неизменным, но эволюция формы значительна и зависит от новых видов используемых тканей, технологий, ведущих тенденций в мировой моде.

Продвижение моды превратилось в трансглобальный бизнес, приносящий для конкретного народа знаки высокого культурного уважения. В геополитическом плане создание индустрии моды и проведение показа народного костюма - отличная стратегия для национального брендинга,обеспечение того, чтобы страна стала рассматриваться на мировой арене как модная, хорошо интегрированная в свободный рынок, разделяющая схожие ценности в потребительской культуре и (образе жизни). В этом случае любое мероприятие пройдет успешно, так как модный имидж страны будет распространяться по всему миру, и сборы, взимаемые фотографической и медиаиндустрией только за него, будут генерировать значительный доход, который будет увеличиваться из года в год с повторением подобных акций. [7]

Надо отметить, что мощным пропагандистом традиционной моды остается и само население Таджикистана. Многочисленные показы моделей проходят в различных уголках страны, устраиваемые местными хукуматами (администрацией). Молодые девушки в различных регионах страны, в которых они проживают (Хатлон, Бадахшан, и Согд), также причастны к трансформации народного костюма. Они сами создают вариации национального костюма под влиянием информации из Интернета, зарубежных образцов.

При этом перед обществом стоит острая проблема изменения традиционной одежды таджиков под значительным давлением иностранных образцов определенных стран ислама, где гендерная идентификация имеет этноспецифический характер и получила утрирующий характер, направленный на сокращение свободы и прав женщин. Эта ситуация активно обсуждается в Таджикистане на различных уровнях. Так, Президент страны Лидер нации Эмомали Рахмон много раз обращался с призывом к населению бережно относится к традициям этнокультуры таджиков, сохранить их для будущих поколений.

В свете решений Президента страны стали проводиться фестивали, имеющие гендерный аспект : Ода косе *Чакомаи гису,* и Таджикский атлас *Атласи тоджик , Либоси милли, Чилваи хусн* 2016г., *Атласу адрас* 2021г. с демонстрацией моделей одежды и др. Всего в настоящее время в Таджикистане отмечаются 64 праздника.

В культурогенезе любого народа, в том числе и таджикского, бытовая культура имеет важную значимость, т.к. представляет собой отражение определенных исторических и социокультурных факторов. В системе ее материальных ресурсов особое место занимает одежда. Разнообразные процессы и явления жизни современного социума значительно влияют на

внешний облик любого индивида, его одежду, что позволило испанскому философу Х. Ортега-и Гассет назвать последнюю «своеобразной философией в гардеробе человека».[8, с.58]

В Республике Таджикистан до настоящего времени сохраняется интерес к традиционной национальной одежде, и именно женский костюм выступает в роли этнического, этногендерного, религиозного, регионального фактора в его этнокультуре. По сути, он выражает собой национальную идентичность, сохраняет в себе своеобразие народных ремесел таджиков, гендерный баланс. Поэтому справедливо утверждение о том, что «...если бы исчезло все и остался только женский костюм, то по нему можно было бы восстановить до известной степени эстетическую культуру прошедших эпох»[9, с.100].

Происходящие в настоящее время процессы глобализации и унификации национальных культур нивелируют этноспецифические традиции, в том числе значимость национального костюма таджикского народа. Перед народными мастерами, современными дизайнерами,а также отечественными учеными светского государства Таджикистан стоит проблема противодействия влияниям фундаментализма из-за рубежа. Она не может быть решена без исследования этногендерных изменений в стране. Ведь костюм как визуальная система традиционно является предметом изучения в системе гендерного знания, позволяя выявлять особенности развития самого костюма и отношения «мужского» и «женского» в культуре[10].

Мировое признание духовной культуры иранских народов, в том числе и таджиков, сыграло важную роль в процессе формирования национальной и культурной самоидентификации народа. Однако наблюдавшиеся отклонения от традиций, излишняя пышность при проведении отдельных увеселений и ритуальных действий вызвали необходимость обнародования Указа Президента «О народных обычаях, обрядах, ритуалах в Республике Таджикистан», организацию Комиссии по национальным традициям и обрядам и принятия правительством страны Закона «Об упорядочивании традиций, торжеств и обрядов

в Республике Таджикистан», который призван был регулировать статус социальной культуры таджиков согласно ее функциональности и истинным народным ценностям.

В процессе изысканий в области этнознаковых функций одежды таджикского народа в XXвеке установлено, что национальная одежда Таджикистана имела свои особенности в каждом из этнокультурных регионов, но обладала и общими чертами, что позволило ей адаптироваться к новым требованиям советской эпохи. По сути, в 1 половине XX века впервые проводилась столь серьезная модернизации традиционной одежды , которая до этого периода в каждом регионе была по своим этноспецифическим признакам уникальна и своеобразна. Посредством глобальных средств массовой информации (пресса, радио, фотография, плакат, кино, театр, изобразительное искусство) стало возможным повлиять на развитие нового вида современного костюма и популяризацию его среди широких масс населения. При этом традиционная одежда осталась символом этнокультуры таджикского народа.

ЛИТЕРАТУРА

1. Курманбаева Л.Т. Этнознаковые функции одежды казахского народа: http://rusnauka.com/16_NTP_2008/Philosophia/33835.doc.htm; Гаген-Торн Н.И. К методике изучения одежды в этнографии СССР // Л.Т. Курманбаева Советская этнография. 1933. No 3–4. С. 120.
2. Герасимова Ю.Л., Кирилова О.А. Гендер и аспекты идентичности в в костюме различнчх эпох и народов.// Омский научный вестник. Серия «Общество. История. Современность». № 3, 2018.-С.21.
3. М.В. Яковлева Гендерный подход в исследовании современной моды Вестник СПбГУКИ № 1 (34) март · 2018._С 99.
4. Закон Республики Таджикистан «О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации». // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2005 год, №3, -129с.
5. Богатырев П.Г. Функции национального костюма в Моравской Словакии / Вопросы теории народного искусства. / П.Г. Богатырев М., 1971. - С. 299
6. *Подробно см.* Добровольская В.Е. Народный кост
7. Ортега-и-Гассет Х. Восстание масс. // Избранные труды. — М.: Весь мир, 2000. -С.85. Наука, Сибирское отделение, 1997.-С. 58.
8. Традиционное мировоззрение тюрков Южной Сибири. Человек. Общество. – Новосибирск: Яковлева Гендерный подход. - С.100.
9. Указ Президента Республики Таджикистан «О народных обычаях, обрядах, ритуалах в Республике Таджикистан» от 9 июлz 1999г., № 1247; Постановление правительства Республики Таджикистан республиканской комиссии по национальным традициям и обрядам» от 27 ноября 1999 г., № 474; Закон «Об упорядочивании традиций, торжеств и обрядов в Республике Таджикистан» (от 8 июня 2007г., №272, с учетом измнений, внесенных 16 июня 2008г., № 390).

ТРАДИЦИОННЫЙ КОСТЮМ ТАДЖИКОВ КАК ОТРАЖЕНИЕ НАРОДНОГО ТВОРЧЕСТВА И ЭТНОГЕНДЕРНЫХ ОТНОШЕНИЙ

Традиционный костюм таджиков в древности, средневековье имел единую типологию и главные свои составные элементы. Ныне он сохраняет многие черты исторических традиций, развиваясь под влиянием инноваций общемировой моды. Ее тип практически остается неизменным, но эволюция формы значительна и зависит от новых видов используемых тканей, технологий, ведущих тенденций в мировой моде.

Ключевые слова: *таджики, народный костюм, гендер, традиция, инновация, мода, история, глобализация, трансформация.*

TRADITIONAL SUIT OF THE TAJIKS AS A REFLECTION OF FOLK CREATIVITY AND ETHNOGENDER RELATIONS

The traditional costume of Tajiks in antiquity, the Middle Ages had a single typology and its main constituent elements. Nowadays, it retains many features of historical traditions, developing under the influence of global fashion innovations. Its type remains practically unchanged, but the evolution of the form is significant and depends on new types of used fabrics, technologies, leading trends in world fashion.

Key words: *Tajiks, folk costume, gender, tradition, innovation, fashion, history, globalization, transformation*

Сведение об авторе:

Саидова Бибираджаб Хайдаровна *- старший преподаватель кафедры технологии, планирования и дизайна факультета технологии и предпринимательства Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: (+992) 888801641*

About the author:

Saidova Bibirajab Haidarovna *– a senior teacher in the Department of Technology, Planning and Design, Faculty of Technology and Entrepreneurship, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, tel: (+992) 888801641*

ИНЪИКОСИ ОМОДА ВА ЭЪЛОНИ ЛОИҲАИ ИСЛОҲОТ АЗ ТАРАФИ АМИРИ БУХОРО ДАР АСАРИ С.АЙНӢ - «ТАЪРИХИ ИНҚИЛОБИ ФИКРӢ ДАР БУХОРО»

Ҳамидова М.М.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

Садриддин Айнӣ, ҳамчун таърихнигор дар осораш нақшу мақоми тоҷиконро дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ мавриди омӯзиши қарор додааст, ки онҳо ҳамчун маъхаз дар замони муосир хизмат мекунанд. Дар баробари он, дар осораш дар бораи таърих, забон, адабу фарҳанги оламшумули тоҷик маълумоти муффасал додааст.

Маҳз, дар заминаи омӯзиши эҷодкоронаи Садриддин Айнӣ сарватҳои маънавии гузаштаи тоҷикон арзи ҳастӣ карда, бо дастовардҳои илму фарҳанги замонаш рушду такомул ёфтаанд. Дар таърихнигории муосири ватанӣ омӯзиши асарҳояш бо диди нав аз ҳар ҷиҳат арзишманд буда, неруҳои ақлонию зеҳниро такон медиҳанд ва ба рушди минбаъдаи таъриху адабу фарҳанги тоҷик мусоидат менамоянд.

Аз ин лиҳоз, Устод Айнӣ бо осори гаронбаҳояш дар ҳақиқат, ҳамдаму ҳамқадами имрӯзу ояндаи миллати тоҷик мебошад. Дар асари мавриди назар як қатор муаммоҳои муҳимми таърихнигории Садриддин Айнӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки оид ба таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва аввали XX дорои маводи нодиру тоза маҳсуб меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки ӯ бо таълифи «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» (1918) ба таҳқиқи таърихи халқи тоҷик дар охири асри XIX ва аввали XX асос гузошта, минбаъд бо эҷоди осори пурбаҳои илмиаш дар инкишофи маъхазшиносӣ хизмати босазое кардааст. Тазкира, монография, рисола, мақола, мактубот, гузоришу кайдҳои ҷудогонаи С. Айнӣ, ки маҳсули фаъолияти гуногунҷабҳаи ӯ мебошанд, дар таърихнигории тоҷик мақоми бузург доранд.

Бояд тазаккур дод, ки инқилоби февралии Русия (1917) ба аморати Бухоро таъсир расонида, ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти халқи онро фаро гирифт. Ҳукумати подшоҳии Русия барои ҳукумати амирии Бухоро пушту паноҳи асосӣ ба ҳисоб мерафт.

Аз ин лиҳоз, амир Олимхон тамоми чораҳоро меандешид, ки дар сарзамини аморат низ шӯришҳои халқӣ роҳ надиҳанд. Ӯ дар ин амалиёт бо кормандони агентии сиёсии Русия (дар Бухоро мавҷуд буд) якҷоя амал мекард, ки дар ин бора Айнӣ дар асар навиштааст: «Аркони элчихонае, ки он вақт иборат аз Миллер, Шулка ва Введенский буданд ва аз маъмурони намоёни ҳукумати мустабиддаи Рус ба шумор мерафтанд, низ аз ин Инқилоб саросема шуда буданд, худро гум карда, поро аз сар намешинохт; метарсид, ки фирқаи аҳрор ва аскари Русия мабодо табдили асоси ҳукумати Бухороро хоҳанд ва [амир ва ёронашро низ] мисли Николай ва атбоаш аз беху бунёд бардам зананд. Бинобар ин, ба ҳар ранге, ки мумкин бошад, ҳифзи ҳукумати ҳозираро мекарданд». [1]

Садриддин Айнӣ ҳамин фикрашро дар китобаш -«Таърихи инқилоби Бухоро» бори дигар таквият дода, чунин шарҳ медиҳад, ки пас аз инқилоби феврал элчихонаи рус ва ҳукумати Бухоро барои муҳофизати мавқеи худ як дараҷа ба ислоҳот розӣ шуда буданд.Баъд аз як моҳ намояндагони муваққатӣ ба Бухоро ва маъмурони элчихона маълум мешавад, лекин дар доираи вазирон камтар тағйирот рӯй медиҳаду халос. «Масалан, Клим – яке аз роҳбарони шуъбаи осиёмиёнагии вазорати хориҷии Ҳукумати подшоҳии Россия ва руфақояш менишастанд. Ин ҷанобон ба ҳукумати Бухоро ва ба элчихона кайҳо боз шинос буда, забони ҳамдигарро нағз мефаҳмиданд.» [2]

Ба фаъолияти ҷавонбухороиён низ инқилоби буржуазию демократии февралии Русия бетаъсир намонд. Таърихнигори барҷаста – Намоз Ҳотамов дар ин бобат қайд кардааст: «Онҳо, ки дар натиҷаи таъқиби ҳукуматдорони аморат ба таври пинҳонӣ амал мекарданд, аз мағлубияти пушту паноҳи амири Бухоро, подшоҳ Николаи II рӯҳбаланд гардида, дар роҳи ислоҳот нисбатан ҷиддитар амал карданд. Ҷамъияти махфиашон («Тарбияи атвол» - Ҳ.М.), ки дар дохили шаҳри Бухорои Кӯҳна фаъолият дошт, дар гӯшаҳои шаҳр низ шӯъбаҳои худро кушод. Сафи ҷавонбухороиён махсусан аз ҳисоби талабагони мадрасаҳои шаҳр рӯз аз рӯз меафзуд.»[3]. Онҳо дар шароити нав талаботи ислоҳоти мактабу мадрасаҳо ва усули дарсдиҳиро дуюминдараҷа ҳисобида, дар мадди аввал ислоҳоти ҳукумати амирии Бухороро гузоштанд. Ҷавонбухороиён дар ин роҳ ба кӯмаки Ҳукумати Муваққатии Русия умед доштанд. Вале на ҳамаи намояндагони Ҳукумати Муваққатии Русия тарафдори ислоҳи тартиботи амирии Бухоро буданд. Аз ҷумла, вазири адлияи ҳамонвақтаи он ҳукумат А.Ф. Керенский (ходими ҳизби трудовикҳо ва баъд эсерӣ, аз 8 июл то 26 октябри он сол сарвари Ҳукумати Муваққатӣ) дар мавқеи ба Русия ҳамроҳ намудани аморати Бухоро будааст.» [4]

Дар ин бора Айнӣ дар «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» чунин қайд намудааст: «Чунончи дар боло баён ёфт, тараққипарварони Бухоро аз Инқилоби Кабири Русия хеле умедвор буданд. Авоили ҳаракоти элчихона ва ҳукумати Бухоро дар умеди эшон афзуда буд. Рузе, ки масъалаи ислоҳоти Бухоро баромад, орзуи ягонаи тараққипарварон як алам (байрақ) бардошта, намоиши шодиёна кардан буд. Барои алам ҳозирӣ дида, ҳамаи ҳимматашон дар чӣ гуна гузаронидани рӯзи намоиш масруф буд. Касоне ки аз аҳволи руҳияи мардуми Бухоро хабар доштанд, дар манъи ин қиём ҳаракат кушиш мекарданд.

Чунончи Фазлиддин Махдум, ки яке аз муассисони ширкати «Баракат» аст, дар масъалаи байрақ ихтилоф карда, аз фирқаи тараққипарварон эъроз кард, Мирзо Абдулвоҳид ва Абдуррауфи Фитрат дар байрақ набардоштан ва намоиш нокардан ваъда дода, Фазлиддин Махдумро боз дар байни худ кашиданд. Чун масъалаи ислоҳот шиддат пайдо кардан гирифт, масъалаи байрақ низ дар байни мардум шӯҳрат ёфт. Вақте ки ба харакати ислоҳотпарварии ҳукумат сустӣ пайдо шуд, аксулҳаракатхоҳон ҳамин байрақбардориро аломати ҳаракати худ қарор доданд: «Агар тараққипарварон ба муносибати фармони амир байрақ бардоранд, то як қатра хун дорем, ба муқобилати эшон мерезем». Азбаски тараққипарварон аз фақир (Айнӣ) қатъи алоқа карда буданд ва таҳияҳои худро махфӣ медоштанд, ба эшон маслиҳат нишон доданро муносиб намедидам.» [5]

Бинобар ҷавонбухороиён, ҳамчун қувваи ягонаи оппозитсионӣ аз амир ислоҳот талаб мекарданд ва Ҳукумати Муваққатии Русия ҳам ин гуна ислоҳотро хоҳиш мекард аз ҷониби ҳукумати Бухоро масъалаи ислоҳот дастгирӣ меёфт. «Хусусан дар ин бора бо вазорати хориҷаи Рус чанд телегроф радду бадал шуда буд ва аз ҷамъиёти мусулмонони Русия ҳарруза телегрофи табрику ташвиқ, ба ислоҳот ба ҷаноби олӣ мерасид. Амир низ ба ҳамин тарз ҷавоб медод. Ҷаридаҳои русиву мусулмонӣ масъалаи ислоҳоти Бухороро васила карда, маколаҳо менавиштанд, роҳҳо нишон медоданд ва ташвиқот мекарданд. Бинобар ин лозим буд, ки лоақал ҳукумати Бухоро дар ин боб як фармон бароварда ба феъл овардани мундариҷоти фармонро ба раъйи аксарӣ ҳавола кунад (ин нукта аз матни фармон ба хубӣ маълум мешуд). Ҳар гоҳ, ки кор ба раъйи аксарӣ ҳавола шавад, осон мегардад; зеро раъйи аксарӣ ва савияи маълумоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии эшон маълум аст». [6]

Оид ба ислоҳоти мазкур Айнӣ иброз доштааст: дар санаи 1329 ҳиҷрӣ бо Абдуссамадхоҷаи Судур вақте ки дар Чорҷуй козӣ буд, мусоҳибатам иттифоқ афтода буд. Дар аснои сӯҳбат сухан аз ислоҳоти Бухоро ва аҳволи аҳолӣ ба миён рафт. Фақир гуфтам: «Гумон мекунам,ки ислоҳоти Бухоро, то аҳди риёсати ҷаноби шумо мавқуф аст. Ҳар гоҳ, ки ҷаноби шумо дар Бухоро раис шудед, иншоаллоҳ Бухоро ислоҳ меёбад». Абдуссамадхоҷа дар ҷавоб гуфт: «Шумо муқаррар донед, ки ҳар гоҳ ҷаноби олӣ маро дар Бухоро раис кунанд, уламо дар 15 рӯз маро зада пеш хоҳанд кард». Вакте ки Абдуссамадхоҷа ба Бухоро раис - шуд, фақир барои табрику таҳният як бор ба ҳузураш рафтам. Пас аз он, ба сабаби баъзе мулоҳизот тарки рафтуомад кардам. Вақте ки дар нияти ҳукумат табаддул намудор шуд, раис маро ба ҳузури худ даъват карда ва таассуроти чандрӯзаашро ҳикоят намуда, он мусоҳибати 1329-ро дар ёдам оварда гуфт: «Ҳамон хаёл ҳақиқат мешудагӣ барин ба назар меояд».

Яке аз дӯстони Айнӣ, ки бо элчиёни рус рафтуомад дошт ва аз ислоҳот умеди калон дошт, хулосаи худро ба Айнӣ чунин изҳор доштааст: «Домулло! Ислоҳоти Бухоро ҳамин аст, ки қозиву раис нав шуданд, дигар кор ба назар намеояд». Айнӣ дар ҷавоб мегӯяд: «Зотан ман ислоҳоти Бухороро ба шароити ҳозира мумкин намедонам. Бинобар ин, ба суханҳои элчихонаву кушбегӣ фирефта шуда, аз паси ин кор гаштан шуморо бенафъ, балки зарарнок медонам. Зеро қоидаи арбоби ҳукумати Бухоро ин аст, ки кореро карданӣ шуда, касеро худ дар майдон меандозанд. Вақте ки аз он кор раъяшон мунқалиб шуд, дар сари он касе, ки худ дар майдон андохтаанд, балоҳо меоранд.» [7]

Ҳамин тариқ, амири Бухоро барои ором кардани халқ ва мустаҳкам кардани пояи давлати худ 7 апрели соли 1917 дар бораи «ислоҳот» манифест бароварда бошад ҳам, дар ин манифест ба ғайр аз ваъдаҳои хушку холии умумӣ чизе набуд. Баъд аз Эълони фармони ислоҳот баъзе аз тараққипарварон дар Регистон фармонро ба аҳолӣ қироат намуда, табрикот карда, ба хаққи ҷаноби олӣ дуоҳо намуданд ва ба ваҷд омаданду бо шиори «Зинда бод амири озодидӯст» ба намоиш баромада, изҳори миннатдории тамаллуққоронаи худро ба амир ифода карданд. Садриддин Айнӣ бар зидди падидаҳои сиёсии ҷомеаи ҳамонвақтаи аморати Бухоро баромад карда, ҷадидони ислоҳотхоҳро аз ташкил кардани байрақбардорию митингҳо боздоштанӣ будааст, зеро ки «Тахти Бухоро ба номи соҳиби машрӯъ, аммо ҳақиқатан ба коми давлати Рус буд; бе ризову савобдиди Давлати Рус маъмурияти муҳимтаре ба кассе ҳавола намеёфт, чӣ расад ба тахт».[8]

Айнӣ дар асараш ин воқеаи таърихиро воқеъбинона чунин шарҳ додаст: «Фақир шаб дар он ҷо (хонаи Мирзо Муҳйиддин - Ҳ.М.) хобида, субҳ, баъд аз намози бомдод ба манзили худ омадам, дар роҳ дидам, ки ба дари мағозаи «Баракат» ҷамоаи мутакассирае аз тараққипарварон хозир буданд. Дар ҳуҷра омада, мунтазири вуқӯи вокеаҳои аҷиба шуда нишастам. Дар ин асно, яке аз талаба пешам омад. Ба Фазлиддин Махдум лузуми манъи намоишро ишъор карда, мактубча навишта, хамрохи талаба фиристодам ва ба талабаи мазкур таъйин кардам, ки « Ҳар гоҳ намоиш кунанд, маро зуд хабар деҳ». Ғаразам он буд, ки агар намоиш кунанд, бояд зуд фирор кунам. Валҳосил, ба ҳуҷра бо андешаи дуру дароз нишастам. Тахминан баъд аз як соат овози ғулғулаи мардум баромадан гирифт. Аҳолӣ ба як ҳолати музтарибона ба ҳар тараф медавиданд. Аз даруни Мадраса низ хеле овози шӯру гавғо меомад. Баъд аз фурсате аз тарафи куча касе дарамро зад, хабар гирифтам, талабаи маъхуд буд, гуфт: «Ғавго барпо шуд. Намоишчиён байрақ бардошта то Хиёбон рафтанд. Аз тарафи дигар аксулҳаракат бархоста, ба андак фурсат тамоми шаҳрро фурӯ гирифт. Ҳозир аҳли балво ба ҳар куҷо ҷамъ шуда дар садади қатлу ғорати тараққипарваронанд. Ҷамъияти мутакассирае аз аҳли балво ба Регистон аз ҳукумат танбеҳи тараққипарваронро мусирран талаб доранд». Гуфтам: «Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам». [9]

Ҳамин тариқ, ҳаммаслакони Айнӣ ғайр аз Мунзим зидди онҳо баромад карда ин намоишии бе ҳадафро ба вуҷуд оварданд. Амир Олимхон ва Насруллоҳбийи қушбегӣ худро зоҳиран ҷонибдори ислоҳоти ҳукумати Бухоро ва ҳамақида ба тараққипарварону мухолифини онҳо нишон медоданд, аммо сиёсати дурӯяро пеш гирифта буданд. Минбаъд, ҷадидонро «револютсионерон» - и хатарноктарин ҳисоб мекарданд, баъди намоиш онҳоро ба таъқибкунӣ даромаданд.

Ҷаллодони амири Бухоро дар кӯчаҳо ҳатто одамонеро ҳам медоштанд, ки сару либосашон назар ба ақидаи онҳо «ба рӯҳи мусулмонӣ» муносиб набудааст. Гурӯҳ - гурӯҳ одамони бегуноҳ ҳаррӯз ба марги пуразоб гирифтор мешуданд. Садҳо одамонро бо андак шубҳа чӯб зада ҷазо медоданд. Бо фармоиши амир Садриддин Айниро низ дастгир карда 75 чӯб мезананд ва ба зиндон мепартоянд. Ин воқеа дар асари Айнӣ бо як сӯзу гудоз тасвир ёфтааст: «…Маъмурони қушбегӣ маро дашномҳои ғализ медоданд. «Чаро ба амир исён кардӣ? Чаро тарки амри шариат кардӣ!?» гуфта, фӯҳшҳои сахт медоданд ва дар ҳар кадам бо муштҳои сахт дар сару рӯям мезаданд. Аз димоғам фаввора зада, хун ҷорӣ шуд. Табий, дар ҷомаҳои ала байдоғи ин золимони худобехабар хун расид, «Чаро ҷомаи моро хунолуд мекунӣ?» гуфта, мунгҳои дигар мезаданд ва дашном медоданд ва мегуфтанд, ки «Агар мо хоҳем, ҳозир туро ба сахттарин азоб кушта метавонем, лекин мехоҳем, ки дар Регистон барои ибрати нозирин кушта шавӣ, зотан ҳукми қатли ту аз тарафи ҷаноби олӣ мӯҳр шудааст. Эй кофир! Эй ёгӣ! Эй осии амир!» мегуфтанд. Вақте ки маро ба он ҳоли фазиҳатиштимоле, ки баён ёфт, аз ҳуҷра гирифта ба фойтун андохтанд, аввал матлабам ва лазизтарин орзуям фавран мурдан буд. Ҳайф, ки ин марги ширин муяссар намегардид марги дафъиро ҳазор бор беҳтар аз он ҳоли асафиштимол медонистам. Зеро фақир дар муддати 28 соле, ки ба мадрасаҳои Бухоро истиқомат карда будам, бо касе ҷангу арбада накарда будам ва аз касе .низ беҳурматӣ надида будам…Валҳосил, маъмурони кушбегӣ маро дар Регистон аз фойтун пиёда карданд, аз байни сафи сарбозон, ки ба Регистон қаровул буданд, гузаронда, ба болои Арк баровардand. Сарбозон роҳ дода, таарруза накарданд. Аммо ҳамин, ки ба дарвозаи Арк расидем, ду тараф, ҳавосси дарбор бо қамарҳои тиллову нуқра истода буданд. Аз пеши ҳар кадоми эшон, ки мегузаштам, мунге ба сарам мезаданд ва дашноме медоданд. Вақте ки ба пеши масҷиди ҷомеи Арк расидем, аз саисхонаи хосса Султон ном зинбардори амир баромада, муште сахт ба сарам зад. Аз шиддати ин зарбат оби сиёҳ ба чашмам давид ва беҳуш шудам. Вақте чашм кушодам, ки маро ба дарвозаи хонаи қӯшбегӣ оварда буданд. Валҳосил, маро ба қӯшбегӣ мувоҷиҳа карданд. Қӯшбегӣ гуфт: «Эй бадбахт! Туро арвоҳи Хоҷа Садпирӣ задааст» (Хоҷаи мазкур ҷадди амҷади мананд). Гуфтам: «Агар гуноҳ байракдорӣ бошад, ман дар ин кор ҳамроҳ набудам». Аминхон ном одами қӯшбегӣ, ки яке аз гирандаҳои ман буд, гуфт: «Ман дирӯз ба чашми худ дидам, дар зери байрақ буд» (Субҳона-л-лоҳ! Ин золимон, Худову шариату қиёматро тамом аз хотир баровардаанд. Агар ба ҳар кас ҳам маълум набошад, ба Худованди Алим ва ба ману ба худи Аминхон маълум буд, ки ман дирӯз ба намоиш набудам). Фақир дар ҷавоб гуфтам: «Дурӯғ мегӯяд, ба қасам таъкид мекунам, ки ман дар байракбардорӣ набудам». Қӯшбегӣ ба шиддати тамом гуфт: «Ту дар байракбардорӣ набошӣ ҳам, гуноҳкор астӣ; ба маъмурон хитоб карда гуфт: «бубаред дар ҳабсхона. Ин мард аз мамлакат ихроҷ хоҳад шуд». (Аз муомилаҳои маъмурони қӯшбегӣ маълум шуд, ки маънии ин калимаи «ихроҷ» ихроҷ аз мамлакати ҳаёт будааст, аммо ба тариқе, ки ба поён арз хоҳам кард, тақдир амон надод). Вақте ки маро ба пеши қӯшбегӣ ҳозир карданд, тамоми либосу сару рӯям хунолуд буд ва аз зарби мушту лагади маъмурони золим сару гарданам сиёҳ шуда ва варам карда буд. …Зотан, маъмурон аз ваҳшоният заррае фурӯгузошт намекарданд, ба ин амри Турақул аз аввал сахттар ба задан шурӯъ карданд, ба ин ҳол ба дари ҳабсхонае, ки «Обхона» - аш меномиданд, оварданд. …Аз асари шиддати зарбу лат, маро табларзаи сахт гирифта буд.» [10]

Ҳамин тариқ, Устод Айнӣ дар асари мазкур ба таърихи халқи худ бо диди нав рӯ оварда, дар он арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Ҳамзамон, ӯ ҳамчун тараққипарвар хусусияти ислоҳоҳотхоҳонаи сиёсии ҷадидияро тарафдорӣ намекард. Зеро чунин меҳисобид, ки барои амалӣ гардонидани ислоҳот аввал танвири афкор ё худ инқилоби фикрӣ лозим аст.

АДАБИЁТ

1. С.Айнӣ. Куллиёт. / С.Айнӣ -Душанбе: «Матбуот», 2005.-ҷилди 14, с 157.
2. С.Айнӣ.Таърихи инқилоби Бухоро. / С.Айнӣ -Душанбе: Адиб, 1987-147с.
3. Ҳотамов Н. ва диг. Таърихи халқи тоҷик. Қ. 1-2/ Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. – Д.: «ЭР-граф», 2011. – с.256.
4. Ҳотамов Н. ва диг. Таърихи халқи тоҷик.қисми 1-2– Душанбе: «ЭР-граф», 2011. – с.256.
5. С.Айнӣ. Куллиёт.-Душанбе: «Матбуот», 2005.-ҷилди 14, с.179.
6. С.Айнӣ. Куллиёт.-Душанбе: «Матбуот», 2005.-ҷилди 14, с.181.
7. С.Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро –Душанбе 2005, с.178.
8. Иқтибос аз китоби Каримов О. ва Сайфуллоев А. «Аз таърихи андешаи миллии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва аввалҳои асри XX».Хуҷанд: Ношир, 2011. сах.293.
9. С.Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро –Душанбе 2005, с.190.
10. С.Айнӣ. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро –Душанбе 2005, с.209.

РАССМОТРЕНИЕ ПОДГОТОВКИ И ОБЪЯВЛЕНИЯ ПРОЕКТА РЕФОРМЫ ЭМИРОМ БУХАРЫ В ПРОИЗВЕДЕНИИ С. АЙНИ - «ИСТОРИЯ ИДЕОЛОГИЧЕСКОЙ РЕВОЛЮЦИИ В БУХАРЕ»

В статье представлена подробная информация об итогах истории политической и культурной мысли, а также о подготовке и анонсировании проекта реформы эмиром Бухары в произведении С. Айни «История интеллектуальной революции в Бухаре».

В ней раскрываются вопросы появления «джадидизма» и развития просветительского движения в новых исторических условиях Бухарского эмирата. По словам Айни, после Февральской революции чтобы защитить свои интересы, посольство царской России и правительство Бухарского эмирата договорились о проведении реформе, уделается особое внимание объявлению в те годы эмира Бухары проекта реформы.

Ключевые слова: *Бухарский эмират, февральская революция в России, идеологическая революция, джадидизм, образовательное движение, царское правительство России, реформы, манифест.*

CONSIDERATION OF THE PREPARATION AND ANNOUNCEMENT OF THE DRAFT REFORM BY THE EMIR OF BUKHARA IN THE WORK OF S. AINI - «THE HISTORY OF THE IDEOLOGICAL REVOLUTION IN BUKHARA»

The article provides detailed information on the results of the history of political and cultural thought, as well as on the preparation and announcement of the reform project by the Emir of Bukhara in the work of S. Aini «The History of the Intellectual Revolution in Bukhara.»

It reveals the emergence of «Jadidism» and the development of the educational movement in the new historical conditions of the Bukhara Emirate. According to Aini, after the February revolution, in order to protect their interests, the embassy of tsarist Russia and the government of the Bukhara Emirate agreed to carry out a reform, special attention is paid to the announcement of the reform project in those years by the emir of Bukhara.

Key words: *Bukhara Emirate, February revolution in Russia, ideological revolution, Jadidism, educational movement, tsarist government of Russia, reforms, manifesto.*

Сведение об автора:

Хамидова Манзура Махмудовна – *Таджикского государственного права бизнес и политика старший преподователь кафедры история таджикского народа Адрес 735718 Республики Таджикистан г. Худжанд мик.18, д.1, кв 203. Тел. (+992) 929421120.*

About the author:

Hamidova Manzura Makhmudovna *- Tajik State University of Law, Business and Politics, Senior Lecturer at the Department of History of the Tajik People. Address: 735718, Republic of Tajikistan, Khujand city, 18th microdistrict, building 1, apt. 203. Tel. (+992) 929421120.*

ХУСУСИЁТИ ҲУНАРИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТОРИ ШАҲРИ ҲИРОТ

Фазлулраҳмон Ғ.

Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон

Ҳирот аз ҷумлаи шаҳрҳои мутамаддини Афғонистон буда, ки дорои системаи шаҳрии муназзам, ҳисор, бурҷ ва бораҳои мустаҳкам, коноли об ва фозилоб, ободоти динӣ ва рафоҳӣ будааст.

Дар мавриди сохтусози ин шаҳри шаҳир ва бостонӣ зикрҳои бисёр ақоиди гуногун ва, дар айни ҳол, ноҳамгун аз дер боз гардидааст. Теъдоди андаке аз онон дар ин ҷо тавзеҳ дода мешавад.

Рабеи Фушинҷӣ дар «Куртнома» менигорад: Фушинҷ бинокардаи Ардашери Бобакон аст. Соҳибони «Ҳабибуссияр», «Равзатулҷаннот», «Равзатуссафо» фармудаи Рабеиро таъйид карданд, вале асноду ривоёташон нишон медиҳад, ки таърихи бинои Ҳирот пештар аз Сосониён буда ва ободиҳое дар замони Зардушт собит гардидааст. Дар моддаи 11 дар бахши Ванадидоти Фаргарди нуҳуми китоби Авесто дар мавриди Ҳирот чунин нигошта: «Ман Аҳуромаздо ҳастам, дар беҳтарин ҷойҳо шаҳрҳое офаридам, ки шашумин шаҳр Ҳирот аст. Ин шаҳри сарсабз ва дорои рудхонаҳои бисёр аст ва шаҳре маъмур мебошад.»

Дар катибаҳои Дориюши Ҳахоманишӣ низ номи Ҳирот зикр гардидааст, ки ин ҳама тазаккурот роҷеъ ба шаҳри Ҳирот обод қабл аз ислом аст.

Муқаддасӣ, муаллифи китоб «Аҳсанул – тақосим – фӣ маъруфатал – қолим» таълифи 375 ҳ.қ. Ҳирот бӯстони Хуросон ва имороти он ба ҳам пайваста мардумаш зирак ва шуху шанг ва дорои завқи адабӣ ва шаҳр санъате тавсиф гардида. Дар 607 ҳ.қ. Ёқути Ҳамавӣ дар Ҳирот буда ва ин шаҳрро чунин тавсиф намудааст: Ҳирот шаҳри бузург, пурнуфус аз баллоди Хурсон буда, ки ҳеҷ баллоди дигаре бузургтар, зеботар, покизатар маъмуртар ва мутамадинтар аз он нест.

Ҳамдуллоҳ Мустуфӣ дар китоби «Назҳаталқулуб» дар 730 ҳ.қ. таҳти унвони зикри Хуросон нигоштааст: «Ҳирот аз иқлими чаҳорум аст. Тӯлаш аз ҷазоири холдот (садак) 114 ва арзи аз хатти

устувор (ладак) 54 Ҳирот номи амире аз тавобеи ҷаҳонпаҳлавон Наримон сохт, ки Искадари Румӣ баъд аз харобӣ тачдиди имораташ намуд» [3, с.13-15].

Дар «Ҳудудулолам» аз Ҳирот дах маротиба ёд гардида: «Ҳирай шаҳре аст бузург ва шаҳристони вай сохти устувор аст. Қаҳандаз дар ӯ муттасил аст» [7, с.91].

Дар замони ҳаёти муаллифи «Ҳудудлолам» дар қурқи чаҳори қамарии Ҳирот шаҳре бузург ва машҳур буда ва муаллиф чун аз ҳамин сарзамин буда ва бо ҳукмронии замон равобити хуб дошта аз вазъи иқтисодӣ ва ҷуғрофии Ҳирот ба хубӣ мутлиъ будааст. Дар фосилаи байни Ғур ва ин шаҳр руди хурӯшон будааст. Дар ин навоҳӣ карбос, шир, душоб, ангур ва пунбаи фаровон буда ва аз Куҳандиж, (Қуҳандуз), ҳисор, шаҳр ва масҷид ё ибодатгоҳи шаҳр, ки обод буда, ҳикоят намуда, бинобар ин бонии масҷиди ҷомеи Ҳиротро агар Султон Ғиёсиддин бидонем, дуруст нест. Шояд Ғуриҳо дар тачдиди бинои масҷид саҳм гузошта бошанд, чун аз Ғуриҳо як равоқи боазамат бо хатти куфӣ боқӣ монда, ки аз намуна хоси он давра аст ва аз шаҳкориҳои фарҳангӣ ва ҳунарии асри Ғуриҳо мебошад.

Мавқеияти шаҳрро «Ҳудудулолам» бар домани кух дониста аз шимол ба кухи Мухтор ва аз ҷануб ба кухи Мирдовуд такя зада аст. Фосилаи байни шаҳр ва кухи Мухтор як хиёбон аст. Дар ҷануб ҳам дашти Мирдовуд ва зиёратҷоҳ мебошад. Мардуми Ҳирот дар замони ислом хеле зуд ба ин дин мушарраф шуданд. Ҳирот нахустин марказе буд, ки озодии худро тавассути Тоҳири Фушанҷӣ аз араб гирифт. Ҳирот тахти нуфузи Сомониҳо ва ҳукмрононии давлати Хуросон қарор дошт [5, с.58-59].

Шаҳри қадими Ҳирот дорои чаҳор бозор, чаҳор маҳал, панҷ дарвоза будааст. Дар зикри баъзе музофот аз шаҳрбандӣ номбурда мешавад, ки дар самти ҷануби Шамирон ва Қаҳандуз мавқеият дорад. Метавон гуфт, ки Қаҳандуз ва Шамирон дар самти шимол ва берун аз шаҳрбанд воқеъ гардида аст. Дар дохили шаҳр банде аст, ки малик Муазилиддини Ҳусайни Курт сохтааст. Қалъаи Ихтиёриддин ба дохили шаҳрбанди дарунӣ муттасили бораи шимолӣ мебошад [1, 57].

Қуҳандуз ё Қаҳандижи Ҳирот. Шаҳри Қуҳандузро панҷсад сол қабл аз Ҳирот, ки тавассути Ардашери Бобакон ва Баҳмани Исфандиёр биношудаи Искандар маъруф ба Бахтинаср бунёд ниҳодааст. Нақл аст аз Сайфии Ҳиравӣ аз ривояти аввал, ки дар замони Манучеҳр тавассути малик Харнуш аз фарзандон саҳми Наримон сохтааст. Қисме, ки ҳисори Шамирон дар дохили Қундуз ҷой гирифта ва як бахше аз он гардида ва дар замони Баҳман Исфандиёр бини Гуштосп бинои онро ба поя ва акмол расонид.

Он чи ки дар партави таърих ва ривояти мутаъдад рушан мегардад он аст, ки шаҳри Қаҳандаз «Куҳандиж» дар ҳудуди панҷсад сол қабл аз шаҳри бостонии Ҳирот ва баъд аз бинои дижи Шамирон обод гардидааст.

Гувоҳи ин муддао осори бақомонда андаке, ки ҳамоно теппаҳои хокӣ, ки қалъа ҳам дар шарқ иморати масалҷоҳ дар соҳаҳои хиёбон машҳур ва таърихи Ҳирот намудор аст.

Фикрии Салҷуқӣ дар мавриди (Куҳандаж масрах ё куҳандизи масрах), ки ҳамон шаҳрак ё ҳисори Қуҳандуз аст нигошта аст: «Дар шимоли Ҳирай шаҳр, ҳисор ё шаҳраке буда, ки онро Масрах ва Куҳандиж масрах мегуфтанд. Номи аслии ин қалъа Масрах буда, яъне маҳали истиғосса (навҳаву фарёд), ки сарх ба маънии овоз аст ва бархе онро ба син навиштанд ва масрах, ки ба маънии паногоҳ аст. Зоҳиран аз ниҳояти ҳасонат ва истеҳком онро масрах гуфтанд». Ин ҳисори мустаҳкам чандин бор ба далели истеҳкоми он мавриди таҳоҷум ва тохтутоз қарор гирифта ва тахриб гардида ва охирин бор ба дастури амири Гургон вайрон шуд ва дигар обод нагардид.

Фасеҳи Хавофӣ, таърихнавис дар бораи номи Масрах менигорад: «Пас аз қатли Саид Абдуллоҳи Муовия овозе дар Қуҳандиз печида баъд аз он исми Қуҳандизро Масрах гузоштанд, чун Масрах ба маънии овоз аст».

Вале зоҳир амир чунин аст, ки номи аслии он Масрах буда, ки баъд аз куҳна шудан ва аз байн рафтан ё вайронӣ онро Куҳандиж гуфтанд, зеро диж ба маънии қалъа аст, куҳан ба маънии қадимӣ ё бостонӣ. Баъд аз нуфузи араб онро муарраб намуда Қаҳандаз гуфтанд ва дар маъхази қадим ҳар ҷо ки номи Қуҳандиз ё Куҳандиж ба назар мерасад Масрахро ба калимаи Куҳандиж радиф намуда Куҳандижи Масрах ва Куҳандизи Масрах навиштанд, яъне қалъаи куҳнаи масрах ва дар ҳеҷ ҷо Масрахи Қуҳандиз нагуфта ва нанавиштаанд. Масрах ё Куҳандижи Масрах чандин бор вайрон ва боз обод шуда ва низ Амир Темур онро аз байн бурд ва вайрон сохт.

Дар Куҳандижи Масрахи сарои Абӯ Мансур Муҳаммади Ансорӣ буда ва то кунун боҷчаест дар ҷануби мазори Ҳазрати Абулқосим ибни Ҳазрати Имом Ҷаъфари Содиқ (рз), ки ба боҷчаи шаҳзода Қосим маъруф аст. Дар васати боҷча тали баланд буд, ки амвотро болои он дафн мекарданд ва аз паҳлуи он дафн мекарданд ва аз паҳлуи он тули самучӣ бурида буданд ва дар интиҳои он хонае буд пӯшида шуда бо гачу хишт, ки мелоди Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ дар он хона воқеъ шудааст. Баъд аз тахриби Куҳандиз аҳолии маҳали Самучро бурида ва ба хонаи мавсуф роҳ ёфтанд. Чанд сол қабл он талро Оғои Мазорӣ мутавалии мазори Ҳазрати Шаҳзода Абдулқосим ҳамвор намуд, то хона аз дили тул берун ояд ва чун тул ҳамвор шуд. Хонае, ки атрофаш як шуда буд ба воситаи куҳнагӣ натавонист худро нигоҳ дорад ва фурӯ ғалтид.

Сипас мутаволӣ хонаи кӯчакеро сар аз нав хишту гул дар онҷо бино намуд. Акнун аз Масрах ё Масрах ҷуз фасили шимолӣ ва андаке аз фасили ғарбӣ чизе боқӣ намондааст ва дар ин маҳал мазори содот воқеъ аст. Мазори Саид Абдуллоҳ бини Мовия ва мазори Абулқосим бини Имом Ҷаъфари Содиқ (р.ҳ) ба ҳамин далел мазори содот мазори масрах гӯянд. Дар 706 ҳ.қ. Султон Ғиёсиддин Муҳамади Курт аз салотини Ғурӣ бар сари қабри содот гунбаде бино намуда, ки муаррифи осори ҳунари меъмории он аср мебошад.

Шаҳраки Куҳандиж қарнҳо дар паҳлуи шаҳри қадими Ҳирот маъмур буда ва гӯянд дар қарни аввали ҳичрӣ 1000 сарой, 8 масҷиди ҷомеъ, 900 масҷиди кӯчак ва дӯкон, 40 ҳавз ва 18 ҳаммом доштааст. Кушандиж низ дар тули таърих борҳо мавриди ҳамла ва ҳучум воқеъ шуда ва бор бор вайрону обод гардидааст. Чунон чи да қарни шашум тахриботе дар он рӯй дода ва дар соли 617 ҳ.қ. ба асари ҳамлаи қувваи Чингизӣ тахриб ва вайрону нобуд гардидааст.

Куҳандиж дар чанд қарни охир ба тадриҷ ҳамвор ва аксарият нуқоти он мазруъ гардидааст. Бо он ҳам нуқоти баланди он ҳанӯз ба сурати пуштаҳои хокӣ пайдост, ки тали бангиён баландарин теппаи он аст.

Зоҳиран тали бангиён дар қадим аз истеҳкомоти девори шаҳри Ҳирот будааст. Чун Куҳандиж дар маҳвутаи шаҳри Ҳирот воқеъ буда, девору хандақи шимолии шаҳри Ҳирот то ин соҳа имтидод доштааст, вале акнун аз хандақ осоре дар ин ноҳия нест.

Дар ниммаи дуввуми қарни нуздаҳуми мелодӣ, ҳангоме, ки ба самти шимол тали Бангиён таҳдоби бинои ҷадид мегузоштанд ба сурати тасодуфӣ ба утоқи бузурги сангӣ бархӯрданд, ки аз зери хок берун оварданд. Утоқи мазкур мамлу аз устухонҳои инсон будааст. Сохтмон ва ҳолати ин гуристон аҷиб ва хилофи расм маъмули тадфини исломӣ ба назар расида ва яқинан марбути замонҳои қабл аз ислом буда бошад. вале аз онҷо сикка ё ашёи дигаре ба даст наёмада, ки аз рӯйи он битавон шуҳрату таърихи он мурдагон ва хонаи сангиро дарёф намуд.

Бархе гӯянд номи ин теппа (тали Бангиён) аз исломӣ, ки дар ин ҷо дафн шудаанд гирифта шудааст. Ин пиндор байид ба назар мехӯрад. Ба ақидаи баъзеҳо ин теппаро аз он рӯ «тали Бангиён» гӯянд, ки дар он иддае барои кашидани банг даври ҳам ҷамъ мешаванд.

Ҷанрол Фария дар мавриди ин тал дар Сафарномааш чунин нигоштааст:

Миёни маҳалле ва шаҳре аз шимол ба шарқ фосилаи як шилик туп аст. Теппаи маснуи ва муртафеъ дар ин ҷо қарор дорад, ки бо номи (Тали бангӣ) ёд мешавад. Ҳудуди 45 фут баландӣ ва 600 ёрад дарозӣ дорад. Ба шакли ҳилол моҳ афтода, ду гӯшаи он ба сӯйи шаҳр ҷилав рафта, вале маркази он ба ақиб кашонда шуда аст. Аз моҳияти маводи анбошташуда хоки он бар меояд, ки замоне бояд дар ин теппа манозили зиёде вуҷуд дошта буда бошад рифояи анъанавии ҳокӣ аз он аст. Нодиршоҳ Афшор тупҳои худро ба рӯйи ҳамин теппа қарор дода ва аз он дар тасарруфи Ҳирот истифода кардааст. Эҳтимолан ин кор ҳам баъид аст. Наҳарияи Афғонӣ, ки бо таърихи амонкани куҳан ошноӣ доранд, ин аст. Зоҳиран масҷиде дар ин нуқта вуҷуд дошта, ки ба василаи Чингизхон вайрон гардида таърихи эъмори ин масҷид зоҳиран ба даврони ҳокимияти Абдуллоҳ Тоҳирӣ мутаалиқ аст, ки бар вай ибодатгоҳи габрон обод шуда буда [4, с.31-34].

Чаҳор маҳалли шаҳри қадими Ҳирот

Шаҳри куҳна ва қадими Ҳирот аз дер боз мавриди таввақуҳ ва тохту тоз қарор дошта, таърихи он бо ҳаводиси ногувор ва ҳамчунон ободиҳои дилпазир рақам хӯрдааст.

Ин шаҳр дорои чаҳор маҳал буда, ба номҳои маҳалли Қутбичоқ, маҳалли Хоҷа Абдуллоҳи Мисрӣ, маҳалли Бародарониҳо, маҳалли бурҷи Хокистар ё хок бар сар ва ё муҳмандҳо

1 – маҳалли Қутбичоқ аз тарафи шимол то ба чаҳор савқ мунтаҳӣ мегардад. Дар ин маҳал 30 боб масҷиди кӯчак ва бузург, 3 корвонсарой, 3 ҳаммом, 15 ҳавзи умумӣ ва 100 ҳавзи хусусӣ, 676 ҳавлӣ, 455 дарбанду дӯкон ва 32 бурҷ мавҷуд буда.

2 – маҳаллаи Хоҷа Абдуллоҳи Мисрӣ, ки бозори хуш дар он қарор дорад. Аз шарқ шурӯъ то ба чаҳор савқ мунтаҳӣ мегардад. Ин маҳал дорои 12 боб масҷид, 2 тимча, 2 ҳаммом, 2 ҳавзи калон, 400 ҳавзи кӯчак, 700 хона нишеман, 300 дарбанду дӯкон, 42 бурҷ буда.

3 маҳалли Бародарониҳо ва бозори Ироқ аз самти ғарб то ба чаҳорсувқ имтидод дорад. Ин маҳал дорои 20 боби масҷид, 2 корвонсарой, 1 тимча, 4 ҳаммом, 11 ҳавзи калон, 100 ҳавзи кӯчак, 707 хонаи нишеман, 367 дарбанду дӯкон ва 28 бурҷ буда. боб масҷид, 10 корвонсарой, 6 тимча, 6 ҳаммом, 103 ҳавзи умумӣ ва хусусӣ, 662 хонанишеман, 338 дарбанду дӯкон буда

4 маҳаллаи бурҷи хокистар ки бозори Қандаҳор дар он мавқеият дорад. Аз ҷанубӣ шаҳр шурӯъ ба чаҳор савқ мунтаҳӣ мегардад. Дар ин маҳал 20 боб масҷид, 10 корвонсарой, 6 тимча, 6 ҳаммом, 103 ҳавзи умумӣ ва хусусӣ, 662 хонанишеман, 338 дарбанду дӯкон буда [8, с.25-26]

Деворҳо ва бурҷҳои шаҳри қадими Ҳирот:

Девори шаҳр ба қутри бисту панҷ метр, баландии он тахминан се метр ва дорои ду фасил ва яксаду чиҳилу нуҳ бурҷ буда, ки аз он ҷумла чаҳор бурҷи бузурги ба чаҳор гӯшаи шаҳр воқеъ шуда буда, ки бурҷҳои мазкур қарори зайл аст.

1-бурҷи Шоҳ Каримбек: дар гӯшаи шимолу шарқии маҳалли Қутбичоқ воқеъ буда ва се тупи сангинвазн дар он гузошта шуда буд.

2-бурҷи қарлуғ: ба бурҷи Хоҷа Абдуллоҳи Мисрӣ низ маъруф буд, дар гӯшаи ҷанубу шарқии маҳали мазкур воқеъ буда ва як арода тупи бузург дар он ҷой дошт.

3-бурҷи хокбарсар: ба бурҷи хокистар низ маъруф буда ва дар гӯшаи ҷанубу ғарбии маҳалли мазкур воқеъ ва чаҳор адад туп дар он мансуб буда. Ин бурҷ аз се бурҷи дигар бузургтар ва устувортар буда.

4-бурҷи филхона: дар гӯшаи шимолу ғарбии маҳалли бародарониҳо воқеъ ба се адад тупи бузург дар он ҷой дошт. Ин чаҳор бурҷи бузург ва муртафеъ аркони бузурги шаҳр ба ҳисоб мерафтанд. Дар яксаду чиҳилу панҷ бурҷи дигар низ ба тартиб тупҳои кӯчаку бузург мансуб буда. Хусусан бурҷҳои паҳлуи дарвозаҳо, ки хеле мустаҳкам буданд.

Давродаври шаҳрро хандақе ба арзи чаҳордаҳ метр ва дар баъзе ҷойҳо бештар ё камтар буда дар давраи Темурӣ арзи хандақ ҳудуди бист газ буда. Обҷорӣ аз наздики бурҷи шоҳ Каримбек аз рӯйи пуле вориди шаҳр мегардид [6, с.9-10].

Дарвозаҳои шаҳри Қадими Ҳирот. Дар қадим тавре дарвозаҳоро эҷод намуданд, ки бар сари ҳар дарвоза се дар шонданд ба ҷузъ дарвозаи малик, ки ду боб дорад ва қалъаи Ихтиёриддин ҳамчунон ду дарвоза дорад, яке ба самти шимол ва дигаре ба самти ҷануб. Аз пои ҳисор то чаҳорсувқ чандин тимча мавҷуд буда, ки ҳар як мавозеъ як бозори дигаре аст. Тамоми ҳамон растаи бозорҳо то ба чаҳорсувқ, яъне маркази шаҳри Мирсаид, ки қариб як фарсанг аст. Ин шаҳрбандро ҷодае аст ба арзи даҳ газ ва ҳар чаҳор бозор ба номи ҳамон дарвозаҳо ёд мегардид, ба ҷуз дарвозаи Қутбичоқ, ки бозор надорад [1, с.57-58].

Дар 785 ҳ. қ., Темурланг ба Ҳирот юриш бурда ва деворҳо ва иморати шаҳри Ҳиротро тахриб намуд ва низ дарвозаҳои чӯбини шаҳрро, ки бо оҳан рупӯш шуда буд ва рӯйи оҳанҳо асомивулқоб мулук ва салотини Ғурӣ ба ниҳояти нафосат ва зароқати нуқуш ва ҳак шуда буд. аз ҷояш бикананд ва ба диёри аҷдодиаш шаҳр сабзи Самарқанд фиристод [2, с.196].

Ин шаҳр дорои панҷ дарвоза буда.

1 – дарвозаи малик ба гӯшаи шимолу ғарбии қалъаи Ихтиёриддин, ки ба ҷониби шимол кушода мешад.

2 – дарвозаи ароқ ба самти ғарб дар интиҳои бозор ироқ ба ҷониби ғарб ва ба сӯйи ароқ гушуда мешавад.

3 – дарвозаи Фирӯзобод ба самти ҷануб боз мешавад. Акнун ба дарвозаи Қандаҳор маъруф аст ва дар интиҳои он бозори Фирӯзобод ё Қандаҳор буда. Дар беруни ин дарвоза аз қадимулайём маҳалаҳое буда ба номи Фирӯзобод.

4 – дарвозаи хуш ба самти шарқ дар интиҳои бозори хуш ба ҷониби машриқ боз мешавад.

5 - дарвозаи Қутбичоқ ба самти шимолу шарқ кушода мешавад

Ба ҷуз ин панҷ дарвоза ду дарвозаи кӯчаки дигаре низ гушуда буданд.

1 – дарвозаи арги нав, ки аз шимоли қалъаи Ихтиёриддин аз маҳватае, ки ба арги нав маъруф буда ба ҷониби шимол боз намуда буданд.

Арги нав маҳалли машқ ва таълими аскарии Ҳирот ва ҷойгоҳи тупҳои бузург ва сангини биринҷи ва фулодин буд. Тупҳо барои эҳтиётан дар ин ҷо маҳфуз буд.

2 – дарвозаи тахтаи пул, ин дарвоза аз паҳлуи бурҷи хок барсар ба ҷониби ҷануб гушода шуда буд. Ду мили қутури оҳанин бар рӯйи хандақ устувор ва қуфл буд то мавқеи зарурат ва эҳтиёт аз ҷое бардошта шавад. Баъдан пули чӯбин, ки ародаҳои оҳанин дошт монанди ародаҳои вогун рӯйи майлҳои мекашиданд ва дар мавқеи хатар ва ё қалъабандон шаҳр тахтаи пулро ба даруни шаҳр мекашиданд ва майлҳои оҳанинро бармедоштанд..

Ин шаҳр дар соли 1272 ҳ.ш. бино ба ривояти як чаҳонгрди хориҷӣ ба номи Ят «шаҳри куҳани Ҳирот маҳот ба хокрез муртафеъ аст, ки бора ва ё девор бар он сохтанд. Дохили шаҳр дорои ду ҷода буда, яке аз самти шарқ ба ҷониби ғарб ва дигаре аз самти шимол ба сӯйи ҷануб ва маркази он ба номи Чаҳорсувқ бо сақфи оҷурӣ обод буда.

Имороти ҳукмрони чаҳор боғ дар ҷануби масҷиди ҷомеъ воқеъ шуда буд. бештар биноҳои гулӣ ва эъморот хиштӣ камтар ба назар мерасид. То авоили қарни ҷорӣ бурҷҳо боравҳо ва хандақҳо мавҷуд буда. Шабҳо дарвозаҳои шаҳрро мебастанд. Дар нуқтаи маркази шаҳр гунбади олии чаҳор савқ ба чаҳор ҷиҳат имтидод дошт биёр танг буд. чаҳор бозор ба номҳои қадимиаш ёд мегардид». Ин пӯшишҳо бо гузашти замон тахриб гардида ва сипас аз чӯб пӯшида шуда буданд. Саранҷом дар соли 1314 ҳ.ш. ба далели танг будани ҷода ва бозори сарпӯши бозор ва гунбади чаҳор савқро тахриб намуданд [6, с. 5-9].

Деворҳои мавҷудаи атрофи шаҳри қадими Ҳирот:

Дар қадим Ҳирот дорои деворҳои азим буда, ин деворҳо дар чаҳор ҷиҳат ба сурати ҳисоре атрофи шаҳри қадимро иҳота намуда буда, то ҳол андаке аз ин осори бостонӣ мавҷуд аст.

Деворҳои шаҳри қадими Ҳирот аз маводи нопойдори гил ё хок ба сурати хом сохта шудааст. Дар баъзе мавқеиятҳо то ба ҳол дорои иртифои ҳудудан 20 ё 30 метр мебошад ва арзи 10 то 20 метр аст. Дар чанд ҷо нишонаҳое аз бурҷҳо ва каналҳои камумқ мебошад.

Куҳандиж:

Ба самти шаҳри қадими Ҳирот ва интиҳои ҷода идгоҳ, куҳандиж қарор дорад. Дар ин маҳал оромгоҳ ва зиёрати шаҳзода Абдуллоҳ ва шоҳзода Абулқосим мебошад. Ба самти ҷануби ин зиёрат масҷиди

шаҳзодаҳо аст. Ба саҳни ҳаёти ин масҷид зодагоҳи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мебошад. Дар самти шимоли зиёрати шаҳзодаҳо бора ё девори ин бахш шаҳри қадим ё куҳандиж аст.

Амокани шахсӣ ва раҳоиш:

Амокани раҳоиши ва шахсӣ дар маҳалоти шаҳри қадими Ҳирот каму беш мавҷуд аст. Теъдоди андаке аз ин биноҳои бостонӣ қарори зер ба муаррифӣ гирифташуда.

Дар дохили кӯча шерасадон хонаи раҳоишии қадимӣ аст, ки дар ҳоли фарсуда шуда мебошад. Ҷаддори берунии ин бино дорои нақшҳои хишт луобӣ аст. Калкинҳо ва дарвозаҳои он чӯбӣ мебошад.

Дар самти ғарби бозори милак дар дохили кӯча ду долони хонаҳои қадимӣ аст. Яке аз ин долонҳо нисбатан тавил, ки бар сақфаш нургирҳое дорад ва дар қисмати фарози дарвозаҳои вуруде ва сақфи ин долон муқобили бархе аз ин хонаҳои қадимӣ нақшҳои хиштӣ ва гачӣ мебошад. Дарвозаҳои хонаҳо чӯбӣ ва бар рӯйи онҳо нақшҳои фулузӣ ва ҳаккокӣ мебошад. Кафи кӯча ва долон аз сангҳои кӯчаки дарёӣ ва хишти пухта фарш гардидааст. Маводи сохтмонии ин долон хишти пухта, гач ва санг аст. дар самти шимолу шарқи шаҳри қадими Ҳирот дар ноҳияи шимоли шарқи зиёрати Хоҷа Абдулоҳи Ансорӣ долонҳо ва манозили аз маводи хом ба сурати махруба ё фарсуда то ҳоли ҳозир мавҷуд аст.

Дар кӯча ё рангрезии самти ғарб бозори малик ду хонаи қадимӣ раҳоиш бо тарҳҳо дизайнҳои шабеҳи ҳам мавҷуд аст. Хонаҳо тавассути як девор кам иртифоъ аз ҳам ҷудо гардидааст. Ин девор аз маводи хишти пухта ва панҷараҳои чӯбӣ сохта шудааст.

Ин хонаҳо ду табақа сохта шудааст. Маводи сохтмонии онҳо хишти пухта, гач ва семент мебошад. Қисматҳои аз ҷаддори берунии девори хонаҳо ва ба хусус фарози дарвозаҳо ва калкинҳо дорои тазйиноти хиштӣ мебошад. Дарвозаҳо ва калкинҳо чӯбӣ аст. Самти ҷанубии ин манозил дутабақа аст ва самти шимоли он яктабақа мебошад. Лаби боми ин манозил тавассути хишти пухта тазйин гардида аст. Сохтмони ин манозил аз кафи ҳаёт баландтар мебошад. Роҳ ва вуруди ба саҳни ҳаёт ва утоқҳо бо убур аз як долони кӯчак сурат мегирад. Кафи ҳаёт хиштфарш аст.

Натиҷа, Ҳирот, ки аз ҷумлаи шаҳрҳои мутамаддин ва бостонии Хуросони қадим ва Афғонистони имрӯз аст, аз дер боз мавриди таваҷҷуҳи аксарияти ому хос будааст. Шаҳри қадими Ҳирот дорои вижагии олӣ ва системаи муназзами шаҳрӣ буда. Аз вижагии хоссаи он мақеияти ҷуғрофиёи ва қарор доштани он дар масири Ҳарируд буда. Ин шаҳр бо доштани деворҳои муртафеъ ва ариз, бурҷҳои кӯчак ва бузург, конолҳои обии атрофи он, хонаҳои нишеман, ки дар чаҳор гӯшаи дохилии он аҳолии ин диёр мезистанд, дарвозаҳои мустаҳкам, системаи обрасонӣ ва фозилоб, ташкилот ва сохтмонҳои рафоӣ чун амокани тиҷоратӣ, осоишӣ ва мазҳубӣ яке аз шаҳрҳои мутараққӣ бу шумор меомада, ҳунари меъмории шаҳри Ҳирот, ки бархе аз сохтмонҳо то ҳол боқӣ мондааст баёнкунандаи афкори олии муҳандисии қадими ин диёр мебошад.

Хулоса, Ҳирот дорои таърихи дерина аст. дар рисолот ва мақолоти куҳан чун Авасто, Ҳахоманишиҳо, муаррихини исломӣ ва ғайриисломӣ тавсифоти бисёр гардида, вале онҷунон ки бояду шояд ҳафриёт ва таҳқиқот сурат нагирифта то аз ҳудуди ҳадс ва гумон таърихи тамаддуни онро берун намояд. Аз ин рӯ ниёз ба ковишҳои бештар дорад, то ҳуввият ва асолати ин сарзамини гуҳарборро бештар аз пеш сабти таърих намояд.

АДАБИЁТ

1. Асфзорӣ Муиниддин Муҳаммади Замчӣ. Равзаттулҷоннот фӣ авсофи мадина Ҳирот, Калката: Рарпосарӣ, 1380 ҳ.ш. мутобиқи 1961м, 372 с.
2. Азимӣ Муҳамадазим. Афғонистон ва нуқоти шигифтангез, Кобул: Алҳадӣ, 1390 ҳ.ш. 529 с.
3. Рачоии Масъуд. Нигоҳе ба пасманзари таърихи Ҳирот// Ҳироти бостон, соли аввал, шумораи дуввум, Кобул: матбааи давлатӣ, 1359 ҳ.ш., 119 с.
4. Рачои Масъуд, Шамирон куҳандиж ва қалъаи Ихтиёриддин // Ҳироти бостон, соли шашум, шумораи саввум, Кобул: матбааи давлатӣ 1364 ҳ.ш., с 121.
5. Сиддикӣ Зариф. Ҳирот дар Ҳудудулолам // Ҳироти бостон, соли саввум шумораи саввум, Кобул: матбааи давлатӣ, 1361 ҳ.ш. 72 с.
6. Фикрии Салҷуқӣ, Абдулрауф. Ҳиротнома, Кобул: Матбааи Афғонистонтоймз, 1390 ҳ.ш., 583 саҳ.
7. Ҳудудулолам миналмашриқул ва миналмағриб, (372 ҳ.қ.) ба кӯшиши доктор Манучеҳр Сутуда. Теҳрон: Асотир, 1340 ҳ.ш., 597 с.
8. Халили Халилуллоҳ. Осори Ҳирот. Ҳирот: Матбааи фахрияи Салҷуқӣ, 1309 ҳ.ш. 218 с.

СТРОЕНИЕ ДРЕВНЕГО ГОРОДА ГЕРАТ

Древний город Герат имеет хорошо организованную городскую систему и четыре общие улицы.

Город Герат разделен на четыре района, каждый со своими мечетями и школами, бассейнами, банями, домами и другими удобствами.

Его древняя арка и форт находится в хижине правителя над городом в севере востока города. В городе были стены и песчаные дюны, а за стенами вокруг города были построены глубокие траншеи и сооружения для защиты города.

Ключевые слова: *город и древний Герат, кварталы, трущобы, базары, мечет, бассейн, баня, городская ворота, стены вокруг города, канава.*

THE STRUCTURE OF THE ANCIENT CITY OF KHIRAT

The ancient city of Herat has a well-organized urban system and four common streets. Herat city is divided into four districts?

Each with its own mosques and schools? Swimming pools, baths, houses and other amenities. This ancient arch and fort is located in the ruler's hut above the city.

The city had walls and sand dunes and behind the walls around the torod, deep-eyed trenches and structures were built to protect the city.

Keywords: *city and mature Herat, neighbors, slums, bazars, mosques pool, bath, city gates, walls around the city, ditch.*

Сведения об автора:

Фазлулрахмон Гуломджелони *- магистрант второго курса по специальность изобразительного искусства и дизайна Таджикского государственного института изобразительного искусства и дизайна. Тел.: +992501202016; Научный руководитель: доктор исторических наук, профессор Иброхимов М.Ф. E-mail: fzyazdani959@gmail.com*

About the author:

Fazlulrahmon Gulomjelon *- second year master's student in fine arts and design, Tajik State Institute of Fine Arts and Design. Tel.: +992501202016; E-mail: fzyazdani959@gmail.com*

АФКОРИ АҲМАДИ ДОНИШ ДАР ҲАЛЛИ МАСОИЛИ ЗАХИРАҲОИ ОБИИ МОВАРОУННАҲР

Муллоев А., Одинаев А. Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Сарнавишт ва фаъолияти илмию эҷодии Аҳмад ибн-ан- Носир ас- Сиддиқӣ- ал- Ҳанафӣ ал-Бухоройӣ, машҳур ба Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) нависанда, шоир, донишманд, маорифпарвар, таърихнавис, мунаққид, хаттоту китоборо, наққош ва ходими намоёни ҷамъиятӣ дар яке марказҳои таърихию фарҳангии Осиёи Миёна – Бухоро ва дар даврони нооромии сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва илмию фарҳангии мардуми Осиёи Марказӣ, ҳамзамон муҳиму ҳасоси тақдирсози адабу фарҳанги халқҳои ин сарзамин, ки бешубҳа ба бедориву худшиносӣ ва инқилоби фикрии мардум дар оғози садаи бистум заминаи қавӣ гузошта, ҳукумати хонадони манғития (1753-1920), махсусан ҳукумати Мир Сайид Насрулло (1826-1860), Мир Сайид Музаффар (1860-1885) ва Мир Сайид Абдулаҳад (1885-1911) ҷараё гирифтааст. Зиндагию фаъолияти илмию эҷодии аллома Аҳмади Дониш дар яке аз давраҳои ҳасос ва тақдирсози халқҳои Осиёи Марказӣсипарӣ гаштааст. Замони зиндагии Аҳмади Дониш симоҳои намоёни адабу фарҳангии мардумони Осиёи Марказӣ чун Абдулқодирхоҷа Савдо (1823-1973), Шамсиддин Шоҳоин (1866-1895), Абай Кунанбой (1845-1904), Токтогул Сотилған (1864-1933), Ҷунайдулло Ҳозиқ (1800-1843), Зокирҷон Фурқат (1858-1908), Чокан Валихон (1835-1865), Аваз Утар (1884-1919), Муҳаммад Аминхоҷа Муқимӣ (1856-1903), Ҷамбул Ҷабай (1846-1945), Тошхоҷа Асирӣ (1864-1916), Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (1889-1929), Садриддин Айнӣ (1878-1954) ва дигарон зиндагию фаъолият намуда, бо осори бадеӣ дар таърихи афкори иҷтимоию фарҳангии садаи XIX ва огози садаи XX-и Осиёи Марказӣ нақши муассир гузоштаанд.

Аҳмади Дониш, яке аз симоҳои намоёнтарини илму фарҳанги қарни XIX дар аморати Бухоро маҳсуб меёфт. Мавзӯи меҳварии афкори Аҳмади Дониш ислоҳоти иҷтимоии ҷомеа буд ва таҳқиқи фаннии он пас аз солҳои панҷоҳум ба миён омада, андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ, тафриқаандозии динию мазҳабӣ, ки дар осори гаронмояи Аҳмади Дониш баён шудаанд, то ин давр дар шакли муқоисавию татбиқӣ ва таҳлилии бунёдӣ омӯхта нашуда буд. Аввалин муҳаққиқе, ки муҳити таърихию илмӣ, адабӣ ва фарҳангии замони Аҳмади Донишро дақиқ дарк намуд, устод Садриддин Айнӣ буда, ба мероси гаронмояи аллома Аҳмади Дониш аз наздик шинос шуд ва ба омӯзиши шахсияту осори ин нобиға, «доҳии модарзод» ва «ситораи фурӯзон дар осмони тираи Бухоро» бо ихлос ва иродатмандӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Аҳмади Дониш аз худ осори гаронқадр, аз қабили «Наводир- ул- вақоеъ», «Рисола дар назми тамаддун ва таъовун», «Номус-ул-аъзам» («Меъёр-ут-тадайюн»), «Рисола фӣ аъмол- ил- курра», «Зич», «Рисолаи хат ва хаттотӣ», «Манозир–ул-кавокиб», «Таъодули хамсаи мутаҳҳайира», «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» ва ғайра ба мерос гузошт, ки дар таърихи афкори иҷтимоию сиёсӣ, илмӣ ва адбию эстетикии мо ҷойгоҳи хоса доранд.

Мубраммият ва арзишмандии мероси гаронмояи аллома Аҳмади Донишро Садриддин Айнӣ чун аввалин пешоҳанги омӯзиши шахсияту осори нобиға дар асарҳои таърихию адабии «Намунаи адабиёти

тоҷик», «Таърихи амирони манғити Бухоро», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ва махсусан дар «Ёддоштҳо» жарфназарона ба миён гузошт. Масъалаи мураккабе, ки диққати аҳли илму адабро дар ин солҳо ба худ ҷалб намуд, ин омӯхтани осори адабӣ, шахсият, ақидаву ҷаҳонбинӣ ва дар хамин асос шинохти шахсият ва офаридани симои Аҳмади Дониш буд. Ба ин мақсад, бо раҳнамоии устод Айнӣ , нахустин очерки илмию адабии Сотим Улуғзода «Аҳмади Дониш» ба вуҷуд омад. То ин замон осори аллома Аҳмад Махдуми Дониш ба аҳли ҷомеа дастрас ва шинос набуд ва дар шакли баргузида таҳия ва нашр нашуда буд. Ташаккул ва таҳаввули адабиёти тоҷикии нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои ХХ бештар ба фаъолият, нерӯи эҷодӣ ва рисолати адабию эҷодии Аҳмади Дониш ва пайравони ӯ вобастагӣ дошта, ба таври комилу саҳеҳ мавриди таҳқиқ ва баррасии дақиқ қарор нагирифта буд ва шинохти шахсияту осори мутафаккир ва маорифпарвари бузурги тоҷик Аҳмади Дониш нигарони таҳлили илмиву бадеӣ буд. Баъдтар бо кӯшиши пажӯҳишгарони тоҷик нашри илмӣ-интиқодии осори аллома «Рисола ё мухтасаре аз таърихи хонадони манғития», «Наводил-ул-вақоеъ», ва «Номус-ул-аъзам» («Меъёр –ут- тадайюн») манзури ҷомеа шуданд. Ин осори ӯ асосан дар заминаи нусхаҳои қаламии аз рӯи нусхаҳои котобон рӯнавису таҳия шуда анҷом ёфта, матни илмии интиқодии онҳо дар заминаи дастхати худи Аҳмад Махдуми Дониш ҳанӯз рӯи кор наомада буд. Минбаъд дар омӯзиши афкори таърихию фалсафӣ, иҷтимоӣ ва бадеии Аҳмади Дониш адибон ва муҳаққиқони тоҷик С. Улуғзода, А. Мирзоев Х. Мирзозода, А. Баҳоваддинов, З. Раҷабов, Р. Ҳодизода, Ғ. Ашӯров М. Диноршоев ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Бо кӯшишу заҳматҳои А. Мирзоев муҳаққиқон ва толибилмон ба афкори маорифпарвариву ислоҳотхоҳии интиқодии осори Аҳмад Махдуми Дониш, махсусан таҳлили ҷиддии ҳашт нусхаи боқимондаи матни «Наводир-ул-вақоеъ»: се нусха дар китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон, ду нусха дар китбхонаи миллии Тоҷикистон, нусхаҳои китобхонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон, ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва нусхаи қадимтарин ва дастхати худи Аҳмади Дониш, ки дар собиқ Институти шарқшиносии АИ СССР нигоҳдорӣ мешавад, шинос шуданд. Ба А. Мирзоев муяссар шудааст, ки куҳнатарин дастхати «Наводир-ул-вақоеъ» бо таҳрири худи Аҳмади Дониш мӯшикофона таъйин намуда, аз ин бозёфт аҳли илмро ба ҳайрат гузорад. Муътамадии ин фарзияро бо ҷузъиёту далелҳои дақиқ, аз ҷумла муқоисаву монандии нусхаҳои мусаввада ва дастхатҳои қаблии мусаннифи асар, тарз ва нигориши варақаҳои асар, якрангии хат ва қалами навишт, таърихи навишти бобҳо ва варақаҳо , ҷудо сохтани бобҳои рисолаи сиёсӣ аз дохили асар ва монанди инҳо зимни биниши дақиқи матншиносӣ муайян намудааст ва минбаъд ба омодасозии матни интақодии «Наводир-ул-вақоеъ» вазифа гузоштааст. Ҳамчунин ба андешаи А. Мирзоев ҳадафи дар дохили матни «Наводир-ул-вақоеъ» ҷойгир намудани афкори сиёсӣ ва ислоҳотталабӣ, бинобар сабаби бо эътирозу муқобилияти сахт ва ҷазову ҷабр гирифтор нагаштани мусанниф, ҳақиқати масъала ва ғояи танқиди идораи аморат ва бенизомии он пӯшида нигоҳ доштан мазмуни асар дар дохили «Наводир-ул-вақоеъ» ҷойгир намудан ба миён омадааст [6, саҳ 43-61]

Хидмати А. Мирзоев на танҳо дар бозёфти нусхаи арзишманд ва таҳлили «Наводир-ул-вақоеъ» калон мебошад. Вай ҳанӯз соли 1960 бори аввал матни илмиву интиқодии «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития»-ро нашр намудааст. Вай дар мақолаҳои «Аҳмад Махдуми Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна [1962] ва «Шарҳи ҳоли Дониш бо қалами худаш» [1976] дар ҳалли мушкилоти таъмини об дар Вароруд , махсусан ҳалли мушкилоти таъмини об дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва атрофи онро ба миён гузоштааст.

Дар рисола ва мақолоти мазкур аллома Аҳмад Махдуми Дониш ба масъалаи муҳим ва тақдирсози ҳаёти башар об ва захираҳои обӣ ва истифодаи самараноки он ба нафъи ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар ин замина масъалаи обёрии заминҳои ҳосилхези Моваруннаҳр – Осиёи Миёна дар мисоли самаранок ва оқилона истифода бурдани оби дарёҳои қадимаи Ому [Ҷайҳун], Сир [Сайҳун] ва Зарафшон [Бутамон] ба нафъи мардуми шаҳрҳои Самарқанд ва Бухоро аз назари мутафаккири бузург дур намондааст. Роҷеъ ба ин масъала, матолиб ва мавзӯъи муҳим дар мақолаи донишманди шарқшинос Е.Э. Бертелс «Дастхати асарҳои Аҳмади Калла» [1936] дахл намуда, А. Мирзоев дар мақолаи «Аҳмад Махдуми Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна» [1962] изҳори ақида намудаанд.[4, 137-141]

Дарвоқеъ, Аҳмади Дониш хуб медонист, ки об аз замонҳои қадим ҳамчун бузургтарин неъмати офариниши ҳаёт дар тавлиди ҳаёту зиндагии башар, набототу табиат, тасаввури мардум, асотири халқияту ақвоми олам, адёни ҷаҳонӣ ва афкори маънавии инсоният ба сифати як муҷиза муқаддасу пок парастида мешуд. Оби муқаддас, ҳаётбахш ва поксоз ба зиндагии маънавию фарҳангии инсоният ва тавлиду рушди тамаддун иртиботи ногусастанӣ дошта, дар нумӯъ ва солимии ҳаёти инсон ва аҷсоми табиат мақоми бузург ва шоистаро соҳиб шудааст. Таҳқиқи таърихи ҳаёти инсоният собит сохтаст, ки гаҳвораҳои тамаддун, амсоли Бухоро ва Самарқанд дар маҳалли ҷойгиршавии об, соҳили дарёҳои серобу водиҳои ҳосилхез, аз ҷумла Ому (Ҷайҳун), Сир (Сайҳун) ва монанди инҳо пайдо шудааст. Дар ин робита иқлим ва муҳит ба сарнавишт ва ҳаёти инсоният бетаъсир набуда, нақши амиқ гузоштааст. Сарзамине барои ҳаёт интихоб мешуд, ки иқлиму ҳавои мусоид, заминҳои ҳосилхез ва обу ғизои

фаровон дошта бошад. Кишвару шаҳрҳои обод ва ибодатгоҳҳо дар маконе бунёд меёфтанд ва устувор мегаштанд, ки чунин имконият доштанд. Табиат, қувва ва доираҳои он ба зиндагии инсон ва бақову ҳифзи ҳаёт таъсири комил мегзошт. Ободиву осоиши олам аз мавҷудиятҳои захираҳои табиӣ муяссар мегардид.

Мутафаккири бузург Аҳмади Дониш эҳтиёҷот ва ба нафъи мардуми воҳаҳои Мовароуннаҳр истифода бурдани оби дарёҳои Сир, Ому ва Зарафшонро ҳамчун мутафаккир ва донишманди гуногунсоҳа дарк намуда, талош ва мубориза бурдааст. Ба ин мақсад сабабҳои камобӣ ва роҳҳои аз манбаъҳои обӣ обёрӣ намудани киштзорҳои зироатии Самарқанд, Бухоро ва атрофии онро дар замони амир Музаффар ва писараш Абдулаҳад ба миён гузошта, дар сафарҳои ба Россия (Петербург) кардааш ҳалли ин мушкилотро дар назди намояндагони ҳукумати онвақтаи императори Руссия, генерал-губернатори Тошканд Кауфман ва ҳокими Самарқанд Абрамов гузоштааст.

Баъд аз забту истило ва ба итоати Россия даромадани вилояти Самарқанд ободонӣ ва обёрии киштзорҳои тавобеи он вусъат ёфта, Зарафшон ба Бухоро оби кофӣ намедод, дар фасли тобистон коштзорҳои ҳосилхез ва маҳалҳои ободи туманҳои Бухоро аз об танқисӣ мекашиданд. Дар ин хусус Аҳмади Дониш чунин менависад: «Ва аз чиҳати он ки Самарқанд ба ҳукми Русия даромад, оби дарёи Зарафшон бештари ба сарфи ҳавошии ноободи он ҷо номзад шуда, оби Бухоро рӯй ба камӣ оварда буд. Ман ба элчӣ гуфтам, ки ҳар вақт ки ба Кофман (Кауфман-. А.М., О. А.) дучор шавӣ, оби Бухоро биталаб, ки Самарқанд фи нафеиҳи чашмаю корез дорад, дар Бухоро се моҳи тобистон чоҳҳо низ об намедиҳанд, машки об ба ним дирам таҳсил намешавад. Оби дарёи Самарқандро ба ҳама вақт муқассам дорад, се рӯз дар он ҷо ва се рӯз дар Бухоро, ё ҳафта, ё понздаҳ рӯз дар Самарқанд, понздаҳ рӯзи дигар ва ё ҳафта дар Бухоро бемонеъ биравад» [1, 82-83].

Аҳмади Дониш дар Петербург ҳар ҷо ки ба Кауфман дучор мешавад, сухан аз таъмину тақсими оқилонаи оби Бухоро, истифодаи оби Ому меовард ва билохира ҳангоми видоъи ҳайати сафорат аз Петербург Кауфман ӯро миннатдор карда мегӯяд: « Дилхуш бошед, ки баъд аз Самарқандро мунқасим гардонам. Ба Абрамуф (Абрамов А.К. - А.М., О. А.) ҳокими Самарқанд, фармудам, ки ба Шумо мулоқот кунад, оби Самарқандро чунончи шумо гӯеду хоҳед, тақсим кунад» [1, 83].

Пешниҳоду таклифоти Аҳмади Дониш аз ҷониби амир Музаффар мавриди омӯзиш қарор гирифта, бинобар баҳонаи «подшоҳони гузаштаи Бухоро - ку об аз Ому нагирифтаанд, ё даҳанаи онро набастаанд. Сабаб он аст, ки мабодо бо саъйи душмане, ё ғалабаи обхезии дарёи Бухоро бо об хароб нагардад, аз Омуя об талабидан хилофи маслиҳат аст», [9, 133] ҷавоб менависад.

Аҳмади Дониш ин сабабҳоро бо далелҳои қотеъ рад намуда, дар ҷавоб менависад: «Агар даҳанаи наҳри мо аз муҳозии Каркӣ бошад, фаразан, агар об ғалаба кунад, аз ғарбии Қаршӣ ва ҷанубии Қаровулхона ва Омоҷурғотӣ [наздикии Когон] ин об гузашта, ҳам аз даруни дашту рег ва муҳозии Нарзам ва Чаҳорҷӯй боз ба дарё меразад, ки ҳеҷ ҷойи зарар надорад» [4, 133]

Мирзоев А. ҳангоми таҳлили ин асар барбод рафтани кӯшишҳои зиёди Аҳмади Донишро чиҳати обёрии саҳрои Қаршӣ ва туманҳои Бухоро ва истифода бурдани оби Ому ба киштзорҳои ҳосилхези он изҳори андеша намудааст.

Пеш аз сафари амир Абдулаҳад ба Петербург [мутаассифона, дар ин сафар Аҳмади Донишро ба ҳайати аморат ҳамроҳ намекунанд] , панҷ банд мусаввадаи таклифномаи ба император тақдим мекардагии амирро навишта., ба дарбори амир ирсол менамояд. Дар мултамас (илтимоснома. – А. М., О. А.)- и аввал чунин омадааст: «вақте ки Самарқанд ба давлати бахияи Рус мулҳақ шуд, оби Бухоро ба нуқсон ниҳод, аз он ки мутасаддиёну ҳокимони он ҷо оби Самарқандро ба иморату зироат фармудаанд, ду сулси оби дарё дар ин ҷо ба масраф меравад ва як сулси боқӣ ҳам вақте ба Бухоро меояд, иртифоъоти баҳорию тобистонаи мо талаф шуда бошад. Аз ин чиҳат, як марди донишманд дар амри об бифиристонанд, ки аз Омуя ё баҳри Сир ба мо об ҷорӣ кунад, ки заминҳои мазраъаи мо хароб нагардад»[1. 89].

Аз мулоқоти Аҳмади Дониш бо яке аз котибон, ки дар ин сафар таъйин шуда буд, равшан мегардад, ки амир аз тарси он ки мабодо император аз вай биранҷад, ҳеҷ аз панҷ банди мусаввадаи илтимоснома (дархост)-и пешниҳод кардаи Аҳмади Донишро дар Питербург изҳор накардааст. Бинобар ин, А. Мирзоев қайд менамояд, ки «Ҳар он кӯшиш ва ҳаракате, ки Аҳмад Махдуми Дониш барои обёрии мамлакат дар замони ҳукмронии амир Музаффар ва амир Абдулаҳад карда буд, бинобар белаёқатӣ ва ҳамоқати ин ду амир ба амал татбиқ нашуд ва масъалаи оби Бухоро ва истифода бурда шудани оби Ому ҳал нашуд» [6, 77].

Дар охири рисола Аҳмади Дониш зимни мулоқот бо талаби ду тан аз намояндагони ихвону-с-сафо бо истифода аз қоидаҳои илми нуҷум (ситорашиносӣ) толеъи вилояти Бухороро имтиҳон ва пешгӯй менамояд:

«Дар оянда касоне, ки зиндаанд, хоҳанд дид, ки чи давлату моле дар хазонаи омира бад-ин гуна зулму зафр ҷамъ гардидааст, тӯшаи куффору ғанимати фуҷҷор гардида, саркардагон охир сари худҳоро ба дор хоҳанд супорид ва амирону валоён ҳамчунон бенасиб ба хусрони абадӣ гирифтор хоҳанд шуд..... Назар ба қирони кавокиб давоми салтанат низ дар Мовароуннаҳр ба дасти ин тоифа пойдор намонад ва

мукотилаи азиме ва тағйироти аҷибе зуҳур кунад, чи тақобули Миррих бо Зуҳал ва тақоруби Муштарӣ бо Уторид далел аст бар заъфи милали ислом ва дини ҳақ ва ривочи умури ботила ва шӯйуъи куфру кофирӣ дар акнофи олам, хоса дар билоди Моваруннаҳр.... Назар ба икроноти кавокиб, бояд, ки дар як қарн, ки иборат аз сию шаш сол аст, дар арсаи зуҳур бирасад ва машҳуди дидаи ҷаҳониён гардад[1, 96-97].

Ниҳоят, Аҳмади Дониш ба идораи аморати Бухоро ва бенизомии он, вуҷуди амирони ҷоҳил ва олимону сипоҳиёни гумроҳи ғофил нафрат пайдо намуда, фарёд мезанад ва чунин менависад: «Ҳайф, афсӯс, ки дар ин аср гӯши шунаванда ва диди нагиранда нест. Ҷуз ин ки ҳар чи маълуми хеш гардад ба саҳифа нақш кардану худ хондан ва аз худ гиристан дигар илоҷе надорад»[1, 97].

Шинохт, шарҳ ва тавсифи об дар афкори файласуфон, донишмандону шоирон ва фарҳанги шифоҳии мардум низ ба хубӣ дарҷ ёфтааст. Пайдо кардани чаҳор аносири табиат [обу хоку отшу об], хосият ва сабабу омилҳои падид омадани онҳо дар осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Абӯалӣ Ибни Сино «Донишнома», «Ал-қонун», «Қурозаи табииёт», «Осмон ва ҷаҳон», «Қавн ва фасод», китобҳои Носири Хусрав «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Рӯшнонома», Аҳмад Махдуми Дониш «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати амирони манғития» ва эҷодиёти кулли шоирону адибони олам таҳлил ва шарҳ ёфтааст.

Дар баробари ин, ин мавзӯъ дар замони муосир мубрам ва аҳамиятнок аст ва таҳаввулоти марҳилаҳои сарнавиштсози таърихии халқҳо дар замони муосир гувоҳ бар ин аст, ки масъалаи таъмини об барои мардум ва ҳифзи экологии сайёра аз талаботи муассири ҳаёту зиндагии башар маҳсуб меёбад.

Дар саҳфаи сарнавиштсози таърихии миллат, махсусан дар ин айёми фархундаву фирӯзи соҳибистиқлолии кишвар бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои мубрам ва муҳимми вобаста ба об, ҳифзу захираи он дар сатҳи бузургтарин минбари байналмиллалӣ бардошта шуд. Дар натиҷаи идомаи босамари ин сиёсат ва амалӣ намудани тадбирҳои судбахш дар чаҳорчӯбаи нақшаҳои ҷаҳонии «Соли байналмилалии оби тоза» минбаъд бо пешниҳоди Тоҷикистон солҳои 2005-2015-ро Созмони Милали Муттаҳид Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» эълон намуд. Имрӯз дар доираи барномаю нақшаҳои даҳсолаи амалиёти «Об барои ҳаёт» дар тамоми гӯшаю каноридунё тадбирҳои судбах татбиқ мегарданд, ки боиси ифтихори ҳар як шаҳрванди ватандӯсти Тоҷикистон аст. Дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид қабул шудани ин пешниҳод бори дигар собит месозад, ки Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори гуфтугӯйи созанда ва истифодаи пурсамари об ба манфиати инсон, аҳли башар аст ва танҳо аз нияту ормонҳои неку инсондӯстонава ҳусни ҳамсоягӣ пайгирӣ мекунад.

Об ва захираҳои обӣ дар кишвари азизамон аз масоили мубрам ва аҳмиятнок маҳсуб меёбад. Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ бо дарназардошти маҳдуд будани дигар намуди захираҳои табиӣ, аз ҷумла газ ва нафт, захираҳои об аз захираҳои стратегии кишвар ба ҳисоб рафта, истифодаи ҳадафманд ва босамари онҳо барои рушди кишвар аз вазифаҳои асосии пешбурд ва татбиқи сиёсати давлатӣ дониста мешавад. Масъалаи истифодаи захираҳои об аз самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, вобаста ба ин кишвари мо бо манзури якчанд давлати рӯ ба тараққи ниҳодаи олам муаррифӣ мегардад.

АДАБИЁТ

1 Аҳмад Махдуми Дониш. Рисола ва ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития.- Душанбе, «Сарват», 1992, 98 сах.

2 Бертельс Е.Э. Рукописи произведения Ахмеда Калла. Труды таджикской базы АН СССР, т.3, - М.-Л., 1936, стр 9-29

3 Мирзоев А. Таҳрири аввалини «Наводир-ул-вақоеъ» ва таълифи он. Ахбори АФ Тоҷикистон, нашри ХУ11, 1953, сах. 151-161

4 Мирзоев А. Аҳмад Махдуми Дониш ва гузориши масъалаи обёрии Осиёи Миёна.- Шарқи Сурх, № 5, 1962, сах. 137-141.

5 Мирзоев А. «Шарҳи ҳоли Дониш бо қалами худаш».- Ёдномаи академик Абдулғанӣ Мирзоев, Душанбе: Дониш, 2008, с. 9-38.

6 Мирзоев А. М. Аҳмади Дониш. Маҷмӯаи мақолаҳо.- Мураттибон: М. Муллоаҳмад, М. Мирзоев, Дониш, Душанбе, 2017, 140 с.

THE ROLE OF AHMAD DONISH ON SOLVING THE WATER PROBLEM IN MAVERANNAHR

This article explores Movarounnahr water problem and world outlook of the outstanding teacher Ahmad Donish on resolution of water problem. Based on the analysis and comparing ideal and thematic peculiarities of his creative works, social problems of Khanate of Bukhara are revealed. As well as, the author points out about the importance of water issue in modern world.

Keywords: *Ahmadi Donish, Movarounnahr, Khanate of Bukhara, water, water problem, water resources, water issues.*

РОЛЬ АХМАДА ДОНИША О РЕШЕНИИ ПРОБЛЕМЫ ВОДЫ В МАВЕРАННАХР

В данной статье рассматривается водного вопроса Вароруд и мировазрения великого просвитителя Ахмада Дониша о решении данной проблемы. На основе анализа и сопаставления идейно тематическое особенностёй его произведениия выявляется социальные вопросы Бухарского эмирата.

А также, автор подчеркивает неизбежность реального значения водного вопроса в современной мировой прстранстве.

Ключевые слова: *Ахмади Дониш, Вароруд Бухарское ханство, вода, водные проблемы, водные ресурсы, водные проблемы.*

Сведение об авторах:

Муллоев Абдусамад *– доктор филологисеский наук, декан таджическая филология Таджикского государственного педагагического университет имени С.Айнӣ Тел: +992917585877*

Одинаев Абдумавлон Назирович*, старший преподаватель кафедры история таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, тел: +992927648787 (моб.) E-mail: abdumavlon1987@gmail.com*

About the autors:

Mulloev Abdusamad – doctor of philological sciences, professor in the Chair of Theory and History of Literature of Tajik State Pedagogical University named after S.Ayni, Tel.: +992917585877

Odinaev Abdumavlon Nazirovich, *Senior Lecturer of the Department of History of the Tajik People, Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, E-mail: abdumavlon1987@gmail.com*

УДК 59 (910)
ББК 63.3 (5)

ҶАМОАИ ИСЛОМИЯ: ТАШКИЛ ВА ФАЪОЛИЯТИ ОН ДАР ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ

Қудратов К.А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айни

Тундгароии динӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ на танҳо он кишварҳоеро, ки аксари аҳолиашон мусулмонанд, балки кишварҳоеро, ки аксари аҳолиашон мусулмон нестанд (ба монанди Филиппин, ки аксари аҳолиаш католик ва Таиланд, ки аксари аҳолиаш буддоӣ ҳастанд) таҳдид мекунад. Ба ғайр аз ин дар Филиппин ва Таиланд экстремистҳои исломӣ дар бисёр маконҳои зисти мусулмонон бо ҳукуматҳои маҳаллӣ ҷангҳои бисёрсолаи худро қатъ накарда, аз онҳо талаб доранд, ки ба чунин ноҳияҳо мухторият диҳанд, то ки дар ин маконҳо мусулмонон мувофиқи меъёр ва аҳкоми шаръ зиндагӣ кунанд. Дар Малайзия ва Индонезия вазъ мураккабтар аст, зеро дар он ҷо ба радикалҳои мусулмон ва талаботашон оиди таъсиси давлати исломӣ мусулмонони мадоромеҳвар, ки ҷонибдори давлати дунявианд, муқобил меистанд. Алҳол мусулмонони боэътидол вазъиятро зери назорат доранд, вале ҳамеша дар зери фишори радикалҳо қарор дошта, тундгароён аз ҳар фурсати барояшон муносиб истифода бурда, нақшаҳои худро амалӣ мекунанд.

Имрӯз ин воқеиятро эътироф накардан мумкин нест, ки дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ифротгароии исломӣ амалан фаъол гардидааст. Ин воқеият омилҳои худро дорад. Дар навбати аввал, сабабгори ин ҳолат сиёсати таҷовузкорона ва воқеан зиддиисломии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Шарқи наздик ва Ховари миёна аст, ки боиси эътирозу норозигии мусулмонони кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ гардидааст. Дар Филиппину Таиланд Ислом ҳамчун унсури муҳими муттаҳидкунанда ва мутамойизи ақалиятҳои миллии маҳаллӣ (муборизаи мусулмонони ҷазираҳои Минданао ва Моро дар ҷануби Филиппин) буда, як шакли асосии мубориза барои ҳуқуқу озодиҳои миллиашон мебошад. Дар раванди радикализатсия инчунин функсияи муҳими иҷтимоии Ислом мусоидат менамояд, ки баъди аз фазои идеологии ҷаҳон рафтани ғояҳои коммунистӣ таълимоти Исломро мусулмонони ОҶШ ҳамчун доктринаи иҷтимоии адолату баробарӣ қабул мекунанд ва ҷавобгӯи орзуву ормонҳои қишрҳои камбизоату нодори аҳолӣ мебошад. Дар байни дигар омилҳо таблиғи фаъоли тундгароён аз тарафи фондҳои гуногуни динӣ, воситаҳои ахбори омма ва интишори китобу дастурҳои зиёд, ки мунтазам аз ҷониби марказҳои радикалии исломии кишварҳои араб ба мамлакатҳои ОҶШ равона мешаванд, нақши муҳим доранд. Ҳамаи инҳо бозори доираҳои исломи сиёсиро, ки шиорҳои Исломро ҳамчун воситаи муборизаи сиёсӣ истифода мебаранд, гарм нигоҳ медорад.

Аммо дар фаъолшавии исломи радикалӣ дар ОҶШ омили дигарро низ махсус қайд кардан бамаврид аст, ки гоҳо нодида гирифта мешавад: исломиҳои радикалӣ на ҳамчун ҷараёнҳои сиёсии маҳдуди маҳаллӣ, балки ҳамчун фронти исломии ҷаҳонӣ баромад мекунанд. Аз ин ҷиҳат ташкилотҳои исломии ОҶШ сохтори муназзам дошта, аз хориҷ ёрии молии фаровон дастрас менамоянд. Ташкилотҳои радикалии исломӣ дар муборизаи хеш на танҳо аз терроризм истифода мебаранд, балки сохторҳои ба доираи қонун даровардашуда (легалӣ) низ доранд, ки натанҳо таблиғот дар намозҳои панҷгона, инчунин аз болои таълимоти фанҳои динӣ, фаъолияти пешвоёни сиёсӣ, ки ҷонибдори давлати исломии шариатбунёд дар ОҶШ мебошанд, назорат мебаранд.

Ҷараёни радикалии исломӣ дар таркиби хеш гурӯҳҳои зиёди фаъолияташон ба доираи қонун даровардашуда ва ғайри онро дар кишварҳои ОҶШ муттаҳид мекунад. Ташкилоти «Ҷамоаи исломия» фаррохтарин ва сераъзотарин ташкилоти радикалии исломӣ дар ОҶШ мебошад ва аз ҷиҳати моҳияту ном ба монанди «Ал-ҷамоат-ал-исломия»-и Миср аст. Ба андешаи мутахассисон, он дар кишварҳои ОҶШ ҳамчун як шуъбаи ташкилоти террористии «Ал-Қоида» фаъолият менамояд. «Ҷамоаи исломия» ба гунаи «Ал-Қоида» дар ҷаҳон бо амалҳои бераҳмона ва ғайриинсонии хеш машҳур аст: таркишҳо, куштору одамрабоиҳо бо ном ва дар зери парчами мубориза барои ғалабаи «Ислом» дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сурат мегирад. Хуни ҳазорон куштагони бегуноҳи миллату мазҳабҳои гуногун ба гардани ҷанговарони «Ҷамоаи исломия» рост меояд. Мақсади террорҳои онҳо аз он иборат аст, ки Исломро як ҷузъи сохтори сиёсии бисёре аз кишварҳои ОҶШ намоянд ва тарзи зиндагии онҳо бояд мувофиқи Исломи «ҳақиқӣ» ба роҳ монда шавад. Ин мақсад дар барномаи «Ҷамоаи исломия» барои кишварҳои ОҶШ аз рӯзҳои аввали таъсиси ин ташкилот муқаррар шуда буд. Дар он нишон дода мешавад, ки Индонезия бояд давлати исломӣ гардида тадриҷан ба «хилофати нави осиёӣ» табдил ёбад ва ҳудудҳои Индонезия, Малайзия, Бруней, Сингопур, қисматҳои ҷанубии Филиппин, Таиланд ва Мянмаро дар бар гирад [1].

Бунёнгузор ва пешвоёни собиқадори «Ҷамоаи исломия» ду имом: Абдулло Сунҳор ва Абубакри Башир ба ҳисоб мерафтанд. Онҳо фаъолияти хешро аз соли 1969 ба таври хеле оддӣ сар кардаанд – радиостансияи пинҳонии онҳо асосҳои Исломро барои қишри бенавои индонезӣ таблиғу тафсир менамуд. Баъдан онҳо мактаб-интернате кушоданд, ки бачагонро аз оилаҳои серфарзанди камбағал гирифта, тарбия ва таълим медоданд. Аллакай дар ҳамон замон террористи рақами як дар ОҶШ Абубакр Башир шиори мактаби навро муайян намуда буд: «Марг дар роҳи Худо мақсади олии мо» [12, с. 65]. Наврасони индонезӣ, ки аз муаллимон-экстремистҳо донишҳои муайяни диниро гирифта буданд, ҷабҳаи аввалини гурӯҳҳои радикалии исломиро ташкил медоданд ва бар зидди ҳокими ҳамонвақтаи кишвар, генерал Суҳарто, ки намояндагони мазҳабии аз режими давлат норозиро ба таъқибу шиканҷа гирифтор менамуд, мубориза мебурданд.

Ин марҳаларо дар таърихи «Ҷамоаи исломия» марҳалаи ташаккули фазои идеологӣ номидан мумкин аст, ки шогирдони Абдулло Сунҳор ва Абубакр Башир бар зидди режими ҳукмрон ва ғарбгароии ҷомеаи индонезӣ мубориза бурда, намунаи рафтори динии «сазовор»-ро ба мардум нишон медоданд. Онҳо худ қатъиян мувофиқи шариат зиста, дигаронро ба ин роҳ даъват мекарданд. Мақсаду ормонҳои муқаддасашонро эълон карда буданд - зиндагии хешро сарфи хидмати «Исломи ноб» намудан.

Аммо марҳалаи «идеологӣ» дер давом накард. Зарурати ба даст овардани ёрии моддӣ бо мақсади густаришу рушди фаъолияти минбаъда аъзоёни боғайрати «Ҷамоаи исломия»-ро аз тоату ибодат ба роҳзанию ғоратгарӣ водор намуд. Бо тарафдорони дар он замон камшуморашон онҳо ба сӯзондани калисоҳо, клубҳои шабона ва ҳатто кинотеатрҳо, ки дар назарашон манбаи фасоди ҷомеаи онвақта маҳсуб меёфтанд, оғоз намуданд.

Аз охири солҳои 1970 гурӯҳҳои радикалии исломӣ, ки пинҳонӣ амалиёт мебурданд, тадриҷан дар бунёди умумии сохтмони давлати исломӣ ва хилофати Осиёи Ҷанубу Шарқӣ муттаҳид шуда, дар шаклҳои мухталиф дар атрофи «Ҷамоаи исломия» гирд омаданд. Аввалин задухӯрди хунини қувваҳои афзояндаи ҳаракати исломиҳои тундгаро ҳодисаҳои фоҷиабори соли 1984 дар бандари Танжун Приок-и Ҷакарта ба вуқуъ пайваст. Дар он ҷо дар байни ҳаводорони исломи тундгаро ва қувваҳои мусаллаҳи зиёди ҳукуматӣ задухӯрди хунин ба амал омад. Дар натиҷа пешвоёни тундгаро Абдулло Сунҳор ва Абубакр Башир аз хавфи зиндонӣ гардидан ба Малайзия фирор намуданд. Дар Малайзия низ ба ҷалби ҷавонон (ба монанди Индонезия ҷавонон аз оилаҳои бенаво) оғоз карда, саъй менамуданд, ки ҳаракати худро аз ҳисоби ташкил намудани гурӯҳҳои мусаллаҳ пурқувват намоянд. Баъдан онҳо марҳала ба марҳала ба Афғонистон сарбоз фиристода, дар он ҷо дар лагерҳои махсус таълими ҳарбӣ гирифта, заминаи ташкилоти низомӣ-ҷангиро дар чорчӯбаи «Ҷамоаи исломия» бунёдгузорӣ намуданд. Зимнан, маълум аст, ки ҷамъоварӣ ва маблағгузории сарбозон ва ба Афғонистон фиристодани онҳо аз ҷониби «Лигаи ҷаҳонии ислом»- и Арабистони Саудӣ, ки бо номи «Робита» маъруф аст, маблағгузорӣ карда мешуд. Ҳамаи сарбозони истихдомшуда дар Пешовари Покистон тавассути «маркази хизматрасонӣ» ба Афғонистон фиристода мешуданд. Ин марказро Абдуллоҳ Аъзам, ки дар замонаш ӯро Усома бин Лодан назарияпардози «Ал-Қоида» таъин карда буд, роҳбарӣ менамуд [12, с. 65].

Сохтори «Ҷамоаи исломия» бо чунин тарз ташкил шуда аст: шахси олимақоми он амир ба ҳисоб мерафт, ки ин мақомро то замони вафоташ Абдулло Сунҳор ба ӯҳда дошт. Дигар бунёдгузори «Ҷамоаи исломия» Абубакр Башир, аз рӯи баъзе сарчашмаҳо аз соли 1999 то соли 2002, яъне то зиндонӣ шуданаш вазифаи амириро ичро намудааст. Баъди ӯ амир Абу Зуҷаноҳ таъин мегардад ва ба ном ин мақомро ичро менамуд [5]. Аммо, яқинан, ин нуктаи назар дуруст нест, чунки маҳз роҳбарони чор шӯрои зери назорати амирро танҳо худи Абубакр Башир таъин менамуд: Шӯрои роҳбарӣ, Шӯрои корҳои дин, Шӯрои олии илоҳиёт ва Шӯрои интихоботӣ. Дар навбати худ, тамоми минтақаи ОҶШ вобаста ба таъиноти вазифавиашон ба чор маъмурият (округ) тақсим мешуд. Қисмати аввал, Сингапур ва Малайзия буданд, ки воситаҳои молии фаъолияти «Ҷамоаи исломия»-ро таъмин мекарданд. Округи

дуюм, қисмати зиёди Индонезияро дар бар гирифта, фазое барои пеш бурдани ҷиҳод муайян гардида буд. Округи сеюм, ҷазираҳои Минданао, Сабоҳ ва Сулавеси барои истихдом ва тайёр намудани муҷоҳидон муайян шуда буд. Округи чорум, қаламрави Австралия ва Папуа таъиноти амалиётҳои молию тиҷоратӣ доштанд [12, с. 66].

Муттаҳидшавии гурӯҳҳои парокандаи исломӣ дар ибтидои солҳои 1980 дар ташкилоти «Ҷамоаи исломия», роҳбарӣ ва назорати ягона ба гурӯҳҳои тундгарои исломиро дар ОҶШ нерӯ бахшид ва имкониятҳои навро фароҳам овард. Ин албатта, дар замони андак ба вуқуъ наомадааст, чунки ҳодисаҳои Афғонистон солҳои зиёд диққат ва неруи исломиҳои Осиёи Ҷанубу Шарқиро ба худ ҷалб карда буд. Танҳо замоне ки «собиқадорони Афғонистон» ба ватан баргаштанд, қувваи худро барои муборизаҳо дар ОҶШ сафарбар карда тавонистанд. Ба саҳнаи сиёсӣ баромадани «Ҷамоаи исломия»-и нав дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ бо ташкили таркиши мудҳише дар ҷазираи Бали дар соли 2002 «муаррифӣ» карда шуд. Баъди ин дар августи соли 2003 таркиши нав дар меҳмонхонаи «Мариот» дар Ҷакарта садо дод, ки шумораи зиёди қурбониҳоро ба бор овард. Илова бар ин дар соли 2003 «Ҷамоаи исломия» қариб ки ташкилоти террористии рақами яки сайёра эътироф мешуд. Ҳамон вақт тавассути қувваҳои таъиноти махсуси Таиланд ва ИМА ҳангоми гузаронидани саммити АТЭС дар Бангкок кӯшиши ҷанговарони ин ташкилот барои тарконданы бомбаи химиявӣ ошкор карда шуд. Мувофиқи изҳороти сарвазири ҳамонвақтаи Таиланд Таксин Чиннават ҳадафи ҳуҷуми террористон дар рӯзҳои вохӯрии байналмилалӣ тарконданы сафоратхонаҳои ИМА, Британияи Кабир, Исроил, Австралия, Сингапур ва мақсади асосии террористон куштани президенти ҳамонвақтаи ИМА Ҷорҷ Буш ба ҳисоб мерафт. Ба сифати ашёи хом гӯё радиоактив сезий-137 аз Руссия ба ОҶШ овардаро метарконидаанд [10].

Баъди ифшои нақшаҳои саркардаҳои «Ҷамоаи исломия» - куштани пешвоёни ҷаҳон, аз ҷумла президенти Амрико, дар тамоми кишварҳое, ки мавҷудияти ташкилотҳои пинҳонии он тахмин карда мешуд, шикори ҳақиқии аъзоёни «Ҷамоаи исломия» оғоз ёфт. Яке аз пешвоёни ин ташкилот дар ибтидои соли 2005 дар Филиппин бо гумони даст доштан дар силсилаамалҳои террористӣ дар Манила ва тайёр кардани амалиётҳои нав дастгир шуд. Пас аз бозпурсии хадамоти ҷосусии Филиппин маълум шуд, ки дар ҷануби кишвар 30 нафар аъзоёни «Ҷамоаи исломия» амалиётҳои инфиҷориро анҷом медиҳанд. Илова бар ин, муайян намуданд, ки ҳамаи онҳо бо ташкилотҳои исломии зиддидавлатӣ, пеш аз ҳама бо гурӯҳи «Абусайёф» ҳамкории зич доранд. Муқаррар шуд, ки «Ҷамоаи исломия» дар тамоми инфиҷорҳои калони солҳои охири Филиппин бевосита даст доштааст [11].

Усулҳои корбарии террористони «Ҷамоаи исломия» комилан мисли ҳамсафони онҳо аз ташкилоти террористии «Ал-Қоида» мебошад, ки барои ҷалби ҷанговарони интиҳорӣ маблағҳои махсус ҷудо мекарданд. Чунин тарзи мубориза барои кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ то замонҳои охир хос набуд. Дар ин тарзи мубориза танҳо «Ҷамоаи исломия» пешгом буд, чунки он дар татбиқи нақшаҳои худ усулҳои самаранокро истифода менамуданд. Эътироф намудан лозим аст, ки ҳукумати кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, мисли ҷомеаи ҷаҳонӣ то ҳол роҳу усулҳои босамари мубориза бо ин шакли терроризмро наёфтаанд. Ташкилотҳои террористӣ ба сифати муборизаи асосӣ, ки боиси афзоиши бесарусомонӣ ва сардаргумӣ дар ҷаҳон ва пеш аз ҳама дар минтақаҳои калидии он мегардад ва кишварҳои зиёдеро таҳдид мекунад ва ҷаҳонро ба ин ё он андоза ба самти бесуботӣ мебарад аз худкушҳо ва куштори оммавӣ истифода мебаранд.

Ҳангоми тавсифи сохтори дохилии «Ҷамоаи исломия» гуфтан мумкин аст, ки он пеш аз ҳама ташкилоти террористии низомиест, ки сохтори силсилавии мураккабро доро мебошад ва аз бригада то взвод тобеи роҳбари ташкилот буда, дар шароити сахт пинҳонӣ амалиёт мебарад. Зимнан, бозпурсии дастгиршудагон аз ҷониби кормандони ҳифзи тартиботи дохилии кишварҳои ОҶШ нишон медиҳад, ки аъзоёни фармондеҳии марказӣ ва қумондонҳои қисмҳо нисбати роҳбари ташкилот салоҳияту ҳуқуқҳои бештар доранд. Дар мавриди қабули қарорҳои бурдани амалиётҳои тактикӣ ва стратегӣ қумондонҳои тамоми сатҳҳо ба дараҷабандии расмӣ маҳдуд нашуда, аз рӯи шароит метавонанд худашон қарори дахлдор қабул кунанд ё амалиётро бе алоқа бо роҳбарияти марказ мустақилона гузаронанд.

Қисми зарбазанандаи ташкилоти террористии «Ҷамоаи исломия» отряди махсуси «Лашкари Кос» мебошад. Дар бораи мавҷудияти он танҳо августи соли 2003 дар инфиҷори меҳмонхонаи «Мариот»-и Ҷакарта, ҳангоме ки ҷанговари инфиҷорӣ худро тарконд, маълумот пайдо карданд. Ин ҷузъи ташкилот бениҳоят махфӣ аст. Аз рӯи маълумотҳои пароканда ба ҳайати он дигар намуди ҷанговарони маргталаб низ дохил мешаванд. Истихдоми чунин ҷанговарон ба салоҳияти қумондонҳои махсуси санҷида, ки дар Афғонистон омӯзиш дидаанд, гузошта мешавад. Навдаъватшудагон асосан аз ноҳияҳои мавриди низоъу муноқишаҳо қарор додашуда гирифта мешаванд, чунки ҷангҳои доимӣ ба тарзи ҳаёт ва назароти онҳо таъсири сахт гузоштааст. Бисёрии онҳо аз хешу ақрабо ва наздикони худ дар натиҷаи амалиётҳои ҷангӣ ё бархӯрдҳои мазҳабӣ маҳрум шудаанд ва барои интиқом ситондан аз душман омодаанд. Пеш аз амалиётҳои террористӣ онҳоро ба мактабҳои махсус мефиристанд ва дар давоми ду моҳ онҳо таълим мегиранд. Зимнан, на ҳар як номзади интихобшуда ба имтиҳони сахт мувоҷеҳ мешавад. Дар нақши террористи худкуш ё ҷавонони мутаассиб, ё ба синни балоғатрасидагони ташнаи интиқом ва тарбиягирифта баргузида мешаванд, ки барои такмили далоили хеш ба тайёрии кам эҳтиёҷ доранд. Ба

воситаи таълимоти равонии махсус, аз ҷумла воситаҳои наркотикӣ ва психотропӣ дар ин одамон ҳисси интиқому нафрат ба бераҳмиҳои содир намудаи душманон зиёд карда мешавад. Ба онҳо талқин карда мешавад, ки дар пуштибонии душманон «кофирон» пинҳон шуда, орзуи нест кардани мусулмононро доранд ё режими мавҷуда аз ҷониби кофирон идора мешавад. Дар чунин шароите, ки бар зидди Ислом дар миқёси ҷаҳон ҷанги тоталӣ бурда мешавад, тамоми кор мувофиқи ақидаи ин устодон раво аст. Ин таблиғоти оддӣ дар шароитҳои воқеии муборизаи пинҳонӣ натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад. Ҳамон тавре ки бозпурсии ҷанговарони «Ҷамоаи исломия» нишон медиҳанд, аксари онҳо худро муборизони зидди шарру бадӣ ҳисобида, ба Ғарб имкон доданӣ нестанд, ки уммати мусулмонро кушта, кишварҳои мусулмоннишинро ба мустамликаҳои нав табдил диҳанд. Дар ҷодаи ҷанги террористӣ бо амри дил иқдом намуда, аксари онҳо иброз медоранд, ки дар ин ҷиҳоди муқаддас дар орзуи шаҳодатанд [2].

Эътирофи ин нукта ҷоиз аст, ки стереотипи таркиби иҷтимоии гурӯҳҳои террористии анъанавӣ, ки гӯё аъзоёни он аз табақаи нодору бенаво бошанд, қобили қабул нест. Он гунае ки ҳуҷҷатҳои политсияи Индонезия шаҳодат медиҳанд, намояндагони табақаҳои поёнӣ дар ташкилотҳои террористӣ зиёданд. Аммо иттиҳоди исломиҳои радикал ихтилотеро дар бар мегирад, ки дар он одамони қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ дар зери идеологияи ягона бо ҳам муттаҳид шудаанд. Одамони таълимоти хоса дошта маъмулан ашхосеанд, ки мутаассибии мазҳабии онҳо то ба ҳадди азхудгузаштагии комил расидааст. Дар ин хусус, қисман таҳлилҳои мақоми иҷтимоии террористони худкуш, ки зери парчами «Ал-Қоида» табоҳкорӣ кардаанд, шаҳодат медиҳанд. Дар бисёр маврид ин ашхос одамони соҳиби маълумоти олӣ, донандаи забонҳои хориҷӣ ва бо фарҳанги ғарб ошно мебошанд.

Таъкид кардани ин нуқта ҷоиз аст, ки роҳбарияти «Ҷамоаи исломия», мувофиқи ҳуҷҷатҳои мавҷудаи политсия, асосан аз соҳибмаълумотҳои табақаи миёнаи аҳолианд, ки дар байни табақаҳои аҳолии камбағал дар интихобот дастгирии лозима наёфтаанд. Рушди авзои сиёсӣ дар Индонезия гувоҳи он аст, ки радикалҳои исломӣ имконияти ҷиддии муваффақияти электоралӣ надоранд. Чи хеле ки қайд карда будем, онҳо заминаи иҷтимоӣ низ надоранд. Дар ин росто шарқшиноси рус Г.И. Чуфрин чунин мегӯяд: «Талаботи бунёди давлати исломӣ, ки аз доираҳои мусулмонони муътақид маншаъ мегирад, аз ҷониби аҳолӣ пуштибонии кофӣ намеёбад ва ҳизбҳои исломӣ, ки ҳамеша дорои неруи бузурганд, то ҳол имкон наёфтаанд, ки тамоюли ҷамъият ва рафти ҳодисаҳоро дар Индонезия ба манфиати хеш равона намоянд [13, с. 35].

Фаъолии экстремистҳоро сатҳи пасти пуштибонии иҷтимоӣ поин намебарад, чунки онҳо нисбат ба душманонашон устуворӣ ва иттиҳоди мустаҳкамтар доранд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки ба мусулмонони оддӣ ва ташкилотҳои миллӣ ва исломии мустақил, ки тамоюли радикалӣ доранд, таъсиру нуфуз дошта бошанд. Намояндагони ин ташкилотҳо аксаран дар лагерҳои «Ҷамоаи исломия» таълим гирифтаанд. Фаъолияти якҷоя на танҳо дар ягонагии идеологӣ ва шароитҳои ягонаи тайёр намудани ҷанговарон, инчунин дар асоси робитаи хешу таборӣ низ асос ёфтааст. Маҳз аз ҳамин сабаб гурӯҳҳои исломӣ системаи мураккаберо мемонанд, ки бо муносибатҳои хешу таборӣ, аъзоёни оила ҷалб гардида, онҳоро шабеҳи як қабилаи бузург кардааст [4].

Мувофиқи гуфтаҳои мутахассисон доир ба ташкилотҳои террористии ОҶШ, ҳангоми баҳо додан ба фаъолияти «Ҷамоаи исломия» ба нақши занҳо дар ташкилотҳои террористии ОҶШ баҳои сазовор дода намешавад, ҳол он ки занҳо дар конгломерати ин ташкилотҳо нақши пайвасткунандаро мебозанд. Дар бисёр ҳолатҳо роҳбарони қисмҳои болоии «Ҷамоаи исломия» робитаро тавассути муносибатҳои хешовандӣ ба роҳ монда, дар ин кор хоҳарон ва дигар акрабони хешро истифода мебаранд.

Ба ғайр аз хешу акрабони худ пешвоёни «Ҷамоаи исломия» ба амалиётҳои террористӣ ғоратгарону ҷиноятқорони ашаддиро низ ба кор мегиранд. Махсусан ин кор дар ҷазираҳои Молук дар Амбон ва дар Сулавеси, ки дар он ҷо ихтилофоти мазҳабӣ ва этникӣ шиддатнок буда, дар шароити ҷанги шаҳрвандии дарозмуддат одамоне ёфт мешаванд, ки худро ба бераҳмӣ, ғоратгарӣ ва қатли одамон доғдору табоҳ кардаанд. Аз ҷониби ҳукуматдорон онҳоро зиндону ҷазои сахт таҳдид мекунад ва дар чунин вазъият онҳо ба чизи дигаре умедвор нестанд. Истифодаи унсурҳои ҷиноятқориро ҷангҷӯёни «Ҷамоаи исломия», бешубҳа аз «Ал-Қоида» омӯхтаанд, ки ин ташкилот аз ин унсурҳо дар муборизааш бар зидди артиши Амрико ва ҳукумати дастнишондааш дар Ироқ ва дигар кишварҳо истифода бурдаанд.

Дар баробари унсурҳои ҷиноӣ «Ҷомоаи исломия» дар муборизаи хеш гурӯҳҳои низомии исломии тундгароро ба амалиёт сафарбар менамоянд ва инҳо гурӯҳҳоеро мемонанд, ки дар онҳо аз хусусиятҳои бандаҳои ҷиноӣ ва шӯришгарон сифатҳое дида мешавад ва онҳо фаъолияти сиёсиро бо дуздию ғоратгарӣ ва таҳдиднамоӣ омезишш медиҳанд. Қувваҳои мусаллаҳи Индонезия дар замонаш гурӯҳҳои террористии исломиро таълим ва маблағ дода, дар баъзе амалиётҳои нимҳарбӣ истифода менамуданд. Масалан, гурӯҳи ҳарбии «Сарбозони муҷоҳид» сарбозонашро аз мардони бекори шаҳрҳо ҷамъоварӣ карда, ба оилаҳояшон ҳангоми хизмат моҳона дода мешуд. Ин бандаҳо ҳангоми кушторӣ оммавии коммунистҳо дар солҳои 1965-1966 ва ба муқобили озодихоҳони Тимори Шимолӣ дар солҳои 1990-ум истифода бурда шудаанд.

Фаъолияти «Ҷамоаи исломия» аз қаламрави Индонезия берун ҳам меравад. Соли 1995 Абдулло Сунҳор урдугоҳи тайёр намудани ҷанговаронро аз Афғонистон ба ҷануби Филиппин, ба ноҳияҳое, ки

таҳти назорати ҷанговарони Фронти озодихоҳи исломии Моро (Moro Islamic Liberation Front) буданд наздик ба минтақаи амалиёт меоварад. Зоҳиран, онҳоро орзуи бунёди хилофат ба ин иқдом водор намуда буд. Ғайр аз ин, дар Индонезия пойгоҳҳояшон ҳамеша дар зери хавфи нобуд шудан буданд. Дар соли 1995 ҳукумати душмани ашаддии мусулмонони ифротӣ генерал Суҳарто, ки ҳамеша бо онҳо дар мубориза буд поён пазируфт.

Баъди суқути ин режим урдугоҳи нави «Ҷамоаи исломия» дар заминаи пойгоҳи амалкунанда дар ҷануби Филиппин (дар ҷазираи Минданао) ба пойгоҳи Фронти озодихоҳи исломии Моро кӯчонида шуд. Ҳамкории ҷанговарони филиппинӣ ва индонезӣ ба туфайли ба «Ҷамоаи исломия» пайвастани роҳбари мусулмонони ҷудоихоҳи Моро - Саломат Қосим ба вуқуъ пайваст ва Фронти озодихоҳи исломии Моро амалан як шуъбаи «Ҷамоаи исломия» гардид. Мувофиқи маълумоти политсияи Филиппин, чи хеле ки дар боло зикр карда будем, дар солҳои охир беш аз 30 нафар аъзоёни «Ҷамоаи исломия» дар Филиппин ҳамеша ба корҳои инфиҷорӣ машғул буданд ва онҳо дар ин ҷо бо қуввахои зиддиҳукуматӣ, пеш аз ҳама бо гурӯҳи террористии «Абусайёф», ки барои ҷудоии ноҳияҳои ҷанубии Минданао аз Филиппин мубориза мебурд, алоқаи зич барқарор менамоянд. Назарияпардозони «Ҷамоаи исломия» дар байни шӯришгарон оиди ҳамроҳ намудани ҷануби Филиппин ба «хилофати исломии нав» корҳои ташкилӣ ва таблиғотӣ мебаранд. Маълумотҳое ба даст омадаанд, ки дар бисёр амалиётҳои террористии солҳои охир дар Филиппин «Ҷамоаи исломия» ширкат намудааст [11].

Масъалаи иртиботи «Ҷамоаи исломия» бо «Ал-Қоида» яке аз масъалаҳои мубрами рӯз аст. Солҳои зиёд дар байни муҳаққиқон ақидае роиҷ буд, ки «Ҷамоаи исломия» шуъбаи «Ал-Қоида» ё як қисмати он буда, аз ҷониби Бин Лодан роҳбарӣ мешавад. Рушди ҳодисаҳо дар солҳои охир аз дигар шакли иттиҳоди онҳо гувоҳӣ медиҳанд. «Ҷамоаи исломия» бо «Ал-Қоида» бисёр хусусиятҳои муштарак дорад, ки онҳоро бо ҳам наздик кардааст, аз ҷумла идеологияи «ҷиҳод» ва ҳамкории дурударози роҳбарияти онҳо дар Афғонистон. Роҳбарони «Ҷамоаи исломия» бо Бин Лодан эҳтироми хоса дошта, тамоми аҳкомоташро риоя менамоянд. Масалан, онҳо изҳор доштаанд, ки пурра ҷонибдори фатвои соли 1998 дар бораи ҷиҳоди саросарии ҷаҳонӣ ба муқобили кофирон мебошанд. Барои ин ва дигар корҳояшон онҳо ҳамеша аз ҷониби «Ал-Қоида» дастгирии бевоситаи молӣ меёбанд [4]. Намунаи ҳамкории ин ду ташкилот изҳороти Абубакр Башир аст: «Ман мутааллиқ ба «Ал-Қоида» нестам, лекин ба муборизаи Усома бин Лодан эҳтироми беандоза дорам, чунки ӯ шарафу номуси мусулмонони тамоми ҷаҳонро боло мебарад» [6].

Ин чиз ҷолиби диққат аст, ки фаъолиятҳои террористӣ дар ОҶШ ва роҳбарони он дар зери нуфузи Ал-Қоида ва «Маҷлиси шӯро»-и он мебошанд. «Маҷлиси шӯро» манбаъ ва сарчашмаи асосии воситаҳои пулию молӣ мебошад. Дар бораи қудрату нуфузи «Ал-Қоида» дар ОҶШ ҳамин гувоҳ басанда аст, ки бо даъвати он якчанд гурӯҳҳои террористӣ манфиатҳои маҳдуди миллию мазҳабияшонро як сӯ гузошта, дар иттиҳоди «Anti-American Terrorist Soldiers» муттаҳид шудаанд, то ки ба муқобили ИМА дар Афғонистон мубориза баранд. Маҳз робитаю муносибати террористони ОҶШ бо «Ал- Қоида» ба онҳо имкон медиҳад, ки худро як ҷузъи ҷабҳае эҳсос кунанд, ки «муборизаи таърихӣ» мебаранд ва мақсаду дурнамояшон дар оянда густариши сарҳадҳои нуфузи Ислом дар ҷаҳон мебошад. Дар навбати худ, «Ал-Қоида» гурӯҳҳои Абусайёф, Фронти исломии озодибахши Моро дар Филиппин ва шуъбаҳои «Ҷамоаи исломия»-ро дар Индонезия ва дигар кишварҳои ОҶШ бо яроқу аслиҳа таъмин менамояд [3, с. 48].

Роҷеъ ба он ки тундгароёни исломии минтақа дар фаъолияти хеш беш аз пеш бо шабакаҳои террористии байналхалқӣ алоқаманд мешаванд ва дар муборизаҳояшон усулҳои такмилёфтаро истифода мебаранд, барҳӯрдашон дар ОҶШ ба ҳодисаҳои Сурия, Ироқ ва Афғонистон гувоҳ буда метавонад. Пешвоёни мусулмонони ростгарои Малайзия дар рӯзи аввали амалиётҳои ҷангӣ мусулмонони тамоми ҷаҳонро ба ҷиҳод алайҳи ИМА ва Британияи Кабир даъват намудаанд, ки бешубҳа дар ин кор нақши созмони террористии Ал-Қоида бузург аст.

Робита бо «Ал-Қоида» фаъолияти гурӯҳҳои «Ҷамоаи исломия»-ро нисбат ба дигар гурӯҳҳо хавфноктар мекунад, зеро амалиётҳои низомиаш ба корпоратсияҳои ҷиноии байналмилалӣ, ки шаклҳои муборизаи мусаллаҳонаро истифода мебаранд, бештар наздикӣ дорад. Ба ин кор инчунин реҷаи рафтуо ба Малайзия мусоидат менамояд, масалан, барои шаҳрвандони кишварҳои исломӣ раводид талаб карда намешавад, дар Филиппин назорати муҳоҷират дар сатҳи паст қарор дорад. Таиланд қонуни аввалини «шустани пулҳои чиркин»-ро танҳо дар соли 1999, Филиппин бошад дар соли 2001, Индонезия бошад дар соли 2004 бо дастгирии Бонки рушди Осиё оғоз намудаанд.

Дар айни замон, имрӯз ақидае ҳам вуҷуд дорад, ки «Ҷамоаи исломия» тобеи «Ал-Қоида» набуда, худ вазифаҳои стратегии муайян дошта, дар қабули қарорҳо мустақил ва воситаҳои молии хешро дорост. Чи хеле ки рӯзномаи англисии «Таймс» хабар медиҳад, саркардаҳои «Ҷамоаи исломия», мустақилияти хешро таъкид карда, эътироф кардаанд, ки ташкилоташон аввалин амалиётҳояшро 50 сол муқаддам - дар он ҳангом, ки ҷаҳон номи Бин Лоданро нашунида буд, ба амал овардаанд. Онҳо, инчунин эътироф мекунанд, ки «Ал-Қоида» корҳои онҳоро дар созмони гурӯҳҳои террористӣ нусхабардорӣ карда, таҷрибаи собиқадорони «Ҷамоаи исломия»- ро, ки дар муборизаи зидди таҷовузи шӯравӣ дар Афғонистон истифода мебурд истифода намудаанд [7].

Зарурате ба миён меояд, ки ба мавҷудият ва муборизаи «Ҷамоаи исломия» нигоҳи дигар дошта бошем. Ҳақиқатан, ин ташкилот дар «рӯйхати сиёҳи» расмии СММ ҳамчун «созмони террористӣ» қайд шудааст. Бар замми ин, Гурӯҳи бухронии байналмилалӣ (International Crisis Group), ки ба номи «Ҷамоаи исломия» парвандаи махсусе таҳия намудааст ва муҳтавояшро қисман дар боло овардем, ташкилоти боэътиборе мебошад, ки ба он пешвоёни сиёсии як қатор давлатҳо, аз ҷумла президентҳо, роҳбарони ҳукумат ва вазирони корҳои хориҷӣ дохил мебошанд.

Ба ҳар ҳол дар Индонезия, дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва дар тамоми арсаи байналмилалӣ, зоҳиран саволи риторикие садо медиҳад; «Ҷамоаи исломия» ба манфиати кӣ кор мекунад? Ба таври дигар гӯем, оё фақат муборизаи барои «Исломи ноб», ҳуқуқи шаръӣ ва хилофати ҷаҳонӣ илҳомбахши фаъолиятҳои террористии онҳост? Оё онҳо бо амалу кирдорҳое, ки дар боло зикр кардем, мақсадҳои дигаре низ доранд? Охир, аён аст, ки ба ҳабскуниҳо, эътирофот ва ҷараёнҳои судии овозадор нигоҳ накарда, то ҳол риштаҳо, фишангҳо ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаи шабакаҳои террористии ОҶШ дар паси пардаҳо ноаён мондаанд. Ҳамин чиз низ хоси онҳост, ки террористони ба гуноҳ муттаҳамшуда дар суд беҳаёна ва густохона рафтор намуда, суханони таҳқиромез мегӯянд ва хотираи қурбониёни амалиётҳояшонро таҳқир мекунанд. Бунёдгузор ва яке аз пешвоёни асосии «Ҷамоаи исломия», ки дар ин ҷо бисёр зикраш намудем, Абубакр Башир дар баёноташ, ба далелҳои муътамад нигоҳ накарда, ҳатто изҳор медорад, ки мавҷудияти «Ҷамоаи исломия» як фасона асту халос.

